ISSN 2414 9217

https://www.gospravacheloveka.tnu.tj

ДАВЛАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН

Маҷаллаи илмӣ

ГОСУДАРСТВОВЕДЕНИЕ И ПРАВА ЧЕЛОВЕКА

Научный журнал

№4 (40)
2025

ДАВЛАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН
Маҷаллаи илмӣ

№ 4 (40)
2025

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 372/МҶ-97 аз 12 августи соли 2024 ба қайд гирифта шудааст.

Маҷалла ба Феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст.

Маҷалла соли 2016 таъсис дода шуда, дар як сол чор маротиба чоп мегардад.

Муассис: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ

Сармуҳаррир: **Азиззода У.А. – д. и. ҳ., профессор**
Муовини сармуҳаррир: **Диноршоҳ А.М. – д. и. ҳ., профессор**
Котиби масъул: **Мирализода И.Қ. – д. и. ҳ., профессор**

Ҳайати таҳририя:

Насриддинзода Э.С.	**д. и. ҳ., профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**
Маҳмудзода М.А.	**д. и. ҳ., профессор, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**
Ализода З.М.	**д. и. ҳ., профессор**
Зоир Ҷ.М.	**д. и. ҳ., профессор**
Шарипов Т.Ш.	**д. и. ҳ., профессор**
Сафарзода А.И.	**д. и. ҳ., профессор**
Шарофзода Р.Ш.	**д. и. ҳ., профессор**
Ғаюрзода Ш.К.	**д. и. ҳ., профессор**
Сафарзода Б.А.	**д. и. ҳ., профессор**
Раҳмон Д.С.	**д. и. ҳ., профессор**
Искандаров З.Ҳ.	**д. и. ҳ., профессор**
Мирзозода П.З.	**д. и. ҳ., профессор**
Камолзода И.И.	**д. и. ҳ., дотсент**
Маҳмудов И.Т.	**н. и. ҳ., дотсент**
Сулаймонов Ф.С.	**н. и. ҳ., дотсент**
Сулаймонзода М.С.	**н. и. ҳ., дотсент**
Қодиров Н.А.	**н. и. ҳ., дотсент**

Муҳаррирони илмӣ ва мусаҳҳеҳон:
Саъдизода Ҷ., Шоев Ф.М., Азимзода С.Ш., Бобозода У.Э.

ISSN 2414 9217

ГОСУДАРСТВОВЕДЕНИЕ И ПРАВА ЧЕЛОВЕКА
Научный журнал

№ 4 (40)
2025

Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан за № 372/МЧ-97 от 12 августа 2024 года.

Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан.

Журнал учреждён в 2016 года, публикуется 4 раза в год.

Учредитель: Таджикский национальный университет, юридический факультет

Главный редактор: **Азиззода У.А. – д. ю. н., профессор**
Заместитель главного редактора: **Диноршох А.М. – д. ю. н., профессор**
Ответственный секретарь: **Мирализода И.К. – д. ю. н., профессор**

Члены редколлегии:

Насриддинзода Э.С.	**д. ю. н., профессор, член-корреспондент Национальной Академии наук Таджикистана**
Махмудзода М.А.	**д. ю. н., профессор, академик Национальной Академии наук Таджикистана**
Ализода З.М.	**д. ю. н., профессор**
Зоир Дж.М.	**д. ю. н., профессор**
Шарипов Т.Ш.	**д. ю. н., профессор**
Сафарзода А.И.	**д. ю. н., профессор**
Шарофзода Р.Ш.	**д. ю. н., профессор**
Гаюрзода Ш.К.	**д. ю. н., профессор**
Сафарзода Б.А.	**д. ю. н., профессор**
Рахмон Д.С.	**д. ю. н., профессор**
Искандаров З.Х.	**д. ю. н., профессор**
Мирзозода П.З.	**д. ю. н., профессор**
Камолзода И.И.	**д. ю. н., доцент**
Махмудов И.Т.	**к. ю. н., доцент**
Сулаймонов Ф.С.	**к. ю. н., доцент**
Сулаймонзода М.С.	**к. ю. н., доцент**
Кодиров Н.А.	**к. ю. н., доцент**

Научное редактирование и корректура:
Саъдизода Дж., Шоев Ф.М., Азимзода С.Ш., Бобозода У.Э.

ISSN 2414 9217

МУНДАРИҶА – СОДЕРЖАНИЕ

НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТ ДАР БОРАИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ (ИХТИСОС: 5.5.1) – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.5.1)

Холиқзода А.Ғ., Миралиева И.Қ., Холиқов Н.А.	Сиёсисозии дин зарар ба асолати эътиқод ва анъанаи давлатдорӣ: тахлили таърихӣ-ҳуқуқӣ	**6**
Азиззода У.А., Шодизода Н.М.	Мафҳум ва махсусиятҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ	**25**
Шарифзода Ф.Ш., Одиназода Ш.Х.	Заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқии таҳия ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон	**39**
Майнусов Д.Ф.	Тақвияти меҳнатпарастӣ дар партави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон», муборизаи мардум бар зидди бедодгарӣ ва инъикоси ин масъалаҳо дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ	**47**
Холиқзода А.Ғ.	Сохтори таркибии Конститутсияи (Қонуни асосии) ҶМШС Тоҷикистон (28уми апрели соли 1929)	**59**
Аҳадзода А.А.	Ҷарима ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ ва масъалаҳои дурнамои такмили он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	**68**
Иброҳимзода Ш.Ҳ.	Нигоҳи ҳуқуқӣ ба мафҳуми «истеъмолкунанда»	**85**
Пирова Г.С.	Рақамикунонии тарбияи ҳуқуқӣ: таҷрибаи миллӣ ва хориҷӣ	**91**
Бодамазода Н.П.	Фаъолияти адвокатӣ чун шакли расонидани ёрии ҳуқуқӣ: пажӯҳиши назариявӣ	**102**

ҲУҚУҚИ МАДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ (ИХТИСОС: 5.5.3) – ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.5.3)

Мавлоназарзода О.А.	Правовые основы социальной рекламы в Республике Таджикистан	**111**
Хоҷаева Р.М.	Бастани шартномаҳо оид ба баҳодиҳии молу мулк	**117**
Одиназода У.С.	Масъалаҳои коллизионӣ-ҳуқуқии иштироки шахсони воқеӣ дар муносибатҳои меросӣ	**128**
Кодирзода С.С.	Развитие информационных посредников в сфере права зарубежных стран	**138**

ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 5.5.8) – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.5.8)

Шарипов Т.Ш., Юсуфзода Ф.А.	Ҷанбаҳои назариявӣ ва амалиявии барҳам хурдани доғи судӣ	**144**
Раҳмонзода М.Ҷ., Исматов Р.А.	Таърихи ташаккули сохтакории пул ва коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) дар Тоҷикистон ва муқоисаи ҷавобгарии ҷиноятӣ бо қонунгузории хориҷӣ	**153**
Исмоилзода Р.И.	Моликият ҳамчун объекти қаллобӣ	**162**
Гулзода Н.А.	Мафҳуми сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Тоҷикистон: ҷанбаҳои назариявӣ-методологии он	**174**
Раҳимзода З.И.	Механизмҳои миллии ҳамкории Ҷумҳурии	**187**

	Тоҷикистон дар самти мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир	
Каримзода Д.	Мафҳуми ҳуқуқии ҷиноятии ретсидиви ҷиноят	**199**
Назарзода А.А.	Принсипҳои таъини ҷазо	**211**

ҲУҚУҚИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 5.5.9) – УГОЛОВНО-ПРОЦЕССУАЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.5.9)

Абдуллозода П.А., Ҷалолов Х.Ғ.	Проблемаҳои татбиқи чораҳои пешгирӣ ҳангоми истирдод	**223**
Маҳмудов И.Т.	Нақши прокурор дар самти ҳимояи давлатии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар мурофиаи ҷиноятӣ	**237**
Охунова Н.Ш.	Баъзе аз махсусиятҳои оғози парвандаи ҷиноятӣ нисбати шаҳрвандони хориҷӣ	**245**
Зиёвадинов И.И.	Қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ бидуни асосҳои офиятнамоӣ: мушкилот ва дурнамо	**256**

ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ; ҲУҚУҚИ АВРУПО (5.5.10) – МЕЖДУНАРОДНОЕ ПРАВО; ЕВРОПЕЙСКОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.5.10)

Идизода Ф.Ф.	Асосҳои ҳуқуқии дипломатияи парламентии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон	**268**

КРИМИНАЛИСТИКА; ФАЪОЛИЯТИ СУДӢ-ЭКСПЕРТӢ; ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ (ИХТИСОСИ ИЛМӢ: 5.5.12) — КРИМИНАЛИСТИКА; СУДЕБНО-ЭКСПЕРТНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ; ОПЕРАТИВНО-РОЗЫСКНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ (НАУЧНАЯ СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.5.12)

Раҳмон С.С.	Масоили истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ	**283**
Муслиҳиддинзода М.М.	Хусусиятҳои экспертизаи муаллифшиносӣ ва истифодаи он дар тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ	**293**

ҲУҚУҚИ МАЪМУРӢ; МУРОФИАИ МАЪМУРӢ (ИХТИСОС: 5.5.14) – АДМИНИСТРАТИВНОЕ ПРАВО; АДМИНИСТРАТИВНЫЙ ПРОЦЕСС (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.5.14)

Соибов З.М., Намозов М.З.	Мазмун ва табиати идоракунии давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ	**301**

ТАҚРИЗҲО – РЕЦЕНЗИИ

Шарофзода Р.Ш.	Тақриз ба китоби Холиқзода А.Ғ. «Давлати миллии демократӣ: андешаҳо доир ба табиати давлати миллии демократӣ» (Китоби 1. – Душанбе, 2025. – 428 с.; Китоби 2. – Душанбе, 2025. – 448 с.)	**312**

Талабот ба мақолаҳое, ки барои нашр дар маҷаллаи «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» пешниҳод мешаванд **318**

Требования, предъявляемые к статьям для опубликования в журнале «Государствоведение и права человека» **319**

НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТ ДАР БОРАИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ (ИХТИСОС: 5.5.1) – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.5.1)

СИЁСИСОЗИИ ДИН ЗАРАР БА АСОЛАТИ ЭЪТИҚОД ВА АНЪАНАИ ДАВЛАТДОРӢ: ТАҲЛИЛИ ТАЪРИХӢ-ҲУҚУҚӢ

Холиқзода Абдураҳим Ғафор,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ.
Тел.: (+992) 93-802-05-68
E-mail: halim2006@yandex.ru

Мирализода Исфандиёр Қарахон,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.
Тел.: (+992) 908-48-38-69
E-mail: isfand_1986@mail.ru

Холиқов Нурмуҳаммад Абдураҳимович,
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, мудири кафедраи ҳуқуқ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.
Тел.: (+992) 903-08-10-81
E-mail: msu_4ever@inbox.ru

Фишурда. Мақолаи мазкур ба таҳлили таърихӣ-ҳуқуқии раванди сиёсисозии дин ва таъсири манфии он ба асолати эътиқод ва анъанаҳои давлатдорӣ бахшида шудааст. Дар таҳқиқот моҳияти дин ҳамчун падидаи маънавӣ ва ахлоқӣ баррасӣ гардида, нишон дода мешавад, ки чӣ гуна истифодаи дин ҳамчун абзори сиёсӣ боиси таҳрифи арзишҳои аслии эътиқодӣ, коҳиши таҳаммулпазирӣ ва халалдор шудани низоми давлатдории дунявӣ мегардад. Муаллифон бо такя ба мисолҳои таърихӣ ва таҷрибаи ҳуқуқии давлатҳои гуногун равандҳои сиёсисозии дин, оқибатҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ҳуқуқии онро таҳлил менамоянд. Ҳамзамон, дар мақола зарурати ҷудо нигоҳ доштани дин аз сиёсат ҳамчун омили муҳимми

таъмини суботи ҷомеа, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ асоснок карда мешавад.

Калидвожаҳо: Сиёсат, дин, сиёсисозии дин, эътиқод, анъана, анъанаи давлатдорӣ, таҳлили таърихӣ-ҳуқуқӣ.

ПОЛИТИЗАЦИЯ РЕЛИГИИ КАК УГРОЗА СУЩНОСТИ ВЕРОИСПОВЕДАНИЯ И ТРАДИЦИЯМ ГОСУДАРСТВЕННОСТИ: ИСТОРИКО-ПРАВОВОЙ АНАЛИЗ

Холикзода Абдурахим Гафор,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, профессор кафедры прав человека и сравнительного правоведения, доктор юридических наук
Тел.: (+992) 93-802-05-68
E-mail: halim2006@yandex.ru

Мирализода Исфандийёр Карахон,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, заведующий кафедрой прав человека и сравнительного правоведения, доктор юридических наук, профессор.
Тел.: (+992) 908-48-38-69
E-mail: isfand_1986@mail.ru

Холиков Нурмухаммад Абдурахимович,
Таджикский международный университет туризма и предпринимательства, заведующий кафедрой права, кандидат юридических наук.
Тел.: (+992) 903-08-10-81
E-mail: msu_4ever@inbox.ru

Аннотация. Настоящая статья посвящена историко-правовому анализу процесса политизации религии и её негативного воздействия на подлинную сущность веры и традиции государственности. В исследовании рассматривается природа религии как духовно-нравственного феномена и показано, каким образом использование религии в качестве политического инструмента приводит к искажению базовых религиозных ценностей, снижению уровня толерантности и нарушению принципов светского государственного устройства. Авторы, опираясь на исторические примеры и правовой опыт различных государств, анализируют процессы политизации религии, а также их социально-политические и правовые

последствия. В статье также обосновывается необходимость отделения религии от политики как важнейшего фактора обеспечения общественной стабильности, сохранения национальных ценностей и укрепления основ национальной государственности.

Ключевые слова: Политика, религия, политизация религии, вера, традиция, традиции государственности, историко-правовой анализ.

POLITICIZATION OF RELIGION AS A THREAT TO THE ESSENCE OF FAITH AND THE TRADITIONS OF STATEHOOD: A HISTORICAL AND LEGAL ANALYSIS

Kholiqzoda Abdurahim Ghafor,
Tajik national university, faculty of law, professor of the department of human rights and comparative law, doctor of legal sciences
Phone.: (+992) 93-802-05-68
E-mail: halim2006@yandex.ru

Miralizoda Isfandiyor Qarakhon,
Tajik national university, faculty of law, head of the department of human rights and comparative law, doctor of legal sciences, professor.
Phone.: (+992) 908-48-38-69
E-mail: isfand_1986@mail.ru

Kholiqov Nurmuhammad Abdurahimovich,
International university of tourism and entrepreneurship of Tajikistan, head of the department of law, candidate of legal sciences.
Phone.: (+992) 903-08-10-81
E-mail: msu_4ever@inbox.ru

Annotation. This article is devoted to a historical and legal analysis of the process of politicization of religion and its negative impact on the authentic essence of faith and the traditions of statehood. The study examines the nature of religion as a spiritual and moral phenomenon and demonstrates how the use of religion as a political instrument leads to the distortion of fundamental religious values, a decline in tolerance, and the disruption of the secular system of governance. Relying on historical examples and the legal experience of various states, the authors analyze the processes of politicization of religion as well as their socio-political and legal consequences. The article also substantiates the necessity of separating religion from politics as an important factor in

ensuring social stability, preserving national values, and strengthening the foundations of national statehood.

Keywords: Politics, religion, politicization of religion, faith, tradition, traditions of statehood, historical and legal analysis.

1. Ислом дин аст на сиёсат.

Воқеияти гузашта ва рӯзгори ташаккули дини ислом шаҳодат бар он дорад, ки ислом дар умқи пайдоишаш нахуст сиёсӣ набуд. Нахуст хондан ва сипас имон ба Худовандро таблиғ намуд. Паёмбари гиромӣ аз ибтидо танҳо рисолати даъвати мардум ба роҳи рост ва шинохти Ҳақ намуданд. Кулли оятҳои маккӣ гувоҳи ин гуфтаҳост. Тасаввур кунем, ки агар ҷоҳилони Макка ба муқобили ақида ва даъвати паёмбари ислом намебаромаданд, ӯро аз Макка намеронданд, саҳобаҳо иҷборӣ тарки зодгоҳашон наменамуданд, ба ҳаёти паёмбар ва пайравонаш хатар намеовардand, магар зарурати ҷангу ҷидолҳо ва сиёсишавии ислом пайдо мешуд? Оё зарурати муборизаи сиёсӣ ва хунрезиҳо ба миён меомад? Оё касе дар замони Паёмбар исломро қабул мекард ё намекард, ӯро ҷазо медоданд? «Ло икроҳа фи-д-динӣ» ба чӣ ҳикмат фиристода шуд? Албатта, саволҳо зиёданд, ки ақл, виҷдон ва имони ҳар муъмину ватандӯстро, дар шароите, ки арзишҳои эътиқодӣ ва миллиашонро мухолифи ҳам дарк мекунанд, ором намегузоранд.

Гузашта аз он, ҳатто баъд аз оне, ки паёмбари ислом чанд муддат ба ташкили қушуну идораи давлату дин дар якҷоягӣ рисолати паёмбариашро анҷом дод, ҳукму рафторҳои он кас дар масъалаҳои диниву дунявӣ вижагиҳои худро касб кард. Аз ҷумла, дар масъалаҳои ибодатӣ ва ақидатӣ ҳукми эшон қудрати ҳатмигиро ҳамеша доро буд, вале дар масъалаҳои умури дунёӣ вобаста ба шароиту таҷриба ба ҳукми анъана медаромад ё не. Масъалаи бордоркунонии сунъии дарахтонро дар Мадина ба ёд орем.

Иддае аз муҳаққиқони даврони исломи классикӣ андеша доранд, ки ҳатто дар замони солҳои аввали густариши ислом, паёмбари ислом дастуру супоришҳое дода буд, ки ҷудоии умури дунёиро аз корҳои динӣ масъалагузорӣ мекард. Академик Олимов К. аз муҳаққиқи араб Ҷурҷӣ Зайдон матне меоранд: «Вале аз соли ҳаштуми ҳичрӣ ҳазрати Расул мақоми динӣ ва сиёсиро аз ҳам ҷудо сохт ва Абу Зайди Ансорӣ ва Амр ибни Осро маъмури таблиғ намуда фармуд: Биравед мардумро ба ислом даъват кунед ва ҳамин, ки қавме ислом овард, Амр ибни Ос фармондори онон бошад, ва Абу Зайд имоми ҷамоат бишавад ва мардумро одоби дин ва Қуръон биомӯзад»[1].

Тарзе мебинем ибтидои масъалаи назарӣ ва амалии ҷудо намудани идораи дунявӣ ва динӣ дар ин амри паёмбари ислом дида мешавад. Инчунин ҳадиси машҳури дигаре ҳам ҳаст, ки паёмбари ислом баъди тақрибан чанд сол пас аз ҳаёти худашон, аз оғоз шудани даврони нав – даврони идораи подшоҳӣ, яъне давлатҳои табиати дунявӣ дошта, ёдрас

[1] Олимов К. Мулоҳизаҳо пиромуни баҳси дунявӣ ва динӣ. Ниг.: Олимов К. Дар қаламрави фалсафа ва сиёсат. – Душанбе, ҶДММ «Табъу нашр», 2023. – С. 37.

шудааст[2]. Воқеияти таърихӣ ҳам чӣ дар даврони хилофат ва чӣ баъди он дар кишврҳои мусулмоннишин гӯёи он аст, ки ҳокимияти дунявӣ новобаста аз таъсири бузурги ислом ҳамчун дини давлатӣ, мустақил ва соҳибихтиёр амал мекард. Ҳатто дар амали халифаҳои Аббосӣ мо аз имомату тоату ибодат дида, иҷрои умури дунявӣ, ҳалли қарорҳои сиёсиро бештар мушоҳида мекунем. Низоми идораи халифаҳоро ҳарчанд иддае аз муҳаққиқон низоми теократии истибдодӣ номанд, ҳам воқеият асосҳои баҳскунандаро зиёд доро аст. Зеро дар умури корҳои динӣ, дунявӣ ва ҳарбӣ ҳанӯз аз даврони хулафои рошиддин тақсими вазифаҳо ба назар мерасид. Ин ҷудоии умури идораи дину корҳои дунявӣ ва сиёсати давлатӣ дар фарҳанги исломӣ, баъдан дар низоми идораи халқу қавмиятҳои таърихи қадима доштаи Хуросону Мовароуннаҳр хубтару пурҷилотар эҳсос мешавад.

2. Давлатҳои асрҳои миёнаи ҳавзаи Мовароуннаҳру Хуросон давлатҳои теократӣ ва динӣ набуданд.

Дар низоми идораи ниёгони мо Саффориён, Тоҳириҳо ва Сомониён, ки мансабҳои олии идораи динӣ, сиёсӣ ва ҳарбӣ аз ҳам сароҳатан ҷудо шуда буданд, табиати давлати дунявӣ равшан дарк мегардад. Девонсолории Сомониён, бо вуҷуди нақши муҳимму фарогири фарҳанг ва аҳкоми диниро дар худ таҷассум карданаш, масъалаҳои маъмурии идораи давлат ва динро комилан ба манфиати иттиҳоди сиёсии сохибқудрат ҳал карда буд. Подшоҳ, Амир, баъдан Султонҳо сарвари асосии давлат дар Мовароуннаҳру Хуросон буданд. Маҳз ҳамин дунявият ва ҷудо будани корҳои давлатӣ аз идораи динӣ то аҳди сулолаҳои тоҷикӣ махсусан, дар замони Сомониён ба рушди илму маърифат ва ҳамзистии адёни мухталиф мусоидат кард.

Ба андешаи дурусти К. Олимов «Сулолаҳои бумӣ ба мисли Тоҳириҳо, Саффориҳо ва Сомониҳо давлатҳое эҷод карданд ва бахусус Сомониён, дар пешрафти илму фарҳанги ҷаҳонӣ саҳми бузург гузоштанд. Ва дар ин давра олимоне аз марказҳои тамаддуни ин давра по ба арсаи эҷод ниҳоданд, ки осорашон дастоварди муҳимтарин дар соҳаҳои илм ва дин дар он замон буда, таъсирашон дар асрҳои баъдӣ ба фарҳанги ҷаҳонӣ хеле зиёд буд. Дар ин давлатҳо усули давлатдорӣ аз хилофати араб хеле фарқ дошт. Зимоми давлат дар ихтиёри дину мазҳабҳо набуда, подшоҳон сарварони сиёсӣ ва низомӣ буданд»[3].

Роҷеъ ба он ки давлатҳои баъдии тамаддуни исломӣ дар минтақаҳои гуногуни олами асрҳои миёна, давлатҳои теократӣ набуда, хусусияту аломатҳои табиати дунявиро доштанд, бисёре аз муҳаққиқон ёдрас шудаанд[4]. Дуруст аст, ки андешаи муқобилу таснифоти дигари муаллифони ғарбӣ низ ҳаст, ки сулолаҳои асрҳои миёнаи исломиро ба сифати

---

[2] См.: Халиков А.Г. Хадис как источник мусульманского права. – Душанбе, 1998. – С. 70-80.

[3] Олимов К. Мулоҳизаҳо пиромуни баҳси дунявӣ ва динӣ.Ниг.: Олимов К. Дар қаламрави фалсафа ва сиёсат. – Душанбе: «Табъу нашр», 2023. – С. 30-31.

[4] Бартольд В. В. Арабское завоевание и Туркестан при Саманидах // Сочинения. – М., 1963.-Т.2, ч.1. – С. 118-126.; Бартольд В.В. Ислам // Сочинения. – М., 1966.-Т.6. – С. 79-139.;Ниг.: Холиқов А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. Ҷ. 1. Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2002. – 304 с. Правовая система зороастризма. Монография. – Душанбе, 2005, – 488 с.

«Салтанатҳои мусулмонӣ» ё «исломӣ» ном мебаранд. Вале аз чӣ бошад, ки аксари онҳо дар шинохти хилофат аломати миллӣ-этникии онро мадди назар гирифта онро одатан чун «Хилофати араб» ё ба нишони сулолавии он такя карда, давлатро бо номи «Хилофати Аббосиён» ва ё «Хилофати Уммавиён» ном мебаранд. Ин ҳолатҳо гувоҳи он аст, ки Хилофат дар асл аз назари табиати шакли идора сулолавӣ-монархиявӣ буда, аз дидгоҳи таркиби этникӣ-арабӣ-қавмӣ баромад карда, аз лиҳозӣ фарҳангӣ ба унсурҳои оини исломӣ ҳамчун ҷаҳонбинии динӣ такя мекард.

Барои мардуми ориёӣ ба вижа мо тоҷикон то фарҳанги исломӣ ин навъ анъанаи идоракунӣ таърихан мувофиқ набуд. Ҳарчанд, ки тибқи ахбори «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ мо густариши оини зардуштиро ҳамчун оини қавми «беҳон» – «некон» аз ҷониби шоҳони Каёнӣ мушоҳида мекунем, вале мутобиқ ба Авасто масъалаи ҷудоии корҳои идорӣ аз умури динӣ, таърихан дар аҳди Пешдодиён, дар мулоқоти шоҳ Ҷамшед бо Аҳуро Маздо ҳалли ниҳоии худро назаран ёфтааст[5]. Ин буд, ки Сомониёни ба анъанаҳои таърихии ниёгони худ содиқ, фарҳанги ахлоқию эътиқодии исломро ҳамчун либоси нави маънавӣ дар тани низоми идораи дунявии анънавии худ қабул карда, ба мардуми дар оянда ба майдони сиёсӣ бароянда як модели намунаи идораи давлати дунявиро бо эҳтироми арзишҳои динӣ ба мерос гузоштанд[6].

Яқин меравад, ки даъвати ибтидоӣ ва асили ислом шинохти соҳиби якка, ибодат ба Ӯ, адл ва инсофи умум буд, на гирифтани қудрат. Ислом дар асл дин буд, на давлат. Чун алҳол ин имкониятҳоро давлат ба пуррагӣ кафолат додааст, бо тобиши сиёсӣ додани дин ҳеҷ зарурат нест. Ҳар нафаре, ки таърихи динро медонад, қонунияти рушди таърихии падидаҳоро аз худ кардааст, таъсири замону маконро ба ташаккул ва рушди ҳодисоти иҷтимоӣ дарк карда, диалектикаи табдилу такмили ҳолоти статикию динамикиро фаҳм намудааст, барои ӯ равшан аст, ки сиёсисозони муосири ислом ҷонибдорони эътиқоди асл не, манфиати давлату миллат не, балки хизматгорони хоҷагони чоплусу душманони дину давлатанд. Бадбахтии сангинтар он аст, ки ин тамоюлу равишҳои носолими эътиқодиро, зери парчами озодиҳо ва ҳуқуқҳо, давлатҳои бузурги олам бо ҳар роҳу воситаҳо дастгирӣ менамоянд, зеро аз нооромиии кишварҳои олам - манфиат ва фоидаи онҳо бештар мешудааст. Манфиат на танҳо ба «забони гуфтугӯи давлатҳо» (ибораи С. Ятимов), балки ба ҳадафи марказии амалкардҳо табдил ёфтааст.

Албатта, дар навбати худ ҳокимияти давлатӣ ва аҳли илми ҷомеаҳои шаҳрвандӣ ва давлатҳои дунявиро дар чунин шароит зарур аст, ки сари масъалаҳои озодии виҷдон андеша намуда, вазъи мусоиди амалишавии озодии виҷдонро таъмин сохта, нагузоранд, ки ба тори имон ва эътиқоди мардум гуруҳҳои ғаразнок чанг зананд. Душманони миллат мехоҳанд, ки

[5]Ниг.: Халиков А.Г. Правовая система зороастризма. Монография. – Душанбе, 2005, – 488 с.

[6] Халиков А.Г. О роли государства Саманидов в истории права и государства народов Центральной Азии// Саманиды – уникальный иисторический феномен в мировой цивилизации. Сб. науч. Ст. ответственный редактор. Профессор А. Раджабов. Душанбе 2019. С. 131-159.

амалкардҳои моро мухолифи дину мазҳабамон шарҳ дода, оммаро ба муноқишаи дину қудрат кашанд, мо набояд ба ин осиёби онҳо об резем.

3. Ҳанафия ба ташкили давлатҳои табиати дунявидошта шароит фароҳам кард.

Мазҳаби аҷдодии мо ҳанафия амри подшоҳро фарз дониста, ба муқобили ӯ исён намуданро қатъиян манъ кардааст. Ин нукта барои аз тобеияти дин озод намудани низоми идора сахт хизмат карда мустақилияти ҳокимияти сиёсиро дар муқобили нуфузи диндорон таъмин намуд. Илми имрӯзаи ҷаҳонӣ ба хотири ҳимояи ҳуқуқ ба ҳаёт роҳи инқилобии табдили қудратро дар ҳама шакл маҳкум менамояд. Муҷтаҳиди бузурги замони Сомониён – Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ навиштааст: «Тоат доштани султон фариза аст ва тарки вай осӣ шудан ва маъсият аст ва бидъат. Ва ҳар кӣ султонро тоат надорад, он ҳаводор бошад, зеро ки Ҳақ таоло фармуда дар китоби худ, ки «Ё аййуҳал-л-лазина оману, атиъуллоҳа ва атиъу-р- расула ва ули-л-амри минкум»[7]. Эй муъминон! Худои азза ва ҷалларо тоат доред ва Расулро тоат доред! Ва амиронро тоат доред… Ва ба ҳама вақҳо султонро тоат бояд дошт»[8]. Итоат ба подшоҳ – итоат ба низом ва эҳтиром ба тартиботу амнияти ҷоринамудаи Роҳбари давлат аст. Ҳамин барои мо гӯё аст, ки мазҳаби бобоии мо бо низоми идораи давлати мо таърихан мушкилӣ надорад. Мушкилиҳои эҷодшудаистода аз таълимоти бегонагон аст, инро мо бояд донем ва ҳамчун таҳдиди дар остонаи дар истода дарк намоем.

Дар баробари ин ҳама дар фазои динии давлати миллии мо саволҳо ва масъалаҳои ҳалталаб кам нестанд. Аз ҷумла, оё дар кишвари мо метавон исломро ба таври оқилона танзим сохт? Оё намояндагони навбаромади ифротагароро, ки кӯзаи андешаашон бо дигар арзишҳои орӣ аз манфиатҳои миллӣ пур шудааст (албатта, на ҳамаашон), ба таҳаммул ва тағйири андеша даъват кард (?) ҷавобҳои худро интизоранд. Вале ҳоло ҳаминро таъкид бояд кард, ки имон, эътиқод ва озодии динии мо, ки дар партави фарҳанги исломии беш аз ҳазорсола қолаби маънавӣ гирифта, ҳаққи табиии миллати моро ба ислом муаррифӣ мекунад. Он дар омезиши муборизаҳои сиёсӣ ва сиёсишавии исломи ҳавзаҳои муайян, аҳёнан зери фишори неруҳои дохилию хориҷӣ қарор гирифта истодааст.

Ҳар фишор, маҳдудияти ноҷо ва зиёдаравии беҷо дар ин самт ба манфиати мо нахоҳад буд. Чӣ тавре ки Роҳбари давлат, Пешвои муаззами миллати мо борҳо таъкид доштаанд, дин ва оини моро касе ҳаққи маънавии ба муқобили ормонҳои мо гузоштанро надорад, давлат ба иттиҳодияҳои динӣ шароит муҳайё мекунад, ҳуқуқ ба озодии виҷдонро таъмин мекунад ва дар як вақт назорати риояи қонунро аз ҷониби онҳо таъмин менамояд.

4. Сиёсисозии дин ва зуҳури ифроту террор дар он: омилҳо ва роҳҳои пешгирӣ аз он.

---

[7]Сураи «ан-Нисо», ояти 59. Эй мӯъминнон, Худоро фармонбардорӣ кунед ва пайғомбару фармонравоёнро аз ҷинси хеш фармонбардорӣ кунед…».

[8]Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ. Ас-Саводу-л-аъзам / Тарҷумаи куҳан аз арабӣ. Таҳиягарони матн ва муаллифони муқаддима, таълиқоту ҳавошӣ Н. Салимов, Н. Зоҳидов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2009. – С. 32-33. (220с)

Дар заминаи сиёсисозии ислом, масъалаи ифротгароии динӣ ва терроризми байналмилалии динӣ аз ибтидои солҳои 90-и асри гузашта, ба як воситаи муҳимми таҳдид ба давлатҳои миллии дорои мардуми мусулмон гашт. Зарбаи нахустини худро ин зуҳуроти манфӣ дар ҳудуди кишварҳои пасошуравӣ, дар шакли ғояҳои тундрави ваҳҳобия зери ниқоби сиёсисозии ислом ба Тоҷикистони соҳибистиқлол расонид. Таҷрибаи ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон равшан собит сохт, ки сисёсисозии дин дар таркиби худ зуҳуроти ифротӣ ва террористии либоси динӣ пӯшидаро дар ҳолатҳои зарурӣ омода менамояд.

Мушкилии ин раванд бинобар омилҳои мухталифи замони нав ва ҷаҳонишавии манфиатҳо ба маротиб печидатару чолишхӯрда гаштааст, ки сароби худро барои осиёби нооромаш ҳам дар паҳнои давлатҳои миллии мусулмоннишин, ҳам дар манфиати кишварҳои бузурги ҷаҳонхоҳ ва ҳам шаклҳои зуҳури равандҳои демократии идорашавандаи берунӣ пайдо намудааст. Дуруст аст, ки ҷавҳар ва муҳаррики статикии ин Осиёби харобиовар зери таълимотҳои динию ифротии неруҳои дохилии давлатҳои миллӣ пӯшида аст. Мушкилии замони нав дар мубориза бо ин ҷараёни хатарзои ифротишавии эътиқод, қабл аз ҳама дар дуруст нашинохтани сарчашма ва неруҳои ғоявӣ, маънавӣ, сиёсӣ ва моддии зуҳури он ифода меёбад.

Таҷрибаи давлатҳои миллӣ гувоҳи он аст, ки бо рӯ ба рӯшавӣ бо ин таҳдидҳои полудаи эътиқод ва сиёсати тундравонаи динӣ таваҷҷуҳи муҳаққиқон, аслан, ба се гуруҳи масъалаҳо ҷалб мегардад: якум масъалаҳое, ки сарчашмаи зуҳури ифротгароӣ ва терроризми динӣ мегарданд; дуюм мавзуоте, ки паҳноҳои сиёсӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ ва иттилоотии ин равандҳоро дар ҳамоҳангӣ бо таҳдидҳо ба амнияти давлати миллӣ инъикос менамоянд; ва сеюм, ба мабонии маънавии эътиқодии чунин ҷараёнҳои тундрав таваҷҷуҳ менамоянд[9].

Илова бар ин се тамоюли шинохти ҳаракатҳои ифротию террористии динӣ дар кишвари мо масъалаҳои зерини кӯшиши баррасии ин авомили зишт ва шинохти он дар фазои илмӣ, амалӣ ва иттилоотӣ эҳсос мегардад: чорум дар зовияи таззоди мазҳабӣ ва муқовимат бо арзишҳои анъанавии ислом. Агар масъалаи мазкур дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ҷиддӣ ва оштинопазир аз ҷониби пайравони мазҳаб ва зиёиёни меҳангаро баррасӣ мешуд, акнун солҳои охир ин рисолатро мақомоти давлатӣ бар дӯш гирифтааст. Зиёии мамлакат ба ин масъалаҳо зери таъсири авомили мухталиф таваҷҷуҳи ҷиддӣ надорад; панҷум таҳлил ва барарсии ин тамоюли зишт ва фасодовари иҷтимоӣ маҳз аз кунгураи амнияту оромии кишвар ҳамчун ҳодисаи таҳдидкунандаи динӣ ба амнияти миллию сохибихтиёрии давлат (мутаассифона, бештар тариқи супоришӣ на ихтиёрӣ) мавриди муҳокима ва баррасиҳо қарор мегиранд; шашум, тибқи нақшаю дастурҳои расмӣ дар семинару конфронсҳо ва мавзуоти қироатии ходимони динӣ аз табиати зишти ин ҳодисаҳои номатлуб иттилоот дода мешавад. Агар дар се омилу асосҳои ибтидоии кӯшиши шинохти

[9]Сюкияйнен Л.Р. Исламское право и диалог культур в современном мире. – М.: Изд. Дом Высшей школы экономики, 2021. – С. 468-469.

ифротагароию терроризми динӣ мо то ҷое унсурҳои ақлонию иродавии ҷомеаро дар шинохти ин беморӣ эҳсос намоем, дар сеи охирӣ мо фаъолнокии мақомоти давлатиро эҳсос карда, нақши иродавию ақлии ҷомеаи зиндаро дар мубориза бо ин таҳдидҳо камранг мебинем.

Ба назари муҳаққиқон, дар давлатҳои миллӣ дар қаринаи омӯзиши илмии равандҳои манфии ифротгароӣ ва терроризми динӣ баъзе аз усулҳои номуносиб низ эҳсос мегарданд, ки ба шинохти комил ва ташкили муборизаи дурусти мафкуравӣ ба муқобили ин зуҳуроти таҳдидовар монеаҳо эҷод менамоянд. Мисол, дар Федератсияи Россия, ки бо ин зуҳуроти манфӣ на як бору ду бор рӯ ба рӯ шудааст, бештар таваҷҷуҳи аҳли илм ба таҳлил ва омӯзиши гуруҳҳои ифротӣ ва табиати ташкилотҳои онҳо бештар равона шудааст (И.П. Добаева, Б.В. Долгова, А.А. Игнатенко, Р.Г. Ланди, Д.В. Макарова, Р.М. Мухаметова). Вале дар баробари ин омили асли зуҳури тундравии динӣ ва табдили ин чараён ба ифротгароию терроризми динӣ диққати аҳли илмро камтар ба худ ҷалб кардааст. Ҳол он ки дар шинохт ва пешгирӣ аз ин зуҳуроти номатлуб маҳз омӯзиши ҳамин омилҳои зоянда муҳим ва тақдирсозанд.

Дигар аз мушкилӣ он аст, ки онҳое, ки ба ҳамин мабонии зуҳури ҳаракатҳои ифротию террористӣ таваҷҷуҳ менамоянд, аслан, дар усули кашфи масъала мушкилӣ доранд. Онҳо дар силсилаи омилҳо бештар ба яке аз онҳо банд шуда, дигар омилҳои ғизодиҳандаи ин раванди номатлубро аз мадди назар дур мемонанд. Масалан, муҳаққиқ А.М. Василев ифротгароии диниро хамчун аломати буҳрони тамаддуни исломӣ шарҳ медиҳад[10]. Ва ё А.Ю. Юмнов терроризмро бо либоси динӣ аксуламали ҷаҳонишавӣ медонад[11]. Муҳаққиқ А.Ю. Другов бошад, ифротгароии диниро ҷанбаи дигари ҷаҳонишавии манфиатҳо мешуморад[12]. Албатта, дар навиштаҳои ин олимон нуктаҳои ҷудогонаи ҳақиқат вуҷуд дорад, вале ҳақиқати комил ва фарогири зуҳури ин ҷараёнҳои номатлуб не. Аз ин хотир, муҳаққиқон солҳои охир ба дигар авомилу решаҳои ин зуҳуроти манфӣ таваҷҷуҳ намуда, решаҳои зуҳур ва рушди онро дар дигар ҷараёнҳо, равандҳо ва амалкарду ғояҳои мафкуравӣ кашф карда, барои ақли солим маслиҳату равишҳои муносибро пешниҳод карда истодаанд.

Чунончи, муҳаққиқи шинохта Л.Р. Сюкияйнен андеша дорад, ки барои дуруст омӯхтани решаҳои ифротгароӣ ва терроризми мусулмонӣ моро зарур аст, ки ба бисёр омилҳои иҷтимоӣ ва таърихӣ дуруст назар намоем. Аз ҷумла, зарур аст, ки ба ҷойгоҳи ин зуҳурот дар олами ислом ва таърихи он, ҳолати муосири ислом, нақши ислом дар ҷаҳони муосир диққат диҳем. Ҳамчунин аз хотир набарорем, ки дар муддати асрҳо Шарқи наздику миёна, шимоли Африқо ва умуман кулли олами исломӣ майдони муборизаҳои сиёсӣ буданд, ки дар худ ҳам ифротгароии динӣ ва ҳам терроризми диниро таркибан доштаанд. Имрӯз бошад, вазъияти нобасомони сиёсӣ-иҷтимоӣ бо мушкилиҳои иқтисодӣ, фаъолшавии

[10]Ниг.: *Васильев А.* Исламский экстремизм как выражение кризиса мусульманской цивилизации // Азия и Африка сегодня. 2003. №5 (550). – С. 5.
[11]*Умнов А.* Вечное возвращение. Фундаментализм как скрытая тенденция развития цивилизации // НГ-Религии. 22.09.1999. №18 (41).
[12]Ниг.: Другов А. Экстремизм –дитя глобализации // Независимая газета. 24.11.2003.

ташкилотҳои тундрави исломиро рӯйи кор оварда, ба ифротгароию терроризми динӣ шаклҳои нав ва фарогиртар мебахшанд[13].

Ҳарчанд ҳукми қатъии муаллиф дар масъалаи он, ки садсолаҳо дар кулли олами исломӣ аломатҳои ифротгароӣ ва терроризми динӣ мушоҳида мешуд, аз назари таърихнигорӣ ва ҳақиқатнигорӣ сахт ва аламовар аст ва банда таргибу таънаи ошкорои онро ҷонибдор нестам, вале ҳақиқат зуҳури амалҳои ҷудогонаи ифротию террористиро, дар ин даврaҳо комилан инкор кардан наметавонад. Ва ин омилро мо ба сифати омили марказии вуҷуд ва ирсияти ифроту террор дар ислом ва ё барои мардуми Шарқ қабул надорем, балки онҳо аз амалҳои зиштеанд, ки дар шарту шароити муайяни таърихӣ нодуруст бо тундравии хосаи инсонӣ рӯ задаанд. Дигар ин ки, ин навъ тундравию ифротагроӣ дар таърихи Аврупои асрҳои миёна дар шакли ордендорону муборизони мазҳабӣ на танҳо кам набуданд, балки ба маротиб бештару сангинтар зуҳур кардаанд ва мо наметавонем, ки бо ҷурми чанд тан аз тундравону террористони динии насрония, кулли фарҳанги насронияро маҳкум намоем. Аммо дар масъалаҳои дигари дар иртиботи таърихӣ омӯхтани зуҳуроти ислом ва амалҳои номатлуби ифроту террор, таҳлил ва таснифи авомили зуҳури онҳо бо гуруҳҳо ба далелҳои овардаи муаллиф комилан ҳамфикр ҳастем.

Л.Р. Сюкияйнен омилҳои зуҳури ифротгароиро дар шароити муосир дуруст тасниф намуда, ба чунин навъҳои ҳудудӣ онҳоро тақсим менамояд: омилҳои миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ. Сипас ҳар як гуруҳи омилҳоро аз назари илмӣ таҳлил намуда, хулосаи худро пешниҳод менамояд. Ба омили дохилӣ-миллии зуҳури ифротгароӣ ва терроризм дар натиҷаи таҳлили кишварҳои мусулмоннишини олам (Тунис, Судон, Ливия, Миср, Ироқ, Сурия, Афғонистон ва ғ.) муаллиф вуҷуди чунин ҳолатҳоро асос медонад: якум, қафомонии иқтисодӣ-иҷтимоии кишварҳои минтақаи муайяни исломӣ бо пасманзари афзоиши бекорӣ, камбағалӣ, нобаробарии иҷтимоӣ, ноодилона тақсим намудани сарватҳои иҷтимоӣ; дуюм, омили сиёсӣ аксари кишварҳое, ки дар онҳо ифротгароӣ ва терроризми динӣ рушд менамояд, режими сиёсии онҳо аслан демократӣ нест, ислоҳотҳои маҳдуди сиёсии дар ибтидои ҳазораи се баргузор намудаи онҳо, низоми марказонидашудаи идориро дигар накарда, режимҳои худкомаи сиёсиро маҳдуд нанамуд.

Гузашта аз он, дар ин кишварҳо ба андешаи муаллиф, чунин падидаҳои фаҳм ва дарки набзи ҷомеа: плюрализми сиёсӣ, табдилёбии қудрат ва рақобати сиёсӣ рушд накарда, ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсӣ дар сатҳи паст қарор гирифтаанд. Дар баробари ин лоиҳаҳои дунявии идораи ҷомеа дар ин кишварҳо, ки дар шакли моделҳои ба идеологияи марксизм, сотсиализм ва миллатгароии арабӣ такякунанда рӯйи кор омад, натиҷае надоданд. Ин ҳама ҳолатҳо вазъи ҷомеаҳоро муташанниҷ намуда, ба эътирозҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ либоси динӣ пӯшондааст[14].

---

[13]Сюкияйнен Л.Р. Исламское право и диалог культур в современном мире. – М.: Изд. Дом Высшей школы экономики, 2021. – С. 470-471.

[14] Сюкияйнен Л.Р. Исламское право и диалог культур в современном мире. – М.: Изд. Дом Высшей школы экономики, 2021. – С. 470-471

Муаллиф дар ҳамин сарҳад омилҳои зуҳури ифротгароии исломиро бо далоили шароити воқеӣ маҳдуд накарда, яке аз шоҳроҳҳои асли ҳувият ва рушди онро дар ду раванди дар як шоҳроҳи сиёсӣ ҳаракаткунандаи мафкураи сиёсии мусулмонон ишора менамояд: «Ба ин раванди ифротгароӣ ва терроризми динӣ дар олами исломӣ - менависад ӯ, «исломикунонии сиёсат» ва «сиёсисозии ислом», ки бештар дар шакли исломи сиёсӣ ва радикализми динӣ зуҳур менамоянд, мусоидат мекунанд. Мақсади ин тандем ҳама гуна амалҳои сиёсиро ба таълимоти исломӣ тобеъ кардан аст. Исломро мутобиқ ба шароитҳои муосир шарҳу тавзеҳ дода, тундравони динӣ аз таълимоти исломӣ дармонҳои ҷомеаи (аз назари онҳо иллатманди – А.Х.) муосирро ҷустуҷӯ менамоянд. Бо ин ҳадаф онҳо мақсади ташкили Хилофатро бо меъёрҳои шариатӣ пеш гузошта, ҷиҳодро ҳамчун шакли ягонаи мубориза дар ин роҳ қабул мекунанд»[15].

Дар баробари ин Л.Р. Сюкияйнен омили тундравии исломиро танҳо ба ҳодисаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ маҳдуд накарда, онро ҳамчун як раванди гузариш аз даврони буҳрони худшиносии динии олами муосир номидааст. Яъне ҷомеаи исломӣ дар ҷустуҷӯи роҳҳои рушд ва худ-муайянкунии мақоми хеш дар замони муосир дар баробари амалҳои солим амалҳои носолимро низ бинобар камҳавсалагии иддае аз тундравони мазҳабӣ истифода мебарад.

Ҳамин тавр, муаллиф батадриҷ омилҳои минтақавиро (ҳодисаҳои нооромии кишварҳои Шарқи Миёна ва Африқои Шимолиро), ки баъзе аз ноуҳдабароии ҳокимони миллӣ ва сиёсати нодурусти кишварҳои абарқудрати ғарбӣ ба чунин варта гирифтор шудаанд; ва байналмилалии (ҷаҳонишавӣ, вестернизатсияи қонунгузорӣ, интиқоли иҷбории арзишҳои демократӣ) зуҳур ва тавсеаи амалҳои зишти ифротагароӣ ва терроризми диниро дар асосҳои таҳлилҳои шахсӣ пешниҳод менамояд[16], ки аксарашон бо далелҳои баҳснопазир вуҷуд доранд.

Як нуктаи муҳимми таҳлили муаллиф дар омилҳои дохилии зуҳури ифротгароӣ дар он аст, ки вай вуҷуди нуктаҳои иллатманди зуҳури тунд-гароӣ ва ифротгароиро дар таълимоти динӣ инкор намекунад. Ӯ вуҷуди ғояи тарғибгари ифротгароиро дар сарчашмаҳои ҷудогонаи динӣ эътироф менамояд[17]. Ифротгароён ба ин сарчашмаҳо такя карда, амалҳои ифротии худро иҷро менамоянд. Ҳарчанд масъалаи мазкур аз назари сирф ғоявӣ ва рисолати эътиқодӣ баҳснок аст, вале масъалагузории муаллиф аз назари усулӣ ва воқеияти зуҳури амалҳои зишт, ки ба сарчшамаҳои динӣ дар асосҳои гуногунфаҳмӣ такя мекунанд, то ҷое воқеият дорад. Вале муаллиф таваҷҷуҳ намекунад, ки ин ҷо се масъаларо бояд ба инобат гирифт:

Мушкилии аввал он аст, ки ифротгароёну террористон ба фаҳми худ ба навиштаҷоти аҳкоми динӣ муносибат карда, дар доираи фаҳмашон аз онҳо маънӣ мебардоранд. Дуюм, мушкилӣ он аст, ки сарчашмаҳои тақлидии

[15]Сюкияйнен Л.Р. Исламское право и диалог культур в современном мире. – М.: Изд. Дом Высшей школы экономики, 2021. – С. 471.
[16]Сюкияйнен Л.Р. Исламское право и диалог культур в современном мире. – М.: Изд. Дом Высшей школы экономики, 2021. – С. 472-473.
[17]Сюкияйнен Л.Р. Исламское право и диалог культур в современном мире. – М.: Изд. Дом Высшей школы экономики, 2021. – С. 476.

ифротагроёну террористон якзайл ба ҳама ҷараёну мазҳабҳо, яъне дигар мусулмонони олам хусусияти меъёрӣ надоранд. Ниҳоят сеюм ин ки ҳамин меъёру принсипҳои мабдавие, ки ифротиён тундравона шарҳ медиҳанд, дар даст ва тафаккури мутафаккирони дигар оқилонаву инсонгароёна муаррифӣ ва истифода мегарданд. Пас, мушкилии асли терроризму ифрот на дар сарчашмаҳои исломӣ, балки дар тарзи фаҳму истифодаи онҳо қарор мегирад. Ҳарчанд ӯ тезиси «терроризм миллат ва дин надорад»-ро зери савол мекашад, вале худаш таъкид мекунад, ки шартан гуфтан мумкин аст, ки «дини ислом бевосита бо терроризм рабте надорад, агар, албатта, мо исломро ҳамчун дин ва эътиқод қабул намоем»[18].

Ҳамин тавр, Л.Р. Сюкияйнен асосҳои ғоявии зуҳури ифротгароиро дар шакли мафкураи тундрави дар таълимоти динӣ воридгашта инкор накарда, воситаи муқовимат бо онро ҳамчун навъи ғоявии мубориза бо он дар паҳнои таълимоти динӣ меҷӯяд[19]. Ин навъ масъалагузорӣ зери принсипҳои илмии он ки «бо душман бо усули ӯ мубориза бояд бурд» ва ба «муқобили андешаи носолим бояд андешаи солимро гузошт на танку тупро» комилан қобили қабул аст.

5. Ифроту террор сифатҳои зотии дин нестанд, балки ҷанбаи ғоявӣ ва мафкуравӣ доранд.

Воқеан, мо чӣ қадаре даъво накунем, ки дини мубини ислом тоза аз ифроту террор аст, воқеияти имрӯз мухолифи ин аст, зеро ҳамон амалҳои зишт, ки дар олам зоҳир мегарданд, бо ин ё он тарз худро бо номи ислом васл менамоянд. Равшан аст, ки онҳо бидуни такягоҳи маънавӣ ва руҳонӣ имкон надоранд, ки субъектро то зинаи худкӯшӣ бароранд. Муҳаққиқон дуруст андеша доранд, ки агар алоқаи ғоявии тундравони динӣ бо идеологияи исломӣ гуногун васл гарданд, ҷое ба осонӣ, ҷое ба мушкилӣ ва гоҳо инкор шаванд ҳам, вале онҳо ҳамеша бо асосноккуниҳои вижаи сиёсӣ ва ҳуқуқӣ тобеанд. Пас моро зарур аст, ки ё ҳамин ғояҳоро васлияташро аз ислом ҷудо намоем, бепоягии ҳамин асосноккуниро равшан созем ва ё андешаҳои солими исломро, ки ин навъ амалҳои номатлубро қатъиян инкор намуда, бо далелу рақамҳо пешгирӣ менамоянд ва ё ба пешгириашон ҳидоят доранд, ба маърази мафкураи мардуми мусулмон пешниҳод созем.

Бинобар таҳлили вазъи мафкураи ифротиёну террористон равшан мегардад, ки барои онҳо муҳим шакли идораи демократӣ, табиати низоми идора набуда, зоҳиран табиати исломӣ надоштани давлат ва созиши он бо андешаҳои атеистӣ аст. Ҳатто вазъи иҷтимоӣ – иқтисодӣ, ки ба осиёби тундравиҳои ҷомеа обрезанда аст, барои онҳо он қадар муҳим нест. Аз ин хотир, роҳбарони ифротиён бештар ба асосҳои ғоявии амалҳои ифротӣ ва сарчашмаҳои динӣ (муҳим нест, ки онҳо дуруст маънӣ мебардоранд ва ё не, муҳим он аст, ки онҳо дуруст ба манфиати худ шарҳу тавзеҳ диҳанд) такя мекунанд.

---

[18]Сюкияйнен Л.Р. Исламское право и диалог культур в современном мире. – М.: Изд. Дом Высшей школы экономики, 2021. – С. 476.

[19]Сюкияйнен Л.Р. Исламское право и диалог культур в современном мире. – М.: Изд. Дом Высшей школы экономики, 2021. – С. 474-476.

Ин аст ки, ба қавли муҳаққиқон, ифротгароии муосири исломӣ аслан сифати зотии дин набуда, балки бештар аз он зуҳуроти ғоявӣ аст, чунки нуктаи аслӣ ва омили марказии асосноккунандаи он андеша ва консепсияи исломӣ бо ҳадафу ғаразхои гурӯҳӣ аст. Маҳз ба ҳамин хотир, яке аз самтҳои асосии мубориза бо ин зуҳурот ҷанбаи ғоявӣ ва мафкуравӣ мебошад. Дар ин муборизаи мафкуравӣ ҷиҳати ҳимояи фарҳанги исломӣ бояд ҷанбаҳои солиму таҳаммулгарои исломӣ ҳамчун ғояи марказӣ ба майдони мубориза кашида шаванд. Ин корро бояд ходимони динӣ ва муҳаққиқони исломшинос роҳандозӣ намоянд. Мутаассифона, эҳсос мешавад, ки чун рисолати худро ин қишри ҷомеа иҷро наменамояд, гуруҳи дигари ғайрикасбиён дар раванди мубориза бо ифроти динӣ ба асосноккунии ғояҳои ифротии террористон бештар машғул шуда, «мӯйро аз хамир ҷудо накарда», динро дар умум ҳамчун рақибу душмани ҷомеаи солим муаррифӣ менамоянд. Ҳатто дар фазои илмӣ ба кашфи асрори ифротию терроризми динӣ бештар таваҷҷуҳ мешавад, аз он ки ҷанбаҳо ва ғояҳои муқобили онро таҳлил ва ба муқобили ин андешаҳои носолим ақидаи солими диниро гузоранд.

Эҳсос мегардад, ки онҳое ки майли бештар ба кашфи асрори вуҷуди террору ифрот дар заминаи арзишҳои динӣ саъй менамоянд, тарс аз тарғиби мафкураи динӣ ва афзоиши нақши он дар ҷомеа доранд. Алабтта, ин эҳсосот дар ҷомеаи анъанавӣ ҷо дорад, вале воқеияти аз ин вазнинтар он аст, ки агар мо неруи солиму алтернативии диниро ба муқобили ин неруи бади тавлидкардаи душманони дину миллат нагузорем, ғалаба бар ин фасоди ботинӣ ва руҳӣ ғайриимкон мегардад. Гузашта аз ин, чунин ҳолат муносибати мардуми фикркунандаро нисбат ба дин ё ба сифати сарчашмаи ифроту террор табдил медиҳад ва ё ҷонибдорони ғояи чунин равишро аз бунёдаш инкор менамояд. Аз назари қоидаҳои объективияти илмӣ, ҳар ду ҳолати негативӣ дар муносибат бо дин ҳолати муқаррарӣ ва қобили қабул нест.

Ин аст, ки, ба андешаи муҳаққиқони шинохтаи фарҳанги исломӣ, иллати рушди ифроти динӣ дар он аст, ки давлату ҷомеаҳо усулҳои ҳарбӣ, молиявӣ, ташкилӣ ва ҳатто иттилотии мубориза бо террору ифроти диниро дар даст гирифтаанд, аммо муборизаи маънавӣ ва мафкуравиро, ки ҷавҳари ин зуҳуротро ташкил медиҳад, то ҳанӯз дуруст роҳандозӣ накардаанд. Ин ҳолат неруи андешаю ғояҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии исломро дар дасти давлат не, ҳатто ходимони иттиҳодияҳои динӣ не, балки дар ихтиёри ифротиёну террористони динӣ вогузор кардааст[20].

Корпуси ходимони динӣ ва мубаллиғони иттиҳодияҳои динӣ бояд дар ин самт фаъол бошанд. Динро аз ифротиён дифоъ намоянд, ҳамон тавре ки М. Лютер, Калвин ва дигарон дар Аврупо динро аз сиёсат ва бозиҳои сиёсии қудратхохоҳона наҷот доданд. Дар ин самт на бо таърифҳои хушку холии подарҳаво, балки бо далелу рақамҳои мушаххас парда аз асрори асосҳои ғоявии ифротгаро, ки ба дин такя мекунанд, бояд бардошт. Эҳсос мешавад, ки барои ин корро кардан онҳо аз чанд манфиатҳои худ, ки

[20]Сюкияйнен Л.Р. Исламское право и диалог культур в современном мире. – М.: Изд. Дом Высшей школы экономики, 2021. – С. 479-480.

ғайриахлоқӣ бо рисолати аркони динӣ васл шудаанд, бояд даст кашанд. Бо ин мақсад мутобиқи матлаб аст, ки ҳамон ояту ҳадисҳое, ки ифротиён ба сифати асосҳои идеявӣ ба роҳбарӣ мегиранд, дар асосҳои илмӣ мутобиқ ба принрсипҳои инсондӯстии исломӣ ва ҳадафҳои марказии дин шарҳ ва тавзеҳи дуруст дода шавад. Яъне яроқи маънавии онҳоро бояд хунсо сохт. Ин корро на бо тиру туп, балки бо ғояи солим кардан имкон дорад. Принсипҳои таҳаммулгароёнаи мазҳаби ҳанафӣ ва таълимоти ақлгароёнаи исмоилия дар ин самт метавонанд барои мо хизмат намоянд. Албатта, омӯзиши дигар таҷрибаи олами исломӣ низ дар ин самт мувофиқи матлаб аст.

6. Истинботи нодурусти аҳкоми нусус, омили интишори амалҳои зишт шудааст.

Таҳлили маводи ба ифроту низоъ даъваткунанда ва ба террор хидоятшавандаи ифротагароёну террористон ва назари олимони соҳаи ислом-шиносӣ гувоҳи он аст, ки заминаҳои ғоявии такяи онҳо ба мабонии исломӣ якранг нест. Як гуруҳ ояту ҳадисҳое ҳастанд (онҳо зиёд нестанд), ки онҳо аксаран дар даврaҳои аввали густариши ислом аснои муқовимати ҳарбии ҷонибдорони ислом ва мухолифини онҳо дар шароитҳои мушаххаси таърихии муноқиша ва ҷанг нозил ва ташаккул ёфтаанд. Ин муқаррарот айёми ҷангу ҷидолҳо, тартиби пешбурди ҷанг, муносибат бо мухолифин, бо душманони майдони ҷанг, муносибат бо амволи душманон ва ғ-ро дар бар мегирад. Ба ин оятҳо сураҳои Тавба – оятҳои: 5, 14, 29,73; сураи Бақара оятҳои 190-191, 217; Нисо ояти 141; Анкабут – ояти 6; Таҳрим – ояти 9; Оли Имрон ояти 142 ва Ҳуҷурот 15 мисол, шуда метавонад. Бо кадом тартибе, ки ифротиён ин теъдодро афзоиш надиҳанд, ҳамагӣ шумораи онҳо 1% оятҳои қуръониро ташкил намекунад.

Сазовор ба қайд аст, ки мазмуни на ҳама оятҳои ишорашуда бевосита тарғиб ба ҷанг дошта, дар онҳо шарту шароити ҷанг, ҳолатҳои имконпазирӣ, зарурияти он ва дигар асосноккуниҳо атрофи муноқишаҳои имконпазир омадаанд ва вобаста ба шароити таърихӣ ва тағйирёбии вазъият, сатҳ ва фаҳми субъекти мулоҳизакунанда, табдили фаҳми мазмунии онҳо имконпазир аст. Ин ҳолат гувоҳи он аст, ки ба замми маҳдудияти таърихӣ ва ҳукми ом надоштани иддае аз онҳо чанде аз ин такягоҳҳои ғоявии ифротгароён қатъӣ ва устувор манфӣ набуда, фаҳмҳои дигаргунаи муқаррароти онҳо дар назария ва амалия вуҷуд дорад.

Гуруҳи дигар ояту ҳадисҳое ҳастанд, ки онҳо комилан маънои ифроту террорро надоранд, вале аз роҳи тафсири шикаста ва маънидодкунии ғаразнок онҳоро ифротиён ба такягоҳи маънавии худ табдил додаанд. Масалан, ояти 3-и сураи Оли Имрон, ояти 59-и сураи Нисо ва ё ҳадиси машҳури Паёмбари ислом, ки «касе амали ғайришаръиеро дид, бигузор бо дасташ, агар натавонист, бо даҳонаш, агар натавонист, бо қалбаш ба дигаршавии он мусоидат намояд». Ҳол он ки айнан ҳамин ояту ҳадисҳоро пайравони мазоҳиби таҳаммулгаро ҳамчун манбаи рафтори шоиста тарғиб ва ташвиқ менамоянд.

Дар баробари ин ҳолатҳо чанд мавзуоте ҳаст, ки баҳс атрофи онҳо бидуни риояти ҳадди эътидол ҷаҳонбинии тундравона ва ифротиро дар

адабиётҳои динӣ ва муҳокимаҳои мазҳабӣ тавлид сохтанаш имконпазир аст. Ба андешаи муҳаққиқон ин баҳсҳоеанд, ки атрофи мавзуоти тавҳид, имон, такфир, ҷиҳод, ҳалолу ҳаром, ба расмият шинохтани ҳокимияти давлатӣ, муносибат бо ғайримусулмонон ва роҷеъ ба мақоми шаҳид[21] ба миён меоянд.

7. Ислом қудрати маънавӣ ва ақлӣ дорад, ки бо зуҳуроти ифроту террор муқовимат кунад.

Ниҳоят, хатти марказии роҳи мубориза бо ифротгароӣ ва терроризми диниро аксари муҳаққиқони олам дар хазинаи арзишҳои маънавии сарчашмаҳои исломӣ мебинанд. Дарвоқеъ, 99%-и Қуръон аз ояту муқаррароти иҷтимоие иборат аст, ки онҳо хосияти ташкилӣ, танзимӣ, ахлоқӣ, эътиқодӣ, иттилоотӣ, таърихӣ ва дигар масъалаҳоеро дороанд, ки мазмунан ба ифроту террори ҷоҳилон васлнашавандаанд. Гузашта аз он, дар қатори 500 аҳкоми ҳуқуқӣ Қуръон ҳазорҳо муқаррароти инсондӯстӣ, тарғиби адлу инсоф, баробарӣ ва некӯкирдориро доро аст. Истифода ва муқобилгузории онҳо ба андешаҳои ифротӣ ва такягоҳи ғоявии динии ифротиёну террористон беҳтарин тариқати муқовимат бо ифротгароӣ ва терроризми динӣ аст. Дар ин роҳ шарҳу тавзеҳи оятҳои истифодашавандаи ифротиён аз назари илмӣ оқилона ва хирадмандона бо риояти принсипҳои таърихият ва мақсаднокӣ ҳадафрас аст.

Дар ин самт аз раҳмату шафоати Худованд, меҳру муҳаббати Ӯ нисбат ба бандагонаш, ғамхорию адолаташ нисбат ба башарият, ки дар аҳкоми рабонӣ оварда шудааст, истифода намудан ба мақсад мувофиқ аст. Як худи маънии пораи ояти 7-и сураи Ғофир чи ҳикмати фарогир дошта, пӯшандаи дарвозаи асли ифроту террор дар ислом буда метавонад: «Эй. Парвардигори мо, бо бахшоишу дониш ҳама чизро фаро гирифтаӣ…».[22] Ва ё талаботи ояти 54-и сураи Анъом: «Парвардигоратон меҳрубониро бар Худ навиштааст, ки ҳар кас аз шумо ба нодонӣ кори бад кунад ва баъд аз он тавба кунад ва некӯкорӣ намояд, албатта, Худо омурзандаи меҳрубон аст»[23].

Омӯзиши вазъи мушкили давлатҳои миллӣ дар муносибат бо ҷаҳонбинии динӣ касро ба хулоса меорад, ки таносуби давлату дин дар шароити муосири рушди давлатҳои миллӣ дар мисоли ислом дар шароити норҳамвори иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ зери таъсири неруҳои мухталифи дохилию башарӣ бо тамоюли афзоиши манфиатҳо, бо олудаи ғаразу ҳадафҳои муайян сурат мегирад. Омили зояндаю нерубахши мушкилот дар чунин лаҳзаҳои буҳронӣ гуногунрангу гуногунмаъност. Он аз дуруст нашинохтани мушкилӣ то фаҳми нодурусти неруҳои ҳаракатдиҳандаи зуҳурот доман густурда, дар табиати ҳар халқу миллат бо вижагиҳои худ, вобаста аз равиши мафкураи иҷтимоӣ, хотираи фарҳангӣ ва коди генетикии миллат зуҳур менамояд. Таҳлил, омӯзиш ва муқовимат бо он кори як рисола ва ё як муассисаи илмӣ набуда, заҳмати даста-

[21]Сюкияйнен Л.Р. Исламское право и диалог культур в современном мире. – М.: Изд. Дом Высшей школы экономики. 2021. – С. 482.
[22]Қуръони карим. 40: 7.
[23]Қуръони карим. 6: 54.

ҷамъонаи неруҳои илмӣ ва кори содиқонаи ходимони диниро дар роҳи рушди дурусти маънавии ҷомеа талаб менамояд.

Чӣ бояд кард?

Муҳимтарин нуктаи фаҳми амиқи ин рисолат дар он аст, ки дин хамчун неруи таъсиррасон ба мафкураи инсон ва яке аз неруҳои алтернативию ботинии инсонсозӣ аз ҷониби ҷомеаҳои муосир дарк гардад, олудагии он дар шароитҳои таърихӣ бо ғаразу мақсадҳои нопок фаҳм шавад ва роҳҳои ақлонии мубориза бо ин **иллату бемориҳо** на бо дин ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ коркард гардад.

Дар ибтидо ҳама манфиатдорон, аз ходимони ислом сар карда то неруҳои давлатӣ, аз шаҳрванди одӣ то имомхатибони рӯз, аз масъулини мақомоти давлатӣ то ходимони иттиҳодияҳои динию ҷамъиятӣ бояд дуруст фаҳманд, ки то агар дин ҳамчун таълимоти мафкуравӣ аз такягоҳи андешаҳои носолиму тундрав, ифротию террористӣ, ки мисли бемории ирсии хуруҷгирифта мушкилзо шудааст, бо қонуниятҳои илмиву таърихӣ хирадмандона бо риояи одоби таҳаммул ва ахлоқи башарӣ ҷудо карда нашавад, кори эътиқодӣ ва диндории насли имрӯзу фардои мо ба мушкилӣ мувоҷеҳ хоҳад буд.

Ҳамзамон бо ин уламои дини ислом – онҳое, ки худро дар кишварҳои гуногуни олам ба сифати ҳомӣ ва донандаи дин муаррифӣ кардаӣ мешаванд, бояд донанд, ки ислом дар шароити муосир бо мушкилии ҷиддӣ мувоҷеҳ аст. Халосии он, қабл аз ҳама, дар дасти пайравони содиқу солеҳи он аст. Агар онҳо функсияҳои, тарзе мутафаккири олмонӣ Ю. Хабермас мегӯяд, рефлектории динро дар шуури мардумон бедор накунанд ва ба раванди рушди ҷомеа ва тамаддунҳо дуруст муносибат нанамоянд, дин мақому мартаба ва шаъну эътибори худро, ҳамон тавре ки замоне асотир ва магия аз даст дода буд, имкон дорад бидиҳад.[24] Дар ин самт ба назари муаллиф шуури динӣ бояд се вазифаи асосиро иҷро намояд: 1. Муносибати таҳаммулпазиронаро бо динҳои дигар роҳандозӣ кунад; 2. Қадр ва манзалати ҳар илмро дар соҳаи худаш эътироф намояд. 3. Худро мутобиқ ба талаботи давлати конститутсионӣ, ки ба ахлоқи ғайримуқаддас (профаннӣ) оро аст, мувофиқ намояд[25].

Даврони нав на таззоди дину давлат, балки ҳамоиши мавзуни ақида ва озодиҳои сиёсиро тақозо дорад.

Дар баромади таърихии худ Ю. Хабермас моҳи октябри соли 2001 баъд аз ҳодисаҳои 11 сентябрӣ дар Амрико олими олмонӣ ду навгонии замони навро дар муносибат бо дин муқаррар кардааст: якум, динҳоро даъват ба мутобиқсозӣ ба дигаргуниҳо – модерн намуда, дуюм фарорасии замони навро дар мафкураи ҳукмрони секулярии олам ҳамчун «даврони баъди секулярӣ» масъалагузорӣ кардааст.

Охирӣ маънои онро дошт, ки давраи таззоди илму эътиқод, давлату дин ва калисову ҳукумат дар замони қудратҳои секулярӣ ба итмом расида

[24]Хабермас Ю. Вера и знание. Речь Ю. Хабермаса 14 октября 2014 г. в церкви Павла во Франкфурте-на-Майне.

[25]Хабермас Ю. Вера и знание. Речь Ю. Хабермаса 14 октября 2014 г. в церкви Павла во Франкфурте-на-Майне.

замони нав, ҳамкорӣ ва эҳтироми онҳо фаро расидааст. Албатта, барои мо фаҳмо нест, ки Ю. Хабермас дар пасманзари ҳодисаи 11 сентябри соли 2011 Амрико, зери фишори алангагирифтаи ғояи ҷанги тамаддунҳои С. Ҳантингтон ва инқилобҳои биоинжинерии ба насли инсон дастдарозӣ намудаи баҳсбарангез, ки худаш аз онҳо ёд мекунад, тариқи семантикӣ ин консепсияро пешбинӣ кардааст ва ё дар ҳамин ҳодисаҳои рухдода ҳолати мантиқии рушди ҷаҳонбинии диниро дар иртибот бо дигар шаклҳои ҷаҳонбинӣ васеъ таҳлил намуда, ба хулоса омадааст. Аммо бо вуҷуди ин таклифҳо ва андешаҳои ӯ нисбат ба таносуби дину ҷомеа дар шароити муосири баъдисекулёрӣ воқеият ва ҳикматҳо доранд, зеро як решаи масъалаи саргиҷкунандаи ифрот ба ҳамин мушкилиҳои мафкуравӣ реша давондааст.

Ҳамин тавр, таҳлили вазъи ифротгароӣ ва терроризми динӣ, ки бо авомили дохилӣ-динӣ, миллӣ, минтақавӣ ва байнналмилалӣ дар рӯ ба рӯйи мушкилиҳои ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва равандҳои демократикунонии давлатҳои миллӣ дар шароити ҷаҳонишавии манфиатҳо ба мушкилии фарогири ҷомеаи муосир табдил ёфтааст, воқеан, таҳдиди ҷиддӣ ба соҳибхтиёрии давлатҳои миллӣ ва ҷавон аст.

Дар баробари ин, омӯзиши таркиб ва мазмуни зуҳури ифротагроии динӣ ва такягоҳҳои ғоявии онҳо дар паҳнои дини ислом ва сарчашмаҳои он ба мо имкон медиҳанд, ки муборизаи беамони маънавӣ ва ғоявиро бо усули муқобил гузоштани арзишҳои ахлоқӣ ва башарии ислом ба такягоҳҳои маънавию эътиқодии ифротиёни исломӣ роҳандозӣ намоем. Ислом ва таҷрибаи назарию амалии он ба мо имкон медиҳад, ки бо дастрасии андешаҳои солими динӣ ифротгароӣ ва терроризми диниро маҳкум намуда, онро аз майдони тафаккури динӣ берун созем. Моро зарур аст, ки дар баробари усулҳои нави коркарди муқовимат бо ифротгароӣ ва терроризм усулҳои таърихӣ ва мазҳабии муқовимат бо ифротгароии диниро аз қабили эҳёи оинҳои футуватмандӣ, имломӯзӣ, озодипарастии риндӣ, сӯфигароӣ ва амсоли инҳо аз нав бо шароитҳои мусоид дар фазои мафкураи диниамон ислоҳ намоем.

8. Нуктаҳои иллатманди фазои динӣ ва ё пешниҳодҳо ҷиҳати ислоҳи онҳо.

Мо бояд хуб дарк намоем, ки фактори ифротагароии динӣ ва терроризми сиёсӣ ва динӣ бо тобиш додани эътиқоди шаҳрвандон зери шиори озодиҳои шахсӣ дар ҳар лаҳзаи вуҷуди мушкилиҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ имкон дорад, амният ва истиқлоли давлатҳои ҷавони миллиро ба муҳлати дуру дарози таърихӣ халалдор созад. Ҷиҳати истодагарӣ намудан ва муқовимати оқилона доштан бо ин зуҳуроти манфӣ шарт зарур аст ба чунин нуктаҳо диққат диҳем.

Якум, ҳодисаи мазкур, яъне ифротгароӣ ва терррроризми динӣ бояд аз назари илмӣ пайваста дар иртибот бо вазъи ислом дар шароити муосири олам мавриди омӯзиш қарор гирифта, шаклҳои зуҳури он ва решаҳои нерудиҳандаи он доимо таҳлил гардида, усул ва тариқати мубориза бо он бо асосҳои илмӣ коркард гардад.

Дуюм, факторҳои миллии зуҳури ифротгароӣ бо роҳи ислоҳотҳои сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ дар партави Конститутсияи кишвар ва эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои шахсию сиёсӣ пайваста пешгирӣ шаванд.

Сеюм, масъалаи робитаи андешаи ифротгароӣ ва терроризм бо дин дар заминаҳои илмӣ ва ахлоқӣ тавассути неруи мафкуравии зиёиён ва диндорони анъанавӣ пешгирӣ гардида, андешаҳои солими динӣ ба муқобили он дар фазои иттилоотӣ ва илмӣ дастгирӣ, тарғиб ва ташвиқ шаванд.

Чорум, неруи динии муқовимат бо ифротгароии динӣ аз ҳисоби ходимони динӣ пурқувват гардад. Дин ҳамчун эътиқод майдони зуҳури эътиқоди комил ва таҳаммулгаро шавад. Дин ҳамчун ҷаҳонбинии динӣ паҳнои тарбияи инсони комил гардад. Дин ҳамчун меъёри иҷтимоӣ ба муносибатҳои ахлоқӣ ва эътиқодӣ дар фазои ҳаёти шахсӣ фаъол бошад. Дин ҳамчун омили зояндаи эҳсоси адлу инсоф ва некую некукорӣ тақрибаи тафаккури инсониро дар самти ғояи муборизаи хайр бар шар ва ғалабаи некӣ бар бадӣ ҳидоят созад. Дин ҳамчун шакли ҷаҳонбинӣ ба рушди илму маърифат арҷ гузорад, илму донишро ба мисли роҳи марказии ташаккули мафкура дар шинохти олами атроф ва табдили он эътироф, дастовардҳои илмиро ҳамчун неъмат қадршиносӣ ва истифода намояд. Дин бояд ҳамчун нуктаи созишии ахлоқи инсонӣ, фарҳанги башарӣ, ҳуқуқи шахсӣ одоби сиёсӣ баромад намуда, рисолати худро чун воситаи тарбияю ислоҳи инсон ҳамеша дар мадди назар дошта бошад.

Ин корро дин ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ дар сурате иҷро менамояд, ки тафаккури субъектони он, яъне ходимони динӣ дар ин самт ботинан ва зоҳиран ташаккул ва тарбия ёфта бошад ва дин ҳамчун шакли ҷаҳонбинӣ вобаста ба талаботи замону макон рушд намояд. Ходимони динӣ бояд нисбат ба тақдири дин ва эътиқоди шахсӣ ҳамчун воситаи муассири тарбияи инсони солеҳ бетараф набошанд, ҷаҳонбинии диниро ҳамаҷониба ва қатъӣ аз омилҳои зояндаи неруи бадӣ – аз ифрот ва террор, тундравӣ, зиёдаравии пиндорию гуфторию амалӣ дар ҳама маҷро дифоъ намоянд.

Панҷум, мо бояд ҳамкории равияҳои динии миллиамонро дар ин самт муттаҳид карда, мазҳаби ҳанафӣ ва таълимоти исмоилияро ҳамчун такягоҳи маънавию динӣ дар мубориза бо ифрот ва терроризми динӣ истифода намоем. Аз ин хотир, дар Донишкадаи исломии ба номи Имоми Аъзам масъалаи омӯзиш ва таҳлили тамоюлҳои инсонгароию таҳаммулпазирӣ ва меҳангароии мазҳабҳои ниёгонамон мувофиқи мақсад аст.

Шашум, аҳли илм дар ҳамкорӣ бо ходимони динӣ манбаъҳои солими эътиқодӣ ва динии таълимоти ислом ва ҷараёну шохаҳои онро, ки дар масири таърих бо тундравӣ, ифрот ва терроризм муборизаи қотеонаи назарӣ ва амалӣ бурдаанд, дар шаклҳои асл ва вобаста ба замону макони табиати давлати дунявӣ эҳё ва тарғиб намоянд.

Ҳафтум, мутобиқ ба талаботи қонунгузорӣ таълим, тадрис ва тарғиби арзишҳои эътиқодӣ, ахлоқӣ ва маънавии шохаи моваруннаҳрии мазҳаби ҳанафӣ, ки арҷгузорӣ ба низом ва тартиби давлатдориро баландтарин

неъмат ва аз рукнҳои имондорӣ меҳисобад, бояд дар доираи талаботи иттиҳодияҳои динии кишвар дар Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам ва марказҳои исмоилия роҳандозӣ гардад.

Адабиёт:

1. Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ. Ас-Саводу-л-аъзам / Тарҷумаи куҳан аз арабӣ. Таҳиягарони матн ва муаллифони муқаддима, таълиқоту ҳавошӣ Н. Салимов, Н. Зоҳидов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2009. – 220 с.
2. Бартольд В.В. Арабское завоевание и Туркестан при Саманидах // Сочинения. – М., 1963.-Т.2, ч.1. – С. 118-126.
3. Бартольд В.В. Ислам // Сочинения. – М., 1966.-Т.6. – С. 79-139.
4. Васильев *А*. Исламский экстремизм как выражение кризиса мусульманской цивилизации // Азия и Африка сегодня. 2003. №5 (550). – С. 5.
5. Другов А. Экстремизм – дитя глобализации // Независимая газета. 24.11.2003.
6. Олимов К. Мулоҳизаҳо пиромуни баҳси дунявӣ ва динӣ.
7. Олимов К. Дар қаламрави фалсафа ва сиёсат. – Душанбе, ҶДММ «Табъу нашр», 2023. – С. 37.
8. Правовая система зороастризма. Монография. – Душанбе, 2005, – 488 с.
9. Сюкияйнен Л.Р. Исламское право и диалог культур в современном мире. – М.: Изд. Дом Высшей школы экономики, 2021. – С. 468-469.
10. Умнов *А*. Вечное возвращение. Фундаментализм как скрытая тенденция развития цивилизации // НГ-Религии. 22.09.1999. №18 (41).
11. Хабермас Ю. Вера и знание. Речь Ю. Хабермаса 14 октября 2014 г. в церкви Павла во Франкфурте-на- Майне.
12. Халиков А.Г. О роли государства Саманидов в истории права и государства народов Центральной Азии// Саманиды – уникальный иисторический феномен в мировой цивилизации. Сб. науч. Ст. ответственный редактор. Профессор А. Раджабов. Душанбе 2019. С. 131-159.
13. Халиков А.Г. Хадис как источник мусульманского права. – Душанбе, 1998. – С. 70-80.
14. Холиқов А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. Ҷ. 1. Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2002. – 304 с.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 20.11.2025
Аз тақриз баргашт: 25.11.2025
Ба чоп тавсия шуд: 22.12.2025

МАФҲУМ ВА МАХСУСИЯТҲОИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ

Азиззода Убайдулло Абдулло,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.
Тел.: (+992) 907811285
E-mail: ubaydullo_azizov@inbox.ru

Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, унвонҷӯи кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ.
Тел.: (+992) 988479647
E-mail: shodizoda9595@mail.ru

Фишурда. Дар мақолаи мазкур мафҳум ва махусусиятҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф, андешаҳои олимони ватанию хорҷиро таҳлил намуда, оид ба мафҳум ва хусусиятҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ хулосаю пешниҳодҳои дорои аҳаммияти баланди илмию амалидошта манзур кардааст. Дар натиҷаи таҳқиқоти худ муаллиф хулоса кардааст, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз падидаҳои муҳими илми назарияи давлат ва ҳуқуқ буда, дар ҳама давру замон мубраммияти худро нигоҳ доштааст. Бояд гуфт, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ мафҳуми васеъ буда, вобаста ба намудҳои алоҳида, мафҳуму мазмуни дигарро касб менамояд. Аз ин ҷост, ки то кунун дар илми ҳуқуқ мафҳуми умумиэътирофшудаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷой надорад. Таҳқиқот низ нишон медиҳад, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ то кунун таърифи умумии ҷавобгарии ҳуқуқӣ пешниҳод намудааст, ки фарогирандаи тамоми ҷанбаҳо, хусусият ва намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бошад.

Дар фаҳмиши содаю муқаррарӣ мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқиро дар шакли зайл пешниҳод намудааст: «Ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин чораи маҷбуркунии бо қонун муқарраршудае мебошад, ки дар натиҷаи ҳуқуқвайронкунии содиршуда, ҷиҳати бартараф намудани оқибатҳои он (барқарор намудан ва ё сазо кашидан аз кирдори худ) ба шахси ҳуқуқвайронкунанда нгаронида шудааст».

Калидвожаҳо: Мафҳум, махсусиятҳо, ҷавобгарӣ, ҳуқуқӣ, ҷавобгарии позитивӣ, ҷавобгарии негативӣ, маҷбуркунии давлатӣ, татбиқи санксияҳои ҳуқуқӣ.

ПОНЯТИЕ И ОСОБЕННОСТИ ЮРИДИЧЕСКОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ

Азиззода Убайдулло Абдулло,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, заведующий кафедрой теории и истории государства и права, доктор юридических наук, профессор.
Тел.: (+992) 907811285
E-mail: ubaydullo_azizov@inbox.ru

Шодизода Наджибулло Махмадризо,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, соискатель кафедры теории и истории государства и права.
Тел.: (+992) 988479647
E-mail: shodizoda9595@mail.ru

Аннотация. В статье анализируются и рассматриваются понятие и особенности юридической ответственности. Автором проанализированы мнения отечественных и зарубежных ученых и сделаны выводы и предложения, имеющие высокую научную и практическую значимость, относительно понятия и признаков юридической ответственности. В результате своего исследования автор пришел к выводу, что юридическая ответственность является одним из важных явлений теории государства и права и сохраняет свою актуальность во все времена. Следует отметить, что юридическая ответственность — широкое понятие и в зависимости от ее конкретных видов приобретает разное значение и содержание. Вот почему до настоящего времени в юридической науке не существует общепринятой концепции юридической ответственности. Исследование также показывает, что к настоящему времени юридическая наука предложила общее определение юридической ответственности, охватывающее все аспекты, характеристики и виды юридической ответственности.

В простом и привычном понимании понятие юридической ответственности представляется в следующем виде: «Юридическая ответственность – установленная законом мера принуждения, применяемая к правонарушителю вследствие совершенного им правонарушения в целях устранения его последствий (восстановления или наказания его действий)».

Ключевые слова: понятие, особенности, ответственность, правовая, позитивная ответственность, негативная ответственность, государственное принуждение, применение правовых санкций.

CONCEPT AND FEATURES OF LEGAL LIABILITY

Azizzoda Ubaidullo Abdullo,
Tajik national university, faculty of law, head of the department of theory and history of state and law, doctor of law, professor.
Tel.: (+992) 907811285
E-mail: ubaydullo_azizov@inbox.ru

Shodizoda Najibullo Mahmadrizo,
Tajik national university, faculty of law, aspirant of the department of theory and history of state and law
Phone.: (+992) 988479647
E-mail: shodizoda9595@mail.ru

Annotation. The article analyzes and examines the concept and features of legal liability. The author analyzed the opinions of domestic and foreign scientists and made conclusions and proposals of high scientific and practical significance regarding the concept and characteristics of legal liability. As a result of his research, the author came to the conclusion that legal liability is one of the important phenomena of the theory of state and law and remains relevant at all times. It should be noted that legal liability is a broad concept and, depending on its specific types, it acquires different meanings and content. That is why, to date, there is no generally accepted concept of legal liability in legal science. The study also shows that by now legal science has proposed a general definition of legal liability that covers all aspects, characteristics and types of legal liability.

In a simple and familiar understanding, the concept of legal liability is presented as follows: "Legal liability is a measure of coercion established by law, applied to an offender as a result of an offense committed by him in order to eliminate its consequences (restore or punish his actions)."

Key words: concept, peculiarities, responsibility, legal, positive responsibility, negative responsibility, state coercion, application of legal sanctions.

Назарияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳоло замонҳои вазнинро аз сар мегузаронад. Атрофи ин масъала дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд гардидааст, ки ҳолатҳои зерин ба сифати далели гуфтаҳои боло баромад мекунанд: «аввалан, сарфи назар аз таваҷҷуҳи мавҷуда ба проблемаҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар инкишофи назарияи умумии он як андоза рукуд ба амал меояд; дуюм, дастовардҳои назарияи умумии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар таҳқиқоти соҳавӣ ниҳоят бесамар истифода мешаванд, ки ин боиси пайдо шудани тасаввуроти нодуруст дар бораи моҳияти ҷавобгарии ҳуқуқӣ, асосҳои он,

қолабҳои пайдоиш, татбиқ ва ғайра мегардад»[26]. Қайд намудан зарур аст, ки тафсири мафҳуми ҷавобгари ҳуқуқӣ бояд дар заминаи тамоми хусусият, намудҳо ва нишонаҳои он сурат гирад, то таърифи он пурра ва мукаммал бошад.

Муҳаққиқони зиёд тасдиқ намудаанд, ки мафҳуми ягонаю умумиэътирофшудаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳануз пешниҳод нашудааст. Аз ҷумла, У.А. Азиззода қайд намудааст, ки «дар адабиёти ҳуқуқшиносӣ дар хусуси фаҳмиши ҷавобгарии ҳуқуқӣ фикру ақидаи ягона вуҷуд надорад. Мавҷуд набудани мафҳуми ягона ва истифодаи гуногуни истилоҳи ҳуқуқӣ дар назарияи илми ҳуқуқшиносӣ ва санадҳои амалкунандаи қонунгузорӣ барои таҳлили институти ҷавобгарии ҳуқуқӣ мушкилиҳои объективиро ба миён оварда, ба инкишофи илми ҳуқуқшиносӣ ва низоми қонунгузорӣ монеъ шуда метавонад»[27]. Мувофиқи ақидаи Н.А. Бутакова, дар назарияи давлат ва ҳуқуқ ва дар соҳаҳои ҳуқуқшиносӣ дар шарҳи моҳияти ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва муайян намудани мафҳуми он ягонагӣ вуҷуд надорад, гарчанде ки ин масъала аз ҷониби олимони шуравӣ ва муосир ба таври амиқ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст[28]. Ба андешаи А.В. Зуев, «ҷавобгарии ҳуқуқӣ як падидаи хеле мураккаб бо сохтори бисёрқабата мебошад. Ин аст, ки аз нигоҳи адабиёти ҳуқуқӣ ин масъала то имрӯз боз боқӣ мондааст. Бояд таъкид кард, ки дар айни замон дар қонун ин мафҳум равшан муайян карда нашудааст. Ин аз нуқтаи назари таҳлили категорияи ҳуқуқии мавриди назар проблемаҳои муайянеро ба миён меорад»[29]. Дар дигар адабиёти ҳуқуқӣ атрофи ҳамин масъала зикр шудааст, ки то имрӯз дар илм ва амалияи ҳуқуқ масъалаи мафҳуми умумии дуҷонибаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ, аломатҳо ва хосиятҳои он ҳалношуда мондааст. Ин бештар ба он вобаста аст, ки дар айни замон дар илмҳои гуманитарӣ на танҳо мафҳуми ягонаи ҳуқуқӣ, балки ҷавобгарии иҷтимоӣ низ вуҷуд надорад, ки олимон борҳо таъкид кардаанд[30]. П.А. Климонов дар ин хусус ба маврид изҳор намудааст, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ масъалаи мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ баҳсбарангез аст. «Дар қонун мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ дақиқ муқаррар карда нашудааст, ки ин барои таҳлили ин категорияи ҳуқуқӣ душвориҳо ба вуҷуд меорад, ки онро муҳаққиқон ба таври гуногун тафсир мекунанд»[31]. Ҳамин тавр, аз андешаҳои мазкур бармеояд, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ то кунун таърифи умумии ҷавобгарии ҳуқуқӣ пешниҳод намудааст, ки фарогирандаи тамоми ҷанбаҳо, хусусият ва намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бошад. Дар қонунгузори кишвар низ мафҳуми мазкур ба назар намерасад, ки аз як тараф таҳқиқи масъала ва

---

[26] Маторин А.М. Юридическая ответственность, как правовая категория / А.М. Маторин // Вестник Национального Института Бизнеса. – 2019. – № 37. – С. 164.

[27] Азиззода У.А., Раҷабзода С.А. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун чораи маҷбуркунии давлатӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №2. – С. 241.

[28] Бутакова Н.А. Юридическая ответственность: понятие, виды / Н.А. Бутакова, Н.П. Пирожкова // Научные труды Северо-Западной академии государственной службы. – 2012. – Т. 3, № 1(5). – С. 251.

[29] Зуев А.В. Характеристика понятия юридической ответственности // Научно-практический журнал «Заметки Ученого». – 2021. – №13. – С. 492.

[30] Кузакбирдиев С.С., Цишковский Е.А. Понятие и сущность юридической ответственности (вопросы теории). – Тюмень: Тюменский юридический институт МВД РФ, 2002. – С. 30.

[31] Климонов П.А. К вопросу о понятии юридической ответственности / П.А. Климонов // Инновации. Наука. Образование. – 2021. – № 33. – С. 363.

пешниҳоди мафҳуми ягонаро душвор гардонида, аз тарафи дигар мубарммияти масъаларо боз ҳам меафзояд.

Бояд тазаккур дод, ки «мавҷуд набудани мафҳуми умумиэътирофшудаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳануз маънои онро надорад, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ атрофи он андешаронӣ нашудааст, баръакс, дар адабиёт аз ҷониби муҳаққиқон таърифҳои гуногуни ҷавобгарии ҳуқуқӣ манзур гардидаанд»[32]. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз муҳимтарин институтҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки меъёрҳои он дар механизми танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ мавқеи махсусро ишғол мекунанд. Моҳияти ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо он муайян карда мешавад, ки мавҷудияти таҳдиди ҷазо барои кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ ангезаи рафтори қонунӣ мебошад. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳангоми истифодаи ин истилоҳ дар қонунгузории ҷорӣ барои таҳлили ин категорияи ҳуқуқӣ мушкилот эҷод мекунад, ки ин ба рушди ҳам илми ҳуқуқ ва ҳам низоми ҳуқуқии ватанӣ мусоидат намекунад. Зеро агар категорияи «ҷавобгарӣ» ба таври дигар фаҳмида шавад, пас ҳар як муҳаққиқ ба он ҷиҳати падидае, ки аз ҳама муҳимтар мешуморад, таваҷҷуҳ мекунад[33]. Бинобар ин, фаҳмиши ягонаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳам барои амалияи қонунгузорӣ ва ҳам барои назарияи ҳуқуқшиносӣ аҳаммияти калон дорад.

Вобаста ба фаҳмиши ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо андешаи як зумра муаллифон розӣ шудан лозим аст, ки мафҳуми ҷавобгарӣ дар шакли умумии худ маънои фалсафӣ, забонӣ, иҷтимоӣ ва методологӣ дошта, муносибати махсуси иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва ҳуқуқии шахсро нисбат ба давлат ва ҷомеа ифода мекунад, ки аз иҷрои вазифаи маънавию ҳуқуқӣ иборат аст[34]. Дар забони русӣ мафҳуми «ҷавобгарӣ» мураккаб ва фарогир буда, аз се қисмати ягонаи умумӣ иборат аст: 1) дарки уҳдадорӣ, ки дар меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ ифода ёфтааст; 2) арзёбии рафтор ва оқибатҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳими он аз ҷониби давлат ва мақомоти он; 3) тадбирҳои таъсиррасонӣ (ҷазо) аз номи давлат, ҷомеа ё гурӯҳ барои дур шудан аз меъёрҳои рафтор[35]. Дар Фарҳанги тафсири истиллоҳоти тоҷикӣ ҷавобгарӣ ба ду фаҳмш тафсир шудааст: «1) масъул будан, масъулият, ҷавобгар будан; 2) гунаҳгорӣ, айбдорӣ; ҷавобгариро ба гардан гирифтан, масъулиятро ба зимма гирифтан; ҷавобгарӣ доштан масъулиятнок будан, масъулият доштан (кор, вазифа); ба ҷавобгарӣ кашидан гунаҳгор кардан, масъул гардонидан (касеро барои коре): ҷавобгарии маъмурӣ, ҷавобгарии моддӣ»[36]. Мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар «Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ» низ ба ҳамин мазмун омадааст: ҷавобгарии ҳуқуқӣ татбиқи чораҳои маҷбурсозии ҳуқуқӣ ба шахси гунаҳгор барои содир кардани

---

[32] Шодизода Н.М. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ: мафҳум, функсия ва намудҳои он / Н.М. Шодизода // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. Бахши илмҳои ҳуқуқ, таърих ва иқтисод. – 2025. – № 1(3). – С. 13.

[33] Калугина Л.В. Юридическая ответственность. Понятие и сущность // Вестник академии «Предпринимательство и право». – 2011. – №1. – С. 136.

[34] Уваров А.А., Хагба М.Б. О категории юридической ответственности // Государство и право в XXI в. – 2019. – № 1. – С. 19.

[35] Севрюгин В.Е. Проблемы административного права: Учебное пособие. – Тюмень, 1994. – С. 148.

[36] Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. (О–Я) / Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султон. – Душанбе, 2008. – С. 573.

ҳуқуқвайронкунӣ мебошад. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо меъёрҳои ҳуқуқ дар санксияҳои меъёрҳо пешбинӣ мешавад. Асоси ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳуқуқвайронкунӣ аст. Агар ҳуқуқвайронкунӣ набошад, пас ҷавобгарӣ ҳам нест. Ҷавобгарии ҳуқуқиро танҳо мақомоти давлатӣ ва ашхоси мансабдори босалоҳият бо тартиби махсуси пешбиникардаи қонун истифода мебаранд[37]. Маънои истилоҳи «ҷавобгарии ҳуқуқӣ» ифодакунандаи татбиқи чораҳои махсуси маҷбуркунӣ аз ҷониби давлат мебошад, ки нисбати шахсе, ки ҳуқуқвайронкунӣ содир кардааст, нигаронида шудааст. Дар ин маврид сухан дар бораи як низоми мушаххаси муносибатҳои ҳуқуқӣ меравад, ки мавҷудияти ду тараф – мақомоти салоҳиятдор аз ҷониби давлат ва ҳуқуқвайронкунанда, ки барои кирдори содиршуда ба ҷавобгарӣ кашида мешавад, пешбинӣ менамояд.

Бояд гуфт, ки мафҳуми ҳуқуқии ҷавобгариро аз мафҳуми умумии он ҷудо кардан мумкин нест, балки бояд ҳамчун татбиқи ин мафҳуми умумӣ ба шароиту хосиятҳои хоси ҳуқуқ, фаъолияти ҳуқуқӣ, танзими амалҳо бо ҳуқуқ, рафтори инсон ба ҳисоб гирифта шавад. Бинобар ин, ба назари мо, ҷавобгарии ҳуқуқиро бояд дар заминаи ягонагии амали ҷамъиятии ҳуқуқ бо хусусиятҳои танзими меъёрӣ дар соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ баррасӣ кард. Албатта, ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун як падидаи ҳуқуқӣ, инчунин як намуди махсуси ҷавобгарии иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Мо ба ақидае розӣ ҳастем, ки дар назарияи ҳуқуқ тафсирҳои гуногуни ҷавобгарии ҳуқуқӣ ифода мешаванд: татбиқи санксияҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ, маҷбуркунӣ барои иҷрои талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ, ҷазо, бори иловагӣ аз сабаби иҷро накардани вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда, як намуди таъсири маҷбурии давлатӣ[38]. Дар баробари ин, ҳар як консепсияи пешниҳодшуда як қатор ҷанбаҳои баҳсбарангез дорад.

Шарҳи маъмултарини мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун чораи маҷбуркунии давлатӣ, ҳамчун вокуниш ба кирдори содиршуда, яъне ҳуқуқвайронкунӣ мебошад. Ба ақидаи Р.Ш. Шарофзода, «истилоҳи «маҷбуркунии давлатӣ» ба маънои мазмун ва моҳияти ҳуқуқии чораҳои маҷбуркунии давлатӣ фаҳмида мешавад ва бинобар рушди давлатҳои демократию ҳуқуқбунёд, истилоҳи мазкурро «маҷбуркунии ҳуқуқии давлатӣ» иваз мекунад»[39]. Ба ин ақида розӣ шудан мувофиқи мақсад аст, зеро чораҳои маҷбуркунии ҳуқуқии давлатӣ дар заминаи вайрон кардани меъёрҳои ҳуқуқ ба вуҷуд меоянд. «Ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ҷомеа, пеш аз ҳама, маҷбурии давлат барои иҷрои талаботи қонун фаҳмида мешавад, ки маҳкумкунии кирдори ҳуқуқвайронкунанда аз ҷониби давлат ва ҷомеаро дар бар мегирад»[40]. Дар ин ҷо мо метавонем як қатор нуктаҳои муҳимро қайд кунем: аввалан, ҷавобгарӣ бо ҳуқуқвайронкунӣ зич алоқаманд аст; дуюм, ҷавобгарӣ дар татбиқи маҷбуркунии давлатӣ нисбат ба

---

[37] Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ. Зери таҳрири доктори илми ҳуқуқ, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ Маҳмудов М.А. – Душанбе: Эр-граф, 2004. – С. 531.

[38] Вишневский А.Ф. Юридическая ответственность: некоторые аспекты теоретического осмысления в правовой науке // Вестник Пермского университета. Юридические науки. – 2013. – № 4 (22). – С. 19.

[39] Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе: Империал – Групп, 2014. – С. 619-620.

[40] Калугина Л.В. Юридическая ответственность. Понятие и сущность // Вестник академии «Предпринимательство и право». – 2011. – №1. – С. 136.

ҳуқуқвайронкунанда ифода меёбад; сеюм, худи амали истифодаи зӯроварӣ маҳкумкунии кирдори ҳуқуқвайронкунандаро дар бар мегирад. Ҳамин тавр, ҷавобгарии ҳуқуқӣ нисбат ба ҳуқуқвайронкунанда татбиқи чораҳои маҷбуркунии давлатӣ мебошад, ки дар меъёрҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ шудаанд, ки дар шакли маҳрумсозии дорои хусусияти шахсӣ, ташкилӣ ё молӣ ифода ёфтаанд.

Чун анъана дар илми ҳуқуқ ҷавобгарии ҳуқуқӣ оқибати вайрон кардани меъёрҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби шахс фаҳмида мешуд. Ба андешаи У.А. Азиззода, «ҷавобгарӣ (дар мазмуни васеи ичтимоияш) гуфта, зарурияти воқеии ҷавобгарии шахси барои вайрон кардани меъёрҳои дар ҷамъият муқарраргардидаро мемонанд, ки дар татбиқ кардани оқибатҳои ногувор нисбати ӯ ифода меёбанд (сарзаниш, танбеҳ, ҷарима, аз озодӣ маҳрум намудан, ҳукми қатл ва м.и.). Намудҳои гуногуни ҷавобгарии ичтимоӣ вуҷуд доранд: ҷавобгарии сиёсӣ, маънавӣ, корпоративӣ, оилавӣ, динӣ, ҳуқуқӣ ва ғ. Вале дар низоми ҷавобгарии ичтимоӣ мавқеи махсусро ҷавобгарии ҳуқуқӣ ишғол менамояд»[41]. О.С. Иоффе ва М.Д. Шаргородский «ҷавобгарии ҳуқуқиро оқибати ҳуқуқвайронкунӣ, ҳамчун аксуламали давлат ба ичро накардани уҳдадориҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби шахс баррасӣ карданд. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ба ақидаи онҳо, чораи маҷбуркунии давлатӣ дар асоси маҳкумкунии ҳуқуқӣ ва ҷамъиятии рафтори ҳуқуқвайронкунанда ва дар муқаррар намудани оқибатҳои муайяни манфӣ барои ӯ дар шакли маҳдуд кардани ҳуқуқҳои шахсӣ ва молумулкӣ ифода меёбад»[42]. Тавре дар адабиёт қайд мегардад, «ҳамаи нуқтаи назарҳои мавҷуда оид ба ин масъала ба як чиз мувофиқанд: ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин вокуниш ба ҳуқуқвайронкунии шахс мебошад, ки дар шакли маҷбуркунии давлат тавассути мақомоти салоҳиятдор ифода меёбад»[43].

Ҷавобгарии ҳуқуқӣ ичрои уҳдадориест, ки ба маҷбуркунии давлатӣ ё ба он баробаркардашуда асос ёфтааст. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ як қисми муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки оқибатҳои ҳуқуқӣ байни ҳуқуқвайронкунанда ва давлат дар симои мақомоти салоҳиятдори он ба вуҷуд меоянд[44]. Аммо ҷавобгарӣ ин гуна муносибатҳои нави ҳуқуқӣ нест, зеро ҳамон муносибатҳои ҳуқуқӣ, ҳамон уҳдадорие, ки қаблан вуҷуд дошт, эътибор дорад. Уҳдадории умумии ичро накардани амалҳои муайян дар муносибатҳои ҳуқуқии мушаххас уҳдадорӣ нест. Бинобар ин, танҳо ҳангоми вайрон кардани ин уҳдадорӣ муносибатҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд ва албатта уҳдадории дар он мавҷудбударо ихтиёран ичро кардан мумкин аст. Ихтиёран ичро накардани уҳдадорие, ки аз вайрон кардани мамнуъиятҳои умумӣ бармеояд, боиси ҷавобгарии ҳуқуқӣ мегардад.

---

[41] Азиззода У.А., Раҷабзода С.А. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун чораи маҷбуркунии давлатӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои ичтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №2. – С. 241.

[42] АлексеевС.С. Социальная ценность права в советском обществе. – М., 1971. – С. 416.

[43] Безруков А.В., Жильцов А.В. Общественный порядок, правопорядок и безопасность: грани пересечения и соотношение правовых категорий // Административное право и процесс. – 2020. – № 6. – С. 20.

[44] Алиев И.И., Бобохонов Ф.А. Оид ба мафҳум ва хусусиятҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ / И.И. Алиев, Ф.А. Бобохонов // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. Бахши илмҳои ҳуқуқ, таърих ва иқтисод. – 2024. – № 1(1). – С. 55.

Дар айни замон мақсади мо аз матраҳ намудани мавзуи мавриди назар аз он иборат нест, ки танҳо як нуқтаи назар ва ё як мавқеи мушаххаси илмиро дурусту дақиқ бишуморем ва нуқтаи назари шахсони дигарро нодида бигирем. Мо тарафдор ва алоқаманди он ҳастем, ки ба сифати асосу бунёд дар муқоиса бо консепсияҳои дигари алтернативии мавҷуд консепсияи ҳуқуқии аз ҷиҳати илмӣ бештар асоснокро қабул намоем ва бо ин имкони онро фароҳам оварем, ки ин консепсияи мукаммалу дорои асосҳои комилтари ҳуқуқӣ аз назари консепсияҳои дигари монанд ба он мавриди интиқоду баррасӣ қарор бигирад. Фақат бо истифода аз чунин равиш метавон ба ташаккули самтёбии мушаххас дар кори таҳияву омодасозии мутаххасисон ноил гардид. Бинобар ин, дар муайянсозии мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд тамоми андешаҳои пешниҳодшуда ва ҷанбаҳои мухталифи ҷавобгарӣ бояд ба назар гирифта шавад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ таърифҳо ва фаҳмишҳои мухталифи ҷавобгарии ҳуқуқӣ мушоҳида мегардад. Баъзе муаллифон онро ҳамчун раванди татбиқи санксияҳо мефаҳманд. Дигарон онро ҳамчун муносибатҳои ҳуқуқии ҳимоявӣ пешниҳод мекунанд, ки байни ҳуқуқвайронкунанда ва мақомоти давлатӣ ба вуҷуд меояд[45]. Бо вуҷуди ин, ҳамаи онҳо розӣ ҳастанд, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ уҳдадории мушаххаси маҳрумияти шахсӣ ё моддиро барои ҳуқуқвайронкунии содиршуда мувофиқи санксияи меъёри ҳуқуқии вайроншуда ба бор меорад. Минбаъд равиши дигар ба миён меояд: ҷавобгарии ҳуқуқӣ маънои татбиқи санксияҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ, тадбирҳои зикргардидаи ҷавобгариро дорад[46]. Бисёре аз муҳаққиқон дар доираи мавзӯи баррасишаванда бар он ақидаанд, ки «ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин пеш аз ҳама маҷбурии давлат дар ҳолати вайрон кардани меъёр ва тартиби муқарраргардида мебошад. Дар навбати худ, таъкид кардан лозим аст, ки ин ҷавобгарӣ барои ҷомеа низ кафолати муайян буда, имкон медиҳад, ки барои ҳифзи аҳолӣ аз ҳуқуқвайронкуниҳо шароит фароҳам оварда шавад»[47].

Аксари муаллифон ҷавобгарии ҳуқуқиро ҳамчун чораи маҷбуркунии давлатӣ мефаҳманд ё онро бо ҷазо барои ҳуқуқвайронкунӣ муайян мекунанд. Гурӯҳи дигари муҳаққиқон ҷавобгарии ҳуқуқиро дар доираи категорияҳои ҳуқуқии мавҷуда таҳлил мекунанд. Онҳоро ҳамчун муносибатҳои ҳуқуқии муҳофизатӣ, ҳамчун уҳдадории мушаххаси ҳуқуқӣ, ҳамчун татбиқи санксияҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ғайра маънидод мекунанд[48]. Мафҳуми дигарро В. Лазарев пешниҳод кардааст: ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин уҳдадории субъекти ҳуқуқ мебошад, ки дар меъёрҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ шуда, ҳуқуқвайронкунандаро дучори оқибатҳои номусоиди ҳуқуқвайронкунӣ мегардонад[49]. Ҷавобгарии ҳуқуқиро низ набояд бо

---

[45] Базылев Б.Т. Юридическая ответственность (теоретические вопросы). – Красноярск, 1985. – С. 31-37.
[46] Хропанюк В.Н. Теория государства и права. – М., 1993. – С. 242.
[47] Беджанова Т.Е. К вопросу о понимании конституционно-правовой ответственности / Т. Е. Беджанова, Х. О. Османова // Закон и право. – 2019. – № 7. – С. 64.
[48] Калугина Л.В. Юридическая ответственность. Понятие и сущность // Вестник академии «Предпринимательство и право». – 2011. – №1. – С. 136.
[49] Лазарев В.В., Липень С.В. Теория государства и права: учебник для вузов. 2'е изд. – М., 2000. – С. 64.

маҷбури давлат ва аз ин ҳам бештар бо ҷараёни татбиқи он муайян кард. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки дар он ҳуқуқвайронкунанда ҳамчун тарафе баромад мекунад, ки ба душвориҳои муайян тобовар аст, ҳамеша чораҳои маҷбуркунии давлатиро пешбинӣ мекунад. Санксияҳо доираи ҷавобгарии ҳуқуқиро муайян мекунанд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ таърифҳои зиёди ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавҷуданд. Дар ин бобат бояд ба муносибатҳои ҷудогонаи муаллифӣ диққат дода шавад. Ба гуфтаи Н.С. Малейна, ҷавобгарии ҳуқуқӣ вокуниш ба ҳуқуқвайронкунӣ аст[50]. Б.Т. Базилев чунин таърифро пешниҳод мекунад: ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқи иҷтимоӣ институти махсуси муҳофизаткунанда буда, вазифаи ҷазо додани ҳуқуқвайронкунандаро иҷро мекунад[51]. О.Э. Кутафин мафҳуми истилоҳро чунин шарҳ медиҳад: Ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин вокуниши манфии давлат ба содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ дар шакли татбиқи чораҳои давлатии таъсиррасонӣ нисбати шахси гунаҳгор мебошад[52]. С.Н. Братус таърифи зеринро пешниҳод мекунад: Ҷавобгарии ҳуқуқӣ иҷрои уҳдадориест, ки ба маҷбуркунии давлатӣ ё ба он баробар аст[53]. В.Н. Кудрявсев чунин меҳисобад, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ як ниҳоди мушаххаси назорати ҷамъиятист, ки ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектро вобаста ба вазифаи ба ӯ супурдашуда ва оқибатҳои ҳуқуқӣ ё маънавӣ – мусбат ва манфиро дар ҳолати иҷро ё мувофиқан иҷро накардани он пешбинӣ менамояд[54]. А.Б. Венгеров чунин мешуморад, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз шаклҳои маҷбуркунии давлатӣ мебошад, ки системаи ҳуқуқии ҷамъиятро таъмин менамояд[55]. Ба ақидаи Д.А. Липинский, «ҷавобгарии ҳуқуқӣ уҳдадории қонунӣ оид ба риоя ва иҷрои талаботи муқарраркардаи волоияти қонун мебошад, ки дар рафтори қонунии субъектҳо ба амал омада, аз ҷониби давлат тасдиқ ё ҳавасманд карда мешавад ва дар ҳолати вайрон кардани он - уҳдадории ҳуқуқвайронкунанда барои муқовимат ба маҳкумият, маҳдуд кардани ҳуқуқҳои дорои хусусияти моддӣ ё шахсӣ ва татбиқи он ба миён меояд»[56]. Ҳамин тариқ, ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ҳама марҳилаҳои пайдоиш ва инкишофи муносибатҳои ҳуқуқӣ мавҷуд аст, ки асоси пайдоиши он ҳуқуқвайронкунӣ мебошад.

Дар асоси таърифҳои дар боло овардашуда дар мафҳуми умумӣ ду равиши асосиро барои фаҳмиши ҷавобгарии ҳуқуқӣ муайян кардан мумкин аст. Мафҳумҳои мавҷуда онро ё ҳамчун вокуниши давлат нисбат ба ҳуқуқвайронкунӣ (таъхири чораҳои ҷазо, татбиқи ҷазо ва ғ.) ё муносибатҳои махсуси ҳуқуқӣ мешуморанд, ки мувофиқи он

---

[50] Малеин Н.С. Правонарушение: Понятие, причины, ответственность. – М.: Юридическая литература, 1985. – С. 130.

[51] Базылев Б.Т. Юридическая ответственность (теоретические вопросы). – Красноярск, 1985. – С. 8.

[52] Основы государства и права: учеб. пособие / под ред. О.Е. Кутафина. – М.: Юристъ, 2002. – С. 432.

[53] Братусь С.Н. Юридическая ответственность и законность: очерк теории. – М.: Юридическая литература, 1976. – С. 85.

[54] Кудрявцев В.Н. Закон, поступок, ответственность. – М.: Наука, 1986. – С. 297.

[55] Венгеров А.Б. Теория государства и права: учебник. – М.: Омега'Л, 2007. – С. 468.

[56] Липинский Д.А. О системе права и видах юридической ответственности // Правоведение. – 2003. – № 2. – С. 29.

ҳуқуқвайронкунанда вазифадор аст оқибатҳои манфии кирдори худро аз сар гузаронад.

Аз нигоҳи ҳуқуқи маъмурӣ ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба маънои пардохти ҷарима ва ғайра дониста мешавад[57]. Чунин дидгоҳ ва нуқтаи назар дар соҳаи назарияи ҳуқуқ дар айният ёфтани ҷавобгарӣ бо санксияҳои ҳуқуқӣ инъикос ёфтааст[58]. Дар бархе аз ҳолатҳо ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба сифати маҷбурсозии давлатӣ ҷиҳати иҷрои талаботи ҳуқуқ ҳамчун на уҳдадории алоқаманд ба ҳодисаи ҳуқуқвайронкунӣ, балки ба муносибати қабули санади ҳуқуқтатбиққунӣ муайян мегардид[59]. Агар дар баъзе нашрияҳо таркиби ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба кор рафта бошад ҳам, аммо моҳияти назариявии он ошкор карда намешавад ва аз ин ҷиҳат ба хонанда тавсия мешавад, ки барои дарёфти маълумот ба намудҳои соҳавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ мурочиат намояд. Асли матлаб аз он иборат аст, ки баъд аз қатъ гардидани муносибатҳои алоқаманд ба ҷазои шахси содиркунандаи ҳуқуқвайронкунӣ, шахси мазкур дар ҷомеае, ки ӯро барои содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ маҳкум намудааст, ба кору зиндагии худ идома медиҳад. Бо мақсади пешгирӣ намудан аз табдил ёфтани шахси ҳуқуқвайронкунанда ба шахси радшуда дар ҷомеа, роҳ надодан ба содир гардидани ҳуқуқвайронкуниҳои нав тавассути вай зарурати ба чораҳои ҷазоӣ додани мазмуну муҳтавои инсондустӣ ва ҷанбаи фоиданоки ҷамъиятӣ пеш омад. Ҷомеа ба дарки ин матлаб расидаст, ки ҷазо додани шахси ҳуқуқвайронкунанда фақат ба хотири ҷазо додан як кори беҳуда ва нолозим аст.

Бинобар вуҷуд надоштани таърифи мафҳуми дар қонунгузорӣ пешбинишудаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва асосҳои он, баробар бо таъриф ва асосҳои дигар намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқии соҳавӣ ва ҳамчунин бо мақсади унификатсия ва мураттабгардонии ҷавобгарӣ, О.Н.Людвикевич зарурати қабули қонуни Ҷумҳурии Белорус «Дар бораи ҷавобгарии ҳуқуқӣ»-ро асоснок менамояд. Ба андешаи мазкур мо низ ҷонибдор мебошем ва дар ин замина пешниҳод менамоем, ки дар кишвари мо низ Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷавобгарии ҳуқуқӣ» таҳия ва қабул карда шавад. Паҳлуҳои алоҳидаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ, мафҳум, нишонаҳо, намудҳо, функсияҳо, шаклҳои амалисозӣ, умуман бисёре аз ҷанбаҳое, ки дар қонунгузории амалкунандаи соҳавии кишвар ба назар намерасанд, дар ин санад муқаррар кардан мумкн аст.

Дар фаҳмиши содаю муқаррарӣ бошад – Ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин чораи маҷбуркунии бо қонун муқарраршудае мебошад, ки дар натиҷаи ҳуқуқвайронкунии содиршуда, ҷиҳати бартараф намудани оқибатҳои он (барқарор намудан ва ё сазо кашидан аз кирдори худ) ба шахси ҳуқуқвайронкунанда нгаронида шудааст.

---

[57] Максимов И.В. Административные наказания. – М.: Норма, 2009. – С. 164.

[58] Мусаткина А.А. Признаки финансово-правовых санкций // Финансовое право. – 2004. – № 1. – С. 25-28. Липинский Д.А., Мусаткина А.А. Лекция: юридическая ответственность, санкции и меры защиты // Вестник Орловского государственного университета. Серия: Новые гуманитарные исследования. – 2010. – № 4. – С. 55-62.

[59] Колосова И.М. Конституционная ответственность в Российской Федерации: Ответственность органов государственной власти и иных субъектов права за нарушение конституционного законодательства Российской Федерации. – М.: Городец, 2000. – С. 34.

Ҷавобгарии ҳуқуқиро асосан хусусият ва аломатҳои он равшану возеҳ менамоянд, ки дар як маврид ифодакунандаи моҳияти ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошанд. Оид ба хусусият ва аломатҳои ҷавобгарии ҳуқуқ ва ё аниқтараш унсурҳои таркибии мафҳуми он дар адабиёти ҳуқуқӣ андешаҳои мухталиф ҷой дорад. Аз ҷумла, ба ақидаи баъзе муаллифон, мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд хусусиятҳои зеринро дар бар гирад:

1) маҳкумкунии давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар шакли талаб дар бораи татбиқ ё истифодаи бевоситаи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти ташкилию шахсӣ;

2) содир намудани кирдори ғайриқонунӣ, яъне вайронкунии конститутсионӣ бо шартҳои муҳимтарин - ғайриқонунии объективӣ ва гуноҳ;

3) муносибатҳои ҳуқуқии байни ҳуқуқвайронкунанда ва давлат аз лаҳзаи содир намудани кирдори ғайриқонунӣ, ки бо пайдоиши муносибатҳои махсуси муҳофизавӣ хос тавсиф мешавад[60].

М.И. Байтин нишонаҳои зерини муҳими ҷавобгарии ҳуқуқиро нишон медиҳад:

«1) ҷавобгарӣ барои ҳуқуқвайронкунии содиршуда ҳамчун амали (беамалии) ғайриқонунии гунаҳкор, ки ба ҷамъият ё шахс зарар мерасонад;

2) асоси ҷавобгарии ҳуқуқиро меъёри ҳуқуқӣ ташкил медиҳад;

3) барои ҳуқуқвайронкунанда фаро расидани оқибатҳои номатлуби дорои хусусияти моддӣ, ҷисмонӣ ё рӯҳӣ, ки дар санксияи меъёри ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст;

4) хусусияти маҷбурии давлатӣ, иштироки давлат дар татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ, маҳкумкунии давлатию ҳуқуқии рафтори ҳуқуқвайронкунанда»[61].

Ҳамин тавр, ҷавобгарии ҳуқуқӣ падидаи бисёрҷанбаи ҳуқуқӣ буда, аз инҳо иборат аст:

1) маҷбуркунии ҳуқуқии ҳокимияти давлатӣ;

2) баҳои манфӣ (маҳкум кардан)-и кирдори (беамалии) шахси гунаҳгор аз ҷониби ҷамъият ва давлат;

3) нисбат ба гунаҳгор бо тартиб ва ҳаҷми пешбининамудаи қонун татбиқ намудани ҷазоҳои молу мулкӣ ва ғайри молу мулкии дар қонун ё шартнома муқарраргардида;

4) ба зиммаи ҳуқуқвайронкунанда гузоштани уҳдадориҳои баръало гарон, номусоиди ҳимоявӣ, маҳдудият ё маҳрум кардан аз ҳама гуна ҳуқуқ ё ваколатҳое, ки ба ҷазо додан, аз нав тарбия намудани ҳуқуқвайронкунӣ, барқарор намудани мавқеи аввала, ҳуқуқҳои ҷабрдида, ҷуброни (товони) зарари (зиёни) аз ҳисоби қонун ва рафтори ӯ расонидашуда, нигаронида шудаанд;

5) сазо кашидани ҳуқуқвайронкунанда аз чораҳои нисбати ӯ татбиқшуда;

---

[60] Жангараев Н.Т. Юридическая ответственность: понятие, содержание и цели // Вестник сборник научных статей. – 2016. – №2 (14). – С. 29.

[61] Байтин М.И. Сущность права (современное нормативное правопонимание на грани двух веков). – 2-е изд., доп. – М.: ООО ИД «Право и государство», 2005. – С. 226-227.

6) рафтори воқеии ҳимоявии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судӣ;

7) субъектҳо, объектҳо, ҳуқуқҳои ҳифзи субъективии ҷабрдидагон ва уҳдадориҳои ҳуқуқвайронкуниҳо (қарздорон) дар доираи муносибатҳои ҳифзи ҳуқуқӣ.

Дар натиҷаи таҳлилу баррасии мафҳум ва нишонаҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ хулосаҳои зеринро пешниҳод кардан мумкин аст:

1. Ҳамин тавр, зимни таҳлили андешаҳои олимон мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқиро дар фаҳмиши васеъ, ки унсурҳои намудҳои алоҳидаи ҷавобгарӣ (ҷиноятӣ, маданӣ, интизомӣ ва маъмурӣ)-ро дар бар мегирад, чунин пешниҳод кардан мумкин аст: «Ҷавобгарии ҳуқуқӣ - як намуди махсуси ҷавобгарии иҷтимоӣ, як падидаи мушаххаси ҳуқуқӣ мебошад, ки дорои сарчашмаҳои танзимкунанда ва ҳимоявии ҳуқуқӣ (қонунҳо, шартномаҳо, урфу одатҳои ҳуқуқӣ, муқаррарот, мамнуъиятҳо, санксияҳо), ки асосҳои ҳуқуқӣ ва воқеӣ, шаклҳо, воситаҳо, тартиби (тадбирҳо) таъсири ваколатдори давлатиро ба вайронкунандагони ҳуқуқи оммавӣ ва хусусии тибқи уҳдадориҳои ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашидашуда, чораҳои (санксияҳои) маҷбурии давлатии дорои хусусияти молумулкӣ ва (ё) шахсӣ (ғайримолумулкӣ) (аз озодӣ маҳрум кардан, корҳои ислоҳӣ, ҷуброни зарар, ситонидани зарар, ҷарима, фоизҳо, ҷуброни пулӣ ва ғ.) дар доираи муносибатҳои ҳуқуқии ҳимоявӣ бо тартиб ва асосҳои пешбининамудаи қонун, бо мақсади барқарор намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои (субъектҳои шартнома ё қисми қонунӣ муносибатҳои ғайришартномавӣ), вайрон кардани тартиботи ҳуқуқӣ, ноил шудан ба пешгирии умумӣ ва махсус бо риояи принсипҳои қонуният, эътибори ҳуқуқӣ, адолат, мутаносибӣ, муноқиша ва инсонпарварӣ, нигаронида шудааст».

2. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ падидаи бисёрҷанбаи ҳуқуқӣ буда, аз инҳо иборат аст: маҷбуркунии ҳуқуқии ҳокимияти давлатӣ; баҳои манфӣ (маҳкум кардан)-и кирдори (беамалии) шахси гунаҳгор аз ҷониби ҷамъият ва давлат; нисбат ба гунаҳгор бо тартиб ва ҳаҷми пешбининамудаи қонун татбиқ намудани ҷазоҳои молу мулкӣ ва ғайри молу мулкии дар қонун ё шартнома муқарраргардида; ба зиммаи ҳуқуқвайронкунанда гузоштани уҳдадориҳои баръало гарон, номусоиди ҳимоявӣ, маҳдудият ё маҳрум кардан аз ҳама гуна ҳуқуқ ё ваколатҳое, ки ба ҷазо додан, аз нав тарбия намудани ҳуқуқвайронкунӣ, барқарор намудани мавқеи аввала, ҳуқуқҳои ҷабрдида, ҷуброни (товони) зарари (зиёни) аз ҳисоби қонун ва рафтори ӯ расонидашуда, нигаронида шудаанд; сазо кашидани ҳуқуқвайронкунанда аз чораҳои нисбати ӯ татбиқшуда; рафтори воқеии ҳимоявии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судӣ; субъектҳо, объектҳо, ҳуқуқҳои ҳифзи субъективии ҷабрдидагон ва уҳдадориҳои ҳуқуқвайронкуниҳо (қарздорон) дар доираи муносибатҳои ҳифзи ҳуқуқӣ.

3. Пешниҳод менамоем, ки дар кишвари мо низ Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷавобгарии ҳуқуқӣ» таҳия ва қабул карда шавад. Паҳлуҳои алоҳидаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ, мафҳум, нишонаҳо, намудҳо, функсияҳо, шаклҳои амалисозӣ, умуман бисёре аз ҷанбаҳое, ки дар қонунгузории амалкунандаи соҳавии кишвар ба назар намерасанд, дар ин санад муқаррар кардан мумкн аст.

Адабиёт:

1. Азиззода У.А., Раҷабзода С.А. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун чораи маҷбуркунии давлатӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №2. – С. 241-247.

2. АлексеевС.С. Социальная ценность права в советском обществе. – М., 1971. – С. 416.

3. Алиев И.И., Бобохонов Ф.А. Оид ба мафҳум ва хусусиятҳои функсияҳои Ҷавобгарии ҳуқуқӣ / И.И. Алиев, Ф.А. Бобохонов // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. Бахши илмҳои ҳуқуқ, таърих ва иқтисод. – 2024. – № 1(1). – С. 52-62.

4. Базылев Б.Т. Юридическая ответственность (теоретические вопросы). – Красноярск, 1985. – С. 31-37.

5. Байтин М.И. Сущность права (современное нормативное правопонимание на грани двух веков). – 2-е изд., доп. – М.: ООО ИД «Право и государство», 2005. – 544 с.

6. Беджанова Т.Е. К вопросу о понимании конституционно-правовой ответственности / Т. Е. Беджанова, Х. О. Османова // Закон и право. – 2019. – № 7. – С. 64-65.

7. Безруков А.В., Жильцов А.В. Общественный порядок, правопорядок и безопасность: грани пересечения и соотношение правовых категорий // Административное право и процесс. – 2020. – № 6. – С. 17-22.

8. Братусь С.Н. Юридическая ответственность и законность: очерк теории. – М.: Юридическая литература, 1976. – С. 85.

9. Бутакова Н.А. Юридическая ответственность: понятие, виды / Н.А. Бутакова, Н.П. Пирожкова // Научные труды Северо-Западной академии государственной службы. – 2012. – Т. 3, № 1(5). – С. 251-265.

10. Венгеров А.Б. Теория государства и права: учебник. – М.: Омега’Л, 2007. – С. 468.

11. Вишневский А.Ф. Юридическая ответственность: некоторые аспекты теоретического осмысления в правовой науке // Вестник Пермского университета. Юридические науки. – 2013. – № 4 (22). – С. 18-28.

12. Жангараев Н.Т. Юридическая ответственность: понятие, содержание и цели // Вестник сборник научных статей. – 2016. – №2 (14). – С. 28-34.

13. Зуев А.В. Характеристика понятия юридической ответственности // Научно-практический журнал «Заметки Ученого». – 2021. – №13. – С. 492-494.

14. Калугина Л.В. Юридическая ответственность. Понятие и сущность // Вестник академии «Предпринимательство и право». – 2011. – №1. – С. 136-138.

15. Климонов П.А. К вопросу о понятии юридической ответственности / П.А. Климонов // Инновации. Наука. Образование. – 2021. – № 33. – С. 362-365.

16. Колосова И.М. Конституционная ответственность в Российской Федерации: Ответственность органов государственной власти и иных субъектов права за нарушение конституционного законодательства Российской Федерации. – М.: Городец, 2000. – 192 с.

17. Кудрявцев В.Н. Закон, поступок, ответственность. – М.: Наука, 1986. – С. 297.

18. Кузакбирдиев С.С., Цишковский Е.А. Понятие и сущность юридической ответственности (вопросы теории). – Тюмень: Тюменский юридический институт МВД РФ, 2002. – 77 с.

19. Лазарев В.В., Липень С.В. Теория государства и права: учебник для вузов. 2’е изд. – М., 2000.

20. Липинский Д.А. О системе права и видах юридической ответственности // Правоведение. – 2003. – № 2. – С. 29.

21. Липинский Д.А., Мусаткина А.А. Лекция: юридическая ответственность, санкции и меры защиты // Вестник Орловского государственного университета. Серия: Новые гуманитарные исследования. – 2010. – № 4. – С. 55-62.

22. Максимов И.В. Административные наказания. – М.: Норма, 2009. – 464 с.

23. Малеин Н.С. Правонарушение: Понятие, причины, ответственность. – М.: Юридическая литература, 1985. – С. 130.

24. Маторин А.М. Юридическая ответственность, как правовая категория / А.М. Маторин // Вестник Национального Института Бизнеса. – 2019. – № 37. – С. 159-165.

28. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе: Империал – Групп, 2014. – 720 с.

29. Уваров А.А., Хагба М.Б. О категории юридической ответственности // Государство и право в XXI в. – 2019. – № 1. – С. 18-21.

30. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ. Зери таҳрири доктори илми ҳуқуқ, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ Маҳмудов М.А. – Душанбе: Эр-граф, 2004. – 600 с.

31. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. (О–Я) [Матн] / Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султон. – Душанбе, 2008. – 945 с.

32. Хропанюк В.Н. Теория государства и права. – М., 1993. – С. 242.

33. Шодизода Н.М. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ: мафҳум, функсия ва намудҳои он / Н.М. Шодизода // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. Бахши илмҳои ҳуқуқ, таърих ва иқтисод. – 2025. – № 1(3). – С. 13-23.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 20.11.2025
Аз тақриз баргашт: 25.11.2025
Ба чоп тавсия шуд: 22.12.2025

ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХӢ-ҲУҚУҚИИ ТАҲИЯ ВА ҚАБУЛИ КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Шарифзода Фазлиддин Шариф,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.
Тел.: (+992) 907 78 50 50.
E-mail: fazliddin-87@bk.ru

Одиназода Шоҳрух Хисрав,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ.
Тел.: (+992) 931 10 04 40.
E-mail: shohrukh_odinazoda@bk.ru

Муқарриз: Соҳибзода М.М., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

Фишурда: Дар мақолаи мазкур заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқии таҳия ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти адабиёти илмӣ ва нуктаҳои назари олимони ватанӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Зикр карда шудааст, ки таҳия ва қабули Конститутсияи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон дар марҳилаи душвори сиёсӣ ба вуқуъ пайваста, он заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқии ба худ хосро дорад. Аз ҷониби муаллифон марҳилаҳои таърихии таҳия ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба се давраи асосӣ ҷудо гардида, марҳилаҳои мазкур пурра таҳлил карда шудаанд.

Калидвожаҳо: Конститутсия, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, заминаҳои таърихӣ, Эъломияи истиқлолияти давлатӣ, лоиҳаи Конститутсия, тағйироту илова, Комиссияи конститутсионӣ, Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фасл, боб, модда, муҳокимаи умумихалқӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон.

ИСТОРИКО-ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ РАЗРАБОТКИ И ПРИНЯТИЯ КОНСТИТУЦИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Шарифзода Фазлиддин Шариф,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, заведующий кафедрой транспортного права и права использования

природных ресурсов, кандидат юридических наук, доцент.
Тел.: (+992) 907 78 50 50
E-mail: fazliddin-87@bk.ru

Одиназода Шохрух Хисрав,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, ассистент кафедры транспортного права и права использования природных ресурсов.
Тел.: (+992) 931 10 04 40
E-mail: shohrukh_odinazoda@bk.ru

Рецензент: Сохибзода М.М., кандидат юридических наук, доцент.

Аннотация: В данной статье рассматриваются историко-правовые основы разработки и принятия Конституции Республики Таджикистан с учетом научной литературы и взглядов отечественных ученых. Отмечается, что разработка и принятие Конституции независимого государства Таджикистан происходили в сложный политический период и имели свои специфические историко-правовые предпосылки. Авторы выделяют три основных исторических этапа разработки и принятия Конституции Республики Таджикистан, каждый из которых подробно проанализирован.

Ключевые слова: Конституция, нормативно-правовые акты, исторические предпосылки, Декларация о государственной независимости, проект Конституции, изменения и дополнения, Конституционная комиссия, Верховный Совет Республики Таджикистан, глава, раздел, статья, всенародное обсуждение, права и свободы человека.

HISTORICAL AND LEGAL FOUNDATIONS FOR THE DEVELOPMENT AND ADOPTION OF THE CONSTITUTION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Sharifzoda Fazliddin Sharif,
Tajik National University, Faculty of Law, Head of the Department of Transport Law and Natural Resource Use Law, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor.
Phone.: (+992) 907 78 50 50
E-mail: fazliddin-87@bk.ru

Odinazoda Shohrukh Khisrav,
Tajik National University, Faculty of Law, Assistant Professor, Department of

Transport Law and Natural Resource Use Law
Phone: (+992) 931 10 04 40
E-mail: shohrukh_odinazoda@bk.ru

Reviewer: Sohibzoda M.M., Candidate of Legal Sciences, Associate Professor

Annotation: This article examines the historical and legal foundations for the development and adoption of the Constitution of the Republic of Tajikistan, taking into account scholarly literature and the viewpoints of domestic researchers. It is noted that the drafting and adoption of the Constitution of the independent state of Tajikistan took place during a difficult political period and had its own specific historical and legal prerequisites. The authors identify three main historical stages in the development and adoption of the Constitution of the Republic of Tajikistan, each of which is analyzed in detail.

Keywords: Constitution, normative legal acts, historical prerequisites, Declaration of State Independence, draft Constitution, amendments and additions, Constitutional Commission, Supreme Council of the Republic of Tajikistan, chapter, section, article, nationwide discussion, human rights and freedoms.

Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки заминаи эъмори давлати мустақили миллӣ ва пешравии тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардуми кишварро фароҳам овардааст, яке аз дастовардҳои муҳимтарини мо мебошад. Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон

Воқеан таҳия ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаҳои муайяни таърихӣ-ҳуқуқӣ сурат гирифтааст. Бояд иброз намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи таҳия ва қабули чунин санади олии хусусияти ҳуқуқӣ ва сиёсидоштаро ҳанӯз аз даврони дар ҳайати ИҶШС қарор доштан дорад, чунки маҳз дар ҳамин марҳила бо дарназардошти вазъи сиёсӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ, ҷуғрофӣ, низоми давлатдорӣ ва амсоли ин омилҳо чор маротиба солҳои 1929, 1931, 1937 ва 1978 Конститутсия дар ҳудуди мамлакат таҳия ва қабул карда шудааст.

Конститутсия санади воқеан таърихиву муқаддаси ҳар давлату миллат ва танзимкунандаи тамоми муносибатҳои муҳими ҷомеа ба шумор меравад. Яке аз вазифаҳои муҳими Ҳукумати Тоҷикистон дар аввали солҳои 90-уми асри XX ин таҳия ва қабули Конститутсияи нави

Тоҷикистон буд, зеро маҳз ин ҳуҷҷати сиёсӣ-ҳуқуқӣ сохти идоракунӣ ва низоми сиёсии давлатро муайян менамояд.

Чуноне ки Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар Конфронси байналмилалии парламентӣ таҳти унвони «30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъкид доштанд: «нахустин Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамчун ҳуҷҷати ояндасози миллат дар бунёди давлатдории навини тоҷикон, пайванди он бо ҷомеаи ҷаҳонӣ, ҳифзи манфиатҳои милливу давлатӣ, таъмини сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва ҳуқуқу озодиҳои инсон нақши барҷастаи таърихӣ дорад. Қабули Санади олии мамлакат арзишмандтарин дастоварди мардум ва давлати тоҷикон дар марҳилаи нави инкишофи он ба шумор рафта, натиҷаи саъю талошҳои бисёрсолаи ҷомеаи мардумпарвар ва адолатпеша дар масири рушду пешрафти худ ва муаррифии кишвари мо ба оламиён мебошад».

Бояд иброз намуд, ки таҳия ва қабули Конститутсияи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон дар марҳилаи душвори сиёсӣ ба вуқуъ пайваста, он заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқии ба худ хосро дорост, ки онҳоро ба се марҳилаи зерин тасниф намудан мумкин аст:

1) марҳилаи якуми таҳияи лоиҳаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ин соҳибихтиёр гардидани мамлакат ва қабули Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 августи соли 1990 ташкил менамояд. Дар ин марҳила, 9 сентябри соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибистиқлол гардида, дар пасманзари барҳам хӯрдани ИҶШС бо дарназардошти вазъи сиёсиву ҳуқуқӣ зарурати таҳияи Конститутсияи нави мамлакат мавҷуд буд. Инчунин, бояд қайд намуд, ки сарчашмаи асосии ҳуқуқии таҳияи Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон – Эъломияи истиқлолияти давлатӣ аз соли 1990 ва бо тағйиру иловаҳо дар соли 1991 мебошад, ки дар он ба таври сиёсӣ-ҳуқуқӣ давлати соҳибихтиёр гаштани Тоҷикистон эълон гардидааст. Маҳз дар ин Эъломия якумин бор эълон карда шудааст, ки дар ҳудуди Тоҷикистон ҳукмравоии Конститутсияи Тоҷикистон ва қонунҳои он муқаррар карда шуда, он барои таҳияи Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон асос мебошад.

Дар ин марҳила, ба андешаи А.И. Имомов “ҷиҳати таҳияи лоиҳаи Конститутсия дар асоси қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 августи соли 1990, №90 Комиссияи конститутсионӣ дар ҳайати 52 нафар таъсис дода шуд, ки Комиссияи конститутсионии мазкур варианти якуми лоиҳаи Конститутсияро бо фарогирии 7 фасл ва 150 модда таҳия намуд”[62]. Бо дарназардошти ба вуҷуд омадани омилҳои сиёсиву амниятӣ муҳлати баррасии лоиҳаи Конститутсия мавқуф гузошта шуд. Новобаста аз ин, марҳилаи мазкур заминаи бунёдии таърихӣ-ҳуқуқии таҳия ва қабули Конститутсияи даврони соҳибистиқлолии мамлакат ба шумор меравад;

2) марҳилаи дуюми таҳияи лоиҳаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қабули қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 январи соли 1992, №493 оид ба ворид намудани тағйироту илова ба ҳайати

[62] Имомов А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ: нашри чорум бо тағйироту иловаҳо. – Душанбе: “Офест-Империя”, 2017. – С. 76.

Комиссияи конститутсионӣ оғоз мегардад. Инчунин, ворид гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр ба ҳайати СММ ва ИДМ заминаҳои дигари таҳияи Конститутсияро бо дарназардошти принсипҳои байналмилалӣ ба вуҷуд овард. Дар ин марҳила Комиссияи конститутсионӣ дар ҳайати 55 нафар таъсис дода шуда, дар муҳлати кӯтоҳ лоиҳаи Конститутсияро бо фарогирии 7 фасл, 12 боб ва 136 модда таҳия намуда, ба Раёсати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд. Раёсати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз баррасии лоиҳа аз 22 апрели соли 1992 онро ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод намуд[63]**.** Аммо, бо дарназардошти шиддат гирифтани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва бесарусомониву беқонуниятӣ амалӣ гардидани раванди муҳокимаи умумихалқии лоиҳаи Конститутсия мақсаднок ба анҷом напазируфт.

Бояд таъкид намуд, ки дар ин марҳилаи ҳассоси таърихӣ баргузории Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ноябри соли 1992), ки дар меҳвари он талошҳои созандаву бунёдкоронаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор мегирад, баргузор гардид, ки он дар таъмину таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, эъмори давлати соҳибистиқлолу ҳуқуқбунёди Тоҷикистон, таҳия ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи боътимод ва умедворкунандаро гузошт. Зикр кардан ба маврид аст, ки таҳия, муҳокима ва қабули Конститутсияи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон маҳз баъди ин Иҷлосияи таърихӣ шурӯъ гардида, ҳамчун натиҷаи татбиқи қарорҳои таърихии он сурат гирифта буд.

Дар Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки роҳи қонунии рушди минбаъдаи ҷомеа ва давлати Тоҷикистонро пурра ба миён овард, изҳор карда шудааст, ки Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ ҳимоя карда шаванд, бо роҳи қонунӣ Раёсати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб ва Ҳукумати Тоҷикистон таъсис меёбад, ки ба ин васила ба марҳилаи сифатан нави таҳия ва қабули Конститутсияи соҳибистиқлоли Тоҷикистон заминаи устувор гузошта шуд;

3) марҳилаи сеюми таҳияи лоиҳаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қабули қарори Шурои Олии ҶТ аз 26 июни соли 1993, №836 доир ба ворид намудани тағйирот ва илова ба ҳайати Комиссияи конститутсионии қаблӣ оғоз мегардад. Дар ин марҳила, бо роҳбарии Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Раҳмонов Эмомалӣ Шарифович дар ҳайати 62 нафар аз ҳисоби ходимони давлатӣ, шахсони соҳибтаҷриба, олимони варзидаи соҳаҳои гуногуни илми Тоҷикистон, донишмандони соҳаҳои таъриху фарҳанг, сиёсату ҳуқуқ Комиссияи конститутсионӣ ва тибқи қарори Раёсати Шурои Олӣ аз 30 сентябри соли 1993, №1428 бо мақсади ҷоннок гардидани кори таҳияи лоиҳаи Конститутсияи нав аз ҳисоби олимону ходимони давлатӣ ва аъзои Комиссияи конститутсионӣ дар ҳайати 13 нафар гурӯҳи кории комиссия ташкил гардид.

---

[63] Ниг.: Таҳаввулоти конститутсионии Тоҷикистони соҳибистиқлол. – Душанбе: КВДН “Қонунияти Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, 2019. – С. 168.

Дар ин замина, устод Зариф Ализода иброз менамоянд, ки «дар натиҷаи баҳсу мунозираҳои зиёд, дар гурӯҳи корӣ ду лоиҳа яке «Лоиҳаи Конститутсияи ҷумҳурии президентӣ» ва дигаре «Конститутсияи ҷумҳурии парламентӣ» таҳия гардид. Дар натиҷаи муҳокимаҳо ҳам дар гурӯҳи корӣ ва ҳам дар Комиссияи конститутсионӣ андеша оид ба лоиҳаи «Конститутсияи ҷумҳурии президентӣ» тарафдории бештаре пайдо кард ва он ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод гардид. Бояд ёдовар шуд, ки дар ин ҷо нақши сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле бузург мебошад. Ҳангоми муҳокимаи лоиҳаҳо ҳам дар гурӯҳи корӣ ва ҳам дар Комиссияи конститутсионӣ ӯ ақидаи худро оид ба институти президентӣ иброз намуда, бо асосу далелҳои воқеӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур будани ниҳоди президентиро исбот намуд»[64].

Пас аз омӯзишу баррасӣ ва муҳокима аз ҷониби Комиссияи конститутсионӣ лоиҳаи Конститутсияи ҷумҳурии президентӣ қобили қабул шуморида шуда, дар асоси қарори Раёсати Шурои Олӣ аз 13 апрели соли 1994, №1662 лоиҳаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 10 боб ва 100 моддаро фаро мегирифт, ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод гардид. Чуноне ки Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонов дар маърӯзаи хеш доир ба ислоҳоти конститутсионӣ, тартиби қабул ва мавриди амал қарор додани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи июли соли 1994 иброз намуданд: «дар тӯли зиёда аз ду моҳи муҳокимаи лоиҳаи Конститутсия аз ҷониби мардуми кишвар ва ҳамватанони бурунмарзӣ ба Шурои Олӣ беш аз ҳаштуним ҳазор пешниҳод ворид гардид». Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки мардуми кишвар низ доир ба муқаррарот ва аҳаммияти Конститутсия бетараф набуда, дар такмили он нақши арзишманд гузоштаанд.

Ба андешаи М.М. Соҳибзода «воқеан дар як марҳилаи ҳассоси таърихӣ таҳияи чунин санад (Конститутсия) кори басо мушкил буд, вале маҳз кордонӣ, масъулият ва садоқати Ҷаноби олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки тавонистанд бо таклифу пешниҳодҳои худ як гурӯҳи корияи босалоҳият созмон диҳанд ва пайваста аз он натиҷагирӣ намоянд, ки чунин фаъолият натиҷаҳои судманду афзалиятнокро баҳри рушди минбаъдаи давлат ва таҳаввулоти конститутсионӣ дар кишвар ба вуҷуд оварда»[65].

Боиси қайд аст, ки зимни таҳияи лоиҳаи Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадафҳои нави давлати соҳибистиқлол, арзишҳои миллӣ, дастовардҳои илмӣ оид ба падидаҳои конститутсонализм, инчунин таҷрибаи давлатҳои пешқадам оид ба таҳия ва қабули Конститутсия ва ҳамзамон арзишҳои байналмилалӣ ва санадҳои муҳими ҳуқуқи байналмилалӣ ба инобат гирифта шуда буд. Маҳз ҳамин омилҳо буд, ки дар ҳамон марҳила лоиҳаи Конститутсия аз ҷониби як зумра мутахассисони кишварҳои мутараққии ҷаҳон, аз ҷумла ИМА, Англия,

---

[64] Ализода З. Конститутсияи соли 1994 ва нақши он барои рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол // Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва амалияи татбиқи он». – Душанбе: «Шуҷоиён», 2009. – С. 25.

[65] Соҳибзода М.М. Ҳамбастагии маърифати ҳуқуқӣ ва маърифати экологӣ: ташаббусҳои шоиста ва заминаҳои рушд: монография // Зери таҳрири Саидзода Иззатулло Ҳабибулло – директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент. – Душанбе: «ЭР-граф», 2024. – С. 95.

Россия ва чанд кишвари дигар баҳои сазовор гирифт ва ҳатто коршиносони СММ, Шурои Амният ва ҳамкории Аврупо ва созмонҳои дигари байналхалқӣ низ ба лоиҳа баҳои баланд додаанд[66].

Бо дарназардошти муқаррароти моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июли соли 1994 «Дар бораи ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби қабул намудан ва мавриди амал қарор додани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 сентябри соли 1994, №1066 «Дар бораи ба вақти дигар гузаронидани муҳлати референдум оид ба қабул намудани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дар бораи даровардани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби қабул намудан ва мавриди амал қарор додани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» 6 ноябри соли 1994 Конститутсияи Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон ба сифати қонуни асосии кишвар бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардид, ки дар он 94,40 фоизи шаҳрвандон ширкат варзида, 87,59 фоиз ба тарафдории қабули Конститутсия овоз додаанд.

Вобаста ба ин, қабули Конститутсия баёнгари ворид шудани Тоҷикистон ба марҳилаи сифатан нави таърихи инкишофи худ буда, он ҷиҳати таҳкими пояҳои Истиқлоли давлатӣ ва тақвият бахшидан ба дурнамои ташаккули соҳаҳои мухталифи ҳаёти давлативу ҷамъиятӣ ва рушди бемайлони низоми қонунгузорӣ мусоидат намуд.

Дар пасманзари қабул гардидани Конститутсияи Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон ба сифати қонуни асосии кишвар бо дарназардошти дастовардҳои нави ҷомеа то ин муддат ислоҳоти конститутсионӣ гузаронида шуда, марҳилаи нави такмили сохтори конститутсионӣ оғоз гардид ва он имкон дод, ки 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид шуда, мазмуну муҳтавои низоми ҳуқуқии кишвар такмил ва асосҳои демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ ва дунявии он таҳким ёбад.

Дар баробари ин, метавон қайд намуд, ки заминаҳои ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи дар се марҳилаи муайян ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти тараққиёт ва рушду нумӯи ҷомеа, мусоидат ба инкишофи демократикунонии минбаъдаи ҳаёти ҷомеа, ба вуқӯъ пайвастани дигаргуниҳои куллан ҷадид дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, такмил додани асосҳои конститутсионии ҳокимияти давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва кафолати онҳо, инчунин ҷалби ҷавонон ба ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлатӣ ба вуҷуд омадаанд. Субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар таҳия ва тадвини тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи

[66] Ниг.: Тафсири илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) ҶТ // Зери таҳрири Раиси Суди Конститутсионии ҶТ, академики Академияи илмҳои ҶТ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Маҳмудов М.А. – Душанбе: «Шарқи озод», 2009. – С. 7.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз назария ва амалияи пешқадамтарин кишварҳои ҷаҳон дар риштаи ҳуқуқ ва низоми қонунгузорӣ васеъ истифода бурдаанд.

Бо дарназардошти омӯзиш ва таҳлили заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқии таҳия ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон хулоса намуд, ки дар умум масъалаҳое, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, ба шаш самти асосӣ ҷудо мешаванд:

1) арзишҳои умумӣ-конститутсионӣ, яъне масъалаҳо вобаста ба дебочаи Конститутсия;
2) масъалаи асосҳои сохтори конститутсионӣ (боби 1);
3) вазъи ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд (боби 2);
4) тартиби ташкил ва таҷзияи ҳокимияти давлатӣ (бобҳои 3-9);
5) тартиби тағйири Конститутсия (боби 10);
6) масъалаҳо вобаста ба муқаррароти интиқолии Конститутсия.

Адабиёт:

1. Имомов А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ: нашри чорум бо тағйироту иловаҳо. – Душанбе: «Офест-Империя», 2017. – 760 с.
2. Таҳаввулоти конститутсионии Тоҷикистони соҳибистиқлол. – Душанбе: КВДН «Қонунияти Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», 2019. – 672 с.
3. Ализода З. Конститутсияи соли 1994 ва нақши он барои рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол // Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва амалияи татбиқи он». – Душанбе: «Шуҷоиён», 2009. – С. 24-26.
4. Соҳибзода М.М. Ҳамбастагии маърифати ҳуқуқӣ ва маърифати экологӣ: ташаббусҳои шоиста ва заминаҳои рушд: монография // Зери таҳрири Саидзода Иззатулло Ҳабибулло – директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент. – Душанбе: «ЭР-граф», 2024. – 448 с.
5. Тафсири илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) ҶТ // Зери таҳрири Раиси Суди Конститутсионии ҶТ, академики Академияи илмҳои ҶТ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Маҳмудов М.А. – Душанбе: «Шарқи озод», 2009. – С. 7.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 20.11.2025
Аз тақриз баргашт: 25.11.2025
Ба чоп тавсия шуд: 22.12.2025

ТАҚВИЯТИ МЕҲНАТПАРАСТӢ ДАР ПАРТАВИ ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ ШАҲРВАНДОН», МУБОРИЗАИ МАРДУМ БАР ЗИДДИ БЕДОДГАРӢ ВА ИНЪИКОСИ ИН МАСЪАЛАҲО ДАР «ШОҲНОМА»-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

Майнусов Дониш Фазлиддинович, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент.
E-mail: Donish-1987@mail.ru.
Тел.: +992 93-444-44-71

Мушовири илмӣ: Азиззода У.А., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Муқарриз: Шокиров Ғ.А., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

Фишурда: Мақолаи мазкур ба таҳлили мазмуни иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ахлоқии «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ бахшида шуда, робитаи мутақобилаи ин асари адабии ҳамосавӣ бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» мавриди баррасӣ қарор мегирад. Муаллиф бо таҳлили образҳои ватандӯсту мубориз чун Рустам, Коваи оҳангар ва дигар паҳлавонон, муҳим будани тарбияи ҳисси ватандӯстӣ, адолатпарварӣ ва меҳнатдӯстиро барои рушди ҷомеа таъкид менамояд. Дар мақола ҳамчунин ба аҳамияти таърихиву ахлоқии муборизаи мардум бо зулм, нақши сулҳ, масъулияти шахсӣ ва сарнавишти миллӣ диққат дода мешавад. Қонуни мазкур ҳамчун санади муосири ҳуқуқӣ воситаи татбиқи амалӣ ва сиёсати давлатро дар соҳаи ватандӯстӣ, меҳнатпарварӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ ташреҳ мекунад.

Калидвожаҳо: Ватандӯстӣ, меҳнатпарастӣ, Шоҳнома, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, адолат, Кова, Рустам, бедодгарӣ, тарбия, арзишҳои миллӣ.

УКРЕПЛЕНИЕ ТРУДОЛЮБИЯ В СВЕТЕ ЗАКОНА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН «О ПАТРИОТИЧЕСКОМ ВОСПИТАНИИ ГРАЖДАН», НАРОДНАЯ БОРЬБА ПРОТИВ НЕСПРАВЕДЛИВОСТИ И ОТРАЖЕНИЕ ЭТИХ ВОПРОСОВ В «ШАХНАМЕ» АБУЛЬКАСИМА ФИРДОУСИ

Майнусов Дониш Фазлиддинович, Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, кафедра теории и истории государства и права, кандидат филологических наук, доцент

E-mail: Donish-1987@mail.ru
Тел.: +992 93-444-44-71

Научный консультант: Азиззода У.А., доктор юридических наук, профессор
Рецензент: Шокиров Г.А., доктор юридических наук, доцент

Аннотация: Данная статья посвящена анализу социального, политического и нравственного содержания эпоса «Шахнаме» Абукасима Фирдоуси и его взаимосвязи с Законом Республики Таджикистан «О патриотическом воспитании граждан». Автор, опираясь на героические образы, такие как Рустам, Кова кузнец и другие персонажи, подчеркивает важность формирования патриотизма, трудолюбия и справедливости для развития общества. Также в статье раскрываются темы исторической справедливости, народного сопротивления, роли мира и личной ответственности. Закон о патриотизме рассматривается как современная правовая база для внедрения этих ценностей в воспитательный процесс.

Ключевые слова: Патриотизм, трудолюбие, Шахнаме, Закон Республики Таджикистан, справедливость, Кова, Рустам, угнетение, воспитание, национальные ценности.

STRENGTHENING THE WORK ETHIC IN THE LIGHT OF THE LAW OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN «ON PATRIOTIC EDUCATION OF CITIZENS», THE PEOPLE'S STRUGGLE AGAINST INJUSTICE, AND THE REFLECTION OF THESE ISSUES IN FERDOWSI'S «SHAHNAMEH»

Mainusov Donish Fazliddinovich,
Tajik State University of Law, Business and Politics, Department of Theory and History of State and Law, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor
E-mail: Donish-1987@mail.ru
Phone.: 93-444-44-71

Scientific Advisor: Azizzoda U.A., Doctor of Legal Sciences, Professor
Reviewer: Shokirov G.A., Doctor of Legal Sciences, Associate Professor

Annotation: This article explores the social, political, and ethical dimensions of Abulqasim Ferdowsi's epic «Shahnameh», emphasizing its alignment with the Law of the Republic of Tajikistan «On Patriotic Education of Citizens». The author analyzes the patriotic and justice-oriented characters such as Rustam and Kava the Blacksmith, stressing the importance of instilling values of patriotism, social responsibility, and industriousness for the progress of society. The paper highlights historical narratives of resistance, justice, and moral leadership. The mentioned law serves as a modern legal framework for

implementing national identity, civic values, and patriotic education in contemporary Tajik society.

Keywords: Patriotism, industriousness, Shahnameh, Law of the Republic of Tajikistan, justice, Kava, Rustam, oppression, education, national values.

Аз моҳи декабри соли 2022 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» қабул гардид, ки ҳадафи асосии он таҳкими ҳисси ватандӯстӣ, баланд бардоштани масъулияти шаҳрвандӣ ва тақвияти рӯҳияи меҳнатпарварӣ дар ҷомеа мебошад[67].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар баромад ва паёмҳои худ, аз ҷумла дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2023, бо таъкиди нақши муҳими ватандӯстӣ дар пешрафти ҷомеа чунин иброз дошта буданд: «Ман ҳисси баланди миллӣ, эҳсоси гарми ватандӯстӣ, нияти неку азми қатъӣ, саъю талоши созандаи мардуми шарафманди Тоҷикистон эътимоди комил дорам. Бо итминон изҳор менамоям, ки мо ҳама якҷо бо кору фаъолияти аҳлона Ватани азизамонро, хусусан, то ҷашни бузурги миллӣ 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ ободу зебо месозем, давлати соҳибистиқлоламонро пешрафта мегардонем ва эътибору обрӯи онро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд мебардорем»[68] .

Қонуни мазкур, яъне «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» бо дарназардошти равандҳои сиёсиву иҷтимоии замони муосир, нақши калидӣ дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва ахлоқи шаҳрвандон дошта, тавассути он заминаҳои ҳуқуқӣ ва таълимии татбиқи тарбияи ватандӯстӣ ва меҳнатпарастӣ фароҳам оварда шудаанд. Дар моддаи 3-юми он ба таври равшан зикр шудааст, ки тарбияи ватандӯстӣ ҳисси масъулиятшиносӣ, рӯҳияи хизмат ба Ватан, фаъолияти созанда ва меҳнатиро тақвият мебахшад ва шаҳрвандонро ба арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ ҳидоят мекунад.

Ин қонун таъкид мекунад, ки:

- Тарбияи ватандӯстӣ ҷузъи муҳими сиёсати давлатӣ буда, шахсро ба эҳтиром ба қонун, содиқ ба Ватан, омода ба хизмати меҳнатӣ ва ҷамъиятӣ водор месозад.
- Меҳнат ҳамчун арзиш ва рукни ҷомеа дар сатҳи баланди ахлоқӣ ва шаҳрвандӣ таъриф шуда, ба воситаи он ҳисси масъулият, ҳамбастагӣ ва худшиносии миллӣ ташаккул меёбад[69].

Дар ҳамин замина, бояд таъкид кард, ки осори адабии классикӣ ва таърихӣ, аз ҷумла “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ, сарчашмаи муҳими тақвияти арзишҳои ватандӯстӣ ва меҳнатпарастӣ мебошад.

---

[67] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон». – Душанбе, 2022. – С. 12.

[68] Раҳмон, Э. Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 28 декабри соли 2023. – Душанбе, (Манбаи электронӣ). – Низоми дастрасӣ: https://www.president.tj/ (санаи мурочиат: 06.04.2025).

[69] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон». – Душанбе, 2022. – С.12. ҳ

Дар ҳукумате, ки бар мабнои демократия поягузорӣ шуда бошад, бо таваҷҷӯҳ ба ин ки мардум дар интихоботи ҳукматдорон ва зердастон нақш доранд, навъе ишқу алоқаи қавӣ ба ватан дар замири мардум ба вуҷуд меояд ва мардум худро дар баробари мушкилоти меҳанашон масъул медонанд. Дар даврае, ки мардум шахсони далеру шуҷоъ, нотарсу ватандӯст, қавиазму паҳлавонро намояндаи худ медонанд, ҳисси ватанпарастиии бештар дар рафтору пиндори мардумон мушоҳида мешавад. Чунон ки иброз медорад: “Фирдавсӣ меҳани хешро дӯст медорад, аммо натсионалист (миллатгаро - Д.М.) нест ва дар мавридҳои ҷудогона дилбастагии худро ба Эронзамин ошкоро иброз медорад”. Бо ин ҳама тардид нест, ки Фирдавсӣ шефтаи фарҳанги Эронзамин ва ошиқу дилбохтаи азамату шукӯҳи Эрон аст. Ҳар кас аз аввал то охир “Шоҳнома”-ро бихонад, бидуни тардид алоқаву ишқи бештаре ба Эронзамин пайдо хоҳад кард. Албатта, ин эҳсос воқеъбинона аст, ки Фирдавсӣ ҳаммеҳаҳони худро бузург намекунад, балки бузургиҳо ва диловариҳои онҳоро боз мегӯяд, бидуни он ки косатаҳо ва айбҳои онҳо ғофил мабошад, дар “Шоҳнома” ҳақиқат бештар аз ҳама чиз худашро менамоёнад”[70].

Дар ин мулоҳизот чор масъалаи марбут ба якдигар, яъне, аввал ватандӯстии Фирдавсӣ, дуюм, миллатгаро набудани вай ва миллати худро аз дигар миллатҳо боло нагузоштанаш, сеюм шефта ва дилбохтаи фарҳангу шукӯҳи Ватан будани шоир ва чаҳорум воқеъбинона, ҳақиқатгарона будани андешаҳои ватандӯстонаи шоир эҳсос карда мешаванд.

Чӣ дар асоси мабнои илмӣ ва чи аз абёти “Шоҳнома” мо барои собит намудани ин мулоҳизот далелҳои муътамадеро пайдо карда метавонем.

Чунончӣ, омадааст вақте шоҳ Кайковус дар дасти шоҳи Ҳамоварон ба асир афтода буду зиндонӣ шуд, шоҳони бегона қасди тасарруфи сарзамини Эронро доштанд. Аз ин рӯ, бо Эрон ба ҷанг даромаданд. Эрониён, ки кишварашонро аз даст рафтан мебинанд, ба Зобулистон мераванд ва аз Рустами паҳлавон ёрӣ металабанд. Рустам намояндаи халқ аст ва ӯ барои озодии шоҳ сарвари Ватан хоҳад буд. Ин як навъ зуҳури эҳсосоти ватандӯстӣ ва саъю талош барои наҷоти Ватан, пос доштани ҳуқуқу озодиҳои мардум аз хатари душман мебошад:

Дареғ аст Эрон, ки вайрон шавад,
Куноми палангону шерон шавад[71] .

Ин абёт на танҳо эҳсоси ватандӯстии Рустамро нишон медиҳанд, балки ҷанбаи иҷтимоии масъулияти шахсият дар назди Ватанро таҳким мебахшанд.

Аз нуқтаи назари Қонуни ватандӯстӣ, чунин мазмунҳо дар “Шоҳнома” бо моддаи 4 ва 6 комилан мутобиқанд, ки таълимоти ахлоқӣ, таърихӣ ва фарҳангиро ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ муаррифӣ мекунанд.

Вақте Суҳроб аз замини Тӯрон ба марзи Эрон меояду дар қалъаи Сафед (дижи Сапед) Ҳаҷирро асир мегирад, хоҳари ӯ Гурдофарид, ки духтари шуҷоъ ва ватандӯст аст, ба ҷанги Суҳроб мепардозад:

---

[70] Фирдавсӣ, А. Шоҳнома. Ҷ. 1–4. – Теҳрон: Сури Меҳр, 2001. – 4300 с.
[71] Фирдавсӣ, А. Шоҳнома. Ҷ. 1–4. – Теҳрон: Сури Меҳр, 2001. – С. 1941-1944

Зане буд бар сони гурдисавор,
Ҳамеша ба ҷанг андарун номдор.
Куҷо номи ӯ буд Гурдофарид,
Ки чун ӯ наомад зи модар падид[72].

Устоди суханвару ватандӯст Фирдавсӣ мефармояд, ки барои ҳифзи сарзамин ва ватани худ аз ҳамаи ҳастии худ, ҳатто зану фарзанд мегузарему сарзамини аҷдодиро ба дасти душман намедиҳем:

Зи баҳри бару буму пайванди хеш,
Зану кӯдаки хурду фарзанди хеш.
Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,
Аз он беҳ, ки гетӣ ба душман диҳем [73].

Дар китоби Қаззозӣ дар мисраи охир ба ҷои кишвар калимаи гетӣ омадааст, ки чандон саҳеҳ нест.

Ҳаминро бояд ба назар гирифт, ки ҳарчанд номи ҳамосаи Фирдавсӣ "Шоҳнома" аст ва паҳлавонон худро сарафканда, тобеъ, ходим ва ғуломи подшоҳон шуморида, дар хизмати шоҳу давлат истоданд ва ба гирифтани давлату ҳукумат, ҳатто аз шоҳони золим, кӯшиш накардаанд, вале ҳалли воқеаҳои асосӣ тавассути онҳо сурат мегирад ва ватандӯстони ҳақиқӣ маҳз онҳо мебошанд. Симои аз ҳама бузурги паҳлавонон Рустами Дастон аст.

Рустам ватандӯсти ҳақиқист. Вақте ки Суҳроб ба Эрон ҳуҷум мекунад ва Кайковус Рустамро барои дер ҳозир шуданаш ба назди шоҳ сарзаниш мекунад, Рустам бо вуҷуди ҷаҳонпаҳлавонӣ ва сахт ранҷиданаш аз подшоҳ, паҳлавони кинадор нест, зеро барои ӯ Ватан ва ҳифзи халқи он зи ҳама қимматар аст. Бинобар ин хатоӣ ва гуноҳи шоҳро мебахшаду манфиати давлату ватанро аз манфиат ва шарафи шахсии худ боло мегузорад.

Донишманди тоҷик Холиқ Мирзозода дуруст қайд мекунад: "Рустам ҳамчун қаҳрамони халқӣ, ки таҷассуми тавоноӣ, сулҳдӯстии халқ аст, ҷангҷӯ нест, тарафдори сулҳ ва посдори адолат аст вай ҳамон вақт ба ҷанг бармехезад, ки ба сари халқу Ватан хавфи истило ва ё рафтори ғайриодилона ба миён ояд"[74].

Дар тасвироти Фирдавсӣ Рустам на танҳо образи қаҳрамони халқӣ, балки худи халқ аст, аз ин рӯ, ӯ мағлубнашаванда, вале дар назди шоҳу давлати қонунӣ, дар пеши вазифаҳои бошарафи Ватан таслиму сарафканда мебошад, то ки намунаи ибрати дигарон гардад. Фирдавсӣ аз амалҳои Рустам худаш лаззати эстетикӣ мегирад, бо завқ ҷангҳои мардонавори ӯро тасвир менамояд. Рустам таҷассумгари симои баҳодуронаю мағлубнашавандаи халқ аст, аз ин рӯ, ин тавсифи Рустам пеш аз ҳама ба халқ тааллуқ дорад.

Бояд тазаккур дод, ки тақвияти мавзӯи ватанпарастӣ дар «Шоҳнома» моҳияти замонавӣ доштани асарро нишон медиҳад, зеро муҳтавои асар бо Қонунуи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ватандӯстии шаҳрвандон» ва дигар санаду меъёрҳои ҳуқуқию ахлоқии ҷомеа мутобиқати комил доранд.

[72] Фирдавсӣ, А. Шоҳнома. Ҷ. 1–4. – Теҳрон: Сури Меҳр, 2001. – С. 2505-2508
[73] Фирдавсӣ, А. Шоҳнома. Ҷ. 1–4. – Теҳрон: Сури Меҳр, 2001. – С. 4100-4101.
[74] Юсуфӣ, А. Ҳақиқат ва адолат дар "Шоҳнома". – Теҳрон: Маркази таҳқиқотӣ, 1997. – С.168 с.

Масалан дар ин шоҳасар ба ғайр аз нақшҳои мӯбади мӯбадон (монанди Ҷомасп) ва вазирони оқилу доно (чун Бузургмеҳри ҳаким) як силсила пешвоёни халқ амал мекунанд, ки қатъи назар аз ақидаи диниашон барои манфиати халқу ватан мубориза мебаранд.

Яке аз чунин симоҳои барҷастаи халқӣ образи Коваи оҳангар аст. Кова пеш аз ҳама ҳунарманд (оҳангар), меҳнаткаш, серфарзанд буда, ба кору бори зиндагӣ банд аст. Вале аз шоҳи золим Заҳҳоки Морон ҷабру ҷафо дида аз 18 писар 17 нафари онҳо қурбони тӯъмаи морони шоҳи бедодгар мешаванд. Фирдавсӣ Коваро дар ҳолате ба қалам овардаст, ки шоҳи золим дар хоб Фаридунро дида, аз ӯ тарсида маҳзаре навишта буд, ки гӯё "шоҳи одил" аст ва ба зӯрию таҳдиди ходимони шоҳу тарсуён ба он маҳзар имзо гузоштанд.

Додхоҳӣ, ҳимояи ватан аз шоҳи золим ва бар зидди ӯ мубориза бурдани Коваи оҳангар дар чунин ҳолате тасвир меёбад, ки ӯ бо вуҷуди он ки тамоми аъёну ашроф аз тарс ба маҳзари бардурӯғи Заҳҳок имзо гузошта бошанд ҳам, вале вай, ки намояндаи халқ аст ва кишвару ватанро аз ҳама гуна мансабу даҳр болотару волотар медонад, ба ин мазҳар зид баромадааст ва халқро ба муборизаи зидди шоҳи бедодгар даъват крдааст. Дар чунин тарзи тасвир ду ҳолатро ба ҳам муқобил гузоштани Фирдавсӣ аз ҷиҳати манфиатҳои синфӣ ба якдигар зид будани синфҳои ҳокиму идораҳои давлатии он бо халқи меҳнаткашро инъикос менамояд[75]. Образи Коваи оҳангар ва амалҳои ӯ ба талаботи моддаи 9-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тарбияи ватандӯстӣ" мутобиқат мекунад, ки иштироки фаъолонаи шаҳрванд дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва муҳофизати арзишҳои миллӣ ва ҳуқуқии ҷомеаро талаб мекунад.

Дар эпизоди Кова ва Заҳҳок зулми миллат ва иҷтимоӣ, паст задани шаъну шараф ва поймол намудани ҳуқуқу озодиҳои мардум дар мисоли тасвири мифологии ба морон додани мағзи сари фарзандони халқ, ки ниҳояти зулм ва вазнинии аҳволи оммаи меҳнаткашонро ифода мекунад, акс ёфтааст: Кова мегӯяд:

"Маро буд ҳаждаҳ писар дар ҷаҳон,
Аз эшон яке монда ин замон[76].

Кова ба додхоҳӣ ба ӯ баргардонидани охирин фарзандашро талаб мекунад:

"Бубахшою бар ман яке дарнигар,
Ки сӯзон шавад ҳар замонам ҷигар"[77].

Холиқ Мирзозода образи Коваро таҳлил намуда, ба чунин хулоса омадааст, ки ба ақидаи мо дуруст мебошад: "Фирдавсӣ образ ва ақидаи иҷтимоии Коваро таърихан дуруст тасвир кардааст – муқобили подшоҳи золим ва бегона, тарафдори подшоҳи "одили худӣ" ва адолатхоҳу шоҳпараст, ки хислати ақидаи меҳнаткаши замони феодалӣ мебошад"[78].

---

[75] Фирдавсӣ, А. Шоҳнома. Ҷ. 1–4. – Теҳрон: Сури Меҳр, 2001. – С.753-756.
[76] Беҳофар, А. Дар омӯзиши шеъри ҳамосӣ. – Теҳрон: Гутенберг, 2001. – С. 243 .
[77] Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 1. – Душанбе: Ирфон, 1987. – С.243.
[78] Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 1. – Душанбе: Ирфон, 1987. – С.447.

Яке аз роҳҳои муҳими тақвият бахшидан ба малакаҳои меҳанпарастӣ ва дӯстдории ватан таъмини суботи ҳукумат аст. Назар ба ақидаи коршиносони соҳаи ҳуқуқ “демократия суботи ҳукуматро таъмин мекунад ва аз бурузи инқилобу шӯриш пешгирӣ мекунад. Вақте мардум аз роҳи баҳсу гуфтугӯ ва ширкат дар интихобот метавонанд тағйироти лозимро дар ҳукумат ба вуҷуд оваранд, далеле вуҷуд надорад, ки даст ба шӯриш зананд. Аз таърих маълум, ки бедодгарию худнамогии ҳокимон бо ошубу низоъҳо анҷом меёбад. Назар ба қавли донишмандони эронӣ Сарромӣ: “Шоҳнома” дар воқеъ эътирозу шӯрише алайҳи туркон ва тозиён аст. Устоди Тӯс бо ироаи ин асар дар воқеъ мехоста ойини дурусти шаҳриёриро ба муосирон ва ояндагон барнамоёнад ва бо бозгӯ кардани саргузашти подшоҳони золиме чун Заҳҳок, Афросиёб, Ҷамшед, Ҳурмуз ва Ширӯя ба ҳокимони ҷаббор гӯшзад кунад, ки дар “Шоҳнома” тасвири меҳру кин намоёнгар шуда, меҳри дӯстӣ ва фарҳанги худӣ ва низоми ҳукумати худӣ ва душманӣ ба фарҳанги бегона ва мутоҷовизон ва фарҳанги бе аслу насаби асри худ аст. Дар “Шоҳнома” ҳар ҷо, ки подшоҳ аз оини адлу дод тахте карда, мардум бар ӯ шурида ва ӯро нобуд кардаанд”[79].

Дар ин мабноъ академик Б. Ғафуров дар таълифоти худ чунин қайд менамояд: “Фирдавсӣ асари худро дар асоси ғояи муборизаи қувваҳои нек ва бад, ки ибтидои худро аз ривоятҳои қадимаи эрониён мегиранд, тартиб додааст. Муборизаи қаҳрамононаи Коваи Оҳангар, халқи бо даъвати ӯ шӯришбардошта барбод рафтани ин зулму истибдодро моҳирона нишон додааст”[80].

Яке аз воситаи муҳими тақвияти меҳанпарастӣ, чунон ки болотар гуфтем, лаҳзаҳое ҳастанд, ки дар бораи суботи ҳукумат баҳс мекунанд. Шубҳае нест, ки “Шоҳнома” намоёнгари равшани андешаронӣ дар қарни чоруми ҳичрӣ аст ва шароите, ки барои подшоҳӣ зарурӣ медонад, аслу насаб ва дифоъ аз арзишҳою мавридҳои додгарии ҳокимон мешуморад. Ба андешаи муҳаққиқ ва шарқшиноси немис Теодор Нёлдеке, ки дар асараш: “Ҳамосаи милли Эрон” таъкид доштааст: “ Ватанпарастӣ иборат аз шавқи муфрат барои миллате, ки ваҳдат ва бузургии он аз муддатҳо пеш аз байн рафта буд”[81].

Абёте, ки дар бораи суботи ҳукумат дар “Шоҳнома” омадааст, омили тасаллути қудрати сиёсӣ будани шоҳонро бозгӯ кардааст. Подшоҳон пеш аз расидан ба қудрат ва ҳатто шахсони оддӣ, вақте ки ба қудрат мерасиданд, саъй мекарданд барои худашон шаҷара дуруст кунанд ва аслу насаби худро ба подшоҳони гузашта мансуб донанд. Чунончи Салчуқиён худро аз элу табори Афросиёб ва Сомониён худро аз ақвоми Сосониён медонистанд. Агар аз аслу насаби шоҳӣ бебаҳра мемонданд, худро фарзанди шамшер меномиданд, мисли Яъқуби Лайси Саффорӣ, ки худро

---

[79] Фирдавсӣ, А. Шоҳнома. Ҷ. 1–4. – Теҳрон: Сури Меҳр, 2001. - С.88

[80] Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Иборат аз 9 ҷилд / [Матн] / Таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ, Б. Сирус. Ҳайати таҳр.: М. Осимӣ, К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ, А. Маниёзов, М. Н. Османов, Х. Шарифов, М. Қаноат. – Душанбе: Адиб, 1987.
Ғафуров, Б. Тоҷикон. Ҷ. 2. – Душанбе: Ирфон, 1989.- С. 976.

[81] Нёлдеке Т. Ҳамосаи милли Эрон. Тарҷумаи Бузурги Алавӣ.- Теҳрон, 1327. -239 с.

“фарзанди шамшер” номида буд. Донишманди эронӣ Ризоқулӣ чунин тарзи ҳукуматрониро, “ҳукумати зӯр” номида, навиштааст : “Ба хотири ҳукумати зӯр тамоми таърихи Эрон шоҳиди кушту куштор ва шӯриш аст ва ҳатто душманони дохилӣ ва хориҷӣ набошанд, фарзандони шоҳ алайҳи якдигар ба дасиса ва тавқеа (ин ҷо низоъ – Д.М.) мепардозанд ва ин кашмакашиҳо миёни хонаводаи Ғазнавиён ва Сосониёну дигарон роиҷ будааст. Дар чунин низоми сиёсӣ аст, ки писар падарро мекушад ва бар қудрати сиёсӣ такя занад”[82].

Дар ҳақиқат, барои қудрат шуда Ширӯя падараш Хусрави Парвиз, Абдулатифхон падараш Мирзо Ҷумъабекро кушта буданд. Ҳатто шоҳон барои роҳ надодан ба маснади шоҳӣ фарзандонро қатл мекарданд ё ба ҷанг мефиристоданд, он тавре ки Кайковус Сиёвушро ба ҷанг фиристоду оқибат ӯ ҳалок шуд. Фирдавсӣ нишон медиҳад, ки Заҳҳоки бедодгар чӣ тавр барои қудрат расидан падараш Мардосро ба ҳалокат расонда буд[83].

Тавтеа ва шӯриш дар ин низом поённопазир аст ва ҳар лаҳза метавон шоҳиди он гардид. Онҳое, ки ба зӯрӣ ба қудрат мерасиданд, ҳеҷ далеле вуҷуд надошт, ки бихоҳанд дар баробари оммаи мардум посухгӯ бошанд, зеро дар замири онҳо муҳаббат ба халқу кишвар, эҳсоси ватандӯстӣ вуҷуд надошт. Агар қавми гурусна ба подшоҳӣ мерасид, аввалин коре, ки анҷом медод, ҷуброни гуруснагии худ ва атрофиёнаш буда, мисли Яъқуби Лайс нону пиёзу тарра мехӯрдааст:

Зи ҳар гӯшт: аз мурғу аз чорпой,
Хӯришгар биовард як-як ба ҷой[84].

Вақте ки ҳокимон бераҳмонаю беинсофона ба талаю тороҷи моли халқ мепардозанд, ҳуқуқу озодии мардумро поймол менамоянд ва манфиатҳои иқтисодии кишварро дар ихтиёри худ мегиранду мардумро аз рифоҳи иқтисодӣ маҳрум мекунанд ва боиси қашшоқию бенавоии халқ мегарданд, ин ҳолат норизогии мардум мешавад. Ҳокимон барои хомӯш кардани эътирози мардум саркӯи бештареро дар ҷомеа ҳоким мекунанд ва маҷбуранд инсонҳои бештареро дар роҳи ҳадафҳои нопоки худ қурбон кунанд. Фирдавсӣ худ шоҳиди ин одамкушиҳо будааст ва морони ду китфи Заҳҳок рамзи ин одамкушиҳост, ки фақат мағзи сари ҷавоноро мехӯронд, яъне бо фикри инсонҳо муқобил меистанду онро нобуд мекунанд.

Ҳақ ба ҷониби донишманд Юсуфӣ аст ки мегӯяд: “Дар иҷтимое, ки подшоҳи ҷаврпеша ва золим ҳукумат мекунад, ихтиноқ ва хафакат (ба маънои ҷабру зулм – Д.М.) бар ҷомеа соя афканда ва касе аз амният ва осоиш бархӯрдор нест ва мардумро ба зулму зӯр мекушанд ва мағзи сари онҳоро хӯроки морони дӯш (китф – Д.М.) кунанд, то подшоҳ даме биёсояд, нишонаи бадтарини навъи ҳукумати ҷаврпеша аст. Фирдавсӣ тасвире аз он рӯзҳои сиёҳро дар чанд байт намоён мекунад. Рӯзгоре, ки Коваи оҳангар ва ҳазорон нафар аз мардуми дардкашида ногузир ба баҳои ҷон ба по мехезанд, то зулмро барандозанд [85].

---

[82] Сарромӣ, Ҳ. Шоҳнома ва идеологияи миллӣ. – Теҳрон: Маркази нашр, 1989. – С.78 .
[83] Фирдавсӣ, А. Шоҳнома. Ҷ. 1–4. – Теҳрон: Сури Мехр, 2001. – С. 475-476.
[84] Фирдавсӣ, А. Шоҳнома. Ҷ. 1. – Теҳрон: Сури Мехр, 2001.- С. 488.
[85] Ёҳақӣ, М. Адабиёт ва ҷомеа. – Теҳрон: Нашри Устодон, 1996. – С. 32.

Маҳмуди Бахтиёрӣ, дигар донишманд мегӯяд: “Чаро мағзи инсонҳо? Зеро чизе, ки ҳокимони Заҳҳоксифатро ба биму ҳарос меандозад, мағзи инсонҳост, на пайкори онҳо!”[86]. Донишманд Ризоқулӣ забони интихобкардаи Фирдавсиро дар бедодгарии шоҳони золим забонӣ киноя номидааст. Ӯ менависад: “Хушгузаронии шоҳон фишори иқтисодӣ ба мардум меоварад ва вақте ки салотин мутаваҷҷеҳи норизогии мардум мешуданд, бар саркуб кардан меафзуданд ва мардуми норозӣ саъй мекарданд байни баду бадтар бадро интихоб кунанд, то шояд каме аз мушкилоти онҳо коҳиш ёбад ва кам набуда дар таърих риҷол ва аъёне, ки нома менавиштанд ва аз подшоҳе даъват мекарданд, ки ба сарзамини онҳо биёянд ва қавли ҳимоят ба онҳо медоданд. Ба унвони намуна дар замони Масъуд аъёни турк ба Моваруннаҳр нома навиштанд ва туркони салчуқиро ба омадан ба Хуросон ташвиқ карданд ва мардуми Хуросон ҳангоми вуруди Элхон аз Хуросон дифоъ накарданд. Ин дар воқеъ қисмате механизмӣ аст, ки қудратро аз Ҷамшед ба Заҳҳок ва аз Заҳҳок ба Фаридун ва аз Саффориён ба Сомониён ва аз Сомониён ба Ғазнавиён ва аз Ғазнавиён ба Салчуқиён ва аз Салчуқиён ба муғулон... мунтақил карданд”[87].

Сияҳ гашт рахшанда рӯзи сафед,
Гусастанд пайванд аз Ҷамшед[88].

Вақте Ҷамшед даъвои худоӣ кард, мардум аз ӯ рӯ тофтанд ва ба нерӯе хориҷ аз марзи Ватан гароиш пайдо карданд, то аз дасти ӯ раҳоӣ ёбанд. Онҳо на танҳо Ҷамшедро дифоъ накарданд, балки барои мубориза бо ӯ сипоҳе фароҳам оварданду омодаи ҷанг шуданд[89].

Достони “Заҳҳок” нишонгари истиқрори адолат дар ҷомеа ва инқилоби мардум барои ба даст овардани ҳуқуқу оздист. Кова яке аз мардумони сарвари “Шоҳнома”, ки бо вуҷуди пирӣ ва нотавонӣ ҷасур ва бошаҳомат аст, бо роҳбарии шӯриши мардумӣ Заҳҳокро аз қудрат поин мекашад ва ватанашро аз шоҳи бедодгар озод менамояд.

Кова намоди озодихоҳонӣ аст, ки бидуни ҳеҷ тарс ошкоро бар Заҳҳок эътироз мекунад ва аз хашми ӯ бим ба дил роҳ намедиҳад. Ба қавли Саъдӣ: «ҳар кӣ даст аз ҷон бишӯяд, ҳар чӣ дар дил дорад, бигӯяд»[90].

Дирафши Кова нишонгари додхоҳии мардуми оддӣ аст, Кова ҷилавдори Фаридун аст ва парчамро дар даст дорад. Дирафши Ковиёнӣ, ки рӯи парчами Президент насб шудааст, нишонаи ана ҳамон адолатпарварӣ, додхоҳӣ ва ватандӯстию озодипарастии аҷдодони мо аст. Бедалел нест, ки Одлиф Апрел муҳаққиқи фаронсавӣ Фирдавсиро сарояндаи суруди озодӣ хондааст: “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ фақат дар бораи ҷангҳо ва пирӯзии Рустам сухан нагуфтааст, балки саргузашти миллатеро баён мекунад, ки тайи қуруни мутамадӣ барои ба даст овардани озодӣ, шарофати инсоният

[86] Бахтиёрӣ, М. Шарҳи “Шоҳнома” ва ҷомеашиносӣ. – Теҳрон: Нур, 1978. – 279 с
[87] Сарромӣ, Ҳ. Шоҳнома ва идеологияи миллӣ. – Теҳрон: Маркази нашр, 1989. – С.96.
[88] Беҳофар, А. Дар омӯзиши шеъри ҳамосӣ. – Теҳрон: Гутенберг, 2001. – С.166.
[89] Фирдавсӣ, А. Шоҳнома. Ҷ. 1. – Теҳрон: Сури Мехр, 2001.- С. 527-531.
[90] Ёҳақӣ, М. Адабиёт ва ҷомеа. – Теҳрон: Нашри Устодон, 1996. – С. 37.

мубориза кардаанд ва агар пирӯз шудаанд ва ё шикаст хӯрдаанд, ҳатто бо маргашон орзуи зулмситезӣ ва додгариро дар ҷомеа қувват бахшидаанд [91].

Камтарин орзуи Фирдавсӣ ин аст, ки ҳукумат аз дасти афроде, ки рӯзе барда (ғулом) ва асир будаанд, бурун биёяд ва дар дасти афроде қарор гирад, ки дорои фарри шоҳӣ ва нури донишу кирдори шоистае бошанд. Подшоҳони айёшу бесаводи бадавӣ ва хашмгин чӣ тамаддунеро метавонистанд барои мардум эҷод кунанд ва чӣ донишеро дар ҷомеа мунташир кунанд.

Назар ба қавли Бобоҷон Ғафуров: “Фирдавсӣ дар симои Рустам ва дигар қаҳрамонони достон муборизаи фидокоронаи насли навро дар роҳи истиқлолияти Ватани худ тасвир мекунад. Шоир ба достон воқеаҳои таърихиро аз лашкаркашии Искандари Мақдунӣ сар карда, то истилои араб ва марги Яздигурди III низ дохил намуда, ғояи муборизаи халқро барои истиқлолияти кишвари худ тамоми муддати таърихи он тараннум кардааст”[92]

Дар “Шоҳнома” мушоҳида мешавад, афроде, ки гунаҳгор шудаанд, хонавода ва элу табори онҳоро нобуд мекунанд. Намунаҳое аз абёти асар дар бораи масъулияти инсон дар баробари ҷурме, ки анҷом медиҳад, дар “Шоҳнома” омада аст. Чунончӣ, Фирдавсӣ шоҳ Кайковусро накӯҳиш мекунад ва ба мо ҳушдор медиҳад, ки агарчи Ковус марди камхирад ва нодон аст, шоиста нест падари ӯро накӯҳиш бикунанд, зеро Кайқубод шаҳриёри хирадманд ва додгару мардумдӯст буда, агарчи аз решаи нек шохе бад руст, набояд решаро гунаҳгор донист ва ба он иҳонат намуд.

Пас, ватандӯстӣ ва инсонпарварӣ на танҳо аз муҳаббати Ватан сарчашма мегирад, балки дар мубориза бо душманони Ватан, ҳифзу гиромидошти ҳуқуқу озодӣ ва гунаҳкорон низ исботи худро меёбанд.

Композитсияи ғоявии “Шоҳнома” аз болои ду риштаи ғоявӣ-композитсионӣ мегузарад:

1) Мубориза барои ҳаёти хушбахтона, адолат, истиқлолият, яъне мубориза барои ғалабаи қувваҳои некӣ;

2) Мубориза барои ҳукмфармо гардидани зулм, ба мардум беадолатӣ ва ноосоиштагӣ овардан, дар мамлакат фитна паҳн кардан, барҳам задани истиқлолиятҳо, ба ибораи дигар мубориза барои ғалабаи қувваҳои бадӣ.

Аз ҷиҳати ғояи композитсионӣ мебоист бо ғалабаи қувваҳои неки ватандӯстӣ ба охир мерасид, чӣ тавре, ки дар қисмҳои I ва II мебинем. Вале ғалабаи қувваҳои бадӣ- истилогароии араб дар қисмати III – достонҳои таърихӣ анҷом пазируфтааст. Аз ин рӯ, сужет ва композитсияи асар нотамом аст. Ҳарчанд, ки ғалабаи истилои араб ҳодисаи таърихист, вале муборизаҳои ватандӯстонаи бар зидди истилои араббурдаи Абӯмуслим, Муқаннаъ, Сунбод, ташкили давлатҳои Тоҳириён, Саффориён ва Сомониён, ғалабаи қувваҳои шуубия аз болои истилои араб, эҳёи миллии эрониёни Шарқу Ғарб низ ҳақиқати таърихист.

---

[91] Ёҳақӣ, М. Адабиёт ва ҷомеа. – Теҳрон: Нашри Устодон, 1996. – С. 42-44.

[92] Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 1. – Душанбе: Ирфон, 1987. - С.433 .

Хуллас, “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ на танҳо як шоҳасари ҳамосавии адабиёти форсӣ, балки як осори пурмазмуну бисёрқабатаи иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва ахлоқист, ки дар он арзишҳои умумибашарӣ чун меҳнатпарастӣ, ватандӯстӣ, адолат, мубориза бо зулм ва ҳимояи ҳаққи мардум дар сатҳи баланди фалсафӣ ва таърихӣ ба тасвир кашида шудаанд. Қаҳрамонҳои “Шоҳнома” — Рустам, Коваи оҳангар, Фаридун, Гурдофарид ва дигарон, на танҳо рамзи қудрат ва диловарӣ, балки таҷассумгари садоқат ба Ватан, мубориза бо бедодгарӣ ва ҳифзи ҳуқуқу арзишҳои инсонӣ мебошанд. Аз муҳтавои ин ҳама достонҳои “Шоҳнома” чунин хулоса кардан шояд ба маврид бошад: “Давлате, ки дар он адолати устувор, худшиносиву ғурури миллӣ побарҷост, шикастнопазир мебошад”.

Ин арзишҳо бо муҳтавои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон” мутобиқати бевосита доранд, зеро қонун низ дар ҳадафу мазмунҳои худ ташаккули ҳисси масъулият, меҳнатдӯстӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва мубориза бо ҳама гуна зулму беадолатиро дар сатҳи сиёсати давлатӣ ба сифати вазифаи асосӣ муайян кардааст. Қонун заминаи ҳуқуқии татбиқи ин арзишҳоро дар тарбияи насли нав, дар рушди фарҳанги иҷтимоӣ ва таҳкими суботу пешрафти давлат ва ҷомеа муҳайё месозад.

Аз ин ҷиҳат, «Шоҳнома» метавонад ҳамчун як манбаи маънавию ахлоқӣ ва сарчашмаи илҳомбахши ватандӯстӣ дар барномаҳои таълимӣ ва тарбиявии муосири Тоҷикистон васеъ истифода шавад. Ҳамгироии арзишҳои таърихӣ бо меъёрҳои ҳуқуқии имрӯза метавонад дар ташаккули шахсияти масъулиятшинос, адолатпарвар ва меҳнатдӯст нақши муассир бозад ва дар таҳкими рукнҳои асосии давлатдории миллӣ саҳми назаррас гузорад.

Адабиёт:

1. Бахтиёрӣ М. Шарҳи «Шоҳнома» ва ҷомеашиносӣ. – Теҳрон: Нур, 1978. – 279 с.
2. Беҳофар А. Дар омӯзиши шеъри ҳамосӣ. – Теҳрон: Гутенберг, 2001. – 262 с.
3. Деҳхудо А. Луғатномаи Деҳхудо. – Теҳрон, 2006. – Ривояти электронии №4 (ба забони форсӣ).
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон». – Душанбе, 2022. – 12 с.
5. Раҳмон, Э. Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 28 декабри соли 2023. – Душанбе, (Манбаи электронӣ). – Низоми дастрасӣ: https://www.president.tj/ (санаи мурочиат: 06.04.2025).
6. Сарромӣ Ҳ. Шоҳнома ва идеологияи миллӣ. – Теҳрон: Маркази нашр, 1989. – 780 с.
7. Нёлдеке Т. Ҳамосаи милли Эрон. Тарҷумаи Бузурги Алавӣ. – Теҳрон, 1327.
8. Фирдавсӣ А. Шоҳнома. Ҷ. 1–4. – Теҳрон: Сури Меҳр, 2001. – 4300 с.
9. Фирдавсӣ А. Шоҳнома. Иборат аз 9 ҷилд / [Матн] / Таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ, Б. Сирус. Ҳайати таҳр.: М. Осимӣ, К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ, А.

Маниёзов, М. Н. Османов, Х. Шарифов, М. Қаноат. – Душанбе: Адиб, 1987.

10. Ғафуров Б. Тоҷикон. Ҷ. 2. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 592 с.

11. Ғафуров Б. Тоҷикон, Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав/ Муҳаррири масъул А. Мухторов.-Душанбе: Нашриёти муосир, 2020.- 976 с.

12. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 1. – Душанбе: Ирфон, 1987. – 456 с.

13. Юсуфӣ А. Ҳақиқат ва адолат дар “Шоҳнома”. – Теҳрон: Маркази таҳқиқотӣ, 1997. – 168 с.

14. Ёҳақӣ, М. Адабиёт ва ҷомеа. – Теҳрон: Нашри Устодон, 1996. – 244 с.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 20.11.2025
Аз тақриз баргашт: 25.11.2025
Ба чоп тавсия шуд: 22.12.2025

СОХТОРИ ТАРКИБИИ КОНСТИТУТСИЯИ (ҚОНУНИ АСОСИИ) ҶМШС ТОҶИКИСТОН (28-УМИ АПРЕЛИ СОЛИ 1929)

Холиқзода Абдуманон Ғафор, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинов, ходими пешбари илмии шуъбаи ҳуқуқи давлатӣ, номзади илмҳои ҳуқуқ.

Фишурда: Мақола ба масъалаҳои сохтори таркибии Конститутсияи (Қонуни асосии) ҶМШС Тоҷикистон (28 –апрели соли 1929), аз ҷумла қоидаҳои техникаи ҳуқуэҷодкунӣ бахшида шудааст. Дар мақола Конститутсияи ҶМШС Тоҷикистон соли 1929 оварда шуда, дар муқоиса бо Конститутсияи ИҶШС ва Конститутсияи ҶШС Узбекистон таҳлил гузаронида шудааст. Диққати махсус ба техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ дар солҳои ибтидои бунёди давлатдории тоҷикон дода шудааст, ки дар оянда заминаи ҳуқуқэҷодкунӣ шудааст.

Калидвожаҳо: Конститутсия, техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, эзоҳ, замима, истинод, фасл, боб, модда, қисм, банд, зербанд, сархат.

ВНУТРЕННЯЯ СТРУКТУРА КОНСТИТУЦИИ (ОСНОВНОГО ЗАКОНА) ТАДЖИКСКИЙ АССР (28 АПРЕЛЯ 1929 ГОДА)

Холикзода Абдуманон Гафор, Национальная академии наук Таджикистан, Институт философия, политология и права им А. Баховаддинова, ведущий научный сотрудник отдела государственного права, кандидат юридический наук.

Аннотация. Статья посвящена внутренней структуре Конституции (Основного Закона) Таджикской АССР (28 апреля 1929 года), в и частности правотворческой деятельности. В статье проведен сравнительный анализ Конституции (Основного Закона) Таджикской АССР (28 апреля 1929 года) с Конституцией СССР и Узбекской АССР. Особое внимание обращено на правотворческую технику начального этапа становления государственности таджиков, что в будущем стало основной правотворчества.

Ключевые слова: Конституция, правотворческая техника, примечание, приложение, ссылка, раздел, глава, статья, часть, пункт, подпункт, абзац.

THE INTERNAL STRUETURE OF CONSTITION (FUNDAMENTAL LAW) OF THE TAJIK ASSR (APRIL 28, 1929)

Kholiqzoda Abdumanon Ghafor, National Academy of Sciences of Tajikistan, Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Baҳovadtnov, leading researcher of the Department of Public Law, Candidate of Legal Sciences.

Annotation. The aricle is devoted to the internal structure of the Constition (Fundamental law) of the Tajik SSR (April 28, 1929), in particular, law-making activity. The article compares the Constition (Fundamental law) of the Tajik SSR (April 28, 1929) with the Constition of the USSR Uzbek and the Uzbek SSR.

Particular attertion is paid to the law-making technigue of the initial stage of building the statchood of the Tajik, which in the future became the dasis of law- making.

Keywords: Constition law-making technigue, note, unneҳ refernce, soction, chapter, article, part, clause, subclause, paragraph.

Қайд кардан ба маврид аст, ки оиди сохтори таркибии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ дар назарияи ҳуқуқ дар байни олимон мавқеи ягона вуҷуд надорад[93]. Масъалаи мазкур яке аз проблемаҳои муҳимми назарияи ҳуқуқ аз назари умум ва раванди ҳуқуқэҷодкунӣ ва сарчашмаҳои ҳуқуқӣ ба шумор меравад.

Сохтори таркибӣ ҳангоми таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нақши калидиро бозӣ менамояд. Ба андешаи муҳаққиқи техникаи қонунгузорӣ Д.В. Ҷухвичев, дар қатори қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ дар мадди аввал бояд ба сохтори таркибии санади меъёрии ҳуқуқӣ диққат дод, зеро сохтори таркибӣ ҳам намуди беруна, ҳам сохтори дохила ва ҳам муносибати байни қисмҳои таркибии санадро фаро мегирад[94]. Аз ҷониби дигар дуруст тақсимбандӣ ва ҷо ба ҷо кардани сохтори таркибии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ пасиҳам ба низом дароварда, оммафаҳм баён карда шуда, дар таҷриба истифодабарии онҳо осон гардад. Мақсад аз таҳлили сохтори таркибии Конститутсияи (Қонуни асосии) ҶМШС Тоҷикистон (аз 28 апрели соли 1929) аз он иборат аст, ки муайян намудан, дар яке аз аввалин санади меъёрии ҳуқуқии асосие, ки минбаьд дар ташаккулёбии давлати Тоҷикистон ва сохторҳои идоракуни он нақши ниҳоят муҳим бозидааст, техникаи ҳуқуқэҷодкунии дар кадом сатҳ қарор дошт ва баъдан ин санад дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ Тоҷикистон чӣ гуна нақш бозидааст.

---

[93]Ниг. Головистикова А.Н. Дмитрев Ю.А. Проблемы теории государства и прав. – М. 2005; С372382,453 – 470 . Марченко М.Н. Теория государства и прав. Учебник 2-е издание М. И. Московского университета 2006 С 548 – 578 Теория государства и права. Ответственный редактор В.Д. Перевалов М 2011 С 153 – 216 Ҳасанов С. Ҳасанов М. Назарияи дақиқ ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ Ҳуҷанд 2005 С 245 – 315

[94] Чугличев Д.М. Законодательная техника. Второе издание М. 2014 С264 – 265

«Анҷумани дуюми Шуроҳҳои ҶМШС Тоҷикистон, ки 21-28 апрели соли 1929 баргузор гардид[95], дар ташаккул ва такмилёбии сохтори давлатӣ, низоми ҳуқуқ ва қонунгузории ҷумҳурӣ мавқеи хоса дошт. Анҷумани якуми таъсискунанда, ки ба фаъолияти сохторҳои ғайриинтихобии идоракунии ҷумҳурӣ хотима гузошта буд, мақомоти олӣ ва маркази ҳокимияти шӯравиро дар асосҳои нав интихоб ва ташкил намуд ва онҳо дар муҳити осоишта ба фаъолияти қонунгузорӣ машғул гардидаанд. Акнун дар Анҷумани дуюм фаъолияти КИМи Шуроҳо, Раёсати КИМ, Шурои Комиссарони Халқ ва комиссариатҳо як навъ ҷамъбаст гардида, вазифаҳо оиди ба анҷом расонидани ташаккули қонунгузорӣ ва ҳалли вазифаҳои сохтмони давлатӣ, хоҷагӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ муайян карда шудаанд[96].

Дар Анҷумани дуюми Шӯроҳои ҶМШС Тоҷикистон бешубҳа масъалаи асосӣ, баррасӣ ва қабули Конситутсияи (Қонуни асосии) ҶМШС Тоҷикистон буд. Конситутсияи мазкур ҳамчун санади олии ҳуқуқӣ як давраи муҳими ташкилёбӣ ва рушди Тоҷикистонро дар заминаи Ҷумҳурии мухтори шӯравӣ инъикос менамояд.

Дар қарори Анҷумани мазкур роҷеь ба қабули Конситутсияи (Қонуни асосии) ҶМШС Тоҷикистон чунин қайд шудааст: «Анҷуман маърузаро дар бораи Конситутсия шунида ва аз тарафи иҷлосияи 4-уми КИМи Шӯроҳои ҶМШС Тоҷикистон даъвати якум лоиҳаи Конситутсияи пешниҳодшударо барои баррасӣ дида баромада, лоиҳаи Конситутсияи ҶМШС Тоҷикистонро қабул менамояд»[97].

Конситутсияи (Қонуни асосии) ҶМШС Тоҷикистон аз 7 фасл, 17 боб ва 107 банд иборат буд[98].

Қайд кардан ба марид аст, ки на дар сатҳи Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ (ИҶШС) ва на дар сатҳи Ҷумҳурии Шуравии сотсиалистии Узбекистон, ки он вақт ҶМШС Тоҷикистон дар ҳайати он буд ягон хел санадҳои меъёрии ҳуқуқии алоҳидае, ки тартиби таҳия ва сохтори таркибии конститутсияро пешбинӣ намуда бошад, вуҷуд надошт. Омӯзиши сохтори таркибии Конситутсияи (Қонуни асосии) ҶМШС Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ҳангоми таҳияи он Конситутсияи Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Ӯзбекистон (11 июли соли 1927) ва Конситутсияи Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ (ИҶШС) (аз 31 январи соли 1924) ба асос гирифта шудаанд.

Муқоисаи сохтори таркибии ин Конститутсия баръало аз ин гуфтаҳо шаҳодат медиҳад. Масалан, Қонуни асосии (конститутсия) Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ (аз 31- январи соли 1924) аз муқаддима 2 фасл, II боб ва 72 банд иборат аст.[99] Конситутсияи (Қонуни асосии)

[95] Ғафуров Б. Тоҷикон. Қисми 2. Душанбе 19…С.
[96] Имомов А., Буриев И, Гадоев Б, Мухторов К. Конститутсияҳоии Тоҷикистон: пайдоиш ва инкишоф. Душанбе Дониш 2014 саҳ. 129 – 130.
[97] Имомов А., Буриев И, Гадоев Б, Мухтор К. Конститутсияҳои Тоҷикистон: пайдоиш ва инкишоф. Душанбе Дониш 2014 саҳ. 129 – 130.
[98] Таҳиров Ф. Хрестиматия по истории государства и права Таджикистан (1917 – 1994 г.) Душанбе Дониш 2014 саҳ. 261– 286.

Ҷумҳуриҳои Шуроҳои Сотсиалистии Узбекистон (аз 11 июли соли 1927) аз 8 фасл 17 боб ва 114 банд иборат буд. [100]

Таҳлили фаслҳо ва бобҳои ин конститутсияҳо дар муқоиса бо Конститутсия (Қонуни асосии) Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ (аз 31 – январи соли 1924) нишон дод, ки новобаста аз он ки ҳамаи ин санадҳои олии қонунгузорӣ аз назари мазмунӣ ва таркибӣ умумият доранд, бо вуҷуди он дар сохтори таркибии онҳо баъзе фарқиятҳои ҷиддӣ дида мешаванд.

Дар Конститутсия (Қонуни асосии) Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ (аз 31 – январи соли 1924), ки аз 2 фасл ва 11 боб иборат аст, ҳарду фасл ва 11 – боби Қонуни асоси бо номҳои муайян муқарар шуда, фаслҳо ва бобҳо дар алоҳидагӣ рақамгузории пайдарҳам доранд. Рақамгузорӣ бо рақамгузории арабӣ ва ё римӣ ишора нагардида, балки бо ҳарфҳои кириллӣ ин рақамагузорӣ навишта шудааст. Номҳои фаслҳо ва бобҳо дар маркази сатр ҷойгир карда бо ҳарфҳои калон навишта шуда, дар охири онҳо нуқта гузошта нашудаанд.

Аммо дар Конститутсия (Қонуни асосӣ) Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Узбекистн (11 июли 1927) аз 8 фасли он 3 фасли он ном надорад (фаслҳои 2, 4 ва 8) 5 фасли дигараш ном доранд, фаслҳо ва бобҳои Конститутсия пайдарҳам рақамгузорӣ карда шуда, рақами бобҳо бошад бо ҳарфҳои кириллӣ навишта шудаанд. Навиштаҷоти фасл ва боб, рақамагузории онҳо инчунин номи онҳо дар маркази сатр ҷойгир карда шуда бо ҳарфҳои калон навишта шуда, дар охири ҳар яки он нуқта гузошта шудааст.

Фаслҳое, ки аз як боб иборатанд дар баъзе ҳолатҳо ин фаслҳо ном дошта, боб ном надорад ва дар баъзе ҳолатҳои дигар бошад фасл ном надошта, боб ном дорад. Масалан фасли 1, ки «Муқаррароти умумӣ» ном дорад, баъд аз он калимаҳои «Боби якум» навишта шуда худи боб ном надорад.

Фасли дуюм бошад бо калимаҳои «Фасли 2» оғоз гардида, баъд аз он калимаҳои «Боби дуюм навишта шуда, номи боб «Оид ба ҳуқуқҳои Соҳибистиқлоли Ҷумҳурии Сотсиалистии Узбекистон» бо ҳарфҳои хурд оварда шудааст.

Муқоисаи сохтори Конситутсияи (Қонуни асосии) ҶМШС Тоҷикистон бо конститутсияҳои дар боло зикргардида нишон дод, ки ҳангоми таҳияи он бештар Конститутсияи Узбекистон ба асос гирифта шудааст. Конститутсияи (Қонуни асосии) ҶМШС Тоҷикистон мисли Конститутсияи Узбекистон аз ҳафт фасл иборат аст. Се фасли Конситутсияи (Қонуни асосии) ҶМШС Тоҷикистон ном надоранд. Ин фаслҳои дуюм, чорум ва ҳафтум мебошад. Фаслҳо ва бобҳои Конститутсия пайдарҳам рақамгузорӣ карда шудаанд.

Агар дар Конситутсияи (Қонуни асосии) ҶШС Узбекситон рақами бобҳо бо ҳарфҳо навишта шуда бошад, дар Конситутсияи (Қонуни асосии)

---

[99] Таҳиров Ф. Хрестиматия по истории государства и права Таджикистан (1917 – 1994 г.) Душанбе Дониш 2014 саҳ. 48– 64.

[100] СУ Уз ССР 1927г. №24ст 145.

ҶМШС Тоҷикистон ҳам фасл ва ҳам боб бо рақами арабӣ ишора гардида, номи фаслҳо бо ҳарфҳои калон дар маркази сатр ҷойгир карда шуда, пас аз онҳо нуқта гузошта нашудааст.

Мисли Конситутсияи (Қонуни асосии) ҶШС Узбекистон фаслҳое, ки аз як боб иборат аст, дар баъзе ҳолатҳои худ фасл номгузорӣ шуда, боб ном надорад. Дар баъзе ҳолатҳои дигар бошад, фасл ном надошта боб номгузорӣ карда шудааст. Масалан фасли 2 Конситутсияи (Қонуни асосии) ҶМШС Тоҷикистон, ки аз як боб иборат аст ном надорад, боби 2, ки дар дохили фасли 2 ҷойгир аст, бо чунин ном омадааст. «Боби 2 Оид ба ҳуқуқҳои Соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон»

Ба ақидаи мо фаслҳои 2, 4 ва 8 Конситутсияи (Қонуни асосии) ҶШС Узбекистон ва фаслҳои 2 ва 4 (ба истиснои фасли 7) Конситутсияи (Қонуни асосии) ҶМШС Тоҷикистон барои он номгузорӣ нашудаанд, ки ин фаслҳо аслан аз як боб иборатанд, бо назардошти он ки дар чунин ҳолат фасл ва ҳам боб як масъаларо ба низом медароранд, бо мақсади айнан такрор накардани мавзӯи танзим дар номи фасл ва ҳам дар номи боб танҳо бобҳо номгузорӣ шуда, фаслҳо номгузорӣ нашудаанд. Зеро дар ин конститутсияҳо фаслҳое, ки ном доранду аз як боб иборатанд, бобҳои онҳо ном надоранд. Фасли якуми Конситутсияи (Қонуни асосии) ҶШС Узбекистон ва фасли якуми Конситутсияи (Қонуни асосии) ҶМШС Тоҷикистон ҳарду бо номи «Муқаррароти умумӣ» омада аз як боби иборатанд, ки бобҳои он ном надоранд (Яъне бо мақсади такрор нашудани ном танҳо фасл номгузорӣ шудааст, ки ин тарзи баён дурустии ақидаи моро баён менамояд).

Ҳамин тариқ, таҳлил ва муқоисаи конститутсияҳои дар боло зикргардида нишон дод, ки фаслҳое, ки аз як боб иборатанд ё фасл ва ё бобашон номгузорӣ шудаанд, вале дар Конситутсияи ҶМШС Тоҷикистон ин қоида дар фасли 7 сарфи назар гардидааст. Ҳарчанд фасли 7 аз ду боб (боби 16 «Дар бораи ҳуқуқӣ буҷетӣ, боби 17 «Дар бораи Нишон, Парчам ва Пойтахти ҶМШС Тоҷикистон) иборат аст ва бобҳо мавзуъҳои гуногунро ба танзим дароварда бошад ҳам, фасл номгузорӣ нашуда, ҳарду бобҳо номгузорӣ шудаанд.

Қисмҳои таркибии бобҳои Конститутсияи ИҶШС ва Конситутсияи ҶШС Узбекистон ба бандҳо тақсим шудаанд. Конститутсияи ИҶШС (аз 31 – январи соли 1924) аз 72 банд ва Конститутсияи ҶШСӮ (аз соли 1927) бошад, аз 114 банд иборат аст. Конситутсияи ҶМШС Тоҷикистон аз 107 банд иборат аст. Бандҳои он бо рақами арабӣ рақамгузорӣ шудаанд, ба мисли Конситутсияҳои ИҶШС ва ҶШС Ӯзбекистон. Ҳарчанд пеш аз ин рақамаҳо калимаи «модда» навишта нашуда бошад ҳам, аммо дар матни Конститутсия ҳангоми истинод кардан ба дигар меъёрҳои он бандҳо ҳамчун моддаҳои Конститутсия номбар шудаанд. Масалан, дар банди 92 Конститутсия омадааст, ки «Тартиби гузаронидани интихобот ва дар он иштирок кардани иттифоқҳои касаба ва дигар ташкилотҳои коргариро Кумитаи иҷроияи марказии Шуроҳои ҶМШС Тоҷикистон ё Президиуми

он дар дастурамали дар моддаи 90 ҳамин Конститутсия зикргардида муайян менамояд.»

Яъне, дар ин ҳолат ҳарчанд калимаи «модда» пеш аз рақамҳо навишта нашуда бошанд ҳам, истинод ба моддаи 90 ҳамин Конститутсия оварда шуда, маънои онро дорад, ки бобҳои Конститутсия дар асл бо моддаҳо тақсим шудааст, вале дар он замон калимаи модда қабл аз рақами ишоратӣ навишта намешудааст. Аз ин рӯ, дар Конститутсия дар шаш ҳолат (дар моддҳои 66, 67, 68, 88, 92 ва 94) ҳангоми истинод кардан ба меъёрҳои худи Конститутсия қисми таркибии асосии он ҳамчун «модда» номбур гардидааст. Айнан чунин ҳолат дар Конститутсияҳои ИҶШС ва ҶШС Узбекистон дида мешавад. Масалан дар Конститутсияи ИҶШС дар панҷ ҳолат (дар бандҳои 6;26;47;49 ва 70) ҳангоми истинод кардан ба меъёрҳои худи Конститутсия қисми таркибии асосии он ҳамчун «модда» номбар гардидааст.

Дар Конститутсияи ҶШС Ӯзбекистон бошад, дар шаш ҳолат (дар бандҳои 4;70;71;92;97 ва 99) рақамгузорӣ ҳамчун модда ишорат шудааст.

Гуфтаҳои боло аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамон вақт ва ҳатто дар сатҳи Конститутсия бо мақсади пешгирии такрори меъёрҳо ё нишон додани робитаи мутақобилаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истинод истифода шудааст.

Дар айни замон тартиби истифодаи истинод дар моддаи 48 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30 майи соли 2017 ба низом дароварда шудааст, ки тибқи меъёри он истинод ба қисмҳои таркибии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ҳолате истифода мешаванд, ки нишон додани робитаи мутақобилаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ё худ пешгирии такрори онҳо зарур бошанд.

Дар техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ «Эзоҳ» яке аз унсурҳое мебошад, ки ҳангоми таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ҳолати зарурӣ бо мақсади дақиқ намудани моҳияти меъёрҳои ҷудогона истифода бурда мешавад. Дар Конститутсияи (Қонуни асосии) ҶМШС Тоҷикистон дар 5 банди он (дар бандҳои 22 (дар ду ҳолат), 68 (дар се ҳолат), 69, 77 ва 88) эзоҳ истифодашуда, моҳияти меъёрҳои ҷудогонаи Конститутсия дақиқ карда шудааст.

Омӯзиш ва таҳлили онҳо нишон дод, ки эзоҳҳо дар охири ҳар як банд ва ё банди он, ки меъёрҳои ҷудогонаи он эзоҳот дода мешавад оварда шудаанд.

Ҳар як эзоҳ аз сари хат оғоз гардида, бо навиштани калимаи «Эзоҳ» шуруъ мегардад ва дар он меъёри ҷудогона дақиқ карда мешавад. Масалан дар банди 22 Конститутсия ду эзоҳ оварда шудааст.

Вобаста ба дақиқ намудани меъёрҳои ҷудогонаи ин банд оиди интихоби вакилон ба анҷумани Шурои умумитоҷикон[101].

---

[101] Тоҳиров Ф. Хрестоматия по истории государство и прав Таджикистана (1917 – 1994г.) Душанбе Дониш – 2004 , саҳифаи 267.

Дар эзоҳи якум пешбинӣ гардадидааст, ки руйхати шаҳрҳо ва пасёлкаҳои типпи шаҳриро, ки ҳуқуқӣ бевосита равон намудани вакилонро ба съезди Шурои умумии тоҷикон доранд. Кумитаи иҷроияи марказии Шуроҳои ҶМШС Тоҷикистон муайян менамояд.

Эзоҳи дуюм чунин омадааст: «Дар ҳолате, ки анҷумани Шуроҳои вилоятӣ ё анҷумани Шӯроҳои Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон ба анҷумани Шурои умумии тоҷикон вакилонро пешниҳод накунад ба охирин бевосита вакилонро анҷумани Шурои тумани ва волостии дахлдор равон мекунад[102].

Эзоҳ дар Конститутсияи ИҶШС (соли 1924) танҳо дар як ҳолат дар охири банди 15 истифода шудааст. Банди 15 шумораи намояндагонро дар баъзе ҷумҳуриҳои иттифоқи ва мухторӣ ба Шӯрои Миллӣ муайян намуда, дар эзоҳ бошад шумораи намояндагонро дар баъзе ҷумҳуриҳо ва вилоятҳои мухторӣ мушаххас намудааст.

Эзоҳ. Ҷумҳуриҳои Муҳтори Аджария ва Абхазия ва вилоятҳои мухтори Осетия Ҷанубӣ, Карабоги Куҳӣ ва Нахичеван ба Шурои Миллӣ як нафари намоянда равон мекунанд[103].

Дар Конститутсияи ҶШС Узбекистон Эзоҳ дар бандҳои 24 (ду эзоҳ): 72 (се эзоҳ): 73:81 ва 92 истифода шудааст.

Ҳамин тариқ таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки истифода бурдани эзоҳ ва истинод ҳангоми таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ решаҳои қаблан вуҷуд дошта, ҳатто дар аввалин Конститутсияи ҶМШС Тоҷикистон соли 1929 истифода шудаанд. Бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 8 декабри соли 2003 дар он бори аввал дар таърихи ҳуқуқэҷодкунии кишвар боби алоҳида «боби 4 техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ» оварда шуда, дар моддаҳои алоҳидаи он «моддаи 37 Эзоҳот ва замима» моддаи 42 «Татбиқи истиснод дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» нишон дода шуда, дар онҳо мавриди тартиби истифодабарии замима ва истиснод дар сатҳи қонун ба низом дароварда шуд. [104]

Тавре дар боло қайд кардем, бобҳои Конститутсия ба қисмҳои таркиби тақсим шудаанд, ки онҳо рақамгузорӣ гардидаанд ва пеш аз ин рақамҳо калимаи «модда» истифода нашудааст ва агар онҳоро мо банд гӯем, дар навбати худ ин бандҳо боз таркиби худро доранд.

Бандҳо аслан қисми асосии ҳатмиии таркибии Конститутсия омада, муқаррароти меъёрии мукаммалро дарбар гирифтаанд. Ҳар як банд як масъалаи муайянеро ба низом даровардааст.

Бо мақсади ба пуррагӣ ба низом даровардани як масъала дар як банд ва фарогир будани паҳлуҳои гуногуни ҳамаи як масъала дар як банд, бандҳо дар навбати худ дар ҳолати зарурӣ дар Конститутсияи ҶМШС Тоҷикистон ба зербандҳо ва сархатҳо тақсим шудаанд.

Масалан дар банди 32 Конститутсия сухан дар бораи на камтар аз 3 маротиба дар як сол даъват кардани иҷлосияҳои навбатии КИМ

---

[102] Тоҳиров Ф. Тоҳиров Ф. Хрестоматия по истории государство прав Таджикистана (1917 – 1994г.) Душанбе Дониш – 2004 , саҳифаи 267.

[103] Тоҳиров Ф. Тоҳиров Ф. Хрестоматия по истории государство прав Таджикистана (1917 – 1994г.) Душанбе Дониш – 2004 , саҳифаи 54.

[104] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2003., №12 моддаи 682, саҳифаҳои 88 – 89.

Шуроҳои ҶМШС Тоҷикистон, ки аз ҷониби Президиуми КИМ Шуроҳои ҶМШС Тоҷикистон даъват карда мешавад, [105] меравад.

Банди мазкур зербанди алоҳида дорад, ки аз сари хат бо ҳарфи калон оғоз гардидааст ва дар он сухан дар бораи даъвати иҷлосияҳои фавқуллода, ки дар асоси таклифи пешниҳод намудаи Шурои комиссарони халқи ҶМШС Тоҷикистон ё ба талаби аз се як ҳиссаи аъзоёни КИМ Шурои ҶМШС Тоҷикистон бо қарори президиуми КИМ Шурои ҶМШС Тоҷикистон даъват карда мешавад, меравад.

Бо назардошти он, ки дар ҳар ду зербанди ин банд сухан дар бораи даъвати иҷлосия меравад. Аз ин рӯ, онҳо дар як банд оварда шуданд. Яъне зербанди дуюм на ба сифати банди алоҳида ва на ба тарзи дигар рақамгузорӣ ва ё бо ҳарф ишора нагардидааст.

Чунин тарзи баёни фикрро дар бандҳои 39, 46, 51, 75, 79, 105 Конститутсия низ дидан мумкин аст.

Дар Конститутсияи ИҶШС дар бандҳои 26 ва 48 дар Конститутсияи ҶШС Ӯзбекистон бошад, дар бандҳои 42, 49, 65, 66, 73, 79, 81, 82, 112 ва 113 чунин тарзи баёни фикр яъне техникаи меъёрэҷодкунӣ истифода шудааст. Баъзе аз бандҳои Конститутсияи (Қонуни асосии) ҶМШС Тоҷикистон мисли Конститутсияи ИҶШС ва ҶШС Узбекистон бевосита ба сархатҳо тақсим карда шудаанд.

Сархатҳо дар чунин шакл ифода карда шудаанд, пас аз аломати баён «;» аз сари хат ҳарфҳои хурд навишти шудаанд». Ҳар як сархат бо ҳарфҳои хурд ишора гардида пас аз он аломати қавси пушида «) » гузошта шудааст. Ҳар як сархат ба истиснои сархати охирин бо нуқта вергул «;» ба охир расидааст. Чунин тақсимшавии бандҳо ба сархатҳо дар бандҳои 52, 53, 68, 69, 77, 82, 88, 89 Конститутсия дидан мумкин аст.

Бандҳои 39, 47, 48 ва 105 Конститутсия низ ба сархатҳо тақсим шудаанд. Аммо дар ин бандҳо сархатҳо ба ҳарфҳо ишора нагрдида бо рақамҳои арабӣ ишора гардида, баъд аз рақамҳо қавси пушида гузошта шудааст. Ба истиснои банди 39 Конститутсия.

Дар бандҳои 1;43;44;48 ва 50 Конститутсияи ИҶШС бандҳо бо сархатҳо тақсимшуда, ҳар як сархат бо ҳарфҳои хурд ишорагардида пас аз он аломати қавси пушида гузошта шудааст. Ҳар як сархат ба истиснои сархати охирин бо нуқта вергул «;» ба охир расидааст. Дар бандҳои 37, 51, 52 ва 67 бандҳо ба сархатҳо тақсимшудаанд, аммо сархатҳо на бо ҳарф ва на бо рақам ва на бо аломати ним тире ишора нагардидаанд.

Дар Конститутсия ҶШС Узбекистон сархатҳои бандҳо бо ҳарфҳои хурд (бандҳои 49, 55, 56, 72, 73 81, 86 , 92, 93, 112 ва 113) ишора гардидаанд. Банди 42 Конститутсия ба сархатҳо тақсим шудааст, аммо сархатҳо бо ягон аломат ишора нагардидаанд.

Ҳамин тавр таҳлили Конститутсияи ҶМШС Тоҷикистон соли 1929 нишон дод, ки он сарчашмаи асосии омӯзиши давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон дар солҳои ибтидои бунёди давлатдории тоҷикон мебошад.

---

[105] Тоҳиров Ф. Хрестоматия по истории государство и право Таджикистана (1917 – 1994г.) Душанбе, Дониш 2004, саҳифаи 269.

Омӯзиши ин санади ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки кас дар бораи сохтори давлатӣ ва ҷамъиятии Тоҷикистон дар солҳои 20 – уми асри XX, асосҳои сохтори сиёсӣ, иқтисодӣ иҷтимоӣ ва фарҳангии он, ҳуқуқу вазифаҳои асосии шаҳрвандон, низоми интихоботи Шурои вакилони меҳнаткашон ва шартҳои иштирок дар интихобот, дар бораи низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ шаклҳои фаъолият ва салоҳияти онҳо маълумоти зарурӣ пайдо намояд[106].

Дар баробари ин Конститутсияи ҶМШС Тоҷикистон соли 1929 санади ҳуқуқии аввалин аст, ки субъектони ҳуқуқэҷодкунандаро муайян намуда, салоҳият ва дар кадом шакл қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқиро аз ҷониби онҳо муқаррар кардааст. Аз ҳама муҳимаш он аст,ки дар самти меъёрэҷодкунӣ сохтори таркиби Конститутсияи ҶМШС Тоҷикистон минбаъд дар раванди таҳия ва қабули дигар санадҳои қонунгузорӣ санги асос гузошт.

Қайд кардан ба маврид аст, ки баъзе аз қисмҳои таркибии сохтори Конститутсияи соли 1929 то ба имрӯз дар техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ истифода мешавад ба монанди «фасл», «боб», «банд», «зербанд», «сархат», «эзоҳ» ва «истинод». Албатта бо рушди техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ иддае аз ин қисмҳои таркибӣ такмил ёфтаанд.

Адабиёт

1. Головистикова А.Н. Дмитрев Ю.А. Проблемы теория государства и права М. 2005.
2. Марченко М.Н. Теория государства и права. Учебник. 2 – е издание М. Изд. Московского университета 2006.
3. Теория государства и права Ответственный редактор В.Д. Перевалов М.2011.
4. Ҳасанов С. Ҳасанов М. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарси. Хуҷанд 2005. С 245 – 315 .
5. Чуҳвичев Д.В. Законодательная техника. Второе издание. М 2014. С 264-265 .
6. Ғафуров Б.Тоҷикон. Қисми 2 Душанбе 19.
7. Имомов А., Буриев И, Гадоев Б, Мухторов К. Конститутсияҳои Тоҷикистон; пайдоиш ва инкишоф. – Душанбе Дониш 2014.
8. Таҳиров Ф. «Хрестиматия по истории государства и права Таджикистан (1917 – 1994г.) – Душанбе Дониш – 2014.
9. СУ Уз ССР 1927г №24.
10. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2003, №12.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 20.11.2025
Аз тақриз баргашт: 25.11.2025
Ба чоп тавсия шуд: 22.12.2025

[106] Имомов А. Буриев И., Гадоев Б., Мухторов К. Конститутсияҳои Тоҷикистон: Пайдоиш ва Инкишоф Душанбе, Дониш – 2004, саҳифаҳои 133 – 134.

ҶАРИМА ҲАМЧУН ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ ВА МАСЪАЛАҲОИ ДУРНАМОИ ТАКМИЛИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Аҳадзода Аслиддин Аҳад,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ.
Тел.: +992 909493345.

Роҳбари илмӣ: Аззизода У.А., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

Фишурда: Дар мақолаи мазкур масъалаи ҷарима ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ ва масъалаҳои дурнамои такмили он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф, зимни баррасии андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ мушкилоти ҷойдоштаро оид ба татбиқи ҷарима ва дурнамои рушди онро таҳлил намуда, хулосаҳои асоснок баровардааст. Зимни таҳқиқоти худ муаллиф хулоса намудааст, ки ҷарима ҳамчун як намуди ҷазои ҷиноятӣ рӯз аз рӯз аҳаммияти бештар пайдо намуда истодааст. Дурнамои минбаъдаи инкишоф ва татбиқи ҷарима дар якҷоягӣ бо тамоюли гуманизатсияи низоми ҷазои ҷиноятӣ хеле хушбин ба назар мерасад. Истифодаи густурдаи чунин чораҳои муҷозоти алтернативӣ ба ҳалли мушкилоти аз ҳад зиёд дар муассисаҳои ислоҳӣ, инчунин мушкилоти мутобиқсозии иҷтимоии шахсоне, ки ҷазои ҷиноятиро дар шакли маҳрумият аз озодӣ адо кардаанд, мусоидат мекунад. Ҳамин тавр, зарурати минбаъд инкишофу такмил додан ва васеъ намудани татбиқи чунин намуди ҷазои ҷиноятӣ, ба монанди ҷарима пеш омада, мубрамияти таҳқиқоти мазкурро дучанд меафзояд.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки самаранокии татбиқи ҷарима асосан аз вазъи моддии маҳкумшуда вобастагӣ дорад. Аксари маҳкумшудагоне, ки ҷиноятҳои иқтисодӣ содир мекунанд ё дар ҳолати бекорӣ қарор доранд ва ё дар ҳолати муфлисшавӣ, ки дар натиҷа татбиқи ҷаримаро душвор мегардонад. Таҳлили амалияи судӣ шаҳодат медиҳад, ки судяҳо на ҳама вақт метавонанд ҷазоро дар намуди ҷарима ва корҳои ислоҳӣ ба таври васеъ татбиқ намоянд, чунки бисёре аз ҳуқуқвайронкунандагон кор намекунанд ва барои пардохти ҷарима манбаи даромад надоранд.

Калидвожаҳо: Ҷарима, ҷазои ҷиноятӣ, дурнамои такмил, корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, ҷанбаҳои мусбӣ, ҷанбаҳои манфӣ, суд, ҷазои асосӣ, ҷазои иловагӣ.

ШТРАФ КАК УГОЛОВНОЕ НАКАЗАНИЕ И ПЕРСПЕКТИВНЫЕ ВОПРОСЫ ЕГО СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Ахадзода Аслиддин Ахад,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, соискатель кафедры прав человека и сравнительного правоведения.
Тел.: +992 909493345

Научный руководитель: Аззизода У.А., доктор юридических наук, профессор

Аннотация: В данной статье анализируется и рассматривается вопрос о штрафах как уголовном наказании и перспективы их совершенствования в Республике Таджикистан. Автор, изучив мнения отечественных и зарубежных ученых, проанализировал существующие проблемы в сфере реализации штрафов и перспективы их развития, и сделал обоснованные выводы. В ходе своего исследования автор пришел к выводу, что штрафы как вид уголовного наказания с каждым днем приобретают все большую значимость. Перспективы дальнейшего развития и внедрения штрафов, в сочетании с тенденцией к гуманизации системы уголовных наказаний, выглядят весьма оптимистично. Широкое применение такой альтернативной меры наказания, способствует решению проблем переполненности исправительных учреждений, а также проблем социальной адаптации лиц, отбывших уголовное наказание в виде лишения свободы. Таким образом, возникла необходимость в дальнейшем развитии, совершенствовании и расширении реализации такого вида уголовного наказания, как штрафы, что вдвойне повышает актуальность данного исследования.

Исследования показывают, что эффективность применения штрафов во многом зависит от материального положения осуждённого. Большинство осуждённых, совершивших экономические преступления, являются безработными или банкротами, что затрудняет применение штрафов. Анализ судебной практики показывает, что судьи не всегда имеют возможность широко применять штрафы и исправительные работы, поскольку многие осужденные не работают и не имеют источника дохода для уплаты штрафов.

Ключевые слова: Штраф, уголовное наказание, перспективы улучшения, обязательные работы, исправительные работы, положительные стороны, отрицательные стороны, суд, основное наказание, дополнительное наказание.

FINE AS A CRIMINAL PUNISHMENT AND PROSPECTIVE ISSUES OF ITS IMPROVEMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Ahadzoda Asliddin Ahad,
Tajik National University, Faculty of Law, postgraduate researcher at the Department of Human Rights and Comparative Law
Phone: +992 909493345.

Scientific adviser: Azzizoda U.A., doctor of law, professor

Annotation. This article analyzes and considers the issue of fines as a criminal punishment and prospects for their improvement in the Republic of Tajikistan. The author, having studied the opinions of domestic and international scholars, analyzed existing problems in the implementation of fines and prospects for their development, and drew substantiated conclusions. In the course of his research, the author concluded that fines as a form of criminal punishment are becoming increasingly important. Prospects for the further development and implementation of fines, coupled with the trend toward humanizing the criminal punishment system, appear quite optimistic. The widespread use of this alternative punishment helps address issues of overcrowding in correctional facilities, as well as the social adaptation of individuals who have served a prison sentence. Thus, the need has arisen to further develop, improve, and expand the implementation of fines as a form of criminal punishment, which doubles the relevance of this study.

Research shows that the effectiveness of fines depends largely on the financial situation of the convicted person. Most convicted economic crime offenders are unemployed or bankrupt, making it difficult to enforce fines. An analysis of judicial practice shows that judges are not always able to widely impose fines and correctional labor, as many convicted offenders are unemployed and lack a source of income to pay fines.

Key word: Fine, criminal punishment, prospects for improvement, community service, correctional labor, positive aspects, negative aspects, court, primary punishment, additional punishment.

Дар замони муосир, бинобар сабаби афзоиши намудҳои гуногуни ҷиноятҳои иқтисодӣ ҷарима ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ дар таҷрибаи судӣ бештар мавриди татбиқ қарор дода мешавад. Ҷарима ҳамчун як намуди ҷазои ҷиноятӣ рӯз аз рӯз аҳаммияти бештар пайдо намуда истодааст. Дурнамои минбаъдаи инкишоф ва татбиқи ҷарима дар якҷоягӣ бо тамоюли гуманизатсияи низоми ҷазои ҷиноятӣ хеле хушбин ба назар мерасад. Истифодаи густурдаи чунин чораҳои муҷозоти алтернативӣ ба ҳалли мушкилоти аз ҳад зиёд дар муассисаҳои ислоҳӣ, инчунин мушкилоти мутобиқсозии иҷтимоии шахсоне, ки ҷазои ҷиноятиро дар шакли маҳрумият аз озодӣ адо кардаанд, мусоидат мекунад. Ҳамин тавр, зарурати

минбаъд инкишофу такмил додан ва васеъ намудани татбиқи чунин намуди ҷазои ҷиноятӣ, ба монанди ҷарима пеш омада, мубрамияти таҳқиқоти мазкурро дучанд меафзояд.

Бояд тазаккур дод, самараи татбиқи ҷарима ҳамчун ҷазо ҷиноятӣ аз судҳо вобастагӣ дорад. Суд бояд ҳангоми бандубасти ҷиноят, агар ҷарима дар санксияи моддаи Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ нишон дода шуда бошад, ҳангоми интихоби намуди ҷазо имконияти таъини онро мавриди муҳокима қарор диҳад. Андозаи муқарраршуда ва умуман ҷарима ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ метавонад ба ҷиноятқор таъсири равонӣ расонад ва аз содир намудани ҷиноятҳои иқтисодӣ боз дорад. Айни замон ҷарима ба таври васеъ истифода шуда, яке аз чораҳои муносиб ва муассири таъсиррасонӣ ба шахсоне мебошад, ки ҷиноятҳои сабук ё миёна ва ба истилоҳ «ҷиноятҳои иқтисодӣ» содир кардаанд. Тавре дар адабиёт қайд мегардад: дар кишварҳои хориҷӣ ҷарима маъмултарин намуди ҷазо буда, аксар вақт метавонад на танҳо барои содир кардани ҷиноятҳои хурд, балки барои содир кардани кирдорҳои хеле вазнин низ таъин карда шавад. Таваҷҷуҳи хоса ба истилоҳ «шаклҳои алтернативии ҷазо» дар қонунҳои хориҷӣ дар солҳои охир афзоиш ёфтааст. Ин ҳолат бо паҳн шудани таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба қонунгузории миллии як қатор давлатҳо шарҳ дода мешавад[107].

Ҷарима метавонад дар як вақт якчанд вазифаҳоро иҷро кунад, ки ба воситаи инҳо ҳамчун маҳаки муҳими адолати судии ҷиноятӣ қарор мегирад. Якум, он воситаи маблағгузории давлат буда, аз ҳисоби шахсоне, ки кирдорҳои ҷиноятӣ содир кардаанд, пурра карда шудани буҷетро таъмин менамояд. Дуюм, он ҳамчун омили бозторанда амал карда, ба коҳиш додани ҷиноят мусоидат мекунад, зеро ҷиноятқорони эҳтимолӣ аз оқибатҳои молиявии амали худ огоҳ мешаванд. Масалан, дар муқоиса бо маҳрумият аз озодӣ, ҷарима барои шахс камтар зараровар аст, зеро имкони мутобиқшавии иҷтимоӣ ва иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ нигоҳ дошта мешавад. Ин ба ҷиноятқор имкон медиҳад, ки бидуни қатъи иртибот бо оила ва атрофиёни наздикаш худро вазъияти худро барқарор кунад. Илова бар ин, дар адабиёти ҳуқуқӣ зикр шудааст: ҷарима имкон медиҳад, ки бо дарназардошти вазъи молиявии гунаҳкор муносибати чандиртар ба ҷазо дода шавад, ки ин онро одилона ва фардӣ мекунад[108].

Дар шароити муосири иқтисодӣ ва сиёсӣ ҷарима ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ ба ҳадафҳои «барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, ислоҳи шахси маҳкумшуда ва пешгирии содир намудани ҷиноятҳои нав» пурра мувофиқат мекунад. Дар ин хусус баъзе муҳаққиқон[109] қайд мекунанд, ки

---

[107] Мирзоев С.Т. Штраф как отдельный вид наказания по уголовному законодательству стран СНГ // Вестник Таджикского национального университета / Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. – №2/3. – С. 266-270. – С. 266.

[108] Переслыцких Ю.С. Штраф как уголовное наказание и проблемы эффективности его применения / Ю.С. Переслыцких, Е.А. Монахова // Судебная система России на современном этапе общественного развития: Сборник научных трудов Всероссийской студенческой научной конференции, Ростов-на-Дону, 06 декабря 2024 года. – Ростов-на-Дону: Издательско-полиграфический комплекс Ростовского государственного экономического университета (РИНХ), 2025. – С. 668-672. – С. 671.

[109] Гаджимагомедова С.О. Проблемы развития штрафа как уголовного наказания в Российском уголовном праве // Юридический вестник ДГУ. – 2014. – № 2. – С. 90-93. – С. 93.

бо интихоби чунин сиёсат, давлат бешубҳа аз ҷиҳати иқтисодӣ бурд хоҳад кард: воридоти маблағ аз пардохти ҷарима афзоиш меёбад ва дар айни замон хароҷоти нигоҳдории шахсони ба маҳрумият аз озодӣ маҳкумшуда кам мешавад, зеро барои бисёре аз гунаҳкорон ҷазо ба ҷазоҳои пулӣ иваз карда мешавад.

Ҷарима ҳамчун чораи ҷазои ҷиноятӣ нисбат ба дигар ҷазоҳо дараҷаи пасти таъқибкунанда дорад: вай озодии ҳаракати маҳкумшуда, ҳуқуқи ӯро барои бо салоҳдиди худ иваз кардани ҷои истиқомат ё ҷои кори ӯро маҳдуд намекунад. Татбиқи ҷарима танҳо боиси вайрон кардани вазъи моддии маҳкумшуда ва мавҷудияти доғи судӣ дар натиҷаи ҷазои ҷиноятие, ки суд барои ҷинояти содиршуда таъин кардааст, мегардад. Аз ин рӯ, ҷарима падидаи ҳуқуқӣ буда, хусусияти дугонаи ҳуқуқӣ дорад. Аз як тараф ҷарима як намуди ҷазои ҷиноятӣ бошад, аз тарафи дигар як намуди ҷазои молу мулкӣ мебошад, ки бо ҳукми суд таъин карда мешавад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ[110] атрофи ҷанбаҳои мусбӣ ва манфи ҷарима ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ изҳори назар шудааст. Ин намуди ҷазои ҷиноятӣ ҳам тарафҳои мусбат ва ҳам манфӣ дорад. Ҷанбаҳои мусбати ҷарима аз инҳо иборатанд: таъсири самарабахши он ба шахсе, ки ҷиноят содир кардааст, бидуни истифодаи чунин чораи шадид, ба монанди маҳрумият аз озодӣ; кам кардани таносуби истифодаи чунин намуди ҷазо, ба монанди маҳрум кардан дар системаи ҷазои ҷиноятӣ; паст кардани сатҳи пурборкунӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ; ба судшаванда додани муҳлати имтиёзнок барои пардохти ҷарима, ки бори гарони иҷрои ҳукмро сабук мекунад. Ҷарима ҳамзамон дорои ҷанбаҳои манфӣ мебошад. Аз ҷумла, бинобар сабаб нохуб будани вазъи иқтисодӣ аксаран ҷарима саривақт пардохт карда намешавад ва ё боиси иваз намудан ба ҷазои дигар мегардад. Сониян, ҷарима зоҳиран “хариди ҷазоро бо маблағ” ифода карда, барои табақаҳои дорои ҷамъият намуди самараноки ҷазо маҳсуб намегардад. Дар ин сурат, шахс алакай қаблан дарк мекунад, ки имконияти пардохти ҷаримаро дорад, бинобар ин содир кардани кирдори ҷиноятӣ барои ӯ он қадар хавфи калон пеш намеоварад.

Дар асоси талаботи қ. 1 м. 49 КҶ ҶТ ҷарима ситонидани маблағе мебошад, ки дар доираи пешбининамудаи ҳамин Кодекс таъин шудааст. Аз меъёри мазкур моҳияти ҷармаро кушодан мумкин аст. Тавре бармеояд, сухан на дар хусуси ҷуброн, ё додани молу мулк, балки ситонидани маблағ меравад, ки пурра моҳияти иқтисодӣ доштани онро ифода мекунад. Муҳаққиқони ватанӣ дар ин хусус иброз доштаанд, ки моҳияти ҷарима дар он зоҳир мегардад, ки он ба манфиатҳои молумулкии шахси ҷиноятсодиркарда таъсир мерасонад[111]. Тавре У.А. Азиззода қайд

[110] Переслыцких Ю.С. Штраф как уголовное наказание и проблемы эффективности его применения / Ю.С. Переслыцких, Е.А. Монахова // Судебная система России на современном этапе общественного развития: Сборник научных трудов Всероссийской студенческой научной конференции, Ростов-на-Дону, 06 декабря 2024 года. – Ростов-на-Дону: Издательско-полиграфический комплекс Ростовского государственного экономического университета (РИНХ), 2025. – С. 668-672. – С. 669.

[111] Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири д.и.ҳ., дотсент Раҳимзода Р.Ҳ. ва д.и.ҳ., профессор Бобоҷонзода И.Ҳ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2019. – 550 с. – С. 394.

мекунанд, аҳаммияти иҷтимоии ҳама гуна ҷазо, аз ҷумла ҷарима бо талаботи он ба амалияи ҷамъиятӣ муайян карда мешавад. Ҷарима ҷазои пулӣ мебошад, ки аз ҷониби суд бо тартиб ва андозаи муқаррарнамудаи қонуни ҷиноятӣ таъин карда мешавад. Асоси мавҷудияти ҷазо дар шакли ҷарима қобилияти ба даст овардани даромад ба давлат мебошад[112]. Ба андешаи С.Т. Мирзоев, бо маҳдуд кардани ҳуқуқи моликият ҷарима ба шахс тавре таъсир мерасонад, ки ӯро ҷиҳати фикр кардан дар бораи оқибатҳои содир намудани ҷиноят, ки ба манфиатҳои молумулкии ӯ чӣ гуна таъсир расонида метавонанд, водор месозад[113]. Маврид ба тазаккур аст, ки хусусияти ҷарима мазмуни онро муайян мекунад, ки он дар маҳрум кардани маҳкумшуда аз неъматҳои моддӣ ифода меёбад. Ба ибораи дигар, миқдори мушаххаси маҳдудиятҳои ҳуқуқи моликияти шахсе, ки ҷиноят содир кардааст, мазмуни чунин ҷазоро ҳамчун ҷарима ташкил медиҳад. Ин чунин маъно дорад, ки таъини ҷарима таъсири иқтисодӣ ба шуури шахс бо мақсади тағйир додани муносибатҳои ихтиёрӣ ва ангезаҳои манфии зиддиҷамъиятии рафтори ӯ мебошад. Ин ҷазо маҳкумшуда ва шахсони дигарро водор мекунад, ки майлу хоҳиши худро, ки ба содир намудани кирдорҳои ғайриқонунӣ нигаронида шудаанд, пахш кунанд, ба муқобили аксуламали манфии дохилӣ ба зуҳуроти воқеияти атроф мубориза баранд.

Бо назардошти ҷанбаҳои мусбии ҷарима, аксаран онро ҳамчун “ҷазои сабуктарин” ном мебаранд. Биёед дида бароем, ки чаро ҷарима сабуктарин ҷазоҳои ҷиноятӣ дониста шудааст. Пеш аз ҳама, ҷарима ба ҳеҷ ваҷҳ ба ҳуқуқ ва озодиҳои шахсе, ки ба ӯ чунин ҷарима таъин шудааст, таъсир намерасонад. Ҷарима аз рӯи моҳияти худ танҳо дахолат ба соҳаи моликияти шахс мебошад (баръакси кори ҳатмӣ, ки ҳуқуқи интихоби ҷои кор маҳдуд карда мешавад). Ғайр аз он, ҷарима ҳуқуқи шахсро барои ҳаракати озод маҳдуд намекунад (бар хилофи мисол, маҳрум кардани озодӣ). Ҷарима шахсро дар кор ё фаъолияти хидматӣ маҳдуд намекунад (бар хилофи корҳои ислоҳӣ ё маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ).

Тавре А.А. Абдурашидов қайд мекунад, ки дар низоми ҷазоҳо аз рӯйи дараҷаи сабукиашон ҷазои ҷарима дар банди аввал (а) ва ҷазои корҳои ислоҳӣ дар банди панҷум (д) ҷойгир шудааст, ин маънои онро дорад, ки ҷарима нисбати корҳои ислоҳӣ ҷазои нисбатан сабуктар мебошад. Ҳамзамон, дар амалия тамоман баръакс мебошад[114]. Бояд қайд намуд, ки ҳисоботҳо аз рӯйи нишондоди болоии ҷарима ва мӯҳлатҳи болоии корҳои ислоҳӣ, ба мисоли 175000 сомонӣ ё 2 соли корҳои ислоҳӣ гузаронида шуданд. Агар маҳкумшуда ба пардохти фоизи максималии музди якмоҳа маҳкум шавад, яъне ба 30%, дар он сурат ҳангоми маоши миёна ба 500 сомонӣ баробар буданаш ӯ бояд 150 сомонӣ дар як моҳ супорад (аз вай

---

[112] Азиззода У.А., Аҳадзода А. Табиати ҳуқуқии ҷарима аз нигоҳи назарияи умумии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ // Паёми ДОТ дар ноҳияи Рашт. Бахши илмҳои ҳуқуқ, таърих ва иқтисод. – 2025. – № 1 (3). – С. 9.

[113] Мирзоев С.Т. Понятие и сущность штрафа как уголовного наказания // Вестник Таджикского национального университета / Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. – №2/1. – С. 276.

[114] Абдурашидов А.А., Гурезов А.Қ. Ҷарима ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2010. – № 14. – С. 166-170. – С. 167.

бордошта мешавад), барои 2 сол – 3600 сомонӣ. Ин шаҳодати он аст, ки бордоштан аз маош бо ҳукми суд барои корҳои ҳатмӣ 48,6 маротиба камтар хоҳад буд, насбат ба он ҳолате, ки агар вай ба ҷарима маҳкум мешуд[115]. Таҳлили андешаҳои мазкур бозгӯи он аст, ки дар амал ҷазои ҷарима нисбат ба корҳои ҳатмӣ вазнинтар ба назар мерасад. Аммо, ба андешаи мазкур розӣ шудан душвор аст. Чунки танҳо вобаста ба андозаи маблағи пардохтшаванда таносуб асоснок шудааст. Ҳол он ки оқибатҳои сазоии корҳои ҳатмӣ нисбатан зиёдтар мебошанд, новобаста аз ҳаҷми маблағи супоридашаванда. Ҳангоми иҷрои корҳои ҳатмӣ маҳкумшуда интихоб надорад, ки навъи кор ва ё ҷойи мувофиқро нтихоб намояд, вале дар ҳолати пардохти ҷарима муҳлати муайян ва дигар шароитҳои маҳкумшуда ба назар гирифта мешаванд. Умуман, ба назари мо ҷарима ҷазои аз ҳама сабук ва маъмули ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад.

Дар мавриди он ки ҷазои ҷарима, кадом ҳуқуқу озодиҳои мушаххаси инсонро маҳдуд мекунад, байни олимон ихтилофи нисбӣ вуҷуд дорад, зеро ҳама ба хулосаи возеҳе мувофиқанд, ки ҷарима ҳамчун як навъи ҷазо ҳуқуқи моликияти шахси содиркардаи ҷиноятро маҳдуд мекунад. Ягона ихтилоф дар он аст, ки баъзеҳо ҷаримаро ҳамчун маҳдудияти моликият муайян мекунанд, дар ҳоле ки дигарон онро ҳамчун ҷазои пулӣ меҳисобанд. Аз ҷумла, И.В. Смолков менависад, ки моҳияти ҷарима дар инкишофи худ мазмуни онро низ муайян мекунад, ки он дар маҳрум кардани ҷинояткор аз неъматҳои молу мулкии моддӣ ифода меёбад. Ба ибораи дигар, доираи мушаххаси маҳдудиятҳои манфиатҳои молумулкии шахси ҷиноят содиркарда мазмуни чунин мафҳумро ҳамчун ҷарима ба вуҷуд меоварад[116]. Вале мо бо мавқеҳои пешниҳодшуда розӣ шуда наметавонем. Албатта, агар муқаррароти қонунҳои маданиро риоя кунем, пас пул як навъи моликият аст. Аммо дар хотир бояд дошт, ки предмети ҷарима тибқи қонунгузории ҷиноятии ҶТ танҳо пул буда метавонад. Ба фикри мо, истинод ба ситонидани молу мулк хусусияти юридикии ҷаримаро тағйир дода, метавонад боиси нодуруст фаҳмидани моҳияти ҷарима шуда, бо мусодираи амвол омехта шавад. Гузашта аз ин, мақсад аз ситонидани маҷбурӣ ба давлат супурдани молу мулки маҳкумшуда нест, балки гирифтани маблағи мувофиқ ба маблағи ҷаримаи ситонидашуда мебошад. Аз ин рӯ, агар маблағ нокифоя бошад, он гоҳ ин маблағ ба молу мулки дигар, ки баъдан фурӯхта мешавад, равона карда шуда, маблағи зарурӣ ба буҷет гузаронда мешавад.

Бояд фаҳмид, ки маблағҳои ҷамъшуда на ба фоидаи зарардидагон ё ҷуброни зарари расонидашуда, балки ба фоидаи давлат пардохта мешаванд. Мазмуни асосии ҷарима ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ аз ҳамин муқаррарот бармеояд. Мақсади намуди ҷазои ҷиноятии мавриди назар пур кардани буҷети давлатӣ набуда, балки пешгирии он аст, ки шахс дар оянда аз содир намудани кирдорҳои нави ғайриқонунӣ тавассути ҳавасманд

---

[115] Абдурашидов А.А., Гурезов А.Қ. Ҷарима ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2010. – № 14. – С. 166-170. – С. 167.

[116] Смолькова И.В. Штраф как мера наказания по советскому уголовному праву: Учебное пособие. - Иркутск: Иркутский гос. ун-т, 1979. – С. 6.

кардани онҳо барои нигоҳ доштани некӯаҳволии моддии худ пешгирӣ карда шавад.

Таҳлили андешаҳои боло имкон медиҳад, ки мафҳуми ҷарима ҳамчун як намуди ҷазои ҷиноятӣ тибқи КҶ ҶТ таърифи зерини доктриналӣ дода шавад. Ҷарима чораи маҷбуриест, ки бо ҳукми суд нисбат ба шахсе, ки дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор дониста шудааст, аз номи давлат татбиқ шуда, аз маҳдуд кардани ҳуқуқи моликияти ӯ ба маблағи муайяни маблағи пешбининамудаи КҶ ҶТ иборат аст.

Камбудии асосии ҷарима дар он аст, ки аз сабаби вазъи молиявиашон гуногун будани онро нисбат ба ҳамаи шаҳрвандон татбиқ кардан мумкин нест. Аз ин лиҳоз, шахсоне, ки вобаста ба вазъи молӣ имкони пардохти ҷаримаро надоранд, маҷбур мешаванд, ки дигар навъҳои ҷазоро низ гузаронанд. Дар ҳамин ҳол, ҷиноятқорони сарватманд ҷарима мепардозанд ва набояд битарсанд, ки ба онҳо шакли алтернативии ҷазо татбиқ мешавад. Ин хусусияти манфӣ танҳо ба ҳолатҳое дахл дорад, ки ҷарима ҳамчун ҷазои асосӣ таъин карда мешавад, на ҳамчун ҷазои иловагӣ. Бинобар ин, ҷарима метавонад ҳамчун ҷазои ягона ё якҷоя бо дигар ҷазо таъин карда шавад.

Ба гуфтаи бархе аз олимон, баъзе ҷиноятқорон ба маблағи миллионҳо доллар даромади қонунӣ доранд. Аз ин рӯ, ҳадди аксар ҷарима ба талаботи қонунгузории ҷиноятӣ дар бораи аз ҷониби суд ба таври ҳатмӣ баррасӣ намудани вазъи молу мулкии маҳкумшуда пурра мувофиқат намекунад[117]. Дигар муҳаққиқон қайд мекунанд, ки ба мавқеи баёншуда розӣ шудан мумкин нест. Даромади аксарияти аҳолии мамлакати мо паст буда, барои аксарияти онҳое, ки ба ҷарима маҳкум шудаанд, ҳатто ҳадди ақал ё наздик ба ҳадди ақал ҷарима метавонад хеле назаррас бошад. Дар мавриди ҷинояте, ки аз ҷониби қисми муайяне, ки дороии миллион мебошанд, ҷаримаро ҳамчун як шакли ҷазо истифода кардан бамаврид намебошад[118]. Ба қисми охири андешаи мазкур розӣ шудан мумкин аст. Нисбати шахсоне, ки ба фаъолияти соҳибкории инфиродӣ машғул мебошанд ва ё даромади баланди қонунӣ доранд, ҷаримаро ҳамчун ҷазои асосӣ таъин кардан нодуруст ва бесамар хоҳад буд.

Ба он диққат додан зарур аст, ки дар амалияи тафтишотӣ ва судӣ дар шарҳи мафҳуми «вазъи молиявии маҳкумшуда ва оилаи ӯ» равшании (аниқӣ) лозима вуҷуд надорад. Қонунгузор дар вақти таъини ҷарима ба судҳо ҳуқуқ додааст, ки вазъияти молиявии маҳкумшударо, дар парастории доштани кӯдакони ноболиғ, волидайни пиру барҷомонда ва амсоли инҳоро муайян намоянд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ[119] тавсия карда мешавад, ки дар вақти баҳо додани вазъи молиявии маҳкумшуда масъалаҳои зерин ба назар гирифта шаванд:

---

[117] Наумов А. В. «Камни преткновения» уголовного наказания // Российская юстиция. – 2002. – № 9. – С. 54.

[118] Непомнящая Т.В. Штраф как вид уголовного наказания: проблемы законодательной регламентации и применения на практике // Вестник Омского университета. Серия «Право». – 2013. – № 3 (36). – С. 190.

[119] Антонян Е.А. Наказания, не связанные с лишением свободы: правовая природа, назначение и исполнение. Учебное пособие. Рязань. Академия права и управления Министерства юстиции России. 2005. – С.42.

- маоши маҳкумшуда дар ҳама намудҳои он;

- даромадҳои аз дигар фаъолияте, ки бо қонунгузорӣ манъ нашудаанд, ба даст омада;

- даромад аз замини назди ҳавлигӣ;

- даромад аз қоғазҳои қимматнок;

- фоизҳои аз пасандози бонкӣ ба даст омада;

- мавҷудияти хона ва дигар амволи ғайриманқули шахсӣ дар ҳудуди Тоҷикистон ва дигар мамолики хориҷ;

- дар васояти маҳкумшуда будани парастон (мисол, кӯдакони ноболиғ ва маъюби дар парастории ӯ қарордошта).

Мавриди ба зикр аст, ки самаранокии татбиқи ҷарима асосан аз вазъи моддии маҳкумшуда вобастагӣ дорад. Аксари маҳкумшудагоне, ки ҷиноятҳои иқтисодӣ содир мекунанд ё дар ҳолати бекорӣ қарор доранд ва ё дар ҳолати муфлисшавӣ, ки дар натиҷа татбиқи ҷаримаро душвор мегардонад. Таҳлили амалияи судӣ шаҳодат медиҳад, ки судяҳо на ҳама вақт метавонанд ҷазоро дар намуди ҷарима ва корҳои ислоҳӣ ба таври васеъ татбиқ намоянд, чунки бисёре аз ҳуқуқвайронкунандагон кор намекунанд ва барои пардохти ҷарима манбаи даромад надоранд.

З.А. Камолов дар ин хусус қайд намудааст, ки ин намуди ҷазо нисбат ба одамони сатҳи зиндагиашон баланд таъсирбахш намебошад. Лекин нисбати табақаҳои камбизоати аҳолӣ татбиқ намудани ин чора дар ҳақиқат татбиқнашаванда мебошад, чунки онҳо ҷаримаро пардохт карда наметавонанд. Барои ҳамин мустаҳкам кардани (мукаммал кардани) чунин намудҳои ҷазо ба монанди корҳои ислоҳӣ ва корҳои ҳатмӣ ояндаи муайян доранд[120]. Андешаи мазкур аҳаммияти ҷазои ҷаримаро то як андоза паст нишон медиҳад. Зеро зоҳиран аз бартарияти ҷазоҳои ҷиноятии корҳои ислоҳӣ ва корҳои ҳатмӣ дар муқоиса бо ҷарима ишора менамояд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ низ иброз гардидааст, ки дар шароити иқтисоди бозаргонӣ ба ин навъи ҷазо умеди калон баста мешуд. Аммо ин ҷазо аксар вақт истифода намешавад. Ин ҳолат метавонад дорои якчанд сабабҳо бошад: вазъияти душвори моддӣ, набудани кор, молу мулки қиматбаҳо ва маблағи маҳкумшудагон. Дар чунин вазъият, татбиқи ҷарима аксар вақт ғайривоқеист, яъне ситонидани он ғайриимкон аст[121]. Бо назардошти чунин сабабҳо З.А. Камолов қайд мекунад, ки дар робита ба ин, истифодаи ҷазо дар шакли ҷарима якбора коҳиш ёфт: агар дар соли 2004 танҳо 16% маҳкумшудагон ба ҷарима маҳкум шуда бошанд, пас дар солҳои 2005-2006 - 11,4% ва дар соли 2007 - 9,3%, дар соли 2008 - ҳамагӣ 8,1%-ро ташкил додааст[122]. А.А. Абдурашидов ба ҳамин масъала чунин назар намудааст: бо вуҷуди ин, ҳатто дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ин намуди ҷазо ба таври васеъ вусъат наёфтааст. Сабаби ин воқеа як қатор омилҳо мебошанд. Якум, ин зиёд шудани шумораи аҳолии бе ҷои кор, ки манбаи доимии

---

[120] Камолов З.А. Исправительные работы – альтернативный вид уголовного наказания / Меры уголовной ответственности, не связанные с изоляцией от общества. Душанбе. 2005.С.89.

[121] Тулиев И.Р. Проблемы системы наказаний и пути их решения по уголовному праву Таджикистана // Бизнес в законе. – 2010. – №4. – С. 69-74. – С. 71.

[122] Камолов З.А. Система наказаний по уголовному законодательству Республики Таджикистан. Дис. …канд. юрид. наук. Иркутск, 2008. – С. 71.

даромад надоранд, дуюм, мавҷуд набудани системаи таъсирбахши назорат аз болои даромади моддии ашхоси дар соҳаи «бизнеси хусусӣ» машғул буда, ки имконияти пурраи татбиқ намудани ин намуди ҷазоро намедиҳад. Мудохилаи омилҳои қайдшуда ба кам таъин шудани ҷазо дар намуди ҷарима овада расонид: ба ҷарима дар соли 2003 - 17,1%, соли 2004 - 16,0%, соли 2005 - 11,4%, соли 2006 - 11,4%, соли 2007 - 10,1%, соли 2008 - 14,9% маҳкумшуда ҳукм карда шудааст[123].

Тавре аз андешаҳои мазкур бармеояд, ҳарчанд муҳаққиқон З.А. Камолов ва А.А. Абдурашидов омори солҳои 2003-2008 оид ба татбиқи ҷарима овардаанд, вале нишондиҳандаҳои муҳаққиқон ба ҳамдигар мувофиқ намебошанд. Мутобиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соли 2005 - 11,4%, 2010 - 12,9%, 2015 - 33,5%, 2016 - 31,98%, 2017 - 31,6%, 2018 - 36% маҳкумшудагон бо ҷарима маҳкум гардидаанд. Дар шароити иқтисоди бозаргонӣ ин навъи ҷазо барои мубориза бо ҷиноятҳои сабук, миёна ва вазнин дар соҳаи иқтисодиёт ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирифтааст[124]. Аз маълумотҳои оморӣ бармеояд, ки татбиқи ҷазои ҷарима рӯз аз рӯз афзоиш ёфта истодааст. Бинобар ин, мо бар он назар ҳастем, ки ҷарима ҳеҷ вақт мубрамияти худро гум намекунад. Бо ин назардошт, ҷарима бояд дар амалияи судӣ, махсусан, дар шароити инкишоф ёфтани муносибатҳои бозорӣ ҷазои маъмултарин бошад, зеро он метавонад дар мубориза бар зидди ҷиноятҳои сабук, миёна ва вазнин дар соҳаи иқтисодиёт нақши муҳим бозад. Ҳамзамон, кишвари мо дар зарфи 34 соли соҳибистиқлолӣ дар самтҳои мухталиф ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст, ки сатҳу сифати зиндагӣ, вазъи иҷтимоии аҳолӣ, ташкили ҷойҳои корӣ ва таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор низ истисно буда наметавонад. Андешаи мазкур гувоҳи он аст, ки имрӯз мушкилот дар татбиқи ҷазои ҷарима нисбат ба солҳои 2010 хеле коҳиш ёфтаанд.

Ҳамин тавр, мақомоти қонунгузор истифодабарии ҷаримаро дар Кодекси ҷиноятии амалкунанда бо тағйиротҳои 3-юми августи соли 2018 васеъ намуда, дар 295 санксияи моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ барои ҷиноятҳои начандон вазнин, дараҷаи миёна ва вазнин пешбинӣ намудааст. 292 маротиби он ба ҳайси ҷазои асосӣ ва 3 маротиба ба ҳайси ҷазои иловагӣ (қ. 2 м. 128, қ. 2 м. 259, қ. 2 м. 263 КҶ ҶТ) пешбинӣ гардидааст[125]. Аз 295 ҳолати пешбинишуда, 189-тои онҳо барои ҷиноятҳои сабук, 87-тоаш барои ҷиноятҳои дараҷаи миёна ва 19-тоаш барои ҷиноятҳои вазнин мебошад[126].

---

[123] Абдурашидов А.А., Гурезов А.Қ. Ҷарима ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2010. – № 14. – С. 166-170. – С. 168.

[124] Рахмаджонзода Р.Р., Абдурашидзода А.А., Музафаров, С.З., Раджабзода Дж.И. Преступность. Наказуемость. Судимость: монография / под ред. к.ю.н. Н.М. Самиева.– Душанбе: «ЭР-граф», 2020. – 280 с. – С. 64.

[125] Абдурашидзода А.А. Мавқеи ҷарима дар қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон // Осори Академиям ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2020. – № 1(45). – С. 21-28. – С. 22.

[126] Рахмаджонзода Р.Р., Абдурашидзода А.А., Музафаров, С.З., Раджабзода Дж.И. Преступность. Наказуемость. Судимость: монография / под ред. к.ю.н. Н.М. Самиева.– Душанбе: «ЭР-граф», 2020. – 280 с. – С. 67.

З.А. Камолов[127], А.В. Куртс[128] чунин мешуморанд, ки ҷарима нисбат ба корҳои ислоҳӣ ҷазои сахттар аст. Барои тасдиқи ҳукми мазкур далелҳои зерин оварда мешаванд, аз ҷумла: зеро корҳоии ислоҳӣ, имкони нигоҳ доштани музди меҳнати маҳкумшуда аз 10 то 30 фоиз пешбинӣ намудааст, ки нисбатан сабукӣ ва инсондӯстии ин намуди ҷазоро ифода мекунад. Дар ҳолатҳое, ки музди меҳнат дар кишвари мо кам устувор аст, нигоҳ доштани на бештар аз бист фоизи музди меҳнат, ба маҳкумшуда кафолат медиҳад, ки дар натиҷаи адои ҷазо дар шакли корҳои ислоҳӣ дар ҳолати вазнин қарор нагирад. Ҳарчанд ки ҷарима бо назардошти вазъи молиявии маҳкумшуда таъин карда мешавад, иҷрои он ба вазъи моддии маҳкумшуда таъсир мерасонад, зеро ҷарима бояд барои маҳкумшуда намоён бошад.

А.А. Абдурашидов дар ин маврид қайд намудааст, ки аз рӯйи дараҷаи сабукӣ дар системаи ҷазо ҷарима ҷойи аввалро ишғол мекунад, яъне аз ҳама ҷазои сабук этироф мешавад, аммо, чи гунае, ки дар боло қайд карда будем, аз 29 санксияҳое, ки ҷазои ҷаримаро пешбинӣ менамояд, барои ҷиноятҳои начандон вазнин 189 маротиба, барои ҷиноятҳои дараҷаи миёна 87 маротиба ва барои ҷиноятҳои вазнин 19 маротиба вомехуранд. Ҷазои корҳои ислоҳӣ бошад, ки дар системаи ҷазо ҷойи 5-умро ишғол мекунад, ҳамагӣ дар 96 санксияҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ вомехурад, аз ҷумла, барои ҷиноятҳои начандон вазнин 88 маротиба, барои ҷиноятҳои дараҷаи миёна 8 маротиба ва барои ҷиноятҳои вазнин бошад, умуман таъйин карда намешавад[129].

Ба андешаи С.Т. Мирзоев, ҷаримаро нисбат ба корҳои ислоҳӣ ҷазои сабуктар ҳисоб кардан мумкин нест. Равшан аст, ки агар ба ин мантиқ пайравӣ кунем, пас ҷазои пешбининамудаи КҶ ҶТ, аз қабили корҳои ҳатмӣ нисбат ба ҷарима сабуктар дониста мешавад, зеро он нисбат ба корҳои ислоҳӣ сабуктар аст[130]. Бо ин андеша муҳаққиқ[131] вазнин будани ҷазои ҷаримаро эътироф намуда, дар низоми ҷазоҳои ҷиноятӣ дар қатори чорум, пас аз ҷазозҳои корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ қарор додани ҷаримаро маъқул донистааст. Аммо, ба андешаи мазкур розӣ шудан душвор аст. Аваалан, ҷарима дар низоми ҷазоҳои ҷиноятии қонунгузории ҷиноятии аксари кишварҳои ҷаҳон дар ҷойи якум қарор гирифтааст. Дуюм, ҷарима дар муҳлати кутоҳ ва сабук бо пардохти маблағи муайян тамоми робитаи маҳкумшударо аз суду ҳукми судӣ раҳо мекунад. Сеюм, ҳангоми таъини ҷарима чун корҳои ҳатмӣ ва корҳои ислоҳӣ масъалаҳои таъин бо ҷойи кор, муайян кардани ҷойи кор ва амсоли инҳо пеш намеоянд. Чорум, ҷарима оқибатҳои сабуки сазоӣ дорад.

---

[127] Камолов З.А. Система наказаний по Уголовному кодексу Республики Таджикистан. дисс. канд. юрид. наук. Иркутск.2009.С.129-130.

[128] Курц А. В. Штраф как вид наказания по законодательству России и зарубежных стран: Дисс. … канд. юрид. наук: 12.00.08. – Йошкар-Ола: Марийский гос. ун-т, 2001. – С. 33-34.

[129] Абдурашидзода А.А. Мавқеи ҷарима дар қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон // Осори Академиям ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2020. – № 1(45). – С. 21-28. – С. 23.

[130] Мирзоев С.Т. Место штрафа в системе наказаний Уголовного кодекса Республики Таджикистан // Вестник Таджикского национального университета / Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. – №2/10 (219). – С. 310-314. – С. 311.

[131] Мирзоев С.Т. Место штрафа в системе наказаний Уголовного кодекса Республики Таджикистан // Вестник Таджикского национального университета / Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. – №2/10 (219). – С. 310-314. – С. 312.

Зеро ҳангоми адои корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда муддати вақти таъингардида дар назари мардум ҳамчун ҷиноятқор боқӣ монда, ба ӯ оқибатҳои сазоӣ мерасонад, вале ҳангоми адои ҷарима ӯ метавонад дар як рӯз ба ин масъала нуқта монда, минбаъд ҳамчун як шахси муқаррарӣ фаъолият намояд. Бо ин назардошт, ҷарима ҳамчун ҷазои сабук дар ҷойи аввал боқӣ мемонад.

Ба андешаи А.А. Абдурашидов, қонунгузор барои категорияҳои гуногуни ҷиноят андозаи мувофиқи он ҷаримаро муқаррар мекард, ки мутаносибан ба ҳар як категорияи ҷиноят татбиқ карда шаванд, масалан, барои ҷиноятҳои дараҷаи начандон вазнин ҷарима набояд аз ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо, барои ҷиноятҳои дараҷаи миёна, ҷарима набояд аз се ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва барои ҷиноятҳои вазнин, набояд аз ҳадди ниҳоӣ зиёд бошад, то ки принсипи адолат ва инсондӯстӣ амалӣ карда шавад ва сатҳи беасоси баланди таъйини ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ кам карда шавад[132]. Ба андешаи мазкур розӣ шудан мумкин аст. Зеро на дар сатҳи доктриналӣ ва на дар сатҳи қонунгузорӣ меъёрҳои муайяни тафриқавии таъини ҷарима барои категорияҳои ҷиноятҳо муайян карда нашудааст. Қонунгузории ҷиноятӣ чунин масъаларо барои таъини ҷазои маҳрум кардан аз озодӣ вобаста ба ҳар як категорияи ҷиноятҳо (начандон вазнин, дараҷаи миёна, вазнин ва махсусан вазнин) муқаррар кардааст. Пас, чунин меъёрро барои таъини ҷарима низ муайян кардан мумкин аст.

Масъалаи дигар оид ба ҷарима, ки таҳлилу баррасии илмиро тақозо менамояд, мушкилотҳо дар самти иҷрои ҷазои ҷарима маҳсуб мегардад. Мутаассифона, дар айни замон механизми иҷрои ҷарима ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст. Ҳангоми иҷрои ин намуди ҷазо, ки ҳамчун ҷазои иловагӣ таъин шудааст, душвориҳои муайян ба миён меоянд. Чунин душвориҳо ҳангоми пешбурди иҷро ба миён меоянд, ки дар он судиҷрочиён ба дараҷаи баланди иҷро нашудани ҷарима дучор мешаванд. Ин ҳолат, дар навбати худ, бесамар будани таъсири ҷазои ҷаримаро нисбати маҳкумшуда муайян мекунад. Ноил шудан ба ҳадафҳои ҷазо, ҳатто вақте ки он ҳамчун ҷазои иловагӣ таъин карда мешавад, дар чунин шароит ғайриимкон аст.

Профессор У.А. Азиззода дуруст қайд менамоянд, ки проблемаи муҳим ин татбиқи ҷазои ҷиноятӣ мебошад. Ҳангоми қабули КҶ ҶТ зикр гардид, ки ҷарима алтернативаи ҷазо дар намуди маҳрумият аз озодӣ, асосан барои содир намудани ҷиноятҳои сабук ва миёна мебошад. Аммо, мутаассифона, ҷаримаи ҳадди ақали дар Кодекси ҷиноятӣ муқарраршуда – сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ки аз даромади миёнаи аҳолӣ беш аз даҳ баробар зиёд аст, садди роҳи самаранокии татбиқи он гардид. Воқеан, татбиқи ин намуди ҷазо нисбат ба аксарияти мутлақи сокинони ҷумҳурӣ ғайривоқеист ва аз қонунгузор талаб мекунад, ки барои баланд

[132] Абдурашидзода А.А. Мавқеи ҷарима дар қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон // Осори Академиям ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2020. – № 1(45). – С. 27.

бардоштани самаранокии ҷазоҳои муқарраршуда ҳадди ақали ҷаримаро кам кунад[133].

Ҷарима бо тартиби муайяннамуда ва муҳлати муайянкардаи қонун пардохта мешавад. Тартиби иҷрои ҷазо дар намуди ҷарима дар м.м. 30-32 КИҶҶ ҶТ муайян карда шудааст. Ҷавобгар бояд ҷаримаро дар мӯҳлати муқарраршуда ихтиёран пардозад. Иҷрои ихтиёрӣ аз ҷониби маҳкумшуда мустақилона иҷрои талаботи ҳукми судӣ дар мӯҳлати муқаррарнамудаи қонун мебошад[134]. Аммо бо назардошти андозаи ҷаримаҳое, ки суд муқаррар кардааст, мардум он қадар ихтиёран ҷарима намесупоранд. То як андоза ин ба он вобаста аст, ки 60 рӯз барои пардохти ҷарима мӯҳлати кофӣ нест, зеро дар ин муддат ситонидани маблағи муайянкардаи суд барои маҳкумшуда метавонад мушкил бошад. Бо зиёд кардани ин мӯҳлат, масалан, то 90 рӯз, имкони иҷрои қарори додгоҳ хеле афзоиш меёбад. Бо вуҷуди ин, барои баланд бардоштани самаранокӣ ва имконпазирии он пешниҳод карда мешавад, ки дар қ. 2 м. 30 КИҶҶ ҶТ муҳлати пардохти ҷарима аз 60 то 90 рӯз дароз карда шавад.

Дар сурати аз ҷониби маҳкумшуда сари вақт напардохтани ҷарима, иҷрои ин ҷазо ба тарзи маҷбурӣ, аз ҷумла бо роҳи ситонидани молу мулки маҳкумшуда (мисол, коғазҳои қимматнок, дигар арзишҳо, ки дар ҳисобномаҳо, амонат ё барои нигоҳдошт дар бонкҳо гузоштааст) тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавии граждании ҶТ ба амал бароварда мешавад[135]. Агар маҳкумшуда ҷаримаро дар муҳлати 30 рӯз насупорида бошад ва даромаду молу мулки худро аз ситонидани маҷбурӣ пинҳон карда бошад, ин ҳолати саркашии ашаддӣ эътироф мегардад. Дар ҳолати ашаддӣ саркашӣ намудан аз пардохти ҷарима суд онро ба ҷазоҳои корҳои ислоҳӣ ё маҳдуд кардани озодӣ мутобиқан ба андозаи ҷаримаи таъингардида, дар доираи ин намудҳои ҷазо, ки бо КҶ пешбинӣ шудааст, иваз менамояд.

Аксар вақт ҳолатҳое ба миён меоянд, ки маҳкумшудагон аз пардохти ҷарима саркашӣ мекунанд. Чунин таъхир дар иҷрои ҷазои таъиншуда ба самаранокии он таъсири манфӣ расонида, дар шахсоне, ки кирдорҳои ҷиноятӣ содир кардаанд, тасаввури имкони гурехтани ҷазоро ба вуҷуд меорад. Агар ҷарима аз ҷониби шахс ихтиёран напардохта шавад, он гоҳ ҷазо ба таври худкор бо дигараш иваз карда мешавад. Ин тартиб дар ҳолатҳое татбиқ мешавад, ки ҷарима намуди асосии ҷазо мебошад. Пас аз он раванди иҷрои ҷарима бо ворид нашудани маблағе, ки аз ҷониби суд муқаррар шудааст, ба буҷети давлат ворид намешавад. Аммо барои вазъияте, ки ҷазои иловагӣ дар шакли ҷарима муқаррар карда мешавад, қоидаҳои гуногун муқаррар карда мешаванд. Дар ин маврид ҷаримаро бо навъи дигари ҷазо иваз кардан мумкин нест; он бояд фавран аз ҷониби

---

[133] Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. ...д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2015. – – С. 360.

[134] Зайнулабидова, С. Т. Штраф как уголовное наказание и проблемы его применения: дис. … канд. юрид. наук / С. Т. Зайнулабидова. Махачкала, 2006. – С. 130.

[135] Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири д.и.ҳ., дотсент Раҳимзода Р.Ҳ. ва д.и.ҳ., профессор Бобоҷонзода И.Ҳ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2019. – С. 395.

судиҷрочӣ ба таври ҳатмӣ ситонида шавад. Бинобар ин, ба назари қонунгузор, барои пур кардани буҷети давлатӣ бояд ба ситонидани ҷаримае, ки ҳамчун ҷазои иловагӣ таъин шудааст, таваҷҷӯҳи бештар зоҳир карда шавад.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлилу баррасии масъалаи ҳолати кунунии ҷарима ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ ва масъалаҳои дурнамои такмили он дар ҶТ ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Ҷарима ҳамчун як намуди ҷазои ҷиноятӣ рӯз аз рӯз аҳаммияти бештар пайдо намуда истодааст. Дурнамои минбаъдаи инкишоф ва татбиқи ҷарима дар якҷоягӣ бо тамоюли гуманизатсияи низоми ҷазои ҷиноятӣ хеле хушбин ба назар мерасад. Истифодаи густурдаи чунин чораҳои муҷозоти алтернативӣ ба ҳалли мушкилоти аз ҳад зиёд дар муассисаҳои ислоҳӣ, инчунин мушкилоти мутобиқсозии иҷтимоии шахсоне, ки ҷазои ҷиноятиро дар шакли маҳрумият аз озодӣ адо кардаанд, мусоидат мекунад. Ҳамин тавр, зарурати минбаъд инкишофу такмил додан ва васеъ намудани татбиқи чунин намуди ҷазои ҷиноятӣ, ба монанди ҷарима пеш омада, мубрамияти таҳқиқоти мазкурро дучанд меафзояд.

2. Ҷарима ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ дорои ҷанбаҳои мусбӣ ва манфи мебошад. Ҷанбаҳои мусбати ҷарима аз инҳо иборатанд: таъсири самарабахши он ба шахсе, ки ҷиноят содир кардааст, бидуни истифодаи чунин чораи шадид, ба монанди маҳрумият аз озодӣ; кам кардани таносуби истифодаи чунин намуди ҷазо, ба монанди маҳрум кардан дар системаи ҷазои ҷиноятӣ; паст кардани сатҳи пурборкунӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ; ба судшаванда додани муҳлати имтиёзнок барои пардохти ҷарима, ки бори гарони иҷрои ҳукмро сабук мекунад. Ҷарима ҳамзамон дорои ҷанбаҳои манфӣ мебошад. Аз ҷумла, бинобар сабаб нохуб будани вазъи иқтисодӣ аксаран ҷарима саривақт пардохт карда намешавад ва ё боиси иваз намудан ба ҷазои дигар мегардад. Сониян, ҷарима зоҳиран “хариди ҷазоро бо маблағ” ифода карда, барои табақаҳои дорои ҷамъият намуди самараноки ҷазо маҳсуб намегардад. Дар ин сурат, шахс алакай қаблан дарк мекунад, ки имконияти пардохти ҷаримаро дорад, бинобар ин содир кардани кирдори ҷиноятӣ барои ӯ он қадар хавфи калон пеш намеоварад.

3. Таҳлили андешаҳои мазкур бозгӯи он аст, ки дар амал ҷазои ҷарима нисбат ба корҳои ҳатмӣ вазнинтар ба назар мерасад. Аммо, ба андешаи мазкур розӣ шудан душвор аст. Чунки танҳо вобаста ба андозаи маблағи пардохтшаванда таносуб асоснок шудааст. Ҳол он ки оқибатҳои сазоии корҳои ҳатмӣ нисбатан зиёдтар мебошанд, новобаста аз ҳаҷми маблағи супоридашаванда. Ҳангоми иҷрои корҳои ҳатмӣ маҳкумшуда интихоб надорад, ки навъи кор ва ё ҷойи мувофиқро нтихоб намояд, вале дар ҳолати пардохти ҷарима муҳлати муайян ва дигар шароитҳои маҳкумшуда ба назар гирифта мешаванд. Умуман, ба назари мо ҷарима ҷазои аз ҳама сабук ва маъмули ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад.

4. Муҳаққиқони ватанӣ вазнин будани ҷазои ҷаримаро эътироф намуда, дар низоми ҷазоҳои ҷиноятӣ дар қатори чорум, пас аз ҷазозҳои корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ қарор додани ҷаримаро маъқул донистаанд. Аммо, ба андешаи мазкур розӣ

шудан душвор аст. Аваалан, ҷарима дар низоми ҷазоҳои ҷиноятии қонунгузории ҷиноятии аксари кишварҳои ҷаҳон дар ҷойи якум қарор гирифтааст. Дуюм, ҷарима дар муҳлати кутоҳ ва сабук бо пардохти маблағи муайян тамоми робитаи маҳкумшударо аз суду ҳукми судӣ раҳо мекунад. Сеюм, ҳангоми таъни ҷарима чун корҳои ҳатмӣ ва корҳои ислоҳӣ масъалаҳои таъин бо ҷойи кор, муайян кардани ҷойи кор ва амсоли инҳо пеш намеоянд. Чорум, ҷарима оқибатҳои сабуки сазои дорад. Зеро ҳангоми адои корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда муддати вақти таъингардида дар назари мардум ҳамчун ҷиноятқор боқӣ монда, ба ӯ оқибатҳои сазоӣ мерасонад, вале ҳангоми адои ҷарима ӯ метавонад дар як рӯз ба ин масъала нуқта монда, минбаъд ҳамчун як шахси муқаррарӣ фаъолият намояд. Бо ин назардошт, ҷарима ҳамчун ҷазои сабук дар ҷойи аввал боқӣ мемонад.

5. Таҳлили андешаҳои боло имкон медиҳад, ки мафҳуми ҷарима ҳамчун як намуди ҷазои ҷиноятӣ тибқи КҶ ҶТ таърифи зерини доктриналӣ дода шавад. Ҷарима чораи маҷбуриест, ки бо ҳукми суд нисбат ба шахсе, ки дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор дониста шудааст, аз номи давлат татбиқ шуда, аз маҳдуд кардани ҳуқуқи моликияти ӯ ба маблағи муайяни маблағи пешбининамудаи КҶ ҶТ иборат аст.

6. Маврид ба зикр аст, ки самаранокии татбиқи ҷарима асосан аз вазъи моддии маҳкумшуда вобастагӣ дорад. Аксари маҳкумшудагоне, ки ҷиноятҳои иқтисодӣ содир мекунанд ё дар ҳолати бекорӣ қарор доранд ва ё дар ҳолати муфлисшавӣ, ки дар натиҷа татбиқи ҷаримаро душвор мегардонад. Таҳлили амалияи судӣ шаҳодат медиҳад, ки судяҳо на ҳама вақт метавонанд ҷазоро дар намуди ҷарима ва корҳои ислоҳӣ ба таври васеъ татбиқ намоянд, чунки бисёре аз ҳуқуқвайронкунандагон кор намекунанд ва барои пардохти ҷарима манбаи даромад надоранд.

7. Аз маълумотҳои оморӣ бармеояд, ки татбиқи ҷазои ҷарима рӯз аз рӯз афзоиш ёфта истодааст. Бинобар ин, мо бар он назар ҳастем, ки ҷарима ҳеҷ вақт мубрамияти худро гум намекунад. Бо ин назардошт, ҷарима бояд дар амалияи судӣ, махсусан, дар шароити инкишоф ёфтани муносибатҳои бозорӣ ҷазои маъмултарин бошад, зеро он метавонад дар мубориза бар зидди ҷиноятҳои сабук, миёна ва вазнин дар соҳаи иқтисодиёт нақши муҳим бозад. Ҳамзамон кишвари мо дар зарфи 34 соли соҳибистиқлолӣ дар самтҳои мухталиф ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст, ки сатҳу сифати зиндагӣ, вазъи иҷтимоии аҳолӣ, ташкили ҷойҳои корӣ ва таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор низ истисно буда наметавонад. Андешаи мазкур гувоҳи он аст, ки имрӯз мушкилот дар татбиқи ҷазои ҷарима нисбат ба солҳои 2010 хеле коҳиш ёфтаанд.

Адабиёт:

1. Абдурашидзода А.А. Мавқеи ҷарима дар қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон // Осори Академиям ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2020. – № 1(45). – С. 21-28.

2. Абдурашидов А.А., Гурезов А.Қ. Ҷарима ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2010. – № 14. – С. 166-170.

3. Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. ...д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2015. – 413 с.

4. Азиззода У.А., Аҳадзода А. Табиати ҳуқуқии ҷарима аз нигоҳи назарияи умумии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ // Паёми ДОТ дар ноҳияи Рашт. Бахши илмҳои ҳуқуқ, таърих ва иқтисод. – 2025. – № 1 (3). – С. 6-12.

5. Антонян Е.А. Наказания, не связанные с лишением свободы: правовая природа, назначение и исполнение. Учебное пособие. – Рязань, 2005.

6. Гаджимагомедова С.О. Проблемы развития штрафа как уголовного наказания в Российском уголовном праве // Юридический вестник ДГУ. – 2014. – № 2. – С. 90-93.

7. Зайнулабидова, С. Т. Штраф как уголовное наказание и проблемы его применения: дис. … канд. юрид. наук / С.Т. Зайнулабидова. – Махачкала, 2006. – 187 с.

8. Камолов З.А. Система наказаний по Уголовному кодексу Республики Таджикистан: дисс. ... канд. юрид. наук. – Иркутск, 2009. – С.129-130.

9. Камолов З.А. Исправительные работы – альтернативный вид уголовного наказания / Меры уголовной ответственности, не связанные с изоляцией от общества. – Душанбе, 2005. – С. 89.

10. Курц А.В. Штраф как вид наказания по законодательству России и зарубежных стран: дисс. … канд. юрид. наук: 12.00.08. – Йошкар-Ола: Марийский гос. ун-т, 2001. – С. 33-34.

11. Мирзоев С.Т. Место штрафа в системе наказаний Уголовного кодекса Республики Таджикистан // Вестник Таджикского национального университета / Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. – №2/10 (219). – С. 310-314.

12. Мирзоев С.Т. Понятие и сущность штрафа как уголовного наказания // Вестник Таджикского национального университета / Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. – №2/1. – С. 275-278.

13. Мирзоев С.Т. Штраф как отдельный вид наказания по уголовному законодательству стран СНГ // Вестник Таджикского национального университета / Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. – №2/3. – С. 266-270.

14. Наумов А.В. «Камни преткновения» уголовного наказания // Российская юстиция. – 2002. – № 9. – С. 54.

15. Непомнящая Т.В. Штраф как вид уголовного наказания: проблемы законодательной регламентации и применения на практике // Вестник Омского университета. Серия «Право». – 2013. – № 3 (36). – С. 190-195.

16. Переслыцких Ю.С. Штраф как уголовное наказание и проблемы эффективности его применения / Ю.С. Переслыцких, Е.А. Монахова // Судебная система России на современном этапе общественного развития:

Сборник научных трудов Всероссийской студенческой научной конференции, Ростов-на-Дону, 06 декабря 2024 года. – Ростов-на-Дону: Издательско-полиграфический комплекс Ростовского государственного экономического университета (РИНХ), 2025. – С. 668-672.

17. Рахмаджонзода Р.Р., Абдурашидзода А.А., Музафаров, С.З., Раджабзода Дж.И. Преступность. Наказуемость. Судимость: монография / под ред. к.ю.н. Н.М. Самиева. – Душанбе: «ЭР-граф», 2020. – 280 с.

18. Смолькова И.В. Штраф как мера наказания по советскому уголовному праву: Учебное пособие. – Иркутск: Иркутский гос. ун-т, 1979. – С. 6.

19. Тулиев И.Р. Проблемы системы наказаний и пути их решения по уголовному праву Таджикистана // Бизнес в законе. – 2010. – №4. – С. 69-74.

20. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири д.и.ҳ., дотсент Раҳимзода Р.Ҳ. ва д.и.ҳ., профессор Бобоҷонзода И.Ҳ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2019. – 550 с.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 20.11.2025
Аз тақриз баргашт: 25.11.2025
Ба чоп тавсия шуд: 22.12.2025

НИГОҲИ ҲУҚУҚӢ БА МАФҲУМИ «ИСТЕЪМОЛКУНАНДА»

Иброҳимзода Шамсуддин Ҳисайн,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ.
Тел: (+992) 988-12-99-97
Email: ibrohimzoda.sh@mail.ru

Фишурда: Мақолаи мазкур ба пажӯҳиши мафҳуми яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон – ҳуқуқи истеъмолкунандагон равона гардидааст. Дар он муаллиф кӯшиш ба харҷ медиҳад дар такя ба илмҳои гуногуни ватанию хориҷӣ вазъи ҳуқуқии истеъмолкунандаро муайян намояд. Зимни омӯзиши мафҳум як қатор масъалаҳои назарию амалие (ба монанди ба доираи омӯзиши кадом илм дохил гардидани мафҳуми истеъмолкунанда, зери мафҳуми истеъмолкунанда киҳо дар назар дошта мешаванд – танҳо шахси воқеӣ ё шахси воқеию ҳуқуқӣ ва ғ.) ба миён меоянд, ки аз муаллиф масъулияти таҳқиқи онҳо талаб карда мешавад. Зимни пажӯҳиши масъалаи мавриди назар бо дарназардошти таҷрибаи давлатҳои гуногун чунин хулосабарорӣ гардидааст, ки истеъмолкунанда ин – шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар назар дошта мешавад, агар молу мулкро барои истифодаи худ харидорӣ намояд.

Калидвожаҳо: истеъмолкунанда, ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи истеъмолкунанда, молу мулк, шахси воқеӣ, шахси ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқ, ҳуқуқҳои иқтисодӣ, назарияи ҳуқуқ.

ПРАВОВОЙ ВЗГЛЯД НА ПОНЯТИЕ «ПОТРЕБИТЕЛЬ»

Иброхимзода Шамсуддин Хисайн,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, ассистент кафедры прав человека и сравнительного правоведения.
Тел: (+992) 988-12-99-97
Email: ibrohimzoda.sh@mail.ru

Аннотация: Данная статья посвящена изучению концепции одного из основных прав человека – прав потребителя. В ней автор, опираясь на различные отечественные и зарубежные науки, предпринимает попытку определить правовой статус потребителя. В ходе изучения концепции возникает ряд теоретических и практических вопросов (таких как сфера исследования, к какой науке относится концепция потребителя, кто подразумевается под концепцией потребителя – только физическое лицо или физическое и юридическое лицо и т. д.), которые автору необходимо исследовать. В ходе изучения рассматриваемого вопроса, с учетом опыта

различных государств, был сделан вывод, что потребителем считается физическое и юридическое лицо, если он приобретает имущество для собственного пользования.

Ключевые слова: потребитель, права человека, права потребителей, имущество, физическое лицо, юридическое лицо, защита прав, экономические права, теория права.

A LEGAL PERSPECTIVE ON THE CONCEPT OF THE «CONSUMER»

Ibrohimzoda Shamsuddin Hisayn, Tajik national university, faculty of law, assistant at the department of human rights and comparative law.
Tel: (+992) 988-12-99-97
Email: ibrohimzoda.sh@mail.ru

Annotation: This article is aimed at studying the concept of one of the basic human rights – consumer rights. In it, the author makes an effort to determine the legal status of the consumer, relying on various domestic and foreign sciences. During the study of the concept, a number of theoretical and practical issues arise (such as the scope of study of which science the concept of consumer falls into, who is meant by the concept of consumer – only a natural person or a natural and legal person, etc.), which the author is required to investigate. During the study of the issue in question, taking into account the experience of various states, it was concluded that a consumer is considered to be a natural and legal person if he purchases property for his own use.

Keywords: consumer, human rights, consumer rights, property, individual, legal entity, protection of rights, economic rights, legal theory.

Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҳамаи давру замон тавассути роҳу воситаҳои гуногун мавриди ҳифз ва ҳимоя қарор дода мешаванд. Зеро, онҳо барои инсон – ҳамчун мавҷуди дорои арзиши олӣ дар байни дигар мавҷудоти биологӣ зарур мебошанд. Ин аст ки меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикосгари тамоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар мамлакат буда, ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар меҳвари таваҷҷӯҳи хеш қарор дода, риоя ва ҳифз гардидани онҳоро тавассути роҳу воситаҳои гуногун ба амал мебарорад.

Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд[136].

Яке аз ҳуқуқҳои асосие, ки барои зиндагии шоиста ва амалӣ гардидани дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд зарур мебошад, ин ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ба шумор меравад.

Гарчанде, ҳуқуқи истеъмолкунандагон давраҳои пурпечутоби таърихиро аз сар гузаронида, марҳилаҳои гуногуни инкишофро тай намудааст, вале ба маънои имрузааш дар илмҳои гуногун махсусан илмҳои

[136] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 (бо охирин тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003, 22 майи соли 2016). – Душанбе: Ирфон, 2016. – 64 с.

ҳуқуқшиносӣ падидаи нав ба шумор меравад. Имрӯз ҳуқуқи истеъмолкунандагон тавассути қонунгузории дохилидавлатӣ ва санадҳои байналмилалӣ мавриди танзим қарор гирифтааст. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади олии меъёрии ҳуқуқӣ масъалаи ҳуқуқи истеъмолкунандагонро бевосита ва дақиқан муайян накардааст, вале баъзе меъёрҳои он ба амалишавии ин ҳуқуқи инсон ишора менамояд ба монанди: давлат ҳифзи судӣ ва ҷуброни зарарро барои ҷабрдида кафолат медиҳад (моддаи 21); ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад ҳуқуқи шахсро ба моликият бекор ва маҳдуд кунад. Молу мулки шахсро барои эҳтиёҷоти ҷамъият фақат дар асоси қонун ва розигии соҳиби он бо пардохти арзиши пурраш давлат гирифта метавонад (моддаи 32); шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун аз ёрии тиббии ройгон дар муассисаҳои нигаҳдории тандурустии давлатӣ истифода менамояд (моддаи 38) ва ғайра.

Муайян намудани мафҳум яке аз вазифаҳои асосии илм махсусан илмҳои назариявӣ ба шумор меравад. Илми назарияи давлат ва ҳуқуқ дар пояи мафҳумҳо побарҷо мебошад. Аз ин рӯ мафҳумҳое ки аз ҷониби илм дода мешаванд бояд моҳиятан соҳаи муайянро пурра ва ҳамаҷониба ифода намоянд. Барои он ки масъалаи мавриди назар пурра ва ҳамаҷониба мавриди пажӯҳиш қарор дода шавад моро мебояд пеш аз ҳама мафҳумҳои «истеъмолкунанда» ва «ҳуқуқи истеъмолкунандагон»– ро ба риштаи таҳлил кашем, зеро барои муайян намудани мафҳуми ҳуқуқи истеъмолкунандагон моро зарур аст то донем, ки истеъмолкунанда кист ва аз дигар гурӯҳи субъектон чи тафовут дорад.

Мафҳуми «истеъмолкунанда», тавре аз адабиёти илмӣ бармеояд бештар дар худ хусусиятҳои иқтисодиро касб намудааст. Ин мафҳум дар аввали пайдоиши худ аз муқаррароти назарияи иқтисодӣ сарчашма гирифта, баъдан дар натиҷаи инкишоф ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ, ҳамчунин ба миён омадани зарурати танзими ҳуқуқӣ ба мавзуи омӯзиши як қатор илмҳои ҳуқуқшиносӣ (ҳуқуқи инсон, назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ғ.) ворид гардид. Зимни омӯзиши мафҳум як қатор масъалаҳои назарию амалие (ба монанди ба доираи омӯзиши кадом илм дохил гардидани мафҳуми истеъмолкунанда, зери мафҳуми истеъмолкунанда киҳо дар назар дошта мешаванд – танҳо шахси воқеӣ ё шахси воқеию ҳуқуқӣ ва ғ.) ба миён меоянд, ки аз муаллиф масъулияти таҳқиқи онҳо талаб карда мешавад. Агар ба ақидаи олимони соҳа назар афканем, маълум мегардад, ки вобаста ба масъалаи мазкур мавқеи онҳо гуногун мебошад.

Олимони рус Т.А. Сквортсова ва С.С. Павлов мафҳуми истеъмолкунандаро аз нуқтаи назари иқтисодӣ баҳогузорӣ намуда, қайд менамоянд, ки мафҳуми «истеъмолкунанда» аз назарияи иқтисодӣ сарчашма гирифта, шахсе дар назар дошта мешавад, ки дар ҷараёни истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ дар истеъмоли онҳо иштирок мекунад. Ба ибораи дигар, дар маънои иқтисодӣ истеъмолкунанда бояд ҳамчун шахс ё

ташкилоте фаҳмида шавад, ки маҳсулоти аз ҷониби касе истеҳсолшуда ё натиҷаи фаъолияти касеро истифода менамояд[137].

Ин мавқеи олимони назариячӣ муддати зиёд боқӣ монда, то асри XX идома меёбад. Шуруъ аз асри XX мафҳуми истеъмолкунанда дар доираи дигар илмҳо махсусан илмҳои ҳуқуқшиносӣ мавриди омӯзиш қарор гирифт. Баробари ба мавзуи омӯзиши илмҳои ҳуқуқшиносӣ ворид гардидани мафҳуми истеъмолкунанда масъалаи муайян намудани субъекти ин муносибатҳо пеш омад.

Агар ба адабиёти ҳуқуқӣ назар афканем ба мо маълум мегардад, ки назари олимон нисбати истеъмолкунанда печида ва гуногун мебошад. Як гурӯҳи мутахассисон (Т.А. Мечетина, Д.В. Мечетин, Г.Г. Назарова) зери мафҳуми истеъмолкунанда танҳо шахсони воқеиро дар назар доранд. Дар ин қисмат ақидаи Т.А. Мечетина ва Д.В. Мечетинро овардан мумкин асти онҳо ҳангоми таҳияи таърифи истеъмолкунанда, мафҳуми қонуниро ҷонибдорӣ намуда, аломатҳои асосии хоси истеъмолкунандаро пешниҳод менамоянд, ба монанди мансубият ба шахсони воқеӣ, инчунин харидан ё ният доштани харидани мол танҳо барои эҳтиёҷоти шахсӣ, ки бо фаъолияти соҳибкорӣ иртибот надоранд[138].

Вобаста ба ин масъала дар мақолаи илмии худ Г.Г. Назарова низ мавқеъи худро ҷиҳати муайян намудани мафҳуми истеъмолкунандагон муайян намудааст. Ба ақидаи муаллиф ба сифати истеъмолкунанда шахси воқеӣ баромад менамояд. Тавре муаллиф иброз медорад, шахси воқеӣ тавассути ният кардан ба харид ё худ харидани мол дар муомилоти маданӣ иштирок мекунад яъне мол бояд аз муомилоти тиҷоратӣ ба доираи истеъмоли шахсӣ бароварда шавад[139]. Т.Ф. Гаджиев ва М.А. Бычко ниятро аксар вақт дар амалҳое, ба монанди сӯҳбат бо фурӯшанда, омӯзиши мол ё ҷустуҷӯи иттилоот дар бораи он вобаста медонанд. Ба ибораи дигар, дар асл, ният тасаввуроти зеҳнии хоҳиши харидор барои харидани моли мушаххас ё хизматрасонӣ мебошад[140].

Ба андешаи гурӯҳи дигари мутахассисони соҳа, инчунин аз рӯи таърифе, ки дар қонунгузории давлатҳои мухталиф пешбинӣ гардидааст, зери мафҳуми истеъмолкунанда ҳам шахсони воқеӣ ва ҳам ҳуқуқӣ дар назар дошта мешаванд аммо на ҳама шахсони ҳуқуқӣ.

Вобаста ба масъалае, ки оё шахси ҳуқуқиро, ки ҳамчун харидор дар шартнома баромад мекунад, метавон истеъмолкунанда номид, имруз дар илм баҳсҳои зиёде вуҷуд доранд. Чунин баҳсҳо метавонанд ҳам дар назарияи ҳуқуқ ва ҳам дар қонунгузории давлатҳои мухталиф ҷой дошта бошад. Масалан Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» дар моддаи 1 мафҳуми истеъмолкунандаро чунин муайян менамояд: «истеъмолкунанда – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки ният

---

[137] Скворцова Т.А., Павлов С.С. Понятие «потребитель» как экономико-правовая категория // Научный взгляд в будущее. 2019. Т. 2. №14. С. 89-92.

[138] Мечетина Т.А., Мечетин Д.В. Статус потребителя в российском гражданском праве и некоторые вопросы компенсации морального вреда // Юридическая наука. 2017. № 2. С. 55-59.

[139] Назарова Г.Г. О правовом понятии «потребитель» // NovaUm.Ru. 2017. №5. С. 138-139.

[140] Гаджиев Т.Ф., Бычко М.А. К вопросу о понятии «потребитель» в российском и европейском законодательстве // Образование и наука в современных условиях. 2015. № 3. С. 339-340

дорад мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ)- ро фармоиш диҳад ё харидорӣ намояд, ё худ онҳоро танҳо барои эҳтиёҷоти шахсӣ, оилавӣ, рӯзгор ва ғайра, ки бо анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намебошанд, истифода намояд»[141]. Дар меъёри мазкур ба сифати истеъмолкунанда ҳам шахси воқеӣ ва ҳам шахси ҳуқуқӣ пешбинӣ гардидааст, аммо маҳаки асосие, ки шахси ҳуқуқиро ҳамчун истеъмолкунанда эътироф менамояд ба нияти субъект равона гардидааст. Ин чунин маъно дорад, ки агар мақсади шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд набошад пас ӯ ҳамчун истеъмолкунанда эътироф карда мешавад.

Дар Қонуни Федератсияи Россия «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» бошад дар тафовут аз қонунгузории ҶТ ва аксар давлатҳои дигар чунин таърифи истеъмолкунанда пешбинӣ гардидааст: истеъмолкунанда – шаҳрвандест, ки ният дорад мол (кор, хизматрасонӣ) – ро фармоиш диҳад ё харидорӣ намояд, ё фармоиш медиҳад, харидорӣ мекунад ё истифода мебарад, ки танҳо барои эҳтиёҷоти шахсӣ, оилавӣ, рӯзгорӣ ва дигар эҳтиёҷот, ки бо анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд нестанд, пешбинӣ шудааст[142]. Ин меъёр собит менамояд, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи истеъмолкунандаро нисбати Федератсияи Россия аз ду ҷиҳат васеътар муайян намудааст: якум, дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фарқият аз Федератсияи Россия истилоҳи «шахс» омадааст, ки аз мафҳуми шаҳрванд васеътар мебошад; дуюм дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари шахси воқеӣ ҳамчунин шахси ҳуқуқӣ низ ҳамчун субъекти ин муносибатҳо пешбинӣ гардидааст. Маврид ба зикр аст, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Узбекистон, Қазоқистон, Туркменистон низ ба сифати истеъмолкунанда танҳо шахси воқеӣ дар назар дошта мешавад.

Дар давлатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо низ назари қонунгузорӣ оиди масъалаи мазкур гуногун ба чашм мерасад. Дар баъзе кишварҳои ин минтақа таърифи истеъмолкунанда ҳамон тавре муайян шудааст, ки дар давлатҳои Осиёи марказӣ (Ӯзбекистон, Қазоқистон, Туркменистон) пешбинӣ гардидааст. Масалан, тибқи §13-и Кодекси мадании Олмон, «истеъмолкунанда ҳар як шахси воқеӣ мебошад, ки ба муомилоте ворид мешавад, ки ба фаъолияти корхонавӣ ё касбии ӯ тааллуқ надорад»[143].

Ҳамин тавр, аз таҳлили ақидаҳои олимон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ хулоса баровардан мумкин аст, ки дар илми ҳуқуқ зери мафҳуми истеъмолкунанда шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар назар дошта мешавад дар ҳоле ки агар молу мулкро барои истифодаи худ харидорӣ намояд. Хулосаи мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки ягона унсуре, ки субъектро ҳамчун

---

[141] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон” (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, №12, қ.1, мод. 699; с. 2008, №10, мод. 805, мод. 817; с. 2013, №12, мод. 896; с. 2015, №3, мод. 215) (Қонуни ҶТ аз 6.10.2008 **№ 424**, **№ 436**, аз 28.12.2013 **№ 1052**, аз 18.03.2015 **№ 1193**, аз 2.01.2018 **№ 1498**, аз 29.01.2021 **№ 1769**, аз 23.12.2021 № **1847**, аз 15.03.2023 **№ 1959**)

[142] О защите прав потребителей: Закон Российской Федерации от 07.02.1992 № 2300-1 (ред. от 08.12.2020) [Электронный ресурс]. Справочная информационная система “КонсультантПлюс» (дата обращения: 08.09.2025).

[143] German Civil Code, second edited edition, Chechelashvili Z. Translator, Chachanidze E./Darjania T. (ed.), Tbilisi, 2019, Paragraph 13.

истеъмолкунанда эътироф менамояд ин бо мақсадҳои ғайритиҷоратӣ харидорӣ намудани мол ё хизматрасонӣ аст. Пас, шахси ҳуқуқӣ низ дар сурати харидорӣ намудан ё истифодаи хизматрасонӣ бо мақсадҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун истеъмолкунанда баромад намуда метавонад.

Адабиёт:

1. German Civil Code, second edited edition, Chechelashvili Z. Translator, Chachanidze E./Darjania T. (ed.), Tbilisi, 2019, Paragraph 13.
2. Гаджиев Т.Ф., Бычко М.А. К вопросу о понятии «потребитель» в российском и европейском законодательстве // Образование и наука в современных условиях. 2015. № 3. С. 339-340
3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 (бо охирин тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003, 22 майи соли 2016). – Душанбе: Ирфон, 2016. – 64 с.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон” (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, №12, қ.1, мод. 699; с. 2008, №10, мод. 805, мод. 817; с. 2013, №12, мод. 896; с. 2015, №3, мод. 215) (Қонуни ҶТ аз 6.10.2008 № 424, № 436, аз 28.12.2013 № 1052, аз 18.03.2015 № 1193, аз 2.01.2018 № 1498, аз 29.01.2021 № 1769, аз 23.12.2021 № 1847, аз 15.03.2023 № 1959)
5. Мечетина Т.А., Мечетин Д.В. Статус потребителя в российском гражданском праве и некоторые вопросы компенсации морального вреда // Юридическая наука. 2017. № 2. С. 55-59.
6. Назарова Г.Г. О правовом понятии «потребитель» // NovaUm.Ru. 2017. №5. С. 138-139.
7. О защите прав потребителей: Закон Российской Федерации от 07.02.1992 № 2300-1 (ред. от 08.12.2020) [Электронный ресурс]. Справочная информационная система “КонсультантПлюс» (дата обращения: 08.09.2025).
8. Скворцова Т.А., Павлов С.С. Понятие «потребитель» как экономико-правовая категория // Научный взгляд в будущее. 2019. Т. 2. №14. С. 89-92.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 20.11.2025
Аз тақриз баргашт: 25.11.2025
Ба чоп тавсия шуд: 22.12.2025

РАҚАМИКУНОНИИ ТАРБИЯИ ҲУҚУҚӢ: ТАҶРИБАИ МИЛЛӢ ВА ХОРИҶӢ

Пирова Гулафзо Сайфидиновна,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, ассистенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ
Тел.: (+992) 934-00-81-08
E-mail: gulafzo.sayfiddinzoda@mail.ru

Муқарриз: Азиззода У.А., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

Фишурда. Дар мақола тарбияи ҳуқуқӣ дар шароити ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ва рақамикунонӣ мавриди таҳлил қарор дода мешавад. Дар замони имрӯза тарбияи ҳуқуқӣ истифодаи воситаҳои самаранокро дар раванди иттилоотию рақамигардонӣ тақозо менамояд. Таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ бо дарназардошти ташаккули фазои иттилоотӣ ва рақамӣ, ҳамчун ҷузъи фазои нави инноватсионӣ таҳқиқ карда мешавад. Вобаста ба ин, дар заминаи ҷаҳони доимо рушдёбанда технологияҳои рақамӣ барои таълим ва фаҳмиши ҳуқуқ имкониятҳои нав фароҳам меоваранд.

Ҷанбаи калидӣ маҳз дар он ифода меёбад, ки ташаккули технологияи рақамӣ метавонад барои омода намудани мутахассисони баландихтисос дар соҳаи ҳуқуқ мусоидат намод. Ҷиҳати ворид гардидани шаҳрвандон ба фазои рақамӣ зарур аст, ки масъалаи дастрасӣ ба технологияи рақамӣ аз он ҷумла, дурнамои фардикунонии таълиму тарбия, истифодаи усулҳои интерактивӣ, васеъ кардани захирҳои дастрасӣ ба захираҳои таълимӣ ва ташаккули малакаҳои саводнокии рақамӣ омӯхта шавад. Дар маҷмӯъ метавон гуфт, ки дар низоми амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини амнияти иттилоотӣ дар шароити имрӯза дар мадди аввал қарор дорад. Рушди соҳаҳои ҳаётан муҳимми мамлакат, ҳимояи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъмини сулҳу субот аз сатҳу сифати амнияти иттилоотии кишвар вобаста мебошад. Чунин вазъ тақозои онро менамояд, ки сиёсати давлатии иттилоотӣ ва иттилоотонии ҷомеа рушду такмил дода шуда, бо дигаргуниҳои замони муосир мутобиқ сохта шаванд.

Калидвожаҳо: Тарбияи ҳуқуқӣ, таълими ҳуқуқӣ, муассисаҳои таҳсилотӣ, фазои рақамӣ, олами виртуалӣ, захираҳои иттилоотӣ, захираҳои электронӣ, интернети мобилӣ, маводи таълимии электронӣ, технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, технологияҳои рақамӣ, зеҳни сунъӣ, рақамигардонии таълиму тарбияи ҳуқуқӣ, арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ, анъанаҳои таълиму тарбияи ҳуқуқӣ.

ЦИФРОВИЗАЦИЯ ПРАВОВОГО ВОСПИТАНИЯ: НАЦИОНАЛЬНЫЙ И ЗАРУБЕЖНЫЙ ОПЫТ

Пирова Гулафзо Сайфидиновна, Таджикский национальный университет, юридический факультет, ассистент кафедры теории и истории государства и права
Тел.: (+992) 934-00-81-08
E-mail: gulafzo. sayfiddinzoda@mail.ru

Рецензент: Азиззода У.А., доктор юридических наук, профессор

Аннотация. В статье анализируется правовое воспитание в условиях формирования информационного общества и цифровизации. В наше время правовое воспитание требует использования эффективных средств в процессе информатизации и оцифровки. Юридическое образование и воспитание исследуются с учетом формирования информационного и цифрового пространства как части нового инновационного пространства. В связи с этим в контексте постоянно развивающегося мира цифровые технологии открывают новые возможности для обучения и понимания права. Ключевой аспект заключается именно в том, что формирование цифровых технологий может способствовать подготовке высококвалифицированных специалистов в области права. Для вовлечения граждан в цифровое пространство необходимо изучить вопрос доступа к цифровым технологиям, в том числе перспективы персонализации обучения и воспитания, использования интерактивных методов, расширения доступа к образовательным ресурсам и формирования навыков цифровой грамотности. В целом, можно сказать, что в системе национальной безопасности Республики Таджикистан, обеспечение информационной безопасности в сегодняшних условиях находится на переднем месте. Развитие жизненно важных отраслей страны, защита национальных интересов Республики Таджикистан, обеспечение мира и стабильности зависят от уровня и качества информационной безопасности страны. Эта ситуация требует, чтобы государственная информационная политика и информатизация общества развивались, совершенствовались и адаптировались к современным изменениям.

Ключевые слова: Правовое воспитание, правовое обучение, образовательные учреждения, цифровое протсранство, виртуальный мир, информационные ресурсы, электронные ресурсы, мобильный интернет, электронные учебные материалы, информацонно-коммуникационные технологии, цифровые технологии, искусственный интеллект, цифровизация правового обучения и воспитания, духовно-нравственные ценности, традиции правового обучения и воспитания.

DIGITALIZATION OF LEGAL EDUCATION:NATIONAL AND FOREIGN EXPERENSE

Pirova Gulafzo Sayfidinovna,
Tajik National University, Faculty of Law, Assistant of the Department of Theory and History of State and Law
Phone.: (+992) 934-00-81-08
E-mail:gulafzo. sayfiddinzoda@mail.ru

Research supervisor: Azizzoda U.A., doctor of legal Sciences, professor

Abstract. The article analyzes legal education in the context of the formation of the information society and digitalization. Nowadays, legal education requires the use of effective tools in the process of informatization and digitization. Legal education and upbringing are studied taking into account the formation of the information and digital space as part of a new innovation space. In this regard, in the context of an ever-evolving world, digital technologies open up new opportunities for learning and understanding law. The key aspect lies precisely in the fact that the formation of digital technologies can contribute to the training of highly qualified specialists in the field of law. In order to involve citizens in the digital space, it is necessary to study the issue of access to digital technologies, including the prospects for personalizing education and upbringing, using interactive methods, expanding access to educational resources and developing digital literacy skills. In general, it can be said that in the national security system of the Republic of Tajikistan, ensuring information security in today's conditions is at the forefront. The development of vital sectors of the country, the protection of the national interests of the Republic of Tajikistan, and ensuring peace and stability depend on the level and quality of the country's information security. This situation requires that the state information policy and informatization of society develop, improve and adapt to modern changes.

Keywords: legal education, legal training, educational institutions, digital space, virtual world, information resources, electronic resources, mobile Internet, electronic educational materials, information and communication technologies, digital technologies, artificial intelligence, digitalization of legal education and training, spiritual and moral values, traditions of legal education and training.

Дар шароити имрӯза, Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи нави ташаккул ва пешрафтро бо назардошти рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ паси сар карда истодааст. Бо ин назардошт муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, пеш аз ҳама ба танзими ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон эҳтиёҷ дорад. Ин аст, ки маҳз дар раванди ташаккули муносибатҳои ҷамъиятӣ тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон бо роҳу воситаҳои гуногун амалӣ гардонида мешавад. Агар пешрафти замон тақозои тавлиди унсуру воситаҳои нави тарбияи ҳуқуқиро

тақозо намояд вале ҳадафи тарбияи ҳуқуқӣ, ки баланд бардоштани фарҳанг ва шуури ҳуқуқии аҳолӣ мебошад якзайл боқӣ хоҳад монд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита бо масъалаи баланд бардоштани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон давра ба давра барномаву консепсияҳои мушаххасро таҳия намуда, пайваста тадбирҳои амалӣ меандешад. Ташаккули воситаҳои иттилоотӣ ва ё худ рақамикуннонӣ, имрӯз масъалаи муҳим ва калидии тамоми ҷомеаи башарӣ гардидааст. Табиист, ки пешрафти илму технологиҳои муосир воситаҳои ҷадиди раванди тарбиявиро талаб менамояд. Раванди ҷаҳонишавӣ ва ташаккули муносибатҳои ҷамъиятӣ дар фазои иттилоотӣ тайи даҳсолаи охир босуръат ташаккул ёфт. Ин ҷараён сол то сол бо таъсири ҳамаҷонибаи худ ба ҳаёти шаҳрвандон ворид гашта, ҳаёти моддӣ ва маънавии ҳар як фардро фаро мегирад. Ҳамзамон, таъсири воситаҳои иттилоотӣ ва рақамӣ дар рушду нумӯ ва инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ низ баръало намоён мегардад. Рӯз то рӯз ҷомеаи имрӯза барои ворид гардидан ба давлати рақамӣ, фарҳанги рақамӣ ва дипломатияи рақамӣ саъю талош менамояд. Зеро, ин тақозои ҷомеи ҷаҳонист.

Албатта, ҷиҳатҳои мусбати сохтани ҷомеаи иттилоотӣ ва рақамӣ зиёд аст ва мо онро дар ҳаёти ҳамарӯзаи худ эҳсос менамоем. Ин раванд метавонад ба ташаккули мафкура, шуур ва ҳаёти амалии мо таъсири мусбат расонда, ба осонии кор мусоидат намояд. Дар баробари ин, набояд фаромӯш кард, ки ҷараёни ворид гардидан ба ҷомеаи иттилоотӣ ва рақамӣ метавонад ба ҳаёти субъект дар баробари таъсири мусбӣ, ҳамзамон таъсири манфӣ расонад. Ин ҷабҳа метавонад аз субекти истифодабарандаи иттилоот вобастагӣ дошта бошад. Масалан рӯ овардан ба иттилооте ки ба ахлоқи ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад, рушди маънавии инсониятро коста мегардонад, ба арзишҳои давлату миллат беэҳтиромӣ зоҳир менамояд, муносибатҳои ифротиро тарғиб менамояд ва ғайра метавонад иттилооте бошад, ки раванди ташаккули фард ва ҷаҳонбинии ӯро на танҳо коста, инчунин ба самти манфӣ барад.

Дар маҷмуъ метавон гуфт, ки давлати иттилоотӣ ва рақамӣ ба шаҳрвандон донишҳои иттилоотӣ бахшида, раванди ташаккули воситаҳои иттилоотиро тарғиб менамояд. Бояд гуфт, ки дар ҷомеаи иттилоотӣ ва рақамӣ зарур аст, ки иттилоот нақши калидӣ дошта, ҳаёти шаҳрвандонро фаро гирад.

Ҳадафҳо ва вазифаҳои маъмулии тарбияи ҳуқуқӣ ба талаботи нави ҳаёти ҷомеа мутобиқ карда мешаванд. Дар баробари ин, вазифаҳои нави тарбияи ҳуқуқӣ дар робита бо раванди иттилоотонӣ ва рақамигардонӣ ҳалли худро талаб мекунанд, чунки дар раванди тарбияи ҳуқуқӣ тарзу воситаҳои нав, ки истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионии рақамиро дар назар доранд, татбиқ карда мешаванд. Тарбияи ҳуқуқӣ ҳоло

дар фазои иттилоотии рақамӣ ба роҳ монда мешавад. Тарбияи ҳуқуқӣ ҷузъи фазои нави инноватсионӣ мебошад[144].

Ҷараёнҳои ҷаҳонии табодули рақамӣ мунтазам бо суръат гардида, соҳаҳои нав ба нави фаъолияти инсониро фаро мегиранд. Инчунин рушди технологияҳои нави «пешрафта» бо суръати баланд амалӣ шуда истодааст, ки истифодаи дурусти онҳо рақобатнокии миллиро дар асри XXI муайян менамояд. Тамоюли ивазшавии қолабҳои рақамӣ мушоҳида карда мешавад: агар қаблан кишварҳои пешрафта табодули рақамиро дар доираи соҳаҳои алоҳида баррасӣ менамуданд, пас имрӯз иқтисоди миллии кишварҳои тараққикарда пурра ба роҳи рақамӣ мегузарад. Ин тамоюли нав асоси ҷараёни рақамикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад[145].

Бунёди ҷомеаи иттилоотӣ самти афзалиятноки рушди тамаддуни башар дар асри 21 буда, ҳамаи кишварҳои ҷаҳонро фаро мегирад. Ягон давлат берун аз фазои иттилоотии ҷаҳонӣ инкишоф намеёбад. Ҷомеаи иттилоотӣ модели нави рушди тамаддун маҳсуб мешавад.

Ба андешаи профессор Шарофзода Р.Ш., воситаҳои ахбори омма (ВАО), Интернет, алоқаи мобилӣ ва дигар технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ унсурҳои таркибии ҷомеаи иттилотӣ мебошанд[146].

Бояд зикр кард, ки технологияҳои иттилоотӣ метавонанд, аз як тараф ҷанбаҳои мусбӣ ва аз тарафи дигар ҷанбаҳои манфӣ низ дошта бошанд. Ин раванд пеш аз ҳама аз субъектон ва объектони истифодабаранда ва паҳнкунандаи технологияҳои иттилоотӣ вобастагӣ дорад. Дар як замон технологияҳои иттилоотӣ метавонанд бо мақсади рушди ҷомеа, инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ амалӣ гардад. Аз тарафи дигар, ин раванд метавонад бо мақсадҳои ғаразнок, ки тарғибгари муносибатҳои зидди ҳокимияти давлатӣ мебошанд, истифода гардад. Аз ин рӯ, таъмини амнияти иттилоотӣ дар шароити ҷаҳони зудтағйирёбанда ва таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни он барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти илмию амалӣ дорад. Чунин сурат гирифтани вазъиятро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ –Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ 26 январи соли 2021 таъкид намуда, иброз дошт, ки «пайравони созмонҳои террористиву экстремистӣ барои ноором сохтани вазъият дар ҷомеа ва тафриқаандозиву барангехтани низоъҳои диниву мазҳабӣ кӯшиш карда, барои гумроҳ сохтани сокинони мамлакат, бахусус, ҷавонон ва ба созмонҳои манъшуда ҷалб намудани онҳо аз шабакаҳои интернетӣ васеъ истифода мебаранд. … Онҳо то ба ҳол аз хориҷи кишвар бо тамоми роҳу воситаҳо кӯшиш карда истодаанд, ки ҷомеаи моро ноором сохта, фарҳангу мазҳаби бегонаро ба сари мардуми мо таҳмил кунанд»[147].

---

[144] Шарофзода Р.Ш. Рақамикунонии таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – июн, 2025. – №2 (38) 2025.– С.4.

[145] Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – ш. Душанбе, 30 12. 2019. –№642. – С.2.

[146] Шарофзода Р.Ш. Маърифати ҳуқуқӣ.Монография. – Душанбе 2024. – С 130.

[147] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ш.Душанбе, 26.01.2021 [Матн]. –Душанбе, 2021. – С.37-38.

Мувофиқи нуқтаи назари Ф.А. Холиқов дар замони муосир иттилоот ба тамоми соҳаҳои фаъолият таъсири амиқ расонида, муносибатҳои ҷамъиятию сиёсӣ, пешбурди фаъолият ва сиёсати дохилию берунии давлатҳоро ба дигаргунии ҷиддӣ рӯ ба рӯ менамояд. Дар аксар маврид субъектҳои гуногуни равандҳои сиёсӣ иттилоотро на танҳо ба манфиати одамон, балки дар муқобили манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат истифода мебаранд. Субъектҳои гуногуни сиёсат кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки дар фазои иттилоотӣ ва низоми нави ҷаҳонӣ афзалиятҳои иттилоотии бештареро соҳиб шаванд. Чунин равандҳоро ба инобат гирифта, олимону муҳаққиқон мафҳумҳои «ҷангҳои иттилоотӣ», «ҳуҷумҳои иттилоотӣ», «амнияти иттилоотӣ», «терроризми иттилоотӣ», «фазои иттилоотии ҷомеа» ва монанди инҳоро таҳлилу таҳқиқ намуда истодаанд[148].

Дар ин замина, метавон гуфт, ки рақамикунонии тарбияи ҳуқуқӣ ин пеш аз ҳама раванди ташаккули дониш, арзишҳо ва малакаҳои шаҳрвандон дар ҳамбастагӣ бо рафтори ҳуқуқӣ дар фазои рақамӣ мебошад. Он фаҳмиши ҳуқуқҳои рақамии инсон, инчунин истифодаи бехатар ва масъулиятноки технология ва ҳимояи манфиатҳои худро дар муҳити иттилоотӣ фаро мегирад. Дар ин ҷараён метавон гуфт, ки ҳадафи рақамикунонии тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон, ин баланд бардоштани сатҳи фарҳанг, шуур, дониш ва малакаи иттилоотии шаҳрвандон ба ҳисоб меравад.

Бояд қайд намуд, ки дар заминаи ҷаҳони доимо рушдёбанда технологияҳои рақамӣ барои таълим ва фаҳмиши ҳуқуқ имкониятҳои нав фароҳам меоваранд. Бархе аз олимон бар он назаранд, ки ташаккули технология ва рақамикунонӣ метавонад ба дарки амиқи мавод мусоидат намояд. Дар баробари ин рақамикунонии таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ метавонад, дараҷаи ҳавасмандии шаҳрвандонро ба омӯзиши илму дониш афзун намояд.

Маҳаки фаъолияти ин раванд метавонад дар он ифода ёбад, ки ташаккули технологияи рақамӣ пеш аз ҳама барои омода намудани мутахассисони баландихтисос дар соҳаи ҳуқуқ мусоидат намод. Ҷиҳати ворид гардидани шаҳрвандон ба фазои рақамӣ зарур аст, ки масъалаи дастрасӣ ба технологияи рақамӣ аз он ҷумла, дурнамои фардикунонии таълиму тарбия, истифодаи усулҳои интерактивӣ, васеъ кардани захирҳои дастрасӣ ба захираҳои таълимӣ ва ташаккули малакаҳои саводнокии рақамӣ омӯхта шавад. Дар ҷаҳони имрӯза, ки технология дар ҳама ҷабҳаҳои ҳаёт, аз ҷумла таҳсилот нақши калидӣ дорад, зарурати ворид намудани захираҳои рақамӣ ба барномаҳои таълимӣ аён мегардад. Бояд гуфт, ки рушди саводнокии рақамӣ ва малакаҳои технологӣ дар миёни омӯзгорон на танҳо сифати омӯзишро беҳтар мекунад, балки донишҷӯёнро барои мутобиқ шудан барои мутобиқ шудан ба ҷаҳони босуръати рақамӣ

[148] Холиқов Ф.А. Амнияти иттилоотӣ ҳамчун омили таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон Тоҷикистон // диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02. – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ. – Душанбе ,2022 –С.24.

омода мекунад. Рақамикунонии соҳаи маориф яке аз муҳимтарин равандҳоест, ки барои беҳтар намудани дастрасӣ ба таҳсилот ва баланд бардоштани сифати таълим дар минтақаҳо нақши калидӣ мебозад. Татбиқи технологияҳои рақамӣ, аз қабили платформаи таълимии онлайн, барномаҳои интерактивӣ ва китобхонаҳои электронии дастрас, имкон медиҳад, ки хонандагон ва омӯзгорон ба захираҳои таълимӣ ба таври самаранок ва босифат дастрасӣ пайдо намонд.

Рақамикунонӣ дар низоми маориф, омодакунии кадрҳо ва такмили нерӯи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 амалӣ мегардад, дар оянда метавонад, барои ҷорӣ гардидани унсурҳои асосии зеҳни сунъӣ кӯмак расонад. Дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд, филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара, Донишкадаи менеҷмент ва технологияи инноватсионии шаҳри Кӯлоб, шуъба ва лабораторияҳо вобаста ба самти зеҳни сунъӣ фаъолият доранд. Ҳамзамон, дар зинаи бакалавриат ва магистратура омода намудани мутахассисон аз рӯи ихтисоси зеҳни сунъӣ ба роҳ монда шудааст.[149]

Қобили тазаккур аст, ки ҷомеаи рақамӣ қабл аз ҳама ба соҳаи маориф таъсир мерасонад. Зеро субъектон ва объектоне, ки бевосита ба омӯзиши ишму дониш машғуланд дар аксар маврид донишҷӯён ва хонандагон маҳсуб меёбанд. Дар ин ҷо, нақши субъектоне, ки бевосита иттилоотро мерасонанд ва ё тарғиб менамоянд хеле муассир аст. Ҷомеаи рақамӣ тамоми шаҳрвандон, махсусан донишҷӯёну хонандагонро водор месозад, ки аз имкониятҳои мавҷуда ба таври фаррох истифода намоянд. Дар ин ҷо суоле пеш меояд, ки оё ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ва рақамӣ метавонад боиси боз ҳам ташаккул ёфтани донишу маҳорати хонандагон гардад? Дар ин асно, мисоли паҳншавии COVID-19 дар як муддати муайян тавонист ба ташаккули ҷомеаи рақамӣ таъсир расонад. Зеро он омӯзиши фосилавиро тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ тарғиб намуд. Ба ақидаи ман ҳамчун як муҳаққиқи ҷавон, барои гузаштан ба ҷомеаи рақамӣ на танҳо давлат, инчунин мафкураи шаҳрвандон бояд ба ин раванд мутобиқ гардонида шавад. Зеро барои расидан ба дастовардҳои бузург дар ин ҷодаи мураккаб, зарур аст, ки давра ба давра, бо таҳияи барномаҳои мушаххас дар тафаккури шаҳрвандон ворид карда шавад.

Дар ин раванд метавон гуфт, ки яке аз барномаҳои электронӣ дар соҳаи маориф “eDonish” хизматрасонии электроние мебошад, ки тавассути он волидони хонандагони муассисаҳои таълимӣ метавонанд аз ахлоқу одоб, донишомӯзӣ ва раванди ҳозиршавии фарзандони худ ба машғулиятҳои дарсӣ бо истифода аз воситаҳои иттилоотиву

[149] Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040. – ш.Душанбе. 30.09.2022. – №483. –С.20.

коммуникатсионии муосир ва гирифтани паёмакҳо ба телефонҳои мобилӣ ба таври доимӣ ошно гарданд.

Илова бар ин, ташкили раванди таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ имрӯз дониши васеи рақамиро талаб мекунад. Омили мазкур дар ташкил ва ба роҳ мондани тарбияи ҳуқуқӣ нақши муҳим дорад, чунки дониши иттилоотии рақамӣ сатҳи нав ва баланди дониши инсонӣ мебошад. Бесабаб нест, ки ҷомеаи иттилоотии рақамиро ҷомеаи донишҳо меноманд. Бе дониши кофии иттилоотии рақамӣ ба роҳ мондани тарбияи ҳуқуқӣ душвор аст, чунки унсури таркибии онро мафҳумҳои нави илмӣ, ба мисли «технологиҳои иттилоотӣ-телекоммуникативӣ», «зеҳни сунъӣ», «олами маҷозӣ», «роботигардонӣ», «провайдер», «захираҳои иттилоотӣ», «барномаҳои мобилӣ», «интернети мобилӣ», «технологияҳои иттилоотии таълим», «таълими интерактивӣ» ва ғ. ташкил медиҳанд.

Тарбияи ҳуқуқӣ дар шароити рақамигардонии ҷомеа бо истифодаи захираҳои интернетӣ, захираҳои электронӣ, барномаҳои мобилӣ, таълими интерактивӣ ба роҳ монда мешавад. Захираҳои интернетиро («веб-захираҳо», «веб-шабака», «веб-хизмат») шабакаҳои иҷтимоӣ, интернет-мағоза, захираҳои корпоративӣ, онлайн-хизматҳо, китобхонаҳо, портали иттилоотӣ, «business-to-business» (офиси виртуалӣ), бойгонӣ ташкил медиҳанд. Захираҳои электронӣ намудҳои гуногуни маълумоти электронӣ (матни электронӣ, овоз, графика, рақамҳо, шрифтҳо ва дигар), барномаҳои электрониро (барномаҳои системавӣ, амалӣ, хизматрасонӣ) дар бар мегиранд. Захираҳои электрониро маводи рақамӣ, ки дар шакли электронӣ пешниҳод мешавад, ташкил медиҳад. Журнали электронӣ (e-journal), китобҳои электронӣ (e-book), махзанҳои электронӣ, ҳуҷҷатҳои Adobe Acrobat (.pdf), веб-саҳифаҳо аз ҷумлаи захираҳои электронӣ мебошанд. Захираҳои электронӣ, ки дар компютер нигоҳ дошта мешаванд, намудҳои гуногун доранд, ба мисли китобҳои электронӣ, журнали электронӣ, диссертатсияҳои электронӣ, рӯзномаҳои электронӣ, маҷаллаҳои электронӣ ва ғ[150].

Яке аз воситаҳои шадидтарини ташаккули ҷомеаи рақамӣ ва иттилоотӣ ин шабакаҳои гуногуни иҷтимоӣ, махсусан интернет ба ҳисоб меравад. Интернет ҳамчун воситаи иттилотии ҷаҳонӣ, ки гиреҳҳои он дар тамоми ҷаҳон паҳн гардидаанд, воситаи муҳими ташаккули дунёи иттилоотӣ ва рақамии шахс ба ҳисоб меравад. Агар як нигоҳи ҳадафгир намоем, мушоҳида мегардад, ки дар солҳои охир истифодабарандагони ин шабакаи умумиҷаҳонӣ торафт афзӯда истодааст. Метавон гуфт, ки имрӯз дар шароти ташаккули муносибатҳои ҷаҳонӣ интернет ба таври пурра вориди ҳаёти инсоният гардида, дар аксар маврид ҳатто мафкураи шахсро идора менамояд. Албатта ин раванд пеш аз ҳама ба тарбияи ҳуқуқӣ таъсир мерасонад. Ҳамчун як муҳаққиқ бар он назарам, ки ташаккул ва рушди тарбияи ҳуқуқӣ дар ҷомеаи муосир дар меҳвари ҷомеаи иттилоотӣ ва

[150] Шарофзода Р.Ш. Рақамикунонии таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – июн,2025. – №2 (38) 2025.– С.6.

рақамӣ қарор дорад. Чунки ин тақозои замон аст, ки шаҳрвандон ба раванди ҷаҳонишавӣ ворид мегарданд. Дар ин раванд бояд таҳлил намуд, ки интернет дар ҳама ҳолат ҳамчун воситаи ташаккули тарбияи ҳуқуқӣ баромад менамояд? На дар ҳама ҳолат. Аз як тараф агар интернет тавонад бо паҳн намудани иттилоти мусбат боиси ташаккули тарбияи ҳуқуқӣ гардад, аз тарафи дигар метавонад боиси суст ва коста гардидани ин ҷараён гардад. Ба назар мерасад, ки дар айни замон шабакаҳои интернетӣ, алалхусус барномаҳое ҳастанд, ки на танҳо ба тарбияи ҳуқуқии шахс таъсири манфӣ мерасонад, инчунин метавонад ташаккули маънавиёти шахсро пурра аз байн барад. Ба мушоҳида мерасад, ки маҳз ташкили ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ, ташкили гурӯҳҳое ки хусумати миллиро бармеангезанд ва ҳатто барномаҳое ҷой дорад ки шаҳрвандонро ба худкушӣ тарғиб менамояд, тавассути шабакаҳои интернети ба вуқуъ мепайвандад. Дар ин замина метавон гуфт, ки новобаста аз ташаккул ва рушди босуръати ҷомеаи имрӯза, махсусан фаъолияти пешқадамонаи воситаҳои иттилоотӣ ва рақамӣ, ки рӯз то рӯз ҷоннок гардида истодаанд, мактабу маориф, субъектони тарбияи ҳуқуқӣ ва кулли ҷомеаи башариро зарур аст, ки тамоми саъю талош бар он равона созанд, ки фарҳанги миллӣ ва ахлоқи инсонӣ коста нагардад.

Аз таҷрибаҳои давлатҳои хориҷӣ метавон ёдовар гардид, ки Федератсияи Россия рушди рақамикуниро ба таври самаранок ба роҳ мемонад. Тибқи маълумоти Вазорати рушди рақамӣ дар Федератсияи Россия дар аввали соли 2024 зиёда аз 90 фисади хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ тавассути портали хизматрасониҳои давлатӣ пешниҳод карда шудааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки шумораи истифодабарандагони платформаи хизматрасонии давлатӣ аз 90 миллион нафар зиёд аст, ки ин нишондиҳандаи сатҳи баланди иштироки шаҳрвандон дар ҳамкории рақамӣ бо давлат мебошад. Дар ин мамлакат яке аз дастовардҳои муҳим дар ин соҳа ин ҷорӣ гардидани сабтҳои электорнии тиббӣ буд, ки ба беморон имконият медиҳад, ки тамоми маълумот вобаста ба саломатии худро тавассути платформаи онлайн нигоҳ доранд ва идора намоянд.

Дар Ҷумҳурии Қазоқистон дар асоси Консепсияи панҷсолаи рушди зеҳни сунъӣ, дар ин самт шаш самти асосӣ таҳия гардидааст, аз он ҷумла: маълумот; инфрасохтор; сармояи инсонӣ; корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ; қонунгузорӣ ва барномаҳои суръатбахш. Метавон тазаккур дод, ки дар Ҷумҳурии Қазоқистон лоиҳаи навбатӣ дар ин самт дар доираи ташаккули муҳити институтсионалӣ кодекси рақамӣ хоҳад буд, ки он ба ташаккули танзими ҳамаҷонибаи ҳуқуқии соҳаи рақамии кишвар нигаронида шудааст.

Ҳамзамон, стратегияи миллии истифодаи технологиҳои рақамӣ дар Узбекистон, бо номи “Узбекистони рақамӣ-2030” бо мақсади беҳтар гардонидани ҳаёти шаҳрвандон ва иқтисодиёти кишвар тавассути баланд бардоштани дастрасии хидматҳои онлайн ва интернети баландсуръат ба роҳ монда шудааст.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати

дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» санаи 28 декабри соли 2024[151] мақомоти дахлдори давлатӣ вазифадор карда мешаванд, ки ҳалли масъалаҳои вусъат додани истифодаи технологияҳои муосири рақамиро ҳарчи зудтар таъмин намоянд.

Дар Паёми мазкури сарвари давлат ҷиҳати вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ солҳои 2025 – 2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон карда мешаванд. Дар робита бо ин, роҳандозии тадбирҳои муассир ҷиҳати омода кардани барномасозон ва дигар ихтисосҳои зарурӣ барои рушди иқтисоди рақамӣ ва барномасозӣ дар низоми таълимии муассисаҳои тамоми зинаҳои таҳсилоти касбӣ, муҳайё кардани шароит барои тарбияи кадрҳо зарур шуморида мешавад. Ҳамчунин, пешниҳод мегардад, ки дар заминаи Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионии шаҳри Кӯлоб Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамӣ таъсис дода шавад. Ба ин донишгоҳ мақоми пойгоҳи асосии тайёр кардани мутахассисони самти мазкур дода мешавад. Илова бар ин, дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар факултаю кафедраҳои дахлдор таъсис дода мешаванд[152].

Дар замони имрӯза, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ бо суръати баланд рушд мекунад ворид гардидан ба фазои иттилоотию коммуникатсионӣ зарур ва самаранок ҳисобида мешавад. Дар амалисозии ин раванд нақши субъектони зиёд, аз ҷумла давлат, мактаб, маориф ва ҷомеаи шаҳрвандӣ талаб карда мешавад. Ин тамоюл набояд сабаби коста гардидани ахлоқи ҷомеаи умумибашарӣ гардад. Аз ин ру, зарур аст, ки роҳу воситаҳое дар самти ташаккули фазои иттилоотию рақамикунонӣ кашф карда шавад, ки ба беҳтар гардидани сатҳи таълиму тарбия ва саводнокии ҷомеаи башарӣ равона гардад. Дар низоми амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини амнияти иттилоотӣ дар шароити имрӯза дар мадди аввал қарор дорад. Рушди соҳаҳои ҳаётан муҳимми мамлакат, ҳимояи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъмини сулҳу субот аз сатҳу сифати амнияти иттилоотии кишвар вобаста мебошад. Чунин вазъ тақозои онро менамояд, ки сиёсати давлатии иттилоотӣ ва иттилоотонии ҷомеа рушду такмил дода шуда, бо дигаргуниҳои замони муосир мутобиқ сохта шаванд.

Ин ҷараён қобили тазаккур аст, ки дар баробари ташаккули раванди иттилооти ҳамзамон, таҳдиди иттилоотӣ низ меафзояд. Дар айни замон тамоми кишварҳо бар он самтанд, ки бо таҳияи стратегияҳои гуногуни миллӣ хатарҳои иттилоотиро бартараф намоянд. Низоъ дар фазои иттилоотии ҷаҳон меафзояд, мусобиқаҳои иттилоотӣ ва киберҷинояткорӣ алалхусус ҷанги иттилоотӣ ва силоҳи иттилоотӣ дар ҷодаи инкишоф қарор дорад. Бо дарназардошти чунин вазъият дар ҳар як давлати абарқудрат ва пешрафтаи ҷаҳонӣ сохторҳое амал

[151] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” санаи 28 декабри соли 2024 [Захираи электронӣ] – манбаи дастрасӣ – https://president.tj/event/missives/49225 (санаи мурочиат 30.12.2024).

[152] Шарофзода Р.Ш. Рақамикунонии таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – июн,2025. – №2 (38) 2025.– С.21.

менамоянд, ки бевосита масъулияти таъмини амнияти миллиро дар соҳаи иттилоот бар дӯш доранд.

Ҳамзамон, дар ҳуҷҷатҳои асосӣ ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии давлатҳои мутамаддин бевосита меъёрҳое дарҷ ёфтаанд, ки ба ҳифзи амнияти иттилоотӣ ва бартараф гардонидани хатарҳои иттилоотӣ равона гардидааст. Бояд қайд намуд, ки амнияти иттилоотӣ метавонад ҷузъи амнияти тарбияи ҳуқуқӣ фаҳмида шавад. Яъне, то кадом андозае, ки иттилоот ташаккул меёбад ва воситаҳои иттилоотӣ дар раванди инкишофи мусбӣ қарор доданд, метавонад тарбияи ҳуқуқӣ низ дар ҳамин меҳвар рушд ёбад.

Дар маҷмуъ метавон иброз намуд, ки табияи ҳуқуқӣ дар шароити ташаккули ҷомеаи рақамӣ ва иттилоотӣ метавонад рушди бемайлон намуда, ба ғанӣ гардонидани иқтидори мафкуравии шаҳрвандон таъсир расонад. Рақамикунонии тарбияи ҳуқуқӣ фазои мукаммали иттилоотиро мемонад, ки тамоми ҷомеаи башариро фаро мегирад. Дар баробари ин, натиҷаи назаррас бахшидани ҳадафи тарбияи ҳуқуқӣ аз субъектони тарбияи ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад.

Адабиёт

1. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – ш.Душанбе, 30.12.2019. – №642. – 31 с.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ш. Душанбе, 26.01.2021 [Матн]. – Душанбе, 2021. –С.37-38.
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣҳ санаи 28 декабри соли 2024 [Захираи электронӣ] – манбаи дастрасӣ – https://president.tj/event/missives/49225 (санаи мурочиат 30.12.2024).
4. Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040. – ш.Душанбе, 30.09. 2022. – №483. – 33 с.
5. Шарофзода Р.Ш. Маърифати ҳуқуқӣ.Монография.–Душанбе 2024. – 312 с.
6. Шарофзода Р.Ш. Рақамикунонии таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2025. – №2 (38). –С. 6-35. – 275 с.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 20.11.2025
Аз тақриз баргашт: 25.11.2025
Ба чоп тавсия шуд: 22.12.2025

ФАЪОЛИЯТИ АДВОКАТӢ ЧУН ШАКЛИ РАСОНИДАНИ ЁРИИ ҲУҚУҚӢ: ПАЖӮҲИШИ НАЗАРИЯВӢ

Бодамазода Нуроншо Пироншо,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, докторанти PhD-и кафедраи ҳуқуки инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ
Тел.: (+992) 941-797-997
Email: nbodamazoda@mail.ru

Ихтисоси илмӣ: 6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат
Муқарриз: Саъдизода Ҷ. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

Фишурда: Дар мақола яке аз мавзуъҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ – фаъолияти адвокатӣ чун шакли расонидани ёрии ҳуқуқӣ: пажӯҳиши назариявӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтааст. Дар низоми механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон ниҳоди адвокатура ба гурӯҳи механизмҳои миллии ҳимояи ҳуқуқи инсон дохил шуда, фаъолияти адвокатӣ дар байни дигар мақомот ва ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон, ки фаъолияташон ба ҳимояи ҳуқуқи инсон равона шудааст, мавқеи махсусро ишғол менамояд. Вазифаи аввалиндараҷаи адвокатура расонидани ёрии ҳуқуқӣ мебошад, ки бевосита ба Қонуни асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф карадааст, муайян карда шудааст. Инчунин, муаллиф дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ оид ба фаъолияти авдокатӣ, адвокатура ва расонидани ёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби субъектони тибқи қонун муқаррар кардашуда, хулосабарорӣ намудааст.

Калидвожаҳо: қонун, ҳуқуқ, адвокат, адвокатура, фаъолияти адвокатӣ, ёрӣ, ёрии ҳуқуқӣ, дастрасӣ, дастрасӣ ба ёрии ҳуқуқӣ, дастрасӣ ба ёрии ҳуқуқии ройгон, субъектони расонидани ёрии ёрии ҳуқуқӣ, Конститутсияи ҶТ, адолат, адолати иҷтимоӣ, амалишавии ҳуқуқи инсон, вайроншавии ҳуқуқи инсон, барқарорсозии ҳуқуқи инсон.

АДВОКАТСКАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ КАК ФОРМА ОКАЗАНИЯ ЮРИДИЧЕСКОЙ ПОМОЩИ: ТЕОРЕТИЧЕСКОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ

Бодамазода Нуроншо Пироншо,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, докторант PhD кафедры прав человека и сравнительного правоведение
Тел.: (+992) 941-797-997
Email: nbodamazoda@mail.ru

Научная специальность: 6D030101 – Теория и история права и государства; история учений о праве и политике
Рецензент: Саъдизода Дж. – кандидат юридических наук, доцент

Аннотация: В статье анализируется и рассматривается одна из важнейших тем юридической науки – адвокатская деятельность как форма оказания юридической помощи: теоретическое исследование. В системе механизмов защиты прав человека институт адвокатуры входит в группу национальных механизмов защиты прав человека, а деятельность адвокатуры занимает особое место среди других органов и учреждений по защите прав человека, деятельность которых направлена на защиту прав человека. Основной задачей адвокатуры является оказание юридической помощи, что непосредственно определено Конституцией Республики Таджикистан, законами республики и международно-правовыми актами, признанными Таджикистаном. Авторами сделаны также выводы на основе отраслевых нормативных правовых актов по вопросам адвокатской деятельности, адвокатуры и оказания юридической помощи субъектами, созданными в соответствии с законодательством.

Ключевые слова: закон, право, адвокат, адвокатура, адвокатская деятельность, помощь, юридическая помощь, доступ, доступ к юридической помощи, доступ к бесплатной юридической помощи, субъекты оказания юридической помощи, Конституция Республики Таджикистан, справедливость, социальная справедливость, реализация прав человека, нарушение прав человека, восстановление прав человека.

ADVOCACY AS A FORM OF LEGAL ASSISTANCE: THEORETICAL RESEARCH

Bodamazoda Nuronsho Pironsho,
Tajik National University, Faculty of Law, PhD student of the Department of Human Rights and Comparative Law
Phone: (+992) 941-797-997
Email: nbodamazoda@mail.ru

Scientific Specialty: 6D030101 – Theory and history of law and state; history of doctrines of the law and state
Reviewer: Sadizoda J. – Candidate of Law Sciences, docent

Annotation: The article analyses and examines one of the most important topics of legal science – advocacy as a form of legal assistance: theoretical research. In the system of mechanisms for the protection of human rights, the institution of advocacy is included in the group of national mechanisms for the protection of human rights, and the activities of advocacy occupy a special place among other bodies and institutions for the protection of human rights, whose activities are aimed at protecting human rights. The main objective of the Bar is

to provide legal assistance, which is directly defined by the Constitution of the Republic of Tajikistan, the laws of the republic and international legal acts recognized by Tajikistan. The authors also drew conclusions based on industry-specific regulatory legal acts on issues of advocacy, the legal profession, and the provision of legal assistance by entities created in accordance with the law.

Key words: law, right, lawyer, advocacy, advocacy, assistance, legal aid, access, access to legal aid, access to free legal aid, entities providing legal aid, Constitution of the Republic of Tajikistan, justice, social justice, implementation of human rights, violation of human rights, restoration of human rights.

Дар замони муосир муносибатҳои ҷамъиятӣ тавассути меъёрҳои қонун ба танзим дароварда шуда, тартиб ва амали субъектони ин навъи муносибатҳо ба воситаи санадҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ муқаррар карда мешавад. Вобаста ба талаботи замони кунунӣ дар баробари он ки ҳуқуқ чун василаи танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ дониста шуда, инчунин ҳуқуқ чун имконият дар амалӣ гаштани талаботи инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб меравад. Хусусан, ҷараёни ҷаҳонишавӣ ва оқибатҳои он ба фазои ҷомеаи муосир нақши муассир мерасонад, ки дар масъалаи кафолат, таъмин, амалигардӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аҳаммияти калон дорад.

Ҷомеаи муосир дар асоси принсипҳои инсондӯстӣ, адолат ва баробарӣ дар назди қонун бунёд ёфтааст, аммо барои танзими фаъолияти давлат ва ҷомеа қонунҳо ва механизмҳое мавҷуданд, ки дар амал ин қонунҳоро татбиқ мекунанд[153].

Дар партави ин давлат, дар симои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ чораҳои амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба таври мушаххас пешбинӣ намудааст. Аз ин лиҳоз, мо зарур мешуморем, ки ҷиҳати амиқ сохтани тарзу воситаҳои амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бояд таърифи механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсонро муайян намоем.

Таърифи механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон дар низоми илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз ҷониби олимону муҳаққиқон гуногунранг пешкаш гардидааст. Дар адабиёти ҳуқуқӣ истилоҳи «механизми ҳимояи ҳуқуқи инсон» ба таври фарох истифода шудааст. Истилоҳи «механизм» ба маънии аслиаш ҳамчун воҳиди сохтори дохилии ягон механика ё дастгоҳи томи техникӣ фаҳмида мешавад, ба маънии маҷозиаш онро ҳамчун воҳиди сохтории низоми томе фаҳмидан мумкин аст, ки тавассути он ин ва ё он намуди кор иҷро карда мешавад[154].

Масалан, А.В. Стремоухов вобаста ба механизми ҳимояи ҳуқуқи инсон қайд менамояд, ки он низоми серҳаракати меъёрҳои ҳуқуқ, восита ва чораҳо, ҳамчунин маҷмуи онҳо, амал ва ҳамкории мутақобилае, ки ба

[153] Ниг.: Адвокатура в Российской Федерации: учебник / Л.А. Стешенко, Т.М. Шамба. – 2-е изд., перераб. – М.: Норма, 2008. – С. 6.
[154] Ниг.: Искандаров З.Ҳ. Ҳуқуқи инсон ва механизми миллии ҳимояи он. – Душанбе, 2007. – С. 32-100.

пешгирии поймолкунии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ё барқарор сохтани онҳо дар сурати вайронкунӣ равона шудаанд[155], фаҳмида мешавад.

А.А. Безуглов ва С.А. Солдатов ишора менамоянд, ки барои амалисозии самараноки ҳуқуқи инсон лозим аст, механизми иқтисодӣ-ҳуқуқии ҳимояи инсон ва шаҳрванд ҳамчун низоми восита ва омилҳои ба вуҷуд оварандаи шартҳои зарурии эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ташкил карда шавад. Сохтори ин механизм ба таври зайл ташкил карда мешавад: меъёрҳои ҷамъиятӣ, рафтори ҳуқуқии субъектони ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд; ошкорогӣ; афкори ҷамъиятӣ; кафолатҳо; ҷавобгарӣ ва назорат[156].

Ҳамин тариқ, ба андешаи мо механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон – ин маҷмуи тарз, восита ва усулҳое мебошанд, ки дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилидавлатӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ асос ёфта, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро аз ҳаргуна дахолати беасос ва ғайриқонунӣ ҳимоя намуда, инчунин ҳуқуқу озодиҳои поймолгаштаро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ барқарор месозанд. Дар низоми механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон ниҳоди адвокатура ба гурӯҳи механизмҳои миллии ҳимояи ҳуқуқи инсон дохил шуда, фаъолияти адвокатӣ дар байни дигар мақомот ва ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон, ки фаъолияташон ба ҳимоя равона шудааст, мавқеи махсусро ишғол менамояд. Вазифаи аввалиндараҷаи адвокатура расонидани ёрии ҳуқуқӣ мебошад, ки бевосита ба Қонуни асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф карадааст, муайян карда шудааст.

Дар марҳилаи кунунӣ фаъолияти адвокатӣ муҳимтарин ниҳоди демократия ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравад. Фаъолияти адвокатӣ дар байни дигар ниҳодҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон, ки фаъолияташон ба ҳимоя нигаронида шуда, ҷойгоҳи махсусро ишғол менамояд. Вазифаи асосии адвокатура расонидани ёрии ҳуқуқӣ мебошад, ки бевосита дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст[157]. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тарифи истилоҳҳои ёрии адвокат, ёрии ҳуқуқӣ, адвокат, адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ мустаҳкам гардидааст. Алалхусус, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаҳои 19 ва 92 кафолати конститутсионии ёрии адвокат, ёрии ҳуқуқӣ ва фаъолияти адвокатураро таҳким бахшида, вазифаи онҳоро бо дастгиркунию ҳабси пешакӣ ва баррасии парвандаҳо дар тамоми марҳилаҳои тафтишоти тосудӣ ва мурофиаи судӣ вобаста медонад.

Чунончи Л.А. Стешенко, Т.М. Шамба қайд менамоянд, ки истилоҳи «адвокат» дар истилоҳоти низоми ҳуқуқии Россия соли 1864 пайдо шуд,

[155] Стремоухов А.В. Правовая защита человека. – М., 2007. – С. 161.
[156] Безуглов А.А., Солдатов С.А. Конституционное право России. – М., 2003. – С. 330-331.
[157] Механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон. Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2023. – С. 186.

аммо то соли 1939 ин истилоҳ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифода намегардид[158].

Таърихи ташаккули адвокатура дар Россия бо он аҷиб аст, ки аксарият институтҳои тоинқилобии авдокатураи Россия дар марҳалаҳои минбаъдаи ислоҳоти ҳуқуқии даврони Шуравӣ ва баъд аз ҳокимияти Шуравӣ нигоҳ дошта шудаанд. Имрӯз адвокат ба як шахсияти калидӣ дар низоми судӣ табдил ёфтааст, зеро ӯ аз эътимоди бештари ҷомеа бархурдор аст[159].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба инсон ва шаҳрванд дар Конститутсия танзим шудааст. Мутобиқи моддаи 19 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Ҳар кас кафолати ҳифзи судӣ дорад. Ҳар шахс ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки парвандаи ӯро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис ёфтааст, баррасӣ намояд. Ҳеҷ касро бе асоси қонунӣ дастгир, ҳабс кардан мумкин нест. Ҳар шахс аз лаҳзаи дастгир шудан метавонад аз ёрии адвокат истифода кунад»[160].

Ҳол он ки идомаи мантиқии моддаи зикршуда вобаста ба ёрии ҳуқуқӣ дар моддаи 92 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст. Моддаи 92 Қонуни асосӣ чунин муқаррар шудааст: «Ёрии ҳуқуқӣ дар тамоми марҳилаҳои тафтишот ва мурофиаи судӣ кафолат дода мешавад. Тарзи ташкил ва тартиби фаъолияти адвокатура ва дигар шаклҳои ёрии ҳуқуқиро қонун муайян мекунад»[161].

Бояд қайд кард, ки дар радифи Конститутсияи ҶТ дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ дар соҳаи ёрии ҳуқуқӣ ва фаъолияти адовакатӣ мавриди амал қарор доранд. Яке аз чунин санадҳо Қонуни ҶТ «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» аз 4-уми июли соли 2020, № 1694 буда, муносибатҳои ҷамъиятиро дар самти расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба танзим дароварда, роҳҳои амалишавии ҳуқуқ ва уҳдадории шахсони воқеиро ҳангоми ба онҳо расонидани ёрии ҳуқуқӣ муайян менамояд. Қабули қонуни мазкур боз як қадами муҳим дар рушд ва таҳкими ин институти ҳуқуқӣ маҳсуб меёбад. Маҳз ҳадафи асосии қонуни ишорашуда, таъмин кардани дастрасӣ ба адолат ва барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшуда мебошад[162].

Сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати расонидани ёрии ҳуқуқӣ маҷмуи чорабиниҳои ташкилию ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ ва

---

[158]Ниг.: Адвокатура в Российской Федерации: учебник / Л.А. Стешенко, Т.М. Шамба. – 2-е изд., перераб. – М.: Норма, 2008. – С. 16.

[159]Ниг.: Адвокатура в Российской Федерации: учебник / Л.А. Стешенко, Т.М. Шамба. – 2-е изд., перераб. – М.: Норма, 2008. – С. 16.

[160] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст ва ба он 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 тавассути раъйпурсии умумихалқӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд (Бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Нашриёти Ганҷ, 2016. – С. 13.

[161] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст ва ба он 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 тавассути раъйпурсии умумихалқӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд (Бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Нашриёти Ганҷ, 2016. – С. 61.

[162] Бодамазода Н.П. Мафҳум ва табиати ҳуқуқии дастрасӣ ба ёрии ҳуқуқӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. Маҷаллаи илмӣ. Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. №1 (37). Душанбе, 2025. – С. 114.

ғайра мебошанд, ки бо ҳадафи таъмин ва амалӣ гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бетабаа оид ба гирифтани ёрии ҳуқуқӣ андешида мешаванд[163].

Ҳамин тариқ, ки қонунгузорӣ доираи субъектон ва намудҳои расонидани ёрии ҳуқуқиро дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ муайян намудааст. Яъне, адвокатҳо метавонанд аз тарзҳои гуногуни фаъолият баҳри ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ истифода намоянд, ба ғайр аз тарзҳое, ки қонунгузорӣ манъ намудааст. Дастрасӣ ба ёрии ҳуқуқӣ моҳияти таъмин ва амалӣ намудани адолатро дар низоми ҳуқуқии кишвар равшанӣ менамояд.

Қонунгзории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қонунҳои соҳавӣ субъектоне, ки ин навъи хизматрасониро мерасонанд, танзими ҳуқуқии чунин муносибатҳои ҷамъиятиро мустаҳкам менамояд. Доираи субъектони расонидани ёрии ҳуқуқиро метавон ба се гурӯҳ тақсим карда мешавад:

1) Ҳуқуқшиноси давлатӣ.

2) Адвокат.

3) Кормандони мақомоти давлатӣ ва фаъолони ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар доираи ваколатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ёрии ҳуқуқӣ мерасонанд.

Тавре қайд карда шуд, ки қонунгузорӣ истилоҳҳои марбут ба мавзуи таҳқиқшуда дар якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар гардидаанд. Масъалан, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18-уми марти соли 2015, № 1182 мафҳумҳои адвокатура – иттиҳоди касбӣ, ки дар он адвокатҳо бо мақсади расонидани ёрии ҳуқуқӣ муттаҳид шудаанд; адвокат – шахсе, ки мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур соҳиби мақоми адвокат гардидааст; ёрии ҳуқуқӣ – ёрии тахассусӣ ва касбие, ки аз ҷониби адвокатҳо бо истифода аз восита ва тарзҳои қонунӣ барои ҳимояи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ расонида мешавад; фаъолияти адвокатӣ – фаъолияти касбиест, ки онро шахсони соҳиби мақоми адвокат гардида, ҷиҳати расонидани ёрии ҳуқуқии тахассусӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии онҳо, инчунин таъмин намудани дастрасӣ ба адолати судӣ амалӣ менамоянд[164], муқаррар менамояд.

Илова бар ин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» низ тарифи ёрии ҳуқуқиро равшанӣ намудааст. Мутобиқ ба қонуни зикргардида ёрии ҳуқуқӣ – хизмати ҳуқуқие, ки дар асоси

---

[163] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» аз 4-уми июли соли 2020, № 1694 / [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://hukukiman.tj/?p=202548 (санаи мурочиат: 22.10.2025 с.).

[164] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18-уми марти соли 2015, № 1182 / [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://majmilli.tj/%D2%9B%D0%BE%D0%BD%D1%83%D0%BD%D0%B8-%D2%B7%D1%82-%D0%B4%D0%B0%D1%80-%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B0%D0%B8-%D0%B0%D0%B4%D0%B2%D0%BE%D0%BA%D0%B0%D1%82%D1%83%D1%80%D0%B0-%D0%B2%D0%B0-%D1%84%D0%B0%D1%8A%D0%BE/ (санаи мурочиат: 22.10.2025 с.).

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби пешбининамудаи Қонуни мазкур, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи ҳуқуқшиноси касбӣ ба шахсони воқеӣ расонида мешавад[165], мебошад. Қонуни ҶТ «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» муносибатҳои ҷамъиятиро дар самти расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба танзим дароварда, роҳҳои амалишавии ҳуқуқ ва уҳдадории шахсони воқеиро ҳангоми ба онҳо расонидани ёрии ҳуқуқӣ муайян менамояд. Маҳз ҳадафи асосии қонуни ишорашуда, таъмин кардани дастрасӣ ба адолат ва барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшуда, бо тартибе, ки қонунгзории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, мебошад.

Ҳангоми таҳқиқ намудани қонунҳои зикргардида маълум гашт, ки тарифи ёрии ҳуқуқӣ дар ин қонунҳо бо якдигар шабоҳат дорад. Чунки тарифе, ки дар Конуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» оварда шудааст, дар қатори Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонуни зикршуда, боз ба меъёрҳои Конуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» ҳавола мекунад. Аммо, дар он субъектони расонидани ёрии ҳуқуқӣ ва фаъолияти адвокатӣ ишора шудаанд. Яъне, ёрии ҳуқуқӣ ҳам аз ҷониби ҳуқуқшиноси касбӣ-давлатӣ ва ҳам аз ҷониби адвокат расонида мешавад.

Дар Тоҷикистон пас аз касби Истиқлоли давлатӣ масъалаи рушдёбии ҳуқуқи инсон ба ёрии ҳуқуқӣ яке аз мавзуъҳои муҳим қарор гирифтааст. Иникшоф ва дуруст ба роҳ мондани ҳуқуқи инсон ба ёрии ҳуқуқӣ як раванди муҳим чиҳати таъмину барқарор намудани адолат, дастрасӣ ва расонидани он барои ҳар як фард мебошад.

Масалан профессор З.Ҳ. Искандаров, кайд менамояд, ки фаъолияти адвокатӣ – ин фаъолияти ҳуқуқшиносони касбие мебошад, ки баҳри расонидани ёрии хуқуқӣ бо мақсади ҳимояи манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ амалӣ мегардад. Моҳияти фаъолияти адвокатӣ чун фаъолияти касбӣ аз он иборат аст, ки ҳимояи манфиатҳои хусусиро фаро мегирад. Аҳаммияти фаъолияти адвокатӣ дар расонидани ёрии ҳуқукӣ ва ҳимоя намудани ҳуқуқ ва манфиати муштариён зоҳир шуда, дар шароити эълон намудани давлати демократию ҳуқуқбунёд дучанд мегардад[166].

Ҳамин тариқ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти адвокатӣ ва адвокатура чун шакли расонидани ёрии ҳуқуқӣ дар низоми ёрии ҳуқуқии дар ҷараёни ташаккулу рушдёбӣ қарор дорад.

Дар хотима қайд менамоем, ки адвокатура дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини татбиқи принсипҳои асосии волоияти қонун ва мусоидат ба адолати иҷтимоӣ нақши калидиро иҷро менамояд. Талаботи қонунгузории миллӣ ва стандартҳои байналмилалӣ аҳаммияти расонидани ёрии ҳуқуқиро дар таъмини адолат ва бароқарор

---

[165] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» аз 4-уми июли соли 2020, № 1694 / [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://hukukiman.tj/?p=202548 (санаи мурочиат: 22.10.2025 с.).

[166] Ниг. Искандаров З.Ҳ. Ҳуқуқи инсон ва механизми миллии ҳимояи он. – Душанбе: Эҷод, 2006. – С. 114-117.

сохтани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба таври мушаххас муайян намудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар доираи чаҳорчӯбаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ», барои касби адвокатура заминаи мустаҳкам фароҳам оварда шудааст, ки мустақилият, касбият ва дастрасии онро танзим менамоянд. Алалхусус, моддаҳои 19 ва 92-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ба ҳимояро кафолат медиҳанд, ки бо стандартҳои байналмилалӣ, аз қабили Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон, Паймони байналмалилӣ оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ, Принсипҳои асосии СММ марбут ба нақши ҳуқуқшиносон ва Принсипҳои Гавана мувофиқат мекунад. Аммо, татбиқи амалии ин стандартҳо такмили минбаъдаро тақозо менамоянд. Самтҳои асосии рушд ва таъмини мустақилияти воқеии адвокатҳо, дастрасӣ ба ёрии ҳуқуқии касбӣ барои ҳамаи қишрҳои аҳолӣ ва ҳамгироии технологияҳои муосир ба пешниҳоди хизматрасонии ҳуқуқӣ боқӣ мемонанд. Стандартҳои байналмилалӣ, ки ба шароити қонунгузории миллӣ мутобиқ карда шудаанд, метавонанд самаранокӣ ҳимоя ва сифати расонидани ёрии ҳуқуқиро баланд бардоранд, ки ин дар навбати худ эътимоди шаҳрвандонро ба низоми судӣ ва муассисаҳои давлатӣ тақвият медиҳад.

Адабиёт:

1. Адвокатура в Российской Федерации: учебник / Л.А. Стешенко, Т.М. Шамба. – 2-е изд., перераб. – М.: Норма, 2008. – 528 с.
2. Безуглов А.А., Солдатов С.А. Конституционное право России. – М., 2003. – С. 330-331.
3. Бодамазода Н.П. Мафҳум ва табиати ҳуқуқии дастрасӣ ба ёрии ҳуқуқӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. Маҷаллаи илмӣ. Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. №1 (37). Душанбе, 2025. – С. 111-116.
4. Искандаров З.Ҳ. Ҳуқуқи инсон ва механизми миллии ҳимояи он. – Душанбе, 2007. – С. 32-100.
5. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст ва ба он 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 тавассути раъйпурсии умумихалқӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд (Бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Нашриёти Ганҷ, 2016. – 136 с.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18-уми марти соли 2015, № 1182 / [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://majmilli.tj/%D2%9B%D0%BE%D0%BD%D1%83%D0%BD%D0%B8-%D2%B7%D1%82-%D0%B4%D0%B0%D1%80-%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B0%D0%B8-%D0%B0%D0%B4%D0%B2%D0%BE%D0%BA%D0%B0%D1%82%D1%83%

D1%80%D0%B0-%D0%B2%D0%B0-%D1%84%D0%B0%D1%8A%D0%BE/ (санаи мурочиат: 22.10.2025 с.).

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» аз 4-уми июли соли 2020, № 1694 / [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://hukukiman.tj/?p=202548 (санаи мурочиат: 22.10.2025 с.).

8. Механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон. Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2023. – 480 с.

9.Ниг. Искандаров З.Ҳ. Ҳуқуқи инсон ва механизми миллии ҳимояи он. – Душанбе: Эҷод, 2006. – С. 114-117.

10.Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» аз 4-уми июли соли 2020, № 1694 / [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://hukukiman.tj/?p=202548 (санаи мурочиат: 22.10.2025 с.).

11. Стремоухов А.В. Правовая защита человека. – М., 2007. – С. 161.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 20.11.2025
Аз тақриз баргашт: 25.11.2025
Ба чоп тавсия шуд: 25.12.2025

ҲУҚУҚИ МАДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ (ИХТИСОС: 5.5.3) – ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.5.3)

ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ СОЦИАЛЬНОЙ РЕКЛАМЫ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Мавлоназарзода Одилбек Абдулназар,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, доцент кафедры предпринимательского и торгового права.
Тел.: (+992) 500000909
E-mail: omavlonazarov@mail.ru

Рецензент: Сангинзод Д.Ш., доктори юридических наук, профессор

Аннотация. В статье анализируются правовые основы социальной рекламы в Республике Таджикистан как инструмента формирования общественного сознания и продвижения социальных ценностей. Рассматриваются ключевые нормативные акты, определяющие статус социальной рекламы, выявляются пробелы в законодательстве, связанные с контролем за содержанием и финансированием кампаний. На основе изучения отечественной и международной практики предлагаются рекомендации по гармонизации норм с международными стандартами.

Ключевые слова: социальная реклама, правовое регулирование, Республика Таджикистан, общественное сознание, нормативная база.

АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ РЕКЛАМАИ ИҶТИМОӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мавлоназарзода Одилбек Абдулназар,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат
Тел.: (+992) 500000909
E-mail: omavlonazarov@mail.ru

Муқарриз: Сангинзод Д.Ш., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

Фишурда. Дар мақола асосҳои ҳуқуқии рекламаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун воситаи ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва пешбурди арзишҳои иҷтимоӣ таҳлил карда мешаванд. Санадҳои асосии меъёрӣ, ки мақоми рекламаи иҷтимоиро муайян мекунанд, баррасӣ шуда,

камбудиҳои қонунгузорӣ вобаста ба назорати мундариҷа ва маблағгузории маъракаҳо ошкор карда мешаванд. Дар асоси омӯзиши таҷрибаи ватанӣ ва байналмилалӣ тавсияҳо оид ба мутобиқсозии меъёрҳо бо стандартҳои байналмилалӣ пешниҳод карда мешаванд.

Калидвожаҳо: Таблиғоти иҷтимоӣ, танзими ҳуқуқӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, афкори ҷамъиятӣ, пойгоҳи меъёрӣ.

LEGAL FOUNDATIONS OF SOCIAL ADVERTISING IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Mavlonazarzoda Odilbek Abdulnazar,
Tajik National University, Faculty of Law, Associate Professor of the Department of Business and Commercial Law
Phone.: (+992) 500000909
E-mail: omavlonazarov@mail.ru

Annotation. The article analyzes the legal foundations of social advertising in the Republic of Tajikistan as a tool for shaping public consciousness and promoting social values. It examines key regulatory acts that define the status of social advertising and identifies gaps in legislation related to the control of content and campaign financing. Based on the study of domestic and international practices, recommendations are proposed for harmonizing norms with international standards.

Keywords: social advertising, legal regulation, Republic of Tajikistan, public consciousness, regulatory framework.

Социальная реклама как форма коммуникации, направленная на решение общественно значимых проблем (экология, здравоохранение, образование, профилактика вредных привычек), играет ключевую роль в современном обществе. В Республике Таджикистан развитие социальной рекламы актуализировано в контексте Национальной стратегии развития до 2030 года, где подчеркивается необходимость формирования здорового образа жизни и укрепления семейных ценностей. Однако правовая база, регулирующая этот вид рекламы, остается фрагментарной, что приводит к неэффективному использованию ресурсов и рискам манипуляции общественным мнением[167].

Анализ норм Закона Республики Таджикистан от 1 августа 2003 г. № 34 «О рекламе» (далее – Закон о рекламе) показывает, что социальная реклама определяется как некоммерческая информация, направленная на общественные интересы (ст. 2 Закона о рекламе), но отсутствие детализации критериев оценки ее эффективности создает пробелы в регулировании.

[167] Рахимов А.С. Правовые аспекты регулирования рекламы в условиях цифровизации (на примере Республики Таджикистан): монография. – Душанбе: Ирфон, 2022. – С.12.

Правовое регулирование социальной рекламы в Республике Таджикистан опирается на Закон о рекламе, который определяет социальную рекламу как информацию, распространяемую бесплатно или за счет государственных средств в целях пропаганды общественных интересов[168]. Согласно ст. 1 Закона о рекламе, он регулирует отношения в процессе производства, размещения и распространения рекламы на рынках товаров и услуг, применяясь экстерриториально, если действия за пределами РТ влияют на внутренний рынок. Это положение важно для социальной рекламы в цифровой среде, где кампании могут распространяться через международные платформы, но отсутствие специальных норм для онлайн-рекламы создает риски дезинформации[169].

Конституция РТ (1994 г., с изменениями 2016 г.) в ст. 28 гарантирует свободу слова и информации, что служит основой для распространения социальной рекламы. Кроме того, Концепция государственной политики в сфере СМИ на 2021-2025 гг. акцентирует роль рекламы в формировании национальной идентичности[170]. В отличие от коммерческой рекламы, социальная не подлежит налогообложению, но требует согласования с Министерством культуры для соответствия моральным нормам (ст. 5 Закона о рекламе)[171]. Анализ ст. 5 показывает, что реклама должна быть распознаваемой, распространяться на государственном языке и не побуждать к насилию, что усиливает этичность социальной рекламы, запрещая манипуляции.

Международные обязательства Таджикистана, включая Конвенцию ЮНЕСКО о защите и содействии разнообразию форм выражения культур (2005 г.), влияют на национальное регулирование, подчеркивая этические аспекты социальной рекламы[172]. Однако имплементация этих норм в таджикском законодательстве остается частичной, что отмечается в анализе 2023 г. Ст. 19 Закона о рекламе устанавливает квоты на размещение социальной рекламы (10% эфирного времени для СМИ), признавая ее благотворительной деятельностью с льготами, но лимиты недостаточны для полного охвата, особенно в регионах.

Социальная реклама в Таджикистане ориентирована на решение локальных проблем: борьбу с наркоманией, экологию Амударьи и гендерное равенство. Закон о рекламе (ст. 8) запрещает в социальной рекламе дискриминационные элементы, но не детализирует критерии

---

[168] Закон Республики Таджикистан от 1 августа 2003 г. № 34 «О рекламе» (с изменениями на 2025 г.). – Душанбе: Официальное издание Маджлиси Оли РТ, 2025.

[169] Шарипова З.С. Социальная реклама как инструмент государственного влияния на общественное сознание // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. – 2021. – № 3. – С.78.

[170] Эгамбердиева М.А. Роль социальной рекламы в формировании национальной идентичности // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – № 1. – С. 23.

[171] Рахимов А.С. Правовые аспекты регулирования рекламы в условиях цифровизации (на примере Республики Таджикистан): монография. – Душанбе: Ирфон, 2022. – С.15.

[172] Соибов З.М. Международные стандарты социальной рекламы и их имплементация в таджикском праве // Вестник ТГУПБП. – 2020. – № 2. – С. 55-68.

оценки эффективности кампаний[173]. По данным исследований, в 2022 г. более 60% социальных кампаний проводились через телевидение и радио, но отсутствие единого реестра приводит к дублированию усилий[174]. Анализ ст. 11-16 Закона о рекламе показывает ограничения на размещение (например, в радио/TV – не более 10% для государственных СМИ, ст. 11; наружная – с разрешения, ст. 14), которые обеспечивают приоритет социальной рекламы, но фрагментарны для соцсетей.

Ключевой особенностью является государственно-общественное партнерство: финансирование осуществляется из бюджета и НПО, с контролем со стороны Агентства по стандартизации и метрологии. В монографии 2021 г. подчеркивается, что отсутствие ответственности за неэффективную рекламу снижает ее воздействие на аудиторию[175]. Сравнительно с Казахстаном, где введены индикаторы оценки социальной рекламы, в Таджикистане такая система отсутствует[176]. Ст. 21 Закона о рекламе защищает несовершеннолетних от манипуляций, что актуально для социальной рекламы по профилактике вредных привычек.

Анализ зарубежного опыта показывает разнообразные подходы к правовому регулированию социальной рекламы, которые могут быть полезны для Таджикистана. В странах СНГ, включая Казахстан и Беларусь, нормы социальной рекламы интегрированы в общие законы о рекламе без отдельных актов. В Казахстане, согласно Правилам формирования и размещения социальной рекламы на обязательных теле- и радиоканалах (утв. приказом № 208 от 14.05.2019, с изменениями 2022 г.), предусмотрено не менее 10 выходов в сутки, что обеспечивает регулярный охват[177]. Ученые, такие как Акулин И. М. и Чеснокова Е. А., отмечают, что такая модель стимулирует государственное финансирование, но требует усиления контроля за эффективностью, предлагая модельный закон СНГ о социальной рекламе в сфере здорового образа жизни (2021 г.), где акцент на квотах 5-10% и запрете коммерческих элементов[178].

В США социальная реклама (Public Service Announcements, PSA) регулируется Федеральным законом о радио 1927 г. и деятельностью Федеральной комиссии по связи (FCC), обязывающей вещателей предоставлять бесплатное эфирное время в общественных интересах[179]. По мнению Билла Гудвилла, CEO Goodwill Communications, Inc., успех кампаний зависит от стратегического планирования, включая

---

[173] Шарипова З. С. Социальная реклама как инструмент государственного влияния на общественное сознание // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. – 2021. – № 3. – С. 80.

[174] Эгамбердиева М. А. Роль социальной рекламы в формировании национальной идентичности // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – № 1. – С. 25.

[175] Мирзоев Р.Х. Этические и правовые проблемы современной рекламы: монография / под ред. Р.Х. Мирзоева. – Душанбе: Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2021. – С.112.

[176] Соибов З. М. Международные стандарты социальной рекламы и их имплементация в таджикском праве // Вестник ТГУПБП. – 2020. – № 2. – С. 60.

[177] Акулин И. М. Социальная реклама в Казахстане: правовые аспекты // Вестник КазНУ. – 2022. – № 4. – С. 45.

[178] Чеснокова Е. А. Концепция модельного закона «О социальной рекламе в области здорового образа жизни» // Журнал российского права. – 2021. – № 6. – С.112.

[179] Мартынов С. В. Российский и зарубежный опыт использования социальной рекламы // Вестник МГУ. – 2020. – № 2. – С. 5-25.

исследования и оценку, как в антинаркотической программе 1993–2000 гг. стоимостью $1,777 млн[180]. Пост-2020 тенденции включают переход к гибридным моделям с платным размещением, что повышает охват в цифровой среде.

В Великобритании отсутствует специальное законодательство; социальная реклама финансируется из бюджета через Центральный офис информации (COI, 1946 г., бюджет €300 млн ежегодно), с самоуправлением отрасли[181]. Ученая Кэрол Фишер подчеркивает: «Социальная реклама — не промывание мозгов», акцентируя этические границы. В ЕС регулирование опирается на Директиву 2005/29/ЕС о недобросовестных практиках и Digital Services Act (DSA, 2022 г.), требующий прозрачности онлайн-рекламы, включая социальную, с запретом микротаргетинга для уязвимых групп[182]. Европейская ассоциация стандартов рекламы (EASA) продвигает саморегулирование, как отмечает Москвитин О. А. в анализе 2023 г., где подчеркивается баланс между свободой и защитой потребителей.

Проблемы возникают при трансграничном распространении: реклама в соцсетях (Instagram, Telegram) не регулируется специальными нормами (ст. 10 запрещает скрытую рекламу), что создает риски дезинформации. Исследование 2024 г. выявило, что 25% жалоб на рекламу касались социальной сферы из-за несоответствия культурным нормам. Ст. 6-9 Закона о рекламе запрещают недобросовестную, недостоверную, неэтичную и ложную рекламу, применяя эти нормы к социальной для предотвращения злоупотреблений.

Основные проблемы правового регулирования включают фрагментарность норм и слабый контроль за цифровыми платформами. Закон «Об информации» не охватывает алгоритмы рекомендаций в соцсетях, что затрудняет мониторинг социальной рекламы. Кроме того, низкий уровень финансирования (менее 1% от рекламного рынка) ограничивает охват. Анализ ст. 29-31 Закона о рекламе показывает механизмы контррекламы и ответственности, но они редко применяются к социальной рекламе.

Для решения предлагается внести изменения в Закон о рекламе, вводя обязательную сертификацию кампаний и создание Совета по социальной рекламе при Правительстве, опираясь на модель СНГ (2021 г.). Рекомендуется разработать методические указания по оценке эффективности, аналогично казахстанским индикаторам, и расширить квоты до 15% для онлайн-платформ, как в DSA ЕС. Повышение цифровой грамотности через образовательные программы, как предусмотрено в Концепции 2021-2025 гг., усилит воздействие рекламы. Ст. 27 Закона о рекламе возлагает контроль на уполномоченный орган (Антимонопольную службу), но для социальной рекламы нужна специализация, включая мониторинг онлайн.

---

[180] Мартынов С. В. Российский и зарубежный опыт использования социальной рекламы // Вестник МГУ. – 2020. – № 2. – С. 8.

[181] Там же. 9. – С. 20.

[182] 10. Москвитин О. А. Саморегулирование в рекламе: зарубежный опыт // Вестник ВШЭ. – 2023. – № 1. – С. 20-35.

Правовые основы социальной рекламы в Республике Таджикистан формируют основу для этичного влияния на общество, но требуют доработки для адаптации к цифровой эпохе. Закон о рекламе 2003 г. стал фундаментом, однако пробелы в регулировании онлайн-распространения и оценки эффективности тормозят развитие. Анализ норм показывает необходимость баланса между свободами (ст. 28 Конституции) и контролем (ст. 19 Закона), с учетом международного опыта (США, UK, ЕС, СНГ), где акцент на квотах, самоуправлении и оценке. Реализация предложенных мер позволит усилить роль социальной рекламы в достижении целей Национальной стратегии, способствуя гармоничному развитию общества.

Литература

1. Рахимов А. С. Правовые аспекты регулирования рекламы в условиях цифровизации (на примере Республики Таджикистан) : монография. – Душанбе : Ирфон, 2022. – 156 с.
2. Закон Республики Таджикистан от 1 августа 2003 г. № 34 «О рекламе» (с изменениями на 2025 г.). – Душанбе: Официальное издание Маджлиси Оли РТ, 2025.
3. Шарипова З.С. Социальная реклама как инструмент государственного влияния на общественное сознание // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. – 2021. – № 3. – С. 44-52.
4. Эгамбердиева М.А. Роль социальной рекламы в формировании национальной идентичности // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – № 1. – С. 22-30.
5. Соибов З.М. Международные стандарты социальной рекламы и их имплементация в таджикском праве // Вестник ТГУПБП. – 2020. – № 2. – С. 55-68.
6. Мирзоев Р.Х. Этические и правовые проблемы современной рекламы: монография / под ред. Р.0Х. Мирзоева. – Душанбе: Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2021. – 145 с.
7. Акулин И. М. Социальная реклама в Казахстане: правовые аспекты // Вестник КазНУ. – 2022. – № 4. – С. 40-50.
8. Чеснокова Е. А. Концепция модельного закона «О социальной рекламе в области здорового образа жизни» // Журнал российского права. – 2021. – № 6. – С. 100-120.
9. Мартынов С. В. Российский и зарубежный опыт использования социальной рекламы // Вестник МГУ. – 2020. – № 2. – С. 5-25.
10. Москвитин О. А. Саморегулирование в рекламе: зарубежный опыт // Вестник ВШЭ. – 2023. – № 1. – С. 20-35.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 20.11.2025
Аз тақриз баргашт: 25.11.2025
Ба чоп тавсия шуд: 25.12.2025

БАСТАНИ ШАРТНОМАҲО ОИД БА БАҲОДИҲИИ МОЛУ МУЛК

Хоҷаева Рухшона Муминҷоновна,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултаи ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат.
Телефон: (+992) 934-09-05-80
E-mail: rukhshona.hojaeva80@.gmail.com

Роҳбари илмӣ: Шонасридинов Н., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

Фишурда: Мақолаи мазкур ба таҳлили заминаи ҳуқуқии бастани шартномаи баҳодиҳии молу мулк дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» ва Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб, шакл ва шартҳои муҳими шартномаро баррасӣ намуда, мушкилоти амалии татбиқи онҳо, аз ҷумла набудани шакли намунавии шартнома, нокифоягии саводнокии ҳуқуқии иштирокчиён ва номукаммалии танзими ҳуқуқиро нишон медиҳад. Дар асоси таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ, пешниҳодҳо ҷиҳати такмили заминаи ҳуқуқӣ, рақамисозии раванд ва омӯзиши ҳуқуқии иштирокчиён пешниҳод мегарданд.

Калидвожаҳо: Шартномаи баҳодиҳӣ, заминаи ҳуқуқӣ, шакли шартнома, Қонун, Кодекси маданӣ, баҳодиҳӣ, иҷозатнома, мушкилоти ҳуқуқӣ, шакли намунавӣ, саводнокии ҳуқуқӣ

ЗАКЛЮЧЕНИЕ ДОГОВОРА ОБ ОЦЕНКИ ИМУЩЕСТВА

Ходжаева Рухшона Муминджоновна,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, старший преподаватель кафедры предпринимательского и коммерческог права
Телефон: (+992) 934-09-05-80
E-mail: rukhshona.hojaeva80@.gmail.com

Научный руководитель: Шонасридинов Н., кандидат юридических наук, доцент

Аннотация: В статье рассматриваются правовые основы заключения договора об оценке имущества в Республике Таджикистан. Автор анализирует нормы Закона «О оценочной деятельности» и Гражданского кодекса РТ, выделяя обязательные элементы договора, его форму и порядок заключения. Отмечаются ключевые проблемы правового регулирования — отсутствие типовой формы договора, низкая правовая

грамотность сторон и пробелы в законодательстве. В качестве решения предложены меры по унификации, цифровизации процессов и проведению обучающих программ на основе международного опыта.

Ключевые слова: Договор об оценке, правовое регулирование, типовая форма, Закон, Гражданский кодекс, лицензия оценщика, правовая грамотность, обязательные условия, цифровизация, правовая реформа

CONCLUSION OF A PROPERTY VALUATION CONTRACT

Khojaeva Rukhshona Muminjonovna,
Tajik National University, Faculty of Law**,** Senior Lecturer Department of Business and Commercial Law
Телефон: (+992) 934-09-05-80
E-mail: rukhshona.hojaeva80@.gmail.com

Scientific Researcher: Shonasridinov N., docent

Annotation: This article analyzes the legal framework for concluding property valuation contracts in the Republic of Tajikistan. Based on the Law «On Valuation Activity» and the Civil Code, the author outlines the required form and essential conditions of such contracts, while identifying key challenges such as the lack of a standardized contract template, insufficient legal awareness among parties, and gaps in regulatory provisions. Drawing on international best practices, the article proposes solutions including legal unification, digitalization of procedures, and the implementation of legal literacy programs.

Keywords: Valuation contract, legal framework, standard contract form, Law, Civil Code, appraiser's license, legal literacy, essential conditions, legal reform, digitalization

Асосҳои ҳуқуқии бастани шартнома оид ба баҳодиҳии молу мулк дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» аз 7 августи соли 2020, №1720 (бо тағйиру иловаҳо аз 2 январи соли 2025, №2135), инчунин Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, махсусан моддаҳои 859-864, боби 43 муайян карда мешаванд. Мутобиқи санадҳои зикршуда, шартномаи баҳодиҳии молу мулк ҳамчун як намуди шартномаи хизматрасонии музднок ба ҳисоб меравад[183].

Таҳлили табиати ҳуқуқии ин шартнома имкон медиҳад, ки моҳият, талаботи асосӣ ба мазмуни он муайян карда шавад ва аҳаммияти он дар заминаи фаъолияти иқтисоди бозории Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳогузорӣ гардад[184].

Раванди бастани шартномаи баҳодиҳии молу мулк марҳилаҳои ба даст овардани мувофиқа миёни баҳодиҳанда ва фармоишгар оид ба

[183] Ниг: Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022. – С. 392-393.
[184] Ниг: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» аз 7 августи соли 2020, №1720. – С. 10.

шартҳои муҳимми шартнома, таҳия ва тасдиқи он дар шакли хаттӣ ва риояи талаботи қонунгузориро дар бар мегирад. Хусусан, моддаи 11 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» муқаррар мекунад, ки шартнома оид ба гузаронидани баҳодиҳии объект асоси ҳатмӣ барои амалисозии фаъолияти баҳодиҳӣ буда, миёни баҳодиҳанда ва фармоишгар ё намояндаи ваколатдори ӯ баста мешавад[185].

Мутобиқи моддаи 18 ҳамин Қонун, шартнома ҳатман дар шакли хаттӣ тартиб дода мешавад ва бояд як қатор шартҳои ҳатмиро дар бар гирад, аз ҷумла маълумот дар бораи тарафҳо, объекти баҳодиҳӣ, намуди баҳодиҳӣ, муҳлати гузаронидани баҳодиҳӣ, уҳдадории тарафҳо ва мавҷудияти иҷозатнома (литсензия)-и баҳодиҳанда[186].

Моддаи 859 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон шартномаи хизматрасонии муздикро ҳамчун шартномае муайян мекунад, ки дар доираи он иҷрокунанда уҳдадор мешавад бо супориши фармоишгар хизмат расонад (амалҳои муайянеро анҷом диҳад, ки ба мазмуни уҳдадорӣ мутобиқанд), фармоишгар бошад, уҳдадор мешавад арзиши ин хизматрасониро пардохт намояд[187]. Ин ҳолат хусусияти консенсуалӣ доштани шартномаи мавриди назарро таъкид мекунад.

Дар адабиёти илмӣ, зикр мегардад, ки бастани шартномаи баҳодиҳии молу мулк ба даст овардани мувофиқаи тарафҳо оид ба предмети шартномаро дар назар дорад[188]. Предмети шартнома амалҳои касбии баҳодиҳанда мебошад, ки ба таҳияи ҳисоботи баҳодиҳӣ равона шудаанд ва он бояд ба талаботи моддаи 19 Қонун ҷавобгӯ бошад[189].

Асосҳои ҳуқуқии бастани шартномаи баҳодиҳии молу мулк дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар боло зикр гардида ва Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон мустахкам шудаанд.

Моддаи 11 Қонуни мазкур уҳдадории бастани шартномаро барои ҳама намудҳои баҳодиҳӣ муқаррар мекунад, ки ба он ҳам баҳодиҳии ташаббусӣ ва ҳам баҳодиҳии ҳатмӣ, ки дар моддаи 17 пешбинӣ шудаанд (масалан, дар ҳолатҳои хусусигардонӣ ё андозбандӣ), дохил мешаванд[190].

Дар моддаи 18 Қонун “Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ” унсурҳои ҳатмии шартнома муфассал танзим шудаанд, ки дар миёни онҳо шартҳои махфият ва суғуртаи ҷавобгарии баҳодиҳанда (ки дар моддаи 24 танзим шудааст) ҷой дода шудаанд. Ин ҳолат аҳаммияти ҷамъиятии ин институти ҳуқуқиро таъкид менамояд[191].

---

[185]Ниг: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» аз 7 августи соли 2020, №1720 С-14.

[186]Ниг: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» аз 7 августи соли 2020, №1720. С-16.

[187]Ниг: Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, С-392.

[188]Ниг: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» аз 7 августи соли 2020, №1720 С-18.

[189]Ниг: Сангинов, Д.Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ / Д.Ш. Сангинов, П.З. Мирзоев. – Душанбе: Андалеб, 2015. –104 с.

[190]Ниг: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» аз 7 августи соли 2020, №1720.С 14-15.

[191]Ниг:Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» аз 7 августи соли 2020, №1720 С16, 21.

Мушкилоти мавҷудаи танзими ҳуқуқии бастани шартномаи баҳодиҳӣ бо набудани шакли ягонаи намунавӣ ва тафсири нокифояи меъёрҳои ҳуқуқӣ вобаста мебошанд. Гарчанде моддаи 18 Қонуни мазкур шакли хаттӣ ва мавҷудияти як қатор шартҳои ҳатмии шартномаро талаб мекунад, набудани шакли стандартизатсияшуда ба гуногуншаклӣ дар таҳияи шартномаҳо оварда мерасонад, ки ин вазъ санҷиш ва ягонасозии онҳоро душвор мегардонад[192].

Илова бар ин, меъёрҳои моддаҳои 859-864 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои фаъолияти баҳодиҳиро ба ҳисоб намегиранд, ки ин ҳолат доираи татбиқи онҳоро маҳдуд месозад, махсусан дар ҳолатҳои баҳодиҳии ҳатмӣ, ки дар моддаи 17 Қонуни мазкур пешбинӣ шудааст[193].

Таҳлили таҷрибаи судӣ, махсусан дар доираи татбиқи моддаи 27 ин Қонун, нишон медиҳад, ки манбаи асосии баҳсҳо таърифи нодурусти объекти баҳодиҳӣ ё намуди арзиш мебошад[194]. Ин ҳолат зарурати ягонасозӣ ва мушаххассозии минбаъдаи танзими ҳуқуқиро собт мекунад.[195]

Ғайр аз ин, сатҳи пасти саводнокии ҳуқуқии тарафҳо, бахусус фармоишгарон, ҷараёни бастани шартномаро душвор мегардонад. Ин ҳолат зарурати татбиқи барномаҳои маърифати ҳуқуқиро талаб менамоя[196].

Бастани шартномаи баҳодиҳии молу мулк, ки аз рӯйи моддаҳои 11, 18, 19, 21, 24–26 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ” ва Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим мегардад, раванди расмияте мебошад, ки ба даст овардани мувофиқаи тарафҳоро дарбар мегирад. Бо вуҷуди ин, самаранокии ин механизм бо номукамаллии заминаи меъёрӣ ва сатҳи пасти фарҳанги ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ маҳдуд мегардад[197].

Аз ин рӯ, ягонасозии талаботи ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани огоҳии тарафҳо бо дарназардошти таҷрибаи байналмилалӣ тадбирҳои зарурӣ барои таҳкими асоси ҳуқуқии шартномаи баҳодиҳии молу мулк дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд.

Шакл ва шартҳои муҳими шартномаи баҳодиҳии молу мулк дар Тоҷикистон унсурҳои калидие мебошанд, ки эътибори ҳуқуқӣ, шаффофият ва мутобиқати онро бо талаботи қонунгузории амалкунанда таъмин менамоянд. Ин ҷанбаҳо тартиби расмӣ намудани созишнома миёни баҳодиҳанда ва фармоишгарро танзим карда, мазмуни ӯҳдадориҳои мутақобилаи онҳоро муайян месозанд, ки барои қонунияти анҷом додани

---

[192] Ниг:Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» аз 7 августи соли 2020, №1720 С-16.

[193] Ниг: Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, С-392.

[194] Ниг:Раҳимзода, М.З. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ / М.З. Раҳимзода, Д.Ш. Сангинов. – Душанбе, 2021. – 301 с.

[195] Ниг:Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» аз 7 августи соли 2020, №1720 С-16.

[196]Ниг: Сангинзод, Д.Ш. Пешвои миллат ва соли маърифати ҳуқуқӣ. Монография / Д.Ш. Сангинзод, К.Ш. Сангинов. – Душанбе: Балоғат, 2024. – 285 с.

[197] Ниг:Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» аз 7 августи соли 2020, №1720 С-14; 19.

баҳодиҳӣ дар соҳаҳои муносибатҳои маданӣ, андозбандӣ ва хусусигардонӣ аҳаммияти ҳаётан муҳим доранд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» аз 7 августи соли 2020 ва Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаҳои 859-864, боби 43) талабот ба шакли шартнома ва шартҳои муҳими онро муайян мекунанд ва ҳамин шартномаро ҳамчун як навъи шартномаи музднок оид ба хизматрасонӣ ҷудо мекунанд[198].

Таҳлили талабот ба шакл ва шартҳои муҳимми шартнома имкон медиҳад, ки моҳияти ҳуқуқии онҳо, аҳаммияти амалӣ ва мушкилоти татбиқ дар шароити иқтисоди бозорӣ муайян карда шавад.

Шакли шартномаи баҳодиҳии молу мулк бо қонунгузорӣ қатъиян танзим шудааст. Хусусан, моддаи 18 Қонуни зикр шуда ҳатми будани шакли хаттии шартномаро муқаррар менамояд, ки шарти зарурии эътибори ҳуқуқии он ба ҳисоб меравад. Тартиб додани шартнома дар шакли хаттӣ равшанӣ ва имконияти санҷиши шартҳои онро таъмин мекунад, ки ин ҳолат барои ҳолатҳои баҳодиҳии ҳатмӣ, ки дар моддаи 17 ҳамин қонун пешбинӣ шудаанд, аз ҷумла дар расмиёти хусусигардонӣ, андозбандӣ ё милликунонӣ, хеле муҳим мебошад[199].

Ҳамзамон, моддаи 859 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи махсусро нисбат ба шакли шартномаи хизматрасонии музднокро дар бар намегирад, аммо бастани онро дар шакли хаттӣ барои шартномаҳо бо иштироки шахсони ҳуқуқӣ ё дар ҳолати уҳдадориҳои назаррас пешбинӣ мекунад, ки бо меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» ҳамоҳанг мебошад.

Ба андешаи Д.Ш. Сангинов, шакли хаттии шартнома ҳамчун воситаи муҳими ҳимояи манфиатҳои тарафҳо хизмат мекунад. Бо вуҷуди ин, набудани шакли намунавӣ, ки дар моддаи 18 Қонуни мазкур пешбинӣ шудааст, боиси гуногунрангии созишномаҳои шартномавӣ мегардад ва ин ҳолат истифодаи ягонаи онҳоро дар амалия душвор месозад[200].

Таъҷрибаи судӣ исбот мекунад, ки риоя накардани шакли хаттии шартнома метавонад асос барои беэътибор донистани он гардад, ки ин аҳаммияти ин талаботро боз ҳам таъкид менамояд.

Шартҳои муҳими шартномаи баҳодиҳии молу мулк мазмуни онро муайян мекунанд ва барои ба даст овардани мувофиқаи мутақобилаи тарафҳо ҳатмӣ ба ҳисоб мераванд. Мувофиқи моддаи 18 Қонуни зикр шуда, ба шартҳои муҳими шартнома дохил мешаванд:

1) шакли ташкилию ҳуқуқии баҳодиҳанда ва фармоишгар, суроғаи ҳуқуқии онҳо;

2) номи объекти баҳододашаванда, маҳалли ҷойгиршавии он;

3) муҳлат ва санаи гузаронидани баҳодиҳӣ;

4) уҳдадориҳои тарафҳо;

---

198 Ниг:Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» аз 7 августи соли 2020, №1720 С-22.;Ниг: Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, С-392.

199 Ниг:Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» аз 7 августи соли 2020, №1720 С-21.

200 Ниг:Сангинов, Д.Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ / Д.Ш. Сангинов, П.З. Мирзоев. – Душанбе: Андалеб, 2015. –104 с.

5) асос барои бастани шартнома оид ба гузаронидани баҳодиҳии объекти баҳодиҳӣ;

6) намуди баҳодиҳии объекти баҳодиҳӣ;

7) намуди арзиши объекти баҳодиҳӣ;

8) ҳаққи хизматрасонии баҳодиҳанда;

9) суғуртаи ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии баҳодиҳанда;

10) шартҳои махфияти баҳодиҳӣ;

11) маълумоти ҳуҷҷати тасдиққунандаи ҳуқуқи моликияти фармоишгар ба объекти баҳодиҳӣ ё асосҳои дигаре, ки ба фармоишгар барои бастани шартнома оид ба гузаронидани баҳодиҳии объекти баҳодиҳӣ ҳуқуқ медиҳанд;

12) доштани иҷозатнома барои амалӣ намудани фаъолияти баҳодиҳӣ, бо нишон додани рақами тартибӣ, санаи додан, муҳлати эътибор ва мақоме, ки иҷозатномаро додааст[201].

Дар навбати худ, моддаи 860 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон мавзуи шартномаро - амалҳои баҳодиҳанда оид ба муайян кардани арзиш - ҳамчун шарти муҳим эътироф мекунад, ки ба бандҳои 2 ва 7 моддаи 18 Қонуни мазкур мувофиқат мекунад. Ғайр аз ин, моддаи 862 Кодекси маданӣ муқаррар менамояд, ки шартҳои пардохт, ки дар банди 8 моддаи 18 Қонуни ифода ёфтаанд, низ ба шартҳои муҳими шартнома дохил мешаванд[202].

Ба андешаи М.З. Раҳимзода, номгӯйи васеи шартҳое, ки дар моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» муқаррар шудааст, ба расмият даровардани шартнома мусоидат менамояд, аммо доираи васеи онҳо ҷараёни мувофиқаи шартҳоро махсусан барои шахсони воқеӣ душвор мегардонад[203].

Тартиби бастани шартномаи баҳодиҳии молу мулк дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванде мебошад, ки ба даст овардани мувофиқаи мутақобилаи тарафҳо, таҳия намудани созишномаи хаттӣ ва риояи талаботи ҳатмӣ, аз ҷумла доштани иҷозатномаи баҳодиҳандаро дар бар мегирад. Ин раванд асоси ҳуқуқиро барои гузаронидани баҳодиҳии молу мулк, ки дар муомилоти маданӣ, андозбандӣ, хусусигардонӣ ва дигар амалиёти иқтисодӣ татбиқ мегардад, ташкил медиҳад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» ва Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби бастани шартнома ва нақши иҷозатномадиҳиро танзим намуда, аҳаммияти онҳоро барои таъмини қонуният ва сатҳи баланди касбӣ дар соҳаи фаъолияти баҳодиҳӣ таъкид мекунанд[204].

Раванди бастани шартнома аз ба даст овардани мувофиқаи тарафҳо оид ба шартҳои муҳим оғоз мешавад, ки дар моддаи 18 Қонун зикр

---

[201] Ниг:Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» аз 7 августи соли 2020, №1720 С-16.

[202] Ниг: Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, С-392

[203] Ниг:Раҳимзода, М.З. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ / М.З. Раҳимзода, Д.Ш. Сангинов. – Душанбе, 2021. –88 с.

[204] Ниг: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» аз 7 августи соли 2020, №1720 С-10.; Ниг: Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, С-392

шудаанд. Ба ин шартҳо дохил мешаванд: тавсифи объекти баҳодиҳӣ, намуди арзиши объекти баҳодиҳӣ, муҳлати иҷро, ҷавобгарии тарафҳо, ҳаққи хизматрасонии баҳодиҳанда ва маълумот дар бораи иҷозатномаи баҳодиҳанда.

Моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ” шартномаро ҳамчун асоси амалисозии баҳодиҳӣ муайян карда, уҳдадории бастани онро дар шакли хаттӣ миёни баҳодиҳанда ва фармоишгар ё намояндаи ваколатдори ӯ муқаррар менамояд. Дар навбати худ, моддаи 859 Кодекси маданӣ шартномаро ҳамчун созишномаи консенсуалӣ тавсиф мекунад, ки мувофиқаи тарафҳо оид ба мавзӯи шартнома — амалҳои баҳодиҳанда, ки ба таҳияи ҳисобот мувофиқи моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» равона шудаанд, талаб мекунад.

Тартиби бастани шартнома марҳилаҳои зеринро дар бар мегирад:

1) музокироти тарафҳо оид ба муайян кардани шартҳои шартнома; 2) таҳияи матни хаттии созишнома; 3) имзо гузоштани ҳуҷҷат аз ҷониби тарафҳо; 4) супоридани нусхаи имзошуда ба фармоишгар.

Танзими тартиби бастани шартномаи баҳодиҳии молу мулк ва нақши иҷозатномадиҳии баҳодиҳанда, ки дар моддаҳои 11, 12, 13, 18, 19, 21, 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» ва моддаҳои 859-860 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, асоси ҳуқуқии фаъолияти баҳодиҳиро ташкил медиҳад. Бо вуҷуди ин, ин раванд бо мушкилоти бюрократӣ ва набудани шакли намунавии шартнома алоқаманд аст[205]. Аз ин рӯ, соддасозии тартиб, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ва ягонасозии шартҳои шартнома бо дарназардошти таҷрибаи байналмилалӣ тадбирҳои зарурӣ барои баланд бардоштани самаранокии бастани шартномаҳои баҳодиҳии молу мулк дар Тоҷикистон маҳсуб меёбанд.

Набудани шакли намунавии шартнома яке аз мушкилоти асосӣ дар танзими ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Моддаи 18 Қонуни мазкур бастани шартномаро дар шакли хаттӣ талаб мекунад ва номгӯйи шартҳои ҳатмиро, аз ҷумла тавсифи объекти баҳодиҳӣ, намуди баҳодиҳии объекти баҳодиҳӣ, муҳлати иҷро, ҷавобгарии тарафҳо ва маълумот дар бораи иҷозатномаи баҳодиҳандаро дар бар мегирад. Аммо шакли ягонаи намунавии ҳуҷҷатро пешбинӣ намекунад, ки ин ҳолат ба гуногунрангии созишномаҳои шартномавӣ оварда мерасонад. Ин вазъ тартиби санҷиши шартномаҳоро душвор мегардонад, бахусус дар ҳолатҳои баҳодиҳии ҳатмӣ, ки дар моддаи 17 пешбинӣ шудаанд, масалан, дар хусусигардонӣ ё андозбандӣ[206].

Ба андешаи Д.Ш. Сангинов, набудани шакли намунавӣ ба расмиёти шартнома монеъ мешавад ва хавфи ба вуҷуд омадани баҳсҳоро зиёд мекунад. Ин баҳсҳо, ки дар моддаи 27 Қонуни дар боло зикр гардида инъикос ёфтаанд, бештар ба нодуруст муайян кардани шартҳо, аз ҷумла

---

[205] Ниг: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» аз 7 августи соли 2020, №1720 С-14-18..

[206] Ниг:Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» аз 7 августи соли 2020, №1720 С-14.

навъи арзиш ё муҳлати гузаронидани баҳодиҳӣ, вобаста мебошанд[207]. Таҷрибаи судӣ низ тасдиқ мекунад, ки мувофиқат накардани пурраи шартҳои муҳим, бахусус набудани маълумот дар бораи иҷозатномаи баҳодиҳанда (банди 12 моддаи 18), аксар вақт боиси беэътибор донистани шартномаҳо мегардад[208].

Ҳамзамон, ҳамчун намунаи мусбӣ таҷрибаи Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ оварда мешавад, ки дар он ассотсиатсияҳои касбӣ шаклҳои намунавии шартномаҳоро тасдиқ намудаанд. Ин шаклҳо бо платформаҳои рақамӣ ҳамгиро шудаанд, ки ба ягонасозӣ ва баланд бардоштани шаффофияти тартиби бастани шартномаҳо мусоидат менамоянд[209].

Сатҳи пасти саводнокии ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои шартномавӣ мувофиқаи шартҳои шартномаҳои баҳодиҳии молу мулкро душвор мегардонад. Мувофиқи моддаи 26 Қонун, фармоишгар уҳдадор аст, ки ҳуҷҷатҳои боэътимод пешниҳод намояд. Бо вуҷуди ин, шахсони воқеӣ аксар вақт аз уҳдадориҳои худ огоҳ нестанд, ки ин боиси таъхир дар иҷро ва пайдоиши баҳсҳо мегардад[210].

Ҳамзамон, баҳодиҳандагон, сарфи назар аз талаботи моддаи 13, ки ба сатҳи тахассус марбут аст, баъзан аз меъёрҳои муосири баҳодиҳӣ иттилооти кофӣ надоранд. Ин ҳолат ба сифати музокирот ва таҳияи шартномаҳо таъсири манфӣ мерасонад[211]. Таҷрибаи Ҳиндустон, ки дар он барномаҳои омӯзишӣ барои баланд бардоштани огоҳии ҳуқуқии ҳам фармоишгарон ва ҳам баҳодиҳандагон амалӣ мегарданд[212], зарурати ҷорӣ намудани чунин тадбирҳоро дар доираи Соли маърифати ҳуқуқӣ (2024) дар Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

Мушкилоти танзими ҳуқуқии бастани шартномаи баҳодиҳии молу мулк дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз қабили набудани шакли намунавии шартнома, нокифоя будани тафсири меъёрҳои Кодекси маданӣ (моддаҳои 859-864, боби 43), монеаҳои бюрократӣ дар иҷозатномадиҳӣ ба баҳодиҳандагон ва сатҳи пасти саводнокии ҳуқуқии тарафҳо, самаранокии ин механизми ҳуқуқиро ба таври назаррас коҳиш медиҳанд[213]. Бартараф намудани ин монеаҳо бо дарназардошти таҷрибаи байналмилалӣ метавонад ба таҳкими асоси ҳуқуқии бастани шартномаҳои баҳодиҳии молу мулк дар Тоҷикистон мусоидат намояд.

---

[207]Ниг:Сангинов, Д.Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ / Д.Ш. Сангинов, П.З. Мирзоев. – Душанбе: Андалеб, 2015. –116 с.;Ниг:Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» аз 7 августи соли 2020, №1720 С-23.

[208]Ниг:Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2007 № 172 «Дар бораи тасдиқи Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият». – Душанбе: АДЛИА, 2007. – 60 с.

[209]Ниг:Қонунгузории Кореяи Ҷанубӣ “Санади арзёбии амволи ғайриманқул” (2016, бо ислоҳи соли 2024). Сеул: 2024. – 50 с.

[210]Ниг:Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» аз 7 августи соли 2020, №1720 С-22

[211]Ниг:Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» аз 7 августи соли 2020, №1720 С-14.

[212] Ниг: Санади ширкатҳо, 2013 (таври ислоҳ дар соли 2024). Деҳлии Нав: Газетаи Ҳиндустон, 2024. – 300 с.

[213] Ниг:Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» аз 7 августи соли 2020, №1720 С-22.; Ниг: Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, С-392

Танзими ҳуқуқии шартномаи баҳодиҳии молу мулк заминаи ҳамкории баҳодиҳанда ва фармоишгарро фароҳам меорад, аммо бо мушкилоте рӯ ба рӯ мешавад, ки шаффофият ва қонунияти баҳодиҳиро дар муомилоти маданӣ, андозбандӣ ва хусусигардонӣ маҳдуд месозанд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» ва Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи меъёриро ташкил медиҳанд, ки ниёз ба муосиргардонӣ ва такмили татбиқи амалиро доранд. Таҳия ва ҷорӣ намудани роҳҳои такмилдиҳӣ, ки хусусиятҳои миллӣ ва таҷрибаи пешрафтаи байналмилалиро ба назар мегиранд, метавонад сифати танзими ҳуқуқиро баланд бардорад. Ин масъала махсусан дар доираи Соли маърифати ҳуқуқӣ (2024) аҳаммияти хос пайдо намуд.[214]

Яке аз роҳҳои муассири ҳалли мушкили гуногуншаклии шартномаҳо тасдиқи шакли намунавии шартномаи баҳодиҳии молу мулк мебошад. Бо вуҷуди он ки моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» шакли хаттӣ ва номгӯйи шартҳои ҳатмиро (аз ҷумла тавсифи объект, намуди арзиши объекти баҳодиҳӣ, муҳлат ва маълумот дар бораи иҷозатномаи баҳодиҳанда) муқаррар менамояд, набудани шакли намунавӣ боиси гуногунрангии назарраси созишномаҳо мегардад, ки ин ҳолат санҷиши ҳуқуқӣ ва истифодаи ягонаи онҳоро душвор месозад[215].

Ба андешаи Д.Ш. Сангинов, зарур аст, ки шакли намунавии шартнома таҳия карда шавад ва онро Кумитаи давлатии сармоягузорӣ тасдиқ намояд. Ин шакл бояд ҳамаи шартҳои ҳатмии моддаи 18-ро дар бар гирад ва ба стандартҳои миллӣ, ки дар моддаи 9 Қонун пешбинӣ шудаанд, мутобиқ бошад[216]. Чунин ягонасозӣ тартиби бастани шартномаҳоро осонтар мегардонад, бахусус дар ҳолатҳои баҳодиҳии ҳатмӣ, ки дар моддаи 17 танзим шудаанд (масалан, дар хусусигардонӣ)[217].

Таҷрибаи Кореяи Ҷанубӣ, ки дар он ассотсиатсияҳои касбӣ шаклҳои намунавии шартномаҳоро таҳия намудаанд ва онҳо бо платформаҳои рақамӣ ҳамгиро шудаанд, самаранокии баланди чунин муносибатро тасдиқ менамояд[218]. Барои татбиқи чунин пешниҳод қабул намудани санади зерқонунӣ ва мутобиқсозии он бо талаботи моддаи 19 ин Қонун, ки ба мазмуни ҳисоботи баҳодиҳӣ дахл дорад, зарур мебошад[219].

Баланд бардоштани саводнокии ҳуқуқии тарафҳо тавассути барномаҳои таълимии махсус метавонад сатҳи нокифояи огоҳиро, ки ба самаранокии бастани шартномаи баҳодиҳии молу мулк монеъ мешавад, ба таври назаррас коҳиш диҳад. Мувофиқи моддаи 26 Қонун, фармоишгар уҳдадор аст, ки ҳуҷҷатҳои заруриро пешниҳод намояд. Бо вуҷуди ин,

---

[214]Ниг: Сангинзод, Д.Ш. Пешвои миллат ва соли маърифати ҳуқуқӣ. Монография / Д.Ш. Сангинзод, К.Ш. Сангинов. – Душанбе: Балоғат, 2024. – 285 с.

[215]Ниг:Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» аз 7 августи соли 2020, №1720 С-12.

[216]Ниг:Сангинов, Д.Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ / Д.Ш. Сангинов, П.З. Мирзоев. – Душанбе: Андалеб, 2015. –108 с.

[217]Ниг:Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» аз 7 августи соли 2020, №1720 С-13, 16..

[218]Ниг:Қонунгузории Кореяи Ҷанубӣ “Санади арзёбии амволи ғайриманқул” (2016, бо ислоҳи соли 2024). Сеул: 2024. – 47 с.

[219]Ниг:Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» аз 7 августи соли 2020, №1720 С-13, 18..

шахсони воқеӣ аксар вақт аз ӯҳдадориҳои худ огоҳ нестанд, ки ин боиси таъхир ва мушкилот дар ҷараёни баҳодиҳӣ мегардад[220].

Баҳодиҳандагон, сарфи назар аз талаботи моддаи 13 Қонун, аксар вақт аз стандартҳои байналмилалии баҳодиҳӣ (IVS) огоҳии кофӣ надоранд, ки ба сифати ҳисоботҳо таъсири манфӣ мерасонад. Ба андешаи баъзе аз олимон, зарур аст, ки барномаҳои таълимӣ ҷорӣ карда шаванд, ки ҳам ба фармоишгарон ва ҳам ба баҳодиҳандагон равона бошанд ва меъёрҳои моддаҳои 18, 21 ва 26 Қонунро шарҳ диҳанд[221]. Таҷрибаи Ҳиндустон, ки дар он ассотсиатсияҳои касбӣ курсҳои боло бурдани саводнокии ҳуқуқиро барои ҳамаи иштирокчиёни раванди баҳодиҳӣ ташкил мекунанд, самаранокии чунин ташаббусҳоро нишон медиҳад[222]. Барои амалӣ шудани ин чора дар Тоҷикистон таъсиси Маркази миллии омӯзишӣ, ки бо дастгирии ташкилотҳои худтанзимкунанда (СРО) фаъолият кунад, мувофиқ ба назар мерасад.

Амалӣ намудани ин тадбирҳо муносибати мукаммалро тақозо мекунад. Тасдиқи шакли намунавии шартномаи баҳодиҳии молу мулк метавонад тавассути санади зерқонунӣ, ки бо муқаррароти Қонуни №1720 мутобиқ карда мешавад, амалӣ гардад[223]. Тафсири дақиқи меъёрҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан моддаҳои 859-864, боби 43, ташаббуси қонунгузориро талаб мекунад ва метавонад аз таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ, масалан Олмон, истифода кунад[224].

Рақамигарднии раванди иҷозатномадиҳӣ ба баҳодиҳандагон ва бастани шартномаҳо метавонад тавассути шарикӣ байни давлат ва бахши хусусӣ амалӣ гардад, ки ин таҷриба дар Австралия самаранок истифода мешавад[225]. Ташкили барномаҳои таълимиро метавон ба зиммаи ташкилотҳои худтанзим бо ҷалби дастгирии грантӣ гузошт. Чунин таҷриба дар Ҳиндустон бомуваффақият татбиқ мегардад.[226] Мушкилоти эҳтимолии татбиқи онҳо, ки бо маҳдудияти захираҳо алоқаманданд, метавонанд тавассути ҳамкориҳои байналмилалӣ ва мубодилаи таҷриба бартараф карда шаванд.

Ҳамин тавр, роҳҳои такмили танзими ҳуқуқии бастани шартномаи баҳодиҳии молу мулк, аз ҷумла тасдиқи шакли намунавӣ мувофиқи моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ”, тафсири муфассали меъёрҳои дахлдори Кодекси маданӣ, рақамигардонии расмиёт ва баланд бардоштани саводнокии ҳуқуқии иштирокчиён – баҳри

---

220 Ниг:Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» аз 7 августи соли 2020, №1720 С-22.

221 Ниг:Сангинзод, Д.Ш. Пешвои миллат ва соли маърифати ҳуқуқӣ. Монография / Д.Ш. Сангинзод, К.Ш. Сангинов. – Душанбе: Балоғат, 2024. – 216 с.

222 Ниг: Санади ширкатҳо, 2013 (таври ислоҳ дар соли 2024). Деҳлии Нав: Газетаи Ҳиндустон, 2024. – 300 с.

223 Ниг:Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» аз 7 августи соли 2020, №1720 С-16.

224 Ниг:Санади танзими арзиши амволи ғайриманқули Олмон (Immobilienwertermittlungsverordnung – ImmoWertV, 2021). – Берлин: Бундесгесетзблатт, 2021. – 90 с.

225 Ниг: Закон Австралии «О профессиональных стандартах оценки» (Valuation of Land Act 1916, с изм. от 2023 года). – Сидней: NSW Legislation, 2023. – 68.

226 Ниг: Санади ширкатҳо, 2013 (таври ислоҳ дар соли 2024). Деҳлии Нав: Газетаи Ҳиндустон, 2024. – 300 с.

бартарафсозии камбудиҳо ва маҳдудиятҳои мавҷуда равона шудаанд[227]. Амалӣ шудани онҳо, самаранокии тартиби бастани шартномаҳоро баланд мебардорад ва ба таҳкими эътимод ба фаъолияти баҳодиҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад[228].

Адабиёт:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» аз 7 августи соли 2020, №1720 (бо тағйиру иловаҳо аз 2 январи соли 2025, №2135).
2. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022;
3. Сангинов, Д.Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ / Д.Ш. Сангинов, П.З. Мирзоев.– Душанбе: Андалеб, 2015.– 600 с.
4. Раҳимзода, М.З. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ / М.З. Раҳимзода, Д.Ш. Сангинов. – Душанбе, 2021. – 400 с.
5. Сангинзод, Д.Ш. Пешвои миллат ва соли маърифати ҳуқуқӣ. Монография / Д.Ш. Сангинзод, К.Ш. Сангинов. – Душанбе: Балоғат, 2024. – 304 с.
6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2007 № 172 «Дар бораи тасдиқи Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият». – Душанбе: АДЛИА, 2007.;
7. Қонунгузории Кореяи Ҷанубӣ “Санади арзёбии амволи ғайриманқул” (2016, бо ислоҳи соли 2024). Сеул: 2024;
8. Санади ширкатҳо, 2013 (таври ислоҳ дар соли 2024). Деҳлии Нав: Газетаи Ҳиндустон, 2024.;
9. Санади танзими арзиши амволи ғайриманқули Олмон (Immobilienwertermittlungsverordnung – ImmoWertV, 2021). – Берлин: Бундесгесетзблатт, 2021.
10. Закон Австралии «О профессиональных стандартах оценки» (Valuation of Land Act 1916, с изм. от 2023 года). – Сидней: NSW Legislation, 2023.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 20.11.2025
Аз тақриз баргашт: 25.11.2025
Ба чоп тавсия шуд: 25.12.2025

[227] Ниг:Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» аз 7 августи соли 2020, №1720 С-16.
[228] Ниг: Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, С-392

МАСЪАЛАҲОИ КОЛЛИЗИОНӢ-ҲУҚУҚИИ ИШТИРОКИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ ДАР МУНОСИБАТҲОИ МЕРОСӢ

Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқи байналхалқӣ
Тел.: 981022020
E-mail: odinayev_0220@mail.ru

Фишурда. Мақолаи мазкур ба масъалаҳои коллизионӣ-ҳуқуқии иштироки шахсони воқеӣ дар муносибатҳои меросӣ, хусусиятҳои танзимнамоии муносибатҳои меросӣ бо иштироки шаҳравндони хориҷӣ бахшида шудааст. Дар он муаллиф дар асоси таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории давлатҳои хориҷа масъалаи қабул намудани мерос аз ҷониби ворисон тибқи васиятнома ва тибқи қонун, тақсим намудани он инчунин масъалаи ҳуқуқ ба ҳиссаи ҳатмӣ дар меросро баррасӣ намудааст.

Калидвожаҳо: Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, мерос, шахси воқеъӣ, муносибатҳои меросӣ, молу мулк, шаҳрванди хориҷӣ, меъёрҳои коллизионӣ, муносибатҳои хусусӣ.

КОЛЛИЗИОННО-ПРАВОВЫЕ ПРОБЛЕМЫ УЧАСТИЯ ФИЗИЧЕСКИХ ЛИЦ В НАСЛЕДСТВЕННЫХ ОТНОШЕНИЯХ

Одиназода Убайдуллох Саймахмуд,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, ассистент кафедры международного права
Тел.: 981022020
E-mail: odinayev_0220@mail.ru

Аннотация. Данная статья посвящена правовому положению участию физических лиц в наследственных правоотношениях, особенностях наследственных правоотношениях с участием иностранных граждан. В данной статье автором на основании анализа законодательство Республики Таджикистана и иностранных государств рассматривает вопросы принятия наследство наследниками по завещанию и по закону, разделение наследства, также вопроса право на обязательную долю в наследстве.

Ключевые слова: Личный закон, физическое лицо, применимое право, правоспособность, дееспособность, иностранный гражданин, процессуальное право, частные отношения.

CONFLICT-OF-LAWS ISSUES OF THE PARTICIPATION OF NATURAL PERSONS IN INHERITANCE RELATIONS

Odinazoda Ubaydulloh Saymahmud,
Tajik National University, Faculty of Law, Assistant of the Department of International Law
Phone.: 981022020
E-mail: odinayev_0220@mail.ru

Annotation. This article is dedicated to the legal status of individuals participating in inheritance relations, with a focus on the specifics of inheritance relations involving foreign nationals. Based on an analysis of the legislation of the Republic of Tajikistan and foreign countries, the author examines issues related to the acceptance of inheritance by heirs under a will and by law, the division of inheritance, as well as the issue of the right to a mandatory share of the inheritance.

Keywords: Personal law, individual, applicable law, legal capacity, legal capacity, foreign citizen, procedural law, private relations.

Маълум аст, ки шахсони воқеӣ субъекти муносибатҳои меросӣ бо унсури хориҷӣ буда, вазъи ҳуқуқии онҳоро қонунгузории миллии соҳавӣ ва шартномаҳои байналмилалӣ муайян менамоянд.

Зери мафҳуми муносибатҳои меросӣ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (минбаъд – ҲБХ) муносибатҳои меросии бо унсури хориҷӣ мураккабгардида фаҳмида мешаванд[229].

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки бо рушди муносибатҳои хусусии байналмиллалӣ шумораи муносибатҳои мероси байналмилалӣ аз ҳисоби афзоиши муҳоҷирати аҳолӣ, издивоҷ бо хориҷиён ва муносибатҳо бо ба даст овардани молумулк дар хориҷа аз ҷониби шаҳрвандони Тоҷикистон ё ба даст овардани молу мулк аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ зиёд шудааст. Афзоиши шумораи парвандаҳои мероси байналмилалӣ ба пайдоиши мушкилот дар таҷрибаи амалии нотариусҳо, адвокатҳо ва судяҳо оварда расонида, зарурати танзими дурусти ҳуқуқии масъалаҳои мероси байналмилалиро ҳам тавассути қонунгузории миллии давлатҳо ва ҳам шартномаҳои байналмилалӣ ба миён меорад.

Масъалаҳои марбут ба мероси байналмилалро дар Тоҷикистон Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМ) ва дигар қонунҳо танзим мекунанд. Бо вуҷуди ин, вазъи кунунии танзими ҳуқуқии муносибатҳои меросии ҲБХ дар Тоҷикистон ба ҷанбаҳои ҳуқуқии меросӣ ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пурра ҷавобгӯ нест.

[229] Баринов Н.А., Блинков О.Е. Наследование в международном частном праве и сравнительном правоведении // Наследственное право. 2013. № 1; Иншакова А.О. Наследственные правоотношения в междунароном частном праве // Наследственное право. 2012. № 1; Garb L., Wood J. (eds). International Succession. Oxford University Press, 2010.

Дар муносибатҳои меросӣ унсури хориҷӣ як қатор ҳолатҳои коллизиониро ба миён овардааст, ки муҳимтарини онҳо коллизияҳо вобаста ба мерос аз рӯйи қонун, мерос аз рӯйи васиятнома ё татбиқи ин намудҳои мероси молу мулки манқул ва ғайриманқул мебошанд. Сарфи назар аз мушаххас будани навъҳои мерос дар низомҳои ҳуқуқии давлатҳо, аз ҷиҳати мазмун, ки ба анъанаҳои миллӣ, тарзи муқарраршудаи зиндагӣ ва дигар омилҳо аз ҳамдигар хеле тафовут доранд. Дар натиҷа молу мулке, ки дар ҳудуди кишварҳои гуногун ҷойгир аст, таҳти танзими қонунгузории қарор мегирад, ки аз ҳамдигар фарқ дошта, дар таъмини якхелаи муносибатҳои меросӣ як қатор саволҳоро метавонад ба миён орад [230].

Аз ин лиҳоз, меъёрҳои ҲБХ баҳри баррасӣ намудани масъалаҳои мазкур равона карда шуда, ҷиҳати баррасии масъалаҳо муқаррар намудани ҳуқуқи татбиқшаванда меъёрҳои дахлдорро пешбинӣ менамояд..

Сарчашмаҳои асосии ҳуқуқи мероси дар ҲБХ қонунгузории миллӣ ва шартномаҳои байналмилалӣ, аз ҷумла шартномаҳои дуҷониба ва шартномаҳои универсалӣ мебошанд, ки муҳимтарини онҳо инҳоянд:

- Конвенсияи Гаага соли 1973 дар бораи идоракунии амволи шахсони фавтида[231];
- Конвенсияи Гаага соли 1989 дар бораи қонуне, ки ба мерос бинобар сабаби вафоти татбиқ мешавад[232];
- Конвенсияи Гаага соли 1961 дар бораи коллизияи қонунҳое, ки ба шакли васиятномаҳо алоқаманданд[233];
- Конвенсияи Базел соли 1972 оди ба низоми бақайдгирии васиятномаҳо[234];
- Конвенсияи Вашингтон аз соли 1973, ки қонуни ягона дар бораи шакли иродаи байналмилалиро пешбинӣ мекунад[235].

Меъёрҳои асосии коллизионӣ дар Тоҷикистон дар қонунгузории маданӣ муқаррар карда шудаанд, ки тибқи он муносибатҳо оид ба меросгирӣ бо ҳуқуқи кишваре, ки дар он меросгузор охирин маҳалли истиқомати доимӣ дошт, муайян карда мешавад, агар меросгузор дар васиятнома ҳуқуқи кишвареро, ки шаҳрванди он мебошад, интихоб накарда бошад (м.1346 КМ).

Меросгирии молу мулки ғайриманқул бо ҳуқуқи кишваре, ки дар он ҷойгир шудааст ва молу мулке, ки ба феҳристи давлатии ҶТ дохил карда шуда бошад, бо ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Бо ҳамин ҳуқуқ қобилияти шахс оид ба тартиб додан ва бекор кардани

---

[230]Абдухаликов А. М. Наследование в международном частном праве. Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата юридических наук по специальности 12.00.03 "Гражданское право; предпринимательское право; семейное право; международное частное право" Душанбе, 2010. 25 с. С.3

[231] Бекяшев К.А., Ходаков А.Г. (сост.). Международное частное право: сб. документов. М., 1997. С. 684–693. Гаагская конвенция 1973 г. вступила в силу с 1 июля 1993 г.

[232] Медведев И.Г. Комментарий к конвенциям в области имущественных отношений супругов и наследования. М., 2007. С. 203–211

[233] Бекяшев К.А., Ходаков А.Г. (сост.). Указ. соч. С. 664–667. Гаагская конвенция 1961 г. вступила в силу с 5 января 1964 г.

[234] Медведев И.Г. Комментарий к конвенциям в области имущественных отношений супругов и наследования. С. 215–218. Базельская конвенция вступила в силу с 20 марта 1976 г.

[235] Кириллова Е.А. Коллизионно-правовое регулирование наследственных отношений в Российской Федерации на современном этапе // Евразийский юридический журнал. 2012 № 7.

васиятнома, инчунин шакли васиятнома муайян карда мешаванд, агар молу мулки мазкур васият карда шавад (м.1348 КМ).

Дар доктрина оид ба хусусиятҳои муносбатҳои меросӣ ва худи мерос ду равиши асосиро метавон дарҷ намуд:

1) дар кишварҳои ҳуқуқи континенталӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, мерос ҳамчун як навъи ҳуқуққабулкунии универсалӣ фаҳмида мешавад. Чунин қоида ба ҳуқуқи классикии Римӣ таалуқ дорад, ки дар он ворисон ҳамчун идомаи шахсияти ҳуқуқии меросдиҳанда ҳисоб мешуд;

2) дар давлатҳои ҳуқуқи умумӣ мерос тақсими молу мулки фавтида байни шахсони дар қонун ва (ё) дар васиятнома зикргардида фаҳмида мешавад.

Меъёрҳои коллизионии вобаста ба ҳуқуқи мерос асосан ё дар кодексҳои мадании ин давлатҳо (Фаронса, Эстония, Португалия, Испания, Юнон, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва ғайра) ё дар қонунҳои махсус оид ба ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (Полша, Маҷористон, Чехия, Швейтсария, Австрия, Гурҷистон, Италия, Чин, Украина ва ғайра) мутамарказ гардидаанд.

Принсипи ягонагии қоидаи мерос дар қонунгузории Венгрия, Олмон, Юнон, Испания, Италия, Полша, Португалия, Словакия, Ҷумҳурии Чех, Ҷопон ва дигар давлатҳо ифода ёфтааст. Дар Британияи Кабир, ИМА, як қатор дигар давлатҳои ҳуқуқи умумӣ, Руминия, Таиланд, Фаронса конунгузори (амалияи судӣ) принсипи дигари қонунгузории меросро риоя мекунад.

Тибқи Кодекси мадании Испания, мерос тибқи қонуни шаҳрвандии меросгузор, ки дар лаҳзаи вафоти ӯ муайян карда мешавад, новобаста аз хусусияти молу мулк ва давлате, ки онҳо ҷойгиранд, танзим карда мешаванд.

Кодекси мадании Квебек масъалаи меросро ба таври дигар ҳал мекунад: мероси молу мулки манқул тибқи қонуни маҳалли истиқомати охирини васияткунанда (ҷои охирини истиқомати доимӣ) ва мероси молу мулки ғайриманқул бо роҳи дигар ҳал карда мешавад - қонуни ҷойгиршавии он дар қонунҳои баъзе кишварҳо барои «тақсим кардани» мерос асосҳои иловагӣ (ба истиснои тақсимоти молу мулк ба ҳаракат) муқаррар карда мешаванд. Масалан, агар молу мулке, ки ба шаҳрванди Чин ба мерос монда шудааст, берун аз ҳудуди давлат воқеъ бошад ё моликияти хориҷӣ дар ҳудуди Чин воқеъ бошад, пас қонуни ҷойи истиқомати меросгузор ба молу мулки манқул ва қонуни ҷойгиршавии молу мулки ғайриманқул татбиқ мегардад. Агар шаҳрванди хориҷӣ ба мерос гирифтани амволи дар ҳудуди Чин – ҷойгиршуда ё моликияти шаҳрванди Чин, ки берун аз ҳудуди Чин ҷойгир аст, мерос гирифта шавад, дар он сурат қонуни ҷойи истиқомати меросгузор нисбат ба молу мулки манқул татбиқ мегардад ва қонуни ҷойгиршавии он нисбат ба амволи ғайриманқул татбиқ мегардад.

Қонуни Италия аз соли 1995 № 218 «Ислоҳоти низоми ҳуқуқи байналмилалии хусусии итолиёвӣ» масъалаи меросро дар м. 46 фасли VII баррасӣ карда, муқаррар менамояд, ки мерос ҳангоми вафот тибқи

қонунгузории миллии меросгузор ҳангоми вафоташ танзим карда мешавад. Васияткунанда ҳуқуқ дорад тавассути аризаи дар шакли васиятнома пешниҳодшуда тамоми молу мулкеро, ки предмети мерос мебошад, бо ҳуқуқи давлате гузорад, ки он дар ҳудуди он қарор дорад. Чунин интихоби қонун, агар дар лаҳзаи вафот шахсе, ки чунин изҳорот додааст, дар ҳудуди давлати дахлдор набошад эътибор надорад.

Қонуни Полша аз соли 2011 "Дар бораи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ" дар масъалаҳои мерос пайвасти коллизиониро "ҳуқуқи давлати шаҳрвандии меросгузор" (қ. 2 м. 64) нигоҳ дошт. Аммо дар баъзе ҳолатҳои (қ. 1 м.64) қонун имкон медиҳад, ки интихоби ҳуқуқ маҳдуд тадбиқ шавад. Ҳуқуқи давлате, ки меросгузор шаҳрванди он буд, ҳамчун қонуни шахсӣ барои танзими муносибатҳои меросӣ бештари давлатҳо истифода мебаранд, аз ҷумла Юнон, Олмон, Ҷопон, Италия, Полша, Австрия, Маҷористон, Шветсия, Чехия, Словакия, Финляндия ва ғайра.

Дар аксари ин давлатҳо тарҳи оддӣ барои муайян кардани қонуни шахсии васияткунанда бо роҳи таъмини як коллизияи қонунҳо вобаста ба масъалаҳои мерос, қонуни давлати шаҳрвандӣ истифода мешавад. Аммо, баъзе давлатҳо барои муайян кардани ҳуқуқи давлати шаҳрвандӣ сохторҳои мураккабро истифода мебаранд, масалан агар васияткунанда шаҳрвандии ду ё зиёда давлатро дошта бошад. Дар ин маврид барои танзими муносибатҳои меросӣ ҳуқуқи давлате, ки васияткунанда дар он маҳалли истиқомати доимӣ дошт, татбиқ карда мешавад. Агар муайян кардани чунин ҳолат имконнопазир бошад, ҳуқуқи давлате татбиқ мегардад, ки васияткунанда бо он робитаи наздиктар дошт. Аммо агар яке аз шаҳрвандони меросгузор шаҳрванди давлате бошад, ки дар он мерос кушода шудааст, он гоҳ қонуни татбиқшаванда қонуни он давлат мебошад.

Қонуни Швейтсария дар бораи ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ қонуни меросро дар асоси ҷойи истиқомати васияткунанда дар вақти вафот муайян мекунад. Масалан, агар васияткунандаи фавтида дар Швейтсария ҷойи истиқомати доимӣ дошта бошад, он гоҳ тартиби меросро қонунгузории Швейтсария муайян мекунад (б. 1 м. 90). Дар ҳолате, ки васияткунанда танҳо шаҳрванди хориҷӣ бошад, ӯ метавонад мувофиқи қонунҳои давлати шаҳрвандии худ тартиби меросро муқаррар намояд (қ. 2 м. 90). Агар шаҳрванди Швейтсария дар қалamрави давлати хориҷӣ фавтида бошад, он гоҳ ҳуқуқии коллизионии давлати ҷои истиқомати охирин татбиқ мешавад (қ. 1 м. 91).

Меъёри коллизионии «қонуни ҷойи истиқомати охирин» низ ба қонунгузории Перу хос буда, кодекси мадании ин кишвар пешбинӣ мекунад, ки ворисии ҳуқуқии меросӣ дар асоси қонуни кишваре сурат мегирад, ки меросгузор дар қалamрави он қарор дошт. Маҳали ҷоигиршавии моликият аҳаммият надорад.

Дар мавриди «қонуни шаҳрвандӣ» (масалан, дар қонунгузории Кореяи Ҷанубӣ ва Олмон татбиқ карда мешавад) дар ин ҷо мушкилот вуҷуд дошта метавонад. Шахс метавонад бешаҳрванд бошад, шаҳрвандиро иваз кунад ё душаҳрвандӣ дошта бошад. Дар Ҷопон, дар ин мавридҳо, масъала ба таври зайл ҳал карда мешавад: агар шахс шаҳрвандӣ надошта

бошад ё шаҳрвандии якчанд кишварро дошта бошад, қонуни давлате, ки дар он шахс ҷойи истиқомати муқаррарии худро дошт, татбиқ карда мешавад. Дар сурати мавҷуд набудани ин ҳолат ҳуқуқи давлате, ки шахс бо он бештар алоқаманд аст, татбиқ мегардад[236].

Танзими коллизионии масъалаҳои мерос дар ҷумҳуриҳои пасошӯравӣ одатан ба татбиқи "қонуни давлати маҳалли иқомати охирини меросгузор" вобаста аст, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар васияткунанда қонуни давлати шаҳрвандии худро интихоб накарда бошад. Масалан, пайвасти коллизионӣ бо «ҳуқуқи давлати маҳалли истиқомати охирини меросгузор» дар Кодекси мадании Арманистон (м.1292) пешбинӣ шудааст, марбут ба «ҳуқуқи давлати охирин ҷои истиқомати доимии меросгузор» дар кодексҳои мадании Тоҷикистон (м. 1346), Қазоқистон (м. 1121), Ӯзбекистон (м.1197), Қирғизистон (м. 1206).

Ҳамин тавр, ҳангоми таҳлили қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ва шартномаҳои байналмилалӣ, мо метавонем ду намуди пайвасти коллизиониро муайян кунем, ки онҳоро ба масъалаҳои мерос татбиқ кардан мумкин аст, аз ҷумла: «ҳуқуқи давлати шаҳрвандӣ» (lex patriae) ва «қонуни давлати истиқомат» (lex domicilii). Аммо давлатҳое ҳастанд, ки дар қонунгузории онҳо низоми омехтаи қонуни шахсӣ амал мекунад, яъне ду варианти он истифода мешавад, масалан дар Австрия, Венгрия ва ғайра.

Масъалаи дигари танзими байналмилалӣ-хусусии муносибатҳои меросӣ ин маҳали кушодани мерос мебошад, ки ба сифати чунин маҳал - маҳали охирини зисти меросгузор мебошад. Агар маҳали зисти охирини меросгузор номаълум бошад, пас маҳали кушодани мерос маҳали ҷойгиршавии молу мулки ғайриманқули ба меросгузор дахлдошта ё қисмати асосии он ва ҳангоми набудани молу мулки ғайриманқул – маҳали воқеъ гардидани қисми асосии амволи манқул эътироф карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки қонунгузор вобаста ба ҷойи истиқомат одатан ду истилоҳро истифода мебарад: «маҳалли истиқомат» ва «маҳалли зисти доимӣ».

Маҳалли истиқомат ҷое эътироф мегардад, ки шахси воқеӣ доимӣ ё бештар дар он зиндагӣ мекунад. Бояд ҷойи кушодани мерос ҷойи охирини истиқомати доимии меросгузор бошад. Ҳамзамон бояд ҳисоб карда шавад, ки ҷойи иқомати шахси воқеӣ, агар дар қонун тартиби дигаре муқаррар нагардида бошад, суроғаи бақайдгирии ӯ мебошад.

Дар қонунгузории соҳавӣ, аз ҷумла кодекси гумрукӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон (б.25 м.10) маҳали истиқомати доимӣ бо хусусиятҳои зерин тавсиф мешавад: истиқомати шахси воқеӣ на камтар аз як сол дар қаламрави ягон давлат; набудани иқомат дар қаламрави дигар давлатҳо; нияти шахси воқеӣ барои иқомат дар қаламрави ин давлат ба муддати номаҳдуд; истиқомати шахси воқеиро бо мақсади муайян маҳдуд кардан

[236]Абдухаликов А.М. Наследование в международном частном праве : специальность 12.00.03 "Гражданское право; предпринимательское право; семейное право; международное частное право" : автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата юридических наук / Абдухаликов Акмалжон Махмадиевич. – Душанбе, 2010. – 25 с. С.3 С.15

мумкин нест; иқомати шахси воқеӣ натиҷаи иҷрои вазифаҳои хизматӣ ё уҳдадориҳои тибқи шартнома (қарордод) намебошад.

Аммо мо чунин меҳисобем, ки чунин таърифро нисбат ба масъалаҳои мерос бо унсури хориҷӣ татбиқ кардан мумкин нест, зеро он асосҳо ва меъёрҳое, ки ба мазмуни мафҳуми «маҳали истиқомати охирини васияткунанда» бояд мувофиқат кунад, дар бар нагирифта, чун қоидае, ки дар муносибатҳои маъмурӣ татбиқ карда мешавад, эътироф карда мешавад.

Қоидаҳои коллизионии ягонаи дар соҳаи мерос дар шартномаҳои байналмилалии дуҷониба оид ба кумаки ҳуқуқӣ, ки Тоҷикистон бо бисёр давлатҳои хориҷӣ мавҷуд мебошанд. Ҳамзамон таҳлили мундариҷаи меъёрҳои шартномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи кумаки ҳуқуқӣ, нишон медиҳанд, кишварҳо оид ба масъалаҳои мероси молу мулки манқул ва ғайриманқул меъёрҳои коллизионии гуногунро муқаррар менамоянд.

Муқаррароти ҷолиби диққати Конвенсияи соли 1989 дар бораи қонуне, ки нисбат ба мероси шахсони фавтида татбиқ мешавад, ба муайян кардани муҳлат марбут аст, ки васияткунанда дар кишвари хориҷӣ ҷойи истиқомати доимӣ дониста мешавад. Аз ҷумла, тибқи Конвенсияи мазкур масъалаи мерос тибқи қонуни давлате баррасӣ карда мешавад, ки васияткунанда ҳангоми маргаш дар он ҷойи истиқомати доимӣ дошт, ба шарте ки ӯ дар ин давлат на камтар аз 5 соли бевосита пеш аз вафот истиқомат дошта бошад. Мо чунин мешуморем, ки чунин муҳлат комилан асоснок аст ва бояд дар қонунгузории Тоҷикистон қайд карда шавад ва дар таърифи мафҳуми «ҷойи охирини истиқомати доимии меросгузор» инъикос ёбад. Ба андешаи мо, маҳали истиқомати охирини доимии меросгузор бояд бо аломатҳои зерин хос бошад: иқомати доимии шахси воқеӣ (васияткунанда) дар ҳудуди давлати хориҷӣ дар давоми на камтар аз панҷ соли бевосита то фавташ; доштани шахси воқеӣ (васияткунанда) бо ин давлат робитаи оилавӣ ва (ё) иҷтимоӣ; мавҷудияти асосҳо барои истиқомати доимии шахси воқеӣ (васияткунанда) дар ҳудуди ин давлат (шаҳодатнома дар бораи истиқомати доимӣ дар давлати хориҷӣ).

Мерос аз рӯйи усули мероси универсалӣ тибқи қонунгузории тамоми давлатҳо аз меросгузор ба меросгирон мегузарад. Меросгирон шахсони асосӣ мебошанд, ки аз лаҳзаи кушода шудани мерос аз ҳуқуқ ба мерос истифода менамоянд. Бо вуҷуди ин, як қатор омилҳое мавҷуданд, ки метавонанд ҳам ба таснифи месрогирон ва ҳам вазъи ҳуқуқии онҳо таъсир расонанд.

Меросгирон аз рӯйи намудҳои мерос ба инҳо тақсим мешаванд: меросгирони қонунӣ ва меросгирон тибқи васиятнома. Танҳо шахсони воқеӣ меросгири қонунӣ буда метавонанд. Доираи мерсогирони тибқи қонун ва тартиби қабули мерос бо қонуни давлати маҳалли кушода шудани мерос муайян карда мешавад. Меросгирони қонунӣ ҳам шаҳрвандони давлате, ки дар он мерос кушода шудааст, инчунин шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд ва шахсони дорои душаҳрвандӣ дошта буда метавонанд.

Вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ҳамчун меросгирон тибқи қонунгузории миллии давлате, ки дар он мерос кушода шудааст, муайян карда мешавад. Одатан, давлатҳо оид ба масъалаҳои вазъи ҳуқуқӣ низоми ҳуқуқии миллиро татбиқ намуда, ба хориҷиён ва шахсони бешаҳрванд бо ҳуқуқҳои якхела бо шаҳрвандони худ муносибат мекунанд.

Принсипи «реҷаи миллӣ» бо принсипи баробарӣ, ки дар ҳамаи шартномаҳои байналмилалӣ оид ба кӯмаки ҳуқуқӣ ифода ёфтааст, зич алоқаманд аст. Аз ин рӯ, принсипи баробарӣ, ки дар шартномаҳои байналмилалӣ оид ба кӯмаки ҳуқуқӣ муқаррар шудааст, чунин маъно дорад, ки меросгироне, ки шаҳрванди давлати хориҷӣ дар муносибатҳои меросӣ ҳастанд, баробари шаҳрвандони худ ҳуқуқ доранд. Аммо дар баъзе шартномаҳои байналмиллалӣ оид ба кӯмаки ҳуқуқӣ татбиқ намудани принсипи муносибатҳои миллӣ нисбат ба муносибатҳои меросӣ пешбинӣ шудааст.

Мутобиқи Конвенсияи Минск оид ба муносбатҳои ҳуқуқӣ ва кӯмаки ҳуқуқӣ оид ба шаҳрвандони ҳар яке аз тарафҳои аҳдкунанда метавонанд тибқи қонун ё васиятнома дар ҳудуди тарафҳои аҳдкунанда молу мулк ё ҳуқуқро дар баробари шаҳрвандони тарафи аҳдкунанда ба мерос гиранд (м. 44).

Ҳуқуқи мероси молу мулк тибқи қонунгузории тарафҳои аҳдкунанда муайян карда мешавад, ки васияткунанда дар қаламрави он охирин истиқомати доимии худро дошт.

Ҳуқуқи мероси молу мулки ғайриманқул тибқи қонунгузории тарафи аҳдкунанда, ки ин молу мулк дар қаламрави он ҷойгир аст, муайян карда мешавад (м. 45).

Баррасии парвандаҳои меросии молу мулки манқул аз ҷониби мақомоти тарафи аҳдкунанда, ки васияткунанда ҳангоми вафоташ дар қаламрави онҳо макони истиқомати дошт баррасӣ мегардад. Баррасии парвандаҳои меросии молу мулки ғайриманқул аз ҷониби мақомоти тарафи аҳдкунанда, ки молу мулк дар қаламрави онҳо воқеъ аст баррасӣ мегардад (м. 48).

Мутобиқи Конвенсияи Минск, қобилияти шахс барои тартиб додан ва бекор кардани васиятнома, инчунин шакли васиятнома ва бекор кардани он тибқи қонунгузории кишваре муайян карда мешавад, ки васияткунанда ҳангоми тартиб додани васият дар он ҷо истиқомат менамуд. Аммо васиятнома ё бекор кардани он бинобар риоя накардани шакли беэътибор дониста шуданаш мумкин нест, агар он ба талаботи қонуни маҳалли тартибдодашуда ҷавобгуй бошад (м.47).

Конвенсияи Гаага аз соли 1961 ба танзими коллизионии мерос аз рӯйи васият ва Конвенсияҳои Базел ва Вашингтон ба танзими моддӣ бахшида шудаанд. Мақсади ягонаи Конвенсияи Гаага дар соли 1961 муайян кардани қонуне мебошад, ки ба шакли васиятнома татбиқ мешавад. Дигар масъалаҳо комилан аз доираи он берун мондаанд. Дар баробари ин, Конвенсияи Гаага соли 1961 нисбат ба шартномаҳои меросӣ татбиқ намегардад, гарчанде ки хориҷ кардани онҳо аз доираи амали он дар худи

матн ба таври возеҳ пешбинӣ нашудааст. Сабаби ин тафсири умум эътирофшудаи шартномаи меросӣ ҳамчун уҳдадории дуҷониба мебошад, дар ҳоле ки васиятнома амали ифодаи якҷонибаи васиятнома мебошад, ки онро шахси содиркарда бекор карда метавонад.

Ҳамин тариқ, метавон ба хулосае омад, ки шартномаҳои байналмилалӣ принсипи баробарӣ дар соҳаи меросро бо тарзҳои гуногун дарҷ мекунанд, аз ҷумла:

- бо роҳи дар соҳаи мерос ба хориҷиён додани ҳуқуқҳое, ки баробар ба шаҳрвандони давлати ҷойи мерос пешниҳод карда мешаванд (баробаркунӣ дар мерос);

- бо пешниҳоди «реҷаи миллӣ» ба хориҷиён, ки дар ин маврид қобилияти меросгирии онҳо дар асоси меъёрҳои қонунгузории миллии меросгузор ё меросгузор муайян карда мешавад;

- бо роҳи дар шартномаи байналмилалӣ муқаррар намудани маҳдудиятҳои муайян дар соҳаи амалисозии ҳуқуқ ба мерос, яъне муқаррар намудани истисноҳо ба принсипи умумии баробарӣ дар муносибатҳои меросӣ.

Масъалаҳои байналмилалӣ-хусусӣ оид ба муносибатҳои меросӣ дар қонунгузории Тоҷикистон ба таври мушаххас ба танзим дароварда шудааст.

Тибқи қонунгузории Тоҷикистон, қобилияти шахс оид ба тартиб додан ва бекор кардани васиятнома, инчунин шакли васиятнома ва санади бекор кардани он бо ҳуқуқи кишваре, ки дар он меросгузор дар лаҳзаи тартиб додани санад маҳалли истиқомати доимӣ дошт, муайян карда мешавад, агар меросгузор дар васиятнома ҳуқуқи кишвареро, ки шаҳрванди он мебошад, интихоб накарда бошад. Аммо васиятнома ё бекор кардани он наметавонад дар натиҷаи риоя накардани шакл беэътибор ҳисобида шавад, агар васиятнома ба талаботи ҳуқуқи ҷойи тартиб додани санад ё талаботи ҳуқуқи ҶТ ҷавобгӯ бошад (м. 1347 КМ).

Меросгирии молу мулки ғайриманқул бо ҳуқуқи кишваре, ки дар он ҷойгир шудааст ва молу мулке, ки ба феҳристи давлатии ҶТ дохил карда шуда бошад, бо ҳуқуқи ҶТ муайян карда мешавад. Бо ҳамин ҳуқуқ қобилияти шахс оид ба тартиб додан ва бекор кардани васиятнома, инчунин шакли васиятнома муайян карда мешаванд, агар молу мулки мазкур васият карда шавад.

Тибқи м. 1279 КМ фарзандони ноболиғ ё корношоями меросгузор, ҳамчунин падару модар ва ҳамсари корношоями ӯ, ҳамчунин кӯдакони ҳангоми зинда будани меросгузор дар батни модар ва баъди кушодашавии мерос зинда таваллудшуда, сарфи назар аз мазмуни васиятнома, на камтар аз се ду ҳиссае, ки ба ҳар яки онҳо ҳангоми меросгирӣ тибқи қонун тааллуқ дошт, мерос мегиранд (ҳиссаи ҳатмӣ). Ҳуқуқ ба ҳиссаи ҳатмиро шахсони корношояме низ доро мебошанд, ки таҳти саробонии меросгузор қарор доранд (моддаи 1278 КМ). Ҳуқуқ ба ҳиссаи ҳатмӣ дар мерос аз ҳисоби қисми молу мулки васиятнашуда, сарфи назар аз кам шудани ҳуқуқҳои дигар меросгирон тибқи қонун ба ин қисми молу мулк қонеъ карда мешавад. Агар қисми молу мулки васиятнашуда кофӣ набошад, ҳуқуқ ба

ҳиссаи ҳатмӣ аз ҳисоби молу мулки васиятшуда қонеъ карда мешавад. Ба ҳиссаи ҳатмӣ ҳамаи он чизе, ки меросгири ба чунин ҳисса ҳуқуқдошта тибқи ин ё он асос мегирад, ҳисоб карда мешавад, аз ҷумла арзиши супориши васиятгузор, ки ба манфиати ҳамин гуна меросгир муқаррар шудааст. Ҳама гуна маҳдудият ва гаронӣ, ки дар васиятнома барои меросгири дорои ҳуқуқ ба ҳиссаи ҳатмӣ муқаррар гардидаанд, танҳо нисбати он қисми мероси ба ӯ гузаранда боэътиборанд, ки аз ҳиссаи ҳатмӣ зиёд мебошанд.

Ҳуқуқҳои меросии шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷа дар робита ба вафоти шаҳрванди Тоҷикистон дар хориҷи кишвар, кушодани мерос ва мавҷудияти амволи меросӣ дар хориҷа муносибатҳои меросиро ба вуҷуд меоранд, ки дар асоси меъёрҳои коллизионии қонунгузории дохилии Тоҷикистон ё қоидаҳои шартномаҳои байналмиллалӣ танзим карда мешаванд.

Нисбат ба молу мулки ғайриманқул қонуни ҷойгиршавии молу мулк ва нисбат ба молу мулки манқул қонуни шаҳрвандии васияткунанда (ё қонуни ҷойи истиқомат) татбиқ мегардад. Агар, масалан, шаҳрванди ҶТ дар қаламрави давлати хориҷӣ фавтида бошад, ҳаёти минбаъдаи молу мулки ӯро муассисаҳои консулии ҶТ баррасӣ хоҳанд намуд.

Адабиёт:

1. Абдухаликов А.М. Наследование в международном частном праве. Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата юридических наук по специальности 12.00.03 "Гражданское право; предпринимательское право; семейное право; международное частное право" Душанбе, 2010. 25 с.
2. Баринов Н.А., Блинков О.Е. Наследование в международном частном праве и сравнительном правоведении // Наследственное право. 2013. № 1; Иншакова А.О. Наследственные правоотношения в междунароном частном праве // Наследственное право. 2012. № 1; Garb L., Wood J. (eds). International Succession. Oxford University Press, 2010.
3. Бекяшев К.А., Ходаков А.Г. (сост.). Международное частное право: сб. документов. – М., 1997.
4. Гаагская конвенция 1973 г. вступила в силу с 1 июля 1993 г.
5. Кириллова Е.А. Коллизионно-правовое регулирование наследственных отношений в Российской Федерации на современном этапе // Евразийский юридический журнал. 2012 № 7.
6. Медведев И.Г. Комментарий к конвенциям в области имущественных отношений супругов и наследования. – М., 2007.
7. Медведев И.Г. Комментарий к конвенциям в области имущественных отношений супругов и наследования. С. 215–218. Базельская конвенция вступила в силу с 20 марта 1976 г.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 20.11.2025
Аз тақриз баргашт: 25.11.2025
Ба чоп тавсия шуд: 25.12.2025

РАЗВИТИЕ ИНФОРМАЦИОННЫХ ПОСРЕДНИКОВ В СФЕРЕ ПРАВА ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАН

Кодирзода Саидакбар Сангинмурод,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, ассистент кафедры гражданкое право
Тел.: (992) 108-01-01-09
E-mail: qodirzodasaidakbar@gmail.com

Рецензент: Гаюрзода.Ш.К., доктор юридических наук, профессор

Аннотация: Регулирование деятельности информационных посредников, без сомнения, является важной и необходимой функцией для решения проблем в сфере интеллектуальной собственности и нарушения авторских прав. В то же время проводится сравнение критериев, регулирующих основу для инициирования ответственности информационных посредников. В статье рассматриваются предпосылки начала ответственности информационных посредников, установленные законодательством зарубежных стран.

Ключевые слова: Информационные посредники, Гражданский кодекс, интеллектуальная собственность, права, ответственность информационных посредников, США, ЕС, Интернет.

РУШДИ МИЁНАРАВОНИ ИТТИЛООТӢ ДАР СОҲАИ ҲУҚУҚИ МАМЛАКАТҲОИ ХОРИҶӢ

Қодирзода Саидакбар Сангинмурод,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқи маданӣ
Тел.: +992 108010109
E-mail: qodirzodasaidakbar@gmail.com

Тақриздиҳанда: Ғаюрзода Ш.К., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

Фишурда: Танзими фаъолияти миёнаравони иттилоотӣ бидуни шак, як хусусияти муҳимму зарурӣ барои ҳалли мушкилот дар соҳаи моликияти зеҳнӣ ва нақзи ҳуқуқи муаллиф мебошад. Ҳамзамон, муқоисаи меъёрҳое, ки заминаҳои оғоз ёфтани масъулияти миёнаравони иттилоотиро танзим мекунанд, анҷом дода мешавад. Дар мақола заминаҳои оғоз ёфтани масъулияти миёнаравони иттилоотӣ, ки дар қонунгузории кишварҳои хориҷӣ муқаррар шудаанд, баррасӣ мешаванд.

Калидвожаҳо: Миёнаравони иттилоотӣ, кодекси маданӣ, моликияти зеҳнӣ, ҳуқуқ, масъулияти миёнаравони иттилоотӣ, США, ЕС, Интернет.

DEVELOPMENT OF INFORMATION INTERMEDIARIES IN THE FIELD OF LAW IN FOREIGN COUNTRIES

Qodirzoda Saidakbar Sanginmurod,
Tajik National University, Faculty of Law, assistant of the department of Civil Law
Тел.: (+992) 108-01-01-09
E-mail: qodirzodasaidakbar@gmail.com

Reviewer: Gayurzoda Sh.K., Doctor of Law, Professor

Annotation. Regulation of the activities of information intermediaries is undoubtedly an important and necessary function for solving problems in the field of intellectual property and copyright infringement. At the same time, the criteria governing the basis for initiating liability of information intermediaries are compared. The article discusses the prerequisites for the beginning of the responsibility of information intermediaries, established by the legislation of foreign countries.

Keywords: Information intermediaries, Civil Code, intellectual property, rights, responsibility of information intermediaries, USA, EU, Internet.

В современном обществе структуры, регулирующие информационные посредники, занимают исключительно важное место. Они оказывают влияние на наши решения, на способы реализации прав и на характер взаимодействия между людьми. Более того, их доминирование на рынке нередко позволяет им контролировать ключевые каналы массовой коммуникации.

Термин «информационные посредники» охватывает широкий круг разнообразных и быстро развивающихся провайдеров сетевых услуг. Эти субъекты обеспечивают удобное взаимодействие между физическими и юридическими лицами в цифровой среде: одни предоставляют доступ к сети Интернет, другие – технические возможности для обработки данных, размещения веб-сервисов и пользовательских комментариев. Отдельные категории посредников специализируются на сборе данных, поиске информации, содействии электронным продажам или выполнении иных коммерческих операций.

Важно учитывать, что многие из них совмещают несколько функций одновременно и нередко выходят за рамки простого посредничества. Они могут изменять, сортировать или структурировать информационные материалы, используя алгоритмические методы, а их деятельность по ряду признаков напоминает работу традиционных издателей.

Поскольку влияние таких субъектов напрямую отражается на качестве и содержании товаров, услуг и информации, они подвергаются различным юридическим рискам. На них может быть возложена как прямая ответственность за собственные действия, так и косвенная или вторичная

ответственность за поведение пользователей. Хотя такая модель ответственности считается естественным следствием выполняемых ими функций, она способна ограничить их возможности и снижать готовность предоставлять определённые услуги, что в конечном счёте может замедлить развитие самой сети Интернет.

Следует отметить, что в законодательстве разных государств для обозначения этих лиц используются различные термины. В Республике Таджикистан, согласно Гражданскому кодексу, применяется понятие «информационный посредник»[237]. В Европейском Союзе распространено выражение intermediary service providers, в США – такие наименования, как Internet Service Provider, online service provider, access provider и provider of informational content. В настоящем тексте для удобства все эти категории обозначаются единым термином «информационные посредники»[238].

С исторической точки зрения одной из первых и ключевых правовых основ, определивших виды таких посредников, стал американский закон «Об авторском праве в цифровую эпоху» (Digital Millennium Copyright Act, 1998)[239]. Особое значение имеет статья 512, которая подробно регулирует вопросы ограничения ответственности посредников в сфере авторского права.

На базе этого нормативного акта и международной практики обычно выделяют пять основных типов услуг, оказываемых информационными посредниками.

1. провайдеров временной цифровой передачи;
2. субъектов, осуществляющих кэширование данных;
3. хостинг-провайдеров;
4. операторов поисковых сервисов и иных инновационных платформенных услуг;
5. некоммерческие образовательные учреждения, выполняющие вспомогательные информационные функции.

В Директиве 2000/31/ЕС сформулировано иное, более узкоспециализированное деление провайдеров, которое включает[240]:

1. поставщиков оригинального контента, обеспечивающих его создание и распространение;
2. операторов доступа, предоставляющих техническую возможность подключения без хранения данных;

---

[237]Ниг.: Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2023 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 2.05.2025).

[238] Ниг.: Васичкин К.А. Регулирование деятельности информационных посредников в целях охраны интеллектуальных прав в сети Интернет по законодательству России, США и ЕС // Актуальные проблемы российского права. – 2014. – №6. – С. 1180-1184.

[239] Ниг.: Digital Millennium Copyright Act, December 1998). – [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.copyright.gov/legislation/dmca.pdf

[240] Ниг.: Directive 2000/31/EC of the European Parliament and of the Council of 8 June 2000 on certain legal aspects of information society services, in particular electronic commerce, in the Internal Market (Directive on electronic commerce). – [Электронный ресурс]. – Режим досту- па: http://eurlex.europa.eu/LexUriServ/LexUriServ.do?uri=CELEX:32000L0031:En:HTML

3. хостинг-провайдеров, размещающих материалы третьих лиц и обеспечивающих к ним доступ.

Следует подчеркнуть, что нормативная модель Европейского союза формировалась под заметным влиянием американского института разработанного первоначально в рамках законодательства об авторском праве США. Однако, в отличие от DMCA, европейская Директива от 17.07.2000 № 2000/31/ЕС регулирует ответственностный режим провайдеров в гораздо более широком правовом контексте, выходящем за пределы исключительно охраны авторских прав.

Статьи 12–15 Директивы (ECD) образуют основу европейского режима ограниченной ответственности поставщиков «информационного общества». Под этой категорией понимается любое экономически значимое электронное обслуживание, предоставляемое дистанционно и на основе цифровой обработки данных. Данная дефиниция намеренно сформулирована максимально широко, чтобы охватить не только классические услуги доступа, но и сложные модели электронных сервисов. При этом Европейская комиссия подчёркивает два принципиальных исключения:

– услуга должна предоставляться по индивидуальному запросу пользователя, что выводит за рамки регулирования традиционное вещание;

– услуга должна быть полностью дистанционной, что исключает гибридные офлайн-онлайн-модели.

Также статья 18 ECD разъясняет, что наличие вознаграждения не является обязательным критерием, если услуга объективно встроена в хозяйственную деятельность субъекта.

Отдельного внимания заслуживает вопрос о юридической ответственности информационных посредников. Она возникает в ситуациях, когда такие субъекты причастны к передаче, обработке или хранению данных, содержащих противоправный контент. В ряде случаев посредник может нести ответственность за размещённые третьими лицами материалы даже тогда, когда он не обладает предварительными знаниями о его незаконном характере. Национальные законодательства нередко допускают наступление ответственности как по формальным основаниям, так и в рамках защиты репутации, неприкосновенности частной жизни или прав интеллектуальной собственности.

Исторически во многих странах преобладал подход, направленный на максимальное ограничение ответственности посредников, поскольку чрезмерная правовая нагрузка могла привести к блокированию значительных объёмов информации и подрыву свободы коммуникаций. Именно исходя из этих соображений институт «бизнес-гаваней безопасности» был имплементирован в европейское право. Его назначение заключается не столько в защите свободы выражения мнений, сколько в обеспечении технологического развития IT-сектора без риска несоразмерных санкций. Такие платформы, как YouTube или Facebook, получают защиту при условии, что они незамедлительно удаляют

противоправный контент после получения надлежащего уведомления. При этом Директива не регламентирует технические детали процедур что приводит к разнообразию практик.

Европейское законодательство выделяет три основных вида деятельности информационных посредников, которые образуют различные режимы ответственности:

1. простая передача данных (ст. 12);
2. временное хранение в целях технической оптимизации (ст. 13);
3. размещение контента третьих лиц (ст. 14).

По сравнению с разделом 230 CDA США, европейская модель является существенно более ограниченной: она освобождает от финансовой ответственности, но не препятствует исполнению судебных актов о блокировке или удалении контента. США же предоставляют практически абсолютный иммунитет, независимо от осведомлённости платформы.

Американский DMCA, в свою очередь, фиксирует четыре функциональных типа деятельности провайдеров, для которых предусмотрены основания освобождения от ответственности:

1. передача данных;
2. временное кэширование;
3. хостинг;
4. предоставление инструментов для определения местонахождения материала (поисковые сервисы).

В рамках научного анализа можно выделить три глобальных правовых модели регулирования ответственности информационных посредников перед лицом противоправного онлайн-контента[241]:

1. модель абсолютного иммунитета (характерная для США);
2. модель условного иммунитета на основе принципа невмешательства и реагирования по уведомлению (Британия, ЕС, РФ);
3. модель активного мониторинга (поддерживаемая рядом решений Европейского суда по правам человека).

Таким образом, международные нормы в сфере интеллектуальной собственности и ответственности провайдеров демонстрируют заметную унификацию. В Республике Таджикистан, однако, законодательство в данном направлении всё ещё требует дальнейшего совершенствования, особенно в части определения статуса информационных посредников и установления чётких критериев их ответственности.

Литература:

1. Digital Millennium Copyright Act, December 1998.). – [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.copyright.gov/legislation/dmca.pdf
2. Directive 2000/31/EC of the European Parliament and of the Council of 8 June 2000 on certain legal aspects of information society services, in particular electronic commerce, in the Internal Market (Directive on electronic commerce). – [Электронный ресурс]. – Режим досту- па:

[241] Ниг.: Нуруллаев, Руслан Тимурович. Информационный посредник как субъект информационного права: диссертация ... кандидата юридических наук. – М., 2018. – 236 с.

http://eurlex.europa.eu/LexUriServ/LexUriServ.do?uri=CELEX:32000L0031:En:HTML

3. Васичкин К.А. Регулирование деятельности информационных посредников в целях охраны интеллектуальных прав в сети Интернет по законодательству России, США и ЕС // Актуальные проблемы российского права. – 2014. – №6. – С. 1180-1184.

4. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2023 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 2.05.2024).

5. Нуруллаев, Руслан Тимурович. Информационный посредник как субъект информационного права: диссертация ... кандидата юридических наук. – М., 2018. – 236 с.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 20.11.2025
Аз тақриз баргашт: 25.11.2025
Ба чоп тавсия шуд: 25.12.2025

ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 5.5.8) – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.5.8)

ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛИЯВИИ БАРҲАМ ХУРДАНИ ДОҒИ СУДӢ

Шарипов Тақдиршоҳ Шарифович,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ
Тел.: +992 918-40-86-00
E-mail: takdirshoh@mail.ru

Юсуфзода Фаридун Асадулло,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, ассистенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ.
Тел.: +992 985-20-20-05
E-mail: yusufzodaf@bk.ru

Фишурда. Дар мақола масъалаҳои мубрами вобаста ба масоили барҳам хурдани доғи судӣ мавриди таҳқиқот қарор дода шудааст. Ҳамчунин, дар доираи мақолаи мазкур моҳият, шароит ва тартиби барҳам хурдани доғи судӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Доираи ақидаи олимон оид ба мафҳуми доғи судӣ шарҳ ва тавзеҳ дода шуда, заминаҳои ҳуқуқии бартарафсозии он барасӣ гардидаанд. Ҳамзамон, намудҳои барҳам хӯрдани доғи судӣ – бо мурури вақт, бо қарори суд ва дар ҳолати бекор шудани ҳукм шарҳи худро ёфтаанд. Муаллиф масъалаҳои болозикрро баррасӣ намуда, дар баробари онҳо аҳаммияти иҷтимоӣ ва ҳуқуқии барҳам хурдани доғи судӣ барои ислоҳ ва бозгашти шахс ба ҳаёти муқаррариро низ, мавриди омӯзиш қарор додааст.

Калидвожаҳо: Доғи судӣ, барҳам хурдани доғи судӣ, қатъ гаштани доғи судӣ, қонунгузорӣ, суд, ҳуқуқҳои шахс, ислоҳи шахс, гунаҳкор, судшуда, ҳолати ҳуқуқӣ, озод кардан аз адои ҷазо.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И ПРАКТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ПОГАШЕНИЯ СУДИМОСТИ

Шарипов Тақдиршоҳ Шарифович,
Таджикский национальный университет, юридический факультет,

профессор кафедры уголовного права и противодействия коррупции, доктор юридических наук
Тел.: +992 918-40-86-00
E-mail: takdirshoh@mail.ru

Юсуфзода Фаридун Асадулло,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, ассистент кафедры криминалистики и судебной экспертизы
Тел.: +992 985-20-20-05
E-mail: yusufzodaf@bk.ru

Аннотация. В статье рассматриваются актуальные вопросы, связанные с погашением судимости. Также, в рамках данной статьи рассматривается сущность, условия и порядок погашения судимости. Совокупность мнений ученых по понятию судимости было обсуждено и рассмотренно, устранение её правовых основ были исследованы. Также, виды погашение судимости – со временем, по решению суда и в случае отмены приговора нашли своё объяснение. Автор рассмотрел вышеуказанные вопросы, а также исследовал социальное и правовое значение снятия судимости для исправления и возвращения человека к нормальной жизни.

Ключевые слова: Судимость, погашение судимости, прекращение судимости, законодательство, суд, право человека, исправление человека, виновны, судимы, правовой статус, освобдение от наказания.

THEORETICAL AND PRACTICAL ASPECTS OF CRIMINAL RECORD REPAYMENT

Sharipov Taqdirshoh Sharifovich,
Tajik National University, Faculty of Law, Professor of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption, Doctor of Legal Sciences.
Phone.: +992 918-40-86-00
E-mail: takdirshoh@mail.ru

Yusufzoda Faridun Asadullo,
Tajik National University, Faculty of Law, Assistant of the Department of Criminalistics and Forensic Examination
Phone: +992 985-20-20-05
E-mail: yusufzodaf@bk.ru

Annotation. The article discusses current issues related to the repayment of criminal records. Also, within the framework of this article, the essence, conditions and procedure for the repayment of a criminal record are considered. The totality of scientists' opinions on the concept of criminal record was discussed and considered, and the elimination of its legal foundations was investigated. Also, the types of repayment of a criminal record – over time, by court decision and in case of cancellation of the sentence have found their explanation. The author considered the above-mentioned issues, as well as explored the social and legal significance of removing a criminal record for correcting and returning a person to a normal life.

Keywords: Criminal record, cancellation of criminal record, termination of criminal record, legislation, court, human right, correction of a person, guilty, convicted, legal status, release from punishment.

Доғи судӣ метавонад дар шахсе, ки боре ҷиноят содир кардааст, эҳсосоти амиқи ахлоқӣ ва камқиматӣ ба вуҷуд оварад. Чунин ба назар мерасад, ки шахсе, ки пас аз адои ҷазо ё иҷрои ҳукм, ки собитқадамона ба роҳи рост қадам гузоштааст, то охири умр як «доғи шустанашаванда» боқӣ мемонад. Доғи судӣ на танҳо ба шахсияти инсон таъсири манфӣ мерасонад, балки метавонад ҳуқуқу озодиҳои уро дар ҷомеа маҳдуд созад, имкониятҳои ӯро дар бозори меҳнат, сафар ба хориҷи кишвар, иштирок дар фаъолияти сиёсӣ ва дигар паҳлуҳои ҳаёт маҳдуд намояд. Аз ин рӯ, масъалаи барҳам хурдани доғи судӣ аз ҷиҳати иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ дорои аҳаммияти хеле бузург мебошад. Дар мақолаи мазкур таҳлили амиқи раванд ва механизмҳои барҳам хурдани доғи судӣ, аз ҷониби мо мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Ҳамзамон, амалияи татбиқи масъалаи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баъзе кишварҳои хориҷӣ низ, зикр гардида, муайян карда шуд, ки чӣ гуна меъёрҳои қонунгузорӣ дар самти барқарорсозии ҳуқуқҳои шахсони маҳкумшуда амалӣ карда мешаванд. Ҳадафи асосии ин таҳқиқот, муайян намудани роҳи беҳтарини таъмин ва татбиқи механизмҳои муассири барҳам хурдани доғи судӣ дар ҷомеаи мо мебошад.

Доғи судӣ яке аз мафҳумҳои калидӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ба шумор меравад. Он ҳолатеро ифода мекунад, ки шахс баъди ба тасвиб расидани ҳукми суд, тибқи он гунаҳкор шинохта шуда, ҳамчун шахси судшуда эътироф мегардад. Доғи судӣ на танҳо ҳолати ҳуқуқии шахсро муайян месозад, балки ба ӯ як «тамғаи иҷтимоӣ» низ мебахшад, ки метавонад дар тамоми ҳаёти минбаъдаи ӯ нақши манфӣ гузорад.

Мафҳуми доғи судӣ дар аксари системаҳои ҳуқуқии ҷиноятии давлатҳои ҷаҳон ҷой дошта, шеваи татбиқ ва мудати таъсири он аз рӯйи қонунгузории ҳар як кишвар фарқ мекунад. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, доғи судӣ ҳамчун ҳолати ҳуқуқии муайян фаҳмиида мешавад, ки шахс пас аз содир кардани ҷиноят ва гирифтани ҳукми суд, то поёни муҳлати муқараршуда, судшуда ҳисобида мешавад. Меъёрҳои барҳам хурдани доғи судӣ дар моддаҳои алоҳидаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳури Тоҷикистон ва Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешбинӣ гардидаанд.

Аҳаммияти фаҳмидани доғи судӣ дар он аст, ки он на танҳо ба шахс таъсир мерасонад, балки метавонад ба аҳли оила, фарзандон ва ҳатто муносибати ҷомеа нисбат ба ӯ, таъсири манфӣ расонад. Аз ин рӯ, бартараф намудани доғи судӣ яке аз масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ маҳсуб мешавад, ки бояд ба равиши адолатпарварона ва инсонгароёна ҳал карда шавад.

Бо назардошти ин далел, қонунгузории Тоҷикистон тартиби барҳам хурдани доғи судиро муқаррар кардааст. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар байни олимон оид ба масъалаҳои муқаррар намудани намудҳои барҳам хурдани доғи судӣ нуктаи назари ягона вуҷуд надорад.

Як зумра муаллифон бар ин назаранд, ки қонунгузории ҷиноятии ҷорӣ ду намуди барҳамхурии доғи судӣ, яъне барҳам хӯрдан ва бардошта шудани онро пешбинӣ мекунад. Аммо олимоне, ки ин масъаларо дар доираи рисолаҳои илмӣ баррасӣ кардаанд, шумораи хеле зиёди навъҳои барҳамхурии доғи судиро пешниҳод мекунанд. Яке аз ин олимон Г.Х. Шаутаева мебошад, ки масъалаи мазкурро аз рӯйи қонунгузории ҷиноятии Федератсияи Русия мавриди баррасӣ қарор дода, панҷ намуди бекор кардани доғи судиро пешбинӣ намудааст:

1) доғи судӣ надошта эътироф намудани шахс;

2) адо кардани (барҳам хӯрдани) доғи судӣ;

3) бардоштани доғи судӣ;

4) тартиби истисноии бекор кардани доғи судӣ;

5) тартиби экстраординарии қатъ гаштани доғи судӣ вобаста ба бекор кардани ҳукми айбдоркунӣ[242].

Ҳамин гуна таснифотро каме дертар Т.Ф. Минязева низ пешниҳод намудааст[243].

Оид ба таснифоти мазкур миёни олимон эътирозҳои асоснокро ба миён овардааст. Масалан, С.З. Музафаров бо ин таснифот розӣ нашуда, қайд менамояд, ки ҳангоми тартиби экстраординарии бекор кардани доғи судӣ, шахс беасос ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад ва маҳкум мешавад. Дар ин ҳолат, набояд доғи судӣ ба миён ояд. Дар зинаҳои кассатсионӣ, назоратӣ ва аз рӯйи ҳолатҳои навошкоршуда, ҳукми айбдоркунии суд бекор карда мешавад, яъне саҳви суди зинаи поёнӣ ислоҳ карда мешавад. Ин ҷо масъалаи қатъ гаштани доғи судӣ ҷой надорад, балки сафедкунӣ ҷиҳати барқарорсозии ҳуқуқи шахси бегуноҳ ҷой дорад, ки ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудааст. Яъне, ин маънои онро дорад, ки он чизе ки набояд дар воқеият ҷой дошта бошад, мавҷуднабуда эътироф мегардад[244]. Ба андешаи муаллиф қатъ гардидани доғи судӣ асосан дар ду намуд (шакл ё тарз) сурат мегирад: барҳам хӯрдани доғи судӣ ва бардоштани доғи судӣ. Дигар намудҳои қатъ гардидани доғи судӣ зернамудҳои бардоштан ва бекор кардани он мебошанд. Ин

---

[242] Шаутаева Г.Х. Судимость в уголовном праве и ее правовое значение: дис. … канд. юрид. наук. – Ижевск, 2000. – С. 8.

[243] Минязева Т.Ф. Уголовное право: учебник в 2-х т. / Под ред. А.Н. Игнатова, Ю.А. Красикова. – М., 2005. – С. 525.

[244] Музафаров С.З. Институт судимости по уголовному законодательству Таджикистана и России: дис. … канд. юрид. наук. – Санкт-Петергург, 2019. – С. 142.

масъаларо ҳанӯз соли 1925 Раиси коллегияи кассатсионии Суди Олии Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Русия М.И. Челишев дар маърӯза оид ба кори Коллегияи ҷиноятӣ-кассатсионӣ аз рӯйи парвандаҳои аз судҳои асосӣ (главсудҳо), судҳои вилоятӣ ва судҳои губерниявӣ дар соли 1924 воридшуда ва бо тартиби кассатсионӣ ва назоратӣ баррасишаванда қайд намуд, ки «ҳукми сафедкунӣ доғи судиро ба миён намеорад, зеро вай набояд қайд мегардид. Онҳо на танҳо бемақсаданд, балки дар оянда низ зарароваранд»[245].

Яке аз намудҳои қатъ гардидани доғи судӣ – ин барҳам хӯрдани он аст. Таърифи ҳуқуқии барҳам хӯрдани доғи судӣ ҳамчун яке аз намудҳои қатъшавии он, аз м. 84 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КҶ ҶТ) баромада, адои ҷазои ҷиноятиро пешбинӣ мекунад. Барои барҳам додани доғи судӣ «на қарори махсуси суд, на ҳуҷҷати дигаре, ки ин амри воқеиро тасдиқ менамояд, талаб карда намешавад. Барҳам додани доғи судӣ беихтиёрона дар вақти гузаштани муҳлатҳои дар қонун нишондодашуда, баъди адои ҷазо ё ин ки дар давраи тамом шудани муҳлати санҷишӣ дар ҳолати шартан татбиқ накардани ҷазо ба миён меояд». Барҳам хӯрдани доғи судӣ ба таври автоматӣ тибқи қ. 3 м. 84 КҶ ҶТ сурат мегирад ва дар ин ҳолат ҳеҷ ягон қарори судӣ лозим нест[246].

Вале дар таҷрибаи судӣ ҳолатҳои зиёде ҷой доранд, ки шахс ба суд барои барҳамхурда эътироф намудани доғи судӣ мурочиат менамояд. Масалан, шаҳрванд А.Ҳ., ба суд бо дархост дар бораи барҳамхурда эътироф намудани доғи судӣ мурочиат намуда, нишон додааст, ки қаблан бо ҳукми суд, бо банди «б» қ. 3 м. 241 КҶ ҶТ гунаҳкор дониста шуда, ба муҳлати 5 сол маҳрум сохтан аз озодӣ, инчунин, ба муҳлати 2 сол бо маҳрум кардан аз машғул шудан ба фаъолияти расмии сомонаҳо ва шабакаҳои интернетӣ дар ҳама гуна ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ ҷазо дода шуда, дар асоси м. 71 КҶ ҶТ ҷазои таъиншуда нисбаташ шартан татбиқ нагардида, ба ӯ ду солу шаш моҳ муҳлати санҷишӣ муқаррар карда шудааст. Дар ин давра, ӯ муҳлати санҷиширо пурра иҷро намуда, аммо марбут ба пеш аз муҳлат ва барҳам хурдани доғи судӣ ба суд мурочиат накардааст. Айни замон барҳамхурда эътироф намудани доғи судӣ, ба ӯ барои амалӣ намудани дигар оқибатҳои ҳуқуқӣ зарур мебошад. Бо ин асосҳо, аз суд хоҳиш намудааст, ки дархост қонеъ карда шуда, муҳлати доғи судии ӯ барҳамхурда эътироф карда шавад. Суд низ, дархости шаҳрванд А.Ҳ.-ро баррасӣ намуда, бо таъиноти худ доғи судии номбурдаро бинобар гузаштани муҳлати он, барҳамхурда эътироф намудааст[247].

Дар мисоли дигар, шаҳрванд Қ.Р. ба суд бо ариза мурочиат намуда, онро чунин асоснок намудааст, ки ӯ дар асоси ҳукми суд бо қ. 1 м. 284 КҶ ҶТ гунаҳкор дониста шуда ва бо ин модда ҷазои ҷарима ба андозаи 1 000

---

[245] Доклад о работе УКК Верховного Суда РСФСР по делам, поступившим от главсудов, облсудов и губсудов за 1924 год в кассационном порядке и в порядке надзора // Еженедельник советской Юстиции. – 1925. – №7. – С. 180.

[246] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Қонуният, 2012. – 488 с.

[247] Таъиноти маҷлиси судӣ оид ба парвандаи ҷиноятии №3-22/23 // Бойгонии суди ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе.

маоши ҳадди ақал, баробар ба 20 000 сомонӣ ба фоидаи давлат таъин карда шудааст. Ӯ маблағи ҷаримаи таъингардидаро ба андозаи 4 000 сомонӣ пардохт намуда ва дар асоси таъиноти маҷлиси судӣ аз соли 2007 мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» аз боқимондаи пардохти ҷазои ҷарима озод гардидааст.

Дар айни замон доғи судие, ки ӯ доштааст дар асоси талаботи қонун, зиёда аз 16 сол гузаштааст, аммо ҳангоми муроҷиат ба корхона, муассиса ва ташкилотҳои гуногун бо мақсади амалӣ намудани ҳуқуқҳои конститутсиониаш ба меҳнат, онҳо талаб менамоянд, ки дар бораи надоштани доғи судӣ маълумотнома пешниҳод намояд. Маълумотномаи мазкур барои ҳимоя намудани ҳуқуқҳои конститутсиониаш ба меҳнат лозим будааст. Бо ин асосҳо аз суд хоҳиш намудааст, ки ариза қонеъ карда шуда, муҳлати доғи судии ӯ барҳамхурда эътироф карда шавад. Суд аризаи шаҳрванд Қ.Р.-ро баррасӣ намуда, бо таъиноти худ, бо сабаби гузаштани муҳлат, доғи судии номбурдаро барҳамхурда эътироф намудааст[248].

Албатта, чунин амалия бо мазмуни м. 84 КҶ ҶТ мувофиқат наменамояд. Зеро барҳам хурдани доғи судӣ пас аз гузаштани муҳлатҳои дар моддаи мазкур муқарраршуда, ба таври автоматӣ сурат мегирад ва дар ин маврид ягон таъиноти махсуси судӣ, дар бораи эътирофи он талаб карда намешавад.

Яке аз аввалин таърифи барҳам додани доғи судиро Д.О. Хан-Магомедов пешниҳод карда буд, ки тибқи он барҳам додани доғи судӣ – ин гузаштани муҳлати муқарраркардаи қонун мебошад, ки пас аз адои чораҳои ҷазо (асосӣ ва иловагӣ) оқибатҳои ҳуқуқӣ (доғи судӣ) барои ҷинояти қаблан содиркарда, ба таври автоматӣ бекор мегардад[249].

Ба фикри мо ин таъриф яктарафа аст, зеро дар қиёс бо қонунгузории ҷиноятии қаблӣ танҳо яке аз чаҳор ҳолати барҳам хӯрдани доғи судиро дар бар мегирад. Нуқсони дигари ин таъриф – дар он зикр нагардидани шартҳои ҳатмие мебошад, ки бе онҳо доғи судӣ барҳам намехурад, яъне содир накардани ҷинояти нав дар муддати муҳлати муқарраркардаи қонун мебошад. С.И. Зелдов бошад, мафҳуми барҳам хӯрдани доғи судиро нисбатан дақиқ баён намуда, онро ҳамчун гузаштани муҳлати муқарраркардаи қонун, пас аз маҳкумшавӣ арзёбӣ мекунад, ки ба таври автоматӣ ҳолати доғи судии шахс ва оқибатҳои ҳуқуқии ба он вобастаро бекор мекунад, ба шарте ки дар ин муддат шахс ҷинояти нав содир накунад[250]. В.В. Голина хусусиятҳои барҳам хӯрдан ва бардоштани доғи судиро аз рӯйи қонунгузории ҷиноятии қаблӣ таҳлил намуда, қайд намуда буд, ки шартҳои барҳам хӯрдани доғи судӣ, ин адои ҷазо, гузаштани муҳлати пешбининамудаи қонуни барҳамхурии доғи судӣ ва содир накардани ҷинояти нав дар тули ин вақт мебошад[251].

---

[248] Таъиноти маҷлиси судӣ оид ба парвандаи ҷиноятии №7-24/24 // Бойгонии суди ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе.

[249] Хан-Магомедов Д.О. Освобождение от наказания по советскому праву: Лекция / Д.О. Хан-Магомедов. – М.: Изд. ВШ МООП РСФСР. – 1964. – С. 40.

[250] Зельдов С.И. Институт судимости в советском уголовном праве: дис ... канд. юрид. наук. – Орджоникидзе, 1967. – С. 208.

[251] Голина В.В. Погашение и снятие судимости по советскому уголовному праву. – Харьков, 1979. – С. 62.

Барои дуруст ҳисоб кардани муҳлати доғи судӣ зарур аст, ки оғози онро муайян намоем. Доғи судиро баррасӣ намуда, А.И. Рарог қайд менамояд, ки барҳам хӯрдани доғи судӣ аз лаҳзаи воқеан адо кардани ҷазои асосӣ ва иловагӣ ҳисоб карда мешавад[252]. А.Н. Игнатов бошад, зикр менамояд, ки «гузаштани муҳлати дар қонун ишорашуда, пас аз адои ҷазо (асосӣ ва иловагӣ) доғи судиро барҳам медиҳад ва пас аз он шахс доғи судӣ надошта ба ҳисоб меравад»[253].

Аҳаммияти ҷазои иловагиро барои барҳам додани доғи судӣ А.Л. Светинович баррасӣ намуда, чунин менависад: «Таъсири ҷазои иловагӣ ба барҳам хӯрдани доғи судӣ дар он зоҳир мегардад, ки гузаштани муҳлати он бо лаҳзаи оғози ҳисоби муҳлати барҳам хӯрдани доғи судӣ муайян мегардад. Давомнокии муҳлати доғи судӣ дар қонун вобаста ба намуд ва муҳлати ҷазои асосӣ қайд гардидааст ва аз намуд ва андозаи ҷазои иловагӣ вобаста намебошад[254].

Ҳамин тариқ, воқеан муҳлати доғи судӣ танҳо пас аз адои ҷазо, аз тарафи шахси нисбаташ бо ҳукми суд ҷазои асосӣ ва иловагӣ (пурра ё қисман) маҳкумшуда ҳисоб карда мешавад, ки давомнокиаш аз категорияи ҷинояти содиркардааш вобаста аст.

Дар чунин ҳолат, қайд намудан зарур аст, ки барҳам хӯрдани доғи судӣ, ба ҳамаи категорияи шахсоне, ки барои содир намудани ҷиноят маҳкум шуда, нисбати онҳо намудҳои гуногуни ҷазо татбиқ гардидааст, ҳатто дар сурати қисми ҷазоро адо кардани онҳо низ, бояд паҳн гардад. Феҳристи мазкур маҳкумшудагони ҳукми қатл гирифта ва якумра аз озодӣ маҳрумшударо дар бар намегирад, зеро хусусияти таъини ҷазо барои ин шахсон дигар аст. Аммо ҳангоми таҳлили моддаи 84 КҶ ҶТ он ҳолатро баён намудан мумкин аст, ки дар он ҳамаи шаклҳои имконпазири амалишавии ҷавобгарии ҷиноятӣ, ки доғи судиро ба миён меоранд, мустаҳкам нагардидаанд.

Масалан, масъалаи қатъи доғи судӣ нисбати шахсе, ки вобаста ба бемории дигари вазнин аз адои ҷазо озод гардидааст (қ. 2 м. 79 КҶ ҶТ), ё бо сабаби ҳомиладор будан ва ё кӯдаки хурдсол доштани зан адои ҷазо нисбаташ мавқуф гузошта шудааст (м. 78 КҶ ҶТ) қариб ҳалли худро наёфтааст. Масъалаи мазкур аз он вобаста аст, ки дар чунин ҳолат мафҳумҳои «шартан пеш аз муҳлат озод кардан аз адои ҷазо» ва ё «озод кардан аз адои ҷазо» ва «озод кардан аз адои минбаъдаи ҷазо»-ро бо ҳам омехта накунем.

Шартан пеш аз муҳлат озод кардан аз адои ҷазо дар м. 76 КҶ ҶТ пешбинӣ шуда, шакли мушаххаси таъсири ҳуқуқии ҷиноятӣ нисбати шахсони ҷазои ҷиноятиро адокунанда бо асосҳои мушаххас, шартҳо, тартиб ва оқибатҳои татбиқи он мебошад. Яке аз шартҳо барои татбиқи м. 76 КҶ ҶТ воқеан адо кардани қисми ҷазои бо ҳукми суд додашуда

---

[252] Уголовное право. Общая часть: учебник / Под ред. Б.В. Здравомыслова, Ю.А. Красикова, А.И. Рарога. – М., 1994. – С. 514.

[253] Минязева Т.Ф. Уголовное право: учебник в 2-х т. / Под ред. А.Н. Игнатова, Ю.А. Красикова. – М., 2005. – С. 311.

[254] Цветинович А.Л. Проблема дополнительных наказаний в советском уголовном праве: автореф. дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 1987. – С. 37.

мебошад, ки аз категорияи ҷинояти содиршуда вобаста аст. Оид ба пеш аз муҳлат озод кардан аз адои ҷазо бошад, метавонад ҳолате дохил шавад, ки ҳангоми шахси барои содир намудани ҷиноят маҳкумшуда ё аз адои минбаъдаи ҷазо озод мешавад, ё пурра аз адои ҷазо бо сабаби беморӣ, бахшиши ҷазо ё авф озод мегардад.

Ҳамчунин, мафҳумҳои «озод кардан аз адои ҷазо» ва «озод кардан аз адои минбаъаи ҷазо» аз рӯйи мазмун бо ҳамдигар якхела нестанд. Фарқияти ин мафҳумҳо дар он мушоҳида мегардад, ки дар ҳолати аввал шахс воқеан бо сабаби беморӣ, мавқуф гузоштани адои ҷазо (нисбати занони ҳомиладор ва ё кӯдаки то ҳаштсола дошта татбиқ мегардад), ҳамчунин, бо санади бахшиши ҷазо ва ё авф ҷазои бо ҳукми суд додашударо адо намекунад ва дар ҳолати дуюм бошад, шахс воқеан қисми ҷазоро адо мекунад. Ҳамин тавр, дар як ҳолат меъёри пешбининамудаи қ. 2 м. 84 КҶ ҶТ, дар ҳолати дигар бошад, қ. 4 м. 84 КҶ ҶТ татбиқ мегардад.

Яъне доғи судӣ аз адои воқеии ҷазо вобаста аст, муҳлати иҷрои ҳукми айбдоркунандаи суд бошад, иҷрои воқеии ҷазои ҷиноятиро боз медорад.

Хулоса, барҳам хӯрдани доғи судӣ, бояд танҳо дар асоси он меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ муайян карда шавад, ки бевосита қатъ гардидани доғи судиро пешбинӣ мекунанд. Меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятие, ки озод кардан аз ҷазо, озод кардан аз адои ҷазоро пешбинӣ мекунанд, мустақилона асос ва шартҳои қатъ гардидани доғи судиро пешбинӣ намекунанд. Аз ин рӯ, қатъ гардидани он, бояд танҳо дар асоси м. 84 КҶ ҶТ сурат гирад. Қатъ гардидани доғи судӣ боиси ба миён омадани факти ҳуқуқии дахлдор – ҳодиса мегардад ва новобаста аз иродаи субъектони фаъолияти ҳуқуқтатбиққунанда ба миён омада, объективӣ мебошад. Агар баръакси ҳолро эътироф намоем, пас ба институти қатъ гардидани доғи судӣ ҳамаи моддаҳоро оид ба озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо шомил намудан мумкин мебуд. Яъне дар ин ҳолат мазмуни институти баррасишаванда васеъ мегардид, ки ин ба андешаи мо манъ аст.

Фаҳмиши дуруст оид ба доғи судӣ ва роҳҳои барҳам хурдани он, на танҳо ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мусоидат мекунад, балки ба онҳо умеди бозгашт ба ҳаёти муқаррариро низ, мебахшад.

Барҳам хурдани доғи судӣ на танҳо шахсро аз маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ озод мекунад, балки ба ӯ имкон медиҳад, ки ба зиндагии муътадили иҷтимоӣ бар гардад. Ин раванд бахши муҳимми сиёсати ҷиноятӣ ва иҷтимоӣ ба шумор меравад.

Доғи суди агарчӣ як унсури муҳим дар низоми ҳуқуқии кишвар аст, он на бояд ба монеа ё хатар барои ояндаи шахс табдил ёбад. Барҳам хӯрдани он, бояд бо адолат, шаффофият ва дастрасии баробар сурат гирад. Ислоҳоти зарурӣ ва амалия метавонад ба барқарорсозии комили шахс дар ҷомеа мусоидат намояд ва фарҳанги авфу бахшишро дар ҷомеа тақвият бахшад.

Рӯйхати адабиёт:

1. Голина, В.В. Погашение и снятие судимости по советскому уголовному праву [Текст] / В.В. Голина. – Харьков, 1979. – 137 с.
2. Доклад о работе УКК Верховного Суда РСФСР по делам, поступившим от главсудов, облсудов и губсудов за 1924 год в кассационном порядке и в порядке надзора [Текст] // Еженедельник советской Юстиции. – 1925. – №7. – С. 177-182.
3. Зельдов, С.И. Институт судимости в советском уголовном праве [Текст]: дис ... канд. юрид. наук: 12.00.00 / Зельдов Соломон Иосифович. – Орджоникидзе, 1967. – 379 с.
4. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе: Қонуният, 2012. – 488 с.
5. Кодекси ҷиноятии ҶСС Тоҷикистон аз 17 августи соли 1961 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail&sanadID (санаи мурочиат: 03.11.2025).
6. Минязева, Т.Ф. Уголовное право [Текст]: учебник в 2-х т. / Под ред. А.Н. Игнатова, Ю.А. Красикова. – М., 2005. – 577 с.
7. Музафаров, С.З. Институт судимости по уголовному законодательству Таджикистана и России [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Музафаров Сулаймон Заробидинович. – Санкт-Петергург, 2019. – 260 с.
8. Таъиноти маҷлиси судӣ оид ба парвандаи ҷиноятии №3-22/23 // Бойгонии суди ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе.
9. Таъиноти маҷлиси судӣ оид ба парвандаи ҷиноятии №7-24/24 // Бойгонии суди ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе.
10. Уголовное право. Общая часть [Текст]: учебник / Под ред. Б.В. Здравомыслова, Ю.А. Красикова, А.И. Рарога. – М., 1994. – 535 с.
11. Хан-Магомедов, Д.О. Освобождение от наказания по советскому праву [Текст]: лекция / Д.О. Хан-Магомедов. – М.: Изд. ВШ МООП РСФСР. – 1964. – 47 с.
12. Цветинович, А.Л. Проблема дополнительных наказаний в советском уголовном праве [Текст]: автореф. дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.08 / Цветинович Алексей Леонович. – М., 1987. – 40 с.
13. Шаутаева, Г.Х. Судимость в уголовном праве и ее правовое значение [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Шаутаева Гульнара Хасановна. – Ижевск, 2000. – 213 с.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 20.11.2025
Аз тақриз баргашт: 25.11.2025
Ба чоп тавсия шуд: 22.12.2025

ТАЪРИХИ ТАШАККУЛИ СОХТАКОРИИ ПУЛ ВА КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОКИ ҚАЛБАКӢ (СОХТА) ДАР ТОҶИКИСТОН ВА МУҚОИСАИ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БО ҚОНУНГУЗОРИИ ХОРИҶӢ

Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
Тел.: (+992) 880787828
E-mail: mrahmonzoda@mail.ru

Исматов Рустам Абдусаломович,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия
Тел.: (+992) 938333433
E-mail: anushervon1208@mail.ru

Муқарриз: Мирозоахмедов Ф.А., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

Фишурда: Дар ин мақола таърихи ташаккул ва инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ дар самти ҷавобгарӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои он дар моддаи 281 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, омӯхта мешаванд. Дар натиҷаи омӯзиши назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар мавзӯи таҳқиқшаванда ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаллиф ба хулосае меояд, ки тамоюли паҳншавии сохтакории пул ва қоғазҳои қимматноки қалбакӣ ба амнияти иқтисодии давлатҳо таҳдиди воқеӣ дорад. Аз ин лиҳоз, ташкили системаи таъсирбахши муборизаи бо ин ҷиноят, ки торафт бештар хусусияти ҷаҳонӣ пайдо мекунад, вазифаи аввалиндараҷаи ҳамаи кишварҳо мебошад.

Калидвожаҳо: Тайёр кардан, ба муомилот баровардан, пул, қоғазҳои қимматнок, қалбакӣ, асъори хориҷӣ, билетҳои қалбакӣ, танга, ҷавобгарии ҷиноятӣ.

ИСТОРИЯ ФОРМИРОВАНИЯ ПОДДЕЛКИ ДЕНЕГ И ПОДДЕЛЬНЫХ ЦЕННЫХ БУМАГ В ТАДЖИКИСТАНЕ И СРАВНЕНИЕ УГОЛОВНОГО ПРЕСЛЕДОВАНИЯ С ИНОСТРАННЫМ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВОМ

Рахмонзода Мухаммад Джамшед,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, заведующий кафедрой уголовного права и противодействия коррупции, кандидат юридических наук, доцент
Тел.: (+992) 880787828
E-mail: mrahmonzoda@mail.ru

Исматов Рустам Абдусаломович,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, ассистент кафедры уголовного права и противодействия коррупции
Тел.: (+992) 938333433
E-mail: anushervon1208@mail.ru

Reviewer: Mirzoakhmedov F.A., Candidate of Legal Sciences, Associate Professor

Аннотация: В данной статье изучаются история формирования и развития уголовного законодательства в сфере ответственности за изготовление или выпуск в обращение поддельных (подделанных) денег или ценных бумаг, уголовная ответственность за которое предусмотрено в статье 281 Уголовного кодекса Республики Таджикистан. В результате изучения теории уголовного права по исследуемой теме и Уголовного кодекса Ресублики Таджикистан, автор приходит к выводу, что тенденция рапространения поддельных денег и ценных бумаг имеет реальную угрозу экономической безопасности государств. Поэтому, создание эффективной системы борьбы с этим преступлением, которая во многом обретает мировой характер, является первостепенной задачей каждого государства.

Ключевые слова: Изготовление, сбыт, деньги, ценные бумаги, поддельный, иностранная валюта, поддельные билеты, монета, уголовная ответственность.

THE HISTORY OF FORGED MONEY AND FRAUDULENT SECURITIES IN TAJIKISTAN AND COMPARISON OF CRIMINAL PROSECUTION WITH FOREIGN LEGISLATION

Rahmonzoda Muhammad Jamshed,
Tajik National University, Faculty of Law, Head of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor
Phone.: (+992) 880787828
E-mail: mrahmonzoda@mail.ru

Ismatov Rustam Abdusalomovich,
Tajik National University, Faculty of Law, Assistant at the Department of Criminal Law and Anti-Corruption
Phone.: (+992) 938333433
E-mail: anushervon1208@mail.ru

Reviewer: Mirozoakhmedov F.A.., Candidate of Law, Associate Professor

Annotation: The article examines the history of the formation and development of criminal legislation in the field of liability for the manufacture or circulation of counterfeit (forged) money or securities, which is criminalized under Article 281 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan. Based on the study of the theory of criminal law on this topic and the Criminal Code of the Republic of Tajikistan, the author concludes that the trend of counterfeit money and securities poses a real threat to the economic security of states. Therefore, creating an effective system to combat this crime, which is becoming increasingly global in nature, is a top priority for every country.

Keywords: Manufacture, sale, money, securities, counterfeit, foreign currency, counterfeit tickets, coin, criminal liability.

Бояд таъкид кард, ки бо Қарори Кумитаи Иҷроияи Марказӣ ва Шурои Комиссарони Халқии ИҶШС аз 18 ноябри соли 1929 «Дар бораи тағйир додани моддаи 22-и Муқаррарот дар бораи ҷиноятҳои давлатӣ, зиддиинқилобӣ ва махсусан ҷиноятҳои барои ИҶШС хатарноки ба муқобили тартиби идоракунӣ равонагардида» ба моддаи 22-и он меъёри нав ворид карда шуд. Мувофиқи ин меъёр, сохтакории чекҳо, ҳуҷҷатҳо барои пасандозҳои пулӣ ва коғазҳои қиматнок, инчунин шаҳодатномаҳо оид ба аккредитивҳои пулӣ ҳамчун кирдори ҷиноятӣ эътироф карда шуда, боиси маҳрум сохтан аз озодӣ бо истифодаи ҷудокунии қатъӣ ба мӯҳлати на камтар аз ду сол бо мусодираи пурра ё қисмани молу мулк мегардад.

Бо вуҷуди қабули Қонуни ИҶШС «Дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои давлатӣ» аз 25 декабри соли 1958, ба қонунгузории танзимкунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сохтакории пулҳо тағйироти

ҷиддӣ ворид нагардид.

Моддаи 24-и қонуни нав ба ҷинояти сохтакории пул бахшида шуда, барои тайёр кардан ба мақсади ба муомилот баровардани пул**,** инчунин барои фурӯши билетҳои қалбакии хазинадории давлатӣ, билетҳои бонки давлатии ИҶШС, тангаи металлӣ, коғазҳои қиматноки давлатӣ ё асъори хориҷӣ ҷавобгариро муқаррар кард.

Таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳад, ки тағйирот ба муайян кардани асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сохтакории пулҳо аз нав дида баромадани меъёрҳои мавҷудаи бо вақт санҷидашударо пешбинӣ накардааст. Тағйиротҳое, ки бо Қонуни ИҶШС «Дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои давлатӣ» ворид карда шуданд, асосан хусусияти таҳрирӣ доштанд ва ба баланд бардоштани равшанӣ ва фаҳмиши қонунгузорӣ равона карда шуда буданд, ки ба тафсири якхела ва татбиқи амалии он мусоидат карданд. Бояд қайд кард, ки моддаи 24-и қонуни мазкур барои тайёр кардан ба мақсади ба муомилот баровардани пул ва чиптаҳои нақлиёти роҳи оҳан ва обӣ, ки дар қонунгузории қаблӣ пешбинӣ шуда буд, ҷавобгарӣ пешбинӣ накардааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар шароити нави таърихии давлати шӯравӣ баҳодиҳии ин кирдорҳои ҷиноятӣ тағйир ёфт ва банду басти онҳо ҳамчун ҷиноятҳои давлатӣ ғайримуносиб гардид.

Дар Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз соли 1961 ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан бо мақсади ба муомилот баровардан, инчунин ба муомилот баровардани билетҳои қалбакии хазинадории давлатӣ, билетҳои бонки давлатии ИҶШС, танга, коғазҳои қиматноки давлатӣ ё асъори хориҷӣ дар м. 85 пешбинӣ шуда буд.

Бояд қайд кард, ки қонунгузор ҳанӯз ҳам сохтакории пулро ҳамчун яке аз ҷиноятҳои давлатӣ эътироф мекард, ки он ба манфиатҳои давлатии тамоми Иттифоқи Шӯравӣ таҷовуз мекард. Гузашта аз ин, ҳангоми муайян кардани ҷазои шадид барои содир кардани он, КҶ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1961, муқаррар кард, ки сохтакории пул бояд ҳамчун ҷинояти махсусан вазнин баррасӣ карда шавад. Ин бо он шарҳ дода мешуд, ки аҳаммияти пул ва муомилоти пулӣ ҳамчун воситаи муҳими фаъолияти давлатӣ дар давраи сохтмони васеи ҷомеаи коммунистӣ ҳеҷ гоҳ коҳиш наёфтааст ва низоми муносибатҳои пулию қарзии давлати сотсиалистӣ ба ҳифзи баланди ҳуқуқии ҷиноятӣ ниёз дошт.

Бо фармони Раёсати Шӯрои Олии ИҶШС аз 5 майи соли 1961 «Дар бораи пурзӯр намудани мубориза бо ҷиноятҳои махсусан вазнин» ба моддаи 24-и Қонуни ИҶШС «Дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои давлатӣ», ислоҳот ворид карда шуд. Ин ислоҳот ҷазои сахттарро, аз он ҷумла ҷазои қатлро бо мусодираи молу мулк барои сохтакории пулҳо, ки ҳамчун касб амалӣ карда мешуданд, пешбинӣ мекард. Ворид намудани чунин тағйирот на танҳо бо хоҳиши пурзӯр намудани мубориза ба муқобили ҷинояти махсусан вазнин, тавре ки дар номи фармон нишон дода шудааст, балки бо зарурати баланд бардоштани ҳимояи муомилоти пулии шӯравӣ дар давраи гузариш ба миқёси нави нархҳо ва амалиётҳои мубодилавӣ, ки аз 1 январи соли 1961 амалӣ карда

шудааст, вобаста буд.

КҶ ҶТ аз соли 1998 барои сохтакории пул ва коғазҳои қиматнок дар м. 281 ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ мекунад, аммо дар муқоиса бо КҶ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1961, ин ҷиноятро ба ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ, ки дар боби 26 КҶ ҶТ ҷойгир аст, дохил мекунад. Дар ин меъёр пешбинӣ шудааст, ки тайёр кардан бо мақсади ба муомилот баровардан ё ба муомилот баровардани билетҳои қалбакии Бонки миллии Тоҷикистон, танга ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон, асъори хориҷӣ ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори хориҷӣ, бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз панҷ то ҳашт сол бо мусодираи молу мулк ҷазо дода мешавад. Тибқи қисми дуюми моддаи мазкур, ҳамин кирдор, агар аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, ба миқдори калон, такроран содир гардад, бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз ҳашт то дувоздаҳ сол, бо мусодираи молу мулк ҷазо дода мешаванд. Тибқи қисми сеюми м. 281 КҶ ҶТ, кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда, ки аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир шудааст, бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз дувоздаҳ то понздаҳ сол, бо мусодираи молу мулк ҷазо дода мешаванд[255].

Дар мавриди кодексҳои ҷиноятии ҷумҳуриҳои собиқ Иттифоқи Шӯравӣ, ин намуди ҷиноят дар онҳо ба монанди КҶ ҶТ баррасӣ карда мешавад.

Ҳамин тавр, дар КҶ Федератсияи Россия м. 186 дар боби 22 Қисми махсус ҷойгир аст ва пешбинӣ мекунад, ки бо тайёр кардан бо мақсади ба муомилот баровардан ё ба муомилот баровардани билетҳои қалбакии Бонки марказии Федератсияи Россия, танга ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори Федератсияи Россия, асъори хориҷӣ ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори хориҷӣ бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз панҷ то ҳашт сол бо ҷарима ба андозаи то як миллион рубл ё ба андозаи музди меҳнат ё дигар даромади маҳкумшуда дар давраи то панҷ сол ё бе он, ҷазо дода мешавад[256].

Мутобиқи м. 199 КҶ Украина, зери сохтакории пулҳо тайёр кардан, нигоҳдорӣ, соҳиб шудан, интиқол, фиристодан, воридот ба Украина бо мақсади истифода дар фурӯши молҳо, ба соҳибияти каси дигар додан, инчунин ба соҳибияти каси дигар додани тамғаҳои ғайриқонунии истеҳсолшуда, гирифташуда ё сохтакории андози аксизӣ, унсурҳои муҳофизатии голографӣ, асъори қалбакии миллии Украина дар шакли банкнотаҳо ё тангаҳои металлӣ, асъори хориҷӣ, коғазҳои қиматноки давлатӣ, дар шакли коғазӣ ё билетҳои лотереяи давлатӣ, фаҳмида мешавад. Ин ҷиноят дар фасли VII КҶ Украина бо номи «Кирдорҳои ҷиноятӣ дар соҳаи фаъолияти хоҷагидорӣ», пешбинӣ карда шудааст[257].

---

[255] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 маи соли 1998. [Манбаи электронӣ] // URL: http://base.mmk.tj (Санаи мурочиат: 03.05.2024).

[256] Уголовный кодекс Российской Федерации от 13 июня 1996 г. [Манбаи электронӣ] // URL: https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_10699/a102e84cc9f4d4ebfb14bbd474c1bbdaaf4cb1bf/ (Санаи мурочиат: 28.10.2024).

[257] Уголовный кодекс Украины от 5 апреля 2001 г. [Манбаи электронӣ] // URL: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30418109&pos=8;-106#pos=8;-106 (Санаи мурочиат: 28.10.2024).

Дар Ҷумҳурии Беларус инчунин меъёри ҳуқуқӣ мавҷуд аст, ки ҷавобгариро барои тайёр кардан, нигоҳ доштан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ, ки дар боби 25 «Ҷиноятҳо ба муқобили тартиби амалӣ намудани фаъолияти иқтисодӣ» ҷойгир аст, пешбинӣ мекунад. Ҳамин тавр, мутобиқи м. 221 КҶ Ҷумҳурии Беларус «тайёр кардан ё нигоҳ доштан бо мақсади ба муомилот баровардани билетҳои қалбакӣ ё тангаҳо, коғазҳои қиматноки давлатӣ ё дигар коғазҳои қиматнок дар воҳиди расмии пулии Ҷумҳурии Беларус, нишонаҳои пулӣ ё коғазҳои қиматнок бо асъори хориҷӣ»[258], мебошад. Мутобиқи қ. 2 м. 221 КҶ Ҷумҳурии Беларус, ба сифати намудҳои вазнинкунандаи ҷиноят мазкур кирдорҳое, ки такроран ё аз ҷониби гурӯҳи муташаккил, ё бо миқдори махсусан калон содир шудаанд, баромад мекунанд[259].

Дар КҶ Ҷумҳурии Латвия дар м. 192 ҷавобгарӣ барои тайёр кардан ва ба муомилот баровардани пулҳои қалбакӣ ва коғазҳои қиматноки давлатӣ, ки дар боби XIX «Кирдорҳои ҷиноятӣ дар хоҷагии халқ» ҷойгир аст, пешбинӣ шудааст. Мутобиқи ин меъёр дар КҶ Ҷумҳурии Латвия ҷинояти мазкур чунин муайян гардидааст: «тайёр кардан бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан, инчунин ба соҳибияти каси дигар додани нишонаҳои пулии қалбакӣ ва тангаҳои Бонки Латвия, коғазҳои қиматноки давлатӣ ё асъори хориҷӣ»[260].

Дар КҶ Лаҳистон ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сохтакории пулҳо дар м. 310 пешбинӣ шудааст, ки дар боби 37 «Ҷиноятҳо ба муқобили гардиши пул ва коғазҳои қиматнок дохил карда шудааст. Аммо, бояд қайд кард, ки дар муқоиса бо м. 281 КҶ ҶТ, дар КҶ Лаҳистон доираи васеи ҳаракатҳо, яъне қалбакӣ намудан, тағйир додан, ба муомилот баровардани пул, дигар воситаи пардохт ё ҳуҷҷат ё қабули онҳо, нигоҳ доштан, интиқол, гузаронидан, фиристодан, бо мақсади ба муомилот баровардан, дохил карда шудаанд[261].

Дар қонунгузории ҷиноятии Испания, ба монанди дигар тартиботи ҳуқуқӣ, тамоюли истифодаи муносибати казуалӣ ҳангоми муайян кардани таркиби ҷинояти сохтакории пул мушоҳида мешавад. Мувофиқи м. 386 КҶ Испания, таҳти сохтакории пулҳо амалҳои зерин фаҳмида мешаванд:

1. Тайёр кардани пулҳои қалбакӣ, аз ҷумла тангаҳои металлӣ, коғазҳо, кортҳои қарзӣ ва дебетӣ ва аккредитивҳо.
2. Воридоти пулҳои қалбакӣ ба қаламрави кишвар.
3. Ба муомилот баровардан ё паҳн кардани пулҳои қалбакӣ дар якҷоягӣ бо дигар шахсоне, ки бо сохтакории пул ё қочоқ машғуланд.
4. Нигоҳ доштани пулҳои қалбакӣ бо мақсади ба муомилот баровардани

---

[258] Уголовный кодекс Республики Беларусь от 9 июля 1999 г. (с изменениями и дополнениями от 12.07.2024 г.) [Манбаи электронӣ] // URL: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30414984&pos=1989;-56#pos=1989;-56 (Санаи мурочиат: 28.10.2024).

[259]Ниг.: Ҳамон ҷо.

[260] Уголовный кодекс Латвийской Республики от 17 июня 1998 г. (в редакции от 2 февраля 2021 г.) [Манбаи электронӣ] // URL: https://studylib.ru/doc/3938631/ugolovnyj-kodeks-latvijskoj-respubliki--?ysclid=m2swmoqe4h831379656 (Санаи мурочиат: 28.10.2024).

[261] Уголовный кодекс Польши от 06 июня 1997 г. (с изменениями и дополнениями от 01 августа 2001 г.) [Манбаи электронӣ] // URL: https://constitutions.ru/?p=29233&ysclid=m2syzbznf7639631652 (Санаи мурочиат: 28.10.2024).

онҳо.

5. Дидаву дониста ба даст овардани пулҳои қалбакӣ бо мақсади ба муомилот даровардани онҳо[262].

КҶ Ҷумҳурии Федеративии Олмон барои ҷиноятҳои марбут ба сохтакории пулҳо дар се моддаи алоҳида ҷавобгарӣ пешбинӣ мекунад. Мувофиқи §146 КҶ Ҷумҳурии Федеративии Олмон, шахсоне, ки дар тайёр кардан ё соҳиб шудан ба пулҳои қалбакӣ бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан гунаҳгор эътироф шудаанд, бояд на камтар аз ду сол аз озодӣ маҳрум карда шаванд. Дар §147 КҶ Ҷумҳурии Федеративии Олмон барои ба соҳибияти каси дигар додани пулҳои қалбакӣ, инчунин барои сӯиқасди ин кирдор ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар карда шудааст. Ниҳоят, §149 КҶ Ҷумҳурии Федеративии Олмон тайёрӣ барои тайёр кардани пулҳои қалбакиро ҳамчун ҷинояти мустақил муайян мекунад[263].

Қонунгузории ҷиноятии Швейтсария бо истифодаи муносибати комплексӣ ба муайян кардани таркиби ҷинояти сохтакории пул, тавсиф карда мешавад. Мувофиқи м. 240 КҶ Швейтсария, бо тариқи қалбакӣ тайёр кардани тангаҳои металлӣ, банкнотаҳо ё пулҳои коғазӣ ҷавобгарии ҷиноятиро ба вуҷуд меорад. Илова бар ин, КҶ Швейтсария намудҳои алоҳидаи зерини сохтакории пулҳоро ҷудо мекунад:

- тақаллуби нишонаҳои пулӣ (м. 241);
- ба муомилот даровардани пулҳои қалбакӣ (м. 242);
- камкунии ғайриқонунии миқдори металлҳои қиматбаҳо дар тангаҳо (м. 243);
- воридот, соҳиб шудан ва нигоҳ доштани пулҳои қалбакӣ (м. 244)[264].

Ҳангоми таҳлили қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ дар соҳаи ҷавобгарӣ барои сохтакории пулҳо, бояд қайд кард, ки дар як қатор кишварҳо, дар фарқият аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ва як қатор давлатҳои дигар, сохтакории пулҳо ҳамчун ҷинояти иқтисодӣ тасниф карда намешаванд. Ба ҷои ин, он одатан як намуди мустақили фаъолияти ҷиноятӣ мебошад, ки дар Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии миллӣ ба категорияи махсус ҷудо карда шудааст.

Дар КҶ Фаронса, сохтакории пул ҳамчун ҷиноят ба муқобили эътимоди ҷамъиятӣ, пешбинӣ карда шудааст. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷинояти мазкур, вобаста ба объекти ҷиноят фарқ карда мешавад. Аз ҷумла, дар боби II «Дар бораи пулҳои қалбакӣ» (моддаҳои 442-1 – 442-14) барои ҳаракатҳои барои ҷамъият хавфнок вобаста ба қалбакӣ тайёр кардани тангаҳо ё банкнотаҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст. Дар КҶ Фаронса (моддаҳои 443-1 – 443-8) ҷавобгарии алоҳида барои сохтакории

---

[262] Уголовный кодекс Испании (Органический закон № 10/1995 от 23.11.1995 г. с изменениями, внесенными Органическим законом N 3/2011 от 28.01.2011г.) [Манбаи электронӣ] // URL: https://www.wipo.int/wipolex/ru/legislation/details/11871 (Санаи мурочиат: 28.10.2024).

[263] Уголовный кодекс Федеративной Республики Германии в редакции от 13 ноября 1998 г. по состоянию на 15 мая 2003 г. [Манбаи электронӣ] // URL: https://kartaslov.ru/книги/Уголовный_кодекс_Федеративной_Республики_Германии/8 (Санаи мурочиат: 28.10.2024).

[264] Уголовный кодекс Швейцарии 21 декабря 1937 г. [Манбаи электронӣ] // URL: https://ru.ruwiki.ru/wiki/Уголовный_кодекс_Швейцарии (Санаи мурочиат: 28.11.2024).

пул, ки объекти он коғазҳои қиматнок мебошанд, муайян карда шудааст[265].

Таҳлили таърихи ташаккул ва инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) имкон медиҳад, ки аломатҳо ва тамоюлҳои доимии зерини он ошкор карда шаванд:

1. Тайёр кардани пули қалбакӣ ҷиноятe мебошад, ки таърихи тӯлонӣ дорад. Дар даврaҳои гуногуни рушди ҷомеа Кодексҳои ҷиноятии бисёр кишварҳо ҳам мафҳуми сохтакории пул ва ҳам дараҷаи хавфнокии онро барои фаъолияти устувори муносибатҳои ҷамъиятӣ, ба таври гуногун муайян мекунанд.

2. Дар аввал, бинобар рушди нокифояи муносибатҳои иқтисодӣ, сохтакории пулҳо асосан ҳамчун ҷиноят ба муқобили манфиатҳои молумулкӣ баррасӣ мешуданд. Дар ҷараёни ташаккули низоми пулию қарзӣ ва муқаррар кардани монополияи давлатӣ дар интишори нишонаҳои пулӣ тайёр ё паҳн кардани пулҳои қалбакӣ ё коғазҳои қиматнок мақоми ҷинояти давлатиро ба даст меорад, ки барои он ҷазои қатъии ҷиноятӣ пешбинӣ карда мешавад. Ин кирдор ҳамчун ҷинояти махсусан вазнин баҳо дода мешавад, зеро нақши пул ва муомилоти пулӣ ҳамчун воситаи асосии фаъолияти давлатӣ бо тавсеаи муомилоти пулӣ на танҳо коҳиш намеёбад, балки баръакс, пайваста меафзояд.

3. Дар шароити густариши муносибатҳои бозаргонӣ дар аксари кишварҳо, Кодекси ҷиноятӣ тайёр ва паҳн кардани нишонаҳои пулии қалбакӣ ё коғазҳои қиматнокро ҳамчун кирдори ҷиноятӣ меҳисобад, ки ба манфиатҳои иқтисодии субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ зарар мерасонад.

Адабиёт:

1. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 маи соли 1998. [Манбаи электронӣ] // URL: http://base.mmk.tj (Санаи мурочиат: 03.05.2024).

2. Уголовный кодекс Российской Федерации от 13 июня 1996 г. [Манбаи электронӣ] // URL:

3. https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_10699/a102e84cc9f4d4ebfb14bbd474c1bbdaaf4cb1bf/ (Санаи мурочиат: 28.10.2024).

4. Уголовный кодекс Украины от 5 апреля 2001 г. [Манбаи электронӣ] // URL: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30418109&pos=8;-106#pos=8;-106 (Санаи мурочиат: 28.10.2024).

5. Уголовный кодекс Республики Беларусь от 9 июля 1999 г. (с изменениями и дополнениями от 12.07.2024 г.) [Манбаи электронӣ] // URL: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30414984&pos=1989;-56#pos=1989;-56 (Санаи мурочиат: 28.10.2024).

6. Уголовный кодекс Латвийской Республики от 17 июня 1998 г. (в редакции от 2 февраля 2021 г.) [Манбаи электронӣ] // URL:

[265] Уголовный кодекс Франции от 22 июля 1992 г. [Манбаи электронӣ] // URL: https://yurist-online.org/laws/foreign/criminalcode_fr/_doc-5-.pdf?ysclid=m4gzxi43x2783975020 (Санаи мурочиат: 28.11.2024).

https://studylib.ru/doc/3938631/ugolovnyj-kodeks-latvijskoj-respubliki--?ysclid=m2swmoqe4h831379656 (Санаи мурочиат: 28.10.2024).

7. Уголовный кодекс Польши от 06 июня 1997 г. (с изменениями и дополнениями от 01 августа 2001 г.) [Манбаи электронӣ] // URL: https://constitutions.ru/?p=29233&ysclid=m2syzbznf7639631652 (Санаи мурочиат: 28.10.2024).

8. Уголовный кодекс Испании (Органический закон № 10/1995 от 23.11.1995 г. с изменениями, внесенными Органическим законом N 3/2011 от 28.01.2011г.) [Манбаи электронӣ] // URL: https://www.wipo.int/wipolex/ru/legislation/details/11871 (Санаи мурочиат: 28.10.2024).

9. Уголовный кодекс Федеративной Республики Германии в редакции от 13 ноября 1998 г. по состоянию на 15 мая 2003 г. [Манбаи электронӣ] // URL: https://kartaslov.ru/книги/Уголовный_кодекс_Федеративной_Республики_Германии/8 (Санаи мурочиат: 28.10.2024).

10. Уголовный кодекс Швейцарии 21 декабря 1937 г. [Манбаи электронӣ] // URL: https://ru.ruwiki.ru/wiki/Уголовный_кодекс_Швейцарии (Санаи мурочиат: 28.11.2024).

11. Уголовный кодекс Франции от 22 июля 1992 г. [Манбаи электронӣ] // URL: https://yurist-online.org/laws/foreign/criminalcode_fr/_doc-5-.pdf?ysclid=m4gzxi43x2783975020 (Санаи мурочиат: 28.11.2024).

Мақола дар редаксия ворид шуд: 20.11.2025
Аз тақриз баргашт: 25.11.2025
Ба чоп тавсия шуд: 22.12.2025

МОЛИКИЯТ ҲАМЧУН ОБЪЕКТИ ҚАЛЛОБӢ

Исмоилзода Рустам Исмоил
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, датсенти кафедраи ҳуқуқи ҷинояти ва мубориза бо коррупсия
Тел.: +992 555184444
E-mail: rustamjon-1982@mail.ru

Фишурда. Мақолаи мазкур ба таҳлили ҳуқуқии объекти ҷинояти қаллобӣ равона шудааст ва мавқеи назариявии ин консепсияро дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ баён мекунад. Дар он сохтори таркиби ҷиноят, аз ҷумла объект, субъект ва тарафҳои объективӣ ва субъективӣ, баррасӣ гардида, хусусиятҳои объекти ҷиноят дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба таври муфассал шарҳ дода шудааст. Ба махсусияти объекти қаллобӣ ҳамчун муносибатҳои моликиятӣ ва аҳамияти он, ки объекти ҷиноятро ҳамчун муносибатҳои ҷамъиятӣ бо арзиши иҷтимоӣ ва манфиатҳои он мешуморад, диққат дода шудааст. Мавод инчунин дар бораи гуногуншаклӣ ва сатҳҳои объекти ҷиноят ва баҳсҳои назариявӣ дар ин мавзӯъ маълумот медиҳад.

Калидвожаҳо: Моликия, қаллобӣ, объекти ҷиноят, таркиби ҷиноят, муносибатҳои ҷамъиятӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, мафҳуми ҷиноят, принсипи қонуният, қонунгузорӣ.

СОБСТВЕННОСТЬ КАК ОБЪЕКТ МОШЕННИЧЕСТВА

Исмоилзода Рустам Исмоил, Таджикский национальный университет, юридический факультет, доцент кафедры уголовного права и противодействия коррупции
Тел.: +992 555184444
E-mail: rustamjon-1982@mail.ru

Аннотация. Настоящая статья посвящена правовому анализу объекта преступления мошенничества и раскрывает теоретическое положение этого понятия в науке уголовного права. В ней рассматривается структура состава преступления, включающая объект, субъект, объективную и субъективную стороны, а также подробно раскрываются особенности объекта преступления в теории уголовного права. Уделяется внимание специфике объекта мошенничества как имущественных отношений и важности рассмотрения объекта преступления как общественного отношения, обладающего социальной ценностью и выгодой. В материале также представлена информация о многообразии и уровнях объекта преступления и теоретических дискуссиях по данной теме.

Ключевые слова: Имущество, мошенничество, объект преступления, состав преступления, общественные отношения, уголовное право, понятие преступления, принцип законности, законодательство.

PROPERTY AS AN OBJECT OF FRAUD

Ismoilzoda Rustam Ismoil,
Tajik National University, Faculty of Law, Associate Professor of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption
Phone.: +992 555184444
E-mail: rustamjon-1982@mail.ru

Annotation. This article is devoted to the legal analysis of the object of the crime of fraud and reveals the theoretical position of this concept in criminal law. It examines the structure of the crime, including the object, subject, objective and subjective aspects, and also details the characteristics of the object of the crime in criminal law theory. Attention is paid to the specific nature of the object of fraud as a property relationship and the importance of considering the object of the crime as a social relationship possessing social value and benefit. The material also presents information on the diversity and levels of the object of the crime and theoretical discussions on this topic.

Keywords: Property; fraud; object of the crime; elements of the crime; social relations; criminal law; concept of crime; principle of legality; legislation

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мавқеи умумӣ пазируфта шудааст, ки таркиби ҷиноят маҷмӯи аломатҳои объективӣ ва субъективӣ мебошад, ки дар қонуни ҷиноятӣ муқаррар гардида, ҳаракат ё беҳаракатии барои ҷамъият хавфнокро ҳамчун як намуди мушаххаси ҷиноят, масалан, дуздӣ, ғоратгарӣ ё авбошӣ муайян мекунад. Ҳамчун анъана, сохтори таркиби ҷиноят аз чор унсури ҳатмӣ иборат аст: объект, тарафи объективӣ, субъект ва тарафи субъективӣ. Дар ин замина, объект ва тарафи объективӣ дорои хусусияти объективӣ мебошанд, зеро онҳо ба зуҳуроти берунаи ҷиноят ва муносибатҳои ҳифзшавандаи ҷамъиятӣ марбутанд, дар ҳоле ки субъект ва тарафи субъективӣ дорои хусусияти субъективӣ буда, ҳолати рӯҳии шахс нисбат ба кирдори худ ва оқибатҳои он, яъне гуноҳ, инчунин ангеза ва мақсадро дар бар мегиранд.

Гузаронидани таҳлили ҳуқуқии таркиби ҷинояте, ки ҳамчун қаллобӣ бандубаст карда мешавад, омӯзиши ҳамаҷонибаи мазмун ва хусусиятҳои ҳар яке аз унсурҳои онро талаб мекунад. Ошкор намудани моҳияти ҳуқуқии объекти ҷинояти қаллобӣ дар асоси қоидаҳои умумии дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ташаккулёфта сурат мегирад. Ин қоидаҳо дар монографияҳои махсус, рисолаҳои докторӣ, мақолаҳои илмӣ ва инчунин дар бобҳои алоҳидаи асарҳое, ки ба назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ бахшида шудаанд, баён гардидаанд.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ объекти ҷиноят ҳамчун зуҳурот ё неъмате муайян карда мешавад, ки ба он таҷовузи ҷиноятӣ равона шудааст ва ба он дар натиҷаи содир намудани кирдори зиддиҳуқуқӣ зарар расонида мешавад ё он зери таҳдиди расонидани зарар қарор мегирад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, муқаррароти асосие, ки мувофиқи он объекти ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки бо воситаҳои таъсиррасонии ҳуқуқии ҷиноятӣ ҳифз карда мешаванд, нахуст аз ҷониби А.А. Пионтковский баён шудааст[266]. Ин консепсия дар илм эътирофи васеъ пайдо намуда, минбаъд ба яке аз пояҳои асосии доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ табдил ёфт, ки самти таҳқиқоти илмӣ ва инчунин амалияи татбиқи қонунро дар ҷараёни муайян намудани объекти таҷовузи ҷиноятӣ муайян месозад.

Аз замони пайдоиши ин назария ва дар тӯли зиёда аз ҳафтод соли мавҷудияти он, ин консепсия бо дарназардошти рушди ҳам назарияи умумии ҳуқуқ ва ҳам институтҳои мушаххаси ҳуқуқи ҷиноятӣ борҳо мавриди таҳлили назариявӣ, дақиқсозӣ ва бознигарӣ қарор гирифтааст. Дар ҷараёни баҳсҳои илмӣ, инчунин назарияҳои дигари алтернативӣ низ ба миён гузошта шуданд, ки тибқи онҳо, дар баробари муносибатҳои ҷамъиятӣ, ба сифати объекти ҷиноят пешниҳод мешавад, ки зуҳуротҳои дигар низ ба монанди меъёрҳои ҳуқуқӣ, қувваҳои истеҳсолии ҷомеа, предмети ҷиноят, инчунин арзишҳои ахлоқӣ ё маънавӣ эътироф карда шаванд.

Ҳамин тавр, дар таҳқиқотҳои алоҳида объекти ҷиноят бо меъёрҳои халалдоршавандаи қонуни ҷиноятӣ омехта карда мешаванд, ки ин аз нигоҳи методолгӣ асоснок нест, зеро меъёри ҳуқуқ на объект, балки танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҳисоб рафта, халалдор сохтани он танҳо факти ҳуқуқие мебошад, ки дар бораи ҷой доштани таркиби ҷиноят шаҳодат медиҳад. Кушиши ба мафҳуми объекти ҷиноят дохил намудани қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷомеа низ боиси танқиди одилона гардид, чунки онҳо хусусияти нисбатан васеъи иҷтимоӣ- иқтисодӣ дошта бидуни мушаххасгардонии дахлдор ба сифати предмети таҷовузи мушаххаси ҳуқуқии ҷиноятӣ баромад карда наметавонанд. Бо ҳамин асос, омехта намудани мафҳуми «объект» ва «предмети ҷиноят» қобили қабул нест: агар объект соҳаи муносибатҳои ҷамъиятиро, ки ба он кирдор равона шудааст муайян намояд, пас предмет ин арзишҳои моддӣ ё ғайримоддие мебошад, ки ба он таъсириррасонии бевоста амалӣ мегардад.

Ба ин нигоҳ накарда, дур рафтан аз назарияҳои асосии объекти ҷиноят таъсири мусбат низ расонида, барои аниқ намудани мафҳумҳои асосӣ, дарки амиқи моҳияти объекти ҷиноят ва сохтори он мусоидат намуданд. Дар натиҷа дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ мавқеъ оид ба низоми бисёрсатҳа будани объекти ҷиноят бо ҷудо намудани объектҳои умумӣ, хелӣ, намудӣ ва бевосита пайдо шуданд, ки барои амиқтар фарқгузорӣ намудани ҷиноят вобаста ба дараҷа ва хусусияти ба ҷамъият хавфнокии онҳо имконият фароҳам оварданд.

---

[266] Пионтковский А.А. Курс советского уголовного права. Часть общая. В 6 т. / под ред. А. А. Пионтковского и др. – Москва: Наука, 1970. – 516 с

Ҳамин тавр, новобаста аз мавҷуд будани назариёҳои гуногуни илмӣ, андешае, ки мувофиқи он объекти ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки аз ҷониби қонуни ҷиноятӣ ҳифз мегарданд, то ҳол ҳамчун ғояи асосӣ ва дорои аҳаммияти баландии методологӣ дар илми муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ боқӣ мемонад. Маҳз ин назария ба сохтори таркиби ҷиноят низомнокӣ ва анҷоми мантиқӣ мебахшад.

Дар доираи рушди назарияи объекти ҷиноят дар илми ҳуқуқи ҷиноятии давраи шӯравӣ кӯшишҳо ба амал оварда шуданд, то ки назариёи анъанавӣ, ки мувофиқи он танҳо муносибатҳои ҷамъиятие, ки аз ҷониби қонуни ҷиноятӣ ҳифз мегарданд, ҳамчун объекти таҷовузи ҷиноятӣ шинохта мешаванд, бознигарӣ гардад. Масалан, В.Н. Кудрявтсев пешниҳод менамуд, то мафҳуми объекти ҷиноят васеътар фаҳмида шуда ба доираи он на танҳо муносибатҳои ҷамъиятӣ, балки чунин категорияҳоро ба монанди «инсонҳо бо шуур, ақида ва ҷаҳонбинии онҳо», «олот ва воситаҳои истеҳсолот», яъне дар маънои васеъ қувваҳои истеҳсолии ҷомеа дохил карда шаванд[267]. Чунин мавқеъ ба кӯшиши фалсафии тафсири амиқтари моҳияти таҷовузи ҷиноятӣ равона шуда буд, аммо аз ҷиҳати методологӣ миёни намояндагони ҷомеаи илмӣ вокунишҳои мухталиф ва баҳсҳои назариявӣ ба миён овард.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳуми омехтаи объекти ҷиноят ва предмети ҷиноят мавриди танқид қарор гирифт. Чунин омезиш, аз ҷумла, дар осори А.А. Пионтковский мушоҳида мешавад. Ӯ мухолифи айниятдиҳии қатъии объекти ҷиноят танҳо бо муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад карда, таъкид менамуд, ки объекти бевоситаи ҷиноят «дар бештари ҳолатҳо худи муносибати ҷамъиятӣ нест»[268]. Ба андешаи ӯ, фарқияти байни объекти умумӣ (чун маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятие, ки аз ҷониби ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳифз мегарданд) ва объекти бевосита бояд на ҳамчун муносибати “хел ва намуд”, балки тавассути категорияҳои диалектикаи материалистӣ, яъне ҳамчун таносуби байни моҳият ва зуҳурот шарҳ дода шавад.

Дар ин замина А.А. Пионтковский изҳор медошт, ки объекти бевосита он қисмати воқеият аст, ки бевосита зери таъсири ҷиноят қарор мегирад ва новобаста аз он, ки он моликияти давлатӣ, ҷамъиятӣ ё шахсӣ, ё саломатӣ, дахлнопазирии ҷисмонӣ, озодӣ ё шарафи инсон аст метавонад муайян ва мушоҳида карда шавад. Ба андешаи ӯ, дар паси ин объекти бевосита сохтори амиқтари иҷтимоӣ қарор дорад — яъне муносибати ҷамъиятие, ки вайрон гардидани он ба кирдор хусусияти ҷиноятӣ мебахшад. Ҳамин тариқ, объекти бевосита ва объекти ҷиноят дар маънои умумӣ дар муносибати зуҳуроти беруна ва моҳияти дохилӣ қарор доранд: аввалин — шакли беруна ва намоёни кирдори ҷиноятӣ буда, дувумин — асоси иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии он мебошад.

---

[267] Кудрявцев В.Н. Также у него есть книга «Теоретические основы квалификации преступлений». – М. 1963 – 324 с.

[268] Пионтковский А.А. Курс советского уголовного права. Часть общая. В 6 т. / под ред. А. А. Пионтковского и др. – Москва: Наука, 1970. – 516 с

Ин гуна маънидоднамоӣ дар рушди фарқгузории мафҳумии объекти ҷиноят саҳми муҳим гузошт ва имкон дод, ки низомнокии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дақиқтар сурат гирад. Махсусан, дар асоси ҳамин назария сохтори муосири объекти ҷиноят ташаккул ёфт, ки чунин категорияҳоро дар бар мегирад, аз ҷумла:

- объекти умумӣ – маҷмӯи тамоми муносибатҳои ҷамъиятие, ки бо қонуни ҷиноятӣ ҳифз мегарданд;

- объекти хелӣ – гурӯҳи муносибатҳои ҷамъиятии якхела, ки аз ҷониби намуди муайяни ҷиноятҳо халалдор мегарданд (масалан, муносибатҳои моликиятӣ);

- объекти намудӣ – зергуруҳи маҳдудтар дар доираи объекти хелӣ, ки ба соҳаи муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ дахл дорад (масалан, муносибатҳои моликиятӣ, ки ба молумулки манқул вобастаанд);

- объекти бевосита – муносибати мушаххаси ҷамъиятӣ, ки кирдор дар доираи таркиби ҷинояти муайян маҳз ба он равона гардидааст.

Ҳамин тавр, сарфи назар аз мавҷуд будани баҳсҳои назариявӣ, дар ҳуқуқи ҷиноятии муосир мавқеи асосӣ ба он асос меёбад, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳамоно мафҳуми марказии объекти ҷиноят ба ҳисоб мераванд. Ҳамзамон, объекти бевосита ҳамчун зуҳуроти мушоҳидашавандаи зарарe баррасӣ мегардад, ки ба ин муносибатҳои ҷамъиятӣ расонида мешавад, ва он барои дақиқтар бандубаст намудани кирдор мусоидат менамояд.

Ин андешаҳо, ки аз фаҳмиши умумӣ ва пазируфтаи объекти ҷиноят ҳамчун муносибатҳои ҷамъиятӣ дур шудаанд, дар адабиёти ҳуқуқӣ мавриди танқиди асоснок қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, рад кардани мафҳуми «меъёри ҳуқуқӣ» ҳамчун объекти ҷиноят бо он асоснок мешавад, ки меъёри ҳуқуқӣ хусусияти дуюмдараҷа дорад, дар ҳоле ки муносибатҳои ҷамъиятӣ аввалиндараҷаанд, зеро маҳз ба онҳо ҷиноят зарар мерасонад ё метавонад зарар расонад. Нодурустии шомил намудани қувваҳои истеҳсолии ҷомеа ба ҳайси объекти ҷиноят дар он ифода меёбад, ки онҳо табиатан категорияи моддӣ буда, ба ҳайси қисми категорияи иҷтимоӣ – муносибатҳои ҷамъиятӣ дохил намешаванд. Ҳамчунин, баррасии объекти бевосита ҳамчун предмети таъсиррасонии ҷиноятқор, ки онро гӯё метавон эҳсос ё мушоҳида кард (яъне ҳамчун предмети ҷиноят), низ нодуруст дониста мешавад, зеро чунин мавқеъ мафҳумҳои объект ва предмети ҷиноятро беасос омехта менамояд.

Такмили консепсияи объекти ҷиноят, инчунин ҳалли масъалаеро дар бар мегирифт, ки оё объект тамоми низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад ё танҳо он муносибатҳои ҷамъиятие, ки аз ҷониби қонуни ҷиноятӣ ҳифз карда мешаванд.

Дар адабиёти илмии давраи шӯравӣ масъалаи мазмун ва ҳадди объекти умумии ҷиноят боиси баҳс гардида буд. Саҳми назаррасро дар ба вуҷуд омадани чунин баҳсҳо А.Н. Игнатов гузоштааст, ки ӯ изҳор медошт: ҳар як ҷиноят, ҳангоми таҷовуз ба муносибати мушаххаси ҷамъиятӣ, ҳамзамон тамоми низоми муносибатҳои ҷамъиятии ташаккулёфта дар

ҷомеаи сотсиалистиро низ халалдор мекунад[269]. Ба фаҳмиши ӯ, объекти умумии ҷиноят дар давлати шӯравӣ маҳз низоми муносибатҳои ҷамъиятии сотсиалистӣ ба ҳисоб меравад, ки ҳамчун сохтори иҷтимоии ягона аз ҷониби қонуни ҷиноятӣ ҳифз мегардад, зеро он барои фаъолияти устувори давлат ва ҷомеа аҳаммияти ҳаётан муҳим дорад.

Бо вуҷуди ин, ин нуқтаи назар баҳснок буд ва мавқеи ягона пайдо накард. Танқиди асосноки он, аз ҷумла, дар осори Н.И. Загородников инъикос ёфтааст. Ӯ, бо такя ба принсипҳои ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ, дуруст таъкид менамуд, ки на ҳамаи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар доираи низоми ҷомеаи сотсиалистӣ метавонанд ба сифати объекти ҷиноят шинохта шаванд[270]. Ба андешаи ӯ, объекти таҷовузи ҷиноятӣ танҳо он муносибатҳои ҷамъиятие буда метавонанд, ки эътирофи ҳуқуқӣ пайдо намудаанд ва бо қонуни ҷиноятӣ ҳифз мегарданд. Ин мавқеъ дар асоси зарурати криминализатсияи дақиқ ва асосноки кирдорҳо, мутобиқ ба принсипи қонуният, ташаккул ёфтааст, ки он худсарона васеъ намудани соҳаи ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятиро истисно месозад.

Рушди минбаъдаи консепсияи объекти ҷиноят бо кӯшишҳо барои дақиқтар гардондани мафҳуми муносибатҳои ҷамъиятие, ки ҳамчун объект баромад мекунанд, алоқаманд буд. Ин пуррасозии объекти ҷиноят тавассути ҷудо намудани нишонаҳои хосе, ки барои муносибатҳои ҷамъиятии аз ҷониби ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳифзшаванда хос мебошанд, амалӣ мегардид.

Назари худро дар ин самт Б.С. Никифоров низ баён намудааст, ки ӯ аҳаммияти муносибатҳои ҷамъиятиро ҳамчун меъёри асосӣ барои шинохтани онҳо ба сифати объекти ҷиноят таъкид мекард. Ба андешаи ӯ, танҳо он муносибатҳои ҷамъиятие метавонанд мавриди ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ қарор гиранд, ки дорои аҳаммияти иҷтимоӣ бошанд ва нақши калидӣ дар таъмини субот ва устувории тартиботи ҳуқуқӣ ироа намоянд[271].

Ҳамин тавр, дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятии давраи шӯравӣ тағйир ёфтани андешаҳо нисбат ба объекти ҷиноят - аз сохторҳои умумии ба ғояҳои идеологӣ мувофиқ то ба шаклҳои амалӣ ва дақиқтари ҳуқуқӣ равшан ба назар мерасад. Ин табадуллот дар он ифода меёбад, ки агар дар назарияи А.Н. Игнатов объекти умумӣ ҳамчун низоми пурраи муносибатҳои ҷамъиятӣ фаҳмида мешуд, дар навбати худ, мутобиқи консепсияи Н.И. Загородников, А.Н. Трайнин ва Б.С. Никифоров таваҷҷуҳ бештар ба аломатҳои ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ ва аҳаммияти иҷтимоии муносибатҳои мушаххас дода мешуд.

Мавқеъҳои мазкури назариявӣ заминаи минбаъдаи ташаккули назарияи муосири объекти ҷиноятро фароҳам оварданд, ки таъсири амиқ ҳам ба доктринаи илмӣ ва ҳам ба амалияи татбиқи қонун гузошта, поёни

---

[269] Игнатов А. Н., Красиков Ю. А. Уголовное право России. В 2-х томах. Том 2. Особенная часть. – М.: Юристъ, 2014. – 720 с.

[270] Загородников Н. И. Преступления против личности: учеб. пособие / Высш. школа МООП РСФСР. – Москва: [б. и.], 1962. – 64 с.

[271] Никифоров Б.С. Объект преступления по советскому уголовному праву. – Москва : Госюриздат, 1960. – 229 с.

мантиқӣ ва асоси методологиро барои бандубасти кирдорҳои ҷиноятӣ ва созмондодани сохтори таркиби ҷиноят таъмин намуданд.

Саҳми назаррас дар рушди назарияи объекти ҷиноят аз ҷониби Л.Д. Гаухман гузошта шудааст, ки ӯ аломатҳои қаблан муайяншударо ба низом дароварда, онҳоро бо асосҳои назариявии худ ғанӣ гардонидааст. Дар доираи консепсияи худ, ӯ таърифи муфассали объекти ҷиноятро пешниҳод намудааст, ки чунин аст:

«Объекти ҷиноят – ин муносибатҳои ҷамъиятии аз ҷониби ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳифзшаванда мебошанд, ки моҳияти сохтори иҷтимоӣ-иқтисодии мавҷударо таҷассум намуда, ба манфиати шахс мувофиқат доранд, аз нигоҳи иҷтимоӣ муҳим ва арзишманданд, дорои хусусияти умумӣ ва иҷтимоии буда, ҳеҷ унсури моддӣ надоранд, ки ба онҳо ҷиноят таҷовуз намояд; субъект ин муносибатҳо ҷомеа дар маҷмӯъ мебошад, ва моҳияти таҷовузи ҷиноятӣ дар вайрон кардани ҳамин муносибатҳои ҷамъиятӣ ифода меёбад»[272].

Ин таъриф дорои дараҷаи баланди коркарди назариявӣ ва амиқии илмӣ мебошад, ки имкон медиҳад хусусиятҳои муҳимтарини объекти ҷиноятро ҷудо намуд, аз ҷумла:

- ҳифз шудан аз ҷониби ҳуқуқи ҷиноятӣ – танҳо он муносибатҳои ҷамъиятие метавонанд объекти таҷовузи ҷиноятӣ бошанд, ки қонуни ҷиноятӣ онҳоро ҳамчун арзиш эътироф намуда, ҳифзи онҳоеро зарур донистааст;

- аҳаммият ва арзиши иҷтимоӣ – муносибатҳое, ки объекти ҷиноятро ташкил медиҳанд, бояд барои нигоҳдории сохтори муайяни иҷтимоию иқтисодӣ нақши асосӣ дошта бошанд;

- мутобиқатӣ – объект аз диди манфиатҳои шахс муайян карда мешавад, ки ин барои назарияи сотсиалистии ҳуқуқ хос аст;

- табиати идеалӣ (ғайримоддӣ) – объект ҳамчун категорияи иҷтимоӣ баррасӣ мешавад, ки дар фарқият аз предмети ҷиноят ифодаи моддӣ надорад;

- умумият ва хос будан – таъкид мегардад, ки объект ба ҳолати алоҳида ё хусусӣ маҳдуд намешавад, балки хусусияти низомнокӣ ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятиро инъикос менамояд;

- халалдор сохтан ҳамчун шакли таҷовуз – моҳияти ҷиноят дар халалдор кардани муносибати ҷамъиятӣ ифода меёбад, на дар таъсири ҷисмонӣ ба барандаи моддии он.

Таърифи пешниҳоднамудаи Л.Д. Гаухман дар асл мазмуни объекти умумии ҷиноятро ошкор мекунад, ки дар он асосҳои идеологӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқӣ - ҷиноятӣ дар доираи низоми муайяни иҷтимоию иқтисодӣ таҷассум ёфтаанд. Ба андешаи мо, чунин шарҳ дорои асоснокии назариявӣ буда, метавонад бо муваффақият ҳамчун заминаи илмӣ барои таҳлили объекти ҷиноятҳои мушаххас, аз ҷумла ҷинояти қаллобӣ, истифода бурда шавад.

---

[272] Никифоров Б. С. Объект преступления по советскому уголовному праву. – Москва: Госюриздат, 1960. – 229 с.

Объекти қаллобӣ, мисли дигар ҷиноятҳои молу мулкӣ, бояд аз назари муносибатҳои ҷамъиятие баррасӣ гардад, ки бо қонуни ҷиноятӣ ҳифз мешаванд. Дар ин мавриД сухан аз муносибатҳои молумулкӣ меравад, ки ба принсипи бовиҷдонона соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории молу мулк асос ёфтааст.

Бо дарназардошти он ки қаллобӣ ба муносибатҳои моликиятӣ дар шакли аз ҳама заъифтарини онҳо – тавассути фиреб ё суистифода аз боварӣ таҷовуз мекунад, муҳим аст, ки асосӣ назариявӣ барои муайян намудани объекти ҷиноят дақиқ ва мутобиқати иҷтимоӣ дошта бошад. Маҳз консепсияи Л.Д. Гаухман ба ин меъёрҳо пурра ҷавобгӯ мебошад.

КҶ ҶТ соли 1998, аз ҷумла қисми махсуси он, на танҳо ба бобҳо, балки ба фаслҳо низ ҷудо карда шудааст, ки бештари онҳо чандин бобро дар бар мегиранд. Ин сохтори меъёрӣ зарурати ҷорӣ намудани таснифи чорзинагии объекти ҷиноятро асоснок менамояд, ки иборат аст аз: объекти умумӣ, объекти хелӣ, объекти намудӣ ва объекти бевосита.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, дар баробари объекти умумӣ, объекти хелӣ ва объекти бевосита, инчунин объекти навъӣ ҷудо карда мешавад, ки мавқеи миёнаро байни объекти умумӣ ва хелӣ ишғол менамояд. Зери объекти навъӣ маҷмӯи муносибатҳои ҳамнамуди ҷамъиятӣ фаҳмида мешавад, ки таҷовуз ба онҳо дар моддаҳое пешбинӣ шудаанд, ки дар доираи як фасли қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ муттаҳид шудаанд. Ин сатҳи таснифи объектҳои ҷиноят имкон медиҳад, ки гурӯҳҳои ҷиноятҳо дақиқтар аз рӯи соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дар онҳо кирдорҳои зиддиқонунӣ содир мегарданд, фарқгузорӣ карда шаванд.

Дар ҳошияи ҷиноятҳо ба муқобили моликият, объекти намунавӣ муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки робитаҳои молумулкиро дар соҳаи иқтисодиёт танзим мекунанд. Барои қаллобӣ, махсусан, объекти намунавӣ муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи иқтисодиёт мебошанд, ки бо қонуни ҷиноятӣ ҳифз карда мешаванд.

Моҳиятан, ин объекти намунавӣ иборат аст аз:

– муносибатҳои истеҳсолӣ, ки барои ин форматсияи иҷтимоию иқтисодӣ хосанд (аз ҷумла шаклҳои моликият, принсипҳои тақсимот ва шаклҳои иштироки субъектҳо дар муомилоти иқтисодӣ);

- муносибатҳои ҷамъиятӣ дар фаъолияти хоҷагидорӣ, ки дар доираи фаъолияти иқтисоди миллӣ, соҳаҳои алоҳидаи он, навъҳои истеҳсолот, инчунин миёни субъектҳои хоҷагидор (аз ҷумла ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва шаҳрвандон) ташаккул меёбанд.

Ҳамчун асоси ин муносибатҳо робитаҳои молумулкӣ қарор доранд, ки на танҳо бо меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ, балки ҳамчунин бо меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ танзим мегарданд, ки мақсадашон ҳифзи моликият, тартиботи хоҷагидорӣ ва эътимод дар муомилоти маданӣ мебошад.

Қаллобӣ маҳз он муносибатҳои ҷамъиятиро вайрон мекунад, ки суботи ҳамкориҳои иқтисодиро байни субъектҳо таъмин менамоянд — хоҳ ин муносибатҳои марбут ба моликияти хусусӣ бошанд, хоҳ уҳдадориҳои

шартномавӣ, ё муносибатҳо вобаста ба соҳибӣ ва ихтиёрдории молу мулкро молу мулк.

Ҳамин тавр, объекти намунавии ҷинояти қаллобӣ муносибатҳои молумулкӣ ва иқтисодиро дар бар мегирад, ки барои тамоми низоми фаъолияти хоҷагидории давлат хос мебошанд. Ин имкон медиҳад, ки қаллобӣ бо асоси илмӣ ҳамчун ҷиноят тасниф гардад, ки ба соҳаи иқтисодиёт таҷовуз менамояд.

Объекти хелии ҷинояти қаллобӣ муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи моликият мебошанд, новобаста аз шакли он – хусусӣ, давлатӣ. Ин аз он вобаста аст, ки таркиби ҷиноят, ки дар м.247 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, ба боби 21 «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият», Фасли XI «Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт» дохил мешавад. Аз ин рӯй, қаллобӣ, мисли дигар ҷиноятҳое, ки дар ҳамин боб пешбинӣ шудаанд, ба муносибатҳои молумулкӣ, ки муҳтавои ҳуқуқи моликиятро ташкил медиҳанд, таҷовуз менамояд.

Моликият мувофиқи таърифи умумии қабулшуда дар илми ҳуқуқ, шакли таърихан муайяншудаи муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба аз худ кардани неъматҳои моддӣ, пеш аз ҳама воситаҳои истеҳсолот мебошад. Дар шароити муосир ин мафҳум на танҳо неъматҳои моддиро, балки арзишҳои ғайримоддиро низ фаро мегирад, ки дорои хусусияти молумулкӣ мебошанд. Ин ҳолат васеъшавии доираи ҳифзи муносибатҳои молумулкиро дар ҳуқуқи ҷиноятӣ инъикос менамояд.

Муносибатҳои ҷамъиятии моликиятӣ, ки зуҳуроти иҷтимоию иқтисодӣ мебошанд, дар шакли меъёрҳои ҳуқуқӣ ифодаи қонуниро пайдо мекунанд, яъне онҳо дар қолаби ҳуқуқӣ ташаккул ёфтаанд, ки тартиби соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории молумулкро муайян менамояд. Маҳз ҳамин гуна муносибатҳо объекти ҳифзи қонуни ҷиноятӣ ба шумор мераванд, вақте ки нисбат ба онҳо таҷовузҳои хавфноки ҷамъиятӣ содир мегарданд, ки тартиби муқарраргардидаи ҳуқуқии моликиятро вайрон мекунанд.

Қаллобӣ, ҳамчун ҷиноят, ки бо роҳи фиреб ё сӯистифода аз боварӣ содир мегардад, устуворӣ ва амнияти гардиши молумулкиро халалдор менамояд, зеро эътимод нисбат ба институтҳои моликият ва ба иштироки бовиҷдононаи субъектҳо дар муносибатҳои ҳуқуқии маданиро заиф мегардонад. Аз ин рӯй, вайрон намудани муносибатҳои ҷамъиятии моликиятӣ тавассути қаллобӣ ба асосҳои муҳими иҷтимоию иқтисодӣ таъсир мерасонад, ки маҳз ҳамин омил сабаби дохил шудани он ба низоми ҷиноятҳо ба муқобили моликият гардидааст.

Дар асарҳои назариявии ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳангоми ошкор сохтани мазмуни объекти хелии ҷиноятҳо ба муқобили моликият, ба таври асоснок қайд карда мешавад, ки муносибатҳои моликиятӣ — ин муносибатҳои байни одамон (ё шахсони ҳуқуқӣ) мебошанд, ки дар робита ба неъматҳои моддӣ, истеҳсол, тақсимот, мубодила ва истеъмоли онҳо ба миён меоянд. Ҳамчунин, моликият ҳамчун муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба истеҳсол, тақсимот ва мубодилаи неъматҳои моддӣ, ки барои истеъмоли шахсӣ ё ҷамъиятӣ пешбинӣ шудаанд, тавсиф мегардад; ё ҳамчун а) муносибатҳо

вобаста ба истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва б) муносибатҳо вобаста ба тақсимоти онҳо.

Ба назари мо, мазмуни муносибатҳои моликиятӣ ҳамчун объекти хелии гуруҳи баррасишавандаи ҷиноятҳо пурратар бо он муайян мегардад, ки ин муносибатҳо дар робита ба истеҳсол, тақсимот, мубодила ва истеъмоли неъматҳои моддӣ ташаккул меёбанд.

Муносибатҳои моликиятӣ дар чунин шакл, аз як тараф, объекти хелии тамоми ҷиноятҳо ба мақобили моликият ва аз тарафи дигар, объекти бевоситаи ҳар яки онҳо, аз ҷумла ҷинояти қаллобӣ ба ҳисоб мераванд.

Объекти бевоситаи ҷиноят дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун намуди мушаххаси муносибатҳои ҷамъиятӣ эътироф мегардад, ки таҷовузи ҷиноят ба он равона шудааст. Объекти бевосита нисбат ба объекти хелӣ дараҷаи баланди муайянӣ дорад, зеро имкон медиҳад мазмуни амиқи иҷтимоии арзише, ки бо қонуни ҷиноятӣ ҳифз мегардад ва дар натиҷаи кирдори зиддиқонунӣ вайрон мешавад, дақиқ муайян карда шавад.

Объекти бевоситаи қаллобӣ, ҳамчун яке аз ҷиноятҳо ба муқобили моликият, муносибатҳои ҷамъиятии моликиятӣ мебошанд, ки тартиби соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории молу мулкро новобаста аз шакли моликият ба танзим медароранд.

Ин ҳолат аз он вобаста аст, ки мувофиқи Конститутсияи ҶТ ҳамаи шаклҳои моликият баробар эътироф ва ҳифз мегарданд, ки ин дар навбати худ, имконияти халалдор сохтани объектҳоро вобаста ба мансубияти моликият ба шакли хусусӣ, давлатӣ ва дигар шакл истисно менамояд.

Дар ин замина, кушишҳо оид ба фарқгузории объекти бевоситаи қаллобӣ вобаста ба шакли моликият бояд аз нигоҳи ҳуқуқи ҷиноятӣ беарзиш эътироф шаванд. Зеро чунин мавқеҳо ба фардикардани объекти бевосита нисбат ба объекти хелӣ мусоидат намекунанд, чунки дар ҳар ҳолат таҷовузи ҷиноят ба худи муносибатҳои молумулкӣ равона мешавад, на ба хелҳои он, ки вобаста ба шакли моликият фарқ мекунанд.

Бо вуҷуди ин, шакли моликият дар баъзе ҳолатҳо метавонад дорои аҳамияти ҳуқуқӣ барои бандубасти кирдор бошад, хусусан вақте ки сухан дар бораи майдадуздӣ меравад. Масалан, тибқи қонунгузории амалкунанда ва маънидодкунии таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ майдадуздии молу мулки давлатӣ, агар он дорои аломатҳои ҷиноят набошад, метавонад ҳамчун ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бандубаст гардад.

Ҳамин тавр, шакли моликият барои муайян намудани объекти бевоситаи ҷиноят таъсир намерасонад, аммо мумкин аст ба бандубасти ҳуқуқии кирдор, хусусан дар масалаи фарқ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ аҳаммият дошта бошад. Ин зарурати таҳлили маҷмуии ҳам табиати ҳуқуқии объекти таҷовуз ва ҳам ҳолатҳои мушаххаси содир намудани кирдорро талаб месозад.

Дар баробари ин объекти бевоситаи қаллобӣ дар муқоиса бо объекти хелии ҷиноятҳо ба муқобили моликият дорои як қатор аломатҳои фардӣ мебошад, ки аз хусусиятҳои тарафи объективии ҷинояти мазкур бармеоянд. Ин имкон медиҳад, ки қаллобӣ дар миёни гуруҳи ҷиноятҳои ба

муносибатҳои молумулкӣ таҷовузкунанда дақиқтар фарқгузорӣ карда шавад.

Чи тавре аз диспозитсияи қ.1 м. 247 КҶ ҶТ бармеояд, қаллобӣ тасарруфи молу мулкии ғайр ё ба даст овардани ҳуқуқ ба молу мулки ғайр бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамин тавр, тарафи объективии таркиби мазкури ҷиноят бо ҳаракатҳое тавсиф мешавад, ки:

1. ба молу мулк ё ҳуқуқ ба молу мулки ба шахси дигар мансуббуда;

2. барои соҳиб шудан ба ин молу мулк бо роҳи фиреб ё суйистифодаи боварӣ, яъне бидуни зуроварии ҷисмонӣ, ситонидани ниҳонӣ ё маҷбурсозии ошкоро равона шудаанд.

Вобаста ба ин, метавон ба хулосае омад, ки объекти бевоситаи қаллобӣ дар фарқият аз объекти хелӣ (муносибатҳои моликиятӣ дар умум) бо самти мушаххас, муайяни муносибатҳои молу мулкӣ, равона шудаанд:

- муносибатҳои моликият, ки бо тартиби тақсимоти неъматҳои моддӣ, ки дар давлат муқаррар шудааст, вобастаанд;

- муносибатҳо оид ба молу мулк ё ҳуқуқ ба молу мулк, ки дар доираи муомилоти шаҳрвандӣ ба вуҷуд меоянд ва бо меъёрҳои ҳуқуқи хусусӣ ва оммавӣ танзим карда мешаванд.

Аз ин рӯ, аломати аввали фардисозандаи объекти бевоситаи қаллобӣ таҷовуз ба тартиби муқаррарнамудаи қонун оид ба тақсими неъматҳои моддӣ ба шумор меравад. Қаллобӣ на танҳо ба манфиатҳои молики мушаххас зарар мерасонад, балки механизми умумии ҳуқуқии муомилоти молумулкиро, ки ба принсипҳои боварӣ, бовиҷдонӣ ва гузариши қонунии ҳуқуқи молумулкӣ асос ёфтааст, халалдор месозад.

Ин хусусият имкон медиҳад, ки қаллобӣ аз дигар ҷиноятҳо ба муқобили моликият фарқ карда шавад, ки дар онҳо шакли таҷовуз ва, мувофиқан, объекти бевосита мазмуни дигар доранд. Масалан, ҳангоми қасдан несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк (м. 255 КҶ ҶТ), таҷовуз бо мақсади тасарруф дар намуди расонидани зарар ба молик вобастагӣ надорад. Дар чунин ҳолат таҷовуз ба ягонагии ҷисмонии молу мулк, на ин ки нисбат ба азнавтақсимнамоии он бо роҳи тасарруф равона шудааст.

Ҳамин тавр, объекти бевоситаи қаллобиро метавон ҳамчун муносибатҳои ҷамъиятии марбут ба моликият муайян кард, ки ба тартиби қонунии тақсими неъматҳои моддӣ ва гузариши ҳуқуқҳои молумулкӣ вобаста мебошанд. Маҳз ҳамин хусусият дар доираи маҷмӯи умумии ҷиноятҳо ба муқобили моликият ба он аломатҳои фарққунанда мебахшад.

Дигар аломати муҳимме, ки объекти бевоситаи қаллобиро тавсиф медиҳад, он аст, ки ин объект муносибатҳои ҷамъиятии моликиятӣ мебошад, ки бо молу мулк ё ҳуқуқ ба он иртибот доранд. Ин аломат асоси фарқгузории дақиқи объекти бевоситаи қаллобӣ аз объекти бевоситаи дигар ҷиноятҳо ба муқобили моликият ба ҳисоб меравад.

Хусусан, объекти бевоситаи қаллобӣ аз объекти ҷиноятҳое фарқ мекунад, ки танҳо муносибатҳои моликиятро нисбат ба молу мулк муҳофизат мекунанд, аммо ҳуқуқ ба молу мулкро дарбар намегиранд. Ба чунин ҷиноятҳо, масалан, кирдорҳое дохил мешаванд, ки бо дигар

шаклҳои тасарруф, ба мисли ғайриқонунии ҳай карда бурдани автомашина ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф, инчунин несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк марбутанд. Дар ин ҳолатҳо таҷовуз бевосита ба объекти ҷисмонии молу мулк, на ба азнавтақсимнамоии ҳуқуқҳои молумулкӣ равона мегардад.

Ғайр аз ин, объекти бевоситаи қаллобӣ аз объекти ҷиноятҳо, ба монанди тамаъҷӯӣ ва расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ фарқ менамояд. Дар чунин ҳолатҳо муносибатҳои ҷамъиятии моликиятие ҳифз мешаванд, ки на танҳо бо молу мулк ё ҳуқуқ ба молу мулк, балки бо дигар неъматҳои молумулкӣ ва фоидаҳо алоқаманд мебошанд.

Ҳамин тавр, объекти бевоситаи қаллобиро метавон ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятии моликиятӣ муайян кард, ки ба тартиби қонунии тақсими неъматҳои моддӣ дар давлат ва муносибатҳое, ки нисбат ба молу мулк ё ҳуқуқ ба он ба вуҷуд меоянд, вобаста мебошанд. Маҳз ҳамин маҷмӯи муносибатҳо моҳияти предмети таҷовузро дар таркиби ҷинояти қаллобӣ муайян намуда, хусусияти ҳуқуқии ҷиноятии онро таъмин мекунад ва онро аз дигар ҷиноятҳо ба муқобили моликият фарқ месозад.

Адабиёт:

1. Загородников Н. И. Преступления против личности: учеб. пособие / Высш. школа МООП РСФСР. – Москва: [б. и.], 1962. – 64 с.
2. Игнатов А.Н., Красиков Ю.А. Уголовное право России. В 2-х томах. Том 2. Особенная часть. – М.: Юристъ, 2014. – 720 с.
3. Кудрявцев В.Н. Также у него есть книга «Теоретические основы квалификации преступлений». – М. 1963. – 324 с.
4. Никифоров Б.С. Объект преступления по советскому уголовному праву. – Москва: Госюриздат, 1960. – 229 с.
5. Пионтковский А.А. Курс советского уголовного права. Часть общая. В 6 т. / под ред. А. А. Пионтковского и др. – Москва: Наука, 1970. – 516 с.
6. Трайнин А.Н. Уголовное право. Общая часть / А.Н. Трайнин. – Москва: Издательство 1-го Московского Государственного Университета, 1929. – 318 с.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 20.11.2025
Аз тақриз баргашт: 25.11.2025
Ба чоп тавсия шуд: 22.12.2025

МАФҲУМИ СИЁСАТИ ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТИИ ТОҶИКИСТОН: ҶАНБАЪҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ОН

Гулзода Наҷиба Абдулмаҷид,
Донишгоҳи давлатии Данғара, факултети идоракунии давлат ва ҳуқуқ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия.
Тел.: (+992) 888846363.

Ихтисоси илмӣ: 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва крминалогия; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ
Мушовири илмӣ: Сафарзода Анвар Ислом, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

Фишурда: Мақола ба таҳлили мафҳум ва ҷанбаҳои назариявию методологии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар он заминаи методологӣ, принсипҳои ҳуқуқӣ, шаклҳо ва самтҳои амалии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ таҳлил мегарданд. Мушкилоти пешгирӣ ва мубориза бо ҷинояткорӣ, махсусан ҷинояткории занон, ҳамчунин мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Мақсад аз таҳқиқ ин муайян намудани асосҳои назариявӣ ва амалии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ дар замони соҳибистиқлолӣ мебошад, ки барои такмили қонунгузорӣ, афзоиши самаранокии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва татбиқи чораҳои пешгирикунандаи ҷиноят муҳим аст. Мақола инчунин таҷрибаи байналмилалӣ ва идеяҳои инсонпарваронаро баррасӣ мекунад, ки метавонад ба рушди самтҳои пешгирӣ ва мубориза бо ҷиноят дар Тоҷикистон мусоидат намояд.

Калидвожаҳо: сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ; консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ; принсипҳои ҳуқуқӣ; пешгирии ҷиноят; амалияи қонунгузорӣ; ҷинояткории занон; моделҳои доктриналӣ; иҷрои ҷазо; тадқиқоти криминологӣ.

ПОНЯТИЕ УГОЛОВНО-ПРАВОВОЙ ПОЛИТИКИ ТАДЖИКИСТАНА: ТЕОРЕТИКО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ

Гулзода Наджиба Абдулмаджид,
Государственный университет Дангара, факультет государственного управления и права, кандидат педагогических наук, доцент кафедры

уголовного права и борьбы с коррупцией.
Тел.: (+992) 888846363.

Научная специализация: 5.5.8. Уголовное право и криминология; уголовно-исполнительное право
Научный руководитель: Сафарзода Анвар Ислам, доктор юридических наук, профессор

Аннотация: Статья посвящена анализу понятия и теоретико-методологических аспектов уголовно-правовой политики Республики Таджикистан. В работе исследуются методологические основы, правовые принципы, направления и формы практической реализации уголовно-правовой политики. Особое внимание уделяется проблемам предупреждения и борьбы с преступностью, в том числе женской преступностью. Цель исследования – выявление теоретических и практических основ уголовно-правовой политики в период независимости, что важно для совершенствования законодательства, повышения эффективности работы правоохранительных органов и реализации превентивных мер. В статье также рассматривается международный опыт и гуманитарные подходы, способствующие развитию стратегий предупреждения и противодействия преступности в Таджикистане.

Ключевые слова: уголовно-правовая политика; концепция правовой политики; правовые принципы; предупреждение преступлений; законодательная практика; преступность женщин; доктринальные модели; исполнение наказаний; криминологические исследования.

CONCEPT OF CRIMINAL LAW POLICY OF TAJIKISTAN: THEORETICAL AND METHODOLOGICAL ASPECTS

Gulzoda Najiba Abdulmajid,
Dangara State University, Faculty of Public Administration and Law, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of Criminal Law and Anti-Corruption.
Tel.: (+992) 888846363.

Scientific specialisation: 5.5.8. Criminal law and criminology; criminal enforcement law
Scientific supervisor: Safarzoda Anvar Islam, Doctor of Law, Professor

Abstract: The article is devoted to the analysis of the concept and theoretical-methodological aspects of the criminal law policy of the Republic of Tajikistan. The study examines methodological foundations, legal principles, directions, and forms of practical implementation of criminal law policy. Special attention is paid to issues of crime prevention and combating, including female criminality. The aim of the research is to identify the theoretical and practical foundations of criminal law policy during the period of independence, which is essential for improving legislation, enhancing the effectiveness of law enforcement agencies, and implementing preventive measures. The article also considers international experience and humanitarian approaches that can contribute to the development of strategies for crime prevention and counteraction in Tajikistan.

Keywords: criminal law policy; concept of legal policy; legal principles; crime prevention; legislative practice; female criminality; doctrinal models; execution of punishments; criminological research.

Ташаккули низоми муқарраротҳои доктриналӣ, саъю кӯшиши муҳаққиқонро барои ҳалли се вазифаи ба ҳам алоқаманд тақозо мекунад: якум, таҳияи заминаи методологӣ, ки принсипҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалиро дар бар мегирад; дуюм ташкили мубоҳисаҳои илмӣ барои рафъи ихтилофоти илмии ҷойдошта; сеюм, ба вуҷуд овардани низоми мукаммали афкор, ки на танҳо барои мустаҳкам намудани асосҳои назариявии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ, балки барои баланд бардоштани аҳамияти амалии тадқиқотҳо бо роҳи ба ҳам мувофиқ намудани мавқеъҳои илмӣ ва коркарди меъёрҳои ягонаи баҳодиҳии самаранокии фаъолият дар самти муқовимат бо ҷиноятқорӣ зарур аст.

Бо назардошти аҳамияти ҳалли ин мушкилотҳо қайд намудани андешаҳои муҳаққиқон оид ба ин масъала мувофиқи мақсад мебошад, зеро тавре дар адабиёт қайд мегардад «сатҳи тадқиқоти илмии рафтори инсон, ҳанӯз ҳам дар давраи кудакӣ қарор дорад»[273], дар робита ба ин В. Кудрявтсев қайд менамояд, ки: «Мо, ҳуқуқшиносон, набояд интизор шавем, ки ин илми омехта кай ба камолот мерасад»[274], – маҳз ҳамин ифода, криминологҳои муосирро водор месозад, ки дар самти эҷоди шаклҳои созандаи такмили назария ва амалияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ, баланд бардоштани фаъолияти ҳуқуқии ниҳодҳои иҷтимоӣ дар самти мубориза бо ҷиноятқории занон иқдомҳои муассирро анҷом диҳанд. Маҳз дар асоси низоми донишҳои исботгардида сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии давлатӣ ташаккул меёбад, ки ба бартарафсозӣ, ҷилавгирӣ ва мубориза бар муқобили ҷиноятқорӣ равона гардидааст.

[273] Шибутани Т. Социальная психология: монография / пер. с англ. В. Б. Ольшанского. М.: Прогресс, 1969. 535 с. с. 15

[274] Кудрявцев В. Н. Правовое поведение: норма и патология: монография. М.: Наука, 1982. 287 с. с. 6

Қадами аввалин дар ташаккул ва рушди минбаъдаи сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ, ба андешаи мо, кушиши эҷоди модели муайяни доктриналӣ мебошад, ки ба шарофати он метавон воситаҳои консептуалӣ, сатҳҳо, ҷузҳои таркибии самтҳои сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ ва татбиқи онро муайян кард. Роҳи муайян кардани асосҳои назариявӣ ва амалии сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ аз рӯи сатҳи «доктриналӣ» на сатҳи «консептуалӣ» бо он шарҳ дода мешавад, ки мафҳуми «доктрина» (аз лотинии doctrina — таълим) дар заминаи фаҳмиши амалӣ ва аҳамияти моҳиятии масъалаи баррасишаванда шакли ҷолибтар ва муваффақтари таъриф дорад, яъне ин истилоҳ дар шарҳи таълимот ва назарияҳои сиёсӣ, илмӣ, фалсафӣ истифода шуда, дар фаъолияти худ ҳамчун принсипи пешбари назариявӣ ё сиёсӣ баромад мекунад[275]. Аз ин рӯ, интихоби асосҳои доктриналӣ ва сатҳи доктриналии тадқиқот марбут ба сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Тоҷикистон дуруст ба назар мерасад.

Марбут ба истифодаи истилоҳои «сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ» ва «сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ» мо бо ақидаи муаллифоне ҳамроҳ мешавем, ки истифодаи “сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ” бе истилоҳи “ҳуқуқӣ” нодуруст мешуморанд, чунки истилоҳи “ҷиноятӣ” маънои “криминалӣ” дошта, дар якҷояги бо истилоҳи “сиёсат” категорияеро, ки сиёсати ҷиноятиро инъикос менамояд, дар назар дорад[276].

Сиёсати ҳуқуқӣ тамоми соҳаҳо ва институтҳои ҳуқуқ ва дар маҷмуъ низоми ҳуқуқро фаро мегирад. Низоми ҳуқуқ чун сохтори дохилии ҳуқуқ, объекти маърифати илмӣ мебошад, чунки ба ягонагӣ, мувофиқати дохилӣ, умумияти қисматҳои таркибии низоми ҳуқуқ (меъёрҳо, соҳаҳо, институтҳои ҳуқуқ) ишора намуда, баошкорсозӣ ва бартарафсозии ихтилофоти ҳуқуқӣ мусоидат мекунад. Асоси сохтори низоми ҳуқуқро инчунини принсипҳо, арзишҳо, манфиатҳо, мақсадҳои конститутсионӣ бояд ташкил диҳанд[277]. Инчунин намудҳои сиёсати ҳуқуқӣ солҳои охир зимни таҳқиқотҳо қайд мегарданд[278].

Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ падидаи мураккаб буда, дар марҳилаи ташаккул ва рушд қарор дорад, гарчанде ки илми ватанӣ он ҳамчун ҷузъи муҳими предмети таҳқиқ, ки воқеъан дар як давраи муайян вуҷуд дорад,

---

[275] Аврутин Ю. Е. Эффективность деятельности ОВД (опыт системного исследования): монография. СПб: СПб академия МВД России, 1998. 384 с.

[276] Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: «Сино», 2018. – С. 732-733. Чуманов А.В. Анитикоррупционная правовая политика в России (вопросы теории и истории). – Волгоград, 2007.- С. 29.

[277] Сафарбекзода, Ҳ. Намудҳо ва самтҳои сиёсати ҳуқуқӣ / Ҳ. Сафарбекзода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2022. – No. 4(40). – P. 57-70. – EDN DTFXTH.

[278] Сативалдыев Р.Ш. Правовоспитательная политика: научные основы и пробле мы модернизации // Вестник Таджикского национального университета. – 2014. – 3/4(139). - С. 38-45.; Сативалдыев Р.Ш. Правовая политика в сфере противодействия коррупции // Труды Академии МВД Рес публики Таджикистан. – 2014. - № 4 (24). - С. 7-13.

саривақт нишон дода нашудааст (аз он омилҳои зиёде: меъёрӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ, таҳқиқотӣ ва ғайра гувоҳӣ медиҳанд).

Тибқи банди 2 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти ҶТ аз 6 феврали соли 2018, таҳти №1005 тасдиқ гардидааст[279] «Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати яке аз самтҳои татбиқи консепсияи давлатии таъмини амнияти криминологӣ баромад менамояд ва дар эътироф кардани алоқамандӣ ва баҳамвобастагии появии муқаррароти асосии он бо сиёсати иҷтимоии давлат, инчунин сиёсати пешгирии ҷиноятқорӣ, ҳимоя ва дастгирии ҷабрдидагон аз ҷиноятҳо, иҷрои ҷазоҳои ҷиноятӣ ва чораҳои дигари хусусияти ҳуқуқӣ-ҷиноятидошта, барқарорсозии иҷтимоӣ ва назорат аз болои шахсоне, ки ҷазои ҷиноятиро адо кардаанд, пешбинӣ мешавад».

Ҳамин тавр сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии дар марҳалаи кунунии рушди давлатдории миллӣ метавон ҳамчун самти муайяни функсионалии ҳокимият чунин муайян кард:

- ҳамчун ҷузъи сиёсати дохилии иҷтимоӣ марбут ба пешгирӣ ва мубориза бо ҷиноятқорӣ;

- ҳамчун усули диди илмӣ ва фаъолияти амалии мақомоти давлатӣ ва ҷамъият, роҳу воситаҳое, ки бо ёрии онҳо ҷамъият ва шаҳрвандон аз таҷовузҳои ҷиноятӣ ҳифз карда мешаванд;

- ҳамчун намуди махсуси фаъолияти инсон, ки ба чораҳои умумии иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва махсуси тадқиқотӣ, омӯзиш, пешгирӣ ва мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ алоқаманд аст;

- ҳамчун фаъолияти бошуурона, мутавозин ва мақсадноки ниҳодҳои давлат, аз ҷумла, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шаҳрвандони алоҳида дар соҳаи илм ва амалияи огоҳӣ, пешгирӣ ва муқовимат бо ҷиноятқорӣ;

- ҳамчун самти аз ҷиҳати илмӣ асосноки муборизаи зидди ҷиноятқории занон, муттаҳид намудани низоми мукаммали ҳамкорӣ ва истифодаи комёбиҳо тамоми соҳаҳо ва институтҳои илмӣ, ки ба муқобили ин намудаи ҷиноятқорӣ мубориза мебаранд.

Дар баробари сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии давлат, самтҳои ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ[280] ва сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ-пенитенсиарӣ[281], сиёсати

---

[279] Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти ҶТ аз 6 феврали соли 2018, таҳти №1005 тасдиқ гардидааст // Махзани мутамаркази иттило отӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 13.02.2022).

[280] Челохсаев Олег Заурович. Современная уголовно-процессуальная политика : автореферат дис. ... кандидата юридических наук : 12.00.09 / Челохсаев Олег Заурович; [Место защиты: Рос. ун-т дружбы народов]. - Москва, 2009. - 26 с.

[281] Смирнов Леонид Борисович. Уголовно-исполнительная политика в сфере совершенствования правового регулирования исполнения уголовных наказаний : Дис. ... д-ра юрид. наук : 12.00.08 : Санкт-Петербург, 2003 547 с.

оперативӣ-ҷустуҷӯӣ[282] ва дигар соҳаҳои сиёсат дар адабиёти илмӣ қайд мегарданд, ки равандҳои пешгирӣ ва мубориза бар зидди ҷиноятҳоро бо шаклҳои мушаххаси таъсиррасониро дар бар мегиранд.

Ба андешаи мо, шаклҳои амалии сиёсати баррасишавандаро метавон чунин муаян намуд:

- ташаккул ва дар қонунгузорӣ муайян кардани низоми мақомот ва хадамот дар сохтори ҳокимияти иҷроия (дар ҳамаи сатҳҳо), ки инҳоро таъмин хоҳанд кард:

- фаъолияти иттилоотию таҳлилӣ (арзёбии тағйироти воқеии ҷиноятқорӣ, ҷараёнҳои муайян кардани он, самаранокии чорабиниҳои муқобили қаблан андешидашуда);

- таҳияи пешгӯиҳои криминологӣ, стратегияи пешгирӣ ва мубориза бар зидди ҷиноятҳо;

- экспертизаи криминологии санадҳои қонунгузорӣ ва идоравӣ, ки ба мубориза бар зидди ҷиноятҳо нигаронида шудаанд;

- санҷиши самаранокии меъёрҳои ҳуқуқии мушаххас ва амалияи татбиқи онҳо;

- фароҳам овардани заминаи муассири меъёрию ҳуқуқии амалияи мубориза бо ҷиноятқорӣ.

- равиш, ки мутобиқи он сиёсати ҷиноятӣ тамоми маҷмӯи чорабиниҳои таъсири ҳуқуқии ҷиноятиро ба ҷиноят фаро мегирад;

- равиш, ки мутобиқи он сиёсати ҷиноятӣ пеш аз ҳама ба татбиқи тадбирҳои пешгирии иҷтимоии ҷиноят, ки ба омилҳои муайянкунандаи он ва татбиқи чорабиниҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ таъсир мерасонад, нигаронида шудааст;

- равиш, ки мутобиқи он сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ доираи васеи чорабиниҳо аз қонуни ҷиноятӣ оғоз намуда то чорабиниҳои рушди иҷтимоиро дар бар мегирад[283]. Сабабҳои чунин муносибати гуногун ба ин масъалаи муайян, ба андешаи мо пеш аз ҳама дар таърифҳои гуногуни мазмун, доираи ин сиёсат ва кушишҳои тафовут намудани ҳолатҳои гуногуни падидаи зикршуда мебошад.

То имрӯз дар бораи ҷанбаҳои асосии зерини сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ муҳақиқон ба як хулоса наомадаанд:

1. Истилоҳот - набудани мафҳумҳои аз ҷониби умум қабулшуда;

2. Хусусиятҳои мазмунӣ - номуайянии сарҳадҳо ва ҷузъҳои ин намуди сиёсат;

3. Таъминоти методӣ - рушди нокифояи равишҳои тадқиқотӣ;

4. Татбиқи амалӣ - набудани низоми шаклу механизмҳои татбиқ.

---

[282] Рахимзода Р.Х. Оперативно-розыскная политика по обеспечению экономической безопасности Республики Таджикистан: проблемы теории, методологии и практики (историко-правовой и общетео ретический анализ): дис. … д-ра. юрид. наук. - Душанбе, 2018. - 581 с.

[283] Воронин М. Ю. Уголовная политика: понятие, история возникновения и развития: лекция. М., 2000. 40 с. с. 4

Тавре таърих гувоҳ аст дар ҳама давру замон аксари ҷиноятқоронро бо ҷазо на тарсондан ва на ислоҳ кардан мумкин буд. Аз ин рӯ, сиёсати мубориза бо ҷиноятқорӣ наметавонад танҳо баъд аз содир шудани ҷиноят ба дахолати анъанавӣ ва таъхирнопазири адолати судии ҷиноятӣ табдил ёбад. Он чизе, ки дар ин ҷо лозим аст, чораҳои пешгирикунанда мебошанд. Ҷамъият ва давлат бешубҳа ба пешгирии ҷиноят ва роҳ надодан ба содир шудани он манфиатдортар дар муқоиса аз ҷазо додани шахсе, ки онро ба охир расонида, ба муносибатҳои ҷамъиятӣ зарар расонидааст. Аз ин лиҳоз тадбирҳои пешгирии ҷиноятқорӣ шаклҳои самараноктар, оқилона ва инсонпарваронаи мубориза бо онҳо ва аз ин рӯ, мувофиқтар мебошанд.ю

Дар асоси этимологияи истилоҳ вазифаҳои сиёсати ҷиноятиро метавон муайян кард, ки зарурати субъекти ҷамъияти иҷтимоиро барои дар оянда пеш бурдани фаъолияти муайян ифода мекунад.

Ҳамин тавр, мукаммалтарин вазифаҳои сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ соҳаи фаъолияти давлатиро метавон чунин эътироф кард:

- эҷоди модели доктриналии мубориза бо ҷиноятқорӣ дар асоси назарияи умумии криминология, яъне муайян кардани самтҳои хати умумӣ дар кори институтҳои давлатӣ бо ҷалби шаклҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар сатҳи доктриналӣ (системавӣ);

- татбиқи муқаррароти доктриналӣ дар сатҳҳои ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқӣ, махсусан криминологӣ, дар амалияи криминалистӣ ҷорӣ намудани шаклу усулҳои пешрафтаи мубориза бо ҷиноятқорӣ;

-таҳияи тадбирҳо оид ба такмили муносибатҳои ҷамъиятӣ ва институтҳои ҳуқуқӣ, меъёрҳои ҳуқуқии инфиродӣ ва амалияи татбиқи онҳо аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор барои пурзӯр намудани низоми назорати махсус ва татбиқи пайгиронаи тадбирҳои тарбияи ахлоқию ҳуқуқӣ, пешгирии иҷтимоӣ;

-татбиқи тадбирҳо оид ба таъмини амнияти шахс, ҷомеа ва давлат аз таҷовузҳои ҷиноятӣ, риояи қонун, интизом оид ба пешгирии шиканҷа, шиканҷа ва дигар муносибатҳои ғайриинсонӣ нисбати маҳкумшудагон;

-дар назария ва амалия ҷорӣ намудани комёбиҳои илм ва таҷрибаи пешкадами ватанию хориҷӣ, баҳри таъмини илмию таълимию методии фаъолияти органу муассисаҳои низоми адлияи ҷиноятӣ;

-ташкили фаъолияти самаранок, ҳамкории дохилию берунии субъектҳо ва дигар иштирокчиёни сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ дар раванди пешгирӣ ва мубориза бо ҷиноятқорӣ;

- муайян ва амалӣ гардондани самтҳои афзалиятноки хусуситяи стратегию тактикии кам кардан ва бартараф намудани ҷиноят дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҷамъиятӣ;

-таъмини фаъолияти пурсамари муассисаҳои илмию таълимӣ дар сатҳи давлатӣ оид ба тайёр кардани мутахассисон дар соҳаи амалияи

пешгирии ҷиноятқорӣ дар самтҳои бартараф намудани омилҳои криминогенӣ ва виктимогенӣ, инчунин ҳифзи ҷабрдидагон аз ҷиноят;

-фароҳам овардани шароит барои рушди институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон, марказҳои криминологии иттиҳодияҳо бо назардошти таҷрибаи ватанӣ ва хориҷӣ;

ташаккули афкори ҷамъиятӣ дар бораи номатлуб будани фаъолияти ҷиноятӣ, инчунин вокуниши ҳамаҷонибаи давлат ба ҳолатҳо, омилҳо ва иллатҳои иҷтимоӣ (майзадагӣ, нашъамандӣ, танфурӯшӣ, худкушӣ ва ғ.), ки ба ҷиноят мусоидат мекунанд.

Самти пешгирикунанда дар рафти конгрессҳои VI ва VII СММ оид ба пешгирии ҷиноятҳо ва муомила бо ҷиноятқорон боз ҳам ривоҷ ёфт. Дар резолюциям съезди VI гуфта шуда буд, ки «стратегияи асосии пешгирӣ кардани ҷиноят бояд муқаррар намудани сабабу шароите бошад, ки ба он сабаб мешаванд. Конгресс бо истинод ба қарори Маҷмаи Умумии СММ зарурати мубориза бо гуруснагӣ, нобаробарии иҷтимоӣ, бекорӣ ва бесаводии аҳолӣ эълон кард. Фаъолияти ТБТ ва муассисаҳои махсуси он оид ба пешгирии майзадагӣ ва нашъамандӣ аҳамияти калон пайдо кард. тавре Т.Г. Ламбо қайд намуд, «мушкилоти марбут ба сӯиистифодаи машрубот метавонад монеаи ҷиддӣ дар роҳи рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ гардад»[284].

Функсияи таъкибии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ татбиқи ҷазо, асосан ҷазои ҷиноятиро дар бар мегирад. Дар баробари ин, баҳо додан ба самаранокии онҳо, андозаи таъсир ва иҷтимоии минбаъдаи маҳкумшудагон муҳим аст, зеро дар давоми солҳои охир олимон ба имконияти бартараф кардани ҷиноятқорӣ танҳо бо роҳи ҷазо додани ҷиноятқорон шубҳа намуда истодаанд.

Аз нуқтаи назари ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва таърихӣ ин бо он ҳолат алоқаманд аст, ки ошкор гардидани амалан бесамар, ғайриимкон будани ислоҳ намудани ҷиноятқорон танҳо ё асосан тавассути ҳукми маҳрум сохтан аз озодӣ, дар муқосиа бо дигар ҷазоҳои ҷиноятӣ. Тадриҷан дар ҷамъият паҳн тасаввурот мукаммалтару амиқ оиди сабабҳо ва механизмҳои ҷиноятқорӣ паҳн гардид, маълум гардид, ки падидаҳои манфӣ на танҳо аз «иродаи бади» шахсони алоҳида ба амал меоянд, зеро сабабҳои ҷиноятқорӣ печидатар мебошанд[285], ки дар назария ва амалияи криминология шарҳ дода шудаанд. Аз ин рӯ, дар солҳои 60-70-ум истифодаи чораҳои ба маҳрум сохтан аз озодии маҳкумшудагон алоқаманд набуда тадриҷан вусъат ёфта, барномаҳои иҷтимоии пешгирии ҷиноятқорон ба вуҷуд омадаанд. Ба андешаи мо сиёсати муосири ҳуқуқии

[284] Здоровье мира. Журн. ВОЗ, 1981. № 5. С. 5–6

[285] Яковлев А. М. Теория криминологии и социальная практика: монография / отв. ред. Кудрявцев В. Н. М.: Наука, 1985. 247 с. с. 12–13

ҷиноятӣ набояд аз чунин равандҳо ба монанди криминализатсия, (декриминализация, депенализация) дар канор истад. Ҳарчанд дар онҳо нақши ҳалкунандаро қонуни ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебозад, ба андешаи мо, вазифаи идеологии татбиқи ҳама гуна таъқиб бояд тавассути сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ амалӣ карда шавад.

Маҳз дар асоси таҳқиқоти криминологӣ хулосаҳои Конгресси VII СММ оид ба пешгирии ҷинояткорӣ ва муносибат бо ҷиноятқорон, қайд гардид, ки афзоиши шумораи ҳукмҳои аз озоди маҳрум кардан ва мӯҳлатҳои чунин маҳкумкунӣ «ба самаранокии пешгирӣ ва коҳиш додани ҷинояткорӣ таъсири ҷиддӣ намерасонад». Конгресс даъват намуд, ки чораҳои муассиртар ҷустуҷӯ карда шавад, ки бо маҳрум кардан аз озодӣ алоқаманд нестанд[286], ки дар кишвари ин дар кодексҳои ҷиноятӣ, иҷроияи ҷазои ҷиноятӣ ва КМҶ ҶТ ба инобат гирифта шудааст.

Дар самти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ чунин функсияҳои сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ, аз қабили пешгирии умумӣ (тавассути таъсир расонидан ба ҷомеаи, ташвиқи шаҳрвандон ба худдорӣ аз кирдорҳои ғайриқонунӣ, ноил шудан ба натиҷаҳои адолати иҷтимоӣ, ногузирии ҷазо барои ҷинояти содиршуда, инчунин пешгирии фардии (таъсири бевосита ба ҷиноятқор)[287].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи муосир дар ин чорабиниҳои байналмилалӣ фаъолона иштирок намуда, ба густариши ақидаҳои илмӣ асоснок, идеяҳои инсонпарварӣ ва демократӣ ва принсипҳои мубориза бо ҷиноят мусоидат намуда, ба зуҳуроти хатарноки терроризми байналмилалӣ, ҷинояткорӣ, савдои одамон, майзадагӣ, нашъамандӣ ва ғайра муқовимат менамояд. Ҳамин тавр, дар функсияҳои сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ чунин хусусият ва монанди бисёрфункционалӣ зоҳир мегардад. Ин функсияҳо дар як маҷмааи ягона муттаҳид шудани функсияҳои гуногунро тавассути ҳамоҳангсозӣ ва тобеъ кардани фаъолияти институтҳои гуногуни иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ пешбинӣ мекунад, ки яке аз аломатҳои асосии ин фаъолияти мушаххаси давлатӣ-ҳуқуқӣ мебошад. Маҳз сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ бояд диққати субъектҳои ҳифзи ҳуқуқ ба сохтори арзишҳои муайяни таъсири иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ба ҷинояткорӣ нишон диҳад ва ҷалб намояд, ки дар асоси он ташаккули муносибати комплексии интихоби чораҳо ва воситаҳои мубориза ва пешгирии бо ҷинояткорӣ сурат мегирад.

Принсип (аз лотинии principium – ибтидо, асос) – мавқеи ибтидоӣ, ки асоси маҷмуи муайяни далел, назария, илм (чун категорияи назариявию маърифатӣ) хизмат мекунад, дар фаҳмиши воқеият асосӣ буда, тамоми низоми донишро фаро гирифта, онро тобеъ мекунад. Тавре олимони ватанӣ қайд мекунанд принсипнокии сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ – ин чунин

---

[286] Доповідь Сьомого Конгрес ООН із запобігання злочинності й поводження з правопорушниками (м. Мілан, 26 серп. 6 вер. 1985 р. (видання ООН під № R.86.IV.1), глава I, розділ A. Мілан, 1985. с. 128-129

[287] Оськина Е.Л. Роль уголовной политики Российской Федерации в предупреждении преступлений: автореферат диссертации … канд. юрид. наук: 12.00.08. Краснодар. 2009. с.25

сифатҳое мебошанд, ки бо туфайли онҳо сиёсат босубботи, устуворӣ, муназамиро соҳиб шуда ва бо пурагӣ мазмуни худро ошкор месозад. Мафҳуми сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ бе дарки принсипҳои онро ташаккулдиҳанда, номумкин аст: принсипҳои дар якҷоягӣ инъикоскунандаи сиёсат мебошанд. Сиёсат дар бештар мавридҳо маҳз тавассути принсипҳои дар ҳуқуқ мустаҳкумшуда, дар ҳаёт амалӣ мешавад[288].

Принсипҳо дар раванди ташаккул, инкишоф ва такмили сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ ҳамчун асос ва дастур хизмат мекунад. Ҳамин тавр, зарур аст, ки принсипҳои зеринро барои сохтани модели доктриналии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ қайд кунем: 1) рушд; 2) илмият ва асоснокӣ; 3) муносибати низомнокӣ; 4) ягонагии назария ва амалия; 5) инсондустӣ волоияти қонун. Аз ин рӯ, принсипи рушд ба бунёди ҷузъи назариявӣ, ба даст овардан ва пайдоиши сифати нав дар раванди прогрессивии тағирот аз поён ба боло, аз содда ба мураккаби ҳолати муҳими сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ ҳамчун низоми мафҳумҳои (категорияҳои) ба ҳам алоқаманд, ки шаклҳои инкишофи фаъолияти ҷиноятӣ ва зидди ҷиноятиро инкишоф медиҳанд ва инъикос мекунанд, нигаронида шудааст. Мусалам аст, ки самаранокии амалишавии сиёсати ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дар маҷмуъ ва қонунгузории ҷиноятӣ қисман ба дараҷаи на он қадар кам аз дарки дурусти принсипҳои аз ҷониби шаҳрвандон вобастагӣ дорад. Натиҷаи таҳқиқотҳои сершумор нишон медиҳанд, ки дар соҳаи шуури ҳуқуқӣ ҳангоми риояи навиштаҷоти меъёри аҳамияти ҳарчи бештарро аз худ кардани принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ касб кардааст, на дар ки меъёри мушаххас.

Принсипҳо дар асоси дарки илмии қонуният дар соҳаи чунин мубориза коркард шуда мебошад, ки дар ҳуҷҷатҳои дастурӣ ва санадҳои қонунгузории давлат ифода ёфта, бо талаботи муайян пешниҳод шудаанд, ки бояд бо тамоми чораҳои мубориза бар зиддӣ ҷиноятқорӣ, меъёрҳои соҳаи ҳуқуқи дахлдор ва таҷрибаи татбиқи онҳо, дар маҷмӯъ ба тамоми фаъолият оид ба мубориза ба ҷиноятқорӣ ҷавоб гу бошанд[289].

Илмия ва объективият (ҳамчун принсип) воқеияти ҳақиқӣ, арзёбии мувофиқати равандхои мантиқию таърихии шинохти воқеият ва тавсифи вазъияти ҳақиқии вазъияти криминологии мамлакат, инчунин ҳолати воқеии самаранокии пешгирии ҷиноятқориро дар тамоми сатҳҳои фаъолияти зиддиҷиноятии давлат ва ҷамъият таъмин менамояд. Ин принсип инчунин инҳоро пешбинӣ мекунад: 1) ҷудо намудани омилҳои муҳим аз омилҳои ночиз; 2) ба назар гирифтани қувваю воситаҳои воқеии пешгирии ҷиноятқорӣ ва омилҳои харобиовар (қувваю воситаҳое), ки ба

---

[288] Шарипов, Т. Ш. Принсипҳои сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ / Т.Ш. Шарипов, А.И. Сафарзода, Ш.Л. Халиқов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2017. – No. 4(8). – P. 92-101. – EDN BLLBVR.C.94

[289] Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Саидов Ш.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ бо истифо да аз усули тадрисии интерактивӣ. (Қисми умумӣ). Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2016. с. 56-57

дигаргуниҳои мусбат халал мерасонанд; 3) муайян кардани камбудиҳои вокеии низоми арзишҳои ҳифзшаванда; 5) ошкор намудани норасоиҳо дар сохторҳои ташкилию идоракунӣ; 6) ошкор намудани камбудиҳое, ки аз таҳрифи (тахрифи) муносибатҳои ҷамъиятии мутамаддин иборатанд; 7) фош кардани зиддиятҳо дар низоми адлия, адолати судии зидди ҷиноятӣ.

Ба андешаи мо масъалаи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ оид ба ҷинояткории занон дар замони соҳибистиқлолият аз нигоҳи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «02» ноябри соли 2013, № 492 тасдиқ шудааст, мавриди баррасӣ бояд қарор дода шавад. Ин Консепсияи низоми расман дар кишвар муқарраргардидаро ифода менамояд, ки моҳият, мақсад, самт, афзалиятҳо ва меъёрҳои самаранокии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар соҳаи ҳимояи шахс, ҷамъият ва давлат аз таҷовузҳои ҷиноятӣ ба воситаҳои қонунгузории ҷиноятиро муайян мекунад[290]. Тибқи банди 8-уми Консепсияи мазкур вазифаи ниҳоии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз такмил додани қонунгузории ҷиноятии ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст, яке аз зербандони он ба ҷинояткории занон рабт дорад. Тавре дар Консепсия зикр мегардад «Барои баъзе категорияҳои шахсон, аз ҷумла барои ноболиғон, занон ва шахсоне, ки дар ҳолати оҷизӣ қарор доштанд»[291], сабук намудани ҷазо пешбинӣ шудааст. Илова бар ин, тибқи м. 48, қ. 3 (б.б. б ва в)-и КҶ ҶТ занони ҳомила ва шахсоне, ки бо сабаби нигоҳубини кӯдак дар рухсатӣ мебошанд ба корҳои ҳатмӣ аз ҷониби маҳкумшуда берун аз вақти корҳои асосӣ ё аз таълим ба таври бемузд иҷро намудани корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ мебошад, ҷалб карда намешаванд[292]. Инчунин, мутобиқи муқаррароти қ. 4-ум, б.б. г ва д, м. 52-и КҶ ҶТ ба занони ҳомиладор ва шахсоне, ки бо сабаби нигоҳубини кӯдак дар рухсатӣ мебошанд, таъини корҳои ислоҳӣ манъ аст (Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 386).[293] Дар баробари ин, мутобиқи м. 58-и КҶ ҶТ ба заноне, ки аз озодӣ маҳрум сохта шудаанд, адои ҷазо дар колонияи ислоҳие таъйин карда мешавад, ки низомашон аз колонияҳои ислоҳии мардон фарқкунадаанд:

а) дар ҳолати рецидивӣ махсусан хавфнок - дар колонияҳои ислоҳи дорои низоми сахт;

---

[290] Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «02» ноябри соли 2013, № 492 тасдиқ шудааст. [Захираи электронӣ]: URL: https://mmk.tj/tags/%D0%BA%D0%BE% (санаи мурочиат: 12.02.2024).

[291] Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «02» ноябри соли 2013, № 492 тасдиқ шудааст. [Захираи электронӣ]: URL: https://mmk.tj/tags/%D0%BA%D0%BE% (санаи мурочиат: 12.02.2024).

[292] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1998, №9) . [Захираи электронӣ]: URL: https://mmk.tj/content/%D0%BA%D0% (санаи мурочиат: 23.06.2024).

[293] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1998, №9, Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 386) / [Захираи электронӣ]: URL: https://mmk.tj/content/%D0%BA%D0% (санаи мурочиат: 23.06.2024).

б) барои ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ содир намуда - дар колонияҳои ислоҳи сукунат;

в) дигар заноне, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд - дар колонияҳои ислоҳи дорои низоми умумӣ (Қонуни ҶТ аз 17.05.2004 № 35).[294]

Яке аз масъалаҳои мубрами пешгирии ҷиноятқории занон вазъи кунунии иҷрои ҷазои ҷиноятӣ нисбати занон мебошад. Баъзе мушкилот дар мавриди иҷро ва адои ҷазои ҷиноятӣ аз ҷониби занон дар марҳилаи таъини он оғоз мешаванд. Таҷрибаи анъанавии мурофиаи судӣ дар Тоҷикистон нисбат ба занон нишон медиҳад, ки ҷинс (ҷудоӣ аз рӯйи ҷинс), пеш аз ҳама, яке аз асосҳои татбиқ накардани ҷазоҳои сахти ҷиноӣ нисбати занон мебошад. Дуввум, занони ҷиноятқор нисбат ба мардон бештар аз ҷавобгарии ҷиноятӣ комилан озод мешаванд. Сеюм, барои содир намудани ҷиноятҳои якхела бо мардон андозаи ҷазои ҷиноятӣ, ҳаҷм ва муҳлати он, инчунин намуди колония ислоҳӣ барои мардони маҳкумшуда дар аксари мавридҳо аз ҷониби суд нисбат ба нисбати мардон хеле низоми сахттар муайян карда мешавад.

Адабиёт:

1. Аврутин Ю.Е. Эффективность деятельности ОВД (опыт системного исследования): монография. СПб: СПб академия МВД России, 1998. 384 с.
2. Воронин М.Ю. Уголовная политика: понятие, история возникновения и развития: лекция. М., 2000. 40 с. с. 4
3. Здоровье мира. Журн. ВОЗ, 1981. № 5. С. 5–6
4. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1998, №9) . Захираи электронӣ]: URL: (санаи мурочиат: 23.06.2024).
5. Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ ҶТ барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти ҶТ аз 6 феврали соли 2018, таҳти №1005 тасдиқ гардидааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: (санаи мурочиат: 13.02.2022).
6. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «02» ноябри соли 2013, № 492 тасдиқ шудааст. [Захираи электронӣ]: URL: (санаи мурочиат: 12.02.2024).
7. Кудрявцев В.Н. Правовое поведение: норма и патология: монография. М.: Наука, 1982. 287 с. с. 6
8. Оськина Е.Л. Роль уголовной политики Российской Федерации в предупреждении преступлений: автореферат диссертации … канд. юрид. наук: 12.00.08. Краснодар. 2009. с.25
9. Рахимзода Р.Х. Оперативно-розыскная политика по обеспечению экономической безопасности Республики Таджикистан: проблемы теории,

[294] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1998, №9, Қонуни ҶТ аз 17.05.2004 №35) / [Захираи электронӣ]: URL: https://mmk.tj/content/%D0%BA%D0% (санаи мурочиат: 23.06.2024).

методологии и практики (историко-правовой и общетео ретический анализ): дис. … д-ра. юрид. наук. - Душанбе, 2018. - 581 с.

10. Сативалдыев Р.Ш. Правовоспитательная политика: научные основы и пробле мы модернизации // Вестник Таджикского национального университета. – 2014. – 3/4(139). - С. 38 – 45.; Сативалдыев Р.Ш. Правовая политика в сфере противодействия коррупции // Труды Академии МВД Рес публики Таджикистан. – 2014. - № 4 (24). - С. 7-13.

11. Сафарбекзода, Ҳ. Намудҳо ва самтҳои сиёсати ҳуқуқӣ / Ҳ. Сафарбекзода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2022. – No. 4(40). – P. 57-70. – EDN DTFXTH.

12. Смирнов Леонид Борисович. Уголовно-исполнительная политика в сфере совершенствования правового регулирования исполнения уголовных наказаний : Дис. ... д-ра юрид. наук : 12.00.08 : Санкт-Петербург, 2003 547 с.

13. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқи Китоби дарсӣ. – Душанбе: «Сино», 2018. – С. 732-733. Чуманов А.В. Анитикоррупционная правовая политика в России (вопросы теории и истории). – Волгоград, 2007.- С. 29

14. Челохсаев Олег Заурович. Современная уголовно-процессуальная политика : автореферат дис. ... кандидата юридических наук : 12.00.09 / Челохсаев Олег Заурович; [Место защиты: Рос. ун-т дружбы народов]. - Москва, 2009. - 26 с.

15. Шарипов, Т. Ш. Принсипҳои сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ / Т. Ш. Шарипов, А. И. Сафарзода, Ш. Л. Халиқов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2017. – No. 4(8). – P. 92-101. – EDN BLLBVR.C.94

16. Шибутани Т. Социальная психология: монография / пер. с англ. В. Б. Ольшанского. М.: Прогресс, 1969. 535 с.

17. Яковлев А. М. Теория криминологии и социальная практика: монография / отв. ред. Кудрявцев В. Н. М.: Наука, 1985. 247 с.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 20.11.2025
Аз тақриз баргашт: 25.11.2025
Ба чоп тавсия шуд: 25.12.2025

МЕХАНИЗМҲОИ МИЛЛИИ ҲАМКОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР САМТИ МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ МУОМИЛОТИ ҒАЙРИҚОНУНИИ МАВОДИ МУХАДДИР

Раҳимзода Закиюллоҳ Изатулло,
Нозири калони Раёсати батанзимдарории тарифию гумрукӣ ва назорати арзии Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Фишурда: Мақола ба таҳлили механизми миллии ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир бахшида шудааст. Дар мақола сохторҳо ва мақомотҳои давлатӣ, ки дар ин раванд нақши асосӣ доранд, аз ҷумла Агентии назорати маводи нашъаовар, ВКД, КДАМ, Хадамоти гумрук ва дигар ниҳодҳо баррасӣ мешаванд. Муаллиф ҷараёни ташаккули сиёсатҳои байналмилалӣ ва миллӣ, ҳамоҳангсозии фаъолият, татбиқи барномаҳои давлатӣ, ташаббусҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ҳамкорӣ бо созмонҳои минтақавиро мавриди таҳлил қарор медиҳад. Ҳамчунин масъалаҳои таҳкими назорати сарҳад, рушди воситаҳои техникӣ, рақамисозии назорат, пешгирии нашъамандӣ ва афзоиши самаранокии мубориза бо қочоқи маводи мухаддир баррасӣ шудаанд. Муаллиф ба хулоса меояд, ки барои баланд бардоштани иқтидори миллӣ ҷиҳати мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир таҳкими ҳамкорӣ, такмили қонунгузорӣ ва рушди захираҳои инсонӣ зарур мебошад.

Калидвожаҳо: Муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, ҳамкории миллӣ, ҳамкории байналмилалӣ, Агентии назорати маводи нашъаовар, ВКД, КДАМ, Хадамоти гумрук, назорати сарҳад, пешгирии нашъамандӣ, қочоқи маводи мухаддир, механизмҳои ҳамоҳангсозӣ, ташаббусҳои минтақавӣ, амнияти миллӣ, стратегияи давлатӣ.

НАЦИОНАЛЬНЫЕ МЕХАНИЗМЫ СОТРУДНИЧЕСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В СФЕРЕ БОРЬБЫ С НЕЗАКОННЫМ ОБОРОТОМ НАРКОТИЧЕСКИХ СРЕДСТВ

Рахимзода Закиюллох Изатулло,
Старший инспектор Управления тарифно-таможенного регулирования и валютного контроля Таможенной службы при Правительстве Республики Таджикистан.

Аннотация: Статья посвящена анализу национального механизма сотрудничества Республики Таджикистан в сфере борьбы с незаконным оборотом наркотических средств. В работе рассматриваются государственные структуры и органы, играющие ключевую роль в данном

процессе, включая Агентство по контролю за наркотиками, МВД, ГКНБ, Таможенную службу и другие ведомства. Автор анализирует процесс формирования международной и национальной политики, вопросы координации деятельности, реализации государственных программ, международных инициатив, включая сотрудничество с региональными организациями. Также рассматриваются проблемы укрепления пограничного контроля, развития технических средств, цифровизации надзорных механизмов, профилактики наркомании и повышения эффективности борьбы с наркотрафиком.

В заключение автор подчеркивает, что для усиления национального потенциала в сфере противодействия незаконному обороту наркотических средств необходимы укрепление межведомственного взаимодействия, совершенствование законодательства и развитие человеческих ресурсов.

Ключевые слова: Незаконный оборот наркотических средств, национальное сотрудничество, международное сотрудничество, Агентство по контролю за наркотиками, Министерство внутренних дел, Государственный комитет национальной безопасности, Таможенная служба, пограничный контроль, профилактика наркомании, наркотрафик, координационные механизмы, региональные инициативы, национальная безопасность, государственная стратегия.

NATIONAL COOPERATION MECHANISMS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE FIELD OF COMBATING ILLICIT DRUG TRAFFICKING

Rahimzoda Zakiyulloh Izatullo,
Senior Inspector of the Department of Tariff and Customs Regulation and Currency Control of the Customs Service under the Government of the Republic of Tajikistan.

Annotation: This article analyzes the national cooperation mechanism of the Republic of Tajikistan in combating illicit drug trafficking. The paper examines the government structures and bodies that play a key role in this process, including the Drug Control Agency, the Ministry of Internal Affairs, the State Committee for National Security, the Customs Service, and other agencies. The author analyzes the process of forming international and national policies, the coordination of activities, the implementation of state programs, and international initiatives, including cooperation with regional organizations. The article also examines issues of strengthening border control, developing technical means, digitalizing oversight mechanisms, preventing drug addiction, and improving the effectiveness of the fight against drug trafficking. In conclusion, the author emphasizes that strengthening interagency cooperation, improving legislation, and developing human resources are necessary to enhance national capacity to combat illicit drug trafficking.

Keywords: Illicit drug trafficking, national cooperation, international cooperation, Drug Control Agency, Ministry of Internal Affairs, State Committee for National Security, Customs Service, border control, drug addiction prevention, drug trafficking, coordination mechanisms, regional initiatives, national security, state strategy.

Механизми миллии ҳамкорӣ ин ҳамоҳангсозии нимноки субъектҳои гуногун: мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои умумии дар сатҳи миллӣ гузошташуда нигаронида шудааст. Он фаъолияти мутобиқшудаи иштироккунандагони гуногунро барои ҳалли мушкилоти мураккабе, ки ҷидду ҷаҳди якҷояро талаб мекунанд, таъмин менамояд. Дар самти мавриди назар механизмҳои миллии ҳамкориҳо барои ҳамоҳангсозии ҳамкории субъектҳои гуногуни миллӣ ва байналмилалӣ дар заминаи иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалӣ, татбиқи барномаҳои рушд ё ҳалли мушкилоти мушаххас таъсис дода мешванд**.**

Мавриди зикр аст, ки коркарди механизмҳои миллии ҳамоҳангсозии ҳамкориҳо дар самти мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор дар ҶТ дар давраи аввали истиқлолият оғоз гардид. Баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ солҳои аввали истиқлолият мақомоти навтаъсиси ҳифзи ҳуқуқи ҶТ натавонистанд таҷрибаи мусбатеро, ки дар замони шуравӣ дар ин самт андӯхта буданд, ҳифз кунанд. Ин сиёсат махсусан дар қатъ намудани назорати давлатӣ аз паҳншавии нашъамандӣ ва мубориза бо ин зуҳурот равшан зоҳир гардид.

Мавриди зикр аст, ки рушди гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор дар фазои фаромарзӣ ба далели мавҷудияти як қатор омилҳо ва шароит имконпазир шудааст[295]. Аз ин рӯй, таъсиси механизми самараноки ҳамкорӣ дар самти мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор барои Тоҷикистон дорои аҳаммияти хоса мебошад, зеро мавқеи ҷуғрофии кишвар боис мегардад, ки асосан қочоқи маводи мухаддир аз самти Афғонистон маҳз тавассути ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирад. Бояд қайд кард, ки Тоҷикистон нисбат ба тамоми кишварҳои ҳамсояи Осиёи Марказӣ сатҳи баландтари муомилоти маводи мухаддирро нишон медиҳад, ки нақши стратегии онро дар мубориза бо қочоқи фаромиллии маводи мухаддир тасдиқ мекунад[296]. Ҳарчанд дар мубориза бо қочоқи маводи нашъадор пешрафтҳо ба даст омадаанд, хатар ҳамоно ҷиддӣ боқӣ мемонад.

Номгӯи ниҳодҳои асосии давлатӣ, ки баҳри ҳалли масъалаҳои марбут ба мубориза бо қочоқи маводи мухаддир ваколатдор шудаанд дар Созишнома оиди ҳамкории давлатҳои аъзои ИДМ дар мубориза бар зидди

[295] Бокерия С.А. Международно-правовые основы и принципы сотрудничества государств в сфере незаконного оборота наркотических и психотропных средств / С.А. Бокерия // Вестник Российского университета дружбы народов. Серия: Международные отношения. - 2004. - № 1. – С. 77.

[296] Стратегияи миллӣ оид ба назорати маводи нашъаовар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 https://akn.tj/2021/04/15/national-drug-control-strategy-of-the-republic-of-tajikistan-for-2021-2030

муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо оварда шудааст[297].

Ҳамин тавр ба мақомотҳои миллие, ки дар самти муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор ҳамкорӣ менамоянд инҳо доҳил мешаванд: Вазорати корҳои хориҷӣ; Агентии назорати маводи нашъадори назди Президенти ҶТ, Прокуратураи генералӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи амнияти миллӣ, Қушунҳои сарҳадӣ, Хадамоти гумрук, Вазорати адлия, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илм. Номгӯйи мазкур ниҳоӣ намебошад. Созишнома имкон медиҳанд, ки доираи иштирокчиён бо роҳи дохил намудани хадамотҳо иловагӣ бо мувофиқаи тарафҳо васеъ карда шавад.

Мақоми махсуси ҳуқуқии ин мақомот ҳамчун субъектҳои мустақили ҳамкории байналмилалӣ дар муқаррароти алоҳидаи созишномаҳо муқаррар карда шудааст. Дар он таъкид мешавад, ки ҳамкорӣ дар чаҳорчӯби ин созишномаҳо мустақиман байни сохторҳои ваколатдоре сурат мегирад, ки тибқи қонунгузории миллии ҳар яке аз кишварҳои иштирокчӣ таъин шудаанд.

Ҳамин тавр, мақомоти гуногун субъектҳои комилҳуқуқи ҳамкории байналмилалӣ дар мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор мебошанд, зеро созишномаҳои байниҳукуматӣ, ки асоси чунин ҳамкорӣ мебошанд, ба ин мақомот ваколатҳои махсуси дорои хусусияти ҳуқуқии байналмиллалӣ медиҳанд.

Бояд қайд намуд, ки 12 апрели соли 1996 Фармони Президенти мамлакат «Дар бораи чораҳои таъхирнопазир оид ба пурзӯр намудани мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар» интишор ёфт, ки он ба муборизаи мақсаднок бо мухаддирот асос гузошт. Худи ҳамон сол бо қарорҳои Ҳукумат Комиссияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба назорати воситаҳои нашъаовар таъсис ёфт ва Барномаи давлатии чорабиниҳои асосӣ оид ба мубориза бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъаовар ва моддаҳои психотропӣ барои солҳои 1996-1998 тасдиқ карда шуд. Комиссияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба назорати маводи нашъаовар (минбаъ комиссия) мақоми марказии ҳокимияти иҷроия буда, сиёсати давлатиро дар соҳаи муомилоти қонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо, инчунин мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии онҳо ташаккул ва амалӣ менамояд. Комиссия дар назди Ҳукумат масъул буда, дар доираи салоҳияти худ манфиатҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар арсаи байналхалқӣ ҳифз менамояд. Вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои марбут ба маводи мухаддир ба комиссия, ки мақоми шахси ҳуқуқӣ дорад ҳисобот медиҳанд.

Инчунин бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2004, № 1310 дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба пешгирии суиистеъмоли маводи нашъадор таъсис дода

[297] Соглашение о сотрудничестве государств - участников Содружества Независимых Государств в борьбе с незаконным оборотом наркотических средств, психотропных веществ и прекурсоров (с изменениями на 25 октября 2019 года) // http://publication.pravo.gov.ru/document/0001202108160002

шуд, ки ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкории вазорату идораҳо, мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо (ҳукуматҳо) ва дигар мақомотро дар гузаронидани чорабиниҳои пешгирии истеъмоли ғайритиббии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва мадҳушкунанда дар ҷумҳурӣ, анҷом медиҳад[298]. Тавре таҷриба нишон медиҳад, ин Шӯрои ҳамоҳангсозӣ дар таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти мубориза бо нашъамандӣ нақши калидӣ мебозад, то амалҳои Тоҷикистон бо стратегияҳои ҷаҳонии мубориза бо маводи мухаддир мутобиқ бошад. Шӯро ба табодули таҷриба ва татбиқи лоиҳаҳои муштарак бо созмонҳои байналмилалӣ мусоидат мекунад. Самти муҳими ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои фаромарзӣ дар самти мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор, инчунин иштирок дар таҳия ва татбиқи созишномаҳо ва барномаҳои байналмилалӣ мебошад, ки ба коҳиши талабот ва пешниҳоди маводи нашъадор нигаронида шудаанд. Фаъолияти Шӯро мавқеи Тоҷикистонро ҳамчун иштирокчии фаъол дар муборизаи глобалӣ бо таҳдиди маводи мухаддир таҳким бахшида, ба суботу амнияти минтақавӣ мусоидат мекунад. Дар ин давра инчунин, Барномаи ягонаи мақсадноки давлатӣ оид ба пешгирии нашъамандӣ ва муқобилият бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2007, № 585 тасдиқ шудааст, амалӣ гардид[299].

Мутобиқи Протоколи соли 1999 байни ҶТ ва Раёсати СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷиноятқорӣ (UNODC) ба имзо расида, дар кишвар як ниҳоди нави махсусгардонидашуда таъсис дода шуд. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 1999 Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки фаъолияти он барои пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷиноятҳои вобаста ба маводи мухаддир равона шудааст. Вазифаҳои асосии Агенти ҳамоҳангсозии чорабиниҳои зидди маводи мухаддир дар сатҳи миллӣ, гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва тафтишоти марбут ба қочоқ ва муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор буданд. Агентӣ инчунин дар муттаҳид намудани талошҳои сохторҳои қудратӣ, хадамоти махсус ва дигар мақомоти давлатӣ дар мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор нақши калидӣ дорад. Ба ҷуз аз кори оперативӣ, Агентӣ ҳамкории мутақобилаи вазорату идораҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ғайриҳукуматиро дар соҳаи пешгирии нашъамандӣ ҳамоҳанг месозад. Самти муҳими фаъолияти он татбиқи барномаҳое мебошад, ки ба коҳиш додани талабот ба маводи нашъадор ва тарғиби тарзи ҳаёти солим дар байни аҳолӣ нигаронида шудаанд[300].

---

[298] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи таъсиси Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба пешгирии суиистеъмоли маводи нашъадор аз 3 апрели соли 2004 № 1310 //https: // mmih.tj/SEARCH/ DocumentView? DocumentId =125431&compareid=125431

[299] Барномаи ягонаи мақсадноки давлатӣ оид ба пешгирии нашъамандӣ ва муқобилият бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012// https://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=31909

[300] Идиев Ф.Ф. Международно - правовые основы и национальные механизмы борьбы с незаконным оборотом наркотиков (на примере Республики Таджикистан) / Ф. Ф. Идиев // Правовая жизнь. – 2014. – № 2(6). – С. 66-73.

Агентӣ мақомоти ҳифзи ҳуқуқ буда, сиёсати давлатиро дар самти мубориза бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва назорати муомилоти онҳо амалӣ ва дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи онро назорат менамояд[301]. Вазифаи асосии Агентӣ аз таъмини ҳамоҳангсозӣ ва назорати фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба муомилоти воситаҳои нашъадор, мубориза бо муомилоти ғайриқонунии онҳо, пешгирии нашъамандӣ, инчунин ҳамоҳангсозии фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ оид ба пешгирии нашъамандӣ иборат аст. Агентӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои байналмилалӣ вобаста ба масъалаи мубориза бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, прекурсорҳои ё ҳаммонанди (аналоги) онҳо, назорати муомилоти онҳо ва пешгирии нашъамандӣ манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро намояндагӣ мекунад. Агентӣ ҳамкориҳои байниидоравӣ, муттаҳид кардани кӯшишҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хадамоти тиббӣ ва иҷтимоӣ барои кам кардани зарари аз ҷиноятҳои нашъаоварро ҳамоҳанг месозад. Усулҳои муосири пешгӯӣ ва таҳлили маълумот ба Агенти имкон медиҳанд, ки тамоюлҳои нави паҳнкунии маводи мухаддирро зуд муайян созанд, стратегияҳои пешгирӣ ва рафъро мутобиқ созанд.

Дар доираи ҳамкориҳои байналмилалӣ Агентӣ дар ташаббусҳои глобалии мубориза бо қочоқи маводи нашъадор, табодули таҷриба ва технологияҳо бо сохторҳои шабеҳи кишварҳои дигар фаъолона иштирок мекунад. Диққати махсус ба рақамисозии назорат дода мешавад: ҷорӣ намудани системаҳои мониторинг барои платформаҳои darknet ва транзаксияҳои криптовалютӣ самаранокии муайян кардани гурӯҳҳои муташаккили ҷиноиро ба таври назаррас афзоиш дод. Илова бар ин, ACN тадқиқоти илмиро дар соҳаи нашъамандӣ оғоз намуда, ба рушди усулҳои барқарорсозии далелҳо мусоидат мекунад. Дар асоси big data агентӣ барномаҳои мақсаднокро таҳия мегарданд, ки маъракаҳои таълимӣ бо муайян кунии барвақти истеъмолкунандагонро муттаҳид мекунанд. Дар баробари ин, кор оид ба пурзӯр намудани қонунгузорӣ дар соҳаи гардиши прекурсорҳо идома дорад, ки истеҳсоли маводи мухаддири синтетикиро маҳдуд мекунад. Чунин равиши ҳамаҷониба Агентиро ба як бозингари асосӣ дар таъмини амнияти миллӣ табдил медиҳад.

Аз ҷумла Агенти чунин вазифаҳоро иҷро менамояд:

- бо супориши Президенти ва Ҳукумати ҶТ ба имзо расонидани шартномаҳои байналхалқии ҳамкорӣ бо дигар давлатҳо ва ташкилотҳои байналхалқии ғайриҳукуматӣ вобаста ба мубориза алайҳи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, рӯйхати миллии маводеро, ки ба воситаҳои нашъаовар ва маводи психотропӣ тааллуқ доранд, таҳия намуда, онро ҷиҳати тасдиқ ба Ҳукумат манзур мекунад;

- ташкили корҳо оид ба таълим, баланд бардоштани тахассус ва мубодилаи таҷрибаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар вазорату

[301] Низомномаи Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Фармони Президенти ҶТ аз 16.03.2023 № 543 дар таҳрири нав тасдиқ шудааст // https://mmih.adlia.tj/SEARCH/DocumentView?DocumentId=13295

идораҳои ҶТ, ки ба ҳалли масъалаҳои нашъаманди иртибот доранд ҳамоҳанг ва назорат менамояд;

- семинарҳои миллӣ ва байналхалқӣ вобаста ба масъалаҳои нашъамандӣ ташкил ё дар онҳо иштирок менамояд, инчунин мубодилаи таҷриба оид ба назорати муомилоти қонунии воситаҳои нашъадор, маводи психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо ва мубориза ба муқобили қонуншиканиҳо дар ин соҳа амал менамояд;

-корҳои пешгирикунанда, маърифатӣ ва тавзеҳоти дар байни аҳолӣ вобаста ба масъалаҳои мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор анҷом медишад;

- дар асоси шартнома ва созашномаҳое, ки онҳоро ҶТ имзо намудааст, бо хадамоти махсус, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ташкилотҳои кишварҳои хориҷӣ ҳамкорӣ намуда, бо онҳо дар асоси мутақобила мубодилаи иттилооти оперативиро анҷом медиҳад;

Директори Агентӣ:

- Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ташкилотҳои байналхалқӣ оид ба назорати маводи нашъаовар намояндагӣ намуда, мутобиқи Конвенсияҳои СММ ба онҳо санад ва ҳисобот пешниҳод мекунад;

- бо супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шартномаҳо ва созишномаҳои байналмилалиро оид ба масъалаҳои муомилоти қонунии маводи нашъаовар ва мубориза алайҳи чунин қонуншиканиҳо ба амзо мерасонад; Шумораи штатии Агентӣ мутобиқи Протоколи байни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯъбаи СММ ба назорати маводи нашшьаовар ва пешгирии ҷиноят дар ҳайати 350 воҳид муқаррар карда шудааст.

Дар тӯли солҳои фаъолияти худ Агентӣ худро ҳамчун сохтори муассир муаррифӣ намуд, ки дар мубориза бар зидди ҷиноятҳои вобаста ба маводи нашъадор ба комёбиҳои назаррас ноил гардидааст. Ба шарофати кори ҳамоҳангшудаи кормандони он ва истифодаи усулҳои муосири назорат имкон дорад, ки роҳҳои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои мамнӯъро мунтазам қатъ кард. Омили асосии ба даст овардани натиҷаҳои мусбӣ ҳамкории зичи Агентӣ бо дигар сохторҳои давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хадамоти махсус буд. Фаъолияти муштараки оперативӣ ва табодули иттилоот имкон медиҳад, ки нақшаҳои ҷиноятии марбут ба муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир сари вақт ошкор ва безарар гардонида шаванд. Дар талошҳои Тоҷикистон дар мубориза бо маводи мухаддир ҳамкориҳои байналмилалӣ низ нақши муҳим доранд. Шарикӣ бо ташкилотҳои махсусгардонидашуда ва муассисаҳои хориҷӣ ба татбиқи таҷрибаи пешқадам, таҳкими иқтидори сохторҳои миллӣ ва татбиқи стратегияҳои дарозмуддат дар ин самт мусоидат мекунад[302].

Тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 декабри соли 1994 № 92 «Дар бораи тадбирҳои таъхирнопазир оид ба такмили минбаъдаи фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ, амният ва Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо фармони Вазири корҳои дохилии

[302] Абдуллозода Н.Р. Наркопреступность как фактор угрозы национальной безопасности Республики Таджикистан / Н.Р. Абдуллозода // Закон и право. – 2021. – №4. – С. 159-162.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз № 570 аз 1 декабри соли 1994 «Дар бораи тағйироти ташкилӣ-кадрӣ. Дар ВКД ҶТ Раёсати мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадори ВКД таъсис дода шудааст, ки бо муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир фаъолона мубориза мебарад[303].

Раёсат як воҳиди асосии ВКД ҶТ буда барои мубориза бо ҷиноятҳои марбут ба маводи мухаддир масъул аст. Вазифаи асосии он муайян ва рафъи қочоқ, нигоҳдорӣ ва фурӯши моддаҳои мухаддир, инчунин фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро дар бар мегирад. Кормандони шӯъба бо дигар ниҳодҳо ва созмонҳои байналмиллалӣ ҳамкории зич доранд, то вазъи нашъамандӣ дар минтақаро самаранок назорат кунанд. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда дар шӯъба равиши ҳамаҷониба, аз ҷумла тадбирҳои оперативӣ, пешгирикунанда ва корҳои таҳлилиро истифода мебарад.

Ба ҳамкорӣ бо хадамоти гумрук, нерӯҳои марзбонӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои ҳамсоя таваҷҷуҳи хоса зоҳир мешавад. Ин имкон медиҳад, ки роҳҳои интиқоли маводи мухаддири фаромиллӣ баста ва созмондиҳандагони гурӯҳҳои ҷиноятӣ бездошт шаванд. Раёсат дар муассисаҳои таълимӣ ва воситаҳои ахбори омма маъракаҳои тарбиявӣ, инчунин барномаҳои офиятбахшии нашъамандон гузаронида мешаванд. Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ дар амалиёти муштарак ширкат ва табодули таҷриба бо ҳамкасбони хориҷӣ мекунад, ки ин мавқеи кишварро дар муборизаи ҷаҳонӣ бо қочоқи маводи мухаддир таҳким мебахшад.

Раёсати мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддири ВКД ҶТ бо назардошти мавқеи геополитикии кишвар дар яке аз роҳҳои асосии интиқоли маводи мухаддири Афғонистон дар таъмини амнияти минтақа нақши калидӣ дорад. Дар доираи татбиқи стратегияи миллии мубориза бо маводи мухаддир, Раёсат як қатор чорабиниҳоро амалӣ менамояд, аз ҷумла пурзӯр намудани назорати сарҳадӣ бо истифода аз системаҳои автоматикунонидашудаи сканеркунии бор, таъсиси дастаҳои сайёри вокуниши фаврӣ ва ҷорӣ намудани усулҳои геотаҳлилии пешгӯии хатсайрҳои қочоқи маводи мухаддир. Ба ҳамкорӣ бо СММ ва созмонҳои минтақавӣ (СҲШ, СПАД) таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад, ки ин имкон медиҳад, ки талошҳо барои мубориза бо ҷиноятҳои фаромиллии маводи мухаддир ҳамоҳанг карда шаванд. Маркази илмӣ-таҳлилии Раёсат бо истифода аз мониторинги моҳвораии кишти кӯкнор дар манотиқи марзии Афғонистон пайваста дар бораи динамикаи гардиши маводи мухаддир гузоришҳо нашр мекунад.

Соли 2004 бо дарки зарурияти ҳимояи ҳаёт ва саломатии халқҳо, аз оқибатҳои ҷиддии муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва ҷиноятҳои ба онҳо вобаста (минбаъд – муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор), аз сатҳи баланди паҳншавии муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор ва тезу тунд шудани мушкилотҳои бо сӯистеъмоли онҳо вобаста,

[303] Идиев Ф.Ф. Международно - правовые основы и национальные механизмы борьбы с незаконным оборотом наркотиков (на примере Республики Таджикистан) / Ф. Ф. Идиев // Правовая жизнь. – 2014. – № 2(6). – С. 66-73.

дар ташвиш буда, принсипҳои умумиэътирофшуда ва меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ ва қонунгузории Тарафҳоро ба роҳбарӣ гирифта, дар асосҳои эҳтироми тарафайн ба истиқлолият, соҳибихтиёрӣ, якпорчагии ҳудудии давлатҳо ва мудохила накардан ба коҳои дохилии якдигар, муҳимияти мустаҳкам намудани ҳамкории байналхалқиро дар мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор ва назорати прекурсорҳои онҳо эътироф намуда, бо назардошти мақсадҳои Конвенсияҳо қатъномаҳо ва ҳуҷҷатҳои дахлдори СММ, Маркази минтақавии ҳамоҳангсозии иттилоотии Осиёи Марказӣ оид ба мубориза бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо таъсисдодаанд[304]. Иштироки Тоҷикистон дар барномаи CARICC аҳамияти хоса дорад, ки имкон медиҳад дар вақти воқеӣ мубодилаи иттилооти оперативӣ бо кишварҳои ҳамсоя фароҳам орад. Дар соли 2023 бо ибтикори Тоҷикистон дар CARICC системаи таҳлили қочоқи маводи мухаддир ҷорӣ карда шуд, ки имкон медиҳад тағйироти масирҳои ҳамлу нақл бо дақиқии то 82% пешгӯӣ шавад. Ҳамкории Тоҷикистон бо CARICC натиҷаҳои мушаххаси амалиётӣ дод: дар солҳои 2022-2023 амалиёти муштарак 17 гурӯҳи трансмиллии қочоқи маводи мухаддирро, ки барои интиқоли ҳероин ба кишварҳои ИА тахассус доранд, боздошт карданд.

Ҳамкории минтақавии Раёсат дар чаҳорчӯби СҲШ ва САҲА низ самаранокии баландро дар мубориза бо қочоқи маводи нашъадор аз Афғонистон нишон дод. Гузаронидани амалиёти муштараки солона ба мисли Канал ва Тайфун ҳаҷми мусодираи афюн ва ҳероин дар марзи Тоҷикистону Афғонистонро ба таври қобили мулоҳиза афзоиш додааст. Раёсат инчунин дар кори Шӯрои роҳбарони агентиҳои мубориза бо маводи нашъадори кишварҳои ИДМ, ки дар он стандартҳои ягонаи мубориза бар зидди ҷиноятҳои марбут ба маводи нашъадор таҳия гардида, заминаи қонунгузорӣ ҳамоҳанг карда мешаванд, фаъолона иштирок менамояд.

Кумитаи давлатии амнияти миллии (КДАМ) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун звенои марказии мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккили маводи мухаддир, ки ба суботу истиқлолияти кишвар хатари ҷиддӣ дорад, стратегияи ҳамаҷониба амалӣ менамояд, ки усулҳои оперативии иктишофиро бо воситаҳои иктишофии молиявӣ барои мубориза бо кортелҳои фаромиллии маводи мухаддир муттаҳид менамояд. Яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти Кумита аз байн бурдани робитаҳои коррупсионӣ, ки муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддирро таъмин мекунанд, инчунин ҳамкории зич бо шӯъбаҳои мубориза бо маводи мухаддири ВКД, махсусан дар минтақаҳои ҳаммарз бо Афғонистон. Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистон дар посух ба тактикаи рӯзафзуни печидаи қочоқи маводи мухаддир, ҳамкориҳои байналмилалиро таҳким бахшида, дар ташаббусҳои минтақавии мубориза бо маводи

[304] Соглашение о создании Центральноазиатского регионального информационного координационного центра по борьбе с незаконным оборотом наркотических средств, психотропных веществ и их прекурсоров 24 июля 2006 года. https://www.caricc.org/index.php/tsarikts/pravovaya-osnova/soglashenie-o-tsarikts

мухаддири СПАД ва СҲШ, аз ҷумла вокуниши сареъ дар чаҳорчӯби амалиёти вижаи “Канал” нақши фаъол дорад.

Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Раёсати UNODC технологияҳои пешрафтаи санҷиш, аз ҷумла системаҳои сайёри муоина ва скрининг бо дастгоҳҳои телевизионии рентгенӣ ва анализаторҳои сайёри спектрометрӣ ҷорӣ карда шуданд, ки имкон медиҳанд, ки маводи мухаддирро дар ҷараёни бор бидуни осеб дидани бастаҳо зуд муайян кунанд. Иштирок дар лоиҳаи назорати контейнерӣ муносибати ба таваккал нигаронидашударо барои тафтиши борҳои байналмилалӣ таъмин намуда, ҳамгироӣ бо системаҳои байнидавлатии табодули маълумот, аз ҷумла механизми Коридори сабз бо шарикон дар ЕАЭО, самаранокии муайян кардани ҳамлу нақли шубҳанокро ба таври назаррас афзоиш медиҳад. Хадамоти гумруки Тоҷикистон барои баланд бардоштани самаранокии назорати муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир қарорҳои рақамиро фаъолона татбиқ мекунад. Дар соли 2023 системаи автоматии "Сарҳади оқил" ба кор андохта шуд, ки маълумоти назорати биометрӣ, таҳлили ҷараёни мусофирон ва системаи шинохти чеҳраро барои муайян кардани хаткашонҳои эҳтимолии маводи мухаддир муттаҳид мекунад. Дар доираи ҳамкорӣ бо Иттиҳоди Аврупо (лоиҳаи BOMCA) кормандони гумрук усулҳои муайян кардани «схемаи логистикии маводи мухаддир» бо истифода аз маълумоти калонро омӯзонида истодаанд.

Самаранокии фаъолияти Хадамоти гумрук дар самти мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор тавассути ҳамоҳангии зич бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи миллӣ таъмин карда мешавад. Якҷоя бо КДАМ ва КВД барномаи «Долони тоза» амалӣ карда мешавад, ки таъсиси гурӯҳҳои муштараки оперативӣ оид ба тафтиши борҳои транзитиро дар назар дорад. Таваҷҷуҳи махсус ба ҷузъи зиддикоррупсионӣ дода мешавад - ҳамаи кормандоне, ки дар минтақаҳои ҳассос ба маводи мухаддир машғуланд, мунтазам аз муоинаи полиграфӣ ва санҷишҳои детектори дурӯғ мегузаранд. Барои баланд бардоштани хавасмандии коркунон системаи хавасмандгардонии моддӣ барои ошкор намудани миқдори зиёди маводи нашъадор (то 30 фоизи арзиши маводи мухаддири мусодирашуда) ҷорӣ карда шудааст.

Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ яке аз мутамарказтарин системаҳои мубориза бо маводи мухаддирро таъсис додааст, ки дар он механизмҳои амниятӣ, шаҳрвандӣ ва технологӣ ҳамоҳанг кор мекунанд. Бо вуҷуди ин, мушкилот бо фасоди маҳаллӣ ва набудани маблағ барои барномаҳои деҳот боқӣ мемонад.

Ҳамин тавр дар натиҷаи баррасии мусаъалаҳои механизми миллии ҳамкори дар самти муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

Механизми милли ҳамкории дар самти мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадорро мақомоти гуногун, ки иштирокчиёни комилҳуқуқи ҳамкории байналмилалӣ дар самти мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор мебошанд, тавсиф мегардад зеро созишномаҳои байниҳукуматӣ, ки асоси чунин ҳамкорӣ мебошанд, ба ин мақомот ваколатҳои махсуси дорои хусусияти ҳуқуқии байналмиллалӣ медиҳанд. Ҳамзамон, ҳамоҳангсозии заминаи қонунгузории миллӣ механизми милли

ҳамкории дар самти мавриди назар бо меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, фароҳам овардани заминаҳои зарурӣ барои татбиқи равиши ҳамаҷонибаи мубориза бо гардиши фаромиллии маводи нашъадор махсусан дар шароити наздикии ҷуғрофӣ ба Афғонистон ҳамчун манбаи асосии таҳдиди маводи нашъадор дар минтақа аҳамиятнок мебошад.

Адабиёт:

1. Абдуллозода Н.Р. Наркопреступность как фактор угрозы национальной безопасности Республики Таджикистан / Н.Р. Абдуллозода // Закон и право. - 2021. -№4. -С.159-162.
2. Барномаи ягонаи мақсадноки давлатӣ оид ба пешгирии нашъамандӣ ва муқобилият бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012// https://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=31909
3. Бокерия С. А. Международно-правовые основы и принципы сотрудничества государств в сфере незаконного оборота наркотических и психотропных средств / С.А. Бокерия // Вестник Российского университета дружбы народов. Серия: Международные отношения. - 2004. - № 1. - С. 77.
4. Идиев, Ф. Ф. Международно - правовые основы и национальные механизмы борьбы с незаконным оборотом наркотиков (на примере Республики Таджикистан) / Ф. Ф. Идиев // Правовая жизнь. – 2014. – № 2(6). – С. 66-73. – EDN TZHXKP. С. 69
5. Низомномаи Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Фармони Президенти ҶТ аз 16.03.2023 № 543 дар таҳрири нав тасдиқ шудааст // https://mmih.adlia.tj/SEARCH/DocumentView?DocumentId=13295
6. Соглашение о создании Центральноазиатского регионального информационного координационного центра по борьбе с незаконным оборотом наркотических средств, психотропных веществ и их прекурсоров 24 июля 2006 года. https://www.caricc.org/index.php/tsarikts/pravovaya-osnova/soglashenie-o-tsarikts
7. Соглашение о сотрудничестве государств - участников Содружества Независимых Государств в борьбе с незаконным оборотом наркотических средств, психотропных веществ и прекурсоров (с изменениями на 25 октября 2019 года) // http://publication.pravo.gov.ru/document/0001202108160002
8. Стратегияи миллӣ оид ба назорати маводи нашъаовар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 https://akn.tj/2021/04/15/national-drug-control-strategy-of-the-republic-of-tajikistan-for-2021-2030
9. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи таъсиси Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба пешгирии суиистеъмоли маводи нашъадор аз 3 апрели соли 2004 № 1310 //https: // mmih.tj/SEARCH/ DocumentView? DocumentId =125431&compareid=125431

Мақола дар редаксия ворид шуд: 20.11.2025
Аз тақриз баргашт: 25.11.2025
Ба чоп тавсия шуд: 25.12.2025

МАФҲУМИ ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТИИ РЕТСИДИВИ ҶИНОЯТ

Каримзода Даврон,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия.
Тел.: +992 888011010
E-mail: davr_94@list.ru

Фишурда: Дар мақолаи пешниҳодшуда моҳияти ҳуқуқии ретсидиви ҷиноят ҳамчун шакли хавфноктари такроршавии кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок таҳлил мегардад. Муаллиф мафҳуми ретсидив, асосҳои ҳуқуқии он, шароити ба вуҷуд омаданаш, инчунин ҳолатҳое, ки ретсидив ба ҳисоб гирифта намешавад, ба таври муфассал меомӯзад. Таваҷҷуҳи махсус ба масъалаи пайдоиши ретсидив дар давраи мавҷудияти доғи судӣ, муносибати байни доғи судӣ ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии шахсияти ҷиноятқор, ҳамчунин масъалаи эътирофи ретсидив дар ҳолатҳои бекоршавии шартан татбиқ накардани ҷазо равона шудааст.

Дар мақола баҳсҳои назариявии олимон доир ба зарурати дохил кардани ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ ба ретсидив, мушкилоти амалӣ дар муайян кардани ретсидив, аз ҷумла вобаста ба содир шудани ҷиноят дар давраи муҳлати санҷиш ва ҳолатҳои мавқуфгузории иҷрои ҳукм таҳлил мегарданд. Ҳамзамон, мавқеи қонунгузор оид ба истисно намудани ҷиноятҳои дар ноболиғӣ содиршуда аз ретсидив асоснок шарҳ дода мешавад.

Муаллиф бо такя ба қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва андешаҳои олимони ҳуқуқи ҷиноятӣ ба хулоса меояд, ки ретсидив ҳамчун нишондиҳандаи дараҷаи баландтари хавфнокии ҷамъиятии шахсияти ҷиноятқор, асоси пурзӯр намудани ҷавобгарӣ буда, танҳо дар ҳолатҳои мушаххас ва бо риояи меъёрҳои қонунгузорӣ татбиқ мегардад. Мақола барои таҳқиқоти назариявӣ ва амалии соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳамияти илмии баланди амалӣ дорад.

Калидвожаҳо: ретсидиви ҷиноят, доғи судӣ, хавфнокии ҷамъиятӣ, шахсияти ҷиноятқор, қонунгузории ҷиноятӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ, шартан татбиқ накардани ҷазо, мавқуфгузории иҷрои ҳукм, ҷинояти қасдона, беэҳтиётӣ, маҳкумшавӣ.

УГОЛОВНО-ПРАВОВОГО ПОНЯТИЕ РЕЦИДИВА ПРЕСТУПЛЕНИЙ

Каримзода Даврон,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, доцент кафедры уголовного права и противодействия коррупции.
Тел.: +992 888011010
E-mail: davr_94@list.ru

Аннотация: В представленной статье анализируется правовая природа рецидива преступлений как более опасной формы повторности общественно опасных деяний. Автор подробно рассматривает понятие рецидива, его правовые основания, условия формирования, а также случаи, при которых рецидив не подлежит признанию. Особое внимание уделено возникновению рецидива в период наличия судимости, соотношению судимости и степени общественной опасности личности преступника, а также вопросам признания рецидива в ситуациях отмены условного неприменения наказания.

В статье раскрываются теоретические дискуссии учёных о необходимости включения неосторожных преступлений в рецидив, анализируются практические сложности определения рецидива, в том числе при совершении преступления в период испытательного срока и в условиях отсрочки исполнения приговора. Кроме того, аргументированно объясняется позиция законодателя относительно исключения из рецидива преступлений, совершённых в несовершеннолетнем возрасте.

Автор, опираясь на уголовное законодательство Республики Таджикистан и мнения ведущих учёных в области уголовного права, приходит к выводу, что рецидив, являясь показателем более высокой степени общественной опасности личности преступника и основанием для усиления ответственности, может применяться только в строго определённых законом случаях. Статья обладает значительной научной и практической ценностью для дальнейших исследований в сфере уголовного права.

Ключевые слова: рецидив преступлений, судимость, общественная опасность, личность преступника, уголовное законодательство, уголовная ответственность, условное неприменение наказания, отсрочка исполнения приговора, умышленное преступление, неосторожность, осуждение.

THE CRIMINAL LAW CONCEPT OF RECIDIVISM

Karimzoda Davron,
Tajik National University, Faculty of Law, associate Professor at the

Department of criminal Law and Anti-Corruption Studies.
Phone.: +992 888011010
E-mail: davr_94@list.ru

Annotation: This article analyzes the legal nature of recidivism as a more dangerous form of repetition of socially dangerous acts. The author examines in detail the concept of recidivism, its legal basis, the conditions under which it develops, and the cases in which recidivism is not recognized. Particular attention is paid to the occurrence of recidivism during a criminal record, the relationship between a criminal record and the degree of social danger posed by the offender, and the recognition of recidivism in situations where a suspended sentence is revoked.

The article explores the theoretical debate among scholars regarding the need to include reckless crimes as recidivism and analyzes the practical difficulties of defining recidivism, including when a crime is committed during a probationary period and under a deferred sentence. Furthermore, the article provides a reasoned explanation of the legislator's position regarding the exclusion of crimes committed as minors from the definition of recidivism. The author, relying on the criminal legislation of the Republic of Tajikistan and the opinions of leading scholars in the field of criminal law, concludes that recidivism, as an indicator of a higher degree of public danger to the offender and a basis for increasing liability, can only be applied in cases strictly defined by law. The article has significant scientific and practical value for further research in criminal law.
Keywords: recidivism, criminal record, public danger, offender's personality, criminal law, criminal liability, suspended sentence, deferment of execution, intentional crime, negligence, conviction.

Хавфнокии ҷамъиятии шахсе, ки пас аз маҳкумшавӣ барои ҷинояти якум такроран ҷиноят содир менамояд, бештар мегардад. Дар чунин ҳолат хислатҳои зиддиҷамъиятии шахсият устувортар гардида, барои безараргардонии онҳо бисёр вақт чораҳои махсус зарур мешаванд.

Инчунин, бояд тазаккур дод, ки ҳиссаи шахсоне, ки қаблан дорои доғи судӣ буда, боз ҷинояти нав содир мекунанд, дар таркиби умумии маҳкумшудагон хеле баланд аст. Аз ин рӯ, барои қонунгузор зарур мегардад, ки меъёрҳои дахлдори ҳуқуқи ҷиноятиро таҳия намояд, то ин дараҷаи баландтари хавфнокии ҷамъиятии чунин шахсон ҳам дар таъини ҷазо ва ҳам ҳангоми баррасии масъалаҳои озодкунӣ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо ба назар гирифта шавад.

Бо ҳамин мақсад қонунгузор ба КҶ мафҳуми ретсидиви ҷиноятро ворид намуд, намудҳои онро муайян кард ва қоидаҳои таъини ҷазоро ҳангоми ретсидиви ҷиноят ба таври возеҳ баён намуд.

Мафҳуми ретсидив дар қ.1 м. 21 КҶ ҶТ таъриф шудааст. Мувофиқи ин меъёр, “Содир намудани ҷинояти қасдона аз тарафи шахсе, ки қаблан барои содир кардани ҷинояти қасдона доғи судӣ дорад, ретсидиви ҷиноят

эътироф мешавад”. Қисми чорумии ҳамин модда муқаррар месозад, ки ҳангоми муайян намудани ретсидив баъзе ҳолатҳо ба ҳисоб гирифта намешаванд:

“а) доғи судӣ барои ҷинояте, ки шахс то синни ҳаждаҳсолагӣ содир намудааст;

б) доғи судӣ барои ҷинояте, ки нисбати он шартан татбиқ накардани ҷазо ё ин ки аз рӯи он мавқуф гузоштани иҷрои ҳукм татбиқ гардидааст, агар шартан татбиқ накардани ҷазо ё мавқуф гузоштани иҷрои ҳукм бекор карда нашуда бошад ва шахс барои адо намудани ҷазо ба ҷойҳои маҳруми аз озодӣ фиристода нашудааст, инчунин доғи судие, ки мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи моддаи 84-и ҳамин Кодекс барҳам хӯрдааст ё бардошта шудааст”.

Ҳамчун асоси муайян намудани ретсидив ду аломат қарор дорад: а) содир намудани ҷинояти нав дар ҳолати доштани доғи судӣ барои ҷинояти қаблӣ; б) ретсидив танҳо аз ҷиноятҳои қасдона ба вуҷуд меояд.

Мувофиқи қ.1 м. 84 КҶ, «шахс доғи судӣ дошта эътироф карда мешавад, аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми айбдоркунӣ, ки бо он ҷазо таъин карда шудааст ва то рӯзи барҳам хӯрдан ё бардоштани доғи судӣ».

Доғи судӣ ҳолати ҳуқуқии шахс мебошад, ки бар асари факти маҳкумшавӣ ва таъини ҷазо мувофиқи ҳукми суд ба вуҷуд омада, барои шахс оқибатҳои манфии ҳуқуқӣ ба бор меорад. Доштани доғи судии бардоштанашуда ё барҳамнахурда боиси пайдо гардидани муносибатҳои омавии ҳуқуқӣ байни шахс ва давлат мегардад. Ин муносибатҳо, ки дар асоси танзими ҳуқуқи ҷиноятӣ ташаккул меёбанд, ҳангоми содир шудани ҷиноятҳои нав аз ҷониби шахс, асос барои арзёбии дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии шахсият ва ҷиноятҳои содиркардаи ӯ мегарданд.

Бо дарназардошти чунин хавфнокии ҷамъиятӣ, ретсидиви ҷиноят таъини ҷазои вазнинтарро тақозо менамояд (б.8. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тағрибаи аз тарафи судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ оиди ретсидиви ҷиноят» аз 12 декабри соли 2002 №7)[305].

Доғи судӣ дорои оғоз ва анҷоми муайян мебошад. Мувофиқи қ. 1 м. 84 КҶ, “шахс доғи судӣ дошта эътироф карда мешавад, аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми айбдоркунӣ, ки бо он ҷазо таъин карда шудааст ва то рӯзи барҳам хӯрдан ё бардоштани доғи судӣ”. Ба андешаи С. И. Зелдов, доғи судӣ одатан аз се давра иборат аст: 1) фосилаи вақт аз рӯзи ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукм то оғози адои ҷазо; 2) давраи адои ҷазо; ва 3) фосилаи вақт аз анҷоми адои ҷазо то лаҳзаи барҳамхурдан ё бардошташавии доғи судӣ[306]. Ю. М. Ткачевский бар он назар аст, ки доғи судӣ аз се қисм иборат нест, балки дорои шаклҳои гуногун мебошад ва дар намудҳои мухталиф зуҳур меёбад. Ба андешаи ӯ, имкон дорад чунин вариантҳои доғи судӣ мавҷуд бошанд: 1) ҳукме, ки ба қувваи қонунӣ

---

[305] Маҷмуаи Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002-2019). Душанбе, 2019. С.20.

[306] Зельдов С.И. О понятии судимости // Правоведение. 1972. № 1. С. 66

даромадааст, бинобар баъзе сабабҳо ба иҷро расонида намешавад. Дар чунин ҳолат муҳлати доғи судӣ аз лаҳзаи ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукм оғоз гардида, бо поёни муҳлати иҷрои ҳукм анҷом меёбад; 2) шахсони гунаҳгор ба ҷазои бо ном мӯҳлатдор – маҳрум сохтан аз озодӣ, корҳои ислоҳӣ ва ғайра маҳкум шудаанд. Дар ин ҳолат муҳлати доғи судӣ аз ду қисм иборат мегардад: давраи таъини ҷазо ва давраи доғи судӣ пас аз адои он; 3) ғайр аз ҷазои асосӣ, ҷазои иловагӣ низ таъин шудааст. Дар чунин шароит доғи судӣ ҳам давраи иҷрои ҷазои асосӣ ва ҳам давраи иҷрои ҷазои иловагиро дар бар мегирад[307].

Ретсидиви ҷиноятҳо метавонад дар ҳар кадоме аз вариантҳои мавҷудаи доғи судӣ ба вуҷуд ояд. Ва аз он вақт, ки доғи судӣ аз рӯзи ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукм пайдо мешавад, маҳз аз ҳамин лаҳза имкони ба вуҷуд омадани ретсидив низ пеш меояд. Лаҳзаи охирони даврае, ки дар он ретсидиви ҷиноятҳо мумкин аст, лаҳзаи бардоштан ё барҳамхурдани доғи судӣ ба ҳисоб меравад. Бардоштан ё барҳамхурдани доғи судӣ тамоми оқибатҳои ҳуқуқи ҷиноятии вобаста ба доғи судиро (мувофиқи қ. 7 м. 84 КҶ) бекор мекунад, аз ин рӯ оқибатҳои бо доғи судӣ алоқаманд ҳангоми муайян кардани ретсидиви ҷиноят ба ҳисоб гирифта намешаванд, ки ин дар қ. 4 м. 21 КҶ низ нишон дода шудааст.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ андеше пешниҳод шудааст, ки барои эътирофи ретсидиви ҷиноят бояд факти маҳкумшавӣ ва қисман ё пурра адо кардани ҷазо барои ҷинояти қаблӣ муқаррар карда шавад. «Ретсидив ин шакли хавфноктари сершуморагии ҷиноятҳост, менависад К.А. Панко, зеро мақсади пешгирии махсус дар он новобаста аз он ки ҷазо таъин ва ҳатто иҷро шуда бошад амалӣ намегардад»[308].

Муаллифоне, ки мавқеи дигар доранд, қисман ё пурра адо шудани ҷазоро то содир шудани ҷинояти нав ҳамчун аломати ҳатмии ретсидив эътироф намекунанд. Масалан, А.В. Армашова чунин таъкид мекунад: «Қонунгузор бо асоснокӣ ин аломатро ба мафҳуми ретсидив ворид накард, зеро меъёри расмии фарқкунандаи ретсидив аз ҳолати ғайриретсидив доштани доғи судӣ мебошад, ки аз рӯзи ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукм ба вуҷуд меояд. Агар қонунгузор қисман (ё пурра) адо намудани ҷазоро ҳамчун аломати ретсидив муқаррар мекард, пас мувофиқи маънои калимаи "қисман", ҳатто як рӯз, ним рӯз ё як соати адо кардани ҷазо низ ретсидив шуморида мешуд. Пас оё нишон додани чунин аломат ягон аҳаммият дорад? Метавон муҳлати адои ҷазоро муайян кард, ки пас аз гузаштани он ҷинояти нав дар ҳолати ретсидив содиршуда шуморида шавад, аммо ин низ маънои зиёде надорад, зеро чунин муҳлат бояд барои ҳар як намуди ҷазо алоҳида муқаррар карда мешуд»[309].

Ба назар мерасад, ки ворид намудани чунин аломати маҳдудкунанда ба таърифи ретсидив, мисли қисман ё пурра адо шудани ҷазо, мақбул ва асоснок нест. Маълум аст, ки татбиқи ҷазо барои иҷрои вазифаҳои

---

[307] Ткачевский Ю.М. Судимость // Уголовное право. 2000. № 3. С. 36.

[308] Панько К.А. Вопросы общей теории рецидива в советском уголовном праве / К. А. Панько. - Воронеж: Изд-во Воронеж. ун-та, 1988.- С. 51.

[309] Армашова А.В. Проблемы рецидива преступлений и ответственности за него по уголовному праву России: дис. … канд. юрид. наук. Рязань, 2006. С. 28.

пешгирии умумӣ ва махсус равона шудааст, аммо худи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва баровардани ҳукми айбдоркунанда низ воситаҳои таъсиррасонии ҳуқуқи ҷиноятӣ ба шахси гунаҳгор мебошанд, ки бо мақсади тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи ҳисси эҳтиром ба иҷрои дақиқи қонунҳо татбиқ мегардад[310]. Тавре ки Т.М. Кафаров дуруст қайд мекунад, «баровардани ҳар гуна ҳукми айбдоркунанда, ки арзёбии манфии давлатиро нисбат ба рафтори шахс инъикос мекунад, худ як навъ чораи таъсиррасонии ҳуқуқии ҷиноятист; ва содир шудани ҷинояти нав аз ҷониби ҳамон шахс гувоҳӣ медиҳад, ки ӯ аз факти маҳкумшавии худ хулосаҳои зарурӣ набаровардааст»[311].

Маҳкумнамоӣ аз номи давлат, ки дар шакли ҳукми айбдоркунандаи ба қувваи қонунӣ даромадаи суд ифода меёбад, барои гунаҳгор аҳаммияти пешгирикунанда дорад: он нишон медиҳад, ки рафтори барои ҷамъият хавфнок ва номатлуб қобили қабул нест. Агар гунаҳгор баъди чунин огоҳӣ хулоса набарорад ва ҷинояти нав содир кунад, ин ҳолат, одатан, далели баландшавии дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии шахсияти ҷинояткор мебошад. Қонунгузор ба таври дуруст ба мафҳуми ретсидив ворид намудани аломати қисман ё пурра адо намудани ҷазоро барои ҷинояти қаблӣ пешбинӣ накардааст. Мувофиқи мазмуни м. м. 21 ва 84 КҶ, ретсидиви ҷиноят дар ҳолате ба вуҷуд меояд, ки шахс ҷинояти навро дар давраи аз рӯзи ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукми айбдоркунанда барои ҷинояти қаблӣ то замони барҳамхӯрӣ ё бардошта шудани доғи судӣ содир намояд.

Дар таърифи қонунгузории ретсидив аломати дуюм низ зикр шудааст: ретсидив танҳо аз ҷиноятҳои қасдона содиршуда ташаккул меёбад. Ин таърифи нисбатан маҳдуди ретсидив мебошад. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ бошад, масъалаи мансуб донистани танҳо такроран содир шудани ҷиноятҳои қасдона ба ретсидив хусусияти баҳсталаб дорад. Бархе аз олимон андеша доранд, ки ретсидив бояд танҳо ҷиноятҳои қасдона содиршударо дар бар гирад[312], гурӯҳи дигари муҳаққиқон чунин мешуморанд, ки мафҳуми ретсидив бояд фарохтар бошад ва на танҳо маҷмӯи ҷиноятҳои қасдона, балки ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ содиршударо низ дар бар гирад[313].

Пайравони мавқеи аввал бар он ишора мекунанд, ки танҳо дар ҳолати содир намудани ҷиноятҳои қасдона аз ҷониби шахс рафтори барои ретсидив хос ба назар мерасад. Масалан, Ю.И. Битко менависад, ки содир намудани ҷинояти қасдона баъд аз маҳкумшавии қаблӣ барои ҷинояти қасдона аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳануз то маҳкумшавии аввал шахс сифатҳои махсус дошт ё чунин сифат пас аз чунин маҳкумшавӣ ба вуҷуд

---

310 Красиков Ю.А. Множественность преступлений (понятие, виды, наказуемость): учеб. пособие. М.: Изд-во ВЮЗИ, 1988. С. 35

311 Кафаров М.Т. Проблема рецидива в советском уголовном праве. Баку, 1972. С. 19.

312 Тосакова Л.С. Назначение наказания при рецидиве преступлений по действующему уголовному законодательству: дис. … канд. юрид. наук. Казань, 1997. С. 51–52 ; Самылина И. Рецидив преступлений: теория и практика // Уголовное право. 2004. № 1. С. 46.

313 Малков В.П., Тимершин Х.А. Множественность преступлений: Учеб. пособие / В. П. Малков, Х. А. Тимершин; Уфа: УВШ МВД РФ, 1995. С. 44; Агаев И.Б. Рецидив в системе множественности преступлений. М., 2002. С. 45–55.

омадааст. Такрор шудани ҷинояти аз беэҳтиётӣ пас аз маҳкумшавии қаблӣ барои чунин ҷинояти бо ҳамон як шакли гуноҳ, ҳамчунин такроран содир намудани ҷинояти қасдона ҳангоми мавҷуд будани судӣ барои ҷинояти аз беэҳтиётӣ ва баръакс, наметавонад ҳамчун ретсидив эътироф гардад[1].

Ретсидиви ҷиноятҳо, одатан, ҳамчун зуҳури тамоюли муайяни рафтори шахси мушаххас арзёбӣ мешавад. Он нишондиҳандаи мавҷуд будани тамоюлҳои устувори манфӣ ва одатҳои носолими иҷтимоӣ дар шуури ҷинояткор мебошад. Пеш аз ҳама, ин ҳолат ба шахсоне дахл дорад, ки ҷиноятҳои қасдона содир кардаанд. Бо вуҷуди ин, шумораи назарраси ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ содиршаванда низ, тавре ки В.Е. Квашис қайд менамояд, аз ҷониби ҳуқуқвайронкунандагоне содир мегардад, ки шахсияти онҳо то дараҷае дорои рафторҳои носолиму зиддиқонунӣ ва самтгирии зиддиҷамъиятӣ мебошад (гарчанде ин дараҷа нисбат ба шахсоне, ки ҷиноятҳои қасдона содир менамоянд, хеле пасттар аст). Хусусиятҳои вайроншавии шахсият бештар дар онҳое ба назар мерасад, ки ҷинояти навро ҳангоми мавҷуд будани доғи судии барҳамнахӯрда барои ҷинояти қаблӣ содир мекунанд. Онҳоро муносибати беэътиноёна ё бепарвоёна нисбат ба қоидаҳои эҳтиётӣ ва манфиатҳои дигарон фарқ мекунад. Дар муносибати онҳо ба тартиботи ҳуқуқӣ ва интизом, инчунин ба манфиатҳо ва арзишҳои иҷтимоӣ, дар қисмати зиёди шахсоне, ки ҷиноятҳои нав (ҳатто аз беэҳтиётӣ) содир мекунанд, бисёр хусусиятҳои муштарак бо шахсоне мушоҳида мешаванд, ки барои ҷиноятҳои қасдона маҳкум шудаанд[314]. Ба хусусиятҳои манфии шахсиятии ҷинояткороне, ки кирдорҳои барои ҷамъият хавфнокро аз беэҳтиётӣ содир кардаанд, Ю.В. Голик[315], В.П. Малков ва Х.А. Тимершин[316], инчунин И.Б. Агаев[317] низ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд.

И.М. Тяжкова вобаста ба ин масъала баён медорад, ки “набояд он оқибатҳоро низ сарфи назар намуд, ки метавонанд аз баъзе кирдорҳои аз беэҳтиётӣ содиршуда ба вуҷуд оянд. Чунин кирдорҳо қодир ҳастанд зарари ҷиддии иқтисодӣ, ҷисмонӣ, экологӣ, ташкиливу идоракунӣ ва дигар оқибатҳои манфиро ба бор оранд. Қобили қабул аст, ки зарари моддии ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ (масалан, ҳолатҳое, ки боиси сухтор мегарданд) метавонад ба андозаи зарари кирдорҳои қасдона бошад. Ба ҳамин далел, масъалаи ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад”[318].

А.П. Козлов ба таърифи қонунгузории ретсидив эрод гирифта, зарур мешуморад, ки ба таркиби ретсидив ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ низ ворид карда шаванд. Зеро, ба гуфтаи ӯ, «дар вазъи кунунӣ мумкин аст масъалаи дохил намудани қасди бавосита ба ретсидив низ ба миён ояд. Дар ин шакли гуноҳ, аввалан, мисли ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ бо натиҷаи

---

[314] Квашис В.Е. Преступная неосторожность. Социально-правовые и криминологические проблемы. Владивосток: Изд-во Дальневосточного ун-та, 1986. С. 122–123.
[315] Голик Ю.В. Случайный преступник. Томск: Изд-во Томского ун-та, 1984. С. 90–93.
[316] Малков В.П., Тимершин Х.А. Указ. соч. С. 44.
[317] Агаев И.Б. Проблема повторности в уголовном праве. М.: Юристъ, 2004. С. 113–114.
[318] Тяжкова И.М. Неосторожные преступления с использованием источников повышенной опасности. СПб., 2002. С. 15–16.

иловагии кирдор рӯ ба рӯ мешавад; сониян, ҳам дар ҷинояти аз беэҳтиётӣ ва ҳам дар қасди бавосита хоҳони фаро расидани оқибати ҷиноят будан мавҷуд нест. Тавре ки маълум аст, аломатҳои қасди бавосита ба шакли гуноҳи беэҳтиётӣ хеле наздик мебошанд. Аз ин рӯ, бо чунин ҳолати қонунгузории амалкунанда дар ретсидив нигоҳ доштани қасди бавосита чандон мувофиқ ба мантиқ нест»[319].

Ба андешаи Ю.В. Голик ва И.Я. Мирончик аз ҷониби шахс содир шудани ҷинояти нави аз беэҳтиётӣ дар ҳолате, ки ӯ дорои доғи судӣ мебошад, дорои аҳаммияти мустақили ҳуқуқӣ буда, бояд ҳамчун ретсидиви аз беэҳтиётӣ номида шавад. Муаллифон таъкид мекунанд, ки чунин ретсидив нишон медиҳад, ки шахс одати риоя накардани қоидаҳо ва дастурамалҳои ҳатмиро дорад, ба ҳуқуқвайронкуниҳо бо беэътиноӣ ва сабукӣ муносибат мекунад, ва нисбат ба риояи қоидаҳои умумии эҳтиётӣ муносибати устувори манфӣ дорад[320].

Бо дарназардошти он, ки бисёре аз ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ зарари ҷиддии иҷтимоиву иқтисодӣ доранд ва ҳамчунин бо назардошти он ки содир кардани ҷинояти нави аз беэҳтиётӣ аз ҷониби шахсе, ки қаблан барои ҷинояти аз беэҳтиётӣ доғи судӣ дорад, инчунин содир кардани ҷинояти қасдона аз ҷониби шахсе, ки доғи судӣ барои ҷинояти аз беэҳтиётӣ дорад (ё баръакс), далели хавфнокии бештар будани шахс нисбат ба шахсе мебошад, ки бори аввал ҷиноят содир менамояд, чунин ба назар мерасад, ки ин ҳолат асос медиҳад, то ба зарурати фарохтар гардондани таърифи қонунгузории ретсидив ишора карда шавад. Яъне, таърифе, ки ретсидивро ҳамчун содир кардани ҷинояти нав аз ҷониби шахсе, ки барои ҷинояти қаблан содиркарда доғи судӣ дорад, эътироф намояд.

Ин, албатта, маънои онро надорад, ки оқибатҳои ҳуқуқии ретсидиви аз беэҳтиётӣ, инчунин ретсидиви омехтаи қасдона ва аз беэҳтиётӣ, бояд ба таври комил ба оқибатҳои ҳуқуқии ретсидиви ҷиноятҳои қасдона баробар карда шаванд.

Мувофиқи қ. 4 м. 21 КҶ, ҳангоми муайян кардани ретсидив ҷиноятҳое, ки дар ноболиғӣ содир шудаанд, ба ҳисоб гирифта намешаванд. Ин меъёр ба стандартҳои байналмилалӣ мувофиқ аст. Қонунгузор ба таври асоснок хусусиятҳои синну соли шахсони ба балоғатнарасида, сатҳи рушду ташаккули иҷтимоӣ-психологии онҳо[321] ва он ҳолатро ба инобат гирифтааст, ки бисёре аз ноболиғон бинобар омилҳои тасодуфӣ, зери таҳрики калонсолон ё хоҳиши исбот кардани худро дар миёни ҳамсолон ба роҳи ҷиноятқорӣ меафтанд[322].

Ноболиғон бо сабаби хосиятҳои психологии синну сол нисбат ба калонсолон бештар қобилияти ислоҳшавӣ доранд, ки ин нишонаи камтар будани хавфнокии ҷамъиятии онҳо мебошад. Маҳз ҳамин омилҳо аз

---

[319] Козлов А.П., Севастьянов А.П. Единичные и множественные преступления. СПб.,2011. С. 208–209.

[320] Голик Ю.В., Мирончик И.Я. Неосторожный рецидив: уголовно-правовые и криминологические аспекты // Уголовно-правовые меры борьбы с преступностью в условиях перестройки. Свердловск: Изд-во Свердловского юридического ин-та, 1990. С. 60–65

[321] Прозументов Л.М. Проблемы предупреждения преступности несовершеннолетних. Томск: Изд-во ТГПУ, 1999. С. 23–29.

[322] Прозументов Л.М. Проблемы предупреждения преступности несовершеннолетних. Томск: Изд-во ТГПУ, 1999. С. 27–28.

ҷониби қонунгузор ҳангоми таҳия ва мураттаб сохтани маҷмӯи меъёрҳое, ки ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғонро танзим мекунанд, ба инобат гирифта шудаанд.

Бо ин назардошти масъала, пешниҳодҳое, ки аз ҷониби баъзе муаллифон дар мавриди васеъ кардани мафҳуми қонунии ретсидив аз ҳисоби ҷиноятҳое, ки шахсон дар синни то 18-солагӣ содир мекунанд, баён мегарданд, беасос менамоянд. Масалан, И.Г. Возжанникова ба пайравӣ аз В.П. Малков менависад, ки қоидаи хориҷ намудани ҷиноятҳои дар синни то 18-солагӣ содиршуда аз ретсидив ба стандартҳои байналмилалӣ мувофиқ аст, аммо аз ҷиҳати назариявӣ онро «осебпазир» мешуморад, зеро, ба андешаи ӯ, чунин танзим маънои набудани ретсидиви қонунӣ ва ҷиноятқории ретсидивии ноболиғон дар кишварро дорад. Дар баробари ин муаллиф таъкид мекунад, ки масъалаи ҷиноятқории ретсидивии ноболиғонро ба канор гузоштан оқилона ва дурбинона ба ҳисоб намеравад[323].

Бар хилофи ин, бояд зикр кард, ки чунин пешниҳодҳо хусусиятҳои синну соли ноболиғонро дар механизми танзими ҳуқуқи ҷиноятӣ ба назар намегиранд, инчунин дар асоси маълумоти илми равоншиносии синнусолӣ ва педагогӣ устувор нестанд. Маълумоти илмӣ имкон намедиҳад ба хулосае расид, ки пурзур кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ноболиғон метавонад ба таври назаррас ба коҳиши ҷиноятқории онҳо таъсир расонад.

Иддаои муаллиф, ки гӯё набудани ретсидиви қонунии ноболиғон маънои «пинҳон кардани ҷиноятқории ретсидивии ноболиғон»-ро дорад, низ ҳайратовар аст. Зеро дар илми ҳуқуқ мафҳуми рецидиви криминологӣ вуҷуд дорад, ки он ҳам ҷиноятҳои ноболиғонро фаро мегирад, агар онҳо доғи судӣ барои ҷиноятҳои қаблӣ дошта бошанд. Илова бар ин, истилоҳи «ҷиноятқории ретсидивии ноболиғон» кайҳост, ки дар истилоҳи илмӣ ҷой гирифтааст. Ба мубориза бо ҷиноятқории такрории ноболиғон таҳқиқоти зиёде бахшида шудаанд, ки дар онҳо ин падида аз ҷиҳатҳои гуногун таҳлил мегардад ва роҳҳои пешгирии он пешниҳоди мешаванд[324]. Ин самт, яъне пешгирии ҷиноятқории ретсидивии ноболиғон, нисбат ба пурзур намудани ҷавобгарии ҷиноятии онҳо, аз лиҳози илмӣ ва амалӣ арзишмандтар ва умедбахштар мебошад. Дар чунин шароит, сухан гуфтан дар бораи «пинҳон доштани ҷиноятқории ретсидивии ноболиғон» беасос аст.

Ба б. «б» қ. 4 м. 21 КҶ баргашта, бояд қайд кард, ки ҳангоми муайян кардани набудани ретсидив, миқдори доғи судии ноболиғ ва дараҷаи хавфнокии ҷиноятҳои содиркарда аҳаммият надоранд. Шарти асосӣ ин аст, ки ин ҷиноятҳо дар синни то ҳаждаҳсолагӣ содир шуда бошанд. Агар шахс, ҳангоми аллакай ба балоғат расидан, барои ҷинояте маҳкум шавад, ки онро дар синни то 18-солагӣ содир кардааст, пас чунин он барои ретсидив эътироф шудан ба ҳисоб гирифта намешавад.

---

[323]Возжанникова И.Г. Рецидив как вид множественности преступлений: монография. М.: Контракт, 2014 // СПС «КонсультантПлюс»:URL: http://www.consultant/ru/ (дата обращения: 13.06.2025).

[324] Терентьева В.А. Предупреждение рецидивной преступности несовершеннолетних специальными учебно-воспитательными учреждениями закрытого типа. Кемерово: Изд-во Кемеровского ун-та, 2011 ; Прозументов Л.М., Ольховик Н.В. Рецидивная преступность осужденных несовершеннолетних и ее предупреждение. Томск: Изд-во Томского ун-та, 2011.

Агар ноболиғ ҷинояти давомдор ё дарозмуддат содир намояд, ки он вақте хотима меёбад ё пешгирӣ мегардад, ки чунин шахс аллакай ба синни 18 даромадааст, он гоҳ доғи судӣ барои чунин ҷиноят ҳангоми муайян кардани ретсидив ба назар гирифта мешавад.

Ҳангоми эътирофи ретсидиви ҷиноят, инчунин доғи судӣ барои ҷинояте, ки нисбати он шартан татбиқ накардани ҷазо ё ин ки аз рӯи он мавқуф гузоштани иҷрои ҳукм татбиқ гардидааст, агар шартан татбиқ накардани ҷазо ё мавқуф гузоштани иҷрои ҳукм бекор карда нашуда бошад ва шахс барои адо намудани ҷазо ба ҷойҳои маҳруми аз озодӣ фиристода нашудааст ба назар гирифта намешавад (б “б” қ.4 м.21 КҶ ҶТ).

Ин меъёри қонунро наметавон муваффақ донист ё мувофиқ ба ҳадафҳои мубориза бо ҷиноятҳои такрорӣ арзёбӣ кард. Он на ҳамеша имкон медиҳад, ки нисбат ба шахсоне, ки дар давраи муҳлати санҷиш ҳангоми шартан татбиқ накардани ҷазо, ё дар давраи мавқуф гузоштани иҷрои ҳукм, ҷинояти нав содир мекунанд, ҷазои одилона таъин карда шавад. Дар давраи муҳлати санҷиш аз ҷониби шартан маҳкумшудагон ҷиноятҳои дараҷаҳои гуногун содир мешаванд. Агар, барои мисол, шахси шартан маҳкумшуда ҷинояти махсусан вазнин содир кунад, ин далели он аст, ки ӯ ба эътимоди суд ҷавобгӯ набуд, ислоҳ нашудааст ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии шахсияти ҷинояткор бешубҳа афзудааст. Бо вуҷуди ин, суд ҳуқуқ надорад ретсидиви ҷиноятро муқаррар намояд ва онро ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷазо ба ҳисоб гирад.

Мутобиқи м.71 КҶ ҶТ шартан татбиқ накардани ҷазо мумкин аст бекор карда шавад агар маҳкумшуда ба вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ роҳ дода барои содир намудани он ба ӯ ҷазои маъмурӣ таъин шуда бошад ё ашаддӣ аз ӯҳдадориҳое, ки суд ба зимааш гузоштааст, саркашӣ намояд. Ғайр аз ин агар маҳкумшуда дар давоми мӯҳлати санҷиш ҷинояти нав содир намояд, суд шартан татбиқ накардани ҷазоро бекор менамояд (қ.8 м.71 КҶ ҶТ). Барои эътироф намудани ретсидиви ҷиноятҳо аҳаммият надорад, ки шартан татбиқ накардани ҷазо бо кадоме аз асосҳои дар қонун пешбинишуда бекор карда шудааст.

Агар шартан татбиқ накардани ҷазо бо асосҳое бекор карда шуда бошад, ки бо содир намудани ҷинояти нав дар давраи муҳлати санҷиш алоқаманд нестанд, ва шахс ба адои ҷазо ба ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ равона карда шавад, пас аз ин он шахс ҷинояти нав содир кунад, чунин доғи судӣ тибқи ҳукми пешинаи шартӣ, албатта, ҳангоми муайян кардани ретсидиви ҷиноятҳо ба назар гирифта мешавад.

Дар амалияи судӣ муносибати ягона нисбат ба масъалаи он, ки оё дар ҳолате мумкин аст ретсидиви ҷиноятро эътироф кард, вақте ки суд шартан маҳкумкуниро бо асосҳое бекор намудааст, ки бо содир шудани ҷинояти нав дар давраи муҳлати санҷиш алоқаманд нестанд, ва маҳкумшуда барои адои ҷазо ба ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ равона шудааст, вале то содир кардани ҷинояти нав воқеан ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро адо накардааст, вуҷуд надорад.

Ба назари мо, ҳангоми ҳалли ин масъала бояд аз чунин меъёр роҳнамоӣ кард. Дар б. «б» ч. 4 м. 21 КҶ сухан танҳо дар бораи равона

кардани шахс ҳангоми бекор шартан татбиқ накардани ҷазо барои адои ҷазо дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ меравад; дар ин банд ягон ишора ба шарти воқеан адо шудани ҷазо пеш аз содир гардидани ҷинояти нав вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, эътироф намудани ретсидиви ҷиноят дар вазъияти мазкур ба қонун мухолифат надорад. Илова бар ин, бояд ба назар гирифт, ки рафтори ҷиноятии шахсе, ки кирдори барои ҷамъият хавфноки нав содир мекунад, дар ҳолате ки шартан татбиқ накардани ҷазо тибқи ҳукми қаблӣ аз ҷониби суд бекор шудааст, далолат бар он мекунад, ки дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии шахсияти ҷиноятқор боло меравад. Ин ҳолат асос медиҳад, ки нисбат ба чунин шахс қоидаҳои пурзӯртар оид ба таъини ҷазо татбиқ карда шаванд.

Шартан татбиқ накардани ҷазо мумкин аст дар ҳолатҳои содир намудани ҷинояти нав дар давраи муҳлати санҷиш низ бекор карда шавад. Вобаста ба ин савол ба вуҷуд меояд: мумкин аст дар чунин ҳолат ҷой доштани ретсидив тасдиқ карда шавад?

Дар адабиёти ҳуқуқӣ чунин андеша баён шудааст, ки ҳангоми бекор шудани шартан татбиқ накардани ҷазо ҳолатҳои зерин имконпазиранд:

1) дар кирдори шахс ретсидив эътироф мегардад, агар мувофиқи қ. 7 м. 71 КҶ шартан татбиқ накардани ҷазо бекор карда шуда, шахс барои адои ҷазо ба ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ равона карда шавад;

2) Худи бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо ва равона кардани маҳкумшуда ба ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ барои тасдиқи ретсидив кофӣ нест. Зарур аст, ки шахс пас аз бекор гардидани шартан маҳкумкунӣ ва пас аз равона шудан ба муассисаҳои ислоҳӣ ҷинояти нави дигар содир кунад. Танҳо дар ин сурат ретсидив ба вуҷуд меояд[325].

Ретсидиви ҷиноят мавҷуд нест, агар шахс дар давраи муҳлати санҷиш новобаста аз дараҷаи вазнинии он ҳар гуна ҷиноят содир намояд. Зеро то лаҳзаи содир шудани ҷинояти нав шартан маҳкумкунӣ аз ҷониби суд бекор нашуда буд, ва дар чунин ҳолат доғи судӣ, ки дар асоси ҳукми шартан ба вуҷуд омадааст, ҳангоми ҳалли масъалаи мавҷудияти ретсидив ба ҳисоб гирифта шуда наметавонад. Бо ин назари муаллифоне, ки таъкид мекунанд, ки дар чунин ҳолатҳо масъалаи ретсидив танҳо дар ҳолати содир намудани ҷинояти сеюм матраҳ шуда метавонад, бояд розӣ шуд[326]. Дар ин сурат, ҳангоми муайян кардани мавҷудияти ретсидив дар кирдори шахс, доғи судӣ барои ҷинояте, ки нисбаташ шартан татбиқ накардани татбиқ гардида буд, низ ба ҳисоб гирифта мешавад[327].

Ҳангоми эътироф намудани ретсидиви ҷиноятҳо, доғи судӣ, ки мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун барҳам хӯрда ё бардошта шудааст, ба ҳисоб гирифта намешавад. Зеро бар асоси қ.7 м. 84 КҶ, барҳам хӯрдан ё бардоштани доғи судӣ оқибатҳои ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятиро беэътибор мегардонад.

---

[325] Ситникова А.И. Рецидив преступлений: теория и практика // Российский следователь. 2009. № 3 // СПС «КонсультантПлюс»: URL: http://www.consultant/ru/ (дата обращения: 13.06.2015).

[326] Пудовочкин Ю.Е. Учение о преступлении:избр. лекции. М., 2010. С. 138.

[327] Бриллиантов А. Проблемы применении дефиниции «рецидив преступлений» // Уголовное право. 2010. № 2 // СПС «КонсультантПлюс»: URL: http:// www.consultant/ru/ (дата обращения: 13.06.2015)

Ҳангоми муайян кардани ретсидиви ҷиноят марҳилаи содиркунии ҷиноят (ҷинояти хотимаёфта ё нотамом) ва инчунин намудҳои шарикӣ дар ҷиноят (иҷрокунанда, ташкилкунанда, таҳриккунанда ё ёрдамчӣ) аҳаммият надоранд.

Адабиёт:

1. Агаев И.Б. Проблема повторности в уголовном праве. М.: Юристъ, 2004. – 157 с.
2. Агаев И.Б. Рецидив в системе множественности преступлений. М., 2002. – 106 с.
3. Армашова А.В. Проблемы рецидива преступлений и ответственности за него по уголовному праву России: дис. … канд. юрид. наук. Рязань, 2006. – 250 с.
4. Бриллиантов А. Проблемы применении дефиниции «рецидив преступлений» // Уголовное право. 2010. № 2 // СПС «КонсультантПлюс»: URL: http:// www.consultant/ru/ (дата обращения: 13.06.2015)
5. Возжанникова И.Г. Рецидив как вид множественности преступлений: монография. М.: Контракт, 2014 // СПС «КонсультантПлюс»:URL: http://www.consultant/ru/ (дата обращения: 13.06.2025).
6. Голик Ю.В. Случайный преступник. Томск: Изд-во Томского ун-та, 1984. – 166 с.
7. Голик Ю.В., Мирончик И.Я. Неосторожный рецидив: уголовно-правовые и криминологические аспекты // Уголовно-правовые меры борьбы с преступностью в условиях перестройки. Свердловск: Изд-во Свердловского юридического ин-та, 1990.- С. 60–65.
8. Зельдов С.И. О понятии судимости // Правоведение. 1972. № 1. - С. 61-69.
9. Кафаров М.Т. Проблема рецидива в советском уголовном праве. Баку, 1972. – 256 с.
10. Квашис В.Е. Преступная неосторожность. Социально-правовые и криминологические проблемы. Владивосток: Изд-во Дальневосточного ун-та, 1986. – 189 с.
11. Козлов А.П., Севастьянов А.П. Единичные и множественные преступления. СПб.,2011. – 913 с.
12. Красиков Ю.А. Множественность преступлений (понятие, виды, наказуемость): учеб. пособие. М.: Изд-во ВЮЗИ, 1988. – 95 с.
13. Малков В.П., Тимершин Х.А. Множественность преступлений: Учеб. пособие / В. П. Малков, Х. А. Тимершин; Уфа: УВШ МВД РФ, 1995. - 75 с.
14. Маҷмуаи Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002-2019). Душанбе, 2019. – 450 с.
15. Панько К.А. Вопросы общей теории рецидива в советском уголовном праве / К. А. Панько. - Воронеж: Изд-во Воронеж. ун-та, 1988. – 187 с.
16. Прозументов Л.М. Проблемы предупреждения преступности несовершеннолетних. Томск: Изд-во ТГПУ, 1999. – 201 с.

17. Прозументов Л.М., Ольховик Н.В. Рецидивная преступность осужденных несовершеннолетних и ее предупреждение. Томск: Изд-во Томского ун-та, 2011.- 159 с.

18. Пудовочкин Ю.Е. Учение о преступлении: избр. лекции. М., 2010. – 276 с.

19. Самылина И. Рецидив преступлений: теория и практика // Уголовное право. 2004. № 1.- С. 46-49.

20. Ситникова А.И. Рецидив преступлений: теория и практика // Российский следователь. 2009. № 3 // СПС «КонсультантПлюс»: URL: http://www.consultant/ru/ (дата обращения: 13.06.2015).

21. Терентьева В.А. Предупреждение рецидивной преступности несовершеннолетних специальными учебно-воспитательными учреждениями закрытого типа. Кемерово: Изд-во Кемеровского ун-та, 2011. – 134 с.

22. Ткачевский Ю.М. Судимость // Уголовное право. 2000. № 3. - С. 35-42.

23. Тосакова Л.С. Назначение наказания при рецидиве преступлений по действующему уголовному законодательству: дис. … канд. юрид. наук. Казань, 1997. – 222 с.

24. Тяжкова И.М. Неосторожные преступления с использованием источников повышенной опасности. СПб., 2002. – 275 с.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 20.11.2025
Аз тақриз баргашт: 25.11.2025
Ба чоп тавсия шуд: 25.12.2025

ПРИНСИПҲОИ ТАЪИНИ ҶАЗО

Назарзода Азиз Абдураҳим,
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, унвонҷӯйи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинов
Тел.: 937970000
E-mail: aziz.5@yandex.ru

Фишурда: Мақола ба таҳқиқи принсипҳои таъини ҷазо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ бахшида шудааст. Дар он назарияҳои гуногуни олимони ҳуқуқшинос оид ба моҳият, низом, мақсад ва вазифаҳои принсипҳои таъини ҷазо муқоиса ва таҳлил карда мешаванд. Муаллиф нишон медиҳад, ки ин принсипҳо бояд ғояҳои асосӣ ва роҳнамо дар фаъолияти судӣ бошанд, моҳият ва мақсади ҷазоро инъикос намоянд ва дар ташаккули меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ нақши асосӣ бозанд. Дар мақола андешаҳои гуногуни олимон оид ба фардикунондани ҷазо, сарфакории чораҳои маҷбуркунии ҳуқуқӣ, адолат, қонуният ва инсондӯстӣ ҳамчун принсипҳои умумӣ ва махсуси таъини ҷазо баррасӣ мешавад. Ҳамчунин, муаллиф зарурати робитаи мутақобила байни ин принсипҳо ва таҷрибаи судиро таъкид мекунад. Муаллиф хулосабарорӣ менамояд, ки принсипҳои таъини ҷазо низоми ягонаи муназзамро ташкил медиҳанд ва риояи онҳо барои таъмини самаранокии ҷазо ва адолати иҷтимоӣ муҳим мебошад.

Калидвожаҳо: принсипҳои таъини ҷазо, ҳуқуқи ҷиноятӣ, қонуният, адолат, инсондӯстӣ, фардикунондани ҷазо, сарфакории ҷазо, мақсади ҷазо, ҷавобгарии ҷиноятӣ, меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ, санксия, фаъолияти суд, асоснокии ҷазо, ислоҳи маҳкумшуда.

ПРИНЦИПЫ НАЗНАЧЕНИЯ НАКАЗАНИЯ

Назарзода Азиз Абдураҳим,
Академия национальных наук Таджикистана, соискатель Института философии, политологии и права имени А. Баховaддинова
Тел.: 937970000
E-mail: aziz.5@yandex.ru

Аннотация: Статья посвящена исследованию принципов назначения наказания в уголовном праве. В ней рассматриваются и сравниваются различные научные подходы к сущности, системе, целям и задачам принципов назначения наказания. Автор подчёркивает, что данные принципы должны выступать основополагающими и направляющими идеями судебной деятельности, отражать сущность и цели наказания и играть ключевую роль в формировании уголовно-правовых норм. В статье

анализируются мнения учёных относительно индивидуализации наказания, экономии мер уголовного принуждения, а также справедливости, законности и гуманизма как общих и специальных принципов назначения наказания. Кроме того, автор отмечает необходимость взаимосвязи между указанными принципами и судебной практикой. Делается вывод, что принципы назначения наказания образуют единую согласованную систему, соблюдение которой имеет важное значение для обеспечения эффективности наказания и социальной справедливости.

Ключевые слова: принципы назначения наказания, уголовное право, законность, справедливость, гуманизм, индивидуализация наказания, экономия наказания, цели наказания, уголовная ответственность, уголовно-правовые нормы, санкция, судебная деятельность, обоснованность наказания, исправление осуждённого.

PRINCIPLES OF SENTENCE

Nazarzoda Aziz Abdurahim,
Tajik Academy of Sciences,
Postgraduate student at the Institute of Philosophy, Political Science, and Law named after A. Bahovaddinov
Phone.: 937970000
E-mail: aziz.5@yandex.ru

Abstract: This article examines sentencing principles in criminal law. It examines and compares various scholarly approaches to the essence, system, goals, and objectives of sentencing principles. The author emphasizes that these principles should serve as fundamental and guiding principles of judicial activity, reflect the essence and purposes of punishment, and play a key role in the formation of criminal law norms. The article analyzes scholarly opinions regarding the individualization of punishment, the economy of criminal coercion measures, as well as fairness, legality, and humanism as general and specific principles of sentencing. Furthermore, the author notes the need for a connection between these principles and judicial practice. It is concluded that sentencing principles form a unified, coordinated system, adherence to which is essential for ensuring the effectiveness of punishment and social justice.

Keywords: sentencing principles, criminal law, legality, justice, humanism, individualization of punishment, economy of punishment, goals of punishment, criminal liability, criminal law norms, sanction, judicial activity, validity of punishment, rehabilitation of the convicted person.

Доир ба муайян намудани принсипҳои таъини ҷазо дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ андешаҳои гуногун баён шудааст. Масалан, М.И. Бажанов чунин мешуморад, ки принсипҳои таъини ҷазо ин муқаррароти асосӣ ва муҳимтаринанд, ки дар меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ мустаҳкам шуда,

тамоми фаъолияти судҳоро дар татбиқи ҷазо нисбат ба шахсоне, ки дар содир намудани ҷиноят гунаҳгоранд, муайян мекунанд[328].

А.Д. Соловев зери принсипҳои таъини ҷазо муқаррароти дар қонунҳои ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ ифодаёфтаеро мефаҳмид, ки асосҳо, шартҳо ва тартиби татбиқи ҷазои ҷиноятиро муайян месозанд[329].

Бо чунин таърифи додаи А.Д. Соловев ба пуррагӣ розӣ шудан мушкил аст. Зеро принсипҳои таъини ҷазо ҳамчун ғояҳои асосӣ, роҳнамо ва муайянкунанда, шарт нест, ки ҳатман дар як меъёри мушаххас зикр шаванд. Муҳим он аст, ки меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар мазмуни худ ин принсипҳоро инъикос намояд, бо онҳо мутобиқ бошанд. Сониян, принсипҳои таъини ҷазо дорои табияти институционалӣ доранд, бинобар ин онҳо ба дигар институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ паҳн намешаванд.

С.А. Велиев бошад, принсипҳои институти таъини ҷазоро ғояҳои асосӣ медонад, ки дар қонуни ҷиноятӣ муқаррар ё аз маънидодсозии он бармеоянд ва табиати низоми ҷазоро муайян намуда, ҳангоми таъини ҷазо судҳо онро ба роҳбарӣ мегиранд[330].

Дар таърифи пешниҳодкардаи Л.А. Прохоров, моҳияти асосии мафҳуми «принсип» ҳамчун ғояи роҳбарикунанда дуруст ошкор шудааст. Бо вуҷуди ин, дар он ин нукта пурра он чӣ инъикос наёфтааст, ки маҳз принсипҳои таъини ҷазо ба асоси мазмуни меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ки институти таъини ҷазоро ташкил медиҳанд,гузошта шудааст. Принсипҳои таъини ҷазо нисбат ба меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мақоми аввал дошта, мазмун ва самти ғоявии ин меъёрҳоро муайян мекунанд.

Таърифи принсипҳои институти таъини ҷазо, ки аз ҷониби С.А. Велиев пешниҳод шудааст, низ он қадар дақиқ ба назар намерасад. Дар он таъкид намешавад, ки ин принсипҳо бояд моҳияти ҷазо, мақсад ва вазифаҳои онро инъикос намуда, асоси ташаккули тамоми меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба таъини ҷазо гарданд.

Ба андешаи мо, мавқеи М.И. Бажанов асосноктар менамояд, зеро ӯ таъкид мекунад, ки принсипҳои таъини ҷазо ҳамчун муқаррароти ибтидоӣ ва муҳимтарин, дар меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ мустаҳкам шуда, мазмун ва самти умумии фаъолияти судҳоро ҳангоми таъини ҷазо муайян мекунанд.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ то ҳол низом ва намудҳои принсипҳои таъини ҷазо ба таври якдилона муайян нашудаанд. Баҳсҳо оид ба ин масъала солҳои дароз идома дошта ва то имрӯз низ мубоҳисаҳои назариявӣ дар ин самт қатъ нагаштаанд.

Ба принсипҳое, ки дар соҳаи таъини ҷазо хусусияти махсус доранд, Т.Р. Сабитов муайянӣ, фардикунондан, зарурати ҷазо ва принсипи ҳадди ақалли ҷазодиҳиро шомил менамояд[331]. Ба сифати принсипҳои асосии институти таъини ҷазо, инчунин: “а) мақсаднокии ҷазо, б) асоснокии ҷазо, в) сарфакории чораҳои ҷазо; г) ҳавасмандгардонӣ барои рафтори мусбат

---

328 Бажанов М.И. Назначение наказания по русскому уголовному праву. – М.: Высшая шк., 1980. – С. 11.

329 Соловьев А.Д. Вопросы применения наказания по советскому уголовному праву. – М.: Госюриздат, 1958. – С. 7.

330 Велиев С.А. Принципы назначения наказания. – СПб.: Юридический Центр–Пресс, 2004. – С. 113.

331 Сабитов Т. Р. Принципы назначения уголовного наказания//Юридическая наука и правоохранительная практика 2 (40) 2017. – С.65.

пас аз содир намудани ҷиноят” номбар мешавад[332]. Мақсаднокии ҷазо маънои онро дорад, ки ҷазо бояд ба мақсади ислоҳ, пешгирӣ ва барқарорсозии адолати иҷтимоӣ равона шуда бошад. Асоснокии ҷазо ифодаи он аст, ки таъини ҷазо бояд бар пояи далелҳо, меъёрҳои қонун ва адолати воқеӣ амалӣ гардад. Принсипи сарфакорӣ талаб мекунад, ки ҷазо танҳо дар ҳадди зарурӣ татбиқ шавад ва аз истифодаи чораҳои зиёдатии ҷазодиҳӣ худдорӣ карда шавад. Принсипи ҳавасмандгардонии рафтори мусбат бошад, ба суд имкон медиҳад, ки ҳангоми таъини ҷазо ҳолатҳои сабуккунанда, монанди пушаймонӣ, ислоҳ ва ҳамкорӣ бо мақомоти тафтишотиро ба назар гирад.

Доираи нисбатан васеъи принсипҳои таъини ҷазо аз тарафи олимон М.А. Голубов ва К.А. Долгополов пешниҳод намудаанд, ки ба он дохил мешаванд:

“1. Принсипи қонунияти ҷазо дар он ифода меёбад, ки мақомоти судӣ бояд ҳамаи муқаррароти қонунҳои ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятиро, ки ба таъини ҷазо марбутанд, дақиқ ва қатъиян иҷро намоянд. Ин принсип иҷрои дақиқи қонунро ҳамчун шарти асосии адолати судӣ таъмин мекунад.

2. Принсипи муайянии (мушаххас) ҷазо талаб мекунад, ки суд дар ҳукми айбдоркунанда бояд ҳамаи хусусиятҳои муҳими миқдорӣ, сифатӣ ва дигар аломатҳои ҷазоро, ки барои иҷро ё адои он аҳаммият доранд, дақиқ нишон диҳад.

3. Принсипи салоҳдид маънои онро дорад, ки суд дар ҳамаи ҳолатҳо ҳуқуқ дорад дар доираи ҳудудҳои муқаррарнамудаи қонун намуд ва андозаи ҷазоро интихоб намояд. Ин принсип имкони ба назар гирифтани хусусиятҳои ҷиноят ва шахсияти гунаҳгорро фароҳам меорад.

4. Принсипи асоснокии таъини ҷазо дар он зоҳир мегардад, ки суд, ҳангоми интихоб намудани намуди мушаххас ва андозаи ҷазо барои гунаҳгор, бояд интихоби худро бо далелҳои воқеӣ ва ҳуқуқӣ асоснок намояд, яъне нишон диҳад, ки чаро маҳз ин намуди ҷазо ба дараҷаи хавфнокии ҷиноят мувофиқ аст.

5. Принсипи адолат ҳангоми таъини ҷазо тақозо мекунад, ки ҷазо бояд ба хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят, шароити содир шудани он ва шахсияти гунаҳгор муносиб бошад. Маҳз риояи ин принсип таъминкунандаи тавозуни байни мақсади ҷазо ва адолати иҷтимоӣ мебошад.

6. Принсипи сарфакори ҷазо маънои онро дорад, ки ба шахси гунаҳгор бояд аз байни ҷазоҳои дар қонун пешбинишуда ҷазои намуди сабуктар бо дарназардошти дараҷаи вазнинии ҷиноят ва хусусиятҳои шахсии гунаҳгор таъин карда шавад. Ин принсип бар он асос меёбад, ки ҷазо набояд аз ҳад зиёд бошад ва бояд танҳо ба ҳадде истифода гардад, ки барои расидан ба мақсад ва вазифаҳои қонуни ҷиноятӣ кофӣ аст.

7. Принсипи фардикунондани ҷазо тақозо мекунад, ки ҷазо танҳо нисбат ба он шахсе таъин карда шавад, ки дар содир кардани ҷиноят

---

[332] Сундурова О.Ф. К вопросу о принципах назначения наказания // Ученые записки Казанского филиала "Российского государственного университета правосудия". 2018. Т. 14. – С. 290.

гунаҳгор дониста шудааст, ва ин ҷазо бояд бо дарназардошти ҳамаи ҳолатҳои мушаххаси содир шудани ҷиноят интихоб гардад.

8. Принсипи мақсаднокии ҷазо ифодаи онро дорад, ки ҷазое, ки аз ҷониби суд таъин мегардад, бояд барои ноил шудан ба мақсадҳое, ки дар қ. 2 м. 43 КҶ ФР (қ.2 м.46 КҶ ҶТ) пешбинӣ шудаанд, равона бошад, яъне ба барқарорсозии адолати иҷтимоӣ, ислоҳи маҳкумшуда ва пешгирии содиршавии ҷиноятҳои нав"[333].

Баъзе аз олимон ба низоми мазкур, инчунин дигар принсипҳоро ҳам дохил мекунанд, ба мисли: демократизм, шуури ҳуқуқӣ, ҷазодиҳӣ барои кирдори ба ҷамъият хавфнок; [334] асоснокии ҷазо, одилона будани ҷазо;[335] мақсаднокӣ ва сарфакорӣ дар чораҳои сазодиҳӣ;[336] муайянии (мушаххас) ҷазо дар дар ҳукми суд ва ҳатмӣ будани асосноккунии он дар чунин ҳукм[337]; инчунин самти мақсаднокии ҷазо, сарфакории таъқиби ҷиноятӣ, баробарии шаҳрвандон дар назди қонун ва дигар принсипҳои умумии ҳуқуқӣ ва ҳуқуқии ҷиноятӣ[338] .

Ба андешаи В.Н. Бурлаков, принсипҳои таъини ҷазо танҳо– мақсаднокӣ ва самаранокии ҷазо ҳисоб мешаванд[339].

Бо таҳлили нуқтаҳои назари гуногун оид ба низом ва намудҳои принсипҳои таъини ҷазо метавон ба хулоса омад, ки мавқеи ибтидоӣ дар омӯзиши ин масъала – муайян кардани он меъёрҳоест, ки бояд асоси ҷудо намудани чунин принсипҳо гарданд. Дуруст таъкид шудааст, ки «бартараф кардани муносибати гуногун ба муайян кардани низоми принсипҳои таъини ҷазо бидуни муқаррар намудани меъёрҳое , ки дар асоси онҳо метавон ин ё он муқарраротро ҳамчун принсип ҷудо кард ғайриимкон аст»[340] .

Аммо дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ин гуна меъёрҳо бо роҳҳои гуногун муайян карда мешаванд. Масалан, ба андешаи Г.П. Новосёлов, робитаҳои низомноксозӣ ва муносибат ҳангоми ҷудо намудани принсипҳои таъини ҷазо онҳоянд, ки байни чораи ҷазо ва ҳолатҳое, ки интихоби онро муайян мекунанд, ба вуҷуд меоянд[341].

---

[333] Индивидуализация назначения наказания: учебное пособие / М.А. Голубов, К.А. Долгополов, С.А. Иванов, Д.С. Токмаков Ставрополь,2021. – С.11-15.

[334] Брайнин Я.М. Принципы внедрения наказания по русскому уголовному праву // Научные записки Киевского государственного института им. Т.Г. Шевченко: Юрид. сб. − М.: Изд-во Киевского государственного ун-та, 1953. − Т. XII. − Вып. Первый − С. 51.

[335] Шнейдер А.М. Назначение наказания по советскому праву: Лекции для студентов. – М.: ВЮЗЫ, 1957. – С. 6; Бабаев М.М. Индивидуализация наказания несовершеннолетних. − М.: Юридическая литература, 1968. − С. 3.

[336] Похмелкин В.В. Социальная справедливость и уголовная ответственность. − Красноярск: Изд-во Красноярск. ун-та, 1990. – С. 123.

[337] Бажанов М.И. Назначение наказания по русскому уголовному праву. – К.: Высшая шк., 1980. – С. 11.

[338] Кругликов Л.Л. Смягчающие и отягчающие ответственность обстоятельства в уголовном праве (Вопросы теории). – Воронеж: Изд-во Воронеж. ун-та, 1985. – С. 50.

[339] Бурлаков В.Н. Личность преступника и назначение наказания: Учеб. пособ. − Л.: Изд-во ЛГУ, 1986. − С. 29-31; Бурлаков В.Н. Принципы внедрения мер действия: личностный нюанс // Правоведение. – 1987. − №6. – С. 53-54.

[340] Скрябин М.А. Общие начала назначения наказания и их применение к несовершеннолетним. − Казань: Изд-во Казанского ун-та, 1988. – С. 14.

[341] Новоселов Г.П. О системе принципов назначения наказания // Развитие социальной деятельности русского страны и права: Сб. науч. тр. − Свердловск: Изд-во УрГУ, 1980. – С. 126.

Дар навбати худ, Г.А. Кригер андеша дорад, ки ба сифати чунин меъёр “самт, хусусият, ном ва андозаи татбиқи маҷбуркунии давлатӣ ва дигар чораҳои таъсиррасонӣ баромад менамоянд, ки барои амалӣ шудани функсияи ҳуқуқ ва иҷрои вазифаҳои танзими ҳуқуқӣ заруранд”[342].

Дар навбати худ, Т.В. Непомняшая меъёри ҷудо кардани принсипҳоро соҳаи таъсири онҳо медонад[343].

Ҳангоми арзёбии меъёрҳое, ки дар адабиёти илмӣ барои ташаккули низоми принсипҳои таъини ҷазо пешниҳод шудаанд, зарур аст онро ба инобат гирифт, ки ин меъёрҳо дар маҷмуъ бояд аломатҳои муҳиме бошанд, ки мазмун ва моҳияти ин принсипҳоро инъикос менамоянд. Аввал, ин меъёрҳо бояд асосан хусусиятҳои муҳими ғоявӣ ва мазмунии принсипҳоро таҷассум намоянд. Дуюм, сохтани чунин низом бе ба назар гирифтани омилҳои иҷтимоии муайянкунандаи моҳияти ҷазо, берун аз доираи мақсад ва намудҳои қонунан муқарраршудаи он, имконнопазир аст. Самаранокии низоми принсипҳои таъини ҷазо маҳз дар қобилияти он барои расидан ба мақсадҳои ҷазо, ки дар қ.2 м. 46 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, ифода меёбад.

Аз ин рӯ, бо такя ба гуфтаҳои боло метавон хулоса кард, ки принсипҳои институти таъини ҷазо бояд ба талабот (меъёрҳои) зерин ҷавобгӯ бошанд:1) онҳо бояд ҳам барои қонунгузор ва ҳам барои мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда ғояи асосӣ, ҳатмӣ ва роҳбарикунанда бошанд; 2) бояд моҳият ва мақсади ҷазоро инъикос намоянд;3) бояд асоси ташаккули меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба таъини ҷазо гарданд;4) набояд бо принсипҳои умумии ҳуқуқ ва принсипҳои соҳавии ҳуқуқи ҷиноятӣ мухолифат дошта бошанд.

Ба ин гуфтаҳо бояд илова кард, ки принсипҳои таъини ҷазо як низоми муназзамро ташкил дода, бо ҳамдигар дар ҳамоҳангӣ ва ҳамбастагӣ амал мекунанд. Аз ин рӯ, фаъолияти самараноки тамоми низоми принсипҳо аз риоя ва татбиқи дурусти ҳар яке аз онҳо вобаста аст.

Бо такя ба меъёрҳои зикршуда ва аломатҳое, ки умуман принсипҳои ҳуқуқиро тавсиф мекунанд, метавон чунин низоми принсипҳоро ҷудо намуд, ки мазмун ва самти асосии фаъолияти институти таъини ҷазоро дар марҳалаи муосири рушди қонуни ҷиноятӣ ва илми ҳуқуқи ҷиноятӣ инъикос менамоянд:

1) принсипҳои умумӣ ва соҳавии ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки дар принсипҳои таъини ҷазо шакли ифодаи хоси худро пайдо мекунанд: инҳо принсипҳои қонуният, адолат ва инсондустӣ мебошанд;

2) принсипҳои махсуси институти таъини ҷазо, ки хусусияти хос дошта аз: принсипҳои фардикунондани ҷазо ва сарфакории чораҳои маҷбурии ҳуқуқии ҷиноятӣ иборатанд.

---

[342] Кригер Г.А. Место принципов русского уголовного права в системе принципов права // русское правительство и право. − 1981. − № 2. − С. 104.

[343] Непомнящая Т.В. Общие начала назначения наказания и критерии назначения наказания // Журнал российского права. − 1999. − № 12. − С. 76,

Ҳамин тавр, ин низом имкон медиҳад, ки принсипҳои умумӣ ва махсус дар як сохтори ягона ва мукаммал муттаҳид гардида, дар маҷмуъ адолати ҷиноятӣ ва самаранокии татбиқи ҷазоро таъмин намоянд.

Ҳангоми таҳқиқи принсипҳои махсуси таъини ҷазо, бояд зикр кард, ки принсипи фардикунондани ҷавобгарӣ ва принсипи фардикунондани ҷазо якхела нестанд. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ то ҳол мавқеи ягона дар фаҳмиши мазмун ва таносуби ин ду принсип вуҷуд надорад.

И.И. Карпес, принсипи фардикунондани ҷазо дар қонун ва фардикунондани ҷазо дар судро ҷудо менамуд[344]. Яъне, дар қонун танҳо ҳад ва имкониятҳои умумии интихоби ҷазо муқаррар карда мешаванд, дар ҳоле ки суд ҳангоми татбиқ онро ба хусусиятҳои шахсӣ ва воқеии парванда мутобиқ месозад. Дар навбати худ, В. Н. Бурлаков зарурати ҷудо кардани принсипи фардикунондани ҷазоро умуман рад менамояд[345] , зеро ба назари ӯ, ин принсип моҳиятан ба дигар принсипҳо, аз ҷумла ба принсипи адолат ва қонуният, дохил мешавад ва ба таври мустақил ҷудо намудани он зарурат надорад.

Баръакс, И.Г. Филановский бар он назар аст, ки бояд сухан дар бораи фардисозии на ҷавобгарии ҷиноятӣ, балки танҳо дар бораи фардисозии ҷазо равад[346]. Ҳамчунин, В.В. Питеский низ фарқияти возеҳро байни принсипи фардисозии ҷавобгарӣ ва принсипи фардисозии ҷазо таъкид кардааст[347], бо нишон додани он, ки фардисозии ҷавобгарӣ бештар ба асос ва доираи ҷавобгарӣ, дар ҳоле ки фардисозии ҷазо – ба интихоби намуд ва андозаи ҷазо вобаста аст.

Ба андешаи мо, принсипҳои фардисозии ҷавобгарӣ ва ҷазо, новобаста аз умумияти муайян, дорои аҳаммияти мустақиланд, ки ин аз фарқияти андоза ва мазмуни мафҳумҳои «ҷавобгарӣ» ва «ҷазо» бармеояд.

Ҷавобгарӣ – мафҳуми васеътар аст. Аввалан, он на танҳо ҷиноятӣ, балки метавонад шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ, маъмурӣ ё интизомӣ бошад. Сониян, ҳатто дар доираи ҳуқуқи ҷиноятӣ, мафҳуми «ҷавобагрии ҷиноятӣ» васеътар аз «ҷазо» мебошад, зеро ҷазо танҳо яке аз унсурҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ аст, гарчанде ки он шакли хос ва маъмултарини он ба шумор меравад.

Аз ин рӯ, моҳияти фардисозии ҷавобгарии ҷиноятӣ дар интихоби шакли ҷавоби давлат ба ҷинояти содиршуда бо назардошти мутобиқнамоии он ба талаботи адолат, ислоҳи маҳкумшуда ва пешгирии ҷиноят ифода мегардад[348]. Дар навбати худ, принсипи фардисозии ҷазо танҳо дар марҳилае татбиқ мегардад, ки дар натиҷаи фардисозии

---

[344] Карпец И.И. Индивидуализация наказания в русском уголовном праве. – М.: Юридическая литература, 1961. – С. 19.

[345] Бурлаков В.Н. Личность преступника и назначение наказания: Учеб. пособ. − Л.: Изд-во ЛГУ, 1986. − С. 32.

[346] Филановский И.Г. К вопросу о юридической ответственности за правонарушения // Вестник Ленинградского ун-та. Серия "Экономика, философия, право". − 1973. − Вып. Первый – С. 132.

[347] Питецкий В.В. О принципе индивидуализации уголовного наказания // Государство и право. – 2004. − № 2. – С. 108.

[348] Мамедов А.А. Справедливость назначения наказания. – СПб.: Юридический Центр–Пресс, 2003. – С. 49.

ҷавобгарии ҷиноятӣ муайян мешавад, ки нисбати шахси гунаҳгор кадом намуди ҷазо ва то чӣ андоза бояд татбиқ шавад[349].

Ғайр аз ин, ҷудо кардани принсипи баробарии шаҳрвандон дар назди қонун, ки аз ҷониби баъзе муаллифон ҳамчун принсипи махсуси таъини ҷазо пешниҳод мешавад, қобили қабул буда наметавонад. Зеро ин принсип дорои хусусияти соҳавӣ буда, ба принсипҳои умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ дохил мешавад ва наметавонад хусусияти махсус барои институти таъини ҷазо дошта бошад.

Мансуб донистани принсипҳои муайянӣ, асосноккӣ ва асосноккунии ҳатмии чораи интихобшудаи ҷазо ба низоми принсипҳои махсуси таъини ҷазо[350], ба мақсад мувофиқ нест. Зеро онҳо дар моддаҳои 343, 344 ва дигар моддаҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ муқаррар шудаанд ва танҳо марҳилаҳои зарурии мурофиаи судиро инъикос мекунанд. Ин принсипҳо табиати -мурофиавӣ - ҷиноятӣ доранд ва танҳо ҳамчун кафолатҳои иловагии татбиқи принсипҳои таъини ҷазо хизмат мекунанд.

Ҷудо намудани принсипи самаранокии ҷазо низ асоси кофӣ надорад, зеро самаранокии ҷазо бештар ҳамчун шарти пешакӣ ё натиҷаи таъини ҷазо баррасӣ мешавад, на ҳамчун принсипи он. Тавре ки ҳанӯз М.Д. Шаргородский зикр кардааст, ба дараҷаи амалӣ гардидани ин шарт як қатор омилҳо таъсир мерасонанд, ки яке аз онҳо риояи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад. Аммо, ба назар чунин мерасад, ки нақши ҳалкунанда дар байни ин омилҳо татбиқи принсипҳои таъини ҷазо дорад, зеро маҳз дар онҳо ғояҳои умумӣ, асосӣ ва муҳими ин институт пурра ва дақиқ инъикос меёбанд, ки моҳият ва мазмуни таъини ҷазоро муайян месозанд.

Бо вуҷуди ин, ҷазои таъиншуда танҳо дар он ҳолат самаранок хоҳад буд, ки ҳамзамон бо риояи ин принсипҳо ногузирии он низ таъмин гардад, зеро “ин яке аз заминаҳои муҳими объективии самаранокии ҷазо мебошад”[351].

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, метавон ба хулоса омад, ки таъини ҷазо бояд дар асоси зерин сурат гирад:1) принсипҳои умумӣ ва соҳавӣ: қонуният, адолат ва инсондӯстӣ; 2) принсипҳои махсуси институти таъини ҷазо: фардикунондани ҷазо ва сарфакорӣ дар истифодаи чораҳои маҷбурсозии ҳуқуқӣ– ҷиноятӣ.

Таҳлили мазмуни принсипҳои таъини ҷазо танҳо бо дарназардошти робита ва вобастагии зичи онҳо имконпазир аст. Ин имкон медиҳад на танҳо моҳияти ҳар як принсипро дақиқтар ошкор созем, балки тамоми ҷараёни функсияронии онҳоро дар чаҳорчӯби институти таъини ҷазо муайян намоем.

Принсипи фардикунондани ҷазо ҳамчун принспи махсуси таъини ҷазо инъикоси худро дар қ.3 м.60 КҶ ҶТ пайдо намудааст, ки мутобиқи он “ҳангоми таъини ҷазо суд хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии

---

[349] Мельникова Ю.Б. Дифференциация ответственности и индивидуализация наказания. − Красноярск: Изд-во Красноярского ун-та, 1989. – С. 40, 76-77.

[350] Шинальский О.И. Наказание в системе средств противодействия преступности: автореф. дис. ... канд. Юрид. наук: 12.00.08 / НАН Украины, Ин-т государства и права им. В.М. Корецкого. – К., 2003. − С.12.

[351] Шаргородский М.Д. Наказание по русскому уголовному праву: В 2 ч. – М.: Госюриздат, 1958. – Часть 2. – С. 73.

ҷиноятӣ содиршуда, шахсияти гунаҳгор, ҳолатҳое, ки ҷазоро сабук ва вазнин мекунанд ба назар мегирад. Талаботи фардикунондани ҷазо инчунин дар бисёре аз дигар меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ, ки қоидаҳои махсуси таъини ҷазоро пешбинӣ мекунанд, ҷой дорад. Масалан, дар м.64 КҶ ҶТ қоидае пешбинӣ шудааст, ки ба назар гирифтани он барои фардикунондани ҷазо дар ҳолати ҷиноятҳои нотамом ва барои ҷиноятҳои дар шарикӣ содиршуда (м.65 КҶ ҶТ) имконият медиҳад. Дар КҶ ҶТ қоидаи таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст, мустаҳкам гардидааст, ки ин ба суд имконият медиҳад вобаста ба ҳолатҳои кор ва хусусиятҳои шахсияти гунаҳгор ба ӯ ҷазои зарур ва кофӣ таъин намояд. Барои ба ҳисоб гирифтани ин принсип, талаботҳои м.м.67,68 КҶ ҶТ, ки хусусиятҳои таъини ҷазоро барои маҷмуи ҷиноятҳо ва аз рӯйи маҷмуи ҳукмҳо ба танзим медароранд, инчунин м.87 КҶ ҶТ – хусусиятҳои таъини ҷазо барои ноболиғон низ равона шудаанд.

Бо вуҷуди ин, қоидаҳои таъини ҷазо наметавонанд ба таври қонунгузорӣ барои ҳар як ҳолати алоҳида дақиқ ва мушаххас карда шаванд, зеро ҳар як парванда дорои хусусияти фардии худуро дорад. Дуруст қайд гардидааст, ки “муқаррароти умумии қонун ҳанӯз барои аз байн бурдани фарқият байни таърифҳои абстрактии он ва ҳолатҳои мушаххаси парванда кофӣ нест”[352].

Маҳз бо ҳамин мақсад, қонунгузор ҳадди муайяни санксияҳои меъёрҳои ҳуқуқб - ҷиноятиро муқаррар мекунад, то суд тавонад ҷазоро бо назардошти хусусиятҳои мушаххаси ҳолат, яъне фардисозӣ намояд.

Вобаста ба таснифи ҷиноятҳо, ки дар м.18 КҶ ҶТ муқаррар шудааст, ва инчунин бо дарназардошти хусусиятҳои мушаххаси ҷиноят, аз ҷумла:шакли гуноҳ; ангеза ва мақсади содир кардани ҷиноят; тарз ва давраи содиршавии ҷиноят; шумораи лаҳзаҳои фаъолияти ҷиноятӣ; нақши ҳар як шарикон (агар ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи шахсон содир шуда бошад); хусусият ва дараҷаи вазнинии оқибатҳои ба амаломада ва ғайра суд имкон дорад, ки аз рӯйи ҳар як парвандаи мушаххас ҷазоро фардисозӣ намояд.

Ҳангоми фардикунондаи ҷазо нақши муҳиммро хусусиятҳои шахсияти гунаҳгор мебозад.

Бо вуҷуди аҳаммияти бузурги принсипи фардикунонии ҷазо, дар амалия судҳо ҳангоми таъини ҷазо ба шахсе, ки дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста шудааст, на хама вақт талаботҳои муносибати фардӣ ба интихоби намуд ва андозаи ҷазо бар асоси баҳисобгирии хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии чиноятӣ содиршуда, шахсияти гунаҳгор ва ҳолатҳое, ки ҷазоро сабук ва вазнин мекунанд, риоя карда мешаванд[353].

Принсипи сарфакоронаи истифодаи чораҳои маҷбуркунии ҳуқуқӣ – ҷиноятӣ бо принсипҳои инсондӯстӣ ва адолат алоқамандии зич дорад.

---

[352] Уголовное право Украины. Общая часть: Учебник: М.И. Бажанов, Ю.В. Баулин, В.И. Борисов, С.В. Гавриш и др.; под ред. М.И. Бажанова, В.В. Сташиса, В.Я. – К.−Х.: Юринком Интер – Право, 2002. − С. 37.

[353] Маҷумуаи Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002-2019). Душанбе, 2019.– С.57.

Мазмуни принсипи мазкур дар қ.2 м. 60 КҶ ҶТ инъикос ёфтааст, ки мувофиқи он ба шахсе, ки ҷиноят содир намудааст, “ҷазои нисбатан сахттар аз ҷумлаи ҷазоҳое, ки барои ҷинояти содиршуда пешбинӣ гардидааст, танҳо дар ҳолате таъин карда мешавад, ки намуди ҷазои нисбатан сабуктар ноил шудан ба мақсади ҷазоро таъмин карда натавонад”.

Моҳияти ин принсип дар он ифода меёбад, ки суд вазифадор аст ҷазоро дар ҳадди зарурӣ, кофӣ ва ҳамзамон ҳадди ақал барои расидан ба мақсади ҷазо ҷазо таъин намояд. Тавре Л. Л. Кругликов дуруст қайд мекунад: “Агар мақсади ҷазо бо ҷазои сабуктар низ ба даст оварда шавад, суд бояд маҳз чунин ҷазоро таъйин намояд”[354].

Ғайр аз ин, агар мақсади ҷазо бе татбиқи воқеии он низ ба даст оварда шавад, афзалият бояд ба озод кардан аз ҷавобагарии ҷиноятӣ ё ҷазо дода шавад. Ин талаб аз принсипи сарфакоронаи истифодаи чораҳои маҷбуркунии ҳуқуқӣ – ҷиноятӣ сарчашма мегирад.

Принсипҳои таъини ҷазоро таҳлил намуда метавон хулоса намуд, ки принсипҳои мазкур низомеро ташкил медиҳанд, ки унсурҳои он дар робитаи зич таъсири муттақобила қарор доранд. Риояи ин принсипҳо кафолати: 1) мутобиқати қонунгузории ҷиноятӣ ба анъанаҳои инсондустӣ ва демократии ҷомеаи муосири мутамаддин; 2) ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон ва мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда; 3) таъини ҷазои зарур ва кофӣ барои расидан ба мақсадҳои ҷазо; 4) татбиқи дурусти принсипҳои умумӣ ва махсуси таъини ҷазо.

Бо вуҷуди нақши муҳими ин принсипҳо, дар қонунгузории ҷиноятии то ҳол меъёри ҷудогонае, ки низоми принсипҳои таъини ҷазо ва аҳаммияти онҳо барои татбиқи дурусти асосҳои умумии таъини ҷазоро пешбинӣ кунад, вуҷуд надорад.

Адабиёт:

1. Бабаев М.М. Индивидуализация наказания несовершеннолетних. − М.: Юридическая литература, 1968. – 120 с.
2. Бажанов М.И. Назначение наказания по русскому уголовному праву. – М.: Высшая шк., 1980. – 216 с.
3. Брайнин Я.М. Принципы внедрения наказания по русскому уголовному праву // Научные записки Киевского государственного института им. Т.Г. Шевченко: Юрид. сб. − М.: Изд-во Киевского государственного ун-та, 1953. − Т. XII. − Вып. Первый − С. 49-55.
4. Бурлаков В.Н. Личность преступника и назначение наказания: Учеб. пособ. − Л.: Изд-во ЛГУ, 1986. – 87 с.
5. Бурлаков В.Н. Принципы внедрения мер действия: личностный нюанс // Правоведение. – 1987. − №6. – С. 53-54.
6. Велиев С.А. Принципы назначения наказания. – СПб.: Юридический Центр–Пресс, 2004. – 386 с.

[354] Кругликов Л.Л. Смягчающие и отягчающие ответственность обстоятельства в уголовном праве (Вопросы теории). – Воронеж: Изд-во Ворнеж. ун-та, 1985. – С. 54.

7. Индивидуализация назначения наказания: учебное пособие / М.А. Голубов, К.А. Долгополов, С.А. Иванов, Д.С. Токмаков Ставрополь,2021. – 177 с.

8. Карпец И.И. Индивидуализация наказания в русском уголовном праве. – М.: Юридическая литература, 1961. – 152 с.

9. Кригер Г.А. Место принципов русского уголовного права в системе принципов права // русское правительство и право. − 1981. − № 2. − С. 102 – 107.

10. Кругликов Л.Л. Смягчающие и отягчающие ответственность обстоятельства в уголовном праве (Вопросы теории). – Воронеж: Изд-во Воронеж. ун-та, 1985. – 164 с.

11. Мамедов А.А. Справедливость назначения наказания. – СПб.: Юридический Центр–Пресс, 2003. – 117 с.

12. Маҷумуаи Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002-2019). Душанбе, 2019. – 450 с.

13. Мельникова Ю.Б. Дифференциация ответственности и индивидуализация наказания. − Красноярск: Изд-во Красноярского ун-та, 1989. – 115 с.

14. Непомнящая Т.В. Общие начала назначения наказания и критерии назначения наказания // Журнал российского права. − 1999. − № 12. − С. 75 – 85.

15. Новоселов Г.П. О системе принципов назначения наказания // Развитие социальной деятельности русского страны и права: Сб. науч. тр. − Свердловск: Изд-во УрГУ, 1980. – С. 124 – 128.

16. Питецкий В.В. О принципе индивидуализации уголовного наказания // Государство и право. – 2004. − № 2. – С. 108 –111.

17. Похмелкин В.В. Социальная справедливость и уголовная ответственность. − Красноярск: Изд-во Красноярск. ун-та, 1990. – 175 с.

18. Сабитов Т.Р. Принципы назначения уголовного наказания//Юридическая наука и правоохранительная практика 2 (40) 2017. – С.59 – 65.

19. Скрябин М.А. Общие начала назначения наказания и их применение к несовершеннолетним. − Казань: Изд-во Казанского ун-та, 1988. – 123 с.

20. Соловьев А.Д. Вопросы применения наказания по советскому уголовному праву. – М.: Госюриздат, 1958. – 204 с.

21. Сундурова О.Ф. К вопросу о принципах назначения наказания // Ученые записки Казанского филиала "Российского государственного университета правосудия". 2018. Т. 14. – С. 284 – 294.

22. Уголовное право Украины. Общая часть: Учебник: М.И. Бажанов, Ю.В. Баулин, В.И. Борисов, С.В. Гавриш и др.; под ред. М.И. Бажанова, В.В. Сташиса, В.Я. – К.−Х.: Юринком Интер – Право, 2002. – 400 с.

23. Филановский И.Г. К вопросу о юридической ответственности за правонарушения // Вестник Ленинградского ун-та. Серия "Экономика, философия, право". − 1973. − Вып. Первый – С. 130 – 134.

24. Шаргородский М.Д. Наказание по русскому уголовному праву: В 2 ч. – М.: Госюриздат, 1958. – Часть 2. – 238 с.

25. Шинальский О.И. Наказание в системе средств противодействия преступности: автореф. дис. ... канд. Юрид. наук: 12.00.08 / НАН Украины, Ин-т государства и права им. В.М. Корецкого. – К., 2003. – 20 с.

26. Шнейдер А.М. Назначение наказания по советскому праву: Лекции для студентов. – М.: ВЮЗЫ, 1957. – 104 с.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 20.11.2025
Аз тақриз баргашт: 25.11.2025
Ба чоп тавсия шуд: 25.12.2025

ҲУҚУҚИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 5.5.9) – УГОЛОВНО-ПРОЦЕССУАЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.5.9)

ПРОБЛЕМАҲОИ ТАТБИҚИ ЧОРАҲОИ ПЕШГИРӢ ҲАНГОМИ ИСТИРДОД

Абдуллозода Парвиз Саъдулло,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ, д.и.ҳ.
Тел.: (+992) 900555167
E-mail: 1986_parviz.a@mail.ru

Ҷалолов Холиқ Ғайбуллоевич,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ, н.и.ҳ.
Тел.: (+992) 918180081
E-mail: j_h_g@mail.ru

Фишурда: Ҳамкориҳои байналмилалӣ оид ба истирдод дар мурофиаи ҷиноятӣ дар ҳоли рушд қарор дорад. Ҷараёни ҳамкориҳо оид ба истирдод низ муракаб мебошад. Яке аз масъалаҳои муҳим дар ҷараёни истирдод ин тадбиқ намудани чораҳои пешгирӣ мебошад. Чораҳои пешгирӣ дар ҷараёни истирдод хусусиятҳои хоси худро дошта бисёре аз масъалаҳои муосири он тадқиқоти хосаро талаб менамоянд.

Дар мақолаи мазкур, проблемаҳои чораҳои пешгирӣ ҳангоми истирдод, аз қабили ба ҳабс гирифтани шахс то қабул намудани дархости расмии давлати хориҷӣ, ҳуҷҷатҳо зарури ҳангоми супоридан ва тадбиқи чораҳои пешгирӣ, ҳисоб кардани муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштан, дар ҳабс нигоҳ доштан ҳангоми овардани транзитӣ ва супоридани муваққатии шахс, ҳуқуқҳои шахсе, ки супоридани ӯ дархост карда шудааст, оид масъалаҳои тадбиқи чораҳои пешгирӣ, муваққатан дар ҳабс нигоҳ доштани шахс, ҳабс барои супоридан ва ғ. мавриди тадқиқ қарор гирифтааст.

Барои такмили қонунгузории миллӣ ва санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ пешниҳодҳои мушахас карда мешавад.

Калидвожаҳо: ҳамкории байналмилалӣ, истирдод, чораҳои пешгирӣ, ҳабс, шарномаҳои байналмилалӣ, давлатҳои хориҷӣ, дархост, қарор, муҳлат, суд.

ПРОБЛЕМЫ ПРИМЕНЕНИЯ МЕР ОБЕСПЕЧЕНИЯ (МЕР ПРЕСЕЧЕНИЯ) ПРИ ОСУЩЕСТВЛЕНИИ ЭКСТРАДИЦИИ

Абдуллозода Парвиз Саидулло,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, профессор кафедры судебного права и прокурорского надзора, доктор юридических наук
Тел.: (+992) 900555167
E-mail: 1986_parviz.a@mail.ru

Джалолов Халик Гайбуллоевич,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, доцент кафедры судебного права и прокурорского надзора, кандидат юридических наук
Тел.: (+992) 918180081
E-mail: j_h_g@mail.ru

Аннотация: Международное сотрудничество по вопросам экстрадиции в уголовном процессе находится в стадии активного развития. Процесс взаимодействия государств в сфере экстрадиции отличается сложностью и многоуровневостью. Одним из ключевых аспектов экстрадиционного производства является применение мер пресечения. Меры пресечения в рамках экстрадиции обладают своими особенностями, и многие современные аспекты их применения требуют отдельного исследования. В данной статье анализируются проблемы применения мер пресечения при экстрадиции, в том числе: задержание лица до получения официального запроса иностранного государства; документы, необходимые при передаче лица; применение мер пресечения; исчисление сроков содержания под стражей; содержание под стражей при транзитной передаче; временная передача лица; а также процессуальные права лица, в отношении которого запрошена экстрадиция. Кроме того, рассматриваются вопросы временного содержания под стражей, ареста в целях экстрадиции и другие связанные с этим проблемы. В заключение сформулированы конкретные предложения по совершенствованию национального законодательства и международно-правовых актов в сфере экстрадиционного сотрудничества.

Ключевые слова: международное сотрудничество, экстрадиция, меры пресечения, арест, международные договоры, иностранные государства, запрос, решение, срок, суд.

PROBLEMS OF APPLYING MEASURES OF RESTRAINT IN EXTRADITION PROCEEDINGS

Abdullozoda Parviz Saidullo,
Tajik National University, Faculty of Law, Professor of the Department of Judicial Law and Prosecutorial Supervision, Doctor of Law
Phone.: (+992) 900555167
E-mail: 1986_parviz.a@mail.ru

Jalolov Kholiq Ghaibulloevich,
Tajik National University, Faculty of Law, Associate Professor of the Department of Judicial Law and Prosecutorial Supervision, Candidate of Legal Sciences
Tel.: (+992) 918180081
E-mail: j_h_g@mail.ru

Annotation: International cooperation in matters of extradition within criminal proceedings is currently undergoing active development. The process of interaction between states in the field of extradition is complex and multi-layered. One of the key aspects of extradition proceedings is the application of measures of restraint. Measures of restraint in extradition have their own specific characteristics, and many contemporary issues related to their application require separate scholarly examination. This article analyzes the problems of applying measures of restraint during extradition, including: the detention of a person prior to receiving an official request from a foreign state; the documents required for the surrender of a person; the application of measures of restraint; calculation of the period of detention; detention during transit transfer; temporary surrender of a person; as well as the procedural rights of the individual whose extradition is sought. In addition, the article examines issues of provisional detention, arrest for the purposes of extradition, and other related procedural matters. The article concludes with specific proposals aimed at improving national legislation and international legal instruments in the field of extradition cooperation.

Keywords: international cooperation, extradition, measures of restraint, arrest, international treaties, foreign states, request, decision, term, court.

Истирдод яке аз падидаҳои ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад[355]. Истирдод ҷараёни муракаб буда аз маҷмӯи фаъолиятҳои мурофиавии ду ё зиёда давлат таркиб ёфтааст. Аз ин

[355] Абдуллозода П.С. Понятие, правовая природа и виды международного сотрудничества в сфере уголовного процесса // Евразийский юридический журнал. – 2025. – № 2 (201). – С. 335-343

рӯ, онро мурофиаи истирдод низ гуфтан ҷоиз мебошад[356]. Яке аз масъалаҳои истирдод ин масъалаи тадбиқи чораҳои пешгирӣ дар ҷараёни он мебошад. Зеро бе татбиқи ҷораҳои пешгирӣ истирдод ғайри имкон мегардад. Чун анъана чораҳои пешгирӣ ҳамчун масъалаи умумӣ дар мурофиа тадбиқ мегарданд. Аммо ҳангоми ҳамкориҳои байналмилалӣ оид ба истирдод дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ хусусиятҳои хосаро доранд[357].

Шахсро бе асоси қонунӣ дастгир ва ҳабс намудан мумкин нест. Муайян намудани меъёр оид ба ҳабс намудани шахсе, ки нисбати он пешбурди ҷиноятӣ аз давлати хориҷӣ пешниҳод мегардад ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқи инсон аз ҳар гуна дастгиркунии беасос ва ба ҳабс гирифтан хизмат менамояд. Яке аз тамоюлҳои нави ҳамкориҳои байналмилалӣ ин муқаррар намудани меъёр оид ба ҳабс гирифтани шахс то қабул намудани дархости расмии давлати хориҷӣ мебошад. То фиристодани дархости расмӣ ва маводи парванда мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ пешниҳод менамояд, ки шахсба ҳабс гирифта шаванд. Мақсади ба ҳабс гирифтан дар ин ҳолат ба мақсади тадбиқи чораҳои пешгирӣ бояд мувофиқ бошанд. Ҳамин тариқ, бо пешниҳоди мақомоти давлати хориҷӣ нисбати шахсе, ки дархост оид ба пешбурди ҷиноятӣ нисбати он фиристода мешавад ба ҳабс гирифтан мумкин мебошад[358].

Мутобиқи м. 496 КМҶ ҶТ дархости аввалия маълумотҳои зерини муҳимро доро бошад: маълумот дар бораи қонунгузорӣ, ки шахс тибқи он ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, бо нишон додани ҷазои пешбинишуда яъне пешниҳод намудани маълумот оид ба меъёре, ки кирдорро ҷиноят эътироф намуда ҷазо нисбати онро муайян менамояд; бояд оид ба ба ҳабс гирифтан дар давлати хориҷӣ қарор мавҷуд буда дар дархост ба он истинод оварда шавад; ҳатман давлати хориҷӣ бояд кафолат диҳад, ки дархости расмӣ бо риояи талаботҳои мавҷуда пешниҳод карда мешавад. Барои сари вақт чораандеши намудан чуниин дархостҳо фиристода мешаванд, аз ин рӯ, КМҶ ҶТ пешбини менамояд, ки дархост оид ба пешбурди ҷиноятӣ мумкин аст ба воситаи воситаҳои техникии алоқа аз он ҷумла e-mail ва дигар воситаи алоқаи ба мувофиқа расидаи тарафҳо фиристода шуда нусхаи аслии дархост бо маводҳо парванда ва ғ. таввасути почта ё хаткашон фиристонида мешаванд.

Ба ҳабс гирифтани шахсе, ки нисбати у пушбурди ҷинояти анҷом дода мешавад тибқи тартиб ва қоидаҳои пешбининамуда оид ба ҳабс барои супоридан (м.510) амалӣ карда мешавад.

Дар ҳабс нигоҳ доштани шахс беохир буда наметавонад. Зеро он ҳуқуқ ва озодиҳои шахсро маҳдуд менамояд. Дар сурате, ки дархости аввалияро фиристодан дар муҳлати 40 – шабонарӯз мақомоти давлати хориҷӣ вазифадор аст дархости расмиро ба мақомоти марказии ҶТ равон намояд

---

[356] Абдуллоев П.С. Понятие выдачи лиц в рамках международного сотрудничества по уголовным делам в постсоветских странах // Вестник Московского университета. Серия 11: Право. 2017. № 1. – С. 80-92.

[357] Лятифов Р.Г. Избрание мер пресечения для обеспечения выдачи лица, запрашиваемого иностранным государством в целях уголовного преследования или исполнения приговора. Дисс. кан. юр. наук.Москва. 2019. – 202 с.

[358] Абдуллоев П.С. Запрос о выдаче лица, находящегося на территории иностранного государства: содержание и форма // Уголовный процесс. – 2021. – № 10. – С. 84-89

ва дар давоми ин муҳлат дастрас ба мақомоти марказӣ бошад. Меъёри ба ин монандро м. 93 Конвенсия байни кишварҳои аъзои ИДМ дар бораи ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, гражданӣ ва оилавӣ аз 7-уми октябри соли 2002 муқарар менамояд. Дар сурати дар давоми 40 – шабонарӯз пешниҳод нагардидани дархости расмӣ прокурор шахси дар ҳабс нигоҳ доштаро дар асоси ворид нагардидани дархости расмӣ озод намуда ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар медиҳад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо кафолати ҳимояи шаҳрвандонашро дар хориҷи кишвар[359] балки барои содир намудани ҷинояти вазнин ва махсусан вазнин аз ҷониби шаҳрвандонаш ва пешгири аз он барқарор намудани адолат чораандеши менамояд. Дар сурати муайян намудани содир гардидани ҷинояти вазнин ва махсусан вазнин аз ҷониби шаҳрвандони ҶТ дар хориҷӣ кишвар мақомоти ҶТ аз мақомоти давлати хориҷӣ супоридани мавод ё парвандаи ҷиноятиро нисбати ҷинояти содирнамудаи шахс барои пешбурди ҷиноятӣ дар ҶТ дархост менамояд. Дар ҳолати ҷавоби мусбӣ гирифтан ба дархост ва мавҷуд будани асосҳои кофи тибқи КМҶ ҶТ нисбати шахс парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуда нисбати шахс мумкин аст чораҳои пешгирӣ тадбиқ карда мешавад. Дар сурати дар давлати хориҷӣ нисбат шахс қабул гардидани қарор оид ба чораҳои пешгирӣ аз он ҷумла, чораҳои ҳабсӣ ин қарори мақомоти давлати хориҷӣ асос барои тадбиқи чораи пешгирӣ ба ҳисоб меравад.

Барои супоридани шахсро талаб кардани на танҳо дархост балки гуруҳи зиёди ҳуҷҷатҳо зарур мебошанд. Дар ин ҳолат на супоридани ҳуҷҷати алоҳида ё супоридани ашё балки сухан дар бораи шахс - инсон меравад. Ҳар инсон дар доираи муқаррарнамудаи санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва қонунгузории миллии мурофиаи ҷиноятии ҶТ ва давлатҳои хориҷӣ дорои ҳуқуқ ва озодиҳои муайн мебошад[360]. Аз ин рӯ, омода намудани ҳуҷҷатҳо ва равон кардани дархост дар бораи супоридани шахс дар ҷараёни супоридани шахс аҳамияти муҳим дорад. Ҳангоми омода намудани ҳуҷҷатҳо ва равон кардани дархост дар бораи супоридани шахс риояи талаботи КМҶ ҶТ ва шарномаҳои байналмилалӣ дар сурати доштани шатномаҳои байналмилалӣ зарур мебошад. Гарчанде талабот барои равон намудани дархост оид ба супоридани шахс ва ҳуҷҷатҳои ба он замима мегардида дар шартномаҳои байналмилалӣ монандиҳои зиёд доранд аммо ҳангоми равон намудани дархост ба давлати муайян дар сурати будани шарномаҳои байналмилалӣ бояд меъёрҳои он ба роҳбарӣ гирифта шаванд.Масалан, дар шарномаҳои Нисбатан нави ҶТ оид ба масъалаҳои

---

[359] Абдуллозода П.С. Гарантии прав личности при международном сотрудничестве в сфере уголовного процесса // Уголовно-процессуальные гарантии прав и законных интересов личности. Материалы II ежегодной Всероссийской научно-практической конференции «Актуальные проблемы российского уголовного процесса», к 100-летию со дня рождения заслуженного профессора МГУ Э.Ф. Куцовой. – Москва.: Юрлитинформ. 2025. – С. 143-154.

[360] Джалолов Х.Г. Конституционно-правовые основы соблюдения прав человека при применении принудительных процессуальных мер//Актуальные вопросы совершенствования Конституции Республики Таджикистан в современных условиях. Материалы республиканской научно-теоретической конференции, посвященной 75-летию Таджикского национального университета. – Душанбе, 2023. – С. 272-278.

супоридани шахс чунин талаботҳо пешбинӣ карда мешавад. Мутобиқи моддаи 23 Созишномаи истирдод байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар аз 23 октябри соли 2023 (мазмуни ларзиши истирдод) дархост дар бораи супоридани шахсе, ки дар Тарафи дархосткунанда барои содир намудани ҷиноят таҳти тафтиш ё таъқиби ҷиноятӣ қарор дорад, бояд бо замимаи нусхаҳои аз ҷониби мақоми ваколатдори марказӣ тасдиқшудаи қарор дар бораи татбиқ намудани чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан, қарор дар бораи оҷоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ва матни санадҳои ҳуқуқии дахлдор оид ба ҷинояти содиршуда ирсол гардад. Дар сурати расонидани зарари моддӣ дар натиҷаи содир намудани ҷиноят, арзиши ин зарар дар дархост ба қадри имкон ва бо дақиқии бештар нишон дода мешавад.

Дархости истирдод барои шахсе, ки баҳри иҷрои ҳукм дар ҷустуҷӯ қарор дорад, бояд нусхаи тасдиқшудаи ҳукми эътибори қонунӣ пайдокардаи суд, инчунин қарор дар бораи татбиқ намудани чораи пешгирӣ дар намуди ҳабс ё дастгиркунии мувақатӣ, ки аз ҷониби судя ё дигар шахси ваколатдор судур шудааст ва матни пурраи санади меъёрии ҳуқуқиеро, ки ҷиноят ва ҷазои онро банду баст намояд, дар бар гирад. Агар ҷазо дар Тарафи дархосткунанда қисман адо карда шуда бошад, ин дар дархост нишон дода мешавад.

Дархости истирдод бояд бо замимаи маълумотномаҳо дар бораи шаҳрвандӣ, тавсифнома, шахсият, маҳалли ҷойгиршавӣ, дигар маълумоти пурра дар бораи шахс, инчунин акси шахси дархостшаванда ирсол карда шавад. Агар маълумоти пешниҳодшуда барои Тарафи дархостшаванда нокифоя бошад, он метавонад маълумоти иловагиро дар муддати сӣ (30) рӯз дархост намояд, ки метавонад ба понздаҳ (15) рӯзи дигар тамдид карда шавад (м. 500 КМҶ ҶТ).

Тарафи дархосткунанда далелҳои тасдиққунандаи кирдори ҷиноятии шахси дар кофтуков қарордоштаро ирсол наменамояд. Новобаста ба он дар баъзе ҳолатҳои мушаххас тарафи дархостшаванда метавонад чунин далелҳоро талаб намояд.

Тибқи қисми 2 моддаи 15 Шартномаи истирдод байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷористон аз 7 апрели соли 2021 ба дархост бояд ҳамроҳ карда шавад:

а) нусхаи аслӣ ё нусхаи тасдикшудаи қарори суд, санади ҳабс ё дигар ҳуҷҷати дорои эътибори ҳамсон ва тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории миллии тарафи дархосткунанда ба расмият даровардашуда;

б) маълумот дар бораи ҷиноятҳое, ки барои онҳо истирдод дархост карда шудааст, вақт ва макони содир кардани онҳо, таснифоти ҳуқуқии онҳо;

в) иқтибос аз муқаррароти қонунгузорӣ, ҳамчунин муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва санксияе, ки метавонад барои ҳамин ҷиноят татбиқ гардад;

г) маълумот дар бораи шахси ҷустуҷӯшаванда, ки барои муайян кардани шахсияти ӯ кӯмак мекунад, аз ҷумла изи ангуштҳо ва акси ӯ, дар ҳолате, ки агар онҳо мавҷуд бошанд.

Аз ду меъёрҳои овардашудаи шарномаҳои байналмилӣ бар меояд, ки на танҳо мазмумнан балки тарибӣ танзимнамоии ҳуҷҷатҳое, ки ба дархост замима карда мешаванд аз якдигар фарқ менамояд. Омода намудани ҳуҷҷатҳо ва равон кардани дархост дар бораи супоридани шахс вазифаи мақомоти ваколатдори ҶТ мебошанд. Он ҳуҷҷатҳоро тибқи талаботи КМҶ ҶТ ва шарномаи байналмилалии бо давлати хориҷӣ омода намуда ба Прокуратураи генералӣ ҷиҳати супоридани шахси ҷиноят содир намуда, ва ҳудуди ҶТ тарк кардааст муроҷиат менамояд.

Дар ҷараёни ҷустуҷӯи байналмилалӣ ва ҷустуҷӯи байналмилалӣ ошкор ва дастгир намудани шахсӣ ҷустуҷӯ шаванда, аз ҷониби мақомоти марказӣ ё мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ ба мақомоти марказӣ ё мақомоти ваколатдори ҶТ хабар дода шуда, мақомоти ваколатдор вазифадор аст дар муҳлати муҳлати панҷ шабонарӯз маводҳои заруриро ба Прокуратураи генералии ҶТ пешниҳод намоянд. Пешниҳоди маводҳои зарурӣ ба талаби Прокуратураи генералӣ сурат мегирад. Маводҳои зарурӣ тибқи КМҶ ҶТ аз инҳо иброт мебошанд:

Қарорҳо - қарор дар бораи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ; қарор дар бораи интихоб намудани чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан; қарор дар бораи ба ҷавобгарӣ кашидан ба сифати айбдоршаванда; қарор дар бораи эълон намудани ҷустуҷӯ; қарори суд нисбат ба айбдоршаванда дар бораи ғоибона то шаш моҳ аз лаҳзаи дастгир шуданаш дароз кардани муҳлати ҳабси пешакӣ; ҳамчун қарори ниҳоӣ - ҳукми эътибори қонунӣ пайдокардаи суд бо пешниҳоди маълумотнома оид ба эътибори қонунӣ пайдо кардани он ва маълумотнома оид ба қисми адонакардаи ҷазо (дар ҳолати супоридани маҳкумшуда).

Ҳуҷҷатҳои расмии дигар - хулосаи мақомоти ваколатдор оид ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон будани айбдоршаванда ё маҳкумшуда; ҳуҷҷати муайянкунандаи шахсияти айбдоршаванда ё маҳкумшуда;

Инчунин иқтибос аз Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар, ки ҷиноят будани кирдорро тасдиқ намуда, барои супоридани шахс заруранд, аз ҷумла муҳлатҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан. Дар баробари ин дар сурати мавҷуд будани дигар талаботҳо дар шарномаи байналмилалӣ бо давлати мушахаси хориҷӣ пешниҳоди он ҳуҷҷатҳои муқараршуда.

Қобили зикр аст, ки тарҷумаи ҳамаи ҳуҷҷат ва ва дигар мавод бо забони аз тарафи мақомоти марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон талабшуда сурат мегирад. Чун анъана дар доираи ИДМ ҳуҷҷат ва дигар мавод бо забони русӣ сурат мегирад. Мақомоти марказии ҶТ дар сурати будани шарномаи байналмилалӣ меъёри онро дар масъалаи мазкур ба роҳбарӣ мегирад. Масалан, мутобиқи моддаи 14 Шартнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии исломии Покистон оид ба истирдод аз 12-уми ноябри соли 2015 ҳама гуна ҳуҷҷатҳои вобаста ба мурофиаи истирдоде, ки на бо забони англисӣ, дар доираи Шартномаи мазкур пешниҳод карда мешаванд, бо тарҷумаи забони англисӣ таъмин мегарданд. Моддаи 7-уми Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой оид ба экстрадитсия аз 13 сентябри соли 2014

пешбинӣ менамояд, ки дархости хаттӣ дар бораи экстрадитсия ва дигар ҳуҷҷатҳои дахлдор, ки аз ҷониби Тарафи дархосткунанда пешниҳод гардидаанд, тарҷумаи онҳо ба забони Тарафи дархостшаванда ё забони англисӣ ҳамроҳ карда шаванд. Мутобиқи қ. 3 м.15 Шартномаи истирдод байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷористон аз 7-уми апрели соли 2021 дархости истирдод ва ҳуҷҷатҳои ҳамроҳикунанда бояд ба Маҷористон бо забони маҷорӣ ё англисӣ ва ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад бо забони тоҷики ё англисӣ пешниҳод карда шаванд.

Прокуратураи генералии ҶТ ҳамчун мақомоти марказӣ бад аз баррасии ҳуҷҷатҳо ва ба мақсад мутобиқ будан, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дархостро оид ба супоридани шахс ба ҶТ ба давлати хориҷӣ равон менамояд.

Ҳисоб кардани муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштан. Чун анъана барои иҷро намудани ҷиҳати иҷрои дарҳост оид ба супоридани шахс нисбати шахс чораи дар ҳабс нигоҳ доштан тадбиқ карда мешавад. Дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ҳангоми таъини ҷазои ҷиноятӣ ва ғ. ин муҳлатҳо ба инобат гирифта мешаванд. Муҳлати нигоҳ доштан дар ҳабс ва тартиби дароз кардани он, инчунин ба инобат гирифтани муҳлати онро моддаи 112 КМҶ ҶТ пешбинӣ менамояд. Вобаста ба хусусиятҳои хоси ҳамкориҳои байналмилалӣ масъалаи мазкур дар алоҳидагӣ танзим карда шудааст. Оғози муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштан вобаста ба шахсе, ки супорида шудааст аз лаҳза воқеъии дастгир намудан барои тадбиқи чораи пешгирӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. Зери мафҳуми лаҳзаи дастгиркуиии воқеӣ моддаи 6 КМҶ ҶТ лаҳзаи воқеан маҳдуд кардани озодии шахс, аз ҷумла имконияти озодона ҳаракат намудан, маҷбуран дар ҷои муайян нигоҳ доштан, маҷбуран овардан ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ё мамониат кардан ба анҷом додани дигар ҳаракатҳои шахс тибқи иродаи худ новобаста ба расман додани ягон мақоми мурофиавӣ ба шахси дастгиршуда ё иҷро намудани дигар расмиёти муқарраршударо муайян намудааст.

Ҳисоб кардани муҳлати умумии дар ҳабс нигоҳ доштанро ҳангоми баровардани ҳукм ҳолатҳои зерин ташкил медиҳанд: 1) вақти дар ҳудуди давлати хориҷӣ дастгиркунӣ; 2) дар ҳабс будани шахси ба Ҷумҳурии Тоҷикистон супоридашуда; 3) овардани ӯ-зеро ҷараёни овардани шахс мумкин аст аз чанд соат то чанд мумкин аст ба амал бароварда шавад (м. 504 КМҶ ҶТ).

Ҳангоме, ки шахс мувақатан супорида мешавад дар ин ҷараён он дар ҳабс боқӣ мемонад. Дар сурати шахсе, ки мувақатан ба ҶТ супорида шуда, тибқи дархости ҶТ барои ба ҷавобгарӣ кашидан ба сифати айбдоршаванда ва иҷрои ҳукм ба ҶТ супорида мешавад муҳлати ҳабси муваққатан супоридани шахс ба инобат гирифта намешавад агар ин муҳлат вобаста ба парвандаи ҷиноятии нисбати шахс мавҷудбуда дар давлати хориҷӣ ба инобат гирифта шуда бошад.

Яке аз масъалаҳои муҳим ҳангоми истирдод ин дар ҳабс нигоҳ доштан ҳангоми овардани транзитӣ ва супоридани муваққатии шахс мебошад (м.

505). Дар ҷараёни ҳамкориҳои байналмилалӣ ҳангоми супоридани шахс зарурати эътирофи санадҳои мурофиавие бувуҷуд меоянд, ки дар давлатҳои хориҷӣ қабул гардидаанд. Зеро заминаи қабули санадҳои мурофивӣ дар давлатҳои хориҷӣ мавҷуд буда, ҶТ бевосита ҳуқуқи қабули чунин санадҳоро дар ҳудуди ҶТ надорад. Аз ин рӯ, шартномаҳои байналмилалии ҶТ ба таври мушахас ва бе қабули санадҳои мурофиави оид ба эътирофи санади дар давлати хориҷӣ қабудгардидаро дар ҳудудӣ ҶТ пешбинӣ менамоянд. Асоси ҳуқуқии чунин эътирофи санадҳо шарномаҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ мебошад, ки ҷараёни эътирофи санадҳоро содда мегардонанд. Нигоҳ доштани шахс дар ҳабс тавассути санади мурофиавӣ амалӣ карда мешаванд. Ҳангоме, ки тавасути ҳудудӣ ҶТ шахс тавасути транзит супорида мешавад, ки нисбатан муҳлати камеро фаро мегирад, ва ҳангоме, ки шахс ба ҶТ мувақатан супорида мешавад, ки ниисбатан муҳлати зиёдро фаро мегирад қарори дар ҳабс нигоҳ доштан ва ҳукми судӣ давлати хориҷӣ асос барои дар ҳудуди ҶТ дар ҳабс нигоҳ доштани шахс ба ҳисоб рафта, зарурати эътироф намудани чунин санадҳоро дар алоҳидагӣ надошта онҳо мутобиқ ба шарномаҳои байналмилалӣ ва КМҶ ҶТ эътироф карда шудаанд.

Ҳуқуқҳои шахсе, ки супоридани ӯ дархост карда мешавад оид масъалаҳои тадбиқи чораҳои пешгирӣ. Мақомоте, ки шахсро дастгир намудааст ё нисбаташ чораи пешгириро тадбиқ намудааст бояд ба шахс дар содар намудани кадом ҷиноят бояд ба давлати хориҷӣ супорида мешавад фаҳмонад, зеро шахс ҳуқуқ дорад донад, ки барои содирнамудани кадом ҷиноят шахс мумкин аст супорида шавад.

Шахс ҳангоми дастгир шудан ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки барои огоҳ намудани хешовандони наздик, аъзои оила ё шахсони дигарро оид ба дастгир шудан ва дар кадом ҷой нигоҳ доштани ӯ хабардор намояд. Зери мафҳуми дагар шахс он шахсоне бояд фаҳмида шаванд, ки бояд ба мақсадҳои овардашуда мутобиқ бошанд. Зери ин мафҳум шахсони наздик аз он ҷумла таға, ҷиян, амак, бародарзода, хола, хоҳарзода, амма ва ғ. фаҳмиада мешаванд.

Талаботи иштироки шахс ҳангоми тадбиқи чораҳои пешгирӣ ва баррасии дархости супориданаш дар суд иштирок намояд аз муқаррароти санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ аз он ҷумла моддаи 14-уми Паймони байналхалқи оид ба ҳуқуқҳои сиёси ва шаҳрванди бар меояд. Иштироки шахс дар чунин ҳолатҳо ҳуқуқи шахс ба ҳисоб меравад.

Бо дархост ва моҳияти он шахсе, ки бояд шинос карда шавад. Ин имконият медиҳад, ки на аз рӯи тахмин ва ҳолатҳои тахаюлӣ балки аз рӯи ҳолати мушахас шахс итминон менамояд, ки масъалаи супоридани шахс аз рӯи кадом ҷиноят ва ба кадом давлат сурат мегирад ва шахс аз рӯи ҳолати мушахас барои ҳифзи ҳуқуқҳояш чораандеши менамояд.

Шахси супоридашаванда ҳуқуқ барои шикоят намудан аз болои қарорҳое, ки бевосиба ба ҳуқуқ ва манфиатҳои он таъсир мерасонанд ҳуқуқи шикоят намуданро дорад. Аз он ҷумла, мушахас гардидааст , ки шахс аз болои қарорҳои ба ҳабс гирифтан, татбиқи ҳабс оид ба супоридан

ва қонеъ кардани дархости супоридан шикоят кунад[361]. Тартиби шикоят намудан аз болои қаррорҳо мутобиқ ба муқаррароти КМҶ ҶТ ва меъёрҳои мушахаси КМҶ ҶТ сурат мегирад. Масалан аз болои қарор оид ба супоридани шахс, шахс ҳуқуқ дорад аз болои чунин қарор ба Суди Олии ҶТ шикоят намояд.

Фаҳмидани иродаи шахс оид ба супоридани ӯ ба давлати хориҷӣ ҳангоми супоридани шахс аҳамият дорад. Зеро шахс мумкин аст асосҳоеро изҳор намояд, ки супоридани шахсро ба давлати хориҷӣ истисно менамояд ва ғ.

Давлатҳо дар доираи қонунгузории худ ба шаҳрвандони худ кафолати ҳифзи онҳо дар хориҷӣ кишвар мебошад. Яке аз чунин кафолатҳои ҳифзи шаҳрвандон дар хориҷӣ кишвар ин тавассути намояндаи намояндагии дипломатӣ ё консулгарии давлати худ мебошад. Дар маҷмӯъ бо намояндаи намояндагии дипломатӣ ё консулгарӣ ҳуқуқи мудохилаи бевоситаро ҳангоми супоридани шахс амалӣ намоянд. Онҳо дар доираи имкониятҳои қонунгузории давлат ба шахс ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқҳояш чораандеши менамоянд. Шахс ҳуқуқ дорад дар доираи масъалаи мазкур бо намояндаи намояндагии дипломатӣ ё консулгарии давлати худ мулоқот намояд агар, масъалаи супоридан баррасӣ мешавад, шаҳрванди хориҷӣ бошад ва дар ҳабс қарор дошта бошад.

Муваққатан дар ҳабс нигоҳ доштани шахс. Барои муваққатан дар ҳабс нигоҳ доштани шахс бояд шахсияти он муайян карда шуда, муайян карда шавад, ки оё супоридани шахс имкон дошта асосҳои рад намудани истирдоди шахс мавҷуд нест. Дар сурати муайян намудани шахсияти дастгиршуда ва мавҷуд набудани асосҳои рад намудани дархости давлати хориҷӣ то мондани 12 соат аз муҳлати 72 соати дастгирнамоии шахс ба суд дархост оид барои тадбиқ намудани чораи пешгирии ҳабсӣ пешниҳод намуда мешавад. Дар сурати пешниҳод нанамудани дархост ба суд ин муҳлат гузашта шуда ҳисоб карда шуда асос барои озод намудани шахс мегардад. Суд масъаларо баррасӣ намуда ҳуқуқ дорад барои тадбиқ намудани чораҳои ҳабсӣ санад қабул намояд. Дар ҳабс нигоҳ доштани шахсро моддаи 509 КМҶ ҶТ пешбинӣ наменамояд. Зери мафҳуми дар ҳабс нигоҳ доштан ҳабси хонагӣ ва ба ҳабс гирифтан фаҳмида мешавад. Аммо масъалаи доштани манзил аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ дар ҳудуди ҶТ баҳснок буда дар сурати доштани манзир аз ҷониби шавҳар, ҳамсар, хешовандони наздик, аъзои оила ва дигар шахсони наздик ин масъала бояд баррасӣ карда шавад.

Суд ҳуқуқ дорад барои тадбиқи ҳабс ба муҳлати то 40 шабонарӯз иҷозат диҳад. Муҳлати нисбатан анъанавии муваққатан дар ҳабс нигоҳ доштан то 40 шабонарӯз мебошад. Мутобиқи қ. 4 моддаи 17-уми Шартнома истирдод байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷористон аз 7-уми апрели соли 2021 агар Тарафи дархостшуда дар давоми 40 рӯз пас аз ҳабс

[361] Абдуллоев, П.С. Международное сотрудничество в сфере уголовного процесса в постсоветских государствах. – Москва: Юрлитинформ, 2021. – 464 с.; Абдуллозода П. С. Теоретические и практические подходы к международному сотрудничеству в сфере уголовного процесса в постсоветских государствах Автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора юридических наук по специальности 12.00.09 – Уголовно-процессуальное право. Душанбе – 2023. 66с.

дархости истирдод ва ҳуҷҷатҳои заруриро қабул нанамояд, ҳабси муваққатӣ бекор карда мешавад. Мутобиқи қ.4 м. 6-уми Созишномаи истирдод байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар аз 23 октябри соли 2023 дастгиркунии пешакӣ дар ҳолате қатъ карда мешавад, ки агар Тарафи дархосткунанда ба Тарафи дархостшаванда дар муддати сӣ (30) рӯзи баъди дастгир шудани шахс дархости истирдод ва ҳуҷҷатҳои зарурриро пешниҳод накунад. Дар ҳолатҳои истисноӣ (сабабҳои узрнок) ва пешниҳод намудани асосноккунии он муҳлати дастгиркунии пешаки тамдид шуда, наметавонад аз чил (40) рӯз аз рӯзи дастгир намудан зиёд бошад. Эҳтимолияти аз дастгиркунии пешаки озод гардидани шахси истирдодшаванда дар ҳар ҳолат имконпазир аст, аммо Тарафи дархостшаванда барои пинҳон нашудани ӯ тамоми чораҳои заруриро меандешад. Озод кардани шахс баъди ворид гардидани дархости истирдод ба дастгиркунии такрорӣ ва истирдоди ӯ монеъ шуда наметавонад.

Ҳангоми дастгир намудани шахсӣ дар ҷустҷуи байнидавлати ва байналмилалӣ қарор дошта, аз ҷониби мақомоте, ки шахсро дастгир намуда аст протокол тартиб дода мешавад. Ба прокурори назоратбаранда хабар додашуда ба он ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешавад, протоколи дастгиркунии шахс-ҳамчун натиҷаи ҷараёни дастгиркунии шахс; ҳуҷҷатҳое, ки дорои маълумот дар бораи содир намудани ҷиноят аз тарафи шахс дар ҳудуди давлати хориҷӣ ва интихоби чораи пешгирӣ нисбат ба ӯ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ мебошанд-ҳамчун асоси дастгир намудани шахс; ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсияти дастгиршуда-ҳамчун сабаби дастгиркунии шахс барои дар оянда шуруъ намудани маҷмӯи амалҳо барои супориани шахс.

Тадбиқ намудани чораи ҳабси ин ваколати бевоситаи суд ба ҳисоб рафта. Дархост барои чораи пешгири нисбати шахсе, ки имкон мавҷуд аст аз ҷониби судя баррассӣ карда мешавад. Судя ҳуқуқ дорад чораи ҳасиро табиқ ё тадбиқ нанамояд. Дар ин ҳолат судя талаботи қонунгузории милли ҶТ ва шарномаҳои байналмилалиро ба роҳбари мегирад. Шакли қабули санад оид ба муваққатан дар ҳабс нигоҳ доштан ё рад кардани муваққатан дар ҳабс нигоҳ доштан қарор мебошад.

Аз қабули қарори судя ояндаи ҷараёни супоридан вобастагӣ дорад дар сурати аз ҷониби суд баровардани қарор дар бораи рад кардани муваққатан дар ҳабс нигоҳ доштан, прокурор фавран шахси боздоштшударо озод намуда, аз қарори қабулнамудааш ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар медиҳад. Ҳангоми рад намудани иҷозати муваққатан дар ҳабс нигоҳ доштан аз ҷониби суд прокурор ва номумкин будани супоридани шахс прокурор дар ин хусус мақомоти ваколатдори давлати хориҷиро огоҳ намуда, дархостро бар мегардонад.

Дар сурати тадбиқ намуданани чораи пешгирӣ дар намуди ҳабс аз ҷониби суд, прокурор мақомоти ваколатдори давлати хориҷиро дар хусуси шахсе, ки оид ба супориданаш дархост фиристодааст огоҳ менамояд. Назорати иҷрои қонунҳо ҳангоми дар ҳабс нигоҳ доштани шахс ваколати прокурор мебошад. Маъмурияти ҷойҳои дар ҳабс нигоҳ доштан чун аъана маъмурияти тавқифгоҳҳои тафтишотӣ на дертар аз даҳ рӯз то ба охир расидани муҳлати

ҳабси чунин шахс вазифадор аст, ки прокурорро дар хусуси анҷом ёбии муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштан хабар диҳанд.

Ҳабси муваққати ин чораи, нисбатан оҷили буда барои дар оянда нисбати шахс тадбиқ намудани ҳабс тадбиқ карда мешавад. Зеро ҷараёни супоридани шахс мумкин аст муҳлатҳои зиёдро фаро гирад. Дар сурати асос ва мақсади ҳабси муваққати аз байн рафтан прокурор ҳуқуқ дорад шахсро аз ҳабси муваққати озод намояд. Ба сифати чунин асосҳо баромад менамояд: Тарафи дархосткунанда вазифадор аст дар давоми 40 шабонарӯз дархости аслӣ ва ҳуҷатҳои заруриро бо тарҷумаи забон қобили қабул ба давлати дархостшуда фиристонад. Дар сурати нафиристонидан ё дастрас нагардидани дархост ба мақомоти ваколатдори ҶТ ва дигар ҳуҷҷатҳои зарури ки ба дархост замима мегарданд ин асос барои аз ҳабси муваққати озод намудани шахс аз ҷониби прокурор мегардад.

Ҳабси муввақати аз 40 шабонарӯз зиёд буда намутавонад. Дар давоми 40 шабонарӯз бояд нисбати шахс ҳабс тадбиқ карда шавад. Дар сурати тадбиқ нанамудани ҳабс нисбати шахс асос барои озод намудани шахс аз ҷониби прокурор мегардад.

Дар ҷараёни баррасии дархост ҳолатҳое ба вуҷуд оянд, ки имконияти супоридани шахсро истисно менамоянд. Масалан маълум гардад, ки муҳлатиба ҷавобгарии ҷинояти кашидани шахс гузаштааст. Дар ин ҳолат шахсе, ки нисбаташ ҳабси муваққати пешбини карда шудааст озод карда мешавад.

Гарчанде меъёрҳои КМҶ ҶТ оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ, нисбати шахси супоридашавада бевосита тадбиқи дигар чораҳои пешгириро пешбинӣ наменамоянд. Аммо муқаррароти қисми умумии КМҶ ҶТ нисбати шахс тадбиқи дигар чораҳои пешгириро пешбини менамоянд. Ҳангоми дар муҳлати зиёда аз 40 шабонарӯз дархост ва ҳуҷҷатҳои зарурии ба он замимагардида ворид гардидан мумкин аст шахсе ки аз ҳабси муввақати озод гардидааст аз нав ба ҳабс гирифта шавад. Тартиби он чун тартиби дигар намудҳои ба ҳабс гирифтан амали шуда иҷозати татбиқи ҳабс нисбат ба он аз ҷониби суд иҷозат дода мешавад. Барои дархости такрорӣ монеъа мавҷуд нест.

Табиқ намудани чораи ҳабси муваққати ин чорае, мебошад, ки то ворид гардидани дархости аслӣ ва ҳуҷҷатҳои зарурии ба он замима гардида амали мегардад ва ин муҳлат аз 40 шаборӯз зиёдбуда намутавонад. Дар сурати дар давоми 20, 25 ва ғ. шабонарӯз дастрас гардидани дархости аслӣ ба мақомоти ҶТ, мақомоти ваколатдори ҶТ ба суд оид ба тадбиқи ҳабс нисбати шахсро пешниҳод менамояд. Қарори судя дар бораи муваққатан дар ҳабс нигоҳ доштан аз лаҳзаи қабули қарор оид ба татбиқи ҳабс барои супоридан нисбат ба шахс беэътибор дониста мешавад, яъне дар сурати нисбати шахс тадбиқи ҳабс амал ва муҳлати ҳабси муваққатӣ бекор карда мешавад.

Ҳабс барои супоридан. Мақсади тадбиқи ҳабс ин иҷро намудани дархост оид ба супоридани шахс ба давлати хориҷӣ ба ҳисоб меравад[362]. Ба ҳабс гирифтани шахс барои супоридан татиби мурофивавии муайнро доро мебошад. Қонун барои таъини ҳабс ворид гардидани дархост оид ба супоридани шахс ба давлати хориҷиро тибқи шартҳои шартномаи байналмилалии ҶТ асос меномад. Бояд

[362] Абдуллозода, П.С. Исполнение запроса о выдаче лица для разрешения уголовного дела или исполнения приговора в постсоветских странах // Вестник Санкт-Петербургского университета. Право. – 2022. – Т. 13, Вып. 3. – С. 787-80.

таъкид кард, ки ҳабс метавонад фавран пас аз боздошти шахс сурат гирад, агар дар ин лаҳза прокурор ҳуҷҷатҳои заруриро оид ба ин масъала, ки тавассути почта, телеграф, телекс, факс ва дигар намудҳои алоқа аз ҷониби дархосткунанда оид ба додани шахси ҷустуҷӯшаванда ворид шудаанд, дошта бошад. Ҳамин тариқ, интихоби муваққатии ҳабс дар ҳама ҳолатҳо иҷозат дода намешавад.

Судя ҳуҷҷатҳоро оид ба тадбиқи ҳабс нисбат ба шахсе, ки дархост дар бораи супоридани он ворид гардидаст баррасӣ менамояд. Шакли муроҷиат ба судяро дархост меноманд, ки ба он бояд маҷмӯи ҳуҷҷатҳое, ки барои тадбиқи ҳабс зарур мебошанд, замима карда шаванд. Аз ҷумла, нусхаи дархости давлати хориҷӣ, ҳуҷҷатҳое, ки мансубияти шаҳрвандии шахсро тасдиқ мекунанд, маводи зарурӣ вобаста ба санҷиш ва супоридан ҳатмист.

Дар маҷмӯъ, ҷараёни баррасии масъалаи интихоби ҳабс барои супоридан аз инҳо иборат аст: аввал боздошти шахс, интихоби ҳабсӣ муваққатӣ нисбати шахс, агар чунин қарорҳо то қабули дархости расмӣ қабул шуда бошанд); аз ҷониби прокурор таҳия намудани дархост бо замимаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ; фиристодани мавод ба судя; баррасии мавод аз ҷониби судя бо иштироки шахс, ҳимоятгари ӯ, прокурор оид ба масъалаи тадбиқи ҳабс; баровардани қарори судя дар бораи тадбиқи муҳлати ҳабс ба муҳлати муқаррарнамуда.

Ҳангоми баррасии дархости прокурор судя вазифадор аст ки дар бораи нигоҳ доштани шахси ҷустуҷӯшаванда дар давраи ҳабс қарор қабул кунад. Қабули қарор дар ин хусусро судҳои салоҳияти имумӣ дошта вобаста ба ваколатошон дар хусуси таъин ва дароз намудани муҳлатӣ дар ҳсбс нигоҳ доштан тибқи тартиби муқаррарнамудани КМҶ ҶТ амалӣ менамоянд. Прокурор ҳуқуқ дорад аз қарор оид ба ради тадбиқи ҳабс ба судҳои болои эътироз намояд. Муҳлати нигоҳ доштани шахс барои супоридан дар ҳабс аз рӯзи дастгир шудани шахс то лаҳзаи супоридан 12 моҳ пешбини карда шудааст. Ва ин муҳлати ниҳои ҳангоми қабули қарор оид ба супоридани шахс ҳисобида намешавад (м. 510).

Моддаи 510 КМҶ ҶТ ҳолатҳои махсусро ҳангоми дар ҳабс нигоҳ доштани шахси барои супориданро пешбинӣ менамояд: якум, мавҷудияти асосҳо ва имкони тамдиди муҳлати ҳабс ба муҳлати зиёда аз 12 моҳ пас аз қабули қарори мусбӣ дар бораи супоридани ӯ; дуюм, ӯҳдадории огоҳ кардани прокурор аз ҷониби маъмурияти маҳалли ҳабс на дертар аз даҳ рӯз пеш аз ба охир расидани муҳлати ҳабс барои супоридани шахс; сеюм, асосҳои озод кардани шахс аз ҳабс бо ташаббуси прокурор, аз ҷумла ба охир расидани муҳлати ҳабс; чорум, имконияти дубора интихоб кардани ҳабс, агар ин ба шартномаи байналмилалии ҶТ мухолиф набошад.

Ҳамин тариқ, тадбиқи чораҳои пешгири ҳангоми истирдод яке аз масъалаҳои муҳим дар мурофиаи ҷиноятӣ ба ҳисоб рафта, аз як ҷониб ҳуқуқу озодиҳои инсонро маҳдуд намуда аз ҷониби дигар бе тадбиқи ҷораҳои пешгирӣ истирдод ғайри имкон мегардад. Чораҳои пешгирӣ чун анъана дар намудӣ ҳабси тадбиқ карда мешаванд. Масъалаи чораҳои пешгирии ғайри ҳабсӣ ҳангоми истирдод масъалаи дурнамо буда, бояд аз дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ пешбинӣ карда шаванд.

Адабиёт:

1. Абдуллоев П.С. Запрос о выдаче лица, находящегося на территории иностранного государства: содержание и форма // Уголовный процесс. – 2021. – № 10. – С. 84-89
2. Абдуллоев П.С. Международное сотрудничество в сфере уголовного процесса в постсоветских государствах. – Москва: Юрлитинформ, 2021. – 464 с.
3. Абдуллозода П. С. Теоретические и практические подходы к международному сотрудничеству в сфере уголовного процесса в постсоветских государствах. Автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора юридических наук по специальности 12.00.09 – Уголовно-процессуальное право. – Душанбе, 2023. – 66 с.
4. Абдуллоев П.С. Понятие выдачи лиц в рамках международного сотрудничества по уголовным делам в постсоветских странах // Вестник Московского университета. Серия 11: Право. 2017. № 1. – С. 80-92.
5. Абдуллозода П.С. Гарантии прав личности при международном сотрудничестве в сфере уголовного процесса // Уголовно-процессуальные гарантии прав и законных интересов личности. Материалы II ежегодной Всероссийской научно-практической конференции «Актуальные проблемы российского уголовного процесса», к 100-летию со дня рождения заслуженного профессора МГУ Э.Ф. Куцовой. – Москва.: Юрлитинформ. 2025. – С. 143-154.
6. Абдуллозода П.С. Исполнение запроса о выдаче лица для разрешения уголовного дела или исполнения приговора в постсоветских странах // Вестник Санкт-Петербургского университета. Право. – 2022. – Т. 13, Вып. 3. – С. 787-80
7. Абдуллозода П.С. Понятие, правовая природа и виды международного сотрудничества в сфере уголовного процесса // Евразийский юридический журнал. – 2025. – № 2 (201). – С. 335-343
8. Джалолов Х.Г. Конституционно-правовые основы соблюдения прав человека при применении принудительных процессуальных мер // Актуальные вопросы совершенствования Конституции Республики Таджикистан в современных условиях. Материалы республиканской научно-теоретической конференции, посвященной 75-летию Таджикского национального университета. – Душанбе, 2023. – С. 272-278.
9. Лятифов Р. Г. Избрание мер пресечения для обеспечения выдачи лица, запрашиваемого иностранным государством в целях уголовного преследования или исполнения приговора. Дисс. кан. юр. наук. – Москва. 2019. – 202 с.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 20.11.2025
Аз тақриз баргашт: 25.11.2025
Ба чоп тавсия шуд: 25.12.2025

НАҚШИ ПРОКУРОР ДАР САМТИ ҲИМОЯИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

Маҳмудов Изатулло Тешаевич,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.
Тел.: (+992) 935044352
Email: 1978_mahmudov@mail.ru

Фишурда: Дар мақолаи мазкур нақши мақомоти прокуратура ҳамчун ниҳоди асосии назоратӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар мурофиаи ҷиноятӣ баррасӣ мешавад. Муаллиф ваколатҳои прокурорро дар таҳлил мурофиаи ҷиноятӣ намуда, ба масъалаҳои пешгирии шиканҷа, таъмини ҳуқуқи ҷабрдида ба ҷуброни зарар ва аҳаммияти даст кашидан аз айбдоркунии давлатӣ дар сурати исбот нашудани гуноҳ таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардааст. Дар хулоса муаллиф қайд менамояд, ки назорати прокурорӣ механизми муассири барқарорсозии ҳуқуқҳои вайроншудаи шаҳрвандон ва шахсони хориҷӣ мебошад. Ҳамзамон, зарурати ислоҳоти сохторӣ дар функсияҳои ин ниҳод ҷиҳати баланд бардоштани самаранокӣ ва вокуниши саривақтӣ ба чолишҳои муосир пешниҳод гардидааст.

Калидвожаҳо: ҳуқуқ, озодӣ, инсон, шаҳрванд, шаҳрванди хориҷӣ, прокурор, мақомоти прокуратура, мурофиаи ҷиноятӣ, ҳуқуқи инсон, назорати прокурорӣ, айбдоркунии давлатӣ, Конститутсия, Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ, адолати судӣ.

РОЛЬ ПРОКУРОРА В ГОСУДАРСТВЕННОЙ ЗАЩИТЕ ПРАВ И СВОБОД ЧЕЛОВЕКА И ГРАЖДАН В УГОЛОВНОМ ПРОЦЕССЕ

Махмудов Изатулло Тешаевич,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, заведующий кафедрой судебного права и прокурорского надзора, кандидат юридических наук, доцент.
Тел.: (+992) 935044352
Email: 1978_mahmudov@mail.ru

Аннотация: В данной статье рассматривается роль органов прокуратуры как основного надзорного органа в обеспечении прав и свобод человека и гражданина в уголовном судопроизводстве. Автор анализирует полномочия прокурора в уголовном судопроизводстве, уделяя особое внимание вопросам предотвращения пыток, обеспечения права потерпевшего на компенсацию ущерба и важности снятия государственных

обвинений в случае недоказуемости вины. В заключение автор отмечает, что прокурорский надзор является эффективным механизмом восстановления нарушенных прав граждан и иностранных лиц. При этом представлена необходимость структурных реформ в функциях этого органа для повышения его эффективности и своевременного реагирования на современные вызовы.

Ключевые слова: права, свобода, человек, гражданин, иностранный гражданин, прокурор, органы прокуратуры, уголовное судопроизводство, права человека, надзор со стороны прокуратуры, государственное преследование, Конституция, Уголовно-процессуальный кодекс, судебная справедливость.

THE ROLE OF THE PROSECUTOR IN THE STATE PROTECTION OF HUMAN AND CITIZENS' RIGHTS AND FREEDOMS IN CRIMINAL PROCEEDINGS

Mahmudov Izatullo Teshaevich,
Tajik national university, faculty of law, head of the department of judicial law and prosecutorial supervision, candidate of legal sciences, docent.
Phone: (+992) 935044352
Email: 1978_mahmudov@mail.ru

Annotation: This article examines the role of the prosecutor's office as the main supervisory body in ensuring the rights and freedoms of man and citizen in criminal proceedings. The author analyzes the powers of the prosecutor in criminal proceedings, paying particular attention to the issues of preventing torture, ensuring the victim's right to compensation for damages, and the importance of dropping state charges in cases where guilt cannot be proven. In conclusion, the author notes that prosecutorial supervision is an effective mechanism for restoring the violated rights of citizens and foreign nationals. At the same time, the need for structural reforms in the functions of this body is presented to increase its effectiveness and timely response to modern challenges.

Keywords: rights, freedom, person, citizen, foreign citizen, prosecutor, prosecutorial authorities, criminal proceedings, human rights, prosecutorial oversight, state prosecution, Constitution, Criminal Procedure Code, judicial justice.

Ҳуқуқи инсон дар шакли ғояву назарияҳо ташаккул ёфта, тадриҷан ҳамчун объекти бевоситаи танзими ҳуқуқӣ баромад мекунад. Аз даврaҳои аввали ташаккули мафкура ва ҷаҳонбинии ҳуқуқӣ мутафаккирон ва файласуфон дарк кардаанд, ки бе давлат, бе саъю кушиши сохторҳои ҳокимиятӣ, захираҳои давлатӣ, воқеан, таъмини ҳуқуқи инсон имконнопазир аст. Инсоният аз рӯзҳои аввали дарки моҳияти ҳуқуқу озодиҳои худ, кафолат ва ҳифзи онро ба ин ё он нерӯи танзимкунанда вобаста мекард, ҳамзамон ба

соҳибқудратон боварӣ ҳосил намуда, эҳсос менамуд, ки маҳз қудрати сиёсӣ қодир аст, мушкилии онҳоро бартараф кунад[363].

Дар давлати ҳуқуқбунёд, ки инсон ва ҳуқуқу озодиҳои он арзиши олӣ эътироф шудаанд, таъмини амният, ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқӣ аз вазифаҳои асосии давлат ба шумор меравад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 5 чунин муқаррар менамояд: «Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд»[364].

Дар илми ҳуқуқи инсон назорати прокурорӣ оид ба риояи қонунҳо дар самти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд чун шакли ҳимояи маъмурӣ-ҳуқуқӣ, яъне ҳимояи ғайрисудии ҳуқуқи инсон ба ҳисоб меравад. Ин навъи механизми ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, аз ҷумла механизми давлатии ғайрисудии ҳимоя рӯ ба инкишоф мебошад. Тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони мақомоти прокуратура қайд намуданд: «Мақомоти прокуратура яке аз ниҳодҳои муҳимми давлатдорӣ мебошанд, ки фаъолияти онҳо ба ҳифзи арзишҳои ҷомеаи демократӣ, қонуният, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлат ва ҷомеа, ошкору пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкуниҳо ва мубориза бо ҷиноятқорӣ равона гардидааст»[365]. Прокуратура дар низоми тақзияи ҳокимият мавқеи мустақилро ишғол мекунад. Чунин мақоми ҳокимияти прокурорӣ ба он имкон медиҳад, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро нисбатан босамар таъмин намояд ва ҳифз кунад. Бинобар ин, прокуратура ба сифати мақоми мустақил ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро на танҳо аз рӯйи таъиноти вазифавӣ, балки ба сифати шохаи мустақили ҳокимият тавассути низоми мувозинату боздорӣ низ ҳимоя мекунад»[366].

Тавре академик М.А. Маҳмудзода ишора менамояд: “Яке аз ҳадафҳои назорати прокурориро таъмини волоияти қонун, ягонагӣ ва мустаҳкамгардонии қонуният аз ҷониби инсон амалисозии ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва дигар ҳуқуқу озодиҳо ташкил медиҳанд”[367].

Ҷойгоҳи мақомоти прокуратура дар низоми механизми давлатии ҳимояи ҳуқуқи инсон таҷассуми худро дар функсияҳояш меёбад. Онҳо

---

[363] Миралиев И.Қ. Назария ва амалияи байналмилалӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс: таҳқиқоти назариявӣ-методологӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ [Матн]: Автореф. Дис. … д.и.ҳ. / ихтисос 12.00.01 / Исфандиёр Қарахонович Миралиев. – Душанбе, 2024. – С. 3.

[364] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст ва ба он 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 тавассути раъйпурсии умумихалқӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. (Бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе, «Нашриёти Ганҷ». – 2016. – С. 3-4.

[365] Мулокоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арафаи ҷашни иди касбии кормандони мақомоти Прокуратура. 13-уми марти соли 2018. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/17249 (Санаи мурочиат 10-уми декабри соли 2025).

[366] Махмудов И.Т. К вопросу о месте прокуратуры Республики Таджикистан в системе разделения властей // Правовая жизнь. – 2013. – № 3. – С. 44.

[367] Маҳмудов М., Худоёров Б. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон. – Душанбе: ЭР-граф, 2012. – С. 171-173.

самтҳои асосии фаъолияти прокуратураро ифода мекунанд, ки бо истифода аз шаклу усулҳои мушаххас дар доираи салоҳиятҳои дақиқ муайяншуда амалӣ карда мешаванд. Вазифаҳо ва самтҳои асосии фаъолияти мақомоти прокуратура дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005 сабт шудаанд.

Мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ доранд. Меъёри мазкур талаб мекунад, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон на танҳо эътироф ва риоя гарданд, балки мавриди ҳимоя низ қарор гиранд. Ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд вазифаи давлат ва мақомоти давлатӣ, махсусан мақомоти прокуратура ба шумор меравад. Зеро, эълон шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ба сифати арзиши олӣ ҳоло маънои дар амал татбиқ шудани онҳоро надорад. Барои дар амал татбиқ шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон зарур аст, ки воситаи муассир ва самарабахши амалисозии онҳо вуҷуд дошта бошад. Яке аз чунин воситаи назарраси таъсиррасонӣ дар татбиқ ва ҳимояи ҳуқуқи инсон ин прокуратура мебошад, ки дар доираи вазифаҳои асосии худ назорати иҷроиши қонунҳоро ба душ дорад, ки бад ин васила ҳуқуқу озодиҳои инсон ва манфиатҳои ҷомеаи шаҳрвандиро ҳимоя менамояд.

Ҳангоми иҷрои вазифаҳои худ прокурор арзу шикоятҳо ва маълумоти дигарро оид ба риоя нагардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд баррасӣ мекунад ва санҷиш мегузаронад, ба шахсони ҷабрдида тартиби ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои онҳоро мефаҳмонад, оид ба пешгирӣ ва барҳам додани риоя нашудани ҳуқуқу озодиҳо, ба ҷавобгарӣ кашида шудани шахсони гунаҳкор ва ҷуброни зарари расондашуда чораҳо меандешад[368]. Дар ин ҳол прокурор дар доираи он ваколатҳое амал мекунад, ки ба самти назорати умумӣ равона гардидааст. Агар ҳолатҳои риоя нагардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд хусусияти ҳуқуқвайронкунии маъмуриро дошта бошад, прокурор дар ин бора ба мақом ё шахси мансабдоре, ки барои баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ваколатдор аст, хабар медиҳад ва маводи санҷиширо пешниҳод менамояд[369].

Назорат дар самти амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд яке аз самтҳои асосии фаъолият прокурорӣ мебошад, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ «назорати умумӣ» номида мешавад, яъне назорат аз болои риояи талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иҷрои қонунҳои амалкунанда дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақомоти иҷроия, вазоратҳо, кумитаву идораҳои давлатӣ ва дигар мақомоти ҳокимияти иҷроия, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ, шахсони мансабдор, инчунин санадҳои ҳуқуқие, ки ин мақомот ва шахсони мансабдор баровардаанд.

[368] Ниг.: Механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон. Китоби дарсӣ. – Душанбе:, 2023. – С. 178-179.
[369] Ниг.: Механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон. Китоби дарсӣ. – Душанбе:, 2023. – С. 179.

Инчунин, прокурор ҳангоми амалӣ намудани вазифаҳои худ ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии ашхосе, ки аз қонуншиканӣ ва амалҳои шахсони дигари дар мурофиа иштирокунанда ҷабр дидаанд, таъмин мекунад, ҷиҳати ҳифзи ҳаёт, саломатӣ, шаъну шараф ва молу мулки онҳо чораҳои дахлдор меандешад. Ҷиҳати таъмин ва барқарор намудани ҷуброни зарари моддии дар натиҷаи содиршавии ҷиноят расонидашуда, прокурор даъвои маданӣ пешниҳод менамояд ё ин ки даъвои мадании пешниҳоднамудаи ҷабрдидаро дастгирӣ мекунад. Прокурор сари вақт андешида шудани чораҳои ба таъмини даъвои мадании пешниҳодшуда ё эҳтимол дар оянда пешниҳодшаванда равонагардидаро назорат мекунад. Дар низоми ҳифзи ҳуқуқи инсон, назорати прокурорӣ аз болои риояи кафолатҳои мурофиавии гумонбаршаванда ва айбдоршаванда ҳамчун самти афзалиятноки фаъолияти мақомоти прокуратура арзёбӣ мегардад. Прокурор вазифадор аст, ки ҷараёни шарҳ додани ҳуқуқҳои мурофиавӣ ва фароҳам овардани имкониятҳои воқеии амалисозии онҳоро ба иштирокчиёни мурофиа таҳти назорати қатъӣ қарор диҳад. Ҳамзамон мақомоти прокуратура бо мақсади таъмини вокуниши саривақтӣ ба ҳолатҳои содиршавии ҷиноят ва пешгирии ҳолатҳои аз бақайдгирӣ пинҳон намудани онҳо, назорати прокурориро аз болои фаъолияти мақомоти таҳқиқ ба таври қатъӣ ба роҳ мемонанд.

Ҳамин тариқ қобили қайд аст, ки нақши прокурор дар низоми механизмҳои давлатии Тоҷикистон мақоми махсуси назоратиро иҷро намуда, бо истифода аз шаклу усулҳои дақиқ муайяншуда салоҳияти худро амалӣ кунад, ки самтҳои асосии фаъолияти он мебошад. Прокурор дар мурофиаи ҷиноятӣ на танҳо ҳамчун намояндаи мақомоти таъқибкунанда, балки ҳамчун кафили риояи қонун ва ҳимоятгари ҳуқуқҳои на танҳо ҷабрдида, балки гумонбар ва айбдоршаванда низ баромад мекунад. Мақомоти прокуратура дар доираи салоҳияти худ «назорат ба риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки арзиши олӣ эътироф гардидаанд, риояи онро аз тарафи ҳама сохторҳо ва шахсони мансабдор, инчунин мақомоти роҳбарикунанда ва роҳбарони ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, амалӣ менамояд»[370]. Назорати прокурорӣ аз болои ҳуқуқу озодиҳои инсон хусусияти олии назоратӣ дошта, ба фаъолияти маъмурию идоравии дигар мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор дахолат намекунад ва онҳоро иваз наменамояд.

Прокурор ваколатдор аст, ки нисбат ба санадҳои ҳуқуқии поймолкунандаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба мақомоти қабулкарда ё ниҳодҳои болоӣ эътироз оварда, ё ҷиҳати барқарор намудани ҳуқуқҳои вайроншуда, мувофиқи қонунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суд мурочиат намояд. Прокурор ваколатдор аст, ки ба мақомот ё шахсони мансабдори дорои салоҳияти бартарафсозии

[370] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005 таҳти №107 // Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии «Адлия». – Шакли 7,0. Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24.10.2025).

қонуншиканиҳо, аз ҷумла ба ниҳодҳои болоӣ тибқи тартиби тобеияти идоравӣ, пешниҳод манзур намояд.

Мутобиқи қонунгузорӣ, қарор ва талаботи прокурор оид ба риояи тартиб ва шароити нигоҳдории шахсон дар ҷойҳои ҳабси муваққатӣ, муассисаҳои ислоҳӣ ва психиатрии судӣ барои маъмурияти ин ниҳодҳо хусусияти ҳатмӣ дошта, иҷрои бечунучарои онҳо кафолат дода мешавад[371]. Дар байни самтҳои фаъолияти мақомоти прокуратура самти назорат ба риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз лиҳози матлаб ва ҳаҷм хеле калон мебошад. Гузашта аз ин, прокурор ҳангоми фаъолияти худ дар самтҳои гуногун бо ҳуқуқи инсон сару кор мегирад. Чунки объектҳои асосии назорат бо инсон алоқаманд буда, аз тарафи прокурор назорат карда мешавад, ки то чи андоза онҳо ҳуқуқ ва озодии инсону шаҳрвандро риоя намуда истодаанд[372]. Дар бораи пурзӯр намудани назорати риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд Прокурори генералӣ чандин нишододҳо ба тасвиб расонида, аз прокурорҳои тобеаш талаб намудааст, ки дар ин соҳа назоратро қатъӣ ва ҷиддӣ ба роҳ монанд.

Дар низоми назорати риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, прокурор ваколатҳои худро тавассути якчанд усул амалӣ менамояд. Аввалин ва муҳимтарини онҳо, гузаронидани санҷишҳои нақшавӣ бо ташаббуси мақомоти прокуратура дар вазорату идораҳо, мақомоти давлатӣ ва корхонаву муассисаҳо мебошад, ки ҳадафи он ошкор намудани ҳолатҳои вайрон гардидани ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар натиҷаи амал ё беамалии шахсони мансабдор аст. Дар чунин шароит, прокурор вазифадор аст, ки вазъияти воқеии суратгирифтаро ҳамаҷониба ва бефараз мавриди баррасӣ қарор дода, бо мақсади барқарор намудани ҳуқуқҳои вайроншуда ва нест кардани оқибатҳои манфии қонуншиканӣ чораҳои таъсирбахши қонунӣ андешад. Аз як тараф, прокурор вобаста ба моҳияти қонуншиканиҳои ошкоршуда ҳуқуқ дорад санадҳои прокурорӣ, аз ҷумла эътироз, пешниҳод, қарор ё амрро таҳия ва ҷиҳати иҷрои ҳатмӣ ба мақомоти дахлдор ирсол намояд. Аз ҷониби дигар, таҷрибаи ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки қисми зиёди санҷишҳо дар асоси муроҷиати шаҳрвандон нисбат ба амал ва ё қарорҳои ғайриқонунии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдор, ки боиси поймолшавии ҳуқуқу манфиатҳои онҳо гаштаанд, оғоз мегарданд. Чунончи, ҳангоми беасос ё хилофи қонунгузорӣ қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ, ҳуқуқи конститутсионии шаҳрванд ба меҳнат ва ҳимоя аз бекорӣ ба таври ҷиддӣ поймол мегардад, ки дахолати фаврии прокурориро талаб менамояд. Прокурор ваколатдор аст, ки пас аз омӯзиши ҳамаҷонибаи маводи пешниҳодшуда ва дар сурати мавҷуд будани асосҳои кофии қонунӣ, ҷиҳати бозгашту нигоҳдорӣ дар тавқифгоҳҳои нигоҳдории муваққатӣ ва тавқифгоҳҳои тафтишотӣ, муқаррар намудани назорати маъмурӣ ва ҳабси амвол, ки бевосита ба маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон алоқаманданд,

[371] Конституционное право / Под ред. В.В. Лазарева. – М., 1998. – С. 454.
[372] Искандаров З.Ҳ. Ҳуқуқи инсон ва механизми миллии ҳимояи он. – Душанбе: Эҷод, 2006. – С. 114-117.

ризоят диҳад. Прокурор вазифадор аст, ки шахсони бидуни асосҳои қонунӣ дар тавқифгоҳҳои нигоҳдории муваққатӣ ва тавқифгоҳҳои тафтишотӣ қарордоштаро фавран озод намуда, риояи бечунучарои қонуният ва озодии инсонро таъмин намояд.

Ҳамин тариқ, назорати прокурорӣ ҳамчун механизми калидии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад намуда, барои шаҳрвандон, шахсони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд кафолати воқеии барқарорсозии ҳуқуқҳои вайроншударо дар сурати суиистифодаи ваколатҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор фароҳам меорад. Ҳамзамон, таҳлили вазъи мавҷуда нишон медиҳад, ки як қатор муқаррарот ва функсияҳои низоми назорати прокурорӣ ба ислоҳоти сохторӣ ниёз доранд. Ин иқдом ҷиҳати баланд бардоштани самаранокӣ ва таъмини иҷрои босифату саривақтии вазифаҳои стратегӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон зарур мебошад. Муқаррароти зикршуда имкон медиҳанд, ки шаклҳои асосии амалигардонии ваколатҳои прокурорӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ба гурӯҳҳои зерин тақсим карда шаванд: бартараф намудани бевоситаи нақзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон; пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои эҳтимолӣ; вокуниши ҳуқуқӣ тавассути ирсоли санадҳои назоратӣ ба мақомоту шахсони мансабдори ваколатдор ҷиҳати андешидани чораҳои фаврӣ.

Адабиёт:

1. Искандаров З.Ҳ. Ҳуқуқи инсон ва механизми миллии ҳимояи он. – Душанбе: Эҷод, 2006. – 123 с.
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст ва ба он 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 тавассути раъйпурсии умумихалқӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. (Бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе, «Нашриёти Ганҷ». – 2016. – 136 с.
3. Конституционное право / Под ред. В.В. Лазарева. – М., 1998. – 720 с.
4. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005 таҳти №107 // Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии «Адлия». – Шакли 7,0. Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24.10.2025).
5. Махмудов И.Т. К вопросу о месте прокуратуры Республики Таджикистан в системе разделения властей // Правовая жизнь. – 2013. – № 3. – С. 43-49.
6. Маҳмудов М., Худоёров Б. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон. – Душанбе: ЭР-граф, 2012. – 320 с.
7. Механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон. Китоби дарсӣ. – Душанбе:, 2023. – 480 с.
8. Миралиев И.Қ. Назария ва амалияи байналмилалӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс: таҳқиқоти назариявӣ-методологӣ ва муқоисавӣ-

ҳуқуқӣ [Матн]: Автореф. Дис. … д.и.ҳ. / ихтисос 12.00.01 / Исфандиёр Қарахонович Миралиев. – Душанбе, 2024. – 57 с.

9. Мулокоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арафаи ҷашни иди касбии кормандони мақомоти Прокуратура. 13-уми марти соли 2018. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/17249 (Санаи мурочиат 10-уми декабри соли 2025).

Мақола дар редаксия ворид шуд: 20.11.2025
Аз тақриз баргашт: 25.11.2025
Ба чоп тавсия шуд: 25.12.2025

БАЪЗЕ АЗ МАХСУСИЯТҲОИ ОҒОЗИ ПАРВАНДАИ ҶИНОЯТӢ НИСБАТИ ШАҲРВАНДОНИ ХОРИҶӢ

Охунова Наргис Шокировна,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ
Тел.: (+992) 90-811-30-10
Email: gulafshon1988@mail.ru

Фишурда: Дар мақолаи мазкур муаллиф вобаста ба баъзе аз махсусиятҳои оғози парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба шаҳрвандони хориҷӣ назари хешро баён намудааст. Гарчанде, ки имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати дарҳои бозро пеша намудааст ва ҳамгироии иқтисодиву сиёсии хешро бо созмонҳои байналмилалӣ ва давлатҳои хориҷӣ дар доираи ҳусни тафоҳум ба роҳ мондааст, ки ҳамасола теъдоди зиёди шаҳрвандони хориҷӣ ба кишвари мо ташриф меоранд. Мутаасифона имрӯз дар амалияи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳаст ҳолатҳое, ки содиршавии ҷиноятҳо маҳз бо иштироки шаҳрвандони хориҷӣ сурат мегирад. Вобаста ба бархе аз критериҳо оғози парвандаи ҷинояти нисбати онҳо берун аз қоидаҳои умумӣ сурат мегирад. Аз ин рӯ, вобаста ба масъалаи мазкур муаллиф андешаронӣ намудааст.

Калидвожаҳо: Мурофиаи ҷиноятӣ, сабаб, асос, шаҳрванди хориҷӣ, масуният, тарҷумон, қонуният, забон, сафир, масунияти дипломатӣ.

НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ВОЗБУЖДЕНИЯ УГОЛОВНОГО ДЕЛА В ОТНОШЕНИИ ИНОСТРАННЫХ ГРАЖДАН

Охунова Наргис Шокировна,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, ассистент кафедры судебного права и прокурорского надзора
Тел.: (+992) 90-811-30-10
Email: gulafshon1988@mail.ru

Аннотация: В данной статье автор высказал свою точку зрения относительно некоторых особенностей возбуждения уголовного дела в отношении иностранных граждан. Несмотря на то, что Республика

Таджикистан сегодня проводит политику открытых дверей и установила экономическую и политическую интеграцию с международными организациями и иностранными государствами в рамках добросовестного сотрудничества, ежегодно нашу страну посещает большое количество иностранных граждан. К сожалению, сегодня в практике правоохранительных органов встречаются случаи, когда преступления совершаются именно с участием иностранных граждан. В зависимости от ряда критериев возбуждение уголовного дела в отношении них осуществляется вне общих правил. Поэтому автор размышлял над этим вопросом.

Ключевые слова: Уголовное судопроизводство, повод, основание, иностранный гражданин, иммунитет, переводчик, законность, язык, посол, дипломатический иммунитет.

SOME FEATURES OF INITIATION OF CRIMINAL CASES AGAINST FOREIGN CITIZENS

Okhunova Nargis Shokirovna,
Tajik National University, Faculty of Law, Assistant of the department of Judicial Law and Prosecutor's Supervision
Phone: (+992) 90-811-30-10
Email: gulafshon1988@mail.ru

Annotation: In this article, the author expresses his views on certain aspects of initiating criminal cases against foreign citizens. Despite the Republic of Tajikistan's current open-door policy and its economic and political integration with international organizations and foreign states through good-faith cooperation, a large number of foreign citizens visit our country annually. Unfortunately, law enforcement agencies are currently encountering cases in which crimes are committed specifically with the participation of foreign citizens. Depending on a number of criteria, criminal cases against them are initiated outside the general rules. Therefore, the author has reflected on this issue.

Keywords: Criminal proceedings, reason, grounds, foreign citizen, immunity, translator, legality, language, ambassador, diplomatic immunity.

Оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ нисбати шаҳрвандони хориҷӣ аз нигоҳи бахре аз мурофиачиёни ватаниву хориҷӣ як қатор махсусиятҳоеро ба худ доро мебошад, ки дар фарқият аз шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби хос сурат мегирад.

Оғози намудани парвандаи ҷиноятӣ давраи мустақили мурофиаи ҷиноятӣ буда, бо вазифа, иштирокчиён, доираи муайяни ҳаракатҳои мурофиавӣ, ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ, бо мазмун, муҳлат ва мақсад аз дигар давраҳои мурофиаи ҷиноятӣ фарқ дорад.

Ҳангоми оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ба инобат гирифтани вазъи мурофиавии ҷиноятии шаҳрвандони хориҷӣ хеле муҳим мебошад. Муфаттиш бояд донад, ки шаҳрванди хориҷӣ дорои кадом мақом аст, дар кучо зиндагӣ мекунад, муҳлати будубоши ӯ дар ҶТ кай ба охир мерасад ва ғайра.

Дар амалияти тафтишотӣ ҳолатҳои муҳиме ҳастанд, ки барои тафтишот аҳамиятноканд ва муфаттишро зарур аст, ки зимни қабули қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ ва тафтиши пешакии он бояд, ки ба назар гирад, зеро сари вақт тафтиш ва баррасӣ намудани парванда аз он вобаста аст. Олимони рус А.И. Бастрыкин ва О.И. Александрова қайд менамояд, ки муҳлати будубоши шаҳрвандони хориҷӣ дар аксар мавридҳо маҳдуд аст, ки бо назардошти маҳдудиятҳои мурофиавӣ метавонад боиси аз даст додани имконияти гузаронидани амалиёти зарурии тафтишотӣ бо иштироки шаҳрванди муайяни хориҷӣ (шоҳид ё ҷабрдидаи ҷинояти мазкур) гардад[373].

А.А. Сизов қайд менамояд, ки ҳангоми қабули қарор дар бораи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ нисбати шаҳрванди хориҷӣ муфаттиш дар баробари муайян кардани сабабҳои дуруст ва асосҳои кофии оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ бояд: вазъи ҳуқуқии шаҳрванди хориҷӣ; доштани масунияти ҳуқуқӣ аз салоҳдиди ҷиноятии Россия, қонунӣ будани будубоши ӯ дар қаламрави Россия, мавҷудияти корти муҳоҷират; ҷои кор ва вазифа дар хорича; ҷои истиқомати доимӣ дар хорича ва ҷои будубоши муваққатӣ дар қаламрави Россия, давраи будубоши қонунии ӯ дар Русия (эътибори раводид ё иҷозатнома). Ҳолатҳои охирин бо муҳлатҳои муқаррарнамудаи қонун барои гузаронидани санҷиши пешакии хабар дар бораи ҷиноят алоқаманд аст. Чуноне, ки маълум аст, муҳлати тафтишии пеш аз тафтишот то 3 рӯз муқаррар карда шудааст. Дар ҳолатҳои истисноӣ ин мӯҳлат метавонад то 30 рӯз дароз карда шавад. Ҳамзамон, ҳолатҳои парванда метавонад хеле кам кардани ин мӯҳлатҳоро талаб кунад[374].

Зимни оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба шаҳрванди хориҷӣ муфаттишро зарур аст, ки диққати аввалиндараҷаи худро ба масъалаи донистани забоне, ки пешбурди парванда ба он бурда мешавад равона намояд, яъне муайян намояд, ки ки шаҳрванди хориҷӣ бо забони

---

[373] Бастрыкин А.И., Александрова О.И. Расследование по делам с участием иностранных граждан // Законность. – 2004. – № 1. – С. 13-15.

[374] Сизов А.А. Особенности досудебного ироизводства по делам о преступлениях, совершаемых иностранными гражданами. Дисс. … канд. юр. наук. – Воронеж – 2006. – С. 72.

пешбурди парванда гап зада метавонад ё не. Агар забони пешбурди парвандаро надонад, ба ӯ бояд ҳуқуқи доштани тарҷумон дар тамоми давраҳои мурофиаи ҷиноятӣ таъмин кард шавад. Зеро яке аз масъалаҳои асосӣ ва ҳалкунанда дар давраи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ таъмин намудани принсипи забони мурофаи ҷиноятӣ мебошад. Мутобиқи м.2 Конститутсияи ҶТ забони давлатии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст. Ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ зиндагӣ мекунанд, ҳуқуқ доранд аз забони модариашон озодона истифода кунанд[375]. Мутобиқи м.5 Қонуни ҶТ "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" коргузории мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ дар ҶТ бо забони давлатӣ сурат мегирад[376].

Мутобиқи қ. 2 м. 18 КМҶ ҶТ (принсипи забони мурофиаи судии ҷиноятӣ) иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, ки забони мурофиаро намедонанд, ҳуқуқи бо забони модариашон ё забони дигаре, ки онро медонанд, арз кардан, нишондод додан, изҳори дархост кардан, шинос шудан бо маводи парвандаро дошта, бо тартиби муайяннамудаи Кодекси мазкур ба онҳо хизматрасонии тарҷумон таъмин карда мешавад ё мурофиаи судии ҷиноятӣ бо забони аксарияти аҳолии маҳал гузаронида мешавад. Инчунин мутобиқи қисми 3-и моддаи мазкур ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ, ки мутобиқи Кодекси мазкур ба гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, маҳкумшуда, инчунин дигар иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ аз ҷониби мақомоти ин ҳуҷҷатҳоро таҳиянамуда дода мешаванд, бояд ба таври дахлдор тасдиқ карда шуда, ба забони давлатӣ ё забоне, ки онҳо медонанд, тарҷума шуда бошанд[377].

Таъмини истифодаи забони модарӣ дар ҷараёни пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ демократии қонунгузории амалкунанда ва давлатро ифода намуда, инчунин шарти асосии татбиқи принсипҳои эҳтиромӣ шаъну шарафи шахс, таъмини ҳуқуқи айбдоршаванда ба ҳимоя ва мубоҳисавии тарафҳо мебошад[378]. Татбиқи принсипи забони мурофиаи судии ҷиноятӣ танҳо бо ёрии тарҷумонҳо дар парвандаи ҷиноятӣ

---

375 Констиутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Захираи электронӣ. Манбаи дастрасӣ: http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=1 (санаи мурочиат 28.09.2025).

376 Қонуни ҶТ "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон". Манбаи электронӣ. Реҷаи дастрасӣ. http://mmk.tj/content/%D2%9B%D0%BE%D0%BD%D1%83%D0%BD%D0%B8%D2%B7%D1%83%D0%BC%D2%B3%D1%83%D1%80%D0%B8%D0%B8%D1%82%D0%BE%D2%B7%D0%B8%D0%BA%D0%B8%D1%81%D1%82%D0%BE%D0%BD%D0%B4%D0%B0%D1%80%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B0%D0%B8%D0%B7%D0%B0%D0%B1%D0%BE%D0%BD%D0%B8%D0%B4%D0%B0%D0%B2%D0%BB%D0%B0%D1%82%D0%B8%D0%B8%D2%B7%D1%83%D0%BC%D2%B3%D1%83%D1%80%D0%B8%D0%B8%D1%82%D0%BE%D2%B7%D0%B8%D0%BA%D0%B8%D1%81%D1%82%D0%BE%D0%BD. (санаи мурочиат: 30.09.2025).

377 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри соли 2009, таҳти № 564 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз соли 2009, №12, мод. 815, мод. 816; (бо тағйиру иловаҳо аз 03.01.2024 № 2017).

378 Н.Н. Жороев. Особенности участия переводчика в досудебном производстве // Вестник Московского университета МВД России. - № 8 / 2016. – С. 97.

имконпазиранд. Дар мурофиаи ҷиноятӣ амали намудани ҳуқуқи шахс танҳо дар ҳолате имконпазир мегардад, ки ҳуқуқҳои онҳо дар санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ муқаррар ва кафолат дода шуда бошанд. Дар робита ба ин яке аз дастовардҳои муҳими қонунгузории мурофиавии ҷиноятии тоҷик дар он аст, ки яке аз бобҳои худро пурра ба принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ бахшидааст, ки дар инҷо принсипи забони мурофиаи судии ҷиноятӣ низ истисно намегардад.

Мутобиқи таснифбандии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ тарҷумон ба гуруҳи дигари иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ шомил карда шудааст. Мутобиқи қ.1 м. 59 КМҶ ҶТ тарҷумон шахсест, ки забонҳои барои тарҷума заруриро медонад ва барои иштирок дар амалҳои тафтишию судӣ дар ҳолатҳое, ки гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, ҳимоятгарони онҳо ё ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ё намояндагони онҳо, инчунин шоҳидон ва дигар иштирокчиёни мурофиа забонеро, ки пешбурди парванда ба воситаи он анҷом дода мешавад, намедонанд, инчунин барои тарҷумаи маводҳои хаттӣ даъват карда мешавад[379].

Дар банди f-и қ. 3 м. 14 Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои фитрӣ ва сиёсӣ муқаррар карда шудааст, ки шахсе, ки агар ӯ забонеро, ки дар суд истифода мешавад, нафаҳмад ё бо ин забон ҳарф назанад, бепул аз кӯмаки тарҷумон истифода намояд[380]. Инчунин мутобиқи қ. 4 м. 88 Конститутсияи ҶТ шахсоне, ки забони мурофиаро намедонанд, бо тарҷумон таъмин карда мешаванд[381]. Бо баинобатгирии кафолатҳои конститутсионии мазкур, дар қонунгузории мурофивии ҷиноятии ҶТ бевосита меъёри мазкур дарҷ карда шудааст.

Чӣ гунае, ки қайд намудем дар боло мурофиаи ҷиноятӣ аз лаҳзаи қабул намудани қарор дар бораи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ шуруъ мегардад. Шаҳрвандони хориҷӣ, ки вориди муносибатҳои мурофиави ҷиноятӣ мегарданд, аз лаҳзаи ворид гардиданашон ҳуқуқ доранд, ки аз хизмати ройгони тарҷумон истифода намоянд ва шахсе, ки пешбурди парванда бар зиммаи ӯст, уҳдадор аст, ки ӯро бо тарҷумон таъмин намояд. Масалан, агар ба ҳуқуқу уҳдадориҳои гумонбаршуда ва айбдоршаванда назар афканем бевосита ҳуқуқҳои мазкур дарҷ карда шудаанд (б. 6 қ. 4 м. 46 ва б. 7 қ. 4 м. 47 КМҶ ҶТ).

---

379 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри соли 2009, таҳти № 564 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз соли 2009, №12, мод. 815, мод. 816; (бо тағйиру иловаҳо аз 03.01.2024 № 2017).

380 Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуққҳои фитрӣ ва сиёсӣ. Манбаи электронӣ. Реҷаи дастрасӣ. http://mmk.tj/content/%D0%BF%D0%B0%D0%B9%D0%BC%D0%BE%D0%BD%D0%B8%D0%B1%D0%B0%D0%B9%D0%BD%D0%B0%D0%BB%D0%BC%D0%B8%D0%BB%D0%B0%D0%BB%D3%A3%D0%B4%D0%BE%D0%B8%D1%80%D0%B1%D0%B0%D2%B3%D1%83%D2%9B%D1%83%D2%9B%D2%B3%D0%BE%D0%B8%D1%84%D0%B8%D1%82%D1%80%D3%A3%D0%B2%D0%B0%D1%81%D0%B8%D1%91%D1%81%D3%A3. (санаи муроҷиат 25.10.2025)

381 Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Захираи электронӣ. Манбаи дастрасӣ: http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=1 (санаи муроҷиат 04.11.2025).

Ҳама гуна маҳдуднамоии ҳуқуқҳои гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ва ҳимоятгар бинобар сабаби надонистани забоне, ки пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бо он сурат мегирад ва ба ин шахсон дар ҳама даврaҳои мурофиаи судӣ имкони истифодаи забони модариашон дода нашудааст, вайрон кардани меъёрҳои қонуни мурофиавии ҷиноятӣ мебошад, ки боиси бекор кардани қарорҳои қабулгардида мегардад.

Зарурати иштироки тарҷумон бевосита дар амалишавии риояи ҳуқуқу озодиҳои шахсони иштирокчии парванда заминаи мусоидеро фароҳам меовард ва баҳри ҳарчи зудтар баҳри ҷамъоварӣ намудани далелҳо ва баитмом расонидани тафтишот хизмат менамоянд. Зеро фаъолияти мурофиаи ҷиноятӣ ин аз ҷамъоварӣ намудани далелҳо ва дар асоси онҳо қабул намудани қарорҳои асоснок вобастагии бузургро дорост. Аз ин ҷост, ки қонунгузорӣ иштироки тарҷумон ва таъмин намудани гумонбаршуда ва судшавандаро бо тарҷумон кафолат додааст.

Якчиро бояд зикр намуд, ки ҳастанд ҷиноятҳое, ки онҳо аз ҷониби шаҳрвандони хориҷие содир мешаванд, ки онҳоро бо тарҷумон таъмин намудан, мушкилиҳои зиёдеро ба бор меорад, зеро донандагони забони ҷиноятккори мазкур ангуштшумор ва ё ки умуман вуҷуд надоранд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар ҳолати таъин ва ҷалб намудани тарҷумон муфаттишро зарур аст, ки диққати аввалиндараҷа ба масъалаи интихоби тарҷумони ҳамҷинси гумонбаршуда ва ё айбдоршаванда равона намояд. Зеро зимни пешбурди тафтишоти пешакӣ ҳастанд амалҳои тафтишие ба монандӣ шаҳодаткунонӣ ва ё кофткуови шахсӣ, ҳангоми анҷом додани онҳо, танҳо иштироки шахсони ҳамҷинсро қонунгузорӣ бо мақсади эҳтироми шаъну шарафи шахс иҷозат додааст. Аз ин рӯ, бо мақсади сарфа намудани муҳлати тафтишоти пешакӣ муфаттишонро зарур аст, ки ба масъалаи таъин ва интихоби тарҷумонҳо эҳтиётккорона муносибат намоянд.

Дар амалия бисёре аз ҷиноятҳое, ки муқобили шахсият ва моликияти шаҳрвандони холиҷӣ танҳо бо муроҷиати шифоҳии онҳо ба мақомот парванда оғоз карда мешавад. Дар натиҷаи омӯзиши як қатор парвандаҳои ҷиноятие, ки нисбати шаҳрвандони хориҷӣ оғоз карда шудааст, дар вақти қабул намудани муроҷиатҳои онҳо ба як қатор хатогиҳои мурофиавӣ роҳ дода мешавад. Зеро аксар вақт қабул намудани муроҷиати шаҳрвандони хориҷӣ бидуни иштироки тарҷумон ва ҳимоятгар бо забони модариашон қабул карда мешавад, ки ин хилофи қонун аст. Шахсе, ки аризаро ба таври шифоҳӣ аз шаҳрванди хориҷӣ доир ба ҷинояти содирнамудааш қабул намудааст, ухдадор аст, ки дар протокол дарҷ намояд.

Зимни тартиби протокол доир ба қабул намудани арзи шаҳрванди хориҷӣ бояд ба таври возеҳ ва пурра маълумот дар бораи шахсияти ӯ муайян карда шуда, сабт карда шавад. Ҳамзамон дар протоколи қабули аризаи шифоҳӣ ба ғайр аз маълумотҳои муқаррарӣ, бояд маълумоти иловагӣ, ба монандӣ ҳолатҳои зерин дарҷ карда шавад:

1. Миллат ва шаҳрвандии муроҷиаткунанда;
2. Ҷои истиқомати доимӣ дар хориҷа ва муваққатӣ ;
3. Мӯҳлати эътибори раводид;

4. Ҷои кор ва вазифаи доимӣ дар хориҷа ва ҷои кор ва вазифаи муваққатӣ (агар бошад)[382].

Дар протокол ба ғайраз ҳолатҳои дарҷшуда, инчунин дарҷ намудани маълумотҳои зерин зарур аст, ба монандӣ ҳуҷҷатҳое, ки шаҳрвандии шахсро муайян менамоянд ва доир ба ҳолати будубошӣ ва муҳлати пешбинигардида дар кишвар. Маълумотҳои ишорагардида бар он зарур аст, ки муфаттиш шахсони мазкурро барои иштирок дар амалҳои тафтишотӣ даъват намояд, агар ӯ сафари корӣ ё сайёҳии худро дар кишвари мо идома диҳад; масъалаҳоеро, ки бо муассисаю ташкилотҳои дахлдор (мақомоти давлатӣ, намояндагиҳои дипломатӣ ва консулӣ ва ғайра) алоқаро тақозо мекунанд, ҳал намояд; барои муроҷиатҳои эҳтимолӣ ба мақомоти судӣ ва тафтишотии давлатҳои хориҷӣ мувофиқи шартномаҳо дар бораи ёрии ҳуқуқӣ ва ғайра чораандешӣ намояд.

Зимни қабули ариза аз шаҳрвандони хориҷӣ, ки масунияти дипломатӣ (дахлнопазирӣ) доранд, ба таври истисно бояд, кидар протоколи қабули аризаи шифоҳӣ дархост ё розигии ӯ барои анҷом додани амалҳои мурофиавӣ бо иштирок ва ё бидуни иштирокашон дарҷ карда шавад. Дар чунин маврид шахсони мазкурро доир ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дидаю дониста хабари бардурӯғ огоҳ карда намешаванд ва он манъ аст.

Ҳангоми оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ нисбати шаҳрвандони хориҷӣ бояд фавран муҳлати будубоши онҳоро дар ҶТ муайян кард. Онҳо ба андозаи зарурӣ дараҷаи зудтар гузарондани тафтиши корро муайян мекунанд. Пеш аз ба охир расидани тафтишот аз ҳудуди ҶТ рафтани шаҳрванди хориҷӣ (ҷабрдида, шоҳид ё гумонбаршуда, айбдоршаванда) пешбурди тафтишотро хеле душвор ва дар баъзе мавридҳо комилан ғайриимкон мегардонад.

Аз ин рӯ, тафтиши сабаб ва асосҳои оғози парвандаи ҷиноятӣ бояд ҳарчи зудтар, чун қоида дар давоми як рӯз анҷом дода шавад. Ҳангоми оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ талабҳоти мурофиавии иштироки тарҷумонро бечунучаро риоя кардан лозим аст.

Риояи талаботи қонун дар бораи иштироки тарҷумон дар давраи оғози парвандаи ҷиноятӣ на танҳо аҳамияти мурофиавӣ, балки аҳамияти тактикиро низ доро мебошад. Дар ҷараёни минбаъдаи тафтишот бархе аз шаҳрвандони хориҷӣ бинобар надонистани забони тоҷикӣ ва нафаҳмидани моҳияти саволҳои қаблан додашуда, нишондоди қаблан додаи худро тағйир доданӣ мешаванд. Барои роҳ надодан ба чунин ҳолатҳо ва пешгирии онҳо, бояд, ки иштироки тарҷумонро аз лаҳзаи оғози парванда таъмин ва ба он эҳтиёткорона муносибат намуд.

Аслан дар марҳилаҳои тафтишоти пешакӣ, чун қоида амалҳои тафтишии пешакии зерин ба монандӣ азназаргузаронии ҷои ҳодиса ва пурсиши ҷабрдидаву шоҳидон анҷом дода мешавад. Азназаргузаронии ҷои ҳодиса бо дарназардошти тактика ва усулҳои коркарда

---

[382] Бастрыкин А.И., Александрова О.И. Уголовные дела с участием иностранцев: вопросы тактики, организации и методики расследования: науч.-практ. пособие. СПб., 2003. С. 134.

баромадашуда гузаронида мешавад. Ба ҳайати иштирокчиёни чунин амалҳои тафтишӣ шомил намудани ҷабрдида ва тарҷумон ва дар баъзе мавридҳои зарурӣ намояндаи муассисае, ки аз онҷо шаҳрванди хориҷӣ омадааст, ба мақсад мувофиқ мебошад.

Азбаскӣ бе ёрии тарҷумон ошкор намудани ҳолатҳои зарурӣ, мустаҳкам намудан ва гирифтани изҳои дахлдор объективона ғайриимкон аст. Аз ин лиҳоз, пешниҳод карда мешавад, ки дар қисми навбатдории мақомотҳои тафтишотӣ ва ё дар шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилаи ҶТ дар шаҳру ноҳияҳо руйхати шахсоне, ки забонҳои хориҷиро медонанд бо зикри ному насаб, суроға ва бо рақамҳои телефонашон тартиб дода шавад ва ба сифати тарҷумон дар ҳолатҳои зарурӣ бо мақсади сарфа намудани вақт, даъват карда шаванд. Диққати махсус бояд ба интихоби шахсони холис дода шавад.

Тавре маълум аст, дар рафти тафтиши ариза (хабар) дар бораи ҷиноят маводҳои заруриро талаб карда, баёнот гирифтан мумкин аст. Аммо бояд дар назар дошт, ки ҳама гуна амали мурофиавӣ нисбат ба шахсони дорои масунияти дипломатӣ ё дигар масуният тибқи қ. 2 м. 5 КМҶ ҶТ танҳо бо хоҳиш ё ризои ӯ, ки тавассути Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта мешавад, амалиёти мурофиавии бо Кодекси мазкур пешбинишуда гузаронида мешавад.

Дар сурати ошкор шудани аломатҳои таркиби ҷиноят аз ҷониби шаҳрванди хориҷӣ ё нисбати шаҳрванди хориҷӣ, ки муҳлати раводиди воридшавиаш ба охир мерасад ё раводиди транзитӣ дорад, бояд дар муҳлати кутоҳ тафтиши ариза (хабар) гузаронида шавад. Дар акси ҳол, шахсони дар ҷиноят дастдошта қаламрави ҶТ-ро тарк мекунанд ва қабули қарори қонунӣ ва асоснокро мушкил ва ё ғайриимкон мегардонанд. Дар сурати ошкор намудани аломатҳои таркиби ҷиноят дар кирдори шахсони дорои масунияти дипломатӣ дошта, саволе ба миён меояд, ки нисбат ба онҳо чӣ гуна қарор қабул намуд: оғоз ва ё рад намудан.

Дар адабиёти мурофиавӣ дар ин маврид тавсияҳо дода шудаанд, ки дар ин маврид дар бораи рад кардани оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ қарор қабул карда шавад. Дар баробари ин, асоси моддию ҳуқуқии қарор дар бораи рад намудан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ ин мавҷудияти масуният аз тобеияти судии ҷиноятии (юрисдиксияи ҷиноятӣ) ҶТ ва асоси мурофиавӣ бошад ин – набудани розигии давлати таъйинкунанда ё ташкилоти байналмилалӣ барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси дорои масуният мебошад.

Воқеан, Конвенсияҳо, оинномаҳои созмонҳои байналмилалӣ ва созишномаҳои байни Ҳукумати ҶТ ва созмонҳои мушаххаси байналмилалӣ муқарраротро муайян мекунанд, ки давлатҳои ирсолкунанда (аккредитатсионӣ) ва ташкилотҳои байналмилалӣ ҳуқуқ доранд аз масунияти дипломатӣ ва дигар масуниятҳои ба шахсони мансабдор ва аъзои оилаи онҳо додашудааст, даст кашанд.

Аммо муроҷиат ба давлати таъйинкунанда ё созмони байналмилалӣ бо мақсади гирифтани ризоият ба таъқиботи ҷиноятии чунин шахсон дар марҳилаи оғози парвандаи ҷиноятӣ бо сабабҳои зерин мушкил аст.

Дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ҶТ барои баровардани қарор дар бораи рад намудан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ нисбати шаҳрванди хориҷӣ, ки аз доираи салоҳияти ҷиноятии қонунгузории ҶТ масуният доранд, асосҳои мурофиавии ҷиноятиро пешбинӣ накардааст. Дар м. 27 КМҶ ҶТ вобаста ба ин масъала низ ишора нагардидааст. Аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ аст, ки ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад.

Аз ҳамаи гуфтаҳои болозикр, ба чунин хулоса омдан мумкин аст, ки оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ нисбати шаҳрвандони хориҷӣ хусусиятҳои ба худ хосе доро мебошанд, ки аз инҳо иборат мебошад.

– ҳуқуқи истифодаи кӯмаки тарҷумон ҳангоми надонистан ё нокифоя донистани забони пешбурди парвандаи ҷиноятӣ;

– ҳуқуқи доштани намоянда;

– ҳуқуқ ба ҳимоя;

– ҳуқуқи вохӯрдан бо намояндаи давлати хориҷӣ.

Шаҳрванди хориҷӣ, ки аз ҷиноят зарар дидааст, на ҳама вақт қодир аст, ки ҳуқуқҳои мурофиавии худро аз ҷиҳати ҳуқуқӣ дуруст амалӣ намояд ва аз ин рӯ, ӯ дар ҳама марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ба кӯмаки намоянда ниёз дорад. Барои шахсе, ки забони пешбурди парвандаи ҷиноятиро ба қадри кофӣ намедонад, амалӣ намудани чунин ҳуқуқҳо, ба монанди пешниҳоди дархост (аз ҷумла, оид ба чораҳои амниятӣ), радкунӣ, пешниҳоди далелҳо, шикоят нисбат ба ҳукм, таъинот, қарорҳои суд ва ғайра душвор аст.

Шахсе, ки тафтишотро пеш мебарад, на ҳама вақт маънои ин ҳуқуқҳоро тавре шарҳ медиҳад, ки онро ҷабрдида фаҳмад. Дар баробари ин, КМҶ ҶТ ҳолатҳои иштироки ҳатмии намояндаи ҷабрдидаро пешбинӣ намекунад. Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ нуқтаи назаре баён шудааст, ки мувофиқи он аз ҳисоби давлат бо ҳимоятгар таъмин намудани ҳамаи ҷабрдидагон мувофиқи мақсад аст, чуноне, ки нисбат ба гумонбаршуда ва айбдоршавандагон сурат мегирад.

Аз ин рӯ, пешниҳод карда мешавад, ки нисбат ба ҷабрдидагоне, ки шаҳрванди хориҷӣ мебошанд, дар пешбурди парвандаҳое, ки онҳо дар он ҷабрдида мебошанд, иштироки ҳимоятгар ҳатмӣ шуморида мешавад.

КМҶ ҶТ асосҳои мурофиавии ҷиноятиро барои баровардани қарор дар бораи қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ ё таъқиботи ҷиноятиро нисбати шаҳрванди хориҷӣ, ки аз доираи салоҳияти ҷиноятии қонунгузории ҶТ дахлнопазириро бархурдор аст, яъне дорои масуният (иммунитет) мебошад, ҷудо накардааст.

Ҳамин тариқ, ҳангоми қабули қарор дар бораи қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ ё таъқиботи ҷиноятӣ ҳамчун асоси ҳуқуқии чунин қарор бояд ба меъёри дахлдори боби 2 Кодекси ҷиноятии ҶТ ва м. 27 КМҶ ҶТ мутобиқат намояд. Дар сурати маҳрум кардани масунияти давлати фиристонанда аз салоҳдиди ҷиноятӣ шаҳрванди хориҷӣ, тибқи асосҳои умумӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Конвенсия дар бораи имтиёзҳо ва масуниятҳои муассисаҳои махсусгардонидашудаи СММ соли 1947 (фасли 22) муқаррар мекунад, ки муассисаи махсус ҳуқуқ дорад ва уҳдадор аст аз дахлнопазирии ба ҳар як мансабдори худ додашуда даст кашад, вақте ки ба ақидаи муассисаи мазкур, дахлнопазирӣ ба амалӣ гардондани адолати судӣ халал мерасонад ва даст кашидан аз он ба манфиати муассисаи махсус бе зарар бошад, дода мешавад. Аммо, агар масъалаи даст кашидан аз дахлнопазирӣ ҳал нашавад ё ризоияти возеҳ ба даст наояд, ҳеҷ гуна мурофиаи судӣ сурат гирифта наметавонад[383].

Аз ин лиҳоз, ба андешаи мо, аз рӯи парвандаи ҷиноятии оғозгардида нисбати шаҳрванди хориҷие, ки дахлнопазирӣ (масуният) дорад, анҷом додани тамоми амалҳои тафтишӣ ва дигар амалҳои мурофиавӣ, ки ба муайян кардани гунаҳкор, ҷамъоварии далелҳо ва муайян кардани тамоми ҳолатҳои содиршавии ҷиноят нигаронида шудаанд, ба мақсад мувофиқ аст, ба шарте, ки ба дахлнопазирии (масунияти) дипломатӣ таъсир нарасонанд.

Сипас пешбурди парвандаи ҷиноятӣ то ба даст овардани розигии мустақими давлати таъйинкунанда боздошта шавад. Пас аз гирифтани розигӣ, пешбурди парванда боз аз сари нав оғоз карда мешавад. Агар давлати таъйинкунанда ризоият надиҳад, ё ин ки маълум набошад, он гоҳ шахси пешбарандаи тафтишот бояд парвандаи ҷиноятӣ, таъқиби ҷиноятиро тибқи қоидаҳои муқаррароти м. 27 КМ ҶТ қатъ намояд.

Аз ин рӯ, пешниҳод карда мешавад, ки дар м. 27 КМҶ ҶТ банди алоҳида бо мазмуни зерин илова карда шавад: «нисбат ба шахсоне, ки масунияти дипломатӣ доранд, дар сурати набудани ризоияти давлати таъйинкунанда ё созмони байналмилалӣ барои оғоз намудани таъқиботи ҷиноятӣ нисбати шахси дорои дахлнопазирӣ ё ризоияти худи шахсе, ки масунияти комилро (мутлақ) дорост, парвандаи оғозшуда қатъ карда мешавад».

Адабиёт:

1. Бастрыкин А.И., Александрова О.И. Уголовные дела с участием иностранцев: вопросы тактики, организации и методики расследования: науч.-практ. пособие. СПб., 2003. – С. 134.

[383] Конвенция о привилегиях и иммунитетах специализированных учреждений ООН. Манбаи электронӣ. Реҷаи дастрасӣ. https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/specagencies_privileges.shtml санаи муроҷиат (27.10.2025).

2. Бастрыкин А.И., Александрова О.И. Расследование по делам с участием иностранных граждан // Законность. – 2004. № 1. – С. 13-15.

3. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри соли 2009, таҳти № 564 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз соли 2009, №12, мод. 815, мод. 816; (бо тағйиру иловаҳо аз 03.01.2024 № 2017).

4. Конвенция о привилегиях и иммунитетах специализированных учреждений ООН. Манбаи электронӣ. Реҷаи дастрасӣ. https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/specagencies_privileges.shtml санаи мурочиат (27.10.2025).

5. Констиутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Захираи электронӣ. Манбаи дастрасӣ: http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=1 (санаи мурочиат 04.11.2025).

6. Қонуни ҶТ “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”. Манбаи электронӣ. Реҷаи дастрасӣ. http://mmk.tj/content/%D2%9B%D0%BE%D0%BD%D1%83%D0%BD%D0%B8%D2%B7%D1%83%D0%BC%D2%B3%D1%83%D1%80%D0%B8%D0%B8%D1%82%D0%BE%D2%B7%D0%B8%D0%BA%D0%B8%D1%81%D1%82%D0%BE%D0%BD%D0%B4%D0%B0%D1%80%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B0%D0%B8%D0%B7%D0%B0%D0%B1%D0%BE%D0%BD%D0%B8%D0%B4%D0%B0%D0%B2%D0%BB%D0%B0%D1%82%D0%B8%D0%B8%D2%B7%D1%83%D0%BC%D2%B3%D1%83%D1%80%D0%B8%D0%B8%D1%82%D0%BE%D2%B7%D0%B8%D0%BA%D0%B8%D1%81%D1%82%D0%BE%D0%BD. (санаи мурочиат: 30.09.2025).

7. Н.Н. Жороев. Особенности участия переводчика в досудебном производстве // Вестник Московского университета МВД России. – № 8 / 2016. – С. 97-102.

8. Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуққҳои фитрӣ ва сиёсӣ. Манбаи электронӣ. Реҷаи дастрасӣ. http://mmk.tj/content/%D0%BF%D0%B0%D0%B9%D0%BC%D0%BE%D0%BD%D0%B8%D0%B1%D0%B0%D0%B9%D0%BD%D0%B0%D0%BB%D0%BC%D0%B8%D0%BB%D0%B0%D0%BB%D3%A3%D0%B4%D0%BE%D0%B8%D1%80%D0%B1%D0%B0%D2%B3%D1%83%D2%9B%D1%83%D2%9B%D2%B3%D0%BE%D0%B8%D1%84%D0%B8%D1%82%D1%80%D3%A3%D0%B2%D0%B0%D1%81%D0%B8%D1%91%D1%81%D3%A3. (санаи мурочиат 25.10.2025)

9. Сизов А.А. Особенности досудебного ироизводства по делам о преступлениях, совершаемых иностранными гражданами. Дисс. … канд. юр. наук. – Воронеж. – 2006. – 196 с.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 20.11.2025
Аз тақриз баргашт: 25.11.2025
Ба чоп тавсия шуд: 25.12.2025

ҚАТЪ НАМУДАНИ ПАРВАНДАИ ҶИНОЯТӢ БИДУНИ АСОСҲОИ ОФИЯТНАМОӢ: МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМО

Зиёвадинов Исломҷон Искандарович,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ
Тел.: (+992) 905-95-09-05
Email: islom_iskandar@mail.ru

Роҳбари илмӣ: Искандаров З.Ҳ., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Муқарриз: Маҳмудов И.Т., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

Фишурда: Мақолаи мазкур ба яке аз падидаҳои ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ – қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ бахшида шудааст. Муаллиф асосҳои қатъ намудани парвандаи ҷиноятиро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, ба чунин хулоса меояд, ки амалинамоии падидаи мазкур дар давраи тафтишоти пешакӣ ба амалишавии принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар зиддият қарор дошта, боиси вайроншавии ҳуқуқҳои шахс бар он гардад. Ҳамзамон дар қонунгузории ҷории кишвар вобаста ба асосҳои ҳуқуқии пайдоиши ҳуқуқи шахс ба офият бархе аз норасоиҳо вуҷуд дорад. Вобаста ба ҳолати мазкур муаллиф кӯшиш намудааст, ки ҷиҳати такмили қонунгузории ҷории кишвар пешниҳодҳоеро пешкаш намояд.

Калидвожаҳо: мурофиаи ҷиноятӣ, таъқибот, офият, зарар, синну сол, ҳуқуқ, манфиат, прокурор, эҳтимолияти бегуноҳӣ, мубоҳисавӣ, тафтишоти пешакӣ, доғи судӣ.

ПРЕКРАЩЕНИЯ УГОЛОВНОГО ДЕЛА ПО НЕРЕАБИЛИТИРУЮЩИМ ОСНОВАНИЯМ: ПРОБЛЕМЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ

Зиёвадинов Исломджон Искандарович,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, ассистент кафедры судебного права и прокурорского надзора
Тел.: (+992) 905-95-09-05
Email: islom_iskandar@mail.ru

Научный руководитель: Искандаров З.Х., доктор юридических наук, профессор
Рецензент: Махмудов И.Т., кандидат юридических наук, доцент

Аннотация: Статья посвящена одному из институтов уголовно-процессуального права – прекращению уголовного дела. Автор исследует и

анализирует основания прекращения уголовного дела и приходит к выводу, что реализация данного явления в период предварительного расследования противоречит реализации принципу презумпцию невиновности, что влечет за собой определенные последствия. Вместе с тем в действующем законодательстве страны имеются некоторые недостатки в части правовых основ возникновения права человека на реабилитацию. В связи со сложившейся ситуацией автор предпринял попытку внести предложения по совершенствованию действующего законодательства страны.

Ключевые слова: уголовное судопроизводство, преследование, реабилитация, вред, возраст, права, интересы, прокурор, презумция невиновности, состоязательности, предварительное расследование, судимость.

TERMINATION OF A CRIMINAL CASE ON NON-REHABILITATING GROUNDS: PROBLEMS AND PROSPECTS

Ziyovadinov Islomjon Iskandarovich,
Tajik National University, Faculty of Law, Assistant of the Department of Judicial Law and Prosecutor's Supervision
Tel.: (+992) 905-95-09-05
Email: islom_iskandar@mail.ru

Supervisor: Iskandarov Z.Kh., Doctor of Law Sciences, Professor
Reviewer: Makhmudov I.T., Candidate of Law Sciences, docent

Annotation: The article is devoted to one of the institutions of criminal procedure law - the termination of a criminal case. The author examines and analyzes the grounds for termination of the criminal case and comes to the conclusion that the implementation of this phenomenon during the preliminary investigation contradicts the implementation of the principle of presumption of innocence, which entails certain consequences. At the same time, there are some shortcomings in the current legislation of the country regarding the legal basis for the emergence of the human right to rehabilitation. In connection with the current situation, the author has attempted to make proposals to improve the current legislation of the country.

Keywords: criminal proceedings, prosecution, rehabilitation, harm, age, rights, interests, prosecutor, presumption of innocence, competition, preliminary investigation, criminal record.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бунёди ҷомеаи адолатпарвар ва ҳуқуқбунёд тамоми захираву имконоти хешро равона сохта, ин ҳадафи муҳиммро дар сатҳи Конститутсияи хеш мустаҳкам намуда, дар партави он инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ ҳамчун арзиши олӣ эълон карда шуданд. Дар доираи муносибатҳои мурофиаи ҷиноятӣ риоя ва иҷрои ҳуқуқу озодиҳои инсон –

ҳадафи ягона мебошад, зеро дар муносибатҳои мазкур имкони ҳар лаҳза маҳдуд намудани онҳо ҷой дорад. Танзими ҳуқуқии муносибатҳои мазкур аз бисёр ҷиҳат зарур мебошад, зеро бидуни танзими ҳуқуқии муносибатҳои мазкур, ба ҳадафу мақсадҳои мурофиаи ҷиноятӣ, ки бевосита дар м.2 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМҶ ҶТ) дарҷ карда шудаанд, дастёб гардидан ғайриимкон мегардад.

Мурофиаи ҷиноятӣ чун тарзи маъруфи ҳифзи ҳуқуқи инсон аз таҷовузҳои ҷинояткорона ва аз ғайриқонунӣ маҳдуд намудани ҳуқуқ ва таъқиби беасос оид ба парвандаи ҷиноятӣ эътироф шуда, баҳри таъмин намудани адолат равона карда шудааст. Чунин фаҳмиши мурофиаи ҷиноятӣ ғояи асосӣ буда, дурнамои рушди сиёсати ҳуқуқии давлатро дар ҷодаи адлияи ҷиноятӣ ифода менамояд[384]. Вобаста ба ин ва бо баинобатгирии арзиши олӣ доштани инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ, принсипи инсондӯстии мурофиаи ҷиноятӣ мумкин аст, ки дар як қатор мавридҳо парвандаи ҷиноятӣ бидуни татбиқи ҷазо нисбат ба шахс дар давраи тафтишоти пешакӣ қатъ карда шавад.

Масъалаи қатъ намудани намудани парвандаи ҷиноятӣ дар илми мурофиаи ҷиноятӣ яке аз масъалаҳое мебошад, ки омӯзиши он аз ҳар ҷиҳат барои ҳалии дурусти вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии кишвар масъалаи қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ бевосита дар КМҶ ҶТ дарҷ карда шудаанд.

В.З. Лукашевич иброз медорад, ки ҳангоми қатъ гардидани таъқиби ҷиноятӣ бо озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ худи ҷиноят, гуноҳи шахс ва тамоми ҳолатҳои ба он алоқаманд бояд ба ҳамон андозае, ки ҳангоми анҷоми тафтишоти пешакӣ муайян карда шудааст, муайян карда шаванд[385]. Вобаста ба ин, қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ аз як тараф, ин дуруст ба роҳ мондани фаъолияти мурофиавии шахсони мансабдори ваколатдор бошад, аз тарафи дигар пешгирии маҳдуднамоии ғайриқонунии ҳуқуқу озодиҳои шахсон ба ҳисоб меравад.

Боби 3-юми КМҶ ҶТ асосҳои рад ва қатъ намудани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ номгузорӣ карда шудааст. Асосҳои қатъ намудани парвандаи ҷиноятиро ба гурӯҳҳо ҷудо менамоянд. Вобаста ба таснифи асосҳои қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ аз тарафи олимон ду назария пешкаш гардидааст: моддӣ-ҳуқуқӣ ва мурофиавӣ[386]. М.С. Строгович асосҳои қатъ намудани парвандаи ҷиноятиро чунин гуруҳбандӣ намудааст: 1) асосҳое, ки боиси ҳатмии қатъи парвандаи ҷиноятӣ мегардад; 2) асосҳое, ки ба мақомоти салоҳиятдор ҳуқуқ медиҳанд, то ки парвандаи ҷиноятиро қатъ намоянд[387].

---

[384] Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mo.tnu.tj/wp-content/uploads/2023/03/konsepsijai-sijosati-u-u-i-dar-t.pdf (санаи муроҷиат: 29.09.2025).

[385] Лукашевич В.З. О праве прокурора и следователя прекращать уголовные дела по нереабилитирующим основаниям / В.З. Лукашевич, В.В. Шимановский // Социалистическая законность. – 1991. – № 10. – С. 36.

[386] Мичурина О.В. Разграничение оснований уголовного дела (уголовного преследования) и их конкуренция / Актуальные проблемы предварительного следствия и дознания в современных условиях развития уголовно-процессуального законодательства: научное электронное издание (3378 Кб). – М.: Московский университет МВД России имени В.Я. Кикотя, 2018. – С. 442-447.

[387] Строгович М.С. Курс советского уголовного процесса. М., 1970, т. 2. – С. 168.

Дар навбати худ қатъ намудани парвандаи ҷиноятиро метавон бо асосҳои офиятнамоӣ ва беасосҳои офиятнамоӣ низ ном бурд. Олими рус А.А. Давлетов баён медорад, ки беасосҳои офиятнамоӣ шахси гунаҳкор дар содир намудани ҷиноят аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад, аммо бо асосҳои офиятнамоӣ шахси бегуноҳ[388].

Дар қ.2 м.461 КМҶ ҶТ номгӯи як қатор ҳолатҳое муқаррар карда шудаанд, ки метавон онро асосҳои қатъи парвандаи ҷиноятӣ бо асосҳои офиятнамоӣ номгузорӣ намуд. Дар қ.5 моддаи мазкур асосҳои қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ дарҷ карда шудааст, ки онро беасосҳои офиятнамоӣ низ метавон ном бурд.

Қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ беасосҳои офиятнамоӣ яке аз падидаи навини мурофиаи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Зеро бо ҷори намудани падидаи мазкур метавон, сарбории мақомоти тафтишоти пешакӣ ва судиро кам намуда, нисбат ба шахсони ҷиноят содиранамуда сабукиҳоро дар қисмати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ роҳандозӣ намуд. Аммо, новобаста аз ин дар сатҳи қонунгузории ҷории кишвар бархе аз муаммову норасоиҳо ҷой доранд. Ба андешаи аксари мурофиачиён қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ беасосҳои офиятнамоӣ дар давраи тафтишоти пешакӣ бо принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар ихтилоф қарор доранд.

А.А. Давлетов баён медорад, ки озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ беасосҳои офиятнамоӣ, гарчанде, ки доғи судӣ ва ҷазои ҷиноятиро ба бор наорад ҳам, аммо дар асл маънои онро дорад, ки шахс дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор дониста мешавад. Аз ин рӯ, танҳо суд, на мақомоти тафтишоти пешакӣ, барои қабули чунин қарор ваколатдор аст[389]. Андешаи мазкурро чӣ тавр метавон маънидод намуд, шахсе, ки гуноҳи ӯ дар содир намудани ҷиноят бо ҳукми суд тасдиқ карда нашудааст, уро гунаҳгор эътироф кард? Агар ба муқаррароти қонунгузории ҷорӣ ва ба консепсияи муосири мурофиаи ҷиноятӣ назар афканем, бевосита ба мушоҳида мерасад, ки шахсро дар содир намудани ҷиноят танҳо ва танҳо суд гунаҳгор эътироф менамояд ва ин ваколати мустасноии суд буда, дигар мақомот ва ё ягон шахсе ҳуқуқи мазкурро надорад. Қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ беасосҳои офиятнамоӣ дар воқеъ ба принсипи фарзияи бегуноҳӣ дар зиддият қарор дорад.

Доир ба масъалаи мазкур муҳаққиқи ватанӣ М.Ш. Шерализода баён меорад, ки «дар давраи тафтишоти пешакӣ пешбурди парвандаи ҷиноятӣ мумкин аст бо ҳолатҳое, ки пешбурди парвандаи ҷиноятиро истисно мекунад, аз қабили гузаштани муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, қабули санади авф ва ғайра қатъ карда шавад. Вале суоле ба миён меояд, ки чунин кирдорҳо то чӣ андоза ба принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ мутобиқат менамоянд? Яъне, агар нисбат ба шахс аз рӯйи чунин асосҳо парванда қатъ карда шавад, пас онҳо бегуноҳанд ва ё гунаҳгор? Масалан,

---

[388] Давлетов А.А., Дидык В.В. Проблема прекращения уголовного дела по нереабилитирующим компромиссным основаниям на этапе предварительного расследования / А.А. Давлетов, В.В Дидык // Вестник Уральского юридического института МВД России. – 2021, №2. – С.13

[389] Давлетов А.А. Прекращение уголовного дела с назначением судебного штрафа как универсальная форма освобождения лица от уголовной ответственности по компромиссным основаниям // Российская юстиция. 2020. № 4. – С. 29-32.

дар давраи тафтишоти пешакӣ муфаттиш бо ризоияти прокурор парвандаро нисбат ба шахс бо қабули санади авф қатъ менамояд ва шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад. Оё ин амалҳо ба муқаррароти принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ халал эҷод намекунанд? Ба андешаи мо, агар чунин ҳолатҳо ба миён оянд чун қоида дигар таъқиботи ҷиноятӣ дида намешавад, яъне таъқибот хотима меёбад ва ниёз ба ҳифз ҳам намемонад. Зеро, дар чунин ҳолат маълум аст, ки дигар зарурати амалҳои тафтишӣ, ибрози андешаи шахс оид ба эҳтимолияти бегуноҳии ӯ, то ба суд бурдани парвандаи ҷиноятӣ ва дигар ҳолатҳо маъно надоранд. Дар моддаи 27-и КМҶ ҶТ масъалаи мазкур оқилона дарҷ гардидааст. Мутобиқи қисми 3-и моддаи мазкур агар айбдоршаванда нисбат ба татбиқи санади авф ва гузаштани муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан норозигӣ баён намояд, қатъ намудани парванда мумкин нест»[390]. Пайравӣ намудан ба андешаи мазкур қобили дастгирист.

Як қатор олимон бошанд, қатъ намудани парвандаи ҷиноятиро беасосҳои офиятнамоӣ ҷонибдорӣ намуда, баён медоранд, ки он бо принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ ҳеҷ робитае надорад. Чунончӣ, фарқияти асосҳои қатъи парвандаи ҷиноятӣ (таъқибот) бо асосҳои офиятнамоӣ ва беофиятнамоӣ на аз нуқтаи назари гунаҳгорӣ ё бегуноҳии шахс дар содир намудани ҷиноят, балки аз нуқтаи назари оқибатҳои ҳуқуқии қатъи парвандаи ҷиноятӣ (таъқибот), яъне пайдо шудани ҳуқуқ ба офият (ҷуброни зарар) ва ё набудани он сурат мегирад. Ин ба эҳтимолияти бегуноҳӣ ҳеҷ иртиботе надорад[391].

Ю.В. Дершиев менависад, ки ҳуқуқи қабули қарор дар бораи қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ беасосҳои офиятнамоӣ бояд, ки ба мақомоти ҳокимияти судӣ тааллуқ дошта бошад[392]. Мо агар ҳуқуқи мазкурро ба суд вобаста намуда, мақомоти тафтишоти пешакиро аз ҳуқуқи мазкур марҳум намоем. Пас ҳолати мазкур низ ба талаботҳои принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ ҷавобгӯ буда наметавонад, зеро гунаҳгор эътироф намудани шахс дар содир намудани ҷиноят танҳо ва танҳо дар асоси ҳукми ба эътиборӣ қонунӣ даромада ба роҳ монда мешавад. Инчунин бисёре аз олимон баён медоранд, ки қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ дар давраи тафтишоти пешакӣ ба принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ ягон иртибот надорад ва приниспи мазкур новобаста аз ин амал намудан мегирад[393]. Шахсе, ки

---

[390] Шерализода М.Ш. Принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва таъмини амалӣ намудани он дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: дисс. номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе. – 2024. С. 112-113.

[391] Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. – 2-е изд., испр. – М.: Статут, 2017. – С. 792.

[392] Деришев Ю.В. Принцип презумпции невиновности: теория, противоречия реализации и пути их нейтрализации / Ю. В. Деришев, И. Ю. Мурашкин // Научный вестник Омской академии МВД России. – 2012. – № 2. – С. 48.

[393] Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. – 2-е изд., испр. – М.: Статут, 2017. – 1280 с.; Богданович Н.А. Вопросы реализации конституционного принципа «презумпция невиновности» в случае прекращения уголовного дела по нереабилитирующим основаниям в стадии предварительного расследования / Н.А. Богданович // В сборнике: Научные труды: Российская академия юридических наук. ООО «Издательство «Юрист»». Москва, 2019. – С. 746.; Плошкина Я.М. Презумпция невиновности и прекращение уголовного дела по нереабилитирующим основаниям по законодательству РФ с учетом опыта ФРГ / Я.М. Плошкина // Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского. – 2020, №6. – С. 82.; Богданович Н.А. Дискуссионные вопросы реализации принципа презумпции невиновности

нисбати ӯ масъалаи қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ беасосҳои офиятнамоӣ ҳал карда мешавад, ҳуқуқи интихобро дорост – бо айбдоркунӣ розӣ гардад ва нишондод диҳад ё аз додани нишондод худдорӣ намояд ва ё ин, ки ин корро анҷом надиҳад[394].

Дар ин ҷо саволе рӯи кор меояд, ки мо агар ба андешаҳои мазкур розӣ гардем, пас аз қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ беасосҳои офиятнамоӣ шахсро на ҳамчун гунаҳгор, балки дар пайванди бо принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ нисбат ба ӯ ҳамчун шахси бегуноҳ бояд, ки муносибат намоем. Ҳоло он, ки аксарияти олимон қатъ намудани парвандаи ҷиноятиро беасосҳои офиятнамоӣ чун дар гунаҳгории шахс эътироф менамоянд[395].

Дар пайванди ба принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ як қатор олимони рус қатъ намудани парвандаи ҷиноятиро дар давраи тафтишоти пешакӣ беасосҳои офиятнамоӣ манъ менамоянд. Чунончӣ, олимони рус баён медоранд, ки «агар ба назар гирем, ки эътирофи гунаҳкорӣ ҳангоми қатъи парвандаи ҷиноятӣ бо озод кардани айбдоршаванда аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо танҳо аз ҷониби суд дар ҳукм амалӣ карда мешавад, пас бояд қатъи парвандаҳои ҷиноятӣ нисбат ба ҳамаи айбдоршавандагон беасосҳои офиятнамоӣ дар марҳилаҳои тафтишоти пешакӣ, манъ карда шавад»[396].

Т.В. Трубникова бошад баён медорад, ки принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ зимни қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ беасосҳои офиятнамоӣ бо риояи қоидаҳои зерин вайрон карда намешавад:

1) агар дар қарори дахлдор масъалаи гунаҳкорӣ на ба маънои мусбат ва на ба маънои манфӣ ҳал карда нашавад, яъне: – дар он ибораҳое вуҷуд надоранд, ки нишон диҳанд, ки суд (муфаттиш) айбдоршавандаро (гумонбаршударо) дар содир кардани ҷиноят гунаҳкор мешуморад;

2) ин қарор наметавонад ҳамчун қарори пешакӣ барои ҳалли масъалаи оянда дар бораи содир шудани кирдори дахлдор баррасӣ карда шавад; ин қарор наметавонад барои маҳдуд кардани ягон ҳуқуқи шахсе, ки нисбати ӯ қабул шудааст, асос гардад[397].

Дар яке аз қарорҳои Суди конститутсионии Федератсияи Россия мунсифона баён дошта шудааст, ки ҳангоми қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ беасосҳои офиятнамоӣ масъалаи гунаҳгории шахс моҳиятан

при прекращении производства по уголовному делу (уголовного преследования) по нереабилитирующим основаниям / Проблемы укрепления законности и правопорядка: наука, практика, тенденции. 2018. № 11. – С. 263-271.

[394] Лазарева В.А., Кувалдина Ю.В., Марьина Е.В. О презумпции невиновности, освобождении от уголовной ответственности и прекращении уголовного дела: вопросы согласования / В.А. Лазарева, Ю.В. Кувалдина, Е.В. Марьина. // Труды Института государства и права Российской академии наук. 2025. Т.18 №1. – С. 150.

[395] Щеголев П.И. Проблемные вопросы прекращения уголовных дел по нереабилитирующим основаниям / П.И. Щеголев // Вестник. Государство и право. 2021. №4 (31). – С. 56-58.

[396] Лукашевич В. З., Зусь Л. Б. Прекращение уголовного дела в стадии предварительного расследования в связи с освобождением обвиняемого от уголовной ответственности и наказания. М., 1974. С. 68.

[397] Трубникова Т.В. Принцип презумпции невиновности и прекращение уголовного дела / уголовного преследования с назначением судебного штрафа / Т.В. Трубникова // В сборнике: Правовые проблемы укрепления российской государственности. Сборник статей. Научные редакторы О.И. Андреева, Т.В. Трубникова. 2018. – С. 171-172.

кушода боқӣ мемонад[398]. Дар воқеъ новобаста аз оне, ки дар сатҳи назария ва амалия доир ба ҳолати мазкур диди ягона вуҷуд надорад, ҳал намудани масъалаи мазкур тадқиқи ҳамаҷонибаро тақозо менамояд. Вобаста ба ҳолати мазкур овардани андешаҳои олими русро бамаврид арзёбӣ менамоем. Чунончӣ, Е.Г. Василева баён медорад, ки бархӯрд байни падидаи қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ ва принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ вуҷуд дорад ва дар ояндаи наздик бинобар имконнопазирии тағйир додани тарҳи конститутсионии принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ ва рад кардани падидаи қатъ намудани таъқиботи ҷиноятӣ беасосҳои офиятномоӣ гумон аст, ки бартараф карда шавад[399].

Дар воқеъ, метавон баён дошт, ки масъалаи ҳал намудани бархӯрд байни падидаи қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ беасосҳои офиятномоӣ ва принсипи эътимолияти бегуноҳӣ баҳснок ва печида боқӣ мемонад, зеро дар ин ҷо диди ягона ва шабеҳ вуҷуд надорад. Ҳал намудани он дар ояндаҳои наздик имконнопазир мебошад.

Мавзъуи баррасишавандаи мо, ки ба қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ беасосҳои офиятномоӣ бахшида шудааст, аз ин рӯ, аз доираи он берун баромадан аз доираи онро зарур намешумоерм дар мақолаи маҳкур. Тибқи муқаррароти қ.5 м.461 ҳолатҳое, ки пайдоиши ҳуқуқи шахсро ба офият истисно менамоянд, онро метавон асосҳои қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ беасосҳои офиятномоӣ номид. Агар ба муқаррароти моддаи мазкур назар афканем бевосита ба мушоҳида мерасад, ки танҳо сархатҳои якум ва дуюми қисми якуми м.27 КМҶ ҶТ ба сифати асосҳои ҳуқуқии пайдоиши офият баромад карда метавонанд, боқимонда сархатҳои сеюм ва нуҳумро асосҳои қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ беасосҳои офиятномоӣ ташкил менамоянд.

Имрӯз аксарияти кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар бар он саъй менамоянд, ки дар сурати мавҷудияти муқарраротҳои м.27 КМҶ ҶТ пешбурди парвандаи ҷиноятиро бо дастрасии сархатҳои 3-9 қ.1 м.27 КМҶ ҶТ қатъ намоянд, зеро онҳо намехоҳанд, ки мушкилотҳои иловагиро дар худ эҷод намоянд. Р.Р. Раҳмадҷонзода баён медорад, ки: “Таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоии мақомоти прокуратура ва корҳои дохилии Тоҷикистон дар солҳои охир нишон медиҳад, ки аз саркашӣ ва риояи анъанаҳои кӯҳнаи тафтишот дар заминаи қатъ намудани парвандаҳои ҷиноятӣ бо асосҳои офиятномоӣ вуҷуд дорад. Корманди ҳифзи ҳуқуқ кӯшиш мекунад, ки аз чунин лаҳзаҳо канорагирӣ кунад, то дар оянда бо дастони худ мушкилоти иловагии касбии нодаркорро эҷод накунад. Ҳамин тавр, агар қатъи парвандаҳои ҷиноятӣ бо асосҳои офиятномоӣ ва беофиятномоӣ муқоиса карда шавад, эътирофи пурраи асосҳои беофиятномоӣ барои қатъи парвандаҳои ҷиноятӣ ба даст меояд. Зеро таҳлили маълумотҳои омории солҳои 2010-2020 нишон дод, ки то 1%-и парвандаҳои ҷиноятӣ аз шумораи

---

[398] Постановление Конституционного Суда РФ от 28.10.1996 № 18-П «По делу о проверке конституционности статьи 6 Уголовно-процессуального кодекса РСФСР в связи с жалобой гражданина О.В. Сушкова» // СЗ РФ. 1996. № 45, ст. 5203. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_12214/ (санаи мурочиат: 30.09.2025).

[399] Васильева Е.Г. Правовые и теоретические проблемы прекращения уголовного преследования и производства по уголовному делу. М., 2006. – С. 275.

умумии тафтишшудагон бо асосҳои офиятнамоӣ қатъ карда шудаанд (2010 с. – 0,67 %, 2011 с. – 1,02%, 2012 с. – 0,80 %, 2013 с. – 1,04 %, 2014 с. – 0,09 %, 2015 с. – 0,50 %, 2016 с. – 0,80 %, 2017 с. – 0,69 %, 2018 с. – 0,81 %, 2019 с. – 0,71 % ва 2020 с. – 0,96 %) ва аз 10 то 25% парвандаҳои ҷиноятӣ бошанд беасосҳои офиятнамоӣ қатъ карда мешаванд (2010 с. – 10,68 %, 2011 с. – 18,16 %, 2012 с. – 18,01 %, 2013 с. – 20,19 %, 2014 с. – 25,25 %, 2015 с. – 20,61 %, 2016 с. – 22,81 %, 2017 с. – 17,88 %, 2018 с. – 18,00 %, 2019 с. – 25,41 % ва 2020 с. – 18,25%)”[400].

Дар воқеъ, имрӯз аксарияти парвандаҳои ҷиноятӣ маҳз беасосҳои офиятнамоӣ қатъ карда мешаванд, зеро қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ беасосҳои офиятнамоӣ шахсони масъули пешбурди парвандаи ҷиноятиро аз ҳар гуна масъулияту ҷавобгариҳои ҳуқуқӣ фориғ менамояд. Новобаста аз ин, то ба ҳол дар қисмати қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ беасосҳои офиятнамоӣ мушкилотҳо вуҷуд дорад.

Дар қ.5 м.461 КМҶ ҶТ номгӯи ҳолатҳое дарҷ карда шудаанд, ки асоси пайдоиши ҳуқуқии офиятро истисно месозанд. Мутобиқи муқаррароти мазкур чорабиниҳои маҷбуркунии мурофиавии нисбат ба шахс татбиқшуда ё ҳукми айбдоркунанда бекор карда ё бо сабаби қабули санади афв, гузаштани муҳлати даъво, нарасидани синну сол ё қабули қонуне, ки ҷавобгарии ҷиноятиро аз байн мебарад ё ҷазоро сабук мегардонад, тағйир дода шуда бошанд. Номгӯи ҳолатҳои мазкур асос барои қатъ намудани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ буда, аммо барои пайдоиши офият асос шуда наметавонанд.

Зимнан бояд дарҷ намуд, ки муқаррароти мазкур аз диди мо бисёр мурракаб ва душвор фаҳм буда, дар баробари ин боз бо дигар меъёрҳои КМҶ ҶТ дар барҳӯрд қарор дорад. Тибқи қ.2 м. 49 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» матни санади меъёрии ҳуқуқӣ бояд бо риояи услуби расмии забони адабӣ, содда ва равону фаҳмо баён карда шавад, ки тафсири ҳарфелаи меъёрҳоро истисно намояд.

Дар асоси қ.5 м. 461 КМҶ ҶТ яке аз ҳолатҳое, ки асоси пайдоиши ҳуқуқи офиятро истисно менамояд, ин нарасидани синну сол ба ҳисоб меравад. Ҳоло он, ки дар асоси м. 11 Кодекси ҷиноятии ҶТ асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ содир намудани кирдоре мебошад, ки дорои тамоми аломатҳои таркиби ҷинояти дар ҳамин Кодекс пешбинигардида аст[401]. Таркиби ҷиноят аз чор унсур (элемент) ташкил ёфта, кирдори барои ҷамъият хавфнокро чун ҷиноят тавсиф медиҳад. Ба шумули чунин унсурҳо дохил мешаванд: объект, тарафи объективӣ, тарафи субъективӣ ва субъекти ҷиноят. Унсурҳои мазкур дар навбати худ аломатҳои ҳатмӣ ва факултативиро дар бар мегиранд[402]. Таркиби ҷиноят - мафҳуми ягона ва тақсимнашаванда буда, унсурҳои он дар пайвастагӣ ва алоқамандӣ ҷойгиранд. Ҷой надоштани як унсур аҳамияти се унсури дигарро аз байн мебарад. Яъне, таркиби ҷиноят асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ шуда метавонад, ба шарте ки агар ҳамаи чор унсури он ва аломатҳои ҳатмии ба ин унсурҳо ишоракунанда мавҷуд бошанд. Дар сурати набудани яке аз ин аломатҳо

---

[400] Рахмаджонзода Р.Р. Учение об уголовном преследовании в уголовном судопроизводстве Республики Таджикистан: дисс. ... док. юрид.наук. Том 1. Душанбе, 2022. – С. 346.

[401] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, №574 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи мурочиат: 30.09.2025).

[402] Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ). Нашри 4-ум, такмилдодашуда. – Душанбе: Ашуриён, 2019. – С. 71.

(масалан, синну соли зарурӣ) шахс (гарчанде кирдори хавфнок содир карда бошад ҳам) ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад[403].

Олими ватанӣ Азимзода Ш.Ҷ. баён медорад, ки номгӯи асосҳои қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ, ки дар қ.1 м.27 КМҶ ҶТ зикр карда шудаанд, асоси қатъ намудани парвандаи ҷиноятиро нисбат ба шахсе, ки то синни ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан кирдори ба ҷомеа хатарнокро содир кардааст, вуҷуд надорад. Ба ақидаи охирин чунин қарори қонунгузор ба принсипи ногузирии ҷавобгарӣ барои содир намудани ҷиноят, ки дар м.3 Кодекси ҷиноятии ҶТ ва м. 2 КМҶ ҶТ муқаррар карда шудаанд, ҷавобгӯ нест, чунки ба ҷиноятқкор таъсири мусбии тарбиявиро намерасонад, зеро ӯ қувваи қонунро ба худ эҳсос намекунад. Ва ҳатто қ.5 м.461 КМҶ ҶТ, ки ба паҳн накардани шартҳои пайдоиши ҳуқуқ ба ҷуброни зарар ба шахсе, ки ба синни ҷавобгарии ҷиноятӣ нарасидааст, яъне воқеан мавҷудияти «ҷиноятқкори хурдсол» - эътироф мекунанд, ки мушкилоти бечазоии ин ноболиғонро бартараф намекунанд. Охир, парвандаи ҷиноӣ нисбати чунин наврас «бо мавҷуд набудани аломатҳои таркиби ҷиноят» қатъ карда шудааст ва ӯ ба ҳеҷ ваҷҳ дар Маркази иттилоотӣ-таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном карда нашудааст[404].

Ба андешаҳои мазкур бо овардани асоси зерин наметавон рози гардид. Зеро мутобиқи м. 22 КҶ ҶТ танҳо шахси воқеии мукаллаф ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки ба синну соли муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс расидааст[405]. Нарасидани синну сол ҳамчун унсури ҳатмии таркиби ҷиноят, ҷиноят будани кирдорро истисно намуда, дар асоси сархати дуюми қ.1 м.27 КМҶ ҶТ ҳамчун асоси ҳуқуқии рад намудан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ ва ё қатъ намудани парвандаи оғозшуда маҳсуб меёбад. Ҳолати мазкур дар асоси сархати дуюми қ.2 м.461 ҳамчун асоси ҳуқуқии пайдоиши офият ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, бо мақсади аз байн бурдани чунин ихтилофоти ҳуқуқӣ пешниҳод карда мешавад, ки аз муқаррароти қ.5 м.461 «нарасидани синну сол» хориҷ карда шавад.

Бо мақсади содда ва оммафаҳм намудани муқаррароти қ.5 м.461 КМҶ ҶТ пешниҳод менамоем, ки он бо чунин тарз иваз карда шавад:

«Қоидаҳои ҳамин модда ба ҳолатҳои зерин дахл надоранд:

- чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ ва ё ҳукми айбдоркунанда бекор ва ё ин, ки бо қабули қонуни авф ва ё бахшиши ҷазо он бекор ва ё тағйир дода шудаанд;
- гузаштани муҳлати даъво;
- қабули қонуне, ки ҷавобгарии ҷиноятиро аз байн мебарад ё ҷазоро сабук мегардонад».

---

[403] Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ.Шарипов. Душанбе. Глобус. 2006. – С. 59.

[404] Азимзода Ш. Дж. Уголовно-процессуальная характеристика прекращения уголовных дел в отношении несовершеннолетних по законодательству Республики Таджикистан // Вестник Волгоградской академии МВД России. 2022. № 1 (60). – С. 59-60.

[405] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, №574 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи мурочиат: 30.09.2025).

Адабиёт:

1. Азимзода Ш.Дж. Уголовно-процессуальная характеристика прекращения уголовных дел в отношении несовершеннолетних по законодательству Республики Таджикистан // Вестник Волгоградской академии МВД России. 2022. № 1 (60). – С. 53-60.
2. Богданович Н.А. Вопросы реализации конституционного принципа «презумпция невиновности» в случае прекращения уголовного дела по нереабилитирующим основаниям в стадии предварительного расследования / Н.А. Богданович // В сборнике: Научные труды: Российская академия юридических наук. ООО «Издательство «Юрист»». Москва, 2019. – С. 746.;
3. Богданович Н.А. Дискуссионные вопросы реализации принципа презумпции невиновности при прекращении производства по уголовному делу (уголовного преследования) по нереабилитирующим основаниям / Проблемы укрепления законности и правопорядка: наука, практика, тенденции. 2018. № 11. С. 263-271.
4. Брнданович Н.А. Вопросы реализации конституционного принципа «презумпция невиновности» в случае прекращения уголовного дела по нереабилитирующим основаниям в стадии предварительного расследования / Н.А. Богданович // В сборнике: Научные труды: Российская академия юридических наук. ООО «Издательство «Юрист»». Москва, 2019. –С. 743-746.
5. Васильева Е.Г. Правовые и теоретические проблемы прекращения уголовного преследования и производства по уголовному делу. М., 2006. –С. 257–276.
6. Давлетов А.А. Прекращение уголовного дела с назначением судебного штрафа как универсальная форма освобождения лица от уголовной ответственности по компромиссным основаниям // Российская юстиция. 2020. № 4. С. 29—32.
7. Давлетов А.А., Дидык В.В. Проблема прекращения уголовного дела по нереабилитирующим компромиссным основаниям на этапе предварительного расследования / А.А. Давлетов, В.В Дидык // Вестник Уральского юридического института МВД России. – 2021, №2. – С. 12-17.
8. Деришев Ю. В. Принцип презумпции невиновности: теория, противоречия реализации и пути их нейтрализации / Ю. В. Деришев, И. Ю. Мурашкин // Научный вестник Омской академии МВД России. – 2012. – № 2. – С. 44–48.
9. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, №574 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи мурочиат: 30.09.2025).
10. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mo.tnu.tj/wp-content/uploads/2023/03/konsepsijai-sijosati-u-u-i-dar-t.pdf (санаи мурочиат: 29.09.2025).
11. Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. – 2-е изд., испр. – М.: Статут, 2017. – 1280 с.
12. Лазарева В.А., Кувалдина Ю.В., Марьина Е.В. О презумпции невиновности, освобождении от уголовной ответственности и прекращении

уголовного дела: вопросы согласования / В.А. Лазарева, Ю.В. Кувалдина, Е.В. Марьина. // Труды Института государства и права Российской академии наук. 2025. Т.18 №1. –С. 136-153.

13. Лукашевич В. З., Зусь Л. Б. Прекращение уголовного дела в стадии предварительного расследования в связи с освобождением обвиняемого от уголовной ответственности и наказания. М., 1974. С. 68.

14. Мичурина О.В. Разграничение оснований уголовного дела (уголовного преследования) и их конкуренция / Актуальные проблемы предварительного следствия и дознания в современных условиях развития уголовно-процессуального законодательства: научное электронное издание (3378 Кб). – М.: Московский университет МВД России имени В.Я. Кикотя, 2018. – С. 442-447.

15. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ). Нашри 4-ум, такмилдодашуда. – Душанбе: Ашуриён, 2019. – 223 с.

16. Плошкина Я.М. Презумпция невиновности и прекращение уголовного дела по нереабилитирующим основаниям по законодательству РФ с учетом опыта ФРГ / Я.М. Плошкина // Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского. – 2020, №6. –С. 81-87.

17. Постановление Конституционного Суда РФ от 28.10.1996 № 18-П «По делу о проверке конституционности статьи 6 Уголовно-процессуального кодекса РСФСР в связи с жалобой гражданина О.В. Сушкова» // СЗ РФ. 1996. № 45, ст. 5203. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_12214/ (санаи мурочиат: 30.09.2025).

18. Рахмаджонзода Р.Р. Учение об уголовном преследовании в уголовном судопроизводстве Республики Таджикистан: дисс. ... док. юрид.наук. Том 1. Душанбе, 2022. – С. 984.

19. Строгович М.С. Курс советского уголовного процесса. М., 1970, т. 2, 516 с.

20. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ.Шарипов. Душанбе. Глобус. 2006. –880с.

21. Трубникова Т.В. Принцип презумпции невиновности и прекращение уголовного дела / уголовного преследования с назначением судебного штрафа / Т.В. Трубникова // В сборнике: Правовые проблемы укрепления российской государственности. Сборник статей. Научнеи редакторы О.И. Андреева, Т.В. Трубникова. 2018. – С. 167-181.

22. Шерализода М.Ш. Принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва таъмини амалӣ намудани он дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: дисс. номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе. – 2024. – 200 с.

23. Щеголев П.И. Проблемные вопросы прекращения уголовных дел по нереабилитирующим основаниям / П.И. Щеголев // Вестник. Государство и право. 2021. №4 (31). – С. 56-58.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 20.11.2025
Аз тақриз баргашт: 25.11.2025
Ба чоп тавсия шуд: 25.12.2025

ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ; ҲУҚУҚИ АВРУПО (5.5.10) – МЕЖДУНАРОДНОЕ ПРАВО; ЕВРОПЕЙСКОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.5.10)

АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ ДИПЛОМАТИЯИ ПАРЛАМЕНТИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Идизода Файзалӣ Фузайлшо,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ.
Тел: (+992) 988-98-31-98
E-mail: faizali.idiev@gmail.com

Муқарриз: Қодирқулов Х.Р., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

Фишурда: Дар мақолаи мазкур пеш аз ҳама, мубрамияти масъалаи ҳамкорӣ дар ҳуқуқи байналмилалӣ баррасӣ гардида, дар он ақидаи олимони соҳа ва санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Ҳамкории байнипарламентӣ, ки дар замони муосир ҳамчун дипломатияи парламентӣ паҳн гардидааст, яке аз воситаҳои ба роҳ мондани ҳамкорӣ байни давлатҳо, ҳамчунин байни давлату созмонҳои байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Дар мақола масъалаи таъсис ва фаъолияти аввалин созмони байналмилалии дорои хусусияти парламентӣ – Иттиҳоди байнипарламентӣ, ки дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ маълумот дар бораи фаъолияти он кофӣ нест, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

Ҳамчунин, дар мақолаи мазкур заминаҳои таърихию сиёсӣ ва ҳуқуқии пайдош ва ташаккули дипломатияи парламентӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ, нақши ниҳоди мазкур дар ташаккули ҳуқуқи байналмилалӣ, инчунин аҳаммияти дипломатияи парламентӣ дар замони муосир мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Ғайр аз ин, дар мақола заминаҳои ҳуқуқии дипломатияи парламентии Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо парламенти давлатҳои хориҷӣ ва ассамблеяҳои парламентии созмонҳои байналмилалӣ баррасӣ гардида, бо андешаҳои заминавии рушди дипломатияи парламентӣ манзур ва натиҷагирӣ шудаанд.

Калидвожаҳо: Созмонҳои байналмилалӣ, Иттиҳоди байнипарламентӣ, Лигаи Миллатҳо, Оинномаи СММ, Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Аврупо, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Парламент, Маҷлиси Олӣ, Маҷлиси миллӣ, Маҷлиси намояндагон, ҳамкорӣ, дипломатияи парламентӣ, сулҳу амнияти байналмилалӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои инсон, робитаи беруна.

ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ ПАРЛАМЕНТСКОЙ ДИПЛОМАТИИ МАДЖЛИСИ ОЛИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Идизода Файзали Фузайлшо,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, доцент кафедры международного права.
Тел: (+992) 988-98-31-98
E-mail: faizali.idiev@gmail.com

Рецензент: Кодиркулов Х.Р., кандидат юридических наук, доцент

Аннотация: В настоящей статье, прежде всего, рассматривается актуальность вопросов сотрудничества в международном праве, также анализируется мнение ученых и международно-правовые акты, касающиеся данного вопроса. В статье анализируются и рассматриваются вопросы создания первой международной организации парламентского характера – Межпарламентского Союза, о деятельности которой в отечественной литературе недостаточно информации.

Также, в данной статье анализируются исторические, политические и правовые основы становления и развития парламентской дипломатии в международных отношениях, роль данного института в развитии международного права, а также значение парламентской дипломатии в современный период. Кроме этого, в статье рассматриваются правовые основы парламентской дипломатии Маджлиси милли и Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан с парламентами иностранных государств и парламентскими ассамблеями международных организаций, которые обобщены и подытожены базовыми идеями развития парламентской дипломатии.

Ключевые слова: Международные организации, Межпарламентский союз, Лига Наций, Устав ООН, Организация Объединенных Наций, Европейский союз, Республика Таджикистан, Парламент, Маджлиси Оли, Маджлиси милли, Маджлиси намояндагон, сотрудничество, парламентская дипломатия, международный мир и безопасность, защита прав человека, внешние сношения.

LEGAL FOUNDATIONS OF PARLIAMENTARY DIPLOMACY OF THE MAJLISI OLI OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Idizoda Faizali Fuzailsho,
Tajik National University, Law Faculty, associate professor of the department of international law
Phone: (+992) 988-98-31-98
E-mail: faizali.idiev@gmail.com

Reviewer: Qodirkulov Kh.R., candidate of legal sciences, associate professor

Abstract: This article first examines the relevance of cooperation in international law, and also analyzes the opinions of scholars and international legal acts related to this issue. The article analyzes and examines the establishment of the first international parliamentary organization, the Interparliamentary Union, which has limited information about its activities in Russian literature.

Also in this article examines the historical, political, and legal foundations underlying the emergence and development of parliamentary diplomacy within international relations. It highlights the role of parliamentary institutions in shaping international law and underscores the importance of parliamentary diplomacy in the contemporary world. The article also examines the legal basis of parliamentary diplomacy between the Majlisi Milli and Majlisi Namoyandagon of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan and the parliaments of foreign countries and the Parliamentary Assemblies of international organizations, which are summarized and concluded with the basic ideas of the development of parliamentary diplomacy.

Keywords: International organizations, Interparliamentary Union, League of Nations, UN Charter, United Nations, European Union, Republic of Tajikistan, Parliament, Majlisi Oli, Majlisi Milli, Majlisi Namoyandagon, cooperation, parliamentary diplomacy, international peace and security, protection of human rights, foreign relations.

Дар замони муосир эҳтиёҷ ба дипломатияи парламентӣ дар арсаи байналмилалӣ афзуда, давлатҳо тавассути ба роҳ мондани муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи парламентӣ ба ҳалли масъалаҳои доғи рӯз ноил мегарданд. Ба роҳ мондани ҳамкорӣ яке аз масъалаҳои марказии Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид (минбаъд – СММ) мебошад. Дар банди 3, моддаи 1 Оинномаи СММ қайд гардидааст, ки яке аз мақсадҳои СММ амалӣ намудани ҳамкории байналмилалӣ дар ҳалли масъалаҳои байналмилалии дорои хусусияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, гуманитарӣ ва ғайра ба ҳисоб меравад[406]. Ҳамкории давлатҳо як принсипи фаъолияти СММ низ шуморида мешавад. Эъломия дар бораи принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ аз 24 октябри соли 1970 давлатҳоро уҳдадор намудааст, ки тибқи Оинномаи СММ бо ҳамдигар ҳамкориро ба роҳ монанд[407]. Ҳамзамон, дар Эъломияи мазкур таъкид мегардад, ки давлатҳо, новобаста ба фарқияти низоми сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии худ

[406] Оинномаи СММ аз 26 июни соли 1945. [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ:URL: https://www.un.org/ru/about-us/un-charter/full-text (санаи муроҷиат: 5 июли соли 2025)

[407] Декларация о принципах международного права, касающихся дружественных отношений и сотрудничества между государствами в соответствии с Уставом Организации Объединенных Наций. [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: URL: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/declarations/intlaw_principles.shtml (санаи муроҷиат: 10 июли соли 2025)

уҳдадоранд дар соҳаҳои гуногуни муносибатҳои байналмилалӣ ҳамкорӣ намоянд. Чунин ҳамкорӣ бояд бо ҳадафи таъмини сулҳу амнияти байналмилалӣ, мусоидат ба субот ва рушди иқтисоди ҷаҳонӣ, боло бурдани сатҳи некуаҳволии халқҳо ва пешбурди ҳамкории байналмилалӣ, ки бар пояи баробарӣ бидуни табъиз асос меёбад, ба роҳ монда шавад.

Масъалаи ҳамкории давлатҳо дар Санади хотимавии Машварат оид ба амнияту ҳамкорӣ дар Аврупо аз 1 августи соли 1975 дарҷ шудааст. Дар санади мазкур қайд мегардад, ки давлатҳои иштироккунанда ҳамкории худро бо ҳамдигар ва тамоми давлатҳо дар ҳама соҳаҳо мувофиқи мақсаду принсипҳои Оинномаи СММ рушд медиҳанд[408]. Аз таҳлили мухтасари санадҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ бармеояд, ки маҳз бо роҳандозии ҳамкории мутақобила, субъектони ҳуқуқи байналмилалӣ метавонанд масъалаҳои муҳимми худ ё ниёзҳои мавҷударо бартараф сохта, ба талаботи замон ҷавобгӯй бошанд.

Дипломатияи парламентӣ яке аз воситаҳои ба роҳ мондани ҳамкорӣ дар байни давлатҳо, инчунин давлату созмонҳои байналмилалӣ ё байни созмонҳои байналмилалӣ буда, тавассути он муносибати муосири байни халқҳо ва давлатҳо вобаста ба масъалаҳои муҳимми рӯз роҳандозӣ мегардад.

Дар адабиёти илмӣ вобаста ба таърихи пайдоиши дипломатияи парламентӣ маълумоти гуногун вуҷуд дорад. Омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ аз он далолат медиҳад, ки бори нахуст истилоҳи «дипломатияи парламентӣ» аз забони роҳбари собиқ ИҶШС И.В.Сталин зимни баромадаш дар Университети шаҳри Свердловск соли 1924 садо додааст. И.В. Сталин дар ин асараш чунин иброз менамояд: «Вместо революционной политики – дряблое филистерство и трезвенное политиканство, парламентская дипломатия и парламентские комбинации»[409]. Гарчанде истилоҳи «дипломатияи парламентӣ» бори аввал аз ҷониби И.В. Сталин истифода шудааст, аммо ӯ дар бораи моҳият, вазифаҳо ва доираи татбиқи он шарҳи муфассал ва амиқ ироа накардааст.

Ба андешаи олими рус Савелчев Л. А. дипломатияи парламентӣ се марҳилаи рушдро аз сар гузарондааст[410]. Марҳилаи якум ба пайдоиши музокирот дар доираи аввалин созмонҳои байналмилалӣ, ба монанди Лигаи Миллатҳо ва Созмони Милали муттаҳид мансуб дониста мешавад.

Чунин намуди дипломатияи парламентиро «дипломатияи вохӯрӣ/гуфтушунид» (conference diplomacy ё diplomacy by conference) меномиданд[411]. Марҳилаи дуюми ташаккули дипломатияи парламентӣ ба

---

[408] Совещание по безопасности и сотрудничеству в Европе.Заключительный акт. [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: URL:https://www.osce.org/files/f/documents/0/c/39505_1.pdf (санаи мурочиат: 15 июли соли 2025)

[409] Сталин И.В. Об основах ленинизма.Лекции, читанные в Свердловском университете.[Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://revolucia.ru/osn_len.htm (санаи мурочиат: 15 июли соли 2025);"Правда" №№ 96, 97, 103,105, 107, 108, 111;26 и 30 апреля, 9, 11, 14, 15 и 18 мая 1924 г.

[410] Савельчев Л. А. Концептуализация парламентской дипломатии // Евразийская интеграция: экономика, право, политика. 2024. Т. 18. № 3. – С. 115

[411] Sergunin A. Russian Sub-National Actors: Paradiplomacies in the Arctic Region // ERSA Conference Papers. European Regional Science Association. 2014. P. 1–21. URL: https://www-sre.wu.ac.at/ersa/ersaconfs/ersa14/e140826aFinal01759.pdf (дата обращения: 05.03.2024). Jessup P. Parliamentary Diplomacy: An Examination of the Legal Quality of the Rules of Procedure of Organs of the United Nations // In Collected Courses of the

давраи аз соли 1960 то 1990 мансуб буда, ба чунин ҷараёнҳо, ба монанди демократисозӣ ва ҷаҳонишавӣ алоқамандӣ дорад.

Марҳилаи сеюм охири асри XX ва аввали асри XXI-ро дар бар гирифта, дар ин давра ниҳодҳои байнипарламентӣ (асосан ассамблеяҳои байнипарламентӣ дар назди созмонҳои минтақавӣ) афзоиш меёбанд. Имрӯз дар ҷаҳон зиёда аз 130 ниҳоди байналмилалии парламентӣ фаъолият дорад[412].

Ин гуна таҳлилҳо собит месозанд, ки бархе аз олимон пайдоиши дипломатияи парламентиро бо пайдоиши аввалин созмонҳои байналмилалии дорои хусусияти байниҳукуматӣ, ба монанди Лигаи Миллатҳо ва СММ рабт медиҳанд. Аз таҳлилу муқоисаи адабиёти гуногуни ҳуқуқӣ ва андешаи олимони соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ бармеояд, ки дипломатияи парламентӣ, новобаста ба он ки истилоҳи мазкур кай ва чӣ гуна истифода шудааст, пеш аз таъсис ва ташаккули созмонҳои байналмилалии зикргардида пайдо шуда, рушд кардааст.

Сарчашмаҳои таърихиву ҳуқуқӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки нимаи дуюми асри XIX байни абарқудратҳо барои аз нав тақсим кардани ҷаҳон мубориза шуруъ шуда, гурӯҳҳои байнидавлатии ҳарбӣ-сиёсӣ ташкил меёбад ва ҷараёни мусаллаҳшавии давлатҳои пурқувват оғоз мегардад. Ин амалҳо боиси пайдо шудани ҳаракати сулҳхоҳон (патсифистҳо)[413] гардиданд ва дар он намояндагони парламентҳои давлатҳои гуногун нақши фаъол доштанд. Ҷамъияти дӯстони сулҳи Фаронса бо роҳбарии Фредерик Пасси ва Ассотсиатсияи сулҳи меҳнаткашони Англия бо роҳбарии дуредгар ва дар оянда узви Парламенти Англия, Рендал Уилям Кример, аз ҷумлаи чунин ҳаракатҳо буданд. Мақсади асосии ин ду сиёсатмадор ҳалли тамоми баҳсҳои байналмилалӣ тавассути арбитраж ба ҳисоб мерафт. Бо ин мақсад ҳатто Суди олии миллатҳо ташкил гардид ва «Ассотсиатсияи сулҳи меҳнаткашон» ба «Лигаи арбитражи байналмилалӣ» табдил ёфт[414].

Дар баробари узви Парламенти Англия шудан, Рэндал Кример, ба Президенти ИМА Гровер Кливленд муроҷиатнома навишта, дар он имзои 232 нафар аъзои парламенти давлати худро замима намуда, талаб кард, ки тамоми баҳсхои байни Англия ва ИМА тавассути арбитраж ҳал карда шаванд.

Сиёсатмадори фаронсавӣ Фредерик Пасси низ дар пайравӣ ба Рэндал Кример ташаббуси бастани созишномаи арбитражи франко-амрикоиро ба миён гузошт. Дар ниҳояти кор, Пасси ва Кример вохӯрии намояндагони парламенти Англияву Фаронсаро 31 октябри соли 1888 дар Париж баргузор намуданд. Дар ин вохӯрӣ 8 вакил аз Парламенти Фаронса ва 26

Hague Academy of International Law. 1956. Vol. 89. No. 1. http://dx.doi. org/10.1163/1875-8096_pplrdc_A9789028612624_03

412 Stavridis S., Jancic D. Parliamentary Diplomacy in European and Global Governance. Diplomatic Studies. Leiden : Brill Nijhoff, 2017. –P.230

413 Патсифизм (аз калимаи лотинии pacificus–сулҳофарӣ гирифта шуда), маънои идеология, сиёсат ва ҳаракати ҷамъиятиеро дорад, ки бар зидди ҷанг ва дилхоҳ намуди зӯроварӣ амал мекунад

414 Как создавался Межпарламентский союз. Парламентская газета. Издание Федерального Собрания Российской Федерации. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL:https://www.pnp.ru/politics/kak-sozdavalsya-mezhparlamentskiy-soyuz.html (санаи муроҷиат: 25 сентябри соли 2025)

вакили Парламенти Англия иштирок намуданд[415]. Дар вохӯрии мазкур Эъломия қабул ва иштироки аъзои парламентҳои аксар давлатҳо дар ҳалли масъалаҳои байналмилалӣ мувофиқи мақсад дониста шуд. Ҳамзамон, дар ин вохӯрӣ кумитае барои омода намудани конференсияи намояндагони парламент дар сатҳи васеъ таъсис гардид.

Иштирокдорони конференсияе, ки 29-30 июни соли 1889 дар меҳмонхонаи «Континентал»-и шаҳри Париж, бо ширкати 94 нафар намояндаи парламент аз 9 кишвари дунё баргузор гардид, тасмим гирифтанд, ки конференсияи мазкур ба «Иттиҳоди байналмилалии парламентӣ баҳри арбитражи байналмилалӣ» табдил дода шавад[416]. Дар ин ҳуҷҷат ба ҳукумати тамоми кишварҳо муроҷиат қабул гардид, ки бо бастани созишномаҳои арбитражӣ барои ҳалли ҳама гуна масъалаҳои баҳсӣ – бе халал расондан ба истиқлолияти давлатҳо ва дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигар иқдом намоянд. Минбаъд, доираи мавзуъҳои баррасишаванда дар доираи ин сохтор тавсеа ёфта, аз соли 1899 инҷониб он ба таври расмӣ бо номи Созмони байналмилалии Иттиҳоди байнипарламентӣ шинохта мешавад[417].

Дар ибтидо Иттиҳоди байнипарламентӣ намояндагони парламентҳои алоҳидаро дар атрофи худ ҷамъ менамуд, вале баъди Ҷанги дуюми Ҷаҳон ба иттиҳоди намояндагони ҳамаи парламентҳо табдил ёфт. Ҳамин тариқ, бо таъсиси Иттиҳоди байнипарламентӣ аввалин созмони байналмилалӣ барои ҳалли масъалаҳои сиёсӣ ба вуҷуд омад, ки он барои таъсиси созмонҳои минбаъдаи байналмилалӣ дар самти таъмини сулҳ ва амният дар ҷаҳон, аз ҷумла Лигаи Миллатҳо ва Созмони Милали Муттаҳид замина гузошт.

Иттиҳоди байнипарламентӣ, ки ҳамчун нахустин созмони байналмилалӣ барои ҳалли осоиштаи масъалаҳои сиёсӣ таъсис ёфта буд, имрӯз баҳри сулҳ ва ҳамкорӣ миёни халқҳо ва таҳкими ниҳодҳои намояндагӣ фаъолият мекунад. Ин созмон татбиқи ҳадафу вазифаҳои Созмони Милали Муттаҳидро дастгирӣ намуда, бо он дар ҳамкории зич қарор дорад[418]. Дар сохтори Иттиҳоди байнипарламентӣ Кумита оид ба ҳуқуқи инсон ва муносибат бо намояндагони парламент, Форуми намояндагони ҷавони парламент ва Форуми занон - намояндагони парламент фаъолият карда, намояндагии тамоми давлатҳои аъзоро дар кори худ муттаҳид намудааст. Ҳамзамон дар доираи созмони мазкур сол то сол иштироки занони вакил дар сатҳи гуногун зиёд шуда, баҳри афзун намудани нақш ва мавқеи онҳо чорабиниҳои гуногун гузаронда мешаванд.

Аз таҳлили пайдоиш ва фаъолияти Иттиҳоди байнипарламентӣ бармеояд, ки ин созмон бори нахуст дар арсаи байналмилалӣ соли 1889 бо мақсади ба роҳ мондани ҳамкории байналмилалии парламентӣ таъсис дода

---

[415] Международные парламентские организации: Межпарламентский союз (МПС). Новый дипломатический словарь. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL:https://дипсловарь.рф/ru/mezhdunarodnye-parlamentskie-organizatsii-mezhparlamentskii-soiuz-mps(санаи муроҷиат: 25 сентябри соли 2025.)

[416] Как создавался Межпарламентский союз.Вестник Совета Федерации.№9/157 (ноябрь 2017 года). – С. 62.

[417] Сарчашмаи номбаршуда. – С. 62.

[418] Устав Межпарламентского союза (С изменениями и дополнениями). – Москва, 2018. – С. 4.

шуда, то имрӯз фаъолият намуда, дар самти пайдоиш ва ташаккули дипломатияи парламентӣ нақши бузург дорад.

Яке аз рӯйдодҳои муҳимми солҳои 20-уми асри XX таъсиси нахустин созмони байналмилалии дорои хусусияти байниҳукуматӣ- Лигаи Миллатҳо бо котиботи худ, аз ҳисоби кормандони сатҳи байналмилалӣ ба ҳисоб мерафт. Дар доираи созмони мазкур Ассамблеяи Лигаи Миллатҳо мақоми асосӣ шуморида мешуд ва он аз ҳисоби намояндагони давлатҳои аъзо таъсис ёфта буд, ки ҳар кадоме як овоз дошт. Маврид ба зикри хос аст, ки Лигаи Миллатҳо соли 1920 таъсис ёфта, бо сабаби фаъолияти бесамар доштан расман соли 1946 барҳам дода шуд. Яке аз хизматҳои асосии Лигаи Миллатҳо дар доираи ҳуқуқи байналмилалӣ ҷорӣ намудани ҳамкории байналмилалии ҳуқуқиву сиёсии давлатҳо мебошад.

Муҳаққиқони англис Чез У. Фримен ва Салли Маркс дар асари худ таҳти унвони «Дипломатия пас аз Ҷанги Якуми Ҷаҳон» фаъолияти Лигаи Миллатҳоро мавриди таҳлил қарор дода, зикр мекунанд, ки «Лига дипломатияи парламентиро... ворид намуд»[419]. Бо вуҷуди ин, аз ҷониби муаллифон шарҳу тавзеҳи равшане дар бораи мафҳум ва муҳтавои дипломатияи парламентӣ ироа нагардидааст.

Истилоҳи «дипломатияи парламентӣ» соли 1955 аз ҷониби Д. Раск ба доираи мафҳумҳои илмию сиёсӣ ворид карда шуда, вазифаи асосии онро тақвияти ҳамдигарфаҳмӣ байни кишварҳо, беҳтар кардани назорати ҳукумат, густариши намояндагии мардум ва таҳкими қонунияти демократии ниҳодҳои байниҳукуматӣ маънидод намуд[420].

Соли 1956 истилоҳи «дипломатияи парламентӣ» барои истифода дар доираи ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун маҷмуи қоида ва низомномаҳо вобаста ба ташкили конференсияҳои бисёрҷонибаи дипломатӣ ворид мегардад[421]. Шуруъ аз соли 2010 асарҳои олимон вобаста ба мавзуи дипломатияи парламентӣ таълиф гардидаанд[422].

Вобаста ба мафҳуми дипломатияи парламентӣ дар адабиёти соҳаи ҳуқуқшиносӣ ақидаҳои мухталиф ҷой доранд. Ба ақидаи Лихачёв В. «Дипломатияи парламентӣ» ҳамчун истилоҳи сиёсии «сиёсати хориҷӣ» ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти дипломатӣ, пеш аз ҳама мақоми олии намояндагии давлатро дар бар мегирад. Дипломатияи парламентӣ ба амалигардонии принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ ва Оинномаи СММ, иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии давлат, бастан ва имплементатсияи шартномаҳои байналмилалӣ, истифодаи меъёрҳои

---

[419] Чез.У.Фримен, Салли Маркс. Дипломатия после Первой мировой войны. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL:https://translated.turbopages.org/proxy_u/en-ru.ru.fcb6ff21-68ea24f8-db84adee-74722d776562/https/www.britannica.com/topic/diplomacy/Diplomacy-since-World-War-I#ref83093 (санаи муроҷиат:11 октябри соли 2025.)

[420] RuskD. Parliamentary Diplomacy Debate vs. Negotiation// World Affairs Interpreter. 1955. V. 26. №2.Pp.121—138.

[421] Jessup P. Parliamentary Diplomacy: An Examination of the Legal Quality of the Rules of Procedure of Organs of the United Nations // In Collected Courses of the Hague Academy of International Law. 1956. Vol. 89. No. 1. http://dx.doi. org/10.1163/1875-8096_pplrdc_A9789028612624

[422] Савельчев Л. А. Концептуализация парламентской дипломатии // Евразийская интеграция: экономика, право, политика. 2024. Т. 18. № 3. -С. 115; Stavridis S. Parliamentary Diplomacy: A Review Article // International Journal of Parliamentary Studies. 2021. Vol. 1. No. 2. - P. 238.

протоколи дипломатӣ, ташкил ва фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ ва татбиқи ташаббусҳои сиёсати хориҷии давлат алоқамандӣ дорад[423].

Вазифаи асосии дипломатияи парламентӣ «тавассути робитаҳои байнипарламентӣ муаррифӣ намудани мавқеи давлат (ё парламент)-и худ аз рӯи ин ё он масъалаи муҳимми ҷаҳон мебошад»[424]. Собиқ раиси Лок Сабҳа – палатаи поёнии Парламенти Ҳиндустон Раби Рэй чунин меҳисобад, ки «дипломатияи парламентӣ маънои аз ҷониби намояндагони парламент иҷро намудани нақши дипломат ё дахолати фаъоли намояндагони парламент дар тавсеаи сиёсати хориҷиро дорад»[425]. В. Риттбергер дипломатияи парламентиро «дипломатияи конференсиягӣ меҳисобад, ки аз ҷониби ҳайати парламентҳои миллӣ дар ассамблеяҳои байналмилалии парламентӣ ва нимпарламентӣ амалӣ гардонда мешавад»[426]. Олими ҷавони тоҷик Оқилзода Н.Н. чунин меҳисобад, ки «Дипломатияи парламентӣ – яке аз шаклҳои назарраси дипломатия буда, ба таври васеъ омӯхта нашуда бошад, ҳам нақши он дар корҳои байналмилалӣ рӯ ба рушд аст»[427].

Ба ақидаи мо, мафҳуми «дипломатияи парламентӣ» ҳамчунин фаъолияти дуҷониба ва бисёрҷонибаи мақоми олии қонунгузори давлатҳо ва сарони давлату ҳукуматҳоро дар доираи мақомоти намояндагии созмонҳои байналмилалӣ дар бар мегирад. Ин гуна амалҳо ба таҳкими сулҳу амнияти байналмилалӣ, густариши ҳамкорӣ дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигар ҷанбаҳои муносибатҳои байналмилалӣ равона шудаанд.

Дар шароити вазъи мураккаби сиёсии ҷаҳон дипломатияи парламентӣ як воситаи ба ҳам наздик сохтани муносибати сиёсии давлатҳо ба ҳисоб меравад.

Вобаста ба аҳаммияти дипломатияи парламентӣ олимону сиёсатмадорон ақидаҳои гуногун баён намудаанд. Тибқи ақидаи В.В. Путин дипломатияи парламентӣ қодир аст бовариро байни мамлакатҳо таҳким бахшида, ба ҳалли масоили нозуки минтақавӣ ва байналмилалӣ таъсири мусбат расонад[428]. Муҳаммадбоқир Қолибоф чунин меҳисобад, ки «Дипломатияи парламентӣ яке аз самтҳои муҳим ба ҳисоб рафта, мо ин

---

[423] Лихачев В. Парламентская дипломатия. Электронный журнал Международная жизнь. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL:https://interaffairs.ru/jauthor/material/122 (санаи мурочиат: 12 сентябри соли 2025.)

[424] Новый дипломатический словарь. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://dipslo.ru/ru/parlamentskaia-diplomatiia (санаи мурочиат: 8 сентябри соли 2025)

[425] Громогласова Е.С.
Об исторической взаимосвязи парламентской и гуманитарной дипломатии. Управление и политика. 2023;2(4):. – С.9; Ray, R. Parliamentary Diplomacy. New Delhi: Chand & Company. (1991). S. Chand & Co. – P. 12

[426] Rittberger, V. (1983). Global Conference Diplomacy and International Policy-Making: The Case of UN-Sponsored World Conferences. European Journal of Political Research, 11, -P. 168; Громогласова Е.С. Об исторической взаимосвязи парламентской и гуманитарной дипломатии. Управление и политика. 2023;2(4). –С.12;

[427] Оқилзода Н.Н. Сатҳи нави ҳамкории дипломатияи парламентии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://cyberleninka.ru/article/n/new-level-of-cooperation-of-the-parliamentary-diplomacy-of-the-republic-of-tajikistan (санаи мурочиат: 5 ноябри соли 2025.)

[428] Путин: Парламентская дипломатия в высшей степени востребована в современных условиях. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL:https://tass.ru/politika/5260480 (санаи мурочиат: 12 августи соли 2025.)

имкониятро барои густариши робитаҳои худ дар ҳамаи самтҳо бояд истифода барем»[429]. Ба ақидаи В.Матвиенко ва В.Володин дипломатияи парламентӣ метавонад ва бояд ба коҳиш додани муқовимат ва афзоиш наёфтани низоъ, таҳкими боварӣ байни мамлакатҳо ва халқҳо мусоидат намояд[430].

Ташаккули низоми бисёрқутбӣ ҷараёни объективӣ ва бебозгашт буда, дар чунин шароит талабот ба дипломатияи парламентӣ ва самарабахшии он торафт меафзояд. Муносибат ва ҳамкории намояндагони парламентҳо дар он ҷое, ки механизми муқаррарии сиёсати хориҷӣ ба душворӣ дучор омадааст, самар хоҳад дод[431].

Дипломатияи муосир, аз ҷумла дар сатҳи парламентӣ, на танҳо бо робитаҳои дуҷониба бо ин ё он давлат маҳдуд аст. Шаклҳои шабакавӣ ва бисёрҷонибаи байналмилалии ҳамкорӣ аҳаммияти калон касб кардаанд ва дар шароити гуногунандешии мақомоти намояндагӣ ба унсурҳои муассиртарин табдил ёфтаанд. Амалияи дипломатияи парламентӣ равишҳоеро дар бар мегирад, ки барои ҳалли маҷмуи васеи мушкилот дар шароити гуногун ва барои бартараф кардани ҳама гуна ҳолатҳои низоъ равона гардидаанд[432].

Сиёсатмадорони туркман дипломатияи парламентиро омили муҳимми таҳкими дӯстии байни халқҳо ва шарикии босамари байналмилалӣ меҳисобанд[433].

Сиёсатмадорони ӯзбекистонӣ бар он ақидаанд, ки тавсеаи дипломатияи парламентӣ, ба суръатбахшии ташаккули робитаҳои мутақобилаи парламенти мамлакат бо парламенти давлатҳои муттарақии хориҷӣ минбаъд ба боло рафтани нуфузи Ӯзбекистон дар арсаи байналмилалӣ ва пешбурди пайвастаи манфиатҳои миллии мо мусоидат хоҳад намуд[434].

Азиз Нилуфар Муъмин чунин меҳисобад, ки дипломатияи парламентӣ бо самтҳои муайяни ҳамкорӣ маҳдуд нагардида, тамоми самтҳои

---

[429] Парламентская дипломатия: сотрудничество на принципах взаимного уважения. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://duma.gov.ru/news/57727/(санаи муроҷиат: 12 августи соли 2025.)

[430] Володин: парламентская дипломатия должна содействовать снижению конфронтации в мире. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ://URL:https://tass.ru/politika/5260472 (санаи муроҷиат: 22 августи соли 2025.); Блог Председателя Совета Федерации В.И.Матвиенко. Санкт- Петербург дал новый импульс развитию парламентской дипломатии// Международная жизнь.2017.26 октября. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://interaffairs.ru/news/show/18625 (санаи муроҷиат: 22 августи соли 2025.)

[431] О возрастающей роли парламентской дипломатии в многополярном мире (М.В. Варлен, журнал «Lex Russica», N7, июль 2019 г.). – С.54-55

[432] Коньков А.Е., Чуков Р.С. Парламентская дипломатия и культура парламентского диалога в современной политике. Государственное управление. Электронный вестник Выпуск № 77. декабрь 2019 г. - С.128

[433] Туркменистан укрепляет межпарламентский диалог: в Ашхабаде обсудили роль нейтралитета. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL:https://www.infoabad.com/5901-turkmenistan-ukrepljaet-mezhparlamentskii-dialog-v-ashhabade-obsudili-rol-neitraliteta.html (санаи муроҷиат 10 октябри соли 2025)

[434] Роль парламентской дипломатии в международных отношениях. Агентии милиии ахборотии Узбекистон(UZL). [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://uza.uz/ru/posts/rol-parlamentskoy-diplomatii-v-mezhdunarodnykh-otnosheniyakh-17-04-2019/(санаи муроҷиат: 2 октябри соли 2025)

фаъолияти давлатро фаро мегирад ва имкон медиҳад, ки манфиатҳои давлату миллат дақиқан муайян карда шаванд[435].

Ба ақидаи Ашимбаев М. муҳиммияти майдони парламентӣ барои пешбурди дипломатия дар он зоҳир меёбад, ки маҳз дар ин майдонҳо асосҳои бунёдӣ барои ҷараёнҳои ҳамгироӣ омода мегарданд[436]. Кочанова Н.И. чунин андеша меронад, ки дипломатияи парламентӣ дар таҳкими муколамаи байни тамаддунҳо иқтидори бузург дошта, он махсусан дар шароити ташаккули мураккаби тартиботи бисёрқутбӣ ва одилонаи ҷаҳон муҳим мебошад[437].

Мавқеи Кумитаи Думаи давлатии Федератсияи Россия оид ба корҳои байналмилалӣ чунин аст, ки дипломатияи парламентӣ воситаи беназири эҷоди муносибатҳои хуби боэътимод байни россиягиҳо ва ҳамтоёни хориҷии онҳо мебошад[438].

Ба андешаи мо, аҳаммияти дипломатияи парламентӣ дар замони муосир бо он ифода меёбад, ки он шакли қадимтарину олитарини ҳамкории байнидавлатӣ дар шаклҳои дуҷониба ва бисёрҷониба мебошад. Новобаста ба буҳрони дар сиёсати байналмилалӣ мавҷудбуда, дипломатияи парламентӣ бо ҷалби намояндагони ҳокимияти қонунгузор барои ба роҳ мондани ҳамкорӣ дар самтҳои муҳимми сиёсати байналмилалӣ равона шудааст. Ин гуна самтҳо таҷассумгари таъмини сулҳу амнияти байналмилалӣ, эҳтиром ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон, баробарии гендерӣ, маҳкум кардани ҳама гуна шаклҳои табъиз, нигоҳдории тартиботи муътадили байналмилалӣ ва дигар масъалаҳои муҳим ва доғи рӯз мебошанд.

Айни ҳол дипломатияи парламентӣ дар шакли дуҷониба ба таври васеъ истифода мегардад. Дар баробари дипломатияи дуҷониба ҳамкорӣ дар доираи Иттиҳоди байнипарламентӣ, Ассамблеяи парламентии Осиё, Ассамблеяи парламентии Шурои Аврупо, Парламенти Иттиҳоди Аврупо, Ассамблеяи парламентии САҲА, Ассамблеяи парламентии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Ассамблеяи Парламентии Созмони Аҳдномаи Амнияти дастаҷамъӣ ба таври густурда роҳандозӣ карда мешавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1991 инҷониб узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, вобаста ба манфиатҳои олии халқ бо созмонҳои байналмилалӣ ва кишварҳои хориҷӣ робитаҳои байналмилалӣ барқарор

---

[435] Азиз Нилуфар Мумин. Парламентская дипломатия в системе парламентских измерений международных отношений // Актуальные проблемы международных отношений и глобального развития: сб. науч. ст. Минск, 2021. Вып. 9. - С. 198.

[436] Азиз Нилуфар Мумин. Асари номбаршуда.-С.203. Ашимбаев М. Парламентское сотрудничество на Евразийском пространстве следует развивать с участием Кыргызстана и Таджикистана // МИА «Казинформ». [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ:URL:http://webmail.inform.kz/ru/parlamentskoe-sotrudnichestvo-na-evraziyskom-prostranstve- sleduet-razvivat-suchastiem-kyrgyzstana-i-tadzhikistana_a2494394 (санаи муроҷиат: 12 октябри соли 2025.);

[437] Наталья Кочанова: парламентская дипломатия имеет огромный потенциал для укрепления межцивилизационного диалога.[Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL:https://pravo.by/novosti/obshchestvenno-politicheskie-i-v-oblasti-prava/2025/october/90445/– Национальный правовой Интернет-портал Республики Беларусь. (санаи муроҷиат: 13 октябри соли 2025.)

[438] Межпарламентское сотрудничество и парламентская дипломатия.Сомонаи расмии Кумитаи Думаи давлатии Федератсияи Россия оид ба корҳои байналмилалӣ. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL:https://interkomitet.ru/mezhparlamentskoe-sotrudnichestvo-i-parlamentskaya-diplomatiya(санаи муроҷиат: 2 октябри соли 2025.);

намудааст. Маҷлиси Олӣ - парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори мамлакат аст ва дар доираи салоҳияти худ дар татбиқи сиёсати хориҷии кишвар фаъолият мекунад. Заминаи ҳуқуқии татбиқи сиёсати хориҷии кишвар ва дипломатияи парламентии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Маҷлиси Олӣ тавассути қабули қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо ва ба тасвиб расондани шартномаҳои байналмилалии мамлакат дар татбиқи сиёсати хориҷии кишвар ва дипломатияи парламентӣ иштирок менамояд.

Яке аз заминаҳои марказии ҳуқуқии ба роҳ мондани дипломатияи парламентӣ аз ҷониби Маҷлиси Олӣ Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 19 апрели соли 2000 мебошад. Моддаи 19 Қонуни конститутсионии мазкур ба салоҳияти Маҷлиси миллӣ бахшида шуда, дар он меъёри мушаххас оиди ба роҳ мондани ҳамкории байнипарламентӣ муқаррар нагардидааст. Танҳо дар банди 6 моддаи мазкур қайд мегардад: «Амалӣ намудани ваколатҳои
дигаре, ки Конститутсия ва қонунҳо муайян кардаанд.». Моддаи 24 Қонуни конститутсионии мазкур ба танзими салоҳияти Раиси Маҷлиси милии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, дар баробари танзими дигар масъалаҳо дар сатҳи ҳамкории байналмилалӣ чунин меъёр муқаррар гардидааст: «6) Маҷлиси миллиро дар дохил ва хориҷи кишвар намояндагӣ мекунад;7) ба созишномаҳои байнипарламентии Маҷлиси миллӣ имзо мегузорад; (ҚКҶТ аз 25.06.2021с. №1798)». Ҳамчунин, дар моддаи 28 Қонуни конститутсионии мазкур салоҳияти Шурои Маҷлиси миллӣ зикр гардида, банди 8 ба масъалаи ташкили робитаҳои байнипарламентии Маҷлиси миллӣ бахшида шудааст.

Айнан бо чунин мазмун дар Қонуни конститутсионии мазкур вобаста ба салоҳияти Маҷлиси намояндагон, салоҳияти Раиси Маҷлиси намояндагон ва Шурои маҷлис меъёр муқаррар гардидааст. Маврид ба зикри хос аст, ки илова бар ин Маҷлиси намояндагон салоҳияти тасдиқ ва бекор кардани шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро доро мебошад.

Бояд қайд намуд, ки 6 ноябри соли 1994 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, дар санади мазкур бо назардошти ҳамчун субъекти мустақил дар арсаи байналмилалӣ амал намудан, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ пазируфта шуданд. Дар ин замина, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ҳамчун сарчашмаи дипломатияи парламентии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд. Ҷиҳати таъмини иштироки Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои байналмилалӣ 26 майи соли 1995 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Конвенсия дар бораи Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (минбаъд – ИДМ)-ро ба

имзо расонда, Конвенсияи мазкур бо Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 ноябри соли 1995, №193 ба тасвиб расонда шуд[439].

Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз давлатҳои таъсисдиҳандаи Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ (минбаъд – САД) дар соли 2002 мебошад. Дар он сол Оинномаи САД имзо гардид ва ба тасвиб расонда шуд. 16 ноябри соли 2006 дар шаҳри Санкт-Петербург зимни баргузории Шурои Ассамблеяи байнипарламентии ИДМ намояндагони давлатҳои созмони мазкур қарор оиди таъсиси Ассамблеяи парламентии САД-ро қабул карданд.Соли 2010 бо қарори Шурои Амнияти дастаҷамъии САД Ассамблеяи парламентӣ ба Оинномаи САД ворид карда шуда, ҳамчун мақоми ҳамкории байнипарламентӣ муайян гардид[440]. Вакилони Парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ниҳоди мазкур вобаста ба масъалаҳои амнияту мудофиа дипломатияи парламентиро ба роҳ мемонанд.

Дар баробари шартномаҳои байналмилалии дорои хусусияти бисёрҷониба, Маҷлиси Олӣ тавассути бастани созишномаҳои ҳамкорӣ бо парламенти кишварҳои хориҷӣ ҳамкорӣ ба роҳ мемонад. Чунончи, 3 марти соли 2022 Созишномаи ҳамкорӣ байни Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Милли Меҷлиси Ҷумҳурии Озарбойҷон ба имзо расонда шуда, тарафҳо барои таҳкиму густариши робитаҳои байнипарламентӣ ба мувофиқа расиданд.

Дар баробари санадҳои зикргардида, санади махсус дар самти ояндабинии робитаи берунаи кишвар – Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Консепсия) мебошад. Консепсия санади сиёсиест, ки принсипҳои асосӣ, ҳадафу вазифа ва самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо назардошти манфиатҳои миллии дарозмуддати кишвар муайян ва танзим менамояд. Дар Консепсия дарҷ гардидааст, ки Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ваколатҳои конститутсионии худ фаъолияти қонунгузориро ҷиҳати таъмини амалисозии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии он анҷом медиҳанд[441].

Ба ғайр аз санадҳои меъёрии зикргардида дипломатияи парламентии Маҷлиси Олӣ тавассути дастурҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим мегардад. Дар боби 6 Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 1 октябри соли 2024 дарҷ гардидааст, ки Маҷлиси намояндагон метавонад бо парламентҳои давлатҳои дигар ва ташкилотҳои байналмилалии парламентӣ дар бораи ҳамкории байнипарламентӣ созишнома имзо кунад. Яке аз воситаҳои муҳимми татбиқи дипломатияи парламентӣ бо парламентҳо ва созмонҳои байналмилалӣ ба роҳ мондани

---

439 Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1995, №22/95.М-333.–С.80;

440 Сомонаи расмии Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ:URL: https://odkb-csto.org/25years (санаи муроҷиат 26 октябри соли 2025);

441 Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2015. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL:https://www.mfa.tj/tg/main/view/988/konsepsiyai-sijosati-khorijii-jumhurii-tojikiston. (санаи муроҷиат: 28 октябри соли 2025.)

фаъолият тавассути гурӯҳҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ мебошад. Масъалаи мазкур низ дар Дастури Маҷлиси намояндагон танзим карда шудааст.

Дар охир қайд карданием, ки заминаи ҳуқуқии дипломатияи парламентии фаъолияти Маҷлиҷси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи мамлакат, Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастури Маҷлиси миллӣ ва Дастури Маҷлиси намояндагон ташкил медиҳанд.

Бо назардошти густариши ҳамкории байнипарламентӣ, инчунин тағйироти куллӣ дар арсаи байналмилалӣ, пайдоиши низоъҳои байнидавлатӣ, ҳамзамон рушди равандҳои дипломатӣ, бо мақсади таҳкими сулҳу амният дар минтақа баргузории вохӯриҳои парламентии «Осиёи Марказӣ + Россия»,«Осиёи Марказӣ + Чин» ва «Осиёи Марказӣ+Ҷопон»-ро бо мақсад мувофиқ мешуморем.

Адабиёт:

1. Оинномаи СММ аз 26 июни соли 1945. [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ:URL: https://www.un.org/ru/about-us/un-charter/full-text (санаи мурочиат: 5 июли соли 2025);
2. Декларация о принципах международного права, касающихся дружественных отношений и сотрудничества между государствами в соответствии с Уставом Организации Объединенных Наций. [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ:URL: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/declarations/intlaw_principles.shtml (санаи мурочиат: 10 июли соли 2025);
3. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2015. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL:https://www.mfa.tj/tg/main/view/988/konsepsiyai-sijosati-khorijii-jumhurii-tojikiston. (санаи мурочиат: 28 октябри соли 2025.);
4. Совещание по безопасности и сотрудничеству в Европе. Заключительный акт. [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: URL:https://www.osce.org/files/f/documents/0/c/39505_1.pdf (санаи мурочиат: 15 июли соли 2025);
5. Устав Межпарламентского союза (С изменениями и дополнениями). - Москва, 2018.- С.4-22.
6. Азиз Нилуфар Мумин. Парламентская дипломатия в системе парламентских измерений международных отношений // Актуальные проблемы международных отношений и глобального развития: сб. науч. ст. Минск, 2021. Вып. 9. - С. 197-213;
7. Ашимбаев М. Парламентское сотрудничество на Евразийском пространстве следует развивать с участием Кыргызстана и Таджикистана // МИА «Казинформ». [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ:URL:http://webmail.inform.kz/ru/parlamentskoe-sotrudnichestvo-na-evraziyskom-prostranstve- sleduet-razvivat-suchastiem-kyrgyzstana-i-tadzhikistana_a2494394 (санаи мурочиат: 12 октябри соли 2025.);

8. Блог Председателя Совета Федерации В.И.Матвиенко.Санкт-Петербург дал новый импульс развитию парламентской дипломатии//Международная жизнь.2017.26 октября. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: URL: https://interaffairs.ru/news/show/18625 (санаи мурочиат: 22 августи соли 2025.);
9. Володин: парламентская дипломатия должна содействовать снижению конфронтации в мире. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL:https://tass.ru/politika/5260472 (санаи мурочиат: 22 августи соли 2025);
10. ГромогласоваЕ.С. Об исторической взаимосвязи парламентской и гуманитарной дипломатии. Управление и политика. 2023;2(4):. –С.8-23;
11. Лихачев В. Парламентская дипломатия. Электронный журнал Международная жизнь. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL:https://interaffairs.ru/jauthor/material/122(санаи мурочиат: 12 сентябри соли 2025);
12. Как создавался Межпарламентский союз. Парламентская газета. Издание Федерального Собрания Российской Федерации. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL:https://www.pnp.ru/politics/kak-sozdavalsya-mezhparlamentskiy-soyuz.html (санаи мурочиат: 25 сентябри соли 2025);
13. Как создавался Межпарламентский союз. Вестник Совета Федерации,№9/157 (ноябрь 2017 года). -С.62-69;
14. Коньков А.Е., Чуков Р.С. Парламентская дипломатия и культура парламентского диалога в современной политике.Государственное управление. Электронный вестник Выпуск № 77, декабрь 2019 г. - С.124-143;
15. Международные парламентские организации: Межпарламентский союз (МПС). Новый дипломатический словарь. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL:https://дипсловарь.рф/ru/mezhdunarodnye-parlamentskie-organizatsii-mezhparlamentskii-soiuz-mps(санаи мурочиат: 25 сентябри соли 2025);
16. Межпарламентское сотрудничество и парламентская дипломатия. Сомонаи расмии Кумитаи Думаи давлатии Федератсияи Россия оид ба корҳои байналмилалӣ. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL:https://interkomitet.ru/mezhparlamentskoe-sotrudnichestvo-i-parlamentskaya-diplomatiya (санаи мурочиат: 2 октябри соли 2025);
17. Наталья Кочанова: парламентская дипломатия имеет огромный потенциал для укрепления межцивилизационного диалога. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL:https://pravo.by/novosti/obshchestvenno-politicheskie-i-v-oblasti-prava/2025/october/90445/– Национальный правовой Интернет-портал Республики Беларусь. (санаи мурочиат: 13 октябри соли 2025);
18. Новый дипломатический словарь.[Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://dipslo.ru/ru/parlamentskaia-diplomatiia (санаи мурочиат: 8 сентябри соли 2025);
19. О возрастающей роли парламентской дипломатии в многополярном мире (М.В. Варлен, журнал «Lex Russica», N7, июль 2019 г.). – С.54-64;

20. Оқилзода Н.Н. Сатҳи нави ҳамкории дипломатияи парламентии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://cyberleninka.ru/article/n/new-level-of-cooperation-of-the-parliamentary-diplomacy-of-the-republic-of-tajikistan (санаи мурочиат: 5 ноябри соли 2025);
21. Парламентская дипломатия: сотрудничество на принципах взаимного уважения. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://duma.gov.ru/news/57727/(санаи мурочиат: 12 августи соли 2025);
22. Путин: Парламентская дипломатия в высшей степени востребована в современных условиях. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL:https://tass.ru/politika/5260480 (санаи мурочиат: 12 августи соли 2025);
23. Роль парламентской дипломатии в международных отношениях. Агентии милиии ахборотии Узбекистон(UZL). [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://uza.uz/ru/posts/rol-parlamentskoy-diplomatii-v-mezhdunarodnykh-otnosheniyakh-17-04-2019/(санаи мурочиат: 2 октябри соли 2025);
24. Савельчев Л. А. Концептуализация парламентской дипломатии // Евразийская интеграция: экономика, право, политика. 2024. Т. 18. № 3. -С. 112-121;
25. Сомонаи расмии Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ. Манбаи дастрасӣ:URL: https://odkb-csto.org/25years (санаи мурочиат 26 октябри соли 2025);
26. Сталин И.В. Об основах ленинизма. Лекции, читанные в Свердловском университете. [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: URL: https://revolucia.ru/osn_len.htm (санаи мурочиат: 15 июли соли 2025);“Правда” №№ 96, 97, 103,105, 107, 108, 111; 26 и 30 апреля, 9, 11, 14, 15 и 18 мая 1924 г.;
27. Туркменистан укрепляет межпарламентский диалог: в Ашхабаде обсудили роль нейтралитета. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL:https://www.infoabad.com/5901-turkmenistan-ukrepljaet-mezhparlamentskii-dialog-v-ashhabade-obsudili-rol-neitraliteta.html (санаи мурочиат 10 октябри соли 2025);
28. Чез.У.Фримен, Салли Маркс. Дипломатия после Первой мировой войны. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL:https://translated.turbopages.org/proxy_u/en-ru.ru.fcb6ff21-68ea24f8-db84adee-74722d776562/https/www.britannica.com/topic/diplomacy/Diplomacy-since-World-War-I#ref83093 (санаи мурочиат:11 октябри соли 2025).
29. Jessup P. Parliamentary Diplomacy: An Examination of the Legal Quality of the Rules of Procedure of Organs of the United Nations // In Collected Courses of the Hague Academy of International Law. 1956. Vol. 89. No. 1. http://dx.doi. org/10.1163/1875-8096_pplrdc_A9789028612624_03;
30. Ray, R. Parliamentary Diplomacy. New Delhi: Chand & Company. (1991). S. Chand & Co. – P. 12;

31. RuskD.Parliamentary Diplomacy Debate vs. Negotiation// World Affairs Interpreter. 1955. V. 26. №2.Pp.121—138;
32. Rittberger, V. (1983). Global Conference Diplomacy and International Policy-Making: The Case of UN-Sponsored World Conferences. European Journal of Political Research, 11, -P. 168;
33. Sergunin A. Russian Sub-National Actors: Paradiplomacies in the Arctic Region // ERSA Conference Papers. European Regional Science Association. 2014. P. 1–21. URL: https://www-sre.wu.ac.at/ersa/ersaconfs/ersa14/e140826aFinal01759.pdf (дата обращения: 05.03.2024);
34. Stavridis S., Jancic D. Parliamentary Diplomacy in European and Global Governance. Diplomatic Studies. Leiden : Brill Nijhoff, 2017. –P.227-269;

Мақола дар редаксия ворид шуд: 20.11.2025
Аз тақриз баргашт: 25.11.2025
Ба чоп тавсия шуд: 25.12.2025

КРИМИНАЛИСТИКА; ФАЪОЛИЯТИ СУДӢ-ЭКСПЕРТӢ; ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ (ИХТИСОС: 5.5.12) – КРИМИНАЛИСТИКА; СУДЕБНО-ЭКСПЕРТНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ, ОПЕРАТИВНО-РОЗЫСКНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.5.12)

МАСОИЛИ ИСТИФОДАИ НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

Раҳмон Саидмузаффар Саймузафар,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.
Тел.: (+992) 918-92-21-22
E-mail: SHSS-85@mail.ru

Муқарриз: Назаров А.Қ., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

Фишурда. Дар мақолаи мазкур масъалаҳои назариявӣ ва амалии истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (ФОҶ) дар мурофиаи ҷиноятӣ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Муаллиф бо такя ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла моддаҳои 72, 84 ва 86 Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» (аз 25 марти соли 2011), норасоии меъёрҳои ҳуқуқиро дар самти тартиб ва асосҳои ворид намудани натиҷаҳои ФОҶ ба низоми далелҳои мурофиавӣ нишон медиҳад. Дар асоси муқоисаи назария ва амалияи тафтишотӣ таъкид мегардад, ки натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки берун аз доираи мурофиаи ҷиноятӣ ба даст оварда мешаванд, метавонанд дорои аҳаммияти исботӣ бошанд, аммо танҳо дар сурати расмӣ гардидан ва мутобиқат бо талаботи мурофиавӣ метавонанд ҳамчун далел истифода шаванд.

Муаллиф андешаҳои олимони тоҷик ва хориҷиро дар бораи моҳият, аҳаммият ва имконияти истифодаи натиҷаҳои ФОҶ муқоиса намуда, ба хулосае меояд, ки номуайянии меъёрҳои ҳуқуқӣ дар ин самт боиси тафсири гуногуни қонун ва хатогиҳои амалии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мегардад. Бо дарназардошти таҷрибаи амалии тафтишот ва назарияи ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, пешниҳод карда мешавад, ки дар қисми 2 моддаи 72 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳамчун далел пешбинӣ гарданд ва дар моддаи 140 ҳамин кодекс онҳо ба сифати асос барои оғози парвандаи ҷиноятӣ зикр шаванд.

Калидвожаҳо: Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, натиҷаҳои ФОҶ, далелҳои мурофиавӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, исботкунӣ, ҳамкории муфаттиш ва корманди оперативӣ,

истифодаи маълумоти оперативӣ, сирри давлатӣ, таҳқиқоти илмӣ-амалӣ, такмили қонунгузорӣ.

ПРОБЛЕМЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ РЕЗУЛЬТАТОВ ОПЕРАТИВНО-РОЗЫСКНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В УГОЛОВНОМ СУДОПРОИЗВОДСТВЕ

Рахмон Саидмузаффар Саймузафар,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, доцент кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятельности, кандидат юридических наук
Тел.: (+992) 918-92-21-22
E-mail: SHSS-85@mail.ru

Рецензент: Назаров А.К., доктор юридических наук., профессор

Аннотация. В статье анализируются теоретические и практические вопросы использования результатов оперативно-розыскной деятельности (ОРД) в уголовном судопроизводстве. Основываясь на действующем законодательстве Республики Таджикистан, в том числе на статьях 72, 84 и 86 Уголовно-процессуального кодекса и Законе Республики Таджикистан «Об оперативно-розыскной деятельности» (от 25 марта 2011 года), автор показывает отсутствие правовых норм в сфере порядка и оснований включения результатов ОРД в систему процессуальных доказательств. На основе сопоставления следственной практики и теории подчеркивается, что результаты оперативно-розыскной деятельности, полученные вне рамок уголовного судопроизводства, могут иметь доказательственное значение, однако могут быть использованы в качестве доказательств только в случае их формализации и соблюдения процессуальных требований.

Автор сравнивает взгляды таджикских и зарубежных учёных на сущность, значение и возможность использования результатов оперативно-розыскной деятельности и приходит к выводу, что неоднозначность правовых норм в этой сфере приводит к различному толкованию закона и практическим ошибкам сотрудников правоохранительных органов. С учётом практического опыта расследования и теории уголовно-процессуального права предлагается в части 2 статьи 72 Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан предусмотреть результаты оперативно-розыскной деятельности в качестве доказательств, а в статье 140 настоящего Кодекса указать их в качестве оснований для возбуждения уголовного дела.

Ключевые слова: Оперативно-розыскная деятельность, результаты ОРД, процессуальные доказательства, уголовное судопроизводство, законодательство Республики Таджикистан, доказывание, взаимодействие

следователя и оперативного работника, использование оперативной информации, государственная тайна, научно-практические исследования, совершенствование законодательства.

PROBLEMS OF USING THE RESULTS OF OPERATIONAL-INVESTIGATIVE ACTIVITIES IN CRIMINAL PROCEEDINGS

Rakhmon Saidmuzaffar Saymuzafar,
Tajik National University, Faculty of Law, Associate Professor of the Department of Criminalistics and Forensic Expert Activity, Candidate of Legal Sciences
Phone.: (+992) 918-92-21-22
E-mail: SHSS-85@mail.ru

Reviewer: Nazarov A.Q., doctor of law, professor

Abstract. This article analyzes the theoretical and practical aspects of using the results of operational-search activities (OSA) in criminal proceedings. Based on current legislation of the Republic of Tajikistan, including articles 72, 84, and 86 of the Criminal procedure code and the Law of the Republic of Tajikistan «On operational-investigative activities» (March 25, 2011), the author demonstrates the lack of legal norms regarding the procedure and grounds for incorporating the results of OSA into the system of procedural evidence. Based on a comparison of investigative practice and theory, it is emphasized that the results of operational investigative activities obtained outside the framework of criminal proceedings may have evidentiary value, but can only be used as evidence if they are formalized and procedural requirements are met.

The author compares the views of Tajik and foreign scholars on the nature, significance, and applicability of the results of operational investigative activities and concludes that the ambiguity of legal norms in this area leads to different interpretations of the law and practical errors by law enforcement officials. Taking into account practical investigative experience and the theory of criminal procedure law, it is proposed that part 2 of article 72 of the Criminal procedure code of the Republic of Tajikistan include the results of operational investigative activities as evidence, and article 140 of this Code should include them as grounds for initiating criminal proceedings.

Keywords: Operational investigative activities, results of OSA, procedural evidence, criminal proceedings, legislation of the Republic of Tajikistan, proof, interaction between investigator and operative, use of operational information, state secrets, scientific and practical research, improvement of legislation.

Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (минбаъд ФОҶ) як намуди фаъолияти мустақили субъектони фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба шумор меравад,

ки он бо тариқи ошкоро ва ғайриошкоро бо мақсади ҳалли вазифаҳои ФОҶ амалӣ карда мешавад.

Мутобиқи м. 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25 марти соли 2011 «Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ намуди фаъолиятест, ки ба таври ошкоро ё ғайриошкоро аз ҷониби мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар доираи салоҳияти худ бо роҳи гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо мақсади ҳифзи ҳаёт, саломатӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, моликият, таъмини амнияти ҷамъият ва давлат аз таҷовузҳои ҷиноятӣ амалӣ карда мешавад».

Масоили истифода намудани натиҷаҳои ФОҶ дар мурофиаи ҷиноятӣ яке аз проблемаҳои мубрам ба ҳисоб меравад, чунки на дар мурофиаи ҷиноятӣ ва на дар амалияи тафтишӣ ақидаи ягона оид ба истифода намудани натиҷаҳои ФОҶ мавҷуд нест.

Дар замони муосир тафтиши пурраи парвандаи ҷиноятиро бе ҳамкории муфаттиш ва кормандони воҳидҳои оперативӣ тасаввур кардан душвор аст. Чӣ тавре, ки амалия нишон медиҳад, аксар ҷиноятҳо ба таври пинҳонӣ (латентӣ) содир карда мешаванд, бинобар ин барои ошкор намудани фактҳои фаъолияти ҷиноятӣ усулҳои ғайриошкороро истифода бурдан лозим аст. Аммо кормандони воҳидҳои оперативӣ фаъолияти худро амалӣ намуда, аксар вақт маълумотҳоеро ба даст меоранд, ки барои парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятноканд, вале бо сабабҳои муайян ҳамчун далел истифода намешаванд. Вобаста ба ин, ҳангоми исбот намудани парвандаҳои ҷиноятӣ натиҷаҳои ФОҶ-ро ба назар гирифтан хеле бамаврид аст. «Дар амалияи тафтишотӣ қариб 90% ҷиноятҳо маҳз тавассути ФОҶ кушода мешаванд»[442]. Ба ақидаи И.Т. Маҳмудов бошад, дар соли 2013 90-92% ҷиноятҳои содиршуда бо роҳи опертаивӣ-ҷустуҷӯӣ кушода шудааст[443].

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии мавҷуда нишон медиҳанд, ки натиҷаҳои ФОҶ худ ба худ далел дар парвандаи ҷиноятӣ шуда наметавонанд. Дар баробари ин, дар қонунгузорӣ ҷавоби аниқ мавҷуд нест, ки чӣ тавр бояд натичаҳои ФОҶ-ро дар радифи далелҳои мурофиавӣ ба парвандаи ҷиноятӣ «ворид созем». Камбудии мазкур дар миёни ҳуқуқшиносон саволҳои зиёдеро ба миён оварда, онҳоро водор менамояд, ки роҳҳои рафъи ин мушкилиро ҷустуҷӯ намоянд. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар амалия роҳҳои гуногуни амалигардонии ин фаъолият мавҷуд аст, ки он боиси ба таври гуногун тафсир намудани меъёрҳои ҳуқуқӣ мегардад ва мутаносибан ба хатогиҳои кормандон оварда мерасонад.

Дар илми ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ тарзҳои гуногуни ҳалли ин масъала пешниҳод шудааст, масалан, ба ақидаи В.В. Черновол мумкин аст,

---

[442] Раҳимзода, Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ: китоби дарсӣ. Нашри панҷум. – Душанбе: Эр-граф, 2015. – С. 21.

[443] Ниг.: Маҳмудов, И.Т. Истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар фаъолияти исботкунӣ бо парвандаҳои ҷиноятӣ / И.Т. Маҳмудов // Қонуният. Нашри махсус. – 2014. – №5. – С. 36.

натиҷаҳои ФОҶ-ро бевосита ба сифати далел истифода бурд[444]. Чунин ақидаро В. Бозров низ, ҷонибдорӣ менамояд[445].

Олими дигари рус Е.А. Доля чунин мешуморад, ки натиҷаҳои ФОҶ-ро бо имконияти ба вуҷуд омадани далелҳо дар асоси натиҷаҳои ФОҶ истифода намудан мумкин аст[446].

Таҳти натиҷаҳои ФОҶ маълумотҳо оид ба аломатҳои ҷинояти тайёршаванда, содиршаванда ё содиршуда, инчунин маълумотҳо оид ба шахсоне, ки барои содир намудани ҷиноят тайёрӣ мебинанд ё онро содир мекунанд, ё ин ки содир намудаанд, ё аз мақомоти таҳқиқ, тафтиш ва суд пинҳон гаштаанд ва мутобиқи Қонуни ФОҶ ба даст оварда шудаанд, фаҳмида мешавад[447].

Пеш аз ҳама, бояд мутаносибияти байни натиҷаи ФОҶ ва мурофиаи ҷиноятии судиро муайян созем. Фарқияти натиҷаҳои ФОҶ аз далелҳо ба ақидаи Е.А. Доля дар табиати ҳуқуқии онҳо инъикос мешавад[448].

Ин ақидаро датсгирӣ кардан мумкин аст, чунки мувофиқи он натиҷаҳои ФОҶ бо м. 72 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат намекунад. Илова бар ин, дар м. 84 баръакси ҳол гуфта шудааст. Агар дар м. 72 субъектони ҷамъоварикунандаи далел ба суд, прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда вобаста бошад, пас дар м. 84 иловатан бо шартҳои муайяне натиҷаҳои ФОҶ-ро ҳамчун далел эътироф менамоянд.

Дар масъалаи баррасишаванда бояд ба қ. 1 м. 72 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон диққат дода шавад, ки мувофиқи он далелҳо оид ба парвандаи ҷиноятӣ маълумоти воқеие ба шумор мераванд, ки дар асоси онҳо суд, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда бо тартиби муайяннамудаи Кодекси мазкур мавҷуд будан ё набудани кирдори барои ҷамъият хавфнок, исбот гардидан ё нагардидани ҳолатро оид ба парвандаи ҷиноятӣ ва ҳолати дигари барои ҳалли дурусти парванда аҳаммиятдоштаро муқаррар мекунанд. Ҳамин тариқ, мантиқан гуфтан мумкин аст, ки далелҳо ҳама гуна маълумотҳое мебошанд, ки шахсони дар боло зикршуда метавонанд бо ёрии онҳо мавҷуд ё набудани ҳолатҳои исботшавандаро муайян созанд.

Ҳамчунон зикр кардан бамаврид аст, ки дар м. 86 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҷамъ овардани далел»[449] оид ба тарзи ҷамъоварии натиҷаҳои ФОҶ ҳамчун далели ҷиноятӣ чизе гуфта нашудааст.

Моддаи 11 Қонуни ФОҶ пешбинӣ менамояд, ки «Натиҷаҳои ФОҶ мумкин аст ба сифати асос барои оғози парвандаи ҷиноятӣ хизмат намоянд», аммо м. 140 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон инро пешбинӣ намекунад.

---

444 Ниг.: Черновол, В.В. Использование результатов ОРД при расследовании нарушений авторских и смежных прав / В.В. Черновол // Законность. – 2001. – №3. – С. 114-115.

445 Ниг.: Бозров, В.М. Результатам ОРД – статус доказательств в уголовном процессе / В. Бозров // Росийская юстиция. – 2004. – №4. – С. 46-48.

446 Ниг.: Доля, Е.А. Использование в доказывании результатов ОРД / Е.А. Доля. – М.: Спарк, 1996. – С. 35-64.

447 Ниг.: Раҳимзода, Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ: китоби дарсӣ. Нашри панҷум / Р.Ҳ. Раҳимзода. – Душанбе: Эр-граф, 2015. – С. 25-28.

448 Ниг.: Доля, Е.А. Результатам оперативно-розыскной деятельности нельзя придавать статус доказательств в уголовном процессе / Е.А. Доля // Российская юстиция. – 2007. – №6. – С. 39.

449 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2009 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2020. – №7-9. – м. 602, 608 / Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.01.2021. – 1755.

Пас аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки барои натиҷаҳои ФОҶ-ро ҳамчун далел истифода бурдан, бояд онҳо ба як қатор талаботҳои мурофиавӣ ҷавобгӯ бошанд, яъне имконияти шакливазкунии натиҷаҳои ФОҶ ба миён меояд.

Масалан, ба ақидаи П.В. Волосюк натиҷаҳои ФОҶ далел ба ҳисоб намераванд, онҳо танҳо маълумотҳое мебошанд, ки дар асоси Қонуни ФОҶ ҷамъоварӣ карда шудаанд ва дар ҳолате ба сифати далел ба ҳисоб мераванд, ки дар шакли мурофиавӣ дарҷ шуда бошанд[450]. Ин ақида қисман ба моддаи 84 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамояд, яъне маводи дар ҷараёни чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба даст овардашуда, ба шарте далел эътироф карда мешаванд, ки бо риояи муқаррароти Кодекси мазкур ҷамъоварӣ шуда бошанд.

Қайд кардан зарур аст, ки маводҳои ФОҶ берун аз доираи муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ ташаккул меёбанд. Бинобар ин, онҳо дар парвандаи ҷиноятӣ дар шакли тайёр ва ниҳоӣ пешниҳод карда мешаванд. М.П. Поляков дар асари худ дуруст қайд кардааст, ки «натиҷаҳои ФОҶ маҳсули тайёри иттилоотӣ мебошанд, ки на ба шакливазкунӣ, балки ба тафсир ниёз доранд»[451].

Дар навбати худ профессор В. Лазарев қайд менамояд, ки «натиҷаҳои озмоиши (эксперименти) оперативӣ, харидории санҷишӣ, таҳвили назоратшавандаро бо ҳеҷ ваҷҳ табдил додан мумкин нест. Онҳо вобаста ба қонунӣ ё ғайриқонунӣ будани рафти гузаронидани чорабинии оперативӣ-ҷустуҷӯии дахлдор ва риояи низоми ҳуқуқии пешбининамудаи қонуни дахлдор ё қобили қабуланд ё ғайри қобили қабул (қабул мешаванд ё намешаванд)».

Ба ақидаи олимони рус профессорон М.П. Поляков ва В.И. Зажитский бошад, ки маҳз дар масъалаи мазкур таҳқиқотҳои илмӣ анҷом додаанд, меъёри м. 84 КМҶ ҶТ (89 КМҶ ФР) дар он шакле, ки мавҷуд аст, барои истифодаи самаранок мувофиқ нест. Ақидаи мазкур аз ҷониби олими тоҷик Н.Б. Хоҷаева ҷонибдорӣ гардида, ӯ низ ҷонибдори такмили моддаи макур аст[452]. Ба ақидаи П.С. Абдуллозода бошад, меъёри м. 84 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон қобили қабул аст, чунки агар натиҷаҳои ФОҶ ба сифати далели мустақил пешбинӣ карда шаванд, он гоҳ таъиноти мурофиаи ҷиноятӣ таҳти шубҳа қарор мегирад[453]. И.Т. Маҳмудов бошад, бар он ақидааст, ки маълумотҳои бо роҳи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба даст омадаро бояд аз низоми далелҳо дур сохт, зеро, ки муайян намудани сарчашмаҳои ба даст овардани онҳо мушкил аст ва аз дигар тараф ҳангоми

---

[450]Ниг.: Волосюк, П.В. Проблемы использования результатов ОРД в уголовном судопроизводстве / П.В. Волосюк // Юридическая наука. – 2013. – №1. – С. 39.

[451] Поляков, М.П. Уголовно-процессуальная интерпретация результатов оперативно-розыскной деятельности: монография / Под науч. ред. В.Т. Томина. – Нижний Новгород: Нижегородская правовая академия, 2001. – С. 122.

[452]Ниг.: Хоҷаева, Н.Б. Проблемаҳои истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар исботкунӣ / Н.Б. Хоҷаева // Паёми ДМТ. – 2015. – Қ. 2. – №3/8 (150). – С. 68-72.

[453]Ниг.: Абдуллоев, П.С. Значение результатов оперативно-розыскной деятельности в процессе доказывания по уголовному делу / П.С. Абдуллоев // Вестник ТНУ. – 2013. – №3/4 (115). – С. 110-118.

ба даст овардани ин маълумотҳо кафолатҳои мурофиавӣ риоя намешаванд[454].

Барои он, ки натиҷаҳои ФОҶ дуруст истифода бурда шаванд, лозим аст, ки ба як қатор меъёрҳои санадҳои қонунгузорӣ ва санадҳои зерқонунӣ муроҷиат намуд, ки дар онҳо нишондодҳои мушаххас муқаррар карда шудаанд[455].

Ба ин мисол шуда метавонад – Дастурамал дар бораи тартиби пешниҳод намудани натиҷаҳои ФОҶ ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ва ё суд. Дар низоми ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин дастурамал бо фармони ВКД ҶТ аз 12 июли соли 2010 тасдиқ шудааст[456].

Тибқи қ. 2 сархати 3 м. 86 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, инчунин суд ҳуқуқ доранд, аз мақомоте, ки ФОҶ-ро анҷом додааст, пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳо ва ашёи барои парванда аҳаммиятдоштаро талаб намоянд.

Аз ин бармеояд, ки пас аз гирифтани ҳуҷҷатҳо ва ашёҳо, ки барои парванда аҳаммият доранд ва шакли мурофиавии дарҷ кардани онҳо аз тарафи таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд анҷом дода шудааст, пас аз ин натиҷаҳои ФОҶ-ро ҳамчун далели ҷиноят эътироф кардан мумкин аст.

Ба ақидаи Р.Ҳ. Раҳимзода атиҷаҳои ФОҶ метавонанд дар раванди исботкунӣ бевосита ба сифати далелҳои шайъӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо истифода бурда шаванд, новаобаста аз он, ки онҳо дар натиҷаи гузаронидани чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯии ошкорро ё ғайриошкоро ба даст омадаанд. Лекин дар ҳар ҳолат эътироф намудани онҳо ба сифати далелҳои шайъӣ бо тартиби ба онҳо баҳои мурофиавӣ додан аз нигоҳи мансубият, қобили қабул будан, саҳеҳ ва кифоя будан алоқаманд аст[457].

Тибқи қ. 3 м. 11 Қонуни ФОҶ «пешниҳоди натиҷаҳои ФОҶ бо мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ё суд (судя) дар асоси қарори роҳбари мақомоти амаликунандаи ФОҶ бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад»[458].

Аммо зикр кардан ба маврид аст, ки пешниҳоди натиҷаҳои ФОҶ ба субъектони номбаршуда бе маҳдуд нест. Масалан, аз муқаррароти моддаи зикршуда ва сархати 8 моддаи 39 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки муфаттиш танҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи талаб кардан ва шинос шудан бо маводҳои ФОҶ-ро дорад[459]. Аз мазмуни меъёрҳои зикргардида бармеояд, ки корманди ФОҶ дар ҳолатҳои

---

[454]Ниг.: Маҳмудов, И.Т. Истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар фаъолияти исботкунӣ бо парвандаҳои ҷиноятӣ / И.Т. Маҳмудов // Қонуният. Нашри махсус. – 2014. – №5. – С. 35-41.

[455]Ниг.: Раҳимзода, Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ: китоби дарсӣ. Нашри панҷум / Р.Ҳ. Раҳимзода. – Душанбе: Эр-граф, 2015. – С. 285.

[456]Ниг.: Раҳимзода, Р.Ҳ. Асари зикршуда. – С. 285.

[457]Ниг.: Раҳимзода, Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ: китоби дарсӣ. Нашри панҷум / Р.Ҳ. Раҳимзода. – Душанбе: Эр-граф, 2015. – С. 294.

[458] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25 марти соли 2011, №687 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2011. – №3. – м. 155 / Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.07.2014. – 1090.

[459] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2009 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2020. – №7-9. – м. 602, 608 / Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.01.2021. – 1755.

пешбининамудаи Қонуни ФОҶ ва дигар санадҳои зерқонунӣ ин ҳама маълумотҳоро ба муфаттиш пешниҳод мекунанд. Масалан, тибқи м. 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ФОҶ» ҳуҷҷатҳои оперативӣ-хизматӣ, ки натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро инъикос менамоянд, ба суд (судя), прокуроре, ки риояи қонуниятро дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ назорат мекунад, ҳамчунин ба мақоми таҳқиқ ва муфаттиш, ки дар пешбурдашон парвандаи ҷиноятӣ мавҷуд аст, ба мақомоти дигари амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо тартиб ва дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи Қонуни мазкур пешниҳод шуда метавонанд.

Асос барои ошкорсозии натиҷаҳои ФОҶ дар ҳолатҳои зерин ба миён меояд, агар:

– рафти ҳуҷҷатноккунии оперативӣ хотима ёфта бошад ва мақсади ҳуҷҷатноккунӣ пурра ҳаллу фасли худро ёфтааст;

– рафти ҳуҷҷатноккунии оперативӣ ба итмом нарасида, мақсади ҳуҷҷатноккунӣ пурра дар ҳаҷми зарурӣ анҷом наёфта бошад, аммо аз ҷиҳати фаҳмиши тактикӣ ҳуҷҷатноккунонии оянда ғайримақсаднок ҳисобида шавад;

– рафти ҳуҷҷатноккунонии оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба итмом нарасидааст, вале натиҷаҳои ба даст овардашуда барои фошсозии шахси санҷидашаванда басанда ҳисобида шуда, таъхирандозии ояндаи он ба оқибатҳои ғайричашмдошт оварда расониданаш мумкин аст (аз он ҷумла, ба нест кардани натиҷаҳои ба даст овардашуда)[460].

Тартиби пешниҳод намудани натиҷаҳои ФОҶ, ки барои фаъолияти мурофиаи ҷиноятӣ аҳаммияти бевосита ва муайян дорад, мутобиқи м. 11 Қонуни ФОҶ ба танзим дароварда шудааст. Тартиби пешниҳод намудани натиҷаҳои ФОҶ ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ва суд бо Дастурамалҳои махсуси идоравӣ, ки ҳар як мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ онро қабул кардааст, ба танзим дароварда мешавад[461].

Мутобиқи ин санади ҳуқуқӣ аз ҷониби воҳидҳои оперативӣ натиҷаҳои ФОҶ дар асоси қарори тасдиқнамудаи роҳбари мақомоте, ки ФОҶ-ро амалӣ менамояд, ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор, судя ё суд барои омӯзиш ва қабули қарори мурофиавӣ тибқи м.м. 84 ва 86 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Пешниҳод намудани натиҷаҳо инҳоро дар бар мегирад:

– баровардани қарор дар бораи ошкорсозии ҳуҷҷатҳои алоҳидаи оперативӣ-хизматие, ки дорои сирри давлатӣ мебошанд;

– аз ҷониби роҳбари мақомоте, ки ФОҶ-ро амалӣ менамояд, тасдиқ намудани қарор дар бораи пешниҳод намудани натиҷаҳои ФОҶ ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор, судя ё суд;

---

[460] Ниг.: Шахматов, А.В., Бухаров, Н.Н. О порядке предоставления результатов ОРД органам дознания, следствия и суда / А.В. Шахматов, Н.Н. Бухаров // Оперативник. – 2006. – №2. – С. 25-28.

[461] Дар низоми ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин Дастурамал бо фармони Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12.07.2010 сол, №16 тасдиқ гардидааст.

– барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои содиротии ирсолшаванда ва супоридани мавод ба ҷойи дахлдор (тибқи почта ирсол намудан, аз даст ба даст супоридан ва ғайра).

Натиҷаҳои ФОҶ, ки ба қарор замима мегарданд, мумкин аст дар намуди ахбороти расмии ҷамъбастӣ (маълумотнома-меморандум) ва ё дар намуди нусхаи аслии ҳуҷҷатҳои оперативӣ-хизматии дахлдор пешниҳод карда шаванд. Дараҷаи махфиятнокии маводи пешниҳодшаванда, намуди замимаҳо ва тарзҳои супоридани онҳо мутобиқи қоидаҳои пешбурди ҳуҷҷатгузории махфӣ дар ҳар як ҳолати мушаххас ба таври алоҳида муайян карда мешаванд. Аз он ҷумла, вобаста аз моҳияти дархости (супориши) гирифташуда ва вобаста аз ҷой доштани маълумот, ки бояд таҳти махфигардонӣ қарор гирад[462].

Бояд қайд намуд, ки истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ ҳангоми тайёр намудан ва гузаронидани амалҳои тафтишӣ бояд бо назардошти талаботи принсипи пинҳонкорӣ (конспиратсия) амалӣ карда шавад.

Бинобар ин, дар асоси натиҷаҳои таҳлил пешниҳод менамоем, ки дар қ. 2 м. 72 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаҳои ФОҶ ҳамчун далел пешбинӣ карда шуда, дар м. 140 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, ба сифати асоси оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ нишон дода шавад.

Адабиёт:

1. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2009 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2020. – №7-9. – м. 602, 608 / Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.01.2021. – 1755.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25 марти соли 2011, №687 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2011. – №3. – м. 155 / Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.07.2014. – 1090.
3. Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани Дастурамал дар бораи тартиби пешниҳод намудани натиҷаҳои ФОҶ ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ва ё суд» аз 12.07.2010 сол, №16 [Матн].
4. Абдуллоев, П.С. Значение результатов оперативно-розыскной деятельности в процессе доказывания по уголовному делу [Текст] / П.С. Абдуллоев // Вестник ТНУ. – 2013. – №3/4 (115). – С. 110-118.
5. Бозров, В.М. Результатам ОРД – статус доказательств в уголовном процессе [Текст] / В. Бозров // Росийская юстиция. – 2004. – №4. – С. 46-48.
6. Волосюк, П.В. Проблемы использования результатов ОРД в уголовном судопроизводстве [Текст] / П.В. Волосюк // Юридическая наука. – 2013. – №1. – С. 38-41.
7. Доля, Е.А. Использование в доказывании результатов ОРД [Текст] / Е.А. Доля. – М.: Спарк, 1996. – 111 с.

[462]Ниг.: Шахматов, А.В., Бухаров, Н.Н. О порядке предоставления результатов ОРД органам дознания, следствия и суда / А.В. Шахматов, Н.Н. Бухаров // Оперативник. – 2006. – №2. – С. 25-28.

8. Доля, Е.А. Результатам оперативно-розыскной деятельности нельзя придавать статус доказательств в уголовном процессе [Текст] / Е.А. Доля // Российская юстиция. – 2007. – №6. – С. 39-41.
9. Маҳмудов, И.Т. Истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар фаъолияти исботкунӣ бо парвандаҳои ҷиноятӣ [Матн] / И.Т. Маҳмудов // Қонуният. Нашри махсус. – 2014. – №5. – С. 35-41.
10. Поляков, М.П. Уголовно-процессуальная интерпретация результатов оперативно-розыскной деятельности [Текст]: монография / Под науч. ред. В.Т. Томина. – Нижний Новгород: Нижегородская правовая академия, 2001. – 260 с.
11. Раҳимзода, Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ [Матн]: китоби дарсӣ. Нашри панҷум / Р.Ҳ. Раҳимзода. – Душанбе: Эр-граф, 2015. – 756 с.
12. Хоҷаева, Н.Б. Проблемаҳои истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар исботкунӣ [Матн] / Н.Б. Хоҷаева // Паёми ДМТ. – 2015. – Қ. 2. – №3/8 (150). – С. 68-72.
13. Черновол, В.В. Использование результатов ОРД при расследовании нарушений авторских и смежных прав [Текст] / В.В. Черновол // Законность. – 2001. – №3. – С. 112-115.
14. Шахматов, А.В., Бухаров, Н.Н. О порядке предоставления результатов ОРД органам дознания, следствия и суда [Текст] / А.В. Шахматов, Н.Н. Бухаров // Оперативник. – 2006. – №2. – С. 25-28.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 20.11.2025
Аз тақриз баргашт: 25.11.2025
Ба чоп тавсия шуд: 25.12.2025

ХУСУСИЯТҲО ЭКСПЕРТИЗАИ МУАЛЛИФШИНОСӢ ВА ИСТИФОДАИ ОН ДАР ТАФТИШИ ҶИНОЯТҲОИ ДОРОИ ХУСУСИЯТИ ЭКСТРЕМИСТӢ

Муслиҳиддинзода Муснуриддин Муслиҳиддин,
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, унвончӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинов
Email: Mussnuriddinn@mail.ru

Фишурда: Мақола ба истифодаи экспертизаҳои судӣ ва муаллифшиносӣ дар тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ равона шудааст. Ҷузъҳои забонӣ ва хусусиятҳои муаллифӣ имкон медиҳанд аломатҳои экстремизм, ангеза ва мақсадҳои субъектро муайян намуда, исботпазирии таҳлилро таъмин кунанд. Муаллиф истифодаи экспертизаҳои лингвистӣ ва муаллифшиносиро ҳамчун воситаҳои асосӣ барои муайян намудани механизмҳои содиркунӣ, шахсони алоқаманд ва хусусиятҳои маводи ҷиноятӣ таъкид мекунад

Калидвожаҳо: Ҷиноятҳои экстремистӣ, экспертизаи судӣ, муаллифшиносӣ, экспертизаи лингвистӣ, ҷузъҳои забонӣ, таҳлили мазмун, тафтиш, истифодаи донишҳои махсус, пешгирӣ, ошкорсозӣ

ОСОБЕННОСТИ ПОЕЧЕРКОВЕДЧЕСКОЙ ЭКСПЕРТИЗЫ И ЕЕ ПРИМЕНЕНИЕ ПРИ РАССЛЕДОВАНИИ ПРЕСТУПЛЕНИЙ С ЭКСТРЕМИСТСКОГО ХАРАКТЕРА

Муслиҳиддинзода Муснуриддин Муслиҳиддин,
Национальная академия наук Таджикистана, соискатель Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова
E-mail: Mussnuriddinn@mail.ru

Аннотация: В статье рассматривается применение судебно-криминалистической и автороведческие экспертизы в расследовании преступлений экстремистского характера. Лингвистические компоненты и особенности автороведческие экспертизы позволяют выявлять признаки экстремизма, мотивы и цели субъекта, обеспечивая доказуемость анализа. Автор подчеркивает использование лингвистической и автороведчесике экспертизы как основных инструментов для выявления механизмов совершения, связанных с ними лиц и характеристик криминалистических материалов.

Ключевые слова: Экстремистские преступления, судебно-криминалистическая экспертиза, автороведческие, лингвистическая экспертиза, лингвистические компоненты, контент-анализ, расследование, применение специальных знаний, профилактика, обнаружение

FEATURES OF HANDWRITING EXAMINATION AND ITS APPLICATION IN THE INVESTIGATION OF EXTREMIST CRIMES

Muslihiddinzoda Musnuriddin Muslihiddin,
National Academy of Sciences of Tajikistan,
Applicant at the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bakhovaddinov
E-mail: Mussnuriddinn@mail.ru

Abstract: This article examines the use of forensic and authorship examinations in the investigation of extremist crimes. The linguistic components and characteristics of authorship examinations allow for the identification of signs of extremism, the motives, and goals of the subject, ensuring the verifiability of the analysis. The author emphasizes the use of linguistic and authorship examinations as key tools for identifying the mechanisms of commission, the individuals associated with them, and the characteristics of forensic materials.

Keywords: Extremist crimes, forensic examination, authorship, linguistic examination, linguistic components, content analysis, investigation, application of specialized knowledge, prevention, detection.

Ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ҳамчун объекти таҳқиқоти криминалистӣ бо чанд хосият фарқ мекунанд: гуногунии шаклҳои содиркунӣ, ҳадаф ва ангезаҳои таҷовузкорона, инчунин механизмҳои гуногуни амалӣ намудани ҷиноят. Хусусияти хоси ин гуна ҷиноятҳоро метавон аз нуқтаи назари тафтиш ва ошкорсозии криминалистӣ муайян намуд.

Таҳлили таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, ки дар ҷараёни исботи чунин ҷиноятҳо одатан шумораи зиёди экспертизаҳои судӣ гузаронида мешаванд. Ба онҳо, аз ҷумла, экспертизаи судӣ-тиббӣ, экспертизаи трасологӣ ва баллистикӣ, экспертизаи дактилоскопикӣ, экспертизаи судӣ-техникии ҳуҷҷатҳо ва дигар намудҳои экспертизаи махсуси криминалистӣ дохил мешаванд[463].

Илова бар ин, донишҳои махсус барои муайян намудани шахс, ашё ё объект ҳамчун бо ҳодисаи ҷиноят алоқаманд ва дорои аҳамияти исботӣ барои парвандаи ҷиноятӣ зарур мебошанд.

[463] Шаевич А.А., Старичков М.В., Грушихина В.А. Актуальные проблемы использования специальных знаний при расследовании преступлений, связанных с пропагандой экстремизма // Известия Тульского государственного университета. Экономические и юридические науки. 2015. № 3.2. С. 252 - 258

Бо вуҷуди ин, таҳлили фаъолияти амалӣ нишон медиҳад, ки дар истифодаи донишҳои махсус ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ як қатор камбудиҳо ҷой доранд. Яке аз омилҳои асосӣ сатҳи нисбатан пасти омодагии касбӣ ва дониши махсуси кормандони оперативӣ ва муфаттишон (таҳқиқбарандагон) мебошад, ки дар натиҷа онҳо на ҳамеша имкони сари вақт ошкор намудани ҷиноят ва ҷамъоварии пурраи далелҳои исботиро доранд.

Ҳамин тариқ, бартараф намудани камбудиҳои зикршуда баланд бардоштани сатҳи тайёрии касбии кормандони тафтишот, такмили механизмҳои ҳамкории онҳо бо мутахассисон ва истифодаи мақсадноки донишҳои махсуси криминалистӣ ва экспертизаи судиро тақозо менамояд. Ин равиш имкон медиҳад, ки тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ бо риояи талаботи илмӣ, қонунӣ ва исботии мурофиаи ҷиноятӣ амалӣ гардад.

Экспертизаҳои лингвистӣ дар тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ иқтидори махсус доранд ва имкон медиҳанд, ки дар маводи таҳқиқотӣ, ки дорои сохторҳои шифоҳӣ ва хаттӣ мебошанд — аз қабили гуфторҳои шифоҳӣ, ибораҳо, сабтҳои матнӣ ва дигар навъҳои санадӣ — аломатҳои экстремизм ва фаъолияти экстремистӣ муайян карда шаванд. Ин таҳлилҳо инчунин ба ошкор кардани изҳороти ксенофобӣ ва дигар мазмунҳои иғвоангез имкон медиҳанд ва тафсир ва таҳлили онҳо аз нуқтаи назари забоншиносӣ амалӣ мегардад.

Адабиёти илмӣ як қатор тадқиқотҳоро дар бар мегирад, ки ба масъалаҳое бахшида шудаанд, ки ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятии марбут ба экстремизми шифоҳӣ – ба мисли ташвиқ ва тарғиби мазҳабӣ, сиёсӣ ё иҷтимоӣ, аз коршиноси забоншинос талаб карда мешаванд. Ин коркардҳо тарзи таҳлил ва усулҳои муайян намудани нишонаҳои экстремизмро дар матн ва гуфтор фароҳам меоранд. Бо вуҷуди ин, мураккабии ин мавзӯъ боиси он гардидааст, ки миёни муҳаққиқони экспертизаи судӣ-лингвистикӣ ягонагии назар ва усулҳои амалкунӣ мушоҳида намешавад. Сабаби ин на танҳо фарқияти таълимӣ ва таҷрибавии коршиносон аст, балки ба табиати мураккаби маводҳои таҳқиқотӣ ва гуногунии шаклҳои ифодасозии экстремизм низ вобаста мебошад.

Аз ин рӯ, таҳқиқи ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ бо истифодаи экспертизаҳои лингвистӣ талаб мекунад, ки ҳам усулҳои стандартизатсияшудаи таҳлил татбиқ шаванд ва ҳам механизмҳои ҳамоҳангсозии коршиносон барои таҳлили натиҷаҳо ба таври илмӣ ва исботӣ амалӣ гарданд[464].

Таҳлили мавқеъҳои гуногуни муҳаққиқон нишон медиҳад, ки ҳатто кирдорҳои экстремистие, ки аз ҷиҳати маъно шабеҳанд, метавонанд дар сохторҳои забонӣ фарқиятҳои назаррас дошта бошанд. М.Л. Подкатилина

[464] Осадчий М. Правовой самоконтроль оратора. М.: Альпина Бизнес Букс, 2007. - С. 138139; Бурковская В.А. Криминальный религиозный экстремизм в современной России. М.: Институт правовых и сравнительных исследований, 2005. - С. 160.

ва Е.И. Галяшина ба хулосае расидаанд, ки ҷузъҳои забонӣ нақши ҳалкунанда дар муайян кардани аломатҳои экстремизм доранд. Муаллифон таъкид мекунанд, ки дар раванди экспертизаи судӣ барои ҳар як кирдори марбут ба таблиғи экстремизм, ки онҳо онро «экстремизми лафзӣ» ё «экстремизми шифоҳӣ» меноманд, бояд масъалаҳо ва методологияи таҳлил фарқ кунанд.

Истифодаи истилоҳҳои «экстремизми лафзӣ» ва «экстремизми шифоҳӣ» аҳамияти ҷузъҳои забониро таъкид мекунад. Ҷузъҳои забонӣ — шакл, таркиб ва сохтори ифода – асоси муайянкунии экстремистӣ будани ифода мебошанд. Таҳлили онҳо имкон медиҳад, ки хосиятҳои гуногуни кирдорҳои экстремистӣ, аз ҷумла мазмуни иғвоангез, ангеза ва самтҳои таъсиррасонӣ, аз нуқтаи назари забоншиносӣ ва криминалистика ошкор гарданд.

Ҷузъҳои забонӣ метавонанд ба се гурӯҳ тақсим карда шаванд: ҷузъҳои маъноӣ, ки маънои ибораҳо ва гуфторҳоро дар бар мегиранд ва ба тарғиб, ташвиқ ва иғво нигаронида шудаанд; ҷузъҳои сохторӣ, ки шакл ва сохтори ибораҳоро дар бар мегиранд ва механизмҳои таъсиррасонии экстремизмро муайян мекунанд; ва ҷузъҳои прагматикавӣ ва дискурсивӣ, ки контекст ва самти коммуникатсионӣ барои дарки ангезиш ва ҳадафи субъекти ҷиноят муҳим мебошанд.

Таҳлили систематикӣ ва стандартии ҷузъҳои забонӣ имконият медиҳад, ки кирдорҳои экстремистӣ ва оқибатҳои ҳуқуқии онҳоро дуруст тасниф кард. Ин таҳлилҳо на танҳо ба исботи ҷиноят дар парванда мусоидат мекунанд, балки барои қабули қарорҳои ҳуқуқӣ ва пешгирии фаъолияти экстремистӣ низ заминаи илмӣ фароҳам меоранд.

Дар маҷмӯъ, таҳлили ҷузъҳои забонӣ аҳамияти дукарата дорад: аввал, муайян кардани экстремизм ва ангезишҳои субъекти ҷиноятро таъмин менамояд; дуюм, ба таҳия ва такмили усулҳои стандартизатсияшудаи экспертизаи судӣ–лингвистикӣ ва ҳамоҳангсозии коршиносон бо мақомоти тафтишотӣ мусоидат мекунад[465].

Ҳангоми тартиб додани масъалаҳои мушаххас барои таъин кардани экспертизаҳо оид ба парвандаҳои ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ истифодаи масъалаҳои дорои хусусияти ҳаволакунанда на ҳамеша самаранок мебошад. Аксари муҳаққиқон маводи таҳқиқотиро маҳдудан «матн» номбар мекунанд. Бо вуҷуди ин, мафҳуми «маводи таҳқиқотӣ» нисбат ба «матн» васеътар буда, метавонад намудҳои гуногуни иттилооти такроршавандаи шифоҳӣ ва хаттӣ, аз ҷумла гуфторҳо ва сабтҳоро низ дар бар гирад.

Ин равиш ҳамчунин барои таҳлили экспертизаҳои судӣ арзиши амалӣ дорад, зеро меъёрҳои қонунгузорӣ метавонанд дар контекстҳои гуногун фарқият ё таҳриф дошта бошанд. Муайян намудани хусусиятҳои забонӣ ва таркиби лингвистии мавод имкон медиҳад, ки экспертиза натиҷаҳои дақиқ

[465] Галяшина Е.И. Лингвистическая экспертиза: дискуссионные аспекты и практика производства // Роль и значение деятельности Р.С. Белкина в становлении современной криминалистики. Материалы международной научной конференции (к 80-летию со дня рождения Р.С. Белкина). М.: Академия управления МВД РФ, 2002. - С. 418; Галяшина Е.И. Судебная экспертиза вербальных проявлений экстремизма: правовые и методические проблемы // Эксперт-криминалист. 2009. № 2. - С. 15.

ва дуруст пешниҳод кунад ва самаранокии тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистиро беҳтар намояд.

Аз ин ҷиҳат, барои таҳқиқи парвандаҳои экстремистӣ тавсия дода мешавад, ки диққат асосан ба таҳлили мазмун, сохтор ва шакли ифодаи маълумот равона гардад ва истифодаи ҳаволаҳои умумӣ ба санадҳои меъёрӣ маҳдуд карда шавад. Ин равиш на танҳо арзиши илмӣ ва амалӣ дорад, балки ба стандартизатсия ва такмили методологияи экспертизаи судӣ-лингвистикӣ низ замина фароҳам меорад.

Маҳдуд сохтани мафҳуми «матн» метавонад доираи таҳқиқотро маҳдуд созад, зеро таҳлили лингвистӣ на танҳо ба матн дар маънои анъанавӣ маҳдуд мешавад. Шаклҳои гуногуни иттилооти шифоҳӣ ва визуалӣ, аз қабили сабтҳои аудиоӣ ва видеоӣ, гуфторҳои шифоҳӣ, имову ишораҳо ва хусусиятҳои интонасионӣ низ нақши муҳим дар ташхиси кирдор ҳамчун экстремистӣ доранд. Аз ин рӯ, истифодаи мафҳуми васеътар, «маводи барои таҳқиқот пешниҳодшуда», имконият медиҳад, ки экспертизаи судӣ тамоми шаклҳои имконпазири коммуникатсионӣ ва воситаҳои ифодаи иттилоотро фаро гирад ва таҳлили ҳамаҷониба, систематӣ ва исботпазирро таъмин намояд.

Барои таҳлили ҳамаҷониба, экспертизаи лингвистӣ бояд ба як қатор омилҳо диққат диҳад: аввал, мазмун ва маънии ибораҳо ва гуфторҳо; дуюм, сохтор ва шакли ифодаи иттилоот, аз ҷумла хусусиятҳои синтаксикӣ, морфологӣ ва семантикӣ; сеюм, контекст ва самтҳои коммуникатсионӣ, ки имконият медиҳанд ангезиш ва ҳадафи субъекти кирдор дуруст дарк карда шавад; ва чаҳорум, хусусиятҳои муаллифӣ, ки ба тасдиқи манбаъ ва эътимоднокии иттилоот мусоидат мекунанд.

Ин равиш на танҳо таҳлили дуруст ва ҳамаҷонибаи маълумотро таъмин мекунад, балки ба стандартизатсияи усулҳои экспертизаи судӣ–лингвистикӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти коршиносон бо мақомоти тафтишотӣ низ замина фароҳам меорад. Ба илова, таҳлили пурраи ҷузъҳои забонӣ ва усулҳои интиқоли иттилоот имконият медиҳад, ки ҳар гуна кирдорҳои экстремистӣ дуруст тасниф ва оқибатҳои ҳуқуқии онҳо аниқ муайян гарданд.

Дар маҷмӯъ, истифодаи мафҳуми васеътар – «маводи барои таҳқиқот пешниҳодшуда» — ва таваҷҷӯҳ ба тамоми шаклҳои ифодаи иттилоот имкон медиҳад, ки экспертизаи судӣ на танҳо мазмуни матнҳоро таҳлил кунад, балки ба таҳлили контекстуалӣ, хусусиятҳои интонасионӣ, муаллифият ва воситаҳои коммуникатсионӣ низ тамаркуз кунад. Ин равиш таҳлили экспертизаи лингвистикӣ ва амалии он дар мубориза бо экстремизмро бо назардошти ҳама омилҳои имконпазир баланд мебардорад ва исботпазирии натиҷаҳои он таъмин мегардад[466].

---

[466] Комплексная методика производства автороведческих экспертиз. Методические рекомендации // МВД России. Экспертно-криминалистический центр. М., 2007; Галяшина Е. И. Судебная автороведческая экспертиза: новые задачи и возможности по уголовным делам, связанным с незаконным оборотом наркотиков // Вестник криминалистики. - 2017. - № 1- 2 (61- 62). - С. 125- 133; Огорелков И.В. К вопросу о едином методическом подходе при проведении автороведческих и лингвистических экспертиз // Современное развитие криминалистики и судебной экспертизы как реализация идей Р.С. Белкина: Материалы Международной научно-практической конференции «К 95-летию со дня рождения ученого, педагога, публициста». М., 2018. - С. 574 -578; Сакун Т.Н. Судебно-автороведческая экспертиза на

Маводи дорои мазмуни экстремистӣ имрӯз метавонад дар шаклҳои гуногун, аз ҷумла варақаҳо, буклетҳо, плакатҳо ва махсусан тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ, интернет ва блогҳо бо осонӣ паҳн карда шавад. Чунин мавод бидуни кӯшиши зиёд нусхабардорӣ гардида, дар байни доираи васеи шахсон дастрас мегардад. Дар раванди тафтиш аксар вақт муайян кардани мансубияти муаллифии чунин мавод мушкил мешавад, зеро айбдоршавандагон одатан муаллиф будани худро рад карда, изҳор медоранд, ки матнро тасодуфан дар шабакаи ҷаҳонӣ пайдо кардаанд. Аз ин рӯ, ҳангоми таҳқиқи парвандаҳои ҷиноятии марбут ба таблиғи экстремизм яке аз масъалаҳои асосӣ муайян намудани он мебошад, ки шахси маводро нашркарда ё барои мақсадҳои таблиғотӣ истифода бурда, худи муаллифи он аст ё не. Илова бар ин, муаллиф метавонад маводи худро бо номи пинҳонӣ паҳн намояд ё баръакс, бо тақлиди нутқи хаттии шахсони дигар матн эҷод кунад, то хусусиятҳои услубии худро пинҳон сохта, раванди ошкоршавиро ба самти нодуруст равона намояд.

Экспертизаи судӣ–муаллифшиносӣ як навъи таҳқиқот аст, ки барои муайян кардани хусусиятҳои муаллифи матн ва таҳлили мундариҷаи он истифода мешавад. Ин экспертиза на ҳамеша шахсан муайян мекунад, ки муаллиф кӣ аст, балки бештар хусусиятҳои хоси ӯро бар асоси услуб ва сохти матн муайян мекунад. Масалан, онро метавон барои маълум кардани: ҷинс ва синну соли тахминии муаллиф; дараҷаи дониши муаллиф дар соҳаи муайян; муносибат ва фарқият байни муаллиф ва шахсе, ки матнро иҷро мекунад; тақлид кардани услуб ё нутқи шахсони дигар, ҳатто аз ҷинси муқобил;усусиятҳои дигари услубӣ ё шахсӣ, ки метавонанд муаллифро тасвир кунанд.

Истифодаи ин маълумот дар парвандаҳои марбут ба таблиғи экстремизм муҳим аст, зеро таҳлил нишон медиҳад, ки кадом шахс метавонад матнро эҷод кардааст ё тақлид кардааст. Ин маълумот ба тафтишгарон ва мақомоти амниятӣ кӯмак мекунад, ки амалҳои минбаъдаи тафтишӣ ва чорабиниҳои оперативӣ–ҷустуҷӯиро дуруст ва самаранок тарҳрезӣ кунанд.[467]

Аз нуқтаи назари ташхиси муаллифшиносии судӣ, барои таҳлили матнҳои экстремистӣ ва муайян кардани муаллиф чанд омил муҳим мебошанд. Аввалан, муайян кардани хусусиятҳои иҷтимоӣ ва биографии муаллиф аҳамияти калидӣ дорад. Ин хусусиятҳо метавонанд ҷинс, синну сол, забони модарӣ, сатҳи таҳсилот, касб ва ҷои истиқоматро дарбар гиранд. Дуюм, ошкор кардани нишонаҳои зериқобӣ дар нутқи хаттии пешниҳодшуда низ муҳим аст, ки метавонад хусусиятҳои шахсии муаллифро, аз қабили услуб ва тарзи баёни фикр, нишон диҳад.

современном этапе развития // Вопросы криминологии, криминалистики и судебной экспертизы. 2010. № 2 (28). - С. 176 - 183

[467] Дроздова Т.Н. Диагностические и классификационные задачи в автороведческой экспертизе блогов // Актуальные проблемы российского права. 2010. № 2 (15). - С. 394-404; Литвинова Т.А. Судебная автороведческая экспертиза текста с целью установления пола его автора: проблемы и перспективы // Современное право. 2016. № 7. - С. 111- 115

Бо назардошти он ки маводи экстремистӣ аксар вақт дар Интернет ва махсусан дар блогҳо паҳн карда мешавад, барои иҷрои экспертизаи муаллифшиносӣ талаботи муайян риоя карда мешавад. Аз ҷумла: ҳаҷми матн набояд камтар аз 100 калима бошад, то таҳлил метавонад нишонаҳои услуб ва хислатҳои муаллифро ошкор кунад; маводи матнӣ бояд пурра пешниҳод шавад, яъне пост ё шарҳи комил; ва матн бояд изҳороти мустақил бошад, яъне таҳрир ё ислоҳ нашуда, то таъсири муҳаррир ё тағйирдиҳандаи дигар таҳлили услубро вайрон накунад.

Ин талаботҳо имконият медиҳанд, ки таҳлилҳои муаллифшиносӣ дақиқ ва боэътимод бошанд ва дар ҳалли парвандаҳои экстремизм истифода шаванд.[468]

Экспертизаҳои лингвистӣ ва муаллифшиносӣ дар таҳлили ҷиноятҳои экстремистӣ нақши муҳим доранд. Таҳлили ҷузъҳои забонӣ (маъноӣ, сохторӣ, прагматикавӣ) ва хусусиятҳои муаллифӣ имкон медиҳад, ки аломатҳои экстремизм, ҳадаф ва ангезишҳои субъекти ҷиноят, ҳамчунин шахсияти муаллиф муайян гарданд. Истифодаи мафҳуми васеътар — «маводи барои таҳқиқот пешниҳодшуда», ба таҳлили ҳамаҷониба ва стандартизатсияи экспертизаи судӣ–лингвистӣ мусоидат мекунад.

Дар маҷмӯъ, истифодаи самараноки донишҳои махсус ва экспертизаҳои судӣ дар тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ имкон медиҳад, ки ҷиноятҳо на танҳо дар сатҳи назариявӣ таҳлил шаванд, балки барои пешгирӣ, ошкорсозӣ ва баррасии қонунӣ заминаи илмӣ ва амалӣ фароҳам оварда шавад.

Адабиёт:

1. Бурковская В.А. Криминальный религиозный экстремизм в современной России. М.: Институт правовых и сравнительных исследований, 2005. - С. 160;
2. Галяшина Е.И. Лингвистическая экспертиза: дискуссионные аспекты и практика производства // Роль и значение деятельности Р.С. Белкина в становлении современной криминалистики. Материалы международной научной конференции (к 80-летию со дня рождения Р.С. Белкина). М.: Академия управления МВД РФ, 2002. - С. 418.
3. Галяшина Е.И. Судебная экспертиза вербальных проявлений экстремизма: правовые и методические проблемы // Эксперт-криминалист. 2009. № 2. - С. 15.
4. Дроздова Т.Н. Автороведческая экспертиза блогов // Вестник криминалистики. 2010. № 1 (33). С. 103 - 107;
5. Дроздова Т.Н. Диагностические и классификационные задачи в автороведческой экспертизе блогов // Актуальные проблемы российского права. 2010. № 2 (15). - С. 394-404.
6. Комплексная методика производства автороведческих экспертиз. Методические рекомендации // МВД России. Экспертно-криминалистический центр. М., 2007; Галяшина Е. И. Судебная

[468] Дроздова Т.Н. Автороведческая экспертиза блогов // Вестник криминалистики. 2010. № 1 (33). С. 103 - 107;

автороведческая экспертиза: новые задачи и возможности по уголовным делам, связанным с незаконным оборотом наркотиков // Вестник криминалистики. - 2017. - № 1- 2 (61- 62). - С. 125- 133.

7. Литвинова Т.А. Судебная автороведческая экспертиза текста с целью установления пола его автора: проблемы и перспективы // Современное право. 2016. № 7. - С. 111- 115

8. Огорелков И.В. К вопросу о едином методическом подходе при проведении автороведческих и лингвистических экспертиз // Современное развитие криминалистики и судебной экспертизы как реализация идей Р.С. Белкина: Материалы Международной научно-практической конференции «К 95-летию со дня рождения ученого, педагога, публициста». М., 2018. - С. 574 -578.

9. Осадчий М. Правовой самоконтроль оратора. М.: Альпина Бизнес Букс, 2007. - С. 138¬139.

10. Сакун Т.Н. Судебно-автороведческая экспертиза на современном этапе развития // Вопросы криминологии, криминалистики и судебной экспертизы. 2010. № 2 (28). - С. 176 - 183

11. Шаевич А.А., Старичков М.В., Грушихина В.А. Актуальные проблемы использования специальных знаний при расследовании преступлений, связанных с пропагандой экстремизма // Известия Тульского государственного университета. Экономические и юридические науки. 2015. № 3.2. С. 252-258.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 20.11.2025
Аз тақриз баргашт: 25.11.2025
Ба чоп тавсия шуд: 25.12.2025

ҲУҚУҚИ МАЪМУРӢ; МУРОФИАИ МАЪМУРӢ (ИХТИСОС: 5.5.14) – АДМИНИСТРАТИВНОЕ ПРАВО; АДМИНИСТРАТИВНЫЙ ПРОЦЕСС (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.5.14)

МАЗМУН ВА ТАБИАТИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ

Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ
Тел.: (+992) 985116699
E-mail: zayniddin.soibov.92@mail.ru

Намозов Муҳсин Зайнуддинович,
унвонҷӯи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Тел.: (+992) 904002116
E-mail: namozov.97@inbox.ru

Ихтисоси илмӣ: 5.5.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ

Фишурда: Соҳаи тандурустӣ аз ҷумлаи соҳаҳои муҳим дар тамоми давру замон ба ҳисоб меравад, ки ба таъмин ва нигаҳдории солимии аҳолии ҷомеа алоқаманд аст. Таъмини самаранокӣ ва рушди соҳаи тандурустӣ бо ташкили идоракунии давлатӣ вобастагӣ дорад. Бояд зикр кард, ки соҳаи тандурустӣ дар шароити муосир ба сифати объекти идоракунии давлатӣ баромад мекунад, ки нисбат ба он таъсиррасониҳои дахлдори идоракунии давлатӣ равона мегардад. Аз нигоҳи илмӣ идоракунии давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ҳамчун масъалаи мубрами илмӣ ба ҳисоб меравад. Дар мақолаи мазкур масъалаҳои гуногуни вобаста ба фаҳмиши идоракунии давлатӣ дар соҳаи мазкур баррасӣ гардидааст. Дар доираи он андешаҳои илмӣ ва муқаррароти қонунгузорӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, нисбат ба он андешаҳои муаллифӣ баён гардидааст.

Калидвожаҳо: Соҳаи тандурустӣ, идоракунии давлатӣ, қонунгузорӣ, объект, давлат, ҷамъият, субъект, самаранокӣ

СОДЕРЖАНИЕ И ПРИРОДА ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ В СФЕРЕ ЗРАВОХРАНЕНИЯ

Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, профессор кафедры конституционного

и административного права, доктор юридических наук
Тел.: (+992) 985116699
E-mail: zayniddin.soibov.92@mail.ru

Намозов Мухсин Зайнуддинович,
соискатель Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан
Тел.: (+992) 904002116
E-mail: namozov.97@inbox.ru

Аннотация: Сфера здравоохранения является одним из важнейших секторов всех времен, связанным с обеспечением и поддержанием здоровья населения. Эффективность и развитие сектора здравоохранения зависят от организации государственного управления. Следует отметить, что в современных условиях сектор здравоохранения выступает в качестве объекта государственного управления, на который направлены соответствующие воздействия государственного управления. С научной точки зрения, государственное управление в секторе здравоохранения рассматривается как актуальная научная проблема. В данной статье рассматриваются различные вопросы, связанные с пониманием государственного управления в этой области. В рамках статьи рассматриваются научные идеи и законодательные положения, а также выражается авторская точка зрения по данному вопросу.

Ключевые слова: Здравоохранение, государственное управление, законодательство, объект, государство, общество, субъект, эффективность

CONTENT AND NATURE OF PUBLIC ADMINISTRATION IN THE HEALTHCARE SECTOR

Soibov Zayniddin Mahmadsharifovich,
Tajik National University, Faculty of Law, Professor of the Department of Constitutional and Administrative Law, Doctor of Legal Sciences
Phone.: (+992) 985116699
E-mail: zayniddin.soibov.92@mail.ru

Namozov Muhsin Zaynuddinovich,
Postgraduate student at the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
Phone.: (+992) 904002116
E-mail: namozov.97@inbox.ru

Annotation: Healthcare is one of the most important sectors of all time, associated with ensuring and maintaining public health. The effectiveness and development of the healthcare sector depend on the organization of public administration. It should be noted that in modern conditions, the healthcare sector acts as an object of public administration, which is targeted by relevant public administration measures. From an academic perspective, public administration in the healthcare sector is considered a pressing scientific issue. This article examines various issues related to understanding public administration in this area. The article examines scientific ideas and legislative provisions, and also expresses the author's point of view on this issue.

Keywords: healthcare, public administration, legislation, object, state, society, subject, efficiency.

Дар шароити муосир ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои олии давлатӣ тадбирҳои гуногун дар ҷомеа роҳандозӣ гардидааст, ки дар умум инъикосгари манфиатҳои умумииҷтимоӣ мебошанд. Давлат ҳамчун ташкилоти бузургӣ ҷомеа барои амалигардии ҳадафҳои умумидавлатӣ ва умумиҷамъиятӣ фишангҳои гуногунро ба роҳ мемонад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи кунунӣ дар сатҳи конститутсионӣ вазифа ва ҳадафҳои муҳимтаринро барои рушди ҷомеа муқаррар намудааст. Махсусан, вазифа ва ҳадафҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир дар хусусияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар меъёрҳои Конститутсияи кишвар пешбинӣ гардидааст, таҷассум гардидаанд. Дар асоси моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, ки «Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад»[469]. Ин меъёри конститутсионӣ мазмуни васеъ дошта, масъулияти кишварро дар назди ҷомеа, хусусан тамоми қишрҳои ҷомеа ифода менамояд. Бинобар ҳамин, барои амалигардии меъёри мазкур фишанги муҳимтарин – идоракунии давлатӣ, ки дар таҷрибаи тамоми давлатҳои ҷаҳон истифода мегардад, мавриди корбурд қарор мегирад. Таърихан низ идоракунии давлатӣ барои таъмини ҳастии давлат ва нигаҳдоши давлат ҳамчун дастгоҳи идоракунандаи ҷомеа хидмат намудааст[470]. Идоракунии давлатӣ инъикосгари фаъолияти амалии давлат дар симои дастгоҳи он (мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори он) он мебошад, ки бо тартиби хоса сурат мегирад. Бинобар ҳамин, идоракунии давлатӣ дар амалигардии вазифа ва ҳадафҳои барои давлати муосир муайянгардида нақши асосӣ ва ҳалкунанда дошта, ба таври қонунӣ ташкил ва амалисозии салоҳияти

[469] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардидааст. Бо тағйиру иловаҳои солҳои 1999, 2003 ва 2016. – Душанбе, 2016.

[470] Ҷанбаи таърихии идоракунӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ ифода менамояд, ки имкон медиҳад, ки мақом ва нақши идоракуниро дар навъҳои гуногуни тамаддуни инсоният ва ҳангоми ҳалли масоилҳои гуногуни иҷтисоӣ, динӣ ва миллӣ дидан намуд. Таҳлили таърихӣ шаҳодат медиҳад, ки идоракунӣ ҳама вақт дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ ва фарҳанги гуногуни миллӣ аз лиҳози хусусиятҳои мураккабии худ тафовут мекард. Муфассалтар нигаред: Локтионов М.В. Государственное управление: проблемы методологии и реформирования. Монография. — М.: Генезис, 2010. — С. 14 (168 с.)

(ваколатҳои) давлатию ҳокимиятиро дар соҳаҳои ҳаёти ҷамхиятӣ ифода менамояд.

Мафҳуми идоракунии давлатӣ тибқи арзёбиҳои илмӣ фаҳмиши васеъ дошта, таҷассумгари фаъолияти тамоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар тамоми сатҳҳо мебошад. Фаҳмиши мазкури идоракунии давлатӣ асосан дар сарчашмаҳои илмии марбут ба пажуҳиши хоси идоракунии давлатӣ ҷой дорад[471]. Аммо, фаҳмиши дигари идоракунии давлатӣ, ки асосан ба мазмуни маъмурӣ-ҳуқуқӣ ифода гардидааст, дар сарчашмаҳои илмии ҳуқуқӣ, махсусан илми ҳуқуқи маъмурӣ ба таври васеъ ҷой дорад. Чунин ақида ҳам дар сатҳи илми ҳуқуқи маъмурии ватанӣ ва ҳам хориҷӣ мавҷуд аст. Андешаи мазмур аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ба монанди Б.Ҳ. Раззоқов ва З.М. Соибов ҷонибдорӣ гардидааст. Тавре профессор Б.Ҳ. Раззоқов дар китоби худ иброз менамояд, «идоракунии давлатии ҶТ самти таъсиррасонии мақомоти ҳокимияти иҷроия ба фаъолият ва рафтори объектҳои идорашаванда мебошад, ки тибқи қонунгузорӣ бо мақсади қонеъсозии талаботи моддию маънавӣ ва табдили он ба ҳолати дигари сифатӣ ба роҳ монда мешавад»[472]. Муҳаққиқи дигари ватанӣ З.М. Соибов дар таҳқиқоти илмии худ овардааст, ки идоракунии давлатӣ ифодагари фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия ва ҳамчунин, мақомоти давлатии роҳбарикунанда, идоракунанда ва танзимкунанда оид ба амалисозии вазифа ва функсияҳои давлат мебошад»[473].

Яке зумра муҳаққиқони хориҷӣ ба монанди ақидаҳои болозикр фаҳмиши идоракунии давлатиро асосан бо фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия алоқаманд намудаанд, ки моҳиятан ба мазмун ва табиати он мутобиқ мебошанд[474].

Бо ҷонибдорӣ аз андешаҳои зикргардида, қайд намудан зарур аст, ки идоракунии давлатӣ асосан бо амалисозии фаъолияти роҳбаринамоӣ алоқаманд буда, асосан аз ҷониби мақомоти ҳокимияти иҷроия амалӣ мегардад. Зеро, таъиноти мақомоти мазкур маҳз дар идоракунӣ ва роҳбаринамоии соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва дигар объектҳои дахлдор ифода меёбад ва рисолати он низ дар роҳандозии идоракунии самаранок дар ҷомеа таҷассум мегардад.

Идоракунии давлатӣ асосан ду унсури асосӣ – субъект ва объект мебошад, миёни онҳо пайвастагии мантиқӣ ва мақсаднок ҷой дорад. Ба сифати субъекти идоракунии давлатӣ бевосита мақомоти ҳокимияти иҷроия баромад мекунад. Ҳамзамон, ақидаи дигар вобаста ба он, ки идоракунии давлатӣ аз ҷониби дигар мақомоти давлатӣ, ки ба низоми мақомоти ҳокимияти иҷроия шомил намебошанд ҷой дорад, ки бо

---

471 Атаманчук Г.В. Теория государственного управления: Курс лекций / Г.В. Атаманчук. – 3-е изд., доп. – М.: Изд-во Омега-Л, 2005. – С.62.

472 Раззоков Б.Х. Проблемы теории и практики организации исполнительной власти в Республике Таджикистан: дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2014. – С. 59.

473 Соибов З.М. Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... докт. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2023. – С. 41

474 Понкин И.В. Особенности государственного управления в области культуры // Вопросы управления. – 2014. – №3 (9). – С. 8.; Грищковец А.А. Органы государственного управления: сущность и компетенция // Труды Института государства и права Российской академии наук. – 2015. – №4. – С.58-59.

назардошти мазмуни идоракунии давлатӣ қобили қабул мебошад[475]. Бинобар ҳамин, мақомоти ҳокимияти иҷроия бо амалсозии функсияҳои дахлдор идоракунии давлатиро амалӣ менамояд.

Объекти идоракунии давлатӣ унсури дигари идоракунии давлатӣ мебошад, нисбат ба он идоракунии давлатӣ, дар шакли таъсиррасонии ҳокимияти ба роҳ монда мешавад. Мутобиқи арзёбии илмӣ ба сифати объекти идоракунии давлатӣ муносибатҳои ҷамъиятӣ, намудҳои фаъолият ва мақомҳои иҷтимоӣ баромад мекунанд, ки бевосита бо истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва маънавӣ, ҳамзамон шароитҳои иҷтимоии фаъолияти рузмарраи одамон алоқаманд мебошанд[476]. Дар воқеъ объектҳои идоракунии давлатӣ муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ, фаъолият ва амалҳои шахсони алоҳида мебошад, ки ба онҳо таъсиррасонии идоракунӣ роҳандозӣ мегардад, ки муназзамии рушд ва устувории онҳоро таъмин менамояд. Дар шароити муосир ба сифати муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки объекти идоракунии давлатиро ташкил медиҳад соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ баромад мекунанд. Соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ гуногунранг буда, фарогири фазои мухталифи ҳаёти иҷтимоӣ мебошад. Яъне, соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мантиқан чун объекти идоракунии давлатӣ баромад мекунад, ки дар меҳвари он асосан инсон қарор дорад. Инсон бо назардошти қонеъсозии талаботи худ дар соҳаҳои мазкур вориди онҳо гардида, хоҳ нохоҳ таҳти таъсиррасонии идоракунии давлатӣ қарор мегиранд. Яке аз соҳаҳои муҳим ва барои ҷомеа аҳамиятнок, ки ба сифати объекти идоракунии давлатӣ баромад мекунад, соҳаи тандурустӣ мебошад.

Соҳаи тандурустӣ дар тамоми давру замон аз ҷумлаи соҳаҳои муҳимтарини ҷомеа маҳсуб меёбад. Соҳаи мазкур ба мазмуни умуми таҷассумгари сиҳатӣ ва солимии аҳолӣ ба ҳисоб рафта, заминаи муҳимтарини рушду инкишофи тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ эътироф мегардад. Зеро, устувории соҳаҳои ҷамъиятӣ аз сатҳи солимӣ, нерӯи ҷисмонӣ ва ҳолати равонии тамоми аҳолӣ вобастагӣ доранд. Муҳиммияти соҳаи тандурустӣ дар он ифода мегардад, ки таъмини самаранокӣ ва рушди он дар умум ҳамчун омили таъмини амнияти миллӣ ба ҳисоб меравад[477].

Давлатҳои мутамаддин бо назардошти муҳиммияти соҳаи тандурустӣ давра ба давра ислоҳоти мақсаднокро гузаронидаанд, ки дар шакли таҳия ва роҳандозии чорабиниҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқӣ таҷассум гардидаанд. Талабот нисбат ба ислоҳоти низоми тандурустӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ дар алоқамандии зич бо дастовардҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ вобаста ба роҳ мондани корҳо оид ба ҳифзи саломатии аҳолӣ ба миён омадааст. Дар кишварҳои тараққикарда ислоҳот дар алоқамандӣ бо комёбии шаҳрвандони онҳо ба намудҳои солимӣ вобаста буда, ки нисбат ба он низоми тандурустӣ ба сатҳи афзоиши бемориҳои музмин ва маъюбӣ, ҳамчунин сатҳи арзиши хизматрасониҳои тиббии алоқаманд ба

---

[475] Соибов З.М. Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... докт. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2023. – С. 53;

[476] Атаманчук Г.В. Теория государственного управления : учебник. – М.: Издательство «Омега-Л», 2010. С. 90 (525 с.)

[477] Современные тенденции в системе здравоохранения Российской Федерации. – М.: Издание Государственной Думы, 2019. – С. 25 (80 с.)

дастовардҳои технологӣ дар соҳаи тиб, пиршавии аҳолӣ ва афзоиши талабот ба хизматрасониҳои тиббӣ номутобиқ буданд. Ин ҳолатҳо ба ислоҳот дар соҳаи тандурустӣ мусоидат намуданд[478].

Истилоҳи тандурустӣ мазмуни ба худ хос дошта, дар сарчашмаҳои илмӣ дар шаклҳои гуногун арзёбӣ гардиданд, ки бо назардошти асосҳои муайян баён шудаанд. Дар асоси яке аз сарчашмаҳои илмӣ «тандурустӣ сифати муҳимми таркибии оммаи аҳолӣ ва шахсони алоҳида муайян гардидааст, ки муайянкунандаи рушди демографӣ ва иқтисодии ҳудуди алоҳида ва тамоми давлат мебошад»[479].

Муҳаққиқи ватанӣ Н.Ф. Сафарзода истилоҳи солимии аҳолиро, моҳиятан таҷассумгари истилоҳи тандурустӣ аст, таҳқиқ намуда бар он назар аст, ки «саломатии инсон – ин ҳамоҳангии вазъи ботинӣ, ҷисмонӣ, равонӣ ва руҳии шахс мебошад, ки олами ҳастиро ба таври комил дарк менамояд»[480].

Дар адабиёти илмӣ зимни пажуҳиши истилоҳи тандурустӣ мазмуни соҳаи тандурустиро матраҳ намудаанд, ки мантиқан ифодагари истилоҳи тандурустӣ аст. Чуноне дар яке аз мақолаҳои илмии хориҷӣ оварда шудааст, «соҳаи тандурустӣ яке аз унсурҳои асосии сохтори соҳаи иҷтимоӣ мебошад, ки баҳри нигаҳдорӣ ва устувории саломатии аҳолӣ тавассути фаъолияти муассисаҳои тиббии пешгиркунанда ва табобатӣ равона мегардад»[481].

Ҳамзамон, дар сарчашмаҳои илмӣ андешаи марбут ба ҷанбаи иқтисодӣ доштани соҳаи тандурустӣ ҷой дорад. Чунончи, Б. Дурманов қайд кардааст, ки «тандурустӣ – ин соҳаи иқтисодиёти давлат мебошад, ки фарогири истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ аст, ки баҳри беҳтар намудан ва рушди саломатии шаҳрванд равона мегардад»[482].

Дар радифи андешаи болозикр, андешаи илмӣ вобаста ба эътирофи тандурустӣ ҳамчун функсияи давлат ҷой дорад. Тавре дар яке аз сарчашмаи илмӣ баён гардидааст, «тандурустӣ ин функсияи давлат мебошад, ки дар радифи дигар функсияҳои давлат мақоми хосаро ишғол мекунад. Функсия давлат оид ба тандурустӣ ифодагари ҳифзи ҳуқуқи шаҳрванд ҷиҳати таъмини сатҳи баланди саломатӣ мебошад. Ин функсия аз ҷониби мақомоти давлатии тандурустӣ тавассути иҷрои хизматрасониҳои тотиббӣ, таъхирнопазир таъҷилӣ, ёрии тиббии амбулаторӣ, санаторӣ-курортӣ ва статсионарӣ аз рӯи тахассуси дахлдори тиббӣ, ташхисӣ, чорабиниҳои табобаӣ ва ташхиси тиббӣ, инчунин истифодаи усулҳои анъанавии тиббӣ ва ғ. амалӣ мегардад»[483].

---

[478] Куркина М.П., Анохина С.С. Основные предпосылки и направления реформирования системы здравоохранения РФ // Наука и современность. – 2010. – №3 (3). – С. 123-124 (С. 123-128)

[479] Шабунов А.А., Калашников К.Н., Морев М.В., Калачников О.Н., Кондакова Н.А. Здоровье и здравоохранение. Под ред. А.А. Шабуновой. – Вологда: ИСЭРТ РАН, 2014. – С. 5 (154 с.)

[480] Сафарзода Н.Н. Ҳуқуқ ба саломатӣ: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ: дис. ... номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. – С. 48 (177 с.)

[481] Вицелярова К.Н., Басанова К.Л. Здравоохранение как элемент социальной сферы // Концепт. – 2015. – №13. – С. 1. (С. 1-7)

[482] Дурманов Б. Экономическая сущность и природа здравоохранения: некоторые теоретические и практические аспекты // Экономика и финансы. – 2013. – №2. – С. 4 (С. 2-8)

[483] Васильев И.В., Калиниченко А.В. К вопросу о кризисе социальной гигены и эволюции понятия // Бюллетень сибирской медицины. – 2008. – №.5. – С. 78-79 (С. 77-80)

Истилоҳи тандурустӣ дар фарҳанги забони тоҷикӣ ҳамчун саломатӣ ва сиҳатӣ маънидод гардидааст[484].

Дар радифи андешаҳои илмӣ, ҳамзамон ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии сатҳи байналмилалӣ ва миллӣ вобаста ба мафҳуми тандурустӣ меъёрҳо муқаррар намудааст. Яке аз ҳуҷҷатҳои сатҳи байналмилалӣ Оинномаи Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ мебошад, ки дар он мафҳуми тандурустӣ ҳамчун ҳолати беҳдудии ҷисмонӣ, равонӣ ва иҷтимонӣ мебошад, ки на танҳо норасонии беморӣ ва ҷисмонӣ аст[485].

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми тандурустиро дар дар шакли меъёрӣ пешбинӣ намудааст. Мафҳуми мазкур дар Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, ки тибқи он «тандурустӣ - низоми тадбирҳои хусусияти сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва тиббӣ дошта, ки ба пешгирӣ ва табобати бемориҳо, нигоҳдории гигиенӣ ва санитарии ҷамъиятӣ, нигоҳдорӣ ва таҳкими солимии ҷисмонӣ ва руҳии инсон, инчунин нигоҳдории ҳаёти фаъоли дарозумрӣ ва расонидани кумаки тиббӣ ба ӯ дар ҳолати аз даст додани солимӣ равона карда шудааст»[486].

Дар воқеъ андешаҳои илмӣ ва муқаррароти болозикри санадҳои ҳуқуқӣ қобили қабуланд ва дар маҷмуъ мазмун ва моҳияти тандурустиро инъикос менамоянд. Бо баинобатгирии табиати тандурустӣ мафҳуми онро ба ду мазмун метавон муайян намуд: ба мазмуни субъективӣ ва ба мазмуни ташкилӣ. Ба мазмуни субъективӣ тандурустӣ ин ҳолати солимии муътадили ҷисмонӣ ва равонии инсон мебошад, ки қобилиятпазирии ӯро дар ҷомеа нигаҳ медорад. Ба ин мазмун тандурустӣ хусусияти инсон буда, ӯро ҳамчун мавҷудоти солим дар ҷомеа ифода мекунад. Ба таври дигар, ба талаботи солимии ҷисмонӣ ва равонӣ ҷавобгӯ будани инсонро нишон медиҳад.

Ба мазмуни ташкилӣ бошад, тандурустӣ ифодагари тадбирҳои дахлдор аст, ки баҳри нигаҳдории солимии ҷисмонӣ ва равонии инсон равона мегардад. Дар иртибот бо ин мазмуни тандурустӣ мафҳуми дар Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида бештар мувофиқ мегардад, ки масъулияти давлатро дар самти таъмини солимии аҳолӣ инъикос менамояд. Ба ин мазмун тадбирҳои дахлдор дар самтҳои гуногун ба роҳ монда мешавад, ки чунин самтҳоро фаро мегирад:

- муайян намудани бемориҳо тавассути ба роҳ мондани корҳои ташхисӣ, таҳлилӣ ва озмоишӣ;
- пешгирии бемориҳо бо роҳи ташкили корҳои профилактикӣ;
- таъмини амнияти санитарию гигенӣ;
- беҳтар намудани вазъи кумаки аввалияи тиббӣ ва хизматрасонии таъҷилии тиббӣ;

---

[484] Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX). Иборат аз ду ҷилд / дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. Ҷилди II: П-Ҷ. – М.: Сов. Энциклопедия, 1969. – С. 322.

[485] Реҷаи дастрас: https://www.who.int (санаи мурочиат: 2.04.2024 с.)

[486] Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2017, №1413 // Маҳзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқӣ “Адлия”. (санаи мурочиат: 2.04. 2024 с.)

- ташкили табобати шахсон ҳангоми бемориҳо ва дигар ҳолатҳои табобатталаб;
- ташкили корҳо вобаста ба нигаҳдории солимии аҳолӣ тавассути ба роҳ мондани тадбирҳои беҳдошти ҷисмонӣ ва равонӣ;
- тадбирҳои машваратию тиббӣ ба аҳолӣ;
- беҳтар намудани вазъ ва сифати хизматрасониҳои тиббӣ ба аҳолӣ;
- танзими фаъолияти тиббии анъанавӣ;
- таҷдид намудани техлогияҳои тиббӣ, ки барои табобат ва беҳбудии саломатии аҳолӣ равона мегарданд;
- ба роҳ мондани корҳои ташвиқотию тарғиботӣ вобаста ба баландбардории фарҳанги тандурустӣ ва солимии аҳолӣ дар ҷомеа;
- ташкили корҳо ҷиҳати ба баландбардории малака ва касбияти кормандони муассисаҳои тандурустӣ ва ғ.

Дар дораи муносибатҳои ҷамъиятӣ соҳаи тандурустӣ ҳамчун ҷузъи таркибии соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад, ки фарогири муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба таъмини солимии аҳолӣ ва дигар самтҳои марбут ба нигаҳдории фазои тандурустӣ мебошад. Рушду инкишоф ва танзими босуботи соҳаи тандрустӣ аз сиёсати бароҳмондаи давлатӣ вобастагӣ дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи солимии аҳолӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатро ташкил медиҳад[487].

Барои ташкили идоракунии давлатии муносиби соҳаи тандурустӣ сиёсати давлатии самаранок дар соҳаи мазкур тақозо мекунад. Ба таври дигар, идоракунии давлатӣ дар заминаи сиёсати давлатӣ ба роҳ монда мешавад. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ва ё сиёсати тандурустӣ дар шароити муосир вазифаҳои зеринро амалӣ менамояд: интихоби тарҳи тандурустӣ ва хизматрасонии тиббӣ, таъминоти меъёрии ҳуқуқии амалисозии тарҳи мазкур; интихоби афзалиятҳои рушди низоми тандурустӣ; мутобиқатии манфиатҳои гуруҳҳои гуногуни аҳолӣ ва қувваҳои сиёсӣ ҳангоми интихоби стратегияҳо ва барномаҳои мушаххас, ташаккули ҳамрайъӣ миёни ҳокимият ва сохторҳои шаҳрвандӣ; воситаҳои қабули қарорҳои сиёсӣ вобаста ба масъалаҳои саломатӣ ва тандурустӣ[488].

Бо назардошти афзалияти сиёсати давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ барои таъмини самаранокии сиёсати давлатӣ дар соҳаи мазкур қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон принсинҳои муайянро дар самт пешбинӣ намудааст. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ба принсипҳои зерин асос меёбад: таъмини баробарҳуқуқии шаҳрвандон барои гирифтани кумаки тиббии бехатар, самарабахш ва сифатнок; ҷавобгарии якҷояи давлат, корфармоён ва шаҳрвандон ҷиҳати нигоҳдорӣ ва таҳкими саломатии инфиродӣ ва ҷамъиятӣ; таъмини ҳаҷми кафолатноки кумаки ройгони тиббӣ; ҳифзи солимии модару кӯдак; афзалиятнок будани самти пешгирӣ дар фаъолияти низоми тандурустӣ; дастрас будани кумаки тиббӣ; мунтазам баланд бардоштани сифати кумаки тиббӣ; таъмини бехатарии санитарию

[487] Стратегияи ҳифзи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, №414 тасдиқ гардидааст // Маҳзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқӣ “Адлия”. (санаи мурочиат: 6.04.2024 с.)

[488] Современные тенденции в системе здравоохранения Российской Федерации. – М.: Издание Государственной Думы, 2019. – С. 24 (80 с.)

эпидемиологии аҳолӣ ва ғ.[489] Риоя ва ба роҳбарӣ гирифтани принсипҳои мазкур дар маҷмуъ ба таъмини самаранокии рушди соҳаи тандурустӣ мусоидат намуда, дар заминаи он идоракунии давлатии самаранок ташкил карда мешавад. Дар иртибот бо ин, соҳаи тандурустӣ ба сифати объекти идоракунии давлатӣ баромад мекунад.

Соҳаи тандурустӣ ҳамчун маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятии марбут ба нигаҳдории сатҳи солимӣ ва тандурустии аҳолӣ таҳти таъсиррасонии идоракунии давлатӣ қарор дорад. Соҳаи тандурустӣ ҳамчун объекти идоракунии давлатӣ ифодагари фаъолияти давлат, ҳамзамон низоми чорабиниҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва тиббӣ-санитарии аз ҷониби муассисаҳои тандурустӣ амаликунанда мебошад, ки баҳри таъмини сатҳи баланди тандурустӣ тавассути ошкор, пешгирӣ ва табобати беморӣ, расонидани ёрии тиббии босифат ба шаҳрвандони эҳтиёҷманд, ҳамчунин таъмини дастрасии чунин ёрӣ равона мегардад[490].

Соҳаи тандурустӣ ҳамчун объекти идоракунии давлатӣ таҳти таъсиррасонии субъекти идоракунии давлатӣ қарор дошта, моҳиятан муносибат ва таъсиррасонии амудиро ифода карда, раванди рушди объектҳоро таъмин менамояд. Ба таври дигар соҳаи тандурустӣ дар ҷомеа ҳамчун соҳаи таркибӣ буда, субот ва устувории он дар заминаи таъсиррасонии идоракунӣ таъмин карда мешавад[491]. Ҳамзамон, соҳаи тандурустӣ ба сифати соҳаи идоракунии давлатӣ низ баромад мекунад, ки чунин идоракуниро метавон чун механизми созанда ва «мусбӣ» арзёбӣ кард, ки унсури зарурии давлати иҷтимоии муосир маҳсуб меёбад. Идоракунии «мусбӣ» – ин ғамхории давлат вобаста ба мавҷудияти бамеъёри одамон мебошад, ки нисбат ба соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла соҳаи тандурустӣ равона мегардад[492].

Бо назардошти муҳиммияти соҳаи тандурустӣ ҳамчун объекти идоракунии давлатӣ метавон чунин хусусиятҳои онро муайян намуд:

- идоракунии давлатии соҳаи тандурустӣ яке аз намудҳои идоракунии давлатӣ мебошад, ки хусусияти соҳавиро дар худ таҷассум менамояд;
- идоракунии давлати соҳаи тандурустӣ моҳиятан таҷассумгари муносибати миёни субъектҳо ва соҳаи мазкур ҳамчун объекти идоракунии давлатӣ мебошад;
- асоси идоракунии давлатии соҳаи тандурустиро таъсиррасонии ҳокимиятӣ ташкил медиҳад, ки чунин таъсиррасонӣ хусусияти созандагӣ ва мусбиро ифода менамояд;
- идоракунии давлатии соҳаи тандурустӣ фаъолияти мақсаднок аст, ки баҳри танзим, рушд ва устувории соҳаи мазкур равона мегардад;

---

[489] Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2017, №1413 // Маҳзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқӣ "Адлия". (санаи мурочиат: 6.04.2024 с.)

[490] Ерохина Государственное управление здравоохранием в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – Саратов, 2006. – С. 9. (216 с.)

[491] Малышева М.А. Теория и методы современного государственного управления. Учебно-методические пособие. – СПб.: Отдел оперативной полиграфии НИУ ВШЭ – Санкт-Петербург, 2011. – С. 18. (280 с.)

[492] Бахрах Д.Н., Российский Б.В., Старилов Ю.Н. Административное право: Учебник для вузов. — 2-е изд., изм. и доп. — М.: Норма, 2005. – С. 32, 37 (800 с.)

- идоракунии давлатии соҳаи тандурустӣ бо муқаррарот ва талаботи қонунгузорӣ маҳдуд гардида, дар амал татбиқ гардидани онҳоро таъмин менамояд. Ба таври дигар, идоракунии давлатии соҳаи тандурустӣ намуди фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳокимияти иҷроия мебошад[493], ки моҳиятан инъикосгари фаъолияти иҷроиявӣ-амрдиҳӣ мебошад, ки баҳри тадбиқ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ равона мегардад.
- идоракунии давлатии соҳаи тандурустӣ таҷассумгари муносибатҳои иртибототӣ мебошад, ки алоқаи миёни субъектҳои идоракунии давлатӣ ва соҳаи тандурустиро таъмин менамояд;
- идоракунии давлатии соҳаи тандурустӣ фаъолияти доимӣ ва мунтазам мебошад, баҳри таъмин ва ҳимояи манфиатҳои давлатӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва солимии ҷомеа равона мегардад;
- идоракунии давлатии соҳаи тандурустӣ ҷиҳати амалигардии вазифа ва ҳадафҳои давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ равона мегардад;
- идоракунии давлатии соҳаи тандурустӣ фаъолияти зериқонунӣ мебошад, ки дар доираи он субъектҳои идоракунии давлатӣ нисбат ба амалигардонии идоракунии давлатӣ дар соҳаи мазкур санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул менамоянд, ки хусусияти зериқонунӣ доранд ва бо мақсади танзими босуботи муносибатҳои гуногуни марбут ба соҳаи мазкур равона мегарданд ва ғ.

Бо ҳамин мазмун, идоракунии давлатии соҳаи тандурустӣ – ин фаъолияти мақсадноки субъектони дахлдори идоракунии давлатӣ ба соҳаи тандурустӣ ҷиҳати дар амал татбиқ намудани муқаррароти қонунгузорӣ мебошад, ки ба таъмин ва нигаҳдории солимии аҳолӣ равона мегардад.

Адабиёт:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардидааст. Бо тағйиру иловаҳои солҳои 1999, 2003 ва 2016. – Душанбе, 2016.
2. Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2017, №1413 // Маҳзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқӣ “Адлия”. (санаи муроҷиат: 2.04. 2024 с.).
3. Стратегияи ҳифзи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, №414 тасдиқ гардидааст // Маҳзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқӣ “Адлия”. (санаи муроҷиат: 6.04.2024 с.).
4. Атаманчук Г.В. Теория государственного управления: Курс лекций / Г.В. Атаманчук. – 3-е изд., доп. – М.: Изд-во Омега-Л, 2005. – С.62.
5. Атаманчук Г.В. Теория государственного управления: учебник. – М.: Издательство «Омега-Л», 2010. - 525 с.
6. Бахрах Д.Н., Российский Б.В., Старилов Ю.Н. Административное право: Учебник для вузов. — 2-е изд., изм. и доп. – М.: Норма, 2005. – 800 с.

[493] Бахрах Д.Н., Российский Б.В., Старилов Ю.Н. Асари ишорашуда. – С. 33

7. Васильев И.В., Калиниченко А.В. К вопросу о кризисе социальной гигены и эволюции понятия // Бюллетень сибирской медицины. – 2008. – №.5. – С. 77-80.
8. Вицелярова К.Н., Басанова К.Л. Здравоохранение как элемент социальной сферы // Концепт. – 2015. – №13. – С. 1-7.
9. Дурманов Б. Экономическая сущность и природа здравоохранения: некоторые теоретические и практические аспекты // Экономика и финансы. – 2013. – №2. – С. 2-8.
10. Ерохина Государственное упраление здравоохранием в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – Саратов, 2006. – 216 с.
11. Куркина М.П., Анохина С.С. Основные предпосылки и направления реформирования системы здравоохранения РФ // Наука и современность. – 2010. – №3 (3). – С. 123-128.
12. Локтионов М.В. Государственное управление: проблемы методологии и реформирования. Монография. — М.: Генезис, 2010. – 168 с.
13. Малышева М.А. Теория и методы современного государственного управления. Учебно-методические пособие. – СПб.: Отдел оперативной полиграфии НИУ ВШЭ – Санкт-Петербург, 2011. – 280 с.
14. Понкин И.В. Особенности государственного управления в области культуры // Вопросы управления. – 2014. – №3 (9). – С. 8.
15. Раззоков Б.Х. Проблемы теории и практики организации исполнительной власти в Республике Таджикистан: дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2014. – С. 59.
15. Сафарзода Н.Н. Ҳуқуқ ба саломатӣ: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ: дис. ... номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. – 177 с.
16. Современные тенденции в системе здравоохранения Российской Федерации. – М.: Издание Государственной Думы, 2019. – 80 с.
17. Соибов З.М. Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... докт. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2023. – 446 с.
18. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то ибтидои асри ХХ). Иборат аз ду ҷилд / дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. Ҷилди II: П-Ҷ. – М.: Сов. Энциклопедия, 1969. – С. 322.
19. Шабунов А.А., Калашников К.Н., Морев М.В., Калачников О.Н., Кондакова Н.А. Здоровье и здравоохранение. Под ред. А.А. Шабуновой. – Вологда: ИСЭРТ РАН, 2014. – 154 с.
20. Реҷаи дастрас: https://www.who.int (санаи мурочиат: 2.04.2024 с.)

Мақола дар редаксия ворид шуд: 20.11.2025
Аз тақриз баргашт: 25.11.2025
Ба чоп тавсия шуд: 25.12.2025

ТАҚРИЗҲО – РЕЦЕНЗИИ

Тақриз
ба китоби Холиқзода А.Ғ. «Давлати миллии демократӣ: андешаҳо доир ба табиати давлати миллии демократӣ» (Китоби 1. Душанбе, 2025, 428 с.; Китоби 2. Душанбе, 2025, 448 с.)

Ташаккул, рушд ва пойдории давлатдории миллӣ аз ҷумлаи масъалаҳои ҳаётан муҳимми илмӣ, амалӣ, сиёсӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангӣ буда, таҳқиқи он дар ҳамаи даврaҳои инкишофи таърихи афкори сиёсию ҳуқуқӣ ва илм дар маркази таваҷҷуҳи мутафаккирон, олимон, муҳаққиқони зиёд қарор дошт. Таҳқиқи масъалаи мазкур дар ҳаёти имрӯза бо дарназардошти равандҳои нави сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ, дар робита бо таъсири маҷмуи омилҳои объективӣ ба пойдории давлатдории миллӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Усулҳои дарки давлати миллӣ дар илм ва амалияи муосир бо дарназардошти инкишофи босуръати ҳаёти ҷомеа ва такмили методологияи дарки илмии воқеият тағйир ёфта истодаанд. Таҳқиқи илмии давлати миллӣ, ки падидаи инкишофёбандаи ҳаёти ҷомеа мебошад, тарзу усулҳои нави дарки илмиро талаб мекунад. Бо дарназардошти ҳамин нуқтаҳои зикршуда китоби профессор Холиқзода А.Ғ. манзури хонанда пешниҳод мешавад.

Китоби мазкур аз лиҳози методологӣ ва бо дарназардошти таҳлили паҳлуҳои муассири давлати миллӣ навгонии илмӣ дорад. Дар асари мазкур давлати миллӣ бо дарназардошти вусъати ҷаҳонишавӣ, афзалият пайдо намудани манфиатҳои миллӣ, таҳдидҳои таърихӣ, соҳибихтиёрии давлатӣ, ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, худшиносии миллӣ, нақши инсон, илм, тафаккури зиёӣ дар давлатдории миллӣ таҳқиқ мешавад. Муаллиф дар доираи усули тамаддунӣ таҷрибаи ташаккули давлат ва ҳуқуқи миллиро дар доираи тамаддунҳои Шарқ ва Ғарб таҳқиқ намуда, қонуниятҳои умумӣ ва хусусиятҳои инкишофи унсурҳои иҷтимоӣ-ахлоқӣ ва фарҳангӣ-тамаддунии инкишофи ҳаёти давлатӣ ва ҳуқуқиро муайян мекунад. Ташаккулу рушди давлати миллӣ бо дарназардошти на танҳо таҷрибаи сиёсӣ, балки нақши ҳалкунандаи арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ, тафаккури солими инсонӣ, омилҳои иҷтимоӣ-равонӣ таҳқиқ мешавад.

Мафҳумҳо ва категорияҳои анъанавии илмӣ, ба мисли «соҳибихтиёрии давлатӣ», «миллат», «манфиатҳои миллӣ», «ҷаҳонишавӣ», «демократия» ва дигар, ки солҳои дароз дар маркази таваҷҷуҳи олимону муҳаққиқон қарор доранд, бо дарназардошти шароити тағйирёбандаи ҳаёти ҷомеа, дар робита бо воқеияти нави ташаккулёбанда мавриди таҳлили илмии воқеъбинона ва ҳаматарафа қарор дода мешаванд. Ин усули таҳқиқи илмӣ, ки ҳоло мубрам ва аз лиҳози назариявию амалӣ муҳим аст, ба дарки воқеъбинонаи падидаҳои ташаккулёбандаи ҳаёти ҷомеа мусоидат менамояд.

Мафҳумҳои илмии «давлат», «соҳибихтиёрии давлатӣ», «истиқлолият», «сарчашмаи ҳокимият», «миллат», «манфиатҳои миллӣ», «манфиатҳои давлатӣ», «ҳуқуқ», «ҳаёти ҳуқуқӣ» ва дигар, ки дар даврaҳои

гуногуни инкишофи илм дар робита бо идеология, сиёсат, манфиатҳои синфӣ, тазоди синфӣ, шаклҳои моликиятдорӣ таҳқиқ мешуданд, ҳоло дар доираи ҷаҳонбинии нави илмӣ бояд дарк карда шаванд. Мафҳумҳо ва категорияҳои илмӣ доимо тағйир ёфта меистанд ва аз ин хотир, усулҳои дарки онҳо мунтазам таҷдиди назар карда мешаванд. Чунончӣ, мафҳумҳои «давлат», «соҳибихтиёрӣ», «низоми сиёсӣ», «низоми иқтисодӣ», «форматсияи ҷамъиятӣ-иқтисодӣ», «ҳуқуқ», «ҳуқуқи шаҳрванд» ва дигар дар илми шуравӣ бо дарназардошти алоқамандиашон бо идеология ва сиёсати давлати шуравӣ таҷдиди назар карда шуданд. Дар натиҷа мафҳумҳои илмие пешниҳод шуданд, ки барои ҳама умумӣ ва то андоза (аз лиҳози идеологӣ) «тағйирнаёбанда» буданд. Ба ин нигоҳ накарда, солҳои 50-60-ум ва 70-80-уми асри XX таҳаввуллоти ҷиддии назариявӣ-методологӣ дар дарки ҳамаи падидаҳои ҳаёти давлатӣ ва ҳуқуқӣ мушоҳида мегардад, чунки ҳама гуна мафҳуми илмие, ки бидуни воқеият пешниҳод мешавад, дере нагузашта таҷдиди назар карда мешавад. Ҳатто олимони ҳуқуқшиноси намоёни шуравӣ дере нагузашта аз ақидаҳои илмии қаблии худ даст мекашанд.

Профессор Холиқзода А.Ғ. ҳамин ҳолатро ба инобат гирифта, мушкилоти эҷоди асарашро баён мекунад. Мушкилоти аввал, ба ақидаи муаллиф, «бо интиқоли нозукиҳои мафҳумҳои илмӣ аз як забон ба забони дигар» (саҳ. 17) алоқаманд аст.

Ин ақидаи муаллиф қобили дастгирист. Хусусияти асосии мафҳумҳои илмии ҳуқуқӣ дар он аст, ки онҳо дар матни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифода мешаванд. Забони расмии қонунгузорӣ шакли ифодаи забони илмии ҳуқуқшиносӣ аст. Дар матни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ доираи васеи мафҳумҳои илмӣ ҳангоми ифодаи истилоҳоти ҳуқуқӣ истифода мешавад. Истилоҳоти ҳуқуқӣ мутобиқи қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ бояд аниқ ифода карда шавад, ҳамаи хусусиятҳои мафҳумҳои илмиро ба таври мушаххас (мутобиқи талаботи техникӣ-ҳуқуқии ифодаи мафҳумҳо тавассути истилоҳоти ҳуқуқӣ) таҷассум намояд. Дар қонунгузории Тоҷикистон ба мисли қонунгузории давлатҳои дигар ҳоло истилоҳоти зиёди хориҷӣ истифода мешаванд. Онҳо дар илм ва таҷрибаи ҳуқуқии ҷаҳон пазируфта мешаванд, ба истифодаи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, мутобиқ намудани қонунгузории миллӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, танзими ҳуқуқии муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, таҳсилотӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва дигар, ки дар раванди густариши робитаҳои байни давлатҳо ба миён меоянд, мусоидат менамоянд. Айни замон ҳангоми интиқоли мафҳумҳои илмии ҳуқуқӣ аз забонҳои хориҷӣ ба ифодаи аниқи онҳо ҳам дар таҳқиқоти илмии ҳуқуқӣ ва ҳам зимни таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таваҷҷуҳи махсус додан лозим аст.

Ба ақидаи профессор Холиқзода А.Ғ. «консепсияи давлати миллӣ бо тамому ҳусну кабоҳати фарҳангиаш ва васли он намои давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ то сатҳе як равиши васли мафкура – идеология бо падидаҳои илми давлатшиносӣ аст. Дар анъанаи илмии эътирофшудаи шуравӣ идеология бо манфиат ва амалкардҳо сару кор дораду илм бо кашфи ҳақиқат» (саҳ. 17).

Илми ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла назарияи давлат ва ҳуқуқ бо сиёсат ва идеологияи давлатӣ робитаи устувор дорад. Назарияҳои зиёд, ки оид ба мафҳуми давлат ва ҳуқуқ ҳам дар таҷрибаи илмии ватанӣ ва ҳам дар илми ҷаҳонӣ пешниҳод шудаанд, бо ғояҳо, ақидаҳо, мафҳумҳои мафкуравӣ робита дошта, айни замон мутобиқи манфиатҳои миллӣ истифода мешавад. Назарияҳои «соҳибихтиёрии давлатӣ», «манфиатҳои миллӣ», «ҳуқуқи инсон», «ҳуқуқи фитрӣ», «робитаи давлат ва шахс», «вазъи ҳуқуқии инсон» ва дигар бо дарназардошти манфиатҳои миллии давлатҳои ҷудогона пешниҳод мешаванд. Давлатҳои абарқудрат бо истифода аз имконияти идеологӣ дар пешниҳоди ин назарияҳо ва паҳн намудани онҳо дар ҷаҳони мутамаддин нақши худро дар доираи сиёсати пайгирифтаи ҷаҳонишавӣ иҷро мекунанд. Бо кӯшиши онҳо аввал «назарияи либералии давлат», сипас, «назарияҳои неолибералӣ» ва «назарияҳои ултралибералӣ» паҳн карда шуда, моҳияти аслии ҳуқуқи инсон ва нақши инсонро дар ҳаёти ҷомеа тағйир доданӣ мешаванд. Дар натиҷа ихтилофи байни фарҳангҳо ва тамаддунҳо доир ба моҳияти ҳуқуқи инсон, аз ҷумла дар робита бо таносуби ҳуқуқ ва ахлоқ, ҳуқуқ ва тамаддун, арзишҳои ҳуқуқии умумӣ (стандартҳои ҷаҳонии ҳуқуқи инсон) ва арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ ба миён омад. Ихтилофи фарҳангу тамаддунҳо доир ба масъалаҳое, ки бо моҳияти давлат ва падидаҳои давлатӣ (соҳибихтиёрӣ, соҳибистиқлолӣ, манфиатҳои давлат, манфиатҳои миллӣ ва диг.) алоқаманданд, низ мушоҳида мешавад. Ҳамаи равандҳои зикршуда боиси тақвият пайдо намудани ғояи «давлати миллӣ», таваҷҷуҳи бештар ба таҳкими соҳибихтиёрии давлати миллӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ гардид.

Профессор Холиқзода А.Ғ. дар иртибот бо вусъати ихтилофи байни фарҳангу тамаддунҳо доир ба яке аз масъалаҳои ташвишовар, ки бо ҳимояи арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ робита дорад, чунин ибрози андеша мекунад: «Низоми давлатҳои пешрафтаи демократӣ ба осиёби рушди низоми муосири иҷтимоӣ меъёр ва анъанаи нави муошрати биологиро дар шакли ҳамҷинсгароию никоҳҳои ғайритабиӣ масъалагузорӣ карда, арзишҳои ахлоқии тайи ҳазорсолаҳо шаклгирифтаро мисли туфони ғайрифарҳангӣ аз бунаш решакан мекард» (саҳ. 20-21).

Таваҷҷуҳи муаллиф ба ин масъала бесабаб нест. Тағйири ҳолати воқеии (биологии) инсон дар заминаи инкори мансубияти биологӣ ба арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ ва анъанаҳои таърихан ташаккулёфтаи оила мухолифати ошкоро дорад. Падидаи мазкур, ки ҳоло дар як қатор давлатҳо шакли ифодаи қонуниро пайдо намудааст, моҳияти аслии инсон ва ҳамаи ҳуқуқу озодиҳо, аз ҷумла биологӣ ва генетикиро комилан тағйир медиҳад. Аз ин лиҳоз, дар илми муосири ҳуқуқ солҳои охир ба таҳқиқи моҳияти ҳуқуқҳои биологӣ дар робита бо инкишофи босуръати биотехнологияҳо, биоэтика, тибби биологӣ таваҷҷуҳ зоҳир мешавад.

Ҳамин тариқ, илми ҳуқуқшиносӣ бо сиёсат ва идеологияи давлат робитаи устувор дорад. Гуногунии мафкуравӣ ба пешниҳоди ақидаҳо, мафҳумҳо, назарияҳои гуногуни ин ё он муаллиф мусоидат менамояд. Аммо дар ҳама ҳолат нуфузи манфиатҳои миллӣ ба инобат гирифта мешавад. Давлат ҷузъи сиёсат аст, ҳокимияти давлатӣ омили пойдории

ҳаёти сиёсӣ мебошад, ғояи «давлати миллӣ» унсури ҷудонашавандаи афкори таърихии сиёсӣ, фарҳаги миллӣ ва тамаддун аст. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ки дар доираи он қонунҳо, кодексҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия карда мешаванд, самти афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии давлат мебошад. Ташаккул ва такмили мунтазами қонунгузорӣ бо дарназардошти талаботи объективии ҳаёти ҷомеа дар доираи сиёсати ҳуқуқии ҳар як давлат ба роҳ монда мешавад. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо дарназардошти ҳадафҳо, афзалиятҳо ва вазифаҳои сиёсати ҳуқуқӣ таҳия ва қабул карда мешавад. Конститутсия ҳуҷҷати ҳуқуқӣ ва сиёсӣ буда, дар ҳамаи давлатҳо, аз он ҷумла дар Тоҷикистони соҳибистиқлол шакли ифодаи манфиатҳои миллӣ ва арзишҳои фарҳангӣ-иҷтимоии миллӣ мебошад.

Кӯшиши як қатор муҳаққиқони ғарбӣ, аз ҷумла Ганс Келзен оид ба ҷудо намудани илм ва амалияи ҳуқуқшиносӣ аз сиёсат ва идеологияи давлатӣ натиҷа намедиҳад. Назарияҳои муосири неопозитивӣ дар давлатҳои Ғарб бо сиёсат ва ғояҳои мафкуравии давлатӣ робитаи устувор доранд. Ҳолати мазкурро ҳоло дар мисоли фаъолияти ҳадафмандонаи мақомоти давлатии ин кишварҳо доир ба маҷмуи масъалаҳои ҳаётан муҳимми геосиёсӣ, геоиқтисодӣ, ҳуқуқи инсон, таносуби ҳуқуқи инсон ва арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Илова бар ин, назарияҳои зиёди ҳуқуқи инсон дар минтақаи Ғарб таърихан дар алоқамандӣ бо дини масеҳӣ, афзалияти арзишҳои динӣ пешниҳод мешаванд, чунки асрҳои миёна дини масеҳӣ дар ин минтақа ҳукмрон буд. Дар натиҷа дар заминаи назарияҳои Аврелий Августин, Фомаи Аквинӣ (Аквинат) ва чанде дигарон назарияҳои фитрӣ-ҳуқуқии католикӣ ва протестантӣ паҳн мешаванд. Назарияҳои фирӣ-ҳуқуқӣ, ки пас аз инқилобҳои буржуазӣ пешниҳод мешаванд, ба ғояҳои бунёдии ин назарияҳо такя намуда буданд. Ҳуқуқи инсон ҳоло ҷузъи сиёсат ва идеологияи давлатҳои абарқудрат буда, бо дарназардошти манфиатҳои ширкатҳои фаромиллӣ, ҳамчун фишанги мафкуравии сиёсати ҷаҳонигардонии фарҳангӣ-ҳуқуқӣ истифода мешавад.

Падидаҳои ҳаёти давлатӣ ва ҳуқуқӣ дар робита бо инкишофи ҷомеа мутназам тағйир меёбанд. Аммо арзишҳои ахлоқӣ-маънавии миллӣ ҷузъи тамаддун буда, моҳияташонро нигоҳ медоранд. Кӯшиши тағйир додани онҳо дар сатҳи давлат ва қонунгузорӣ, ки ҳоло дар як қатор кишварҳои ғарбӣ мушоҳида мешавад, аз тарафи ҳамаи одамон якдилона пазируфта намешавад, боиси сар задани бухрои ахлоқӣ мегардад. Илова бар ин, сиёсати пешгирифтаи ҳадафмандона доир ба тағйир додани арзишҳои анъанавӣ ва паҳн намудани ба ном «арзишҳои нав» бо баробари ба сари қудрати сиёсӣ омадани қувваҳои нав зуд тағйир меёбад. Ҳолати мазкурро ҳоло дар мисоли ИМА, ки сиёсати эҳёи арзишҳои анъанвиро дар оиладорӣ ва сохторҳои давлатӣ пеш гирифтааст, мушоҳида намудан мумкин аст.

Империяҳои бузург аз байн рафтанд, давлатҳо ҳамдигарро иваз мекунанд, аммо шуури ҷамъиятӣ, аз он ҷумла шуури ҳуқуқӣ, арзишҳои фарҳанги миллӣ устувор боқӣ мемонанд. Империяи Рим кайҳост, ки вуҷуд надорад, аммо мафҳумҳои ҳуқуқи римӣ то ба ҳол дар қонунгузории доираи

муайяни давлатҳо истифода мешаванд. Империяҳо ва давлатҳои минтақаи Аврупои Ғарбӣ аз байн рафтанд, бо давлатҳои дигар иваз шуданд, вале анъанаҳои ҳуқуқи романию олмонӣ то ба ҳол устуворанд ва дар қонунгузории аврупоӣ истифода мешаванд. Ҳуқуқи судии англисӣ дар асл ҳуқуқи қадима буда, дар заминаи анъанаҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла одатҳои англисӣ (амсоли судӣ) то имрӯз инкишоф меёбад. Анъанаҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҳуқуқи сотсиалистӣ (дар доираи танзими давлатии муносибатҳои озоди иқтисодӣ) дар Хитой васеъ истифода мешаванд. Робитаи ҳуқуқи ғарбӣ ва анъанаҳои миллӣ дар инкишофи низоми ҳуқуқии Япония мушоҳида мешавад. Анъанаҳои ҳуқуқи аврупоӣ дар давлати шуравӣ истифода мешаванд, чунки поягузорони назарияи марксистӣ дар минтақаи Аврупо ба воя расида, таълим гирифта буданд, бо ананаҳои ҳуқуқи романию олмонӣ шинос буданд. Дар давлати шуравӣ ҳуқуқшиносии аналитикӣ ба сатҳи баланди инкишоф расида буд. Анъанаҳои он дар давлатҳои пасосотсиалистӣ, аз ҷумла дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ, мураттабсозии қонунгузорӣ, таснифи меъёрҳои ҳуқуқӣ, тарзҳои ифодаи онҳо дар матни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифода мешаванд.

Анъанаҳои ҳуқуқӣ ҷузъи шуури ҳуқуқӣ буда, устувор мебошанд. Ҳамзамон бо ин, анъанаҳои ҳуқуқӣ бо анъанаҳои давлатдорӣ робитаи устувор доранд, чунки волоияти ҳуқуқ аломати аввалиндараҷаи давлати ҳуқуқбунёд буда, тарзҳои ташкилу фаъолияти ҳокимияти давлатӣ, шаклҳои давлат, асосҳои таъсис додани дастгоҳ ва механизми давлат танҳо тавассути ҳуқуқ, бо истифода аз шаклҳои гуногуни ифодаи ҳуқуқ, пеш аз ҳама, Конститутсия ва қонунҳо ифодаи расмиро пайдо мекунанд. Анъанаҳои ҳуқуқӣ ва анъанаҳои давлатдорӣ дар як фазои сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ ташаккул меёбанд.

Анъанаҳои ҳуқуқӣ бо арзишҳои фарҳанги миллӣ алоқаманданд, чунки ҳуқуқ таърихан ҳамчун ҷузъи тамаддун ташаккул ёфта, дар ҳамаи марҳилаҳои инкишофи таърихӣ арзишҳои иҷтимоӣ-фарҳангиро инъикос намудааст. Устувории арзишҳои фарҳанги миллӣ ба рушди устувори ҳуқуқ мусоидат менамояд. Бо дарназардошти ҳамин ҳолатҳо профессор Холиқзода А.Ғ. ақидаи зеринро пешниҳод мекунад: «Аммо дар ҳама ҳолат арзишу раҳнамоҳоест, ки муаллиф бо вуҷуди тағйир ёфтани вазъи замону макон онҳоро дар ботинаш нигоҳ медорад, ҳифз менамояд ва тавассути онҳо ба суръати ҳаракати худ мазмуну муҳтаво мебахшад» (саҳ. 23). Ин ақидаи муаллиф қобили дастгирист.

Дар китоби профессор Холиқзода А.Ғ. ақидаҳое, ки таваҷҷуҳи хонанда, аз ҷумла муҳаққиқро ба худ ҷалб менамоянд, зиёданд. Ҳамаи онҳо бо дарназардошти равандҳои нави ҳаёти ҷомеа ва такмили методологияи дарки илмӣ пешниҳод шуда, ба таҳқиқи илмии минбаъда мусоидат менамоянд. Таҳқиқи илмии ғояи «давлати миллӣ», ки бо ҳамаи падидаҳои ҳаёти ҷомеа робита дорад, таҳлили илмии маҷмуиро талаб мекунад. Усули мазкур, ки дар китоб моҳирона истифода шудааст, аҳаммияти илмӣ дорад, чунки ҳамаи падидаҳои ҳаёти давлатӣ ва ҳуқуқӣ бо сиёсат, фарҳанг, тамаддун, ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ робитаи устувор доранд. Методологияи илми ҳуқуқшиносӣ аз як тараф ҷузъи ҷаҳонбинии

фалсафӣ буда, ба дарки олам, аз ҷумла падидаҳои ҳаёти давлатию ҳуқуқӣ ва ҳамаи он падидаҳое, ки бо давлат ва ҳуқуқ алоқаманданд, мусоидат менамояд, аз тарафи дигар дар робита бо тағйироти куллии ҳаёти ҷомеа дар марҳилаи трансформатсияи рақамии ҷомеа таҷдиди назар карда мешавад. Дарку таҳлили ҳамаи омилҳо ва равандҳое, ки бо давлатдории миллӣ робита доранд, аз ҷумла таъсири воқеияти нави геосиёсӣ, фазои рақамӣ, олами маҷозӣ, манфиатҳои геоиқтисодӣ ба соҳибихтиёрии давлатҳо, тағйири моҳияти назарияи ҳудудии соҳибихтиёрии давлатӣ дар ҷомеаи иттилоотии ҷаҳонӣ, фишангҳои иқтисодӣ ва мафкуравӣ, аз он ҷумла ҳуқуқии таъсиррасонӣ ба соҳибихтиёрӣ истифодаи усулҳои нави илмиро талаб мекунад.

Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
профессори кафедраи назария ва таърихи
давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии
ДМТ **Шарофзода Р.Ш.**

Талабот ба мақолаҳое, ки барои нашр дар маҷаллаи «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» пешниҳод мешаванд

Ҳаҷми камтарини маводи пешниҳодшаванда – чор саҳифа матн, дар намуди файли MS Word.

Андозаи чоп: 14, Times New Roman, Times New Roman Tj, фосилаи байнисатрии 1,5 (якуним) ҳуруфчинӣ шуда, майдон: боло ва поён – 2,5 см, чап – 1,5 см ва рост – 3,5 см бошад.

Дар мақола ҳатман ҳамроҳ карда мешаванд:

1) номи мақола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
2) насаб, ном ва номи падари муаллифи мақола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
3) маълумот барои тамос (телефони мобилӣ ва суроғаи электронии муаллиф);
4) ихтисоси илмӣ (рамз) бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
5) насаб, ном ва номи падари роҳбари илмии муаллифи мақола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
6) тақриз;
7) насаб, ном ва номи падари муқарризи мақола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
8) фишурда бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ (то 500 аломат ҳар яке, бо назардошти фосила, нуқта ва вергул);
9) калидвожаҳо (даҳ-дувоздаҳ калимаҳои асосии мақола бидуни тавзеҳи онҳо бо ҷудосозии онҳо тавассути аломати вергул) бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
10) рақамгузории иқтибосҳо ба адабиёт бо рақамҳои арабӣ дар қисми болоии матн оварда мешаванд, масалан*:* Ҳамчуноне ки аз ҷониби Ф.М. Шоев ишора гардидааст, «чунин самара ҳангоме зоҳир мегардад, ки…»[1].

Рӯйхати адабиёт бо тартиби алифбо оварда шуда, бо назардошти қоидаҳои байнидавлатӣ (ГОСТ) оро дода шуда, дар охири мақола оварда мешавад. Мақолаҳо дар шакли чопӣ ва электронӣ пешниҳод карда мешавад (бо имзои муаллиф).

Ба ҳар як мақола ба таври ҳатмӣ аз ҷониби аъзои ҳайати таҳририяи маҷалла ва ё олимону мутахассиони аз ҷониби идораи маҷалла аз рӯи ихтисос ҷалбгардида тақриз дода мешавад. Тақризи манфӣ асос барои рад намудани чопи мавод мебошад (ба муаллиф дар ин бора ба таври хаттӣ ё электронӣ хабар дода мешавад). Ҳаққи қалам барои чопи мақола пардохт намешавад. Аспирантон барои чопи ройгони мақола ҳуқуқ доранд. Муаллифон ба идораи нашрия ҳуқуқи истисноӣ барои истифодаи асарро бо тарзҳои зерин медиҳанд:

• таҳдид, нашр ва бознашри мақола (ҳуқуқ ба таҳдид ва нашр);
• паҳн намудани мақола бо ҳар роҳ (ҳуқуқ ба паҳн намудан).

Пешниҳоди мавод ба идораи маҷалла амали ҳуқуқиест, ки ба пайдоиши ҳуқуқу уҳдадориҳои дахлдор равона шудааст. Розигии муаллиф ба нашри мавод бо шартҳои зикршуда ҳамчун розигии ӯ оид ба ҷой додани мақола дар шакли электронии маҷалла фаҳмида мешавад. Идораи маҷалла ҳуқуқ дорад мавод ва мақолаҳои маҷалларо дар махзанҳои электронии ҳуқуқӣ ва дигар махзани маълумоти электронӣ ҷойгир созад. Муаллиф метавонад ҳангоми пешниҳоди мақола идораи маҷалларо оид ба норозигии худ дар хусуси шартҳои истифодаи мақолааш огоҳ созад. Дар сурати вайрон кардани талаботи таҳияи мақолаҳо мавод барои коркард ба муаллиф баргардонида мешавад. Муаллиф вазифадор аст, ки дар бораи тағйиротҳои вориднамудааш идораи маҷалларо огоҳ созад (мактуб дар шакли электронӣ). Ҳангоми риояи нашудани талаботи таҳияи мақола аз ҷониби муаллиф, идораи маҷалла ҳуқуқ дорад бо нишон додани далел ва сабабҳо аз нашри маводи пешниҳодшуда даст кашад ва чопи онро рад созад.

Требования, предъявляемые к статьям для опубликования в журнале «Государствоведение и права человека»

Минимальный объем подачи материала – четыре страницы текста, набранного в формате Word.

Параметры набора: 14-й размер кегля, Times New Roman, полуторный интервал, поля: верхнее и нижнее – по 2, 5 см, левое – по 1, 5 см и правое – по 3, 5 см.

К статье обязательно прилагаются:

1) название статьи на таджикском, русском и английском языках;
2) фамилия, имя, отчество автора статьи на таджикском, русском и английском языках;
3) контактные данные (мобильный телефон и электронный адрес автора);
4) научная специальность (шрифт) на таджикском, русском и английском языках;
5) фамилия, имя, отчество научного руководителя автора статьи на таджикском, русском и английском языках;
6) рецензия;
7) фамилия, имя, отчество рецензента статьи на таджикском, русском и английском языках;
8) аннотации на таджикском, русском и английском языках (каждая до 500 знаков, включая пробелы, точки и запятые);
9) ключевые слова (десять-двенадцать основных слов статьи без расшифровки понятий через запятую) на таджикском, русском и английском языках;
10) Нумерация ссылок на литературу осуществляется арабскими цифрами в верхнем уголке текста, например: Как указано Ф.М. Шоевым, «данный эффект проявляется при …»[1].

Список литературы указывается в алфавитном порядке. Страницы должны быть пронумерованы. Статьи принимаются в печатном и электронном экземплярах (подписываются автором).

Статьи в обязательном порядке рецензируются членами Редакционно-экспертного совета журнала в соответствии с профилем представленной работы и (или) привлеченными редакцией учеными и специалистами согласно порядку рецензирования рукописей. Отрицательная рецензия является основанием для отказа в публикации работы (автору сообщается об этом в письменном виде). Гонорар за публикацию статей не выплачивается. Аспиранты имеют право на бесплатную публикацию статей. Авторы передают редакции исключительное право на использование произведения следующими способами:

- воспроизведение статьи (право на воспроизведение);
- распространение экземпляров статьи любым способом (право на распространение).

Представление материала, поступившего в адрес редакции, является конклюдентным действием, направленным на возникновение соответствующих прав и обязанностей. Согласие автора на опубликование материала на указанных условиях, а также на размещение его в электронной версии журнала предполагается. Редакция оставляет за собой право размещать материалы и статьи журнала в электронных правовых системах и иных электронных базах данных. Автор может известить редакцию о своем несогласии с подобным использованием его материала при представлении статьи. В случае нарушения перечисленных редакционных требований материал может быть возвращен автору на доработку. О внесенных изменениях автор обязан сообщить редакции (письмо в электронном виде). При несоблюдении автором предъявляемых требований редакция имеет право отказаться публиковать представленный материал с мотивированным объяснением причин отказа.

Ба матбаа 29.12.2025 супорида шуд.
Ба чопаш 30.12.2025 имзо шуд.
Қоғази офсет. Андозаи 60х84 1/8. Ҷузъи чопӣ 40.
Супориши №135. Адади нашр 40 нусха.
Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
ш. Душанбе, Буни Ҳисорак бинои 14.